Агар шарти асосии муродифот дар байни воҳидҳои луғавӣ ва фразеологӣ ифодаи маъноҳои якхела ё ба ҳам наздики луғавию фразеологӣ буда, маънои калима ва воҳиди фразеологӣ дар онҳо мавқеи марказӣ дошта бошанд, дар мавриди муродифоти наҳвӣ он ба маънои вобастаи наҳвӣ (синтаксически обусловленное значение) ва маънои наҳвӣ (синтаксическое значение) комилан иртибот надорад. Маънои вобастаи наҳвӣ, чунон ки Н.М. Шанский зикр мекунад: *«Маънои ба вазъияти нутқ ва ба ҷумла ё матн алоқаманди калимаро маънои вобастаи наҳвӣ мегӯянд»* [11, 67]. Маънои наҳвии калима маънои дар ибора ва ҷумла бо калимаҳои дигар алоқаманди он, яъне маъное, ки вазифаи наҳвии калимаро дар ҷумла, муносибати онро бо калимаи дигар дар ибора муайян менамояд, ба шумор меравад. Чунон ки мебинем, хоҳу нохоҳ маънои вобастаи наҳвӣ ва маънои наҳвӣ марбути калима буда, бо қолаби наҳвии худи ҷумла иртиботи бевосита надоранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо / Садриддин Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1955. - Қ.3. 4. – С. 570.
2. Айнӣ С. Одина. Куллиёт / Садриддин Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1958. – Ҷ.1. – С. 327.
3. Айнӣ С. Ғуломон. Куллиёт / Садриддин Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1960. – Ҷ.3. – С. 485.
4. Айнӣ С. Ҷаллодони Бухоро / Садриддин Айнӣ // Акнун навбати қалам аст. – Душанбе: Ирфон, 1978. – С. 79.
5. Айнӣ С. Ятим / Садриддин Айнӣ // Акнун навбати қалам аст. – Душанбе: Ирфон, 1978. – С. 456.
6. Айнӣ С. Дохунда / Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. – С. 428.
7. Айнӣ С. Марги судхӯр / Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 1985. – С. 160.
8. Айнӣ С. Ёддоштҳо / Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Қ.1, 2. – 852 с.
9. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х. Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – С. 409.
10. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ: васоити таълимӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – Ҷ.І. – С. 242.
11. Шанский Н. М. Лексикология современного русского языка / Н. М. Шанский. – М.: Просвещение, 1972. – С. 326.

СИНОНИМИЯ И ЛЕКСИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ СЛОВА

В статье автором рассмотрено лексическое значение слова и в качестве фактического материала продемонстрированы примеры из художественных произведений С. Айни.

Ключевые слова: семантика, лексическое значение, фразеологическое значение, синонимия, концептуальное значение слова, эмоциональное значение, модальное и указательное значения.

SYNONIMY AND LEXICAL MEANING OF THE WORD

In article the author considered a lexical meaning of the word and as the actual material is shown examples from works of art of S. Ayni.

Key words: semantics, lexical meaning, phraseological value, synonimy, conceptual word meaning, emotional value, modal and index values.

Сведения об авторе: ***М. М. Мирзоева*** – кандидат филологических наук, доцент, заведующая кафедрой стилистики и литературного редактирования факультета журналистики ТНУ. Телефон.: **937-11-30-28**

ОИД БА ТАФОВУТИ БАЁН ДАР НАСРИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

Х. Камолов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Чунин будааст, ки аз услуби баён гоҳо муаллифи асареро пайдо мекардаанд. Ҳар фарди эҷодкор услуби хосе дар таълифи осори бадеии хеш доштааст, ки тафовути ӯро аз соири муаллифони дигар нишон медодааст. Ба ин чиз вижагиҳое дар тасвири макон, таркиби луғавии асар, инъикоси ҷаҳони ботинии инсон ва амсоли ин аз ҷониби нависанда мисол шуда метавонанд. Воқеан, нафаре, ки ба мутолиаи адабиёти бадеӣ бештар майл дораду осори чанд нафар эҷодкорро хондааст, тафовутеро дар забону услуби баёни эшон эҳсос мекунад. Аммо, баъзан эҷодкорон дар таълифи осори бадеӣ услубу равиши мутафовитро истифода намудаанд, ки ба назари хонанда ба як муаллиф тааллуқ доштани асарҳояшон шубҳаовар менамояд. Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ аз зумраи он донишмандон ва шоиру нависандагонест, ки чунин тарзи баён дар осори насрии ӯ мушоҳида мегардад. Ин ҷо сухан аз фарқи забони осори илмиву бадеӣ намеравад. Мусаллам аст, ки осори илмӣ

бо услуби илмӣ ва осори бадеӣ бо услуби бадеӣ эҷод мегардад ва ҳар яке аз ин услубҳо талаботи хоса доранду унсурҳои фарқкунанда дар байни чунин асарҳо ба назар мерасад. Чун осори безаволи Абдурраҳмони Ҷомиро мутолиа менамоем, хоҳем дид, ки забону услуби баён дар асарҳои насрии ин донишманд ва адиби машҳури тоҷик, воқеан, фарқкунанда буда, то ҷойе ин тарзи баён ба ҳадафҳои муаллиф низ вобаста будааст. Мо кӯшидем, ки то ҳадди имкон оид ба гуногунӣ ва тафовут дар тарзи баёни осори мансури Ҷомӣ чанд сухан бигӯем. Барои намуна аз "Нафаҳот-ул-унс", "Маҷмӯаи муросалот" ва "Рисолаи муншаот" истифода намудем. Чун доир ба забону услуби "Баҳористон" пажӯҳишҳое сурат гирифтаанд, ин асарро сарфи назар намудем. Асарҳое, ба мисли "Рисолаи қофия", "Рисолаи арӯз", "Рисолаи мусиқӣ" низ бо назардошти он ки осори илмиянд, сарфи назар гардиданд.

Аслан, Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки дар таърихи адабиёти тоҷик аз мондагортарин чеҳраҳо маҳсуб мешавад, дар рушду нумӯи илму адаб ва фарҳанги мардуми тоҷик саҳми беҳамто дорад. Ин олим ва шоиру нависандаи тавоно осори фаровоне дар анвои гуногуни жанрҳои адабӣ аз худ боқӣ гузоштааст, ки хушбахтона то имрӯз нигаҳдорӣ шудаанд. Дар Тоҷикистон осори Абдурраҳмони Ҷомӣ дар ҳашт ҷилд нашр ва манзури хонандагон гардидааст. Дар баробари ин, пажӯҳишгарон чанде аз осори ӯро аз нигоҳи улуми инсоншиносӣ ба риштаи таҳқиқ кашидаанд, аммо паҳлӯҳои гуногуни эҷодиёти мутафаккир ҳанӯз ба таври кофӣ баррасӣ нагардидаанд. Ба осори илмии Ҷомӣ ва номаҳояш таваҷҷуҳи камтар зоҳир намудаанд. Пажӯҳиши ин қисмати осори Абдурраҳмони Ҷомӣ барои муайян намудани арзишҳои адабиву фарҳангӣ ва таърихиву забонии мардуми тоҷик, бешак, мусоидат менамояд.

Услуби баён дар осори мансури Абдурраҳмони Ҷомӣ гуногун буда, метавон онро ба ҳадафи эҷод вобаста донист. Се асаре, ки мо мавриди қиёс қарор додем, аз нигоҳи услуби баён аз ҳамдигар фарқ доранд. "Нафаҳот-ул-унс", ки номи пурраи он "Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот ал-қудс" аст, яке аз асарҳои арзишманди Ҷомӣ эътироф гардида, дар пайравии "Табақот-ус-сӯфия"-и Абдуллоҳи Ансорӣ таълиф шудааст. Ин асар шарҳи ҳол ва тавсифи орифону машоих ва донишмандонро фаро мегирад. Ду асари дигари мавриди пажӯҳиш номаҳои Ҷомиро фаро мегиранд. Бархе аз номаҳояшро Ҷомӣ дар маҷмӯае бо номи "Рисолаи муншаот" гирд овардааст, аммо гурӯҳи дигари номаҳои ӯ аз ҷониби Алишери Навоӣ ҷамъоварӣ гардида, бо номи "Маҷмӯаи муросалот" маъруф аст.

Забон ва услуби баён дар "Нафаҳот-ул-унс"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ нисбат ба номаҳои ӯ, махсусан "Рисолаи муншаот", хеле фарқ дорад. Дар ин асар, чун аҳволи бузургони тасаввуф тавсиф мегардад, муаллиф кӯшидааст то ҳадди имкон содаву равон ва фаҳмо сухан гӯяд. Корбасти вожа, таркиб ва ибораву ифодаҳои арабӣ нисбат ба номаҳо камтар сурат гирифтааст. Барои хонандаи имрӯз низ, дарки маъно душвории зиёд пеш намеорад. Барои намуна чанд ҷумла меорем:

Гӯянд, ки рӯзе ходими **матбах** қадре шир дар дег карда буд, ки барои **асҳоб** ширбиринҷ пазад [1, 17]. Аз Аҳмад, писари Ҳусейн Мансур шунидам ба Хуҷанд, ки пасин шаб падари худро гуфтам, ки маро васияте кун [1, 17]. Мерафтам, қавме дидам, ки бар боми бозор нард мебохтанд. Шайх Абӯбакр рафт ва бо эшон биншасту даст дар бозӣ кард ва аз хиҷолат об аз ман мерафт, ки ӯ мекунад, ки мардумон мебинанд. Охир фуруд омаду рафтем. Дидем, ки тане чанд шатранҷ мебохтанд. Ба сӯйи эшон рафту **натъи** эшон баргирифту бидарид ва чӯбҳо бияфканд. Ду тан аз эшон корд баркашиданд [1, 25].

Тавре мебинем, дар ҷумлаҳои фавқуззикр ба ҷуз вожаҳои матбах (ошпазхона – 9, 771), асҳоб (шакли ҷамъи "соҳиб" – 9, 89), натъ (суфраи чармин – 9, 900) ҳар вожаи дигар ба хонандаи имрӯз фаҳмост. Услуби баён низ содаву равон аст.

Як хусусияти забони порчаҳои мансур дар "Нафаҳот-ул-унс" ин аст, ки дар аксари онҳо шумори ҷумлаҳои сода зиёд аст. Яке аз сабабҳо ин аст, ки дар ҳикояҳо

муколама зиёд ба назар мерасад. Дар чунин ҳолат табиист, ки ҷумлаҳои содаи нопурра бештар корбаст мегарданд. Чунончи:

Пас мо рақс мекардем ва Бӯсайиди Тирмизӣ байтаке мегуфт. Падарам бингарист, гуфт: Хоҷа Аҳмади Ғаззолиро дидам, ки бо мо рақс мекард ва либоси ӯ чунину чунин буду нишон медод. Бӯсайид гуфт: Маргам орзуст. Ман гуфтам: Бимир! Филҳол бемор шуду бимурд. Муфтии вақт ҳозир буд, гуфт: Чун зиндаро мурда мекунӣ, мурдаро низ зинда тавонӣ кард? Гуфтам: Мурда кист? Гуфт: Фақеҳ Маҳмуд. Гуфтам: Худовандо, фақеҳ Маҳмудро зинда гардон. Дарсоат зинда шуд (71). Рӯзе дар масҷиде буд, писаре даромад бобаҳо, гуфт: Куҷо меравӣ? Гуфт: Ба сафар. Гуфт: Маълумие дорӣ? Гуфт: Не. Гуфт: Пас, чӣ гуна кунӣ? Гуфт: Зарурат шавад, бихоҳам [49].

Таъкид бояд намуд, ки ҷо-ҷо дар “Нафаҳот-ул-унс” ҳикоёте аз рӯзгори машоиху сӯфиён низ вомехӯранд, ки забони каму беш печида доранд. Вожаҳои иқтибосии арабӣ бештар истифода гардидаанд, фикр печида аст ва бо ҷумлаҳои мураккаб ифода гардидааст. Намуна:

Аксар эшон аз рибқаи дину ислом хориҷ буданд ва дар доираи ибоҳату таҳовун ба шаръу суннат дохил ва шояд ки маншаи ин он буда бошад, ки машраби тавҳид бар хидмати Сайид Қосим қаддаса сирруҳу ғолиб буд ва назар дар ҷамеи умур бар мабдаъ дошта ва бисоти эърозу эътирозро билкуллия тай карда буд ва ба муқтазои карами зотӣ, ки доштааст, футуҳоти нузуре, ки мерасида, ҳама сарфи лангаре буда, асҳоби нафсу ҳаворо он ҷо мақсуд ҳосил буда ва монеъе на [105].

Дар асар гоҳо фикр тавассути ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб низ ифода ёфтааст. Масалан:

Ва ҳам вай гуфта, **ки** дар авоили ҳол мутараддид будам, **ки** ба талаби илм машғул бошам, **ки** мӯҷиби фазилат ва камол аст ё ба иборат, **ки** мусмири ҳаловат ва саломат аз офати қилу қол аст ва дар ин кашокашу изтироб маро на қарор монду на хоб [104].

Бояд гуфт, ки шумори чунин ҷумлаҳо дар “Нафаҳот-ул-унс” зиёд нест, бинобар ин хондану фаҳмидани асари мазкур ба хонанда душвории зиёд пеш намеорад.

Дар қиёс бо “Нафаҳот-ул-унс” забон ва услуби баён дар номаҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ то андозае фарқ дорад. “Маҷмӯаи муросалот” номаҳоеро фаро мегирад, ки бештари онҳоро Ҷомӣ ба шогирд ва дӯсти хеш Алишери Навоӣ навиштааст. Услуби баёни Абдурраҳмони Ҷомӣ дар ин номаҳояш ягона нест. Номаҳое, ки мутафаккир ба аркони давлат, аз ҷумла ба Алишери Навоӣ, навиштааст, дар қиёс бо мактубҳои дигари ӯ забони нисбатан содаву равон доранд. “Номаҳои дастнависи Ҷомӣ, ки барои Алишери Навоӣ нигошта шудаанд, як навъ ҳуҷҷати нодири таърихианд, ки дар авроқашон аҳволи аҳли замон, рухдодҳои сиёсиву адабӣ, вазъи боҷу хироҷситонӣ, тарзи давлатдориву ҳукуматронӣ, ҳолати ободонии шаҳру деҳот, низоми кори идораҳои давлатӣ, оқибати ғоратгариву лашкаркашиҳо, симои аҳли рикобу ҳунару адаб ва паҳлӯҳои дигари ҳаёту иҷтимоиёт аз забони шоҳиди зинда басо мудаллалу муътамад ба қалам омадаанд” [1, 302]. Пас, Абдурраҳмони Ҷомӣ ба хотири фарогири ин мавзӯъҳо будани номаҳояш кӯшиш намудааст, ки онҳоро ба забони фаҳмо ва дуртар аз суханпардозиҳову такаллуфот таълиф намояд, то ҳадаф аён бошад. Аз ин лиҳоз, забон ва услуби баён дар номаҳои дастнависи Абдурраҳмони Ҷомӣ то ҳадди имкон муъҷаз, равон ва фаҳмост. Услуби баён дар номаҳои Ҷомӣ махсусиятҳоеро дорост, ки тафовути онҳоро аз соири номаҳои муаллифони дигар барҷаста нишон медиҳад. Пажӯҳишгарон услуби эҷоди чунин номаҳоро сабки хосси муаллиф гуфтаанд. Яке аз онҳо оид ба забони номаҳои дастнависи Ҷомӣ мегӯяд: «Ин номаҳо ба сабки хосе навишта шудааст, ки дар он алфозу калимоти мавзун бо устодӣ ва маҳорат, ба наҳве бас зебову дилнишин ба кор гирифта шуда ва аз он насре мусаҷҷаъи салису равон падид омада, ки бо қитъаоти манзум омехта шуда ва хонанда аз он ҳаззи вофир ва лаззати фаровон мебарад. Албатта, ин сабки хоси Ҷомӣ аст, ки дар саросари осори мансури вай ба кор рафта ва ба насри вай рӯҳи зиндаву

ҷони тоза бахшидааст» [6, 8]. Қисме аз ин номаҳо аз нигоҳи ҳаҷм низ кӯтоҳанд. Намуна:

Баъд аз арзи ниёз маъруз он ки Бобоҳоҷии Идгоҳӣ мегӯяд, ки оби Идгоҳ ба дастури собиқ намедиҳанд. Илтимоси он медорад, ки ишорат равад, ки бар дарахтони Идгоҳ ҳайфе наравад. Тавфиқ рафиқ бод, вассалом [352].

Чунин услуби таълиф дар баъзе номаҳои дастнависи дигари Ҷомӣ низ, ки ҳаҷман калонтаранд, мушоҳида мегардад.

Як тафовути назарраси забони ин номаҳо аз "Нафаҳот-ул-унс" дар он аст, ки ин ҷо муаллиф аз вожаҳои арабӣ бештар истифода намудааст. Номаҳое вомехӯранд, ки ҳаҷман чандон хурд нестанд, аммо матлаб танҳо бо як ҷумлаи мураккаб ифода гардидааст. Таваҷҷуҳ кунед ба номаи мазкур:

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки баъзи шуракои қарияи Кавсавия иттифоқнома навиштаанду илтимоси он медоранд, ки иноят намуда ишорат равад, ки хидмати Сайид Амирон дар он қария калонтар бошаду нагзорад, ки дар миёни шурако зулму тааддӣ равад ва агар аз золимону аввонон ҳайфе мутаваҷҷеҳ шавад, дафъ кунад. Тавфиқ рафиқ бод! [340].

Аз номаҳои Ҷомӣ ба Навоӣ намунаҳое низ вомехӯранд, ки забони мураккабу печида доранд. Чунончи:

Рашаҳоти ақломи дабирони олимақоми суддаи судраойин, лозола мулассаман ли шифоҳалмулуки вассалотин, ки сарчашмаи ҳаёти лабташнагони водии ҳирмону сармояи оби ҳаёти саргаштагони баводии буъду ҳичрон аст, фӣ аймани явму асъади соъат ба ин фақири ҳақири қалилулбизоат расид. Равзаи ҷонро ҳузрате тозаву ҳадиқаи ҷинонро нузрате беандоза бахшид. Бар ҳусули ин давлату вусули ин саодат вазойифи шукргузориву маросими миннату сипосдорӣ ба ҷой оварда шуд... Вассалом валикром [324].

Дарки комили ин нома бидуни луғатномаҳо ба осонӣ даст намедиҳад. Ин ҷо ҳам услуби баён аз номаҳои дигар фарқ дорад, ҳам вожагони хеле зиёди арабӣ, ҳатто ҷумлаи комили арабӣ корбаст гардидааст. Бояд зикр кард, ки шумори чунин номаҳо дар "Маҷмӯаи муросалот" зиёд нест.

Вобаста ба ҳадафи муаллиф услуби баён дар номаҳои "Маҷмӯаи муросалот" фарқ мекунад. Агар номае барои мусоидат ба ҳалли мушкилие фиристода шуда бошад, забонаш нисбатан равон, дақиқ ва дур аз такаллуфот аст. Ин гуна номаҳо ҳаҷман чандон калон нестанд ва ҳадафи нависандаро дақиқ инъикос мекунанд. Дар чунин мактубҳои Ҷомӣ "бисёр ғаразу маонӣ дар андак моя сухан" [8, 142] ба кор рафтааст. Номаҳои дигари мутафаккир, ки ба шогирдаш ҷиҳати дӯстиву рафоқат ва ҳолпурсӣ, инчунин мубодилаи ашъор ирсол гардидаанд, услуби баёни мутафовит ва забони печидаву мураккабтаре доранд.

Номаҳои дар "Рисолаи муншаот" аз ҷониби худи Ҷомӣ гирдоваришуда вижагиҳои хосе доранд. Ин таълифот дар муқоиса бо номаҳои "Маҷмӯаи муросалот" аз нигоҳи услуби баён, ҳаҷм ва мавзӯъ фарқ мекунанд ва бо забони нисбатан мураккаб иншо гардидаанд. Абдурраҳмони Ҷомӣ дар таълифи ин номаҳо аз санъат ва ҳунари волои дабирӣ, ки то ин замон рушд намуда буд, моҳирона истифода намудааст. Бояд гуфт, ки дар номанигорӣ мусобиқаи ошкору ниҳони дабирони даврaҳои гуногун, ки баҳри намоиш додани ҳунару забондонии хеш сурат мегирифт, таъсири манфӣ ба бор овард ва печдарпечии андеша дар иншонигорӣ то андозае аз меъёр убур намуд. Корбасти фаровони вожаву ибораҳо ва ҷумлаҳои арабӣ то дараҷае меъёр гардид ва ин тарзи номанигорӣ ба услуби расмии дабирӣ табдил ёфт. Номаҳо "дар услуби расмии дабирӣ ва ҳамчун намунаи муншаоти маъмулӣ навишта шуда, ғолибан тавассути шеъру фиқраҳои арабӣ зинат меёфтанд" [1, 305]. Ҷомӣ, ки ба ақидаи муҳаққиқон "донандаи беназири забони форсии дарӣ буда, дар ифодаи фикру андешаҳо чирадастиву абарқудратӣ нишон додааст" [1, 305], наметавонист аз ин ҷараён берун монад.

Яке аз вижагиҳои руқъаоти “Рисолаи муншаот” корбасти бештари вожаҳои иқтибосии арабӣ аст. Миқдори вожаҳои арабӣ дар ҳар ду маҷмӯа ба таври назаррас фарқ мекунад. Чунин ба назар мерасад, ки Абдурраҳмони Ҷомӣ дар таълифи ин номаҳояш айнан гуфтаҳои Унсурулмаолии Кайковусро дастурамали хеш қарор додааст, ки фармуда:

“Ва агар нома порсӣ бувад, порсии мутлақ манабис, ки нохуш бувад, хоса порсии дарӣ, ки на маъруф бувад, он худ набояд набишт ба ҳеҷ ҳол, ки ногуфта беҳтар аз гуфта бувад. Ва такаллуфҳои номии тозӣ худ маълум аст, ки чун бояд навишт” [8, 142]. Номаҳои Ҷомӣ гӯё дар партави ин гуфтаҳои Кайковус таълиф ёфтаанд. Намуна:

Ба исми Субҳонаҳу.

Шарафноме з-офтоби баланд,
Суви зарраи бесарупо расид.
Зи ташрифи он макрамат зарраро,
Сари фахр бар чархи воло расид.

Чун иноятномаи ҳумоюн мабнӣ аз издиёди давлати рӯзафзун хокнишинони остони аҷзу ниёзро сарфароз гардонид ва кулоҳгӯшаи қадру манзалаташон ба авҷи иззату зурваи каромот расонид, ҳамгинон якдилу якзабон рӯйи ниёз бар замину дасти дуо бар осмон ба вазоифи дуогӯйиву маросими ризоҷӯйӣ қиём менамуданду менамоянд. Ҳазрати муҳаймани маннон ба маҳзи фазлу итминон авлиёи он ҳазратро ҳасбулимкон аз макореҳ масъуну аз макойид маъмун дар мақарри давлату мустақарри ҷоҳу ҳашмат бидород! Биннабӣ ва олиҳиламҷод, вассалом валикром (389).

Дар сурати муқоиса намудан ин нома аз “Рисолаи муншаот” бо номае, ки аз “Маҷмӯаи муросалот” оварда шуд, чунин эҳсосе касро фаро мегирад, ки гӯё муаллифи ин номаҳо ду нафар аст. Такаллуфоте, ки дар ин нома ба мушоҳида мерасад, қабл аз ҳама, аз забондонии номанигор ва ҳунари дабирии ӯ гувоҳӣ медиҳад. Ҳамчунин, интихоби услуби баён, тавре зикраш рафт, ба ҳадафи номанигор низ вобаста буда метавонад.

Аксарияти номаҳои “Маҷмӯаи муросалот” ва “Рисолаи муншаот” аз нигоҳи оғоз ё худ даромади сухан фарқ мекунанд. Дар номаҳое, ки ба аркони давлат, бештар ба Навоии вазир, ирсол гардидаанд, усули муроҷиат расмӣ аст. Дар оғози номаҳо ифодаҳое, аз қабили “Баъд аз арзи ниёз маъруз он ки...” дар аксари кулли ин номаҳои корбаст гардидаанд. Мисол:

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки доранда мазлум менамояд ва тазаллуме дорад [336]. Баъд аз арзи ниёзмандӣ маъруз он, ки мактуби шариф мабнӣ аз сиҳҳату саломату офият расид... [319]. Баъд аз арзи ниёз марфӯъ он, ки хидмати Сайид Қутбиддин ба воситаи тақсире, ки дар муддати сафар дар мулозамат воқеъ шудааст, изҳори ташвиру шармандагӣ мекунад [332]. Баъд аз арзи ниёз арзадошт он, ки... раъоёроро умедвории тамом ҳосил шуда... [328]. Баъд аз рафъи ниёз маъруз он, ки ... [361]. Баъд аз рафъи ниёз марфӯъ он, ки чун аз сафари муборак ба Ҳирот расида шуд... иттифоқи мулоқот афтод [327].

Аммо дар номаҳои “Рисолаи муншаот” ҳусни оғоз вобаста ба муҳтавои номаҳо гунаи дигар дорад. Баъзе номаҳо бо назм оғоз гардидаанд, ки аз ду ё як байт иборат аст. Бархе номаҳои дигар бо ифодаи “Ба исмиҳи субҳонаҳу” оғоз гардидаанд. Дар баъзе номаҳо қолиби “Баъд аз арзи ниёз маъруз он ки...”, ки дар “Маҷмӯаи муросалот” фаровон корбурд дорад, дар шакли хеле муфассал корбаст гардидааст. Масалан:

Баъд аз арзи ниёзмандиву шикастагӣ ва шарҳи тааллуқу дилбастагӣ ба заминбӯсии атибаи маҷлиси шариф ва мавқифи манифи ходимони он остона ва мулозимони он давлатхона арзадошт он ки... [376]. Баъд аз арзи ниёз ба лисони ихтисору эҷоз маърузи ходимони он остона ва мулозимони он давлатхона он ки... [377].

Аз хусусиятҳои дигари ҳар се асари мавриди пажӯҳиш корбасти насри мусаҷҷаъро метавон номбар кард. Аммо бояд бигӯем, ки дар “Нафаҳот-ул-унс”

насри мусаҷҷаъ истифодаи васеъ надорад, ҷо-ҷо ба назар мерасад. Ин асар маъмулан тасвири лаҳзаҳои зиндагии ин ё он нафари маъруфро фаро мегирад ва фикр бештар бо ҷумлаҳои сода ифода мегардад. Чун тасвир муъҷаз асту равон, аз корбасти насри мусаҷҷаъ худдорӣ шудааст. Дар муқоиса бо ин асар корбасти насри мусаҷҷаъ дар номаҳо – ҳам дар "Маҷмӯаи муросалот" ва ҳам дар "Рисолаи муншаот" бештар аст, аммо аз нигоҳи корбасти ин навъи наср ин ду рисола низ аз ҳамдигар тафовут доранд. Дар мавриди истифода аз ҳунари саҷънависӣ Унсурулмаолии Кайковус дар "Қобуснома"-и хеш овардааст: "Ва андар номаи тозӣ саҷъ ҳунар аст ва хуш ояд, лекин андар номаи порсӣ саҷъ нохуш ояд, агар нагӯйӣ беҳтар бошад" [8, 142]. Аз ин нуқтаи назар метавон гуфт, ки ба далели корбасти фаровони вожаву ибораҳо ва ҷумлаҳои арабӣ дар "Рисолаи муншаот" бештар аз санъати саҷъ кор гирифта шудааст. "Рисолаи муншаот" бо ин вижагӣ аз ду асари дигари мавриди таҳқиқ фарқ дорад. Намунаҳо:

Баъди рафъи салому савқи калом дар баёни камоли шавқу ғаром маърузи акобири узом ва мафохири киром он, ки хоҷаи дарвешмашраби дар ҷавонӣ ба пирӣ мулаққаб, ки гумони ин фақир он аст ки мақсуди вай аз муҳоҷарати автону муфорақати ихвон зиёрати дарвешону тақарруб ба мулозамати эшон аст, на ҳусули омолу амонӣ ва вусул ба музахрафоти фонӣ, ки бар ҳеҷ оқил пӯшида намонад [422].

Тавре зикр гардид, дараҷаи корбасти вожаҳои арабӣ дар асарҳои мавриди пажӯҳиш гуногун аст. Ҳамчунин, аз хусусиятҳои дигари номаҳои Ҷомӣ, ки забони онҳоро то андозае мураккаб гардонидааст, дар оғоз истифода гардидани ибораву таркиб ва ҳатто ҷумлаҳои комили арабӣ бидуни тарҷума аст. Масалан, оғози номае чунин аст:

Маъруз он, ки Ҷӯйи Мазорро ба ҷиҳати девори доруннаими Неъматобод, ло зола маъмуран ило явмиттанод*, миқдоре болотар мебоист бурд [346]. Ва аммо қазияи дуову истидъо, ки ишорате ба он рафта буд, дуоро навҳе мебояд, ки рабба ло тазар алалараз миналкофарин диёран† гӯён дар ҳеҷ диёр аз ин тоифаи дайёр нагузорад... [324].

Дар баробари ин, номаҳое низ ба назар мерасанд, ки бо мадҳи султон оғоз гардидаанду ҷумлаи муқаддимавӣ пурра бо забони арабӣ аст. Чунончи:

Ло зола фӣ ҳулуди давлатуҳу ва шумули неъматуҳу авналислома валмуслимин ва авн аласҳобиссидқи ва арбобиляқин [309].‡

Дар "Нафаҳот-ул-унс" ин ҳолат тақрибан ба назар намерасад, аммо корбасти ибораву ҷумлаҳои арабӣ гоҳо дар муколама чун нутқи айнан ва ё мазмунан нақлшуда бидуни тарҷума оварда мешавад. Масалан:

Чун онро бидидам, бо худ гуфтам: Ё Раб, маақзар авлиёука мо фиҳим аҳад назиф§. Ногоҳ саҳаргоҳе хидмати Мавлоно аз хилвати худ гирён берун омад ва рӯй ба хилвати ман ниҳод ва фарёд бароварда, ки аз барои Худой бигӯй, ки мегӯяд "ва наҳну ақрабу илайҳи мин ҳабл-ул-варид"** ва шаст сол медавонад ва ҳанӯз нарасидаам [108].

Корбасти баъзе унсурҳои дастурӣ, аз ҷумла сиғаи дуоиро аз хусусиятҳои дигари номаҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ метавон номид, ки онҳоро аз "Нафаҳот-ул-унс" мутафовит гардонидааст. "Сиғаи дуои орзу, хоҳиш, дуоро ифода мекунад ва амали замони ҳозира ва ояндаро мефаҳмонад. Ин сиға ба воситаи илова кардани морфемаи "-од" ба асоси замони ҳозираи феъл сохта мешавад" [4, 194]. Яке аз талаботи номанигорӣ ин будааст, ки чун матлаб зикр мегардад, дар охир муаллиф ба хонанда

* Худо то рӯзи охир ободаш дорад (тарҷума аз таҳиягарони осори 8-ҷилдаи Ҷомӣ)

† Худоё, кишварро аз зарари кофарон эмин дор! (тарҷума аз таҳиягарони осори 8-ҷилдаи Ҷомӣ)

‡ Вусъати давлату доманаи неъмати ӯ барои аҳли ислому асҳоби сидқу арбоби яқин безавол бод! (тарҷума аз таҳиягарони осори 8-ҷилдаи Ҷомӣ)

§ Эй Худо, чӣ гуна ифлосанд авлиёёни ту ва дар байни онҳо покизае нест (тарҷума аз таҳиягарони осори 8-ҷилдаи Ҷомӣ)

** Ва мо аз раги гардани худ дида ба ӯ наздикем (тарҷума аз таҳиягарони осори 8-ҷилдаи Ҷомӣ)

ва ё гирандаи нома таманниёти хешро изҳор медорад. Ҷомӣ дар таълифи номаҳои ҳар ду рисола аз усули зерин фаровон истифода менамояд. Намунаҳо:

Ҳақ субҳонаҳу ва таоло давлате аз ҳадди идрок афзуну саодате аз иҳотаи анҷуму афлок берун рӯзӣ кунод! [386]. Эзид таоло зоти малакисифотро дар мақарри иззату давлат бидород! [418]. Ҳақ субҳонаҳу ва таоло ҳамгинонро аз зулмати гирифторӣ ба худ бираҳонод ва бар ошноӣ ба худ бирасонод! [423]. Ҳақ субҳонаҳу ва таоло ҳамгинонро аз худ раҳоиву бо худ ошноӣ каромот кунод! [424].

Корбурди сиғаи дуоӣ дар “Маҷмӯаи муросалот” нисбат ба “Рисолаи муншаот” андаке бештар ба назар мерасад.

Дар истифодаи баъзе шаклҳои феълӣ низ “Нафаҳот-ул-унс” аз номаҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ фарқ мекунад. Масалан, бо илова гардидани пешванди “ме-” ба асоси замони ҳозираи феъл замони ҳозира-оянда шакл мегирад (меравам, мебинад), аммо феъли “доштан” ба маънои дорои чизе будан ин шаклро надорад. Феъли мазкур дар ин замон дар шакли “дорам” истифода мешавад. Аммо дар номаҳои Ҷомӣ дар чанд маврид феъли “доштан” бо пешванди “ме-” корбаст гардидааст. Дар ин шакл истифода гардидани феъл то андозае ба давомнокии амал мусоидат мекунад:

Илтимоси он медорад, ки ӯро минбаъд ба он кор таклиф накунанд ва муъоф доранд [339]. ...эътимоди куллӣ бар илтифоту эҳтимоми хидмати шумо медоранд [329]. Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки доранда мегӯяд, ки писари қозии Хавоф бар вай даъво дорад. Илтимоси он медорад, муомалаи эшонро қозии дигар пурсад, на падари вай... [338]. Илтимоси он медоранд, ки нисбат ба эшон ва сойири қаробатону хешон амре, ки мухолифи шариати мутаҳҳара бошад, воқеъ нашавад» [333].

Дар шакли анъанавӣ низ истифода гардидани феъли “доштан” дар замони ҳозираи феъл ба назар мерасад:

Ва ҳоло илтимоси он доранд, ки ин парвона низ ҳосил шавад... [334].

Аз баррасии осори мансури Абдурраҳмони Ҷомӣ ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки услуби баён дар асарҳои насрии ин мутафаккир ва адиби машҳури тоҷик, воқеан, фарқкунанда будааст ва то ҷое ин тарзи баён аз ҳадафи муаллиф вобаста аст. Ҷое Абдурраҳмони Ҷомӣ хеле сода ва фаҳмо сухан мегӯяд ва гоҳо суханонаш пур аз такаллуфот аст. Ҷойе хеле кӯтоҳ, аммо пурмуҳтаво сухан мегӯяд ва гоҳо дарки ҷумлаҳои печдарпечаш ба хонанда гарон аст. Дар ҳар сурат, забони осори мансури ин мутафаккир аз намунаҳои беҳтарини насри волои классикӣ маҳсуб мешавад. Аз мутолиаи “Нафаҳот-ул-унс”, “Маҷмӯаи муросалот” ва “Рисолаи муншаот”, ҳамчунин, ҳар асари дигари мансури Абдурраҳмони Ҷомӣ, инчунин, осори мансури классикони адабиёт бармеояд, ки забони наср воқеан аз забони назм фарқи зиёд дорад. Пажӯҳишгаронро мебояд, ки ҳар чи бештар осори насрии намояндагони адабиёти классикии моро таҳқиқ намоянд. Аз пажӯҳиши амиқу ҳамаҷонибаи забоншинохтии осори мансури адабиёти классикӣ мо метавонем ҷараёни рушди ҳазорсолаи забони тоҷикиро зина ба зина муайян созем ва баҳри беҳбудии вазъи кунунии забони тоҷикӣ аз он вижагиҳо истифода намоем.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор / А. Ҷомӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ. 8. - 495 с.
2. Афсаҳзод А. Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Маориф, 1987. – 218 с.
3. Камолов Х.М. Ҳусни оғозу анҷом дар “Маҷмӯаи муросалот”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ / Х.М. Камолов // Абдурраҳмони Ҷомӣ ва масоили рушди фарҳангсолорӣ дар тамаддуни Шарқ : маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2014. – С. 177-185.
4. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. – 490 с.
5. Қосимова М.Н. Корбурди вожа, таркиб ва ибораҳои ифодагари рамзу муқаддасоти дину мазҳабҳо дар ашъори Абдурраҳмони Ҷомӣ / М.Н. Қосимова // Ганҷи сухан : маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – С. 401-426.
6. Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. Рисолаи муншаот / Н.А. Ҷомӣ. – Теҳрон: Интишороти Шайхулислом Аҳмади Ҷом, 1383ҳ. – 291 с.
7. Тоиров У. Мактуботи Ҷомӣ / У. Тоиров, С. Дурманова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2014. – № 4/5 (143). – С. 117-126.

8. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома / У. Кайковус. – Душанбе: Маориф, 1979. – 192 с.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. / зери таҳрири С. Назарзода. – Душанбе, 2008. - Ҷ.1. – 950 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ / зери таҳрири С. Назарзода. – Душанбе, 2008. – Ҷ.2. - 945 с.

О РАЗЛИЧИИ ВЫРАЖЕНИЯ В ПРОЗАХ АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ

В данной статье рассматриваются различные подходы выражения мысли в трех прозах мыслителя XV-го века Абдурахмана Джами. Выявлено, что автор в зависимости от жанра и ситуации своей целью выбирает различные способы выражения мысли. Язык и стиль его писем в отличие от других произведений имеют свои особенные черты.

Ключевые слова: язык, стиль, проза, письмо, способы выражения, особенности, сходство, отличия.

ON THE DIFFERENCES BETWEEN EXPRESSIONS IN PROSE ABDURAHMAN JOMI

This article discusses the different approaches of expression in the three proses of Abdurrahman Jami. It was revealed that by depending on the genre, the situation and the purpose author chooses different ways of expressing thoughts. The language and style of his letters, in contrast to other works have their own special features.

Key words: language, style, prose, letters, ways of expression, features, similarity, differens.

Сведения об авторе: ***Х. Камолов*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии ТНУ. Телефон: **90-772-47-06**

ФЕЪЛҲОИ ДАРОМАДАН ВА БАРОМАДАН ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА ТАРЗҲОИ ИФОДАЁБИИ ОНҲО БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР АСОСИ МАВОДҲО АЗ АСАРИ “ЁДДОШТҲО”-и С. АЙНӢ

Исмоилзода Эраҷ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Системаи феъл аслан яке аз системаҳои мураккаби забон ба шумор рафта, аз нигоҳи семантикӣ ва грамматикӣ хеле бой аст. Дар ин бора забоншиноси машҳури рус В. В. Виноградов чунин менигорад: “Гуногунӣ ва обурангии маънои феъл дар шаклҳои гуногуни грамматикии он акс меёбад” [4, 428].

Феълҳоро ҳам дар забони тоҷикӣ ва англисӣ ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо мекунанд. Феълҳои **даромадан** ва **баромаданро** аз нигоҳи грамматикӣ ба гурӯҳи феълҳои мустақил ва аз нигоҳи семантикӣ бошад ба гурӯҳи феълҳои ҳаракати забони тоҷикӣ дохил мекунанд.

Феъли **даромадан** аз нигоҳи семантикӣ сермаъно буда, ба феълҳои гуногуни забони англисӣ рост меояд. Муродифи асосии он дар забони англисӣ феъли **to go** буда, вобаста аз самти ҳаракат дорои пешояндҳо аст [ниг.8, 426]. Пасоянди **in** метавонад пас аз **to go** истифода шуда, самти ҳаракатро ба дарун муайян созад:

*Чун аз дарвоза **даромадам**, Қутбия дар роҳрав ба ман рӯ ба рӯ омада… [12, 83]. - As I **went in**, Qutbiya met me in the corridor [13, 103].*

*Вақте ки ба қозихона **даромадем**, Маҳрамон дастархони модаркалонамро бардошта ба худаш роҳбарӣ карда, ӯро ба ҳавлии даруни қозӣ даровардand [12,89]. - When we **went in**, the kadi's women servants took my grandmother's bundle and led her into the women's quarters [13, 108].*

*Мо осиёро тамошо карда шуда баромадем; азбаски дар рӯд об набуд, барои аз вай гузаштан ба сари пул нарафтем, балки бар рӯйи кӯлмакҳои яхбастаи рӯд яхмолакбозикунон ба пеши пул омада аз он ҷо ба канори шимолии рӯд баромадем ва ба ҳавлие,ки дарвозааш рӯ ба рӯйи пул кушода мешуд, **даромадем** [12, 25]. -We took a quick look inside the mill and came out. Since there was no water in the canal we did not use the bridge, but crossed over on the chunks of ice, pelting each other with snowballs, then climbed up onto the north bank by the bridge and **went in** through the gate facing it [13, 48].*

Инчунин, баъд аз феъли ҳаракати **to go** метавонад пасоянди **into** истифода шавад. Пасоянди мазкур бо **in** синоним буда, он танҳо самти ҳаракатро ба даруни чизе ифода мекунад:

*Дар даруни ҳавлӣ як хонаи калон ҳаст, вай ҳалвогархона аст, ба ҳамон хона **даромада**, ҳар касе, ки дар он ҷо бошад, салом дода, маро ном гирифта ҳамин як тангаро деҳ ва «маро фиристонданд, ки як қабза ҳалво барам» гӯй [12, 24]. -**Go into** that building and greet whoever you meet there, tell them I send you, give them the tanga and ask for a qabza of halva [13, 47].*

*Ман рафта ба мактабхона **даромадам,** [12, 83]. -**I went** on **into** the classroom [13, 103].*

*Ман ба меҳмонхона **даромада,** нӯги занҷири ишкелро аз сутун кушода сар додам [12, 87]. -I **went into** the porch and untied the chain from the column; the lunatic pulled the end throught from behind the wall beam, coiled it up in his hands, and stood up [13, 106].*

Инчунин, пасоянди **inside** баъд аз истифодаи феъли **to go** низ самти ҳаракатро ба даруни иморате ифода мекунад, ки муродифи феъли ҳаракати **даромадан** аст:

*Мо дари якгабақаро, ки ба даромадгоҳи дарвоза наздик буд, кушода ба даруни хона **даромадем** [12, 25]. -We opened the nearer one, and **went inside** [13, 48].*

Дар забони англисӣ ҳамчунин маънои **даромадан**-ро феъли **to come** низ ифода мекунад, яъне муродифи дигари он ба ҳисоб меравад:

*Дар ин миён ба қозихона писари косагари қазоқработӣ лангон-лангон **даромада** омад [12, 90]. -At this juncture the potter's son from Qazoqrabot **came** limping **in** [13, 108].*

Инчунин муродифи дигари феъли **даромадан** дар забони англисӣ феъли **to wade** аст:

*Ман эзорпочаҳоямро боло карда ба об **даромадам**, дар ҳақиқат ҳам оби рӯд ба буҷулаки поям нарасид [12, 29]. - I hitched up my trouser-legs and **waded into** the stream. It really was barely ankle-deep [13, 51].*

Феъли даромадан ва муродифҳои он дар забони англисӣ



Феъли ҳаракати «баромадан»

Феъли навбатие, ки шомили ин намуди гурӯҳи феълҳо аст, феъли ҳаракати **баромадан** мебошад. Он дорои тобишҳои маъноии гуногун аст. Муродифи он дар забони англисӣ вобаста аз ифодаи мазмун гуногун мебошад. Яке аз муродифҳои он метавонад феъли **to go out (outside)** бошад:

*Ман он як порча ҳалвои қоқтиро, ки модарам ба ман дода буд, қатар-қатаркунон хӯрда ба кӯча **баромадам**, ки акаам аз тарафи даруни деҳа меомад [12, 22]. - Nibbling on the piece of halva, I **went out** to the street and ran into my brother coming from the village [13, 46].*

*Ман ба ёбон **баромадам** [12, 28]. - I **went outside** [13, 50].*

Муродифи дигари феъли **баромадан** дар забони англисӣ феъли **to come out** буда метавонад:

*Мо осиёро тамошо карда шуда **баромадем** …..[12, 25]. - We took a quick look inside the mill and **came out**[13, 48].*

*Ҳозир аз мадрасача домуллои акаат **мебарояд**, нигоҳ карда исто, ман ӯро ба ту нишон медиҳам [12, 94]. -Your big brother's domullo is about **to come out** from the madrasa [13, 113].*

*Аз кӯча дубора ба тарафи дарвозаи қозихона рӯ овардам. Аммо ба чашмони худ бовар намекардам: духтаре,ки дар паҳлӯи писари косагар аз қозихона **мебаромад**, Ҳабиба буд [12, 91]. - I turned to face the kadi's house, and could not believe my eyes: the girl **coming out** of the gate side by side with the potter's son was Habiba [13, 109].*

Муродифи дигари феъли **баромадан** дар забони англисӣ феъли **to join** буда метавонад:

*Ман эзорпочаҳоямро боло карда ба об даромадам, дар ҳақиқат ҳам оби рӯд ба буҷулаки поям нарасид. Аз рӯд гузаштам ва бо Эргаш ба пеши бачаҳо **баромадем** [12, 29]. - I hitched up my trouser-legs and waded into the stream. It really was barely ankle-deep. I crossed over and **joind** Ergash and the other boys [13, 51].*

Муродифи навбатии феъли **баромадан** дар забони англисӣ феъли **to race up** буда метавонад:

Эргаш давида ба болои хомаи рег ***баромад*** *ва ман ҳам аз дунболи ӯ давидам. Шамол аз тарафи шимоли шарқӣ меомад: Ман пуштамро ба тарафи омади шамол карда, якрӯя роҳ рафта базӯр ба рӯйи хомаи рег баромадам [12, 30]. -Ergash* ***raced up*** *to the top of the dune with me close behind him. The wind was coming from the northeast; I kept my back to it and forced my way up the dune [13, 52].*

Муродифи дигари феъли **баромадан** дар забони англисӣ феъли **to sidle out** буда метавонад:

Ман оҳиста аз мазор ***баромада*** *пеши Ҳоҷихоҷа омадам [12, 112]. -I* ***sidled out*** *from the shrine and rejoined Homid Khoja [13, 131].*

Муродифи дигари феъли **баромадан** дар забони англисӣ феъли **to beat on** буда метавонад:

Ман бо ду хез аз онҳо пештар аз дарвозаи қозихона ба кӯча ***баромадам****, то бинам, ки ин овози шинос овози кӣ буд [12, 91]. -In two bounds I* ***had beaten*** *them out of the gate and onto the street, in order to see who that familiar voice belonged to [13, 109].*

Муродифи дигари феъли **баромадан** дар забони англисӣ феъли **to approach** буда метавонад:

Дар ҳамин вақт назарам афтид, ки Сайид Акбархоҷа аз мадрасача ***баромада*** *ба тарафи ҳавлиаш меояд [12, 87]. -At this very moment I noticed Sayid-Akbar Khoja* ***approaching****, on his way home from the mosque school [13, 106].*

Муродифи дигари феъли **баромадан** дар забони англисӣ феъли **to pass** буда метавонад:

Як пагоҳонӣ, ки ман аз ҳавлӣ ***баромада*** *аз пеши меҳмонхонаи Усто амак гузашта ба мактаб рафта истода будам, Сайид Акбар маро ҷеғ зад [12, 85]. -One morning, as I* ***was passing*** *Usto Amak's house on my way to school, Sayid-Akbar called out to me [13, 104].*

Муродифи дигари феъли **баромадан** дар забони англисӣ феъли **to sunrise** буда метавонад:

Ман рӯзи дигар пеш аз ***баромадани*** *офтоб ба пеши он гулбуттаҳо рафтам, ки барои Ҳабиба гул чинам [12, 83]. -Next morning, before* ***sunrise****, I crept out to pluck a rose for Habiba from one of them [13, 102].*

Феъли баромадан ва муродифҳои он дар забони англисӣ



А Д А Б И Ё Т

1. Авдеев В. В. Видовременные формы современного английского языка / В. В. Авдеев. – Пенза: Кн. изд., 1961. – С. 71.
2. Русско-таджикский словарь / С. Д Арзуманов, Х. А Ахрори, М Бегбуди [и.др]. – М.: Русский язык, 1985. – С. 1280.
3. Арзуманов С. Д. Забони тоҷикӣ / С. Д. Арзуманов. – Сталинабад, 1951. – С. 189.

4. Виноградов В. В. Исследование в русском языке / В. В. Виноградов. – М., 1975. – С. 784.
5. Грамматикаи забони ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1973. - Қ. 1. – С. 450.
6. Качалова К. Н. Практическая грамматика английского языка / К. Н. Качалова, Е. Е Израилевич. – М.: ЮНВЕС, 2003. – С. 718.
7. Ҷамшедов П. Фарҳанги тоҷикӣ ба англисӣ / П. Ҷамшедов. – Душанбе: Пайванд, 2007. - С.1202.
8. Мюллер В.К. Англо-русский словарь / В.К Мюллер. – М., 1969. – С. 912.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ. 2. – 947 с.
10. Шахобова М. Б. Опыт сопоставительного исследования строя таджикского и английского языков / М. Б Шахобова. – Душанбе: Дониш, 1985. – С.252.
11. Jamghedov P. English – Tajik dictionary / Jamghedov P., Riyozy T. – Dushanbe: Paivand, 2005. – 800 p.
12. Айнӣ С. Ёддоштҳо / С Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.1,2. - С. 352.
13. Perry J. The sands of Oxus (Reminiscences) / J. Perry., Lehr Rachel. – California: Mazda publisher, Costa Mesa, 1998. – 275 p.

ГЛАГОЛЫ *ДАРОМАДАН* И *БАРОМАДАН* В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ И ИХ СПОСОБЫ ВЫРАЖЕНИЯ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ НА ОСНОВЕ МАТЕРИАЛОВ ИЗ ПРОИЗВЕДЕНИЯ “ЁДДОШТХО” С. АЙНИ

В данной статье анализируются в сопоставительном плане грамматические и семантические особенности глаголов ***даромадан*** и ***баромадан*** в таджикском и английском языках на основе материалов произведения “Ёддоштхо” С. Айни. Особое внимание уделено наличию грамматических форм глагольных конструкций с указанными глаголами и их синонимов в английском языке.

Ключевые слова: глагол, система, семантика, грамматика, сходство, различие, особенность, глагольные конструкции, спрягаемые и неспрягаемые формы.

VERBS *ОМАДАН* AND *РАФТАН* IN TAJIK LANGUAGE AND THEIR WAYS OF EXPRESSION IN ENGLISH LANGUAGE ON BASIS OF MATERIAL FROM “YODDOSHTHO” OF S. AINY

This article is considered the grammatical and semantic comparison of verbs **даромадан** and **баромадан** in Tajik language and their ways of expression in English language on basis of material of “Yodoshtho”by S. Ainy. The main question devoted to having the grammatical forms of the constructions with these verbs and their synonyms in English language.

Key words: verb, system, semantics, grammar, similarity, distinction, feature, verbal constructions, finite and nonfinite forms.

Сведения об авторе: ***Эрадж Исмоилзод*** - кандидат филологических наук, ассистент общеуниверситетской кафедры английского языка ТНУ. Телефон: **918-31-03-88**

ОТ ДРЕВНЕГО ТАБУ К СОВРЕМЕННОЙ ЭВФЕМИИ

М.М. Хакимова
Таджикский государственный университет права бизнеса и политики

В языковедческой литературе преобладает социолингвистический подход к явлению табу и эвфемии. Однако эвфемистический словарь редко рассматривается в динамике, в историческом развитии, в связи с изменениями, происходящими в обществе. Лишь в некоторых работах делаются попытки проследить, как фиксируются в эвфемистической лексике особенности эпохи [I,9,12]. Так Б.А. Ларин в общих чертах характеризует различия между эвфемизмами русского языка и разные исторические эпохи. Фундаментальных работ, однако, в этом направлении, к сожалению, нет. Вследствие этого нет ясности и единства взглядов в самом кардинальном вопросе данной проблематики, а именно: в каком соотношения находятся Т1 – Э1 и Т2 - Э2.

В некоторых работах акцентируется различие между ними. Характерно такое высказывание: “Синонимы-эвфемизмы, в противоположность бранным словам, являются словами, “облагораживающимы” речь … Следует отличать рассмотренные синонимы от бранных слов эвфемизмов, принадлежащих жаргонам, а также от явлений табу”.

Однако другими автороми – и эта точка зрения преобладает – напротив, подчеркивается связь и преемственность между Т1 – Э1 и Т2 – Э2.

Д.Фрезер указывает на “исключительное влияние, которое имела древняя система запретов по суеверным мотивам на человеческий разум во все времена и во всех странах”[I,18,17].

Л.А. Булаховский отмечает “различные виды словесного табу, начиная от того, что наблюдается, например, у крайне суеверных полинезийцев, и кончая теми видами словесных запретов, которые существует у наших современников, боящихся что-либо назвать, чтоб не сглазить ”[I, 3, 50].

Д.Н. Шмелев подчеркивает, что табу свойственно не только первобытным народам, но и современному цивилизованному обществу, хотя характер запретов, естественно, изменился [I, 19, 57].

Это, безусловно, справедливо. Корни современных эвфемизмов уходят в далекое прошлое. Древнейшее табу определялось политеистическими верованиями, тотемом и магией. Историки религии отмечают преемственность между тотемом и магией, с одной стороны, религиями более поздних времен – с другой. И в древности, и позднее, на заре цивилизации и далее в основе табу лежал суеверный страх: вначале по отношению к деревьям, животным, явлениям природы, которых первобытный человек наделял сверхъестественными качествами, позднее – по отношению к богам и сверхъестественным силам. Третья библейская заповедь:“Не клянись именем моим во лжи и не бесчести имена бога твоего” предписывает избегать произнесения имена бога, как говорят церковники, всуе, т.е. без особой надобности. В действии этой заповеди слышны отголоски древних магических представлений. Здесь и отождествление имени и понятия, и суеверный страх перед карой божьей за нарушения запрета, внушаемый и поддерживаемый церковью.

В этом же направлении, нужно полагать, действовали и предписания морального характера.

Еще более тесная связь между моральными и религиозными факторами существует в классовом обществе. Здесь вообще разумнее говорит не о религиозных и нравственных мотивах табу, ибо тем самым допускается параллелизм их действия, а скорее о религиозно-нравственной основе как едином целом. Убедительным примером этому являются 10 библейских заповедей. Возникшие первоначально как религиозные догматы, в дальнейшем они стали моральными нормами на долгие времена. К явлению табу большинство этих заповедей имеет самое непосредственное отношение. Ведь они связана с понятиями убийства, воровства, прелюбодеяния и т.д., т.е. как раз с теми понятиями, которые на протяжении веков у самых разных народов интенсивно вовлекаются в сферу табу и эвфемии.

Таким образом, мы видим связь и преемственность а религиозных и моральных предпосылках табу и эвфемии на протяжении веков, что позволяет рассматривать это языковое явление в рамках единого процесса человеческой истории . Ранее с магией упоминалось выражение “ни пуха, ни пера”. Вот пример другого омертвевшего эвфемизма-“на кудыкину гору”. Первоначальный смысл этого выражения был связан с приметой, а именно запрещением называть место, куда отправлялся охотник. Народная поговорка: “Не кудыкай, счастья не будет ” происходит от той приметы: назовешь место охоты, не будет удачи.

Трудно даже представить, что некоторые обыденные фразы имели некогда отношение к табу и эвфемии. Известное выражение “вот где собака закрыта”, т.е. “вот в чем суть дела”, очевидно, обязано своим происхождением суеверному убеждение, бытовавшему среди средневековых кладоискателей, что упоминание слова /клад/ может помешать обнаружению клада, а поэтому необходимо заменить его другим словом, например, /черная собака/, а позднее просто “собака”.

Говоря об отголосках древнего табу, нельзя, однако, ограничиваться подобными реминисценциями минувших эпох. Если бы современными языками пользовались только люди науки, свободные от каких-либо предрассудков, то влияние магии было бы полностью изжито к настоящему времени. Однако языковые процессы формируются не одними лишь учеными. До сих пор, например, в европейских странах как пережиток сохраняется обычай держать в секрете, имя новорождённого до тех пор, пока его не окрестят. Обычай этот родился в древности и порожден был безумным страхом перед колдунами, которые, узнав имя ребенка, могут причинить ему вред. Еще в прошлом веке в некоторых графствах Англии этот порядок соблюдался неукоснительно: выбрав имя для своего ребенка, отец тщательно скрывал его от матери вплоть до самого крещения.

Теперь обратимся к моральным факторам. Предварим их рассмотрение несколькими замечаниями относительно эмоциональной основы запретов в Т1 и Т2.

Эмоциональную основу Т1 составляет главным образом чувство страха. Однако с ним связано другое негативное чувство - отвращение. Заслуживает внимания акцентируемая в литературе по истории религии идея совмещения представлений о святом и нечистом в сознании древних ещё в пору господства политических религий. Избежание у некоторых народов употребления в пищу свинины с тем, что, во первых, свинья как тотем внушала им священный ужас; во-вторых, с тем, что мясо этого животного, считалось нечистым, а поэтому вызывало отвращение. Можно полагать, что наименования некоторых животных избегались не только вследствие страха,

вызываемого ими у первобытных людей, но и потому, что они уязвляли их этическое чувство, казались им отвратительными. В дальнейшем чувство отвращения стало играть еще большую роль в языковых запретах преимущественно в таких предметно - понятийных сферах, как физические и умственные недостатки, человеческие пороки, физиологические функции.

В Т2 в эмоциональной основе запретов значительное место принадлежит стыду. Чувство стыда непосредственно вызывает табу на наименования некоторых физиологических актов, предметов туалета, всего, что связано с сексуальными отношениями. Следует прямо оказать, что для Т1 перечисленные ЛСР не характерны. В словаре табу и эвфемизмов соответствующие обозначения составляют значительный удельный вес лишь в более поздние исторические эпохи. Однако было бы ошибкой утверждать, что у первобытных народов такие запреты совершенно отсутствуют. Есть все основания считать, что в какой-то мере эмоциональная основа Т1 включает и чувство стыда. Доказательством этому служат некоторые факты в языках современных отставших в своем развитии народов.

С.И. Надель пишет, что в языке одного из американо - индейских племен /ньюп/ “прямое упоминание секса и определённых частей человеческого тела или физиологических процессов подвергается безусловному запрету”. В частности, эти индейцы вместо слова “беременная”, употребляют выражение “она наелась бобов”, “дучон, вазнин”, являющееся косвенным намеком на состояние женщины. Для обозначения некоторых частей тела употребляется слово широкой семантики enya, соответствующее английскому “thing/вещь/”или “yeta”, таджикскому; “чиз”соответствующееinfront/ то, что находится впереди/ [I, 23, 265].

М.Р. Хаас обращает внимание на то, что некоторые американские индейцы в присутствии белых избегают употреблять отдельные слова собственного языка, напоминающие своим звучанием, так называемые fourletterwords /нецензурные слова/ английского языка [I, 23, 489]. Не свидетельствует ли это о достаточно развитом чувстве стыда среди нецивилизованных индейцев, побуждающем их подвергать табу слова, вызывающие неприятные ассоциации?

Таким образом, если запреты, вызванные чувством стада, в принципе возможны у нецивилизованных народов, говорить о четком разграничении Т1 и Т2 в плане эмоциональных предпосылок не представляется возможным. Проанализировав эти факты, можно сделать еще более существенный вывод. Моральный детерминант эвфемии – а ведь именно с ним непосредственно связано чувство стыда, а в известной мере и чувство отвращения - мог определять табу и эвфемию еще в глубокой древности. Поэтому тезис: на Т1 – Э1 влияют религиозные мотивы, а на Т2 – Э2 – нравственные совершенно неверен. Религиозные и нравственные мотивы действовали во все времена параллельно либо сочетаясь в единое целое.

Можно с уверенностью констатировать, что в Т2 на первый план выдвигается в отличие от Т1 нравственный фактор. Таким образом, дело не в том, что Т1 соотносится с религиозным фактором, а Т2 с моральным, а в том, что при переходе от Т1 к Т2 происходит перераспределение этих факторов.

Т1 – Э1 и Т2 – Э2 можно сопоставить и по другим признакам, к которым относятся предметно-понятийные сферы запретов, характер запретов, диапазон речевых ситуаций, цели эвфемии. Эти признаки являются производными от основного-социальных предпосылок табу и обнаруживают прямую зависимость от него.

1. Сферы запретов в Т1 и Т2 во многом совпадают. Для Т2, однако, не характерны запреты на наименования явлений природы и имена животных. С другой стороны, в Т2 значительно расширяется сфера запретов, связанных с и его деятельность /пороки, преступления, их последствия, низкое социальное положение, некоторые занятия и профессии/.

2. Т1, как правильно, носит характер обязательности, в то время как Т2 есть общественные предписания или нормы без свойственного Т1 императива. Категорические запреты распространяются в Т2 лишь на очень немногие слова - табу, например, особенно грубые ругательства, связанные с физиологической сферой, обозначения физиологических актов. По цензурным соображениям они исключаются из письменного литературного языка, избегается в присутствии женщин, в официальной обстановке, хотя и не выпадают из языка совершенно. Что же касается большинства ЛРС, то слова-табу весьма интенсивно употребляется в обиходной речи в цивилизованном обществе, хотя моральные нормы и предписывают избегать их. “Мертвый”“мурда”, и “умирать” “мурдан” например, принадлежат к словам основного словарного фонда.

3. Если в Т1 слова - табу возможен лишь в отдельных ситуациях, в то время как в других они используются достаточно свободно. Так, прямые наименования физиологических актов, половой жизни избегаются в официальной обстановке, в присутствии женщин, хотя в интимной беседе, между людьми одного социального и возрастного уровня, одного пола такие слова вполне возможны. Слова “смерть” – “марг”, “умирать” – “мурдан”, “рак”“саратон”, и т.п. избегаются, если речь идет о близких и дорогах людях, но вполне употребим в случаях, когда чувства собеседников не затрагиваются при употреблении данных слов. Таким образом, диапазон речевых ситуаций, в которых предпочтительнее эвфемизмы, значительно уже в Т2, нежели в Т1.

4. Используемые в Э1 и Э2 лингвистические способы и средства эвфемии во многом идентичны, хотя есть некоторые особенности, присущие Э2.

5. Между Э1 и Э2 нет существенных различий в характере денотатов со стороны их оценочности . Их оценочность отрицательна.

1. Архангельский С.И. Учебный процесс в высшей школе, его закономерные основы и методы / С.И.Архангельский. - М.: Высшая школа, 1980. - 368 с.
2. Гальскова Н.Д. Теория обучения иностранным языкам. Лингводидактика и методика: учеб. пособие для студ. учреждений высш. проф. Образования.7-е изд. / Н.Д. Гальскова, Н.И.Гез. - М.: Издательский центр Академия, 2013. - 336 с.
3. Кулик А. Интернета для развития системы образования и науки в регионах (на примере политологии) / А. Кулик. [Электронный ресурс]. // http://www.prof.msu.ru/publ/ulan-ude/u 18.htm.
4. Роберт И.В. Современные информационные технологии в образовании: дидактические проблемы, перспективы использования / И.В. Роберт. - М.: Школа-Пресс, 1994. - 294 с.

НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ РЕЧИ СТУДЕНТОВ НАЦИОНАЛЬНЫХ ГРУПП ВУЗА С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ МУЛЬТИМЕДИЙНЫХ СРЕДСТВ

В статье отмечается необходимость использования мультимедийных средств и информационных технологий в учебном процессе по русскому языку. Рассмотрены преимущества, актуальность и успешность их применения в том случае, если будет обеспечена органическая связь и сочетаемость с традиционными методами и приёмами обучения. Средства ИКТ являются эффективным средством активизации познавательного интереса студентов национальных групп и способствуют совершенствованию качества знаний по русскому языку.

Ключевые слова: иноязычная коммуникативная компетенция, лингвистические навыки, мультимедиа, интерактивность, индивидуальный проект.

SOME OF ASPECTS OF DEVELOPMENT OF SPEECH OF STUDENTS OF NATIONAL GROUPS OF THE UNIVERSITY WITH THE USAGE OF MULTIMEDIA MEANS

The article points out the need for multimedia and information technologies in the educational process in the Russian language. The advantages, the relevance and success of their application in the event that will be provided by an organic connection and compatibility with traditional methods and methods of learning. Information technology tools are an effective means of enhancing students cognitive interest groups and national and contribute to improving the quality of knowledge of the Russian language.

Key words: Foreign language communicative competence, linguistic skills, multimedia, interactivity, individual project.

Сведения об авторе: ***Р. Х. Алиева*** – старший преподаватель кафедры русского языка Таджикского государственного института языков им.С. Улугзода. Телефон: **934-50-45-51**. **E-mail: alievarh53@mail.ru**

МЕСТО ПРОПОЗИЦИИ В ФОРМИРОВАНИИ ВТОРИЧНЫХ ЗНАЧЕНИЙ ДЕВЕРБАТИВОВ

Г. К. Касимова
Пензенский артиллерийский инженерный институт, Россия

Словообразовательные процессы в последние годы дериватологи все чаще рассматривают с синтаксической точки зрения; наблюдается обращение к глубинному синтаксису, который предполагает «исследование языковых ситуаций и лексико-синтаксической роли в этих ситуациях производящей основы. Наиболее эффективным способом рассмотрения роли семантики мотиватора в производном слове является обращение к лексико-словообразовательному значению (далее ЛСЗ), которое представляет собой типизированное лексическое наполнение пропозициональной структуры. … Пропозиция – это смысловая модель, с предельной обобщенностью отражающая актуальное для автора речи внеязыковое содержание» [4, 97].

Анализ многозначных имен существительных, выявление источников и типов полисемии влечет за собой исследование семантики мотивирующих слов, их синтаксических характеристик. При рассмотрении структуры значений девербативов необходимо, в первую очередь, иследовать семантику мотиватора, что предполагает обращение к глубинному суждению, в центре которого находится глагол. Как правило, глагол выступает предикатом, а его распространители–актантами. «В качестве эталона глубинного суждения, актуализованного семантикой производного слова, в лингвистике рассматривается минимальная пропозициональная структура, представленная предикатом и двумя (либо одним) актантными распространителями» [1, 97].

Согласно справедливому утверждению И.М. Кобозевой, «предикат является главным, определяющим элементом в структуре пропозиции постольку, поскольку ситуация определяется не объектами, которые в ней участвуют, а теми отношениями, в которых они находятся. Предикат определяет ситуацию, так как он указывает на определенный тип отношений на множестве объектов: определяет характер этих отношений, количество их членов и их роли.

Термы, обозначающие обязательных участников ситуации, определяемой некоторым предикатом, называются аргументами этого предиката, или его актантами» [2, 219].

Актанты, или участники пропозиции, – это активные семантические валентности глагола. Они присоединяют к глаголу синтаксически зависимые слова, каждой из которых соответствует переменная в толковании его значения. В качестве участников (актантов) ситуации могут выступать субъект, объект, орудие, место, средство, способ действия.

Как отмечает М.Н.Янценецкая, «пропозициональный характер словообразования проявляется в том, что значение производного формируется путем «свертывания» соответствующей пропозиции. При этом пропозиция оказывается представленной в аспекте того ее компонента, который в результате словообразовательного акта получает вербальное выражение». [6, 9].

Подтверждает эту мысль Л. А. Араева: «в семантике производного слова пропозиция …представлена в свернутом виде с реализацией минимальной либо максимальной, многоместной структурно - логической схемы. …Развернутая, многоместная пропозиция реализуется комплексом мотивирующих единиц, выстроенных в определенном порядке сообразно той функции, которую выполняет в пропозиции производное слово, что обусловливает видение одной и той же пропозиции каждый раз в новом ракурсе» [1, 79].

Неоднократная реализация многоместной пропозиции способствует формированию многозначности производного слова, о чем свидетельствует наличие в словарном составе языка огромного массива полисемантичных лексических единиц.

Пропозициональный аспект словообразования, активно разрабатываемый в последние двадцать лет, «позволяет проникнуть в суть вещей, увидеть, что стоит за эмпирической данностью и первоначально скрыто от взора исследователя» [3, 41. Цит. по 1, 79].

Объектом нашего исследования являются многозначные имена действия с суффиксом–***нuj-,*** извлеченные из Словаря русского языка в 4-х т. под ред. А. П. Евгеньевой (МАС) , Словообразовательного словаря русского языка А.Н.Тихонова и сайта Национального корпуса русского языка (НКРЯ). Каждый из девербативов представляет собой иерархически организованную целостность. В качестве исходного у них выступает опредмеченное процессуальное значение, которое образуется в рамках модели **(V + -*нuj*-)N**. Нового лексического значения в процессе синтаксической деривации при этом не возникает, дериват характеризуется совмещением общекатегориального значения предметности с семантикой действия, процессуальности. Как отмечает С. Н. Лохов, производные синтаксические дериваты имеют непропозитивное значение, так как в процессах синтаксической деривации не создается нового пропозитивного содержания: для подобных дериватов характерно категориально - грамматическое изменение без трансформации семантики мотиватора (ср.: *прокрутка* ← *прокрутить*; лексические значения деривата и мотиватора тождественны) [4, 98].

Исследование структуры девербативов с вторичными предметными номинациями показывает, что транспозиционное значение девербатива предстает номинализацией, которая впоследствии выступает мотивирующей базой для развития производных значений путем семантической деривации. Вторичные номинации характеризуются предметной семантикой, которая, как правило, является следствием метонимических переносов. Их появление в структуре имен действия детерминировано семантическими валентностями производящего глагола: наличием актантов, их количеством, признаками, функциями. Валентностные свойства составляют понятийный, содержательный уровень пропозициональной структуры мотивирующих глаголов.

«Валентность является одной из важнейших структурных характеристик лексических единиц: она фиксирует типовую сочетаемость данной единицы с другими и всю дистрибуцию этой единицы, т.е. совокупность всех сочетаний (окружений, контекстов), в которых данная единица может встречаться. Валентность (сочетаемость) основывается на законах смыслового (семантического) согласования, соположения единиц, благодаря наличию в их содержании общих компонентов» [5, 94].

При актуализации тех или иных компонентов семантической структуры глагола у девербатива развивается вторичная номинация, в результате чего происходит расширение

структуры значения имени действия. При семантической деривации производные значения формируются в рамках модели **N-ниj- → N-ниj-.**

При пропозициональном подходе к исследованию семантической парадигмы полисеманта обнаруживаются преобразования мотиватов, актуализирующих определенную структурно-логическую схему. «Нахождение в основе пропозиции глагола обусловливает распространение его актантами. …мотивирующие глаголы объективируют производные в различных актантных позициях. Образующиеся в результате такого функционирования мотивирующие многозначные дериваты эксплицируют сложную комбинаторику различных пропозиций в виде набора ЛСВ нескольких номинативных классов» [1, 100].

Рассмотрим семантическую парадигму некоторых девербативов, структура которых сформирована по различным типам полисемии.

Так, радиальный тип полисемии представлен в таких именах действия, как *соединение, раздвоение, сопровождение, направление, приближение, поселение, вложение, учреждение, освещение, решение, отделение, сообщение, приобретение, обеспечение* и мн. др. При этом семантическая парадигма девербативов включает различное количество ЛСВ.

У девербатива ***соединение*** в семантической парадигме наличествует 4 ЛСВ:

1. *Действие по знач. глаг.* соединить—соединять *и* соединиться—соединяться**.** *Соединение проводов. Соединение теории и практики.*

2. То, что соединяет что-л., а также место, где что-л. соединено. *Волны <…> порвали соединения между трубами.* Паустовский, Рождение моря.

3. Крупная войсковая единица (бригада, дивизия, корпус и т. п.), состоящая из нескольких частей одного или различных родов войск. *Танковые соединения.*

4. *Хим.* Вещество, молекула которого состоит из атомов нескольких элементов. *Химическое соединение. Органическое соединение.*

Как видим, в формировании семантики существительного участвуют переходные и возвратные глагола. 1-й ЛСВ с транспозиционным значением опредмеченного действия выступает мотиватором для развития вторичных, предметных номинаций девербатива. В процессе семантической деривации в результате актуализации различных компонентов пропозиции формируются мутационные значения средства/места действия (2-й ЛСВ), субъекта (3-й ЛСВ) действия. В 4-м ЛСВ девербатива представлено терминологическое значение, опирающееся на семантику глагола ***соединиться***: **5.** Вступить в химическое взаимодействие. *Водород соединился с кислородом.*

Следует заметить, что семантика девербатива *соединение* полностью опирается на семантику мотиваторов. Вторичные номинации образуются путем актуализации определенных компонентов семантики глагола, который является предикатом пропозиции. Производные значения формируются по типу радиальной полисемии, при которой вторичные номинации мотивированы исходным ЛСВ имени, представляющим собой номинализацию мотивирующего действия. См. схему:



У девербатива ***отделение***, включающего в свою парадигму семь ЛСВ, в процессе семантической деривации в результате актуализации субъектного и объектного компонентов пропозиции формируются значения субъекта (2, 4, 7-й ЛСВ) и объекта (3, 5, 6-й ЛСВ) действия.

Существительное ***сообщение*** включает в свою парадигму вторичные номинации со значениями объекта (2-й ЛСВ), способа (3-й ЛСВ) и средства (4-й ЛСВ) действия; девербатив ***приобретение***, помимо транспозиционного, характеризуется значениями результата (2-й ЛСВ) и объекта (3-й ЛСВ) действия; в семантической парадигме деривата ***обвинение*** представлены значения 2-го объекта (2-й ЛСВ) и субъекта (*Юр*. 3-й ЛСВ) действия.

Структура лексического значения девербатива ***окружение*** представлена пятью ЛСВ:

1. *Действие по глаг.* окружить—окружать (в 1 и 3 знач.).

2. Окружающая обстановка, условия существования кого-, чего-л. *Географическое окружение. Капиталистическое окружение.*

3. Совокупность лиц, составляющих общество, в котором кто-л. вращается; окружающая среда. *— Хорошо бы посоветоваться со взрослой умной женщиной — но таких **в окружении** нет…Л. Улицкая. Казус Кукоцкого «Новый Мир», 2000.* НКРЯ**.**

4. Окружающий, прилегающий к чему-л. район, окрестность. *Машиностроительные заводы Москвы и ее окружения. – Дом стоял в окружении пышного сада с дорожками и клумбами.* В. Крейд. Георгий Иванов в Йере // «Звезда», 2003. НКРЯ.

5. Положение, при котором кто-, что-л. находится в кольце вражеских войск. *Попасть в окружение. Из **окружения** "демянского мешка", немцы-таки вышли*. М. Карпов. Список Визенталя (2003) // «Совершенно секретно», 2003.05.05. НКРЯ.

Семантическая парадигма девербатива ***окружение***, как видно из схемы, сформирована преимущественно по отраженному типу полисемии, которая «целиком обращена к словообразованию. Собственно полисемия развивается в производящем, но при соотносительности производного с производящим по всему семантическому объему или по его части, включающей несколько значений, она передается производному» [7, с. 60]. Обращает на себя внимание 5-й ЛСВ с предметным значением результата действия, для которого характерна множественность мотивации: В одном случае он может быть следствием семантической деривации, будучи произведенным от исходного, транспозиционного, значения девербатива, в другом – перед нами результат лексической деривации, при которой мотиватором выступает 3-й ЛСВ глагола. Все производные вторичные номинации сформированы в процессе реализации определенных структурно-логических схем с актуализацией таких компонентов пропозиции, как результат (2 и 5-ЛСВ), субъект (3-й ЛСВ), место (4-й ЛСВ) действия.



Структура лексического значения имени действия ***управление*** включает в себя 5 ЛСВ:

1. *Действие по глаг.* управлять (в 1 и 2 знач.). *Управление автомобилем.* || Дирижирование (оркестром, хором). *Я должна была спеть арию Маргариты в саду в опере «Фауст» в сопровождении оркестра под управлением самого Направника.* Салина, Жизнь и сцена.

2. Деятельность органов государственной власти. *Методы государственного управления.*

3. Административное учреждение или административный орган внутри какого-л. учреждения. *Центральное статистическое управление. Управление железной дороги***.** || Здание, помещение, в котором находится такой орган или учреждение.

4. Совокупность приборов, посредством которых управляют действием машины, механизма и других устройств. *Автоматическое управление.*

5. *Грамм.* Синтаксическое подчинение одного слова другому, состоящее в том, что одно слово требует после себя дополнения в определенном падеже. *Глагольное управление. Предложное управление.*



Семантическая парадигма девербатива ***управление*** структурирована по комбинированному типу полисемии: радиальная (2 и 3-й ЛСВ) + отраженная (4 и 5-й ЛСВ) полисемия. Транспозиционное значение девербатива выступает мотивирующей базой в процессе семантической деривации для формирования 2-го ЛСВ со значением способа действия и 3-го ЛСВ со значением субъекта действия, при этом актуализируется и пространственный компонент пропозиции, что способствует реализации значения места действия. По отраженному типу полисемии от 3-го ЛСВ глагола образуется инструментальное значение девербатива, а 5-й ЛСВ имени действия сохраняет терминологическую семантику 4-го ЛСВ мотиватора.

Таким образом, пропозициональный подход к исследованию структуры лексического значения многозначных девербативов с суффиксом –ниj- показывает, что существенную роль в формировании вторичных номинаций играет семантика мотивирующего глагола. Актуализацией семантических распространителей мотиватора обусловлено появление в семантической парадигме имен действия таких мутационных значений, как **субъект действия**: *соединение* (3-й ЛСВ), *сопровождение* (4-й ЛСВ), *окружение* (3), *прикрытие* (2), *собрание* (5), *разветвление* (2), *отделение* (2, 7); **объект действия**: *вложение* (2, 3), *собрание* (6), *подразделение* (2, 3), *отделение* (1, 5), *чтение* (2), *познание* (3), *перечисление* (3), *сообщение* (2), *издание* (2–4); **2-й объект действия**: *сопровождение* (2), *украшение* (3), *объяснение* (4); **результат действия**: *окружение* (2, 5), *уединение* (3), *представление* (5), *решение* (3), *оправдание* (2), *осложнение* (3), *повышение* (3); **средство действия:** *украшение* (2), *решение* (2), *назначение* (2), *оправдание* (3), *признание* (2), *сообщение* (4), *указание* (2, 3), *освещение* (2); **способ действия**: *сложение* (2), *поселение* (3), *размещение* (2), *уединение* (2), *собрание* (3, 4), *распределение* (2), *чтение* (3), *объяснение* (3); **орудие действия**: *прикрытие* (3), *крепление* (3), *сцепление* (2, 3), *освещение* (3); **место действия:** *окружение* (4), *поселение* (2) *затемнение* (3), *разветвление* (2), *уплотнение* (2), *искривление* (2), *повышение* (2) и т.д.

При формировании семантической парадигмы многозначных девербативов наблюдается неоднократная реализация многоместной пропозиции, что способствует образованию различных мутационных значений у имен действия, которые структурируются по различным типам полисемии. Последнее свидетельствует о системной организации структуры полисемантов.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Араева Л. А. Словообразовательный тип / Л. А. Араева. – М.: Книжный дом ЛИБРОКОМ, 2009. – 272 с.
2. Кобозева И. М. Лингвистическая семантика / И. М. Кобозева. – М.: Едиториал УРСС, 2004. – 352 с.
3. Кубрякова Е. С. Категории падежной грамматики и их роль в сравнительно-типологическом изучении словообразовательных систем славянских языков / Е.С. Кубрякова // Сопоставительное изучение словообразования славянских языков. - М.: Наука, 1987. - С.37–40.
4. Лохов С.Н. Пропозициональный подход как метод изучения семантических особенностей субстантивной производной лексики / С.Н. Лохов // Словарь, грамматика, текст в свете антропоцентрической лингвистики. – Иркутск, 2001. – С.97-105.

5. Новиков Л. А. Семантика русского языка / Л. А. Новиков. – М.: Высшая школа, 1982. – 272 с.
6. Семантические вопросы словообразования. Производящее слово / ред. М.Н. Янценецкая. – Томск, 1991. – 237 с.
7. Ширшов И. А. Типы полисемии в производном слове / И. А Ширшов // Филологические науки. 1996. - № 1. - С.55–66.

МЕСТО ПРОПОЗИЦИИ В ФОРМИРОВАНИИ ВТОРИЧНЫХ ЗНАЧЕНИЙ ДЕВЕРБАТИВОВ

В статье рассматривается связь деривационных процессов с синтаксическими характеристиками мотивирующих слов. В частности, исследуется роль пропозиции в формировании вторичных номинаций в структуре многозначных дериватов. В работе представлены девербативы, семантическая парадигма которых сформирована по различным типам полисемии.

Ключевые слова: деривация, пропозиция, мотиватор, девербативы, субстантивы, вторичные номинации.

ABOUT THE PLACE OF PROPOSITION IN THE PROCESSES OF DERIVATION

The article examines the connection between derivational processes and syntactic characteristics of motivating words. In particular, the author examines the role of proposition in the formation of secondary nomination in the structure of polysemantic derivatives. The article describes deverbals semantic paradigm of which is formed according to different types of polysemy.

Key words: derivation, proposition, motivator, deverbals, substantive, secondary nominations.

Сведения об авторе: ***Г. К. Касимова*** - кандидат филологических наук, доцент кафедры русского языка Пензенского артиллерийского инженерного института. Телефон: **(412)54-33-62; моб. +79374319222.**
E-mail: zuhra_kasimova@mail.ru

ИСМ ДАР ГӮЙИШИ ДАШТИСТОН

Ҳ. Маликзода
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ

Забон як ниҳоди иҷтимоӣ ва муҳимтарин ниҳоди башар аст. Ин ниҳод дар ҳамаи иҷтимооти башарӣ вуҷуд дорад ва вазифа ва нақши он дар ҳама ҷо яксон аст. Аммо шакли он дар ҳамаи ҷавомеъ яксон нест. Он дар ҳар иҷтимоот бо иҷтимооти дигар тафовут дорад. Афзун бар ин забон падидаест, ки ҳамроҳ ва ҳамоҳанг бо дигаргунӣ ва таҳаввулоти ниёзҳои ҷомеа, дучори тағйир ва таҳаввул мешавад. Ҳамчунин, шаклҳои гуногуне, чун гуна ва гӯйиш, тавсифкунандаи қавоид ва вижагиҳои дастурӣ, вожагонӣ ва талаффузии забон аст. Гӯйиши мавриди баҳс яке аз гӯйишҳои ҷанубӣ ғарбии Эрон, воқеъ дар остони Бушаҳр ва шаҳристони Даштистон аст, ба номи гӯйиши Саъдобод. Шаҳристони Даштистон шомили шаҳрҳо ва бахшҳои Барозҷон, Обпахш, Саъдобод аст, ки бо тафовути андак ва шабоҳатҳои бисёр дар он бо унвони гӯйиши даштистонӣ дар ин мақола ба он ном бурда мешавад.

Исм аз ҷиҳати шумора (муфрад ва ҷамъ). Дар гӯйиши Даштистон исм аз ҷиҳати теъдод ба ду гуна – муфрад ва ҷамъ меояд. Исми муфрад ҳаммонанди сохти забони форсии меъёр нишонае надорад:

оташ - /taš/, *китоб* - /ketâv/, ***муш*** - /mošk/ ***гурба*** - /goli/, ***даст*** - /das/, ***қурбоқа*** - /qorvak/.

Нишонаи ҷамъ дар ин гӯйиш /-al/ мебошад, ки ба охири шакл афзуда мешавад. Агар пасванди ҷамъ ба вожаҳои махтум ба сомит афзуда шавад, дигаргунии овоӣ дар шакли муфрад вожаи падидор намешавад ва чун форсии меъёр аст монанди:

дарахтҳо - /deraxt/ +/-al/→ /deaxt - al/, ***ақрабҳо*** - /aqrav/ +/-al/→ /aqrav-al?/

Аммо, агар нишонаи ҷамъ ба вожаҳои махтум ба мусавват (садонок) афзуда шавад, сомитҳои миёнҷӣ падидор мешаванд, ки хилофи дастури форсии меъёр аст:

Шумоҳо /šomâ/+/-al/→ /šomâ- n-al/, ***онҳо*** /?ow/ +/-al/→/?ow –v- al/, ***мадрасаҳо*** /madrese/+ /-al/ → /madrese-y –al/.

Ҳамон тавре ки дида мешавад, се миёнҷӣ[v-n-y]байни нишонаи ҷамъ ва вожа намоён мешавад, ки дар бештар вожагони ин гӯйиш корбурд доранд. Бояд гуфта шавад, ки дар гӯйиши Даштистон истисное низ вуҷуд дорад. Масалан, дар вожаи «зан», ки ба сомит «н» поён меёбад, ду гуна ҷамъ баста мешавад. Бо миёнҷии [g] ва бидуни миёнҷӣ:

Ҙанҳо -/zen/+/-al/ → /zen –al/, ***занҳо*** /zen/+/-al/→ /zan-g-al/.

Ё баъзе аз калимот монанди дастури забони форсии меъёр ду бор ҷамъ баста мешаванд, монанди:

деҳотҳо - /dehât/ +/-al/→/dehât- al/, ***мардумон*** - /mardom/ +/-al /→ /mardom -al/.

Ҳамчунин, асомии ғайри қобили шумориш, ки дар англисӣ ҷамъ баста намешаванд, мутобиқи дастури форсии меъёр дар ин гӯйиш ҷамъ баста мешаванд, ки дар вожагони махтум ба сомит бидуни воҷи миёнҷӣ ва дар вожагони махтум ба мусавват, бо воҷи миёнҷӣ зоҳир мешавад:

кураҳо - /kere/+ /-al/→/ kere- y- al/, ***панирҳо*** - /penir /+/-al/→/penir- al/, ***обҳо*** /ow/+/-al?/→/ ow-v-al?/, ***гӯштҳо*** - /gušt/+ /-al/→/gušt-al/.

Дар ин гӯйиш вожагоне вуҷуд доранд, ки монанди забони меъёр ба шеваи сарф ва наҳви арабӣ ҳам ҷамъ баста мешаванд:

камолот - /kemâlât/, ***деҳот*** /dehât/, ***аҳвол*** - /ahvâl?/.

Муаррифа ва накара кардани исм. Аломатҳои накара дар гӯйиши Даштистон тибқи дастури забони форсии меъёр аст /ye/ (ва гоҳ бо /уак/) дар аввал ва /i/ дар охири вожа қарор мегирад: ***як китобе*** /ye ketâ-v-i/, ***китобе*** /ketâvi/.

Дар ин гӯйиш /i/ ба танҳоӣ дар охири вожа метавонад аломати накара бошад, аммо /ye/ қабл аз исм ба танҳоӣ ба унвони нишонаи накара намеояд. Яъне, ҳар гоҳ /ye/ дар ибтидои исме қарор мегирад, вуҷуди /i/ дар поёни исм лозим аст: ҳеҷ гоҳ намегӯем, ки «Як мардро дидам», балки гуфта мешавад: «Як мардеро дидам» /ye merd diđom/ →/ye merd-i diđom/.

Дар дастури забони форсӣ вожагони махтум ба мусаввaт, замоне ки ҳамроҳи аломати накараи /i/ меоянд, ба воҷи миёнҷӣ ниёз доранд, монанди ***донишҷӯе*** - /dânešju/+/i/→/dânešju-y-i/. Дар ин гӯйиш илова бар воҷи /y/, воҷҳои миёнҷии /n/, /v/ низ зоҳир мешавад: ***гове*** - /gâ/+/-i/→/goy-n-i/, ***миқдоре ҷав*** - /jow/ +/-i/ → /jow- v- i/.

Аломати муаррифа. Аломатҳои муаррифа дар гӯйиши Даштистон /-ak/, / -u/, /-ku/ аст, ки ҳар кадом корбурди хосе доранд ва вобаста ба воҷи поёнии калима ба кор мераванд: /-ku/ дар охири вожаҳои махтум ба мусаввaт меоянд.

он хона - /xune/+/-ku/→/xune –y- ku/, ***он сандалӣ*** - /sandeli/+/-ku/ →/sandeli-ku/.

Пасванди /-ku/ дар охири вожаҳои махтум ба сомит, ба ҷиҳати вуҷуди ду сомит дар канори ҳам, пеш аз он, аз як воҷи миёнҷӣ (мусаввaт) истифода мешавад. Албатта, дар баъзе маврид метавон чунин калимотеро бидуни зоҳир шудани воҷи миёнҷӣ ҳам талаффуз кард: он ҳалаб - /heleb- ku/ ё /helab/+/-ku/→ /heleb -e-ku/.

Дар баъзе маворид ҳам наметавон бидуни воҷи /-e/ вожаеро талаффуз кард:

он тахт - /taxt/ +/-k/→/taxt-e-ku/, ***он фарш*** - /farš/+/-ku/→ /farš-e-ku/.

Нишонаи нидо. Дар ин гӯйиш нишонаи нидо монанди форсии меъёр аст ва аз аломатҳои /ey/ ва / yâ/ дар ибтидои исм ва /-â/ дар поёни он истифода мешавад, монанди:

а) нишонаи нидои /yâ/, /ey/ дар ибтидои исм: ***эй дунё*** - /ey denyâ?/, ***ё Аллоҳ*** /yâ allâ(h) ?/;

б) бо воҷи /-â/ дар поёни вожа: ***Худоят*** - /xodâ / →/xođâ –y-ā/.

Гоҳ худи вожа танҳо бо тағйири оҳанг ва бидуни ҳуруфи нидо низ метавонад мунидо шавад: ***Худо!*** /xodâ/.

Нишонаи изофа. Нақши намои изофа чун форсии меъёр дар гӯйиши Даштистон /-y/, /-e/ аст, ки байни ду вожа зоҳир мешавад:

а) дар вожаҳои махтум ба сомити /-e/ дар поёни ҳаста қарор мегирад: ***дар хона*** - /dar/+/xune/→/der-e- xune/;

б) дар вожаҳои махтум ба мусаввaт, /-y/-ро пеш аз /-e/ меоварем: ***мадрасаи ту*** /madrese/ +/to/→/mađrese-y-e-to/;

в) дар вожаҳои махтум ба /ow/ қабл аз /-e/, /v изофа мекунем: ***оби дарё*** /ow/ +/deryâ?/ → /ow -v-e-deryâ?/.

Дар баъзе вожаҳои махтум ба /a/ мумкин аст ҳам бо миёнҷии /-y/ бошад ҳам бидуни он: ***ҳаёти мо*** - /feđa/ + / mâ/ → /feđa- mâ/.

Дар вожаҳои махтум бо мусаввaти мураккаб /ey/ нишонаи изофа зоҳир намешавад: ***модари Ғулом*** - /dey /+/ γolu/ →/dey γolu/.

Дар вожаҳои мураккаб гоҳе нишонаи изофа ҳазф мешавад [бино ба ҳазфи тадриҷии таквожаи миёнӣ (ванд)].

Дар форсии меъёр бо ҳазфи ҳарфи изофа: ***зани аму*** - /zan-e-amu/ → /zan-amu/.

Дар гӯйиши Даштистон: ***зани аму*** - /zan/+ /âmu/ →/zenâmu/.

Бо ҳазфи ҳарфи изофа: ***соҳибхона*** - /sâb/ +/ xune/ → /sâb xune.

Бидуни ҳазфи ҳарфи изофа [дар баъзе маврид ҳарфи изофаро наметавон ҳазф кард]: ***бачаи хола*** - /pesar/ + kale / → /beče-y-kale/.

Моликият. Дар гӯйиши Даштистон барои баёни моликият аз вожаи «моли / mâle» ба маънии «тааллуқ ба» замоир, сохти изофӣ ва нақши намои изофаи /e/ истифода мешавад:

а) mâle ба маънии «моли мутааллиқ ба»: «Ин китоб моли ман аст» /i ketâv mâle mo- n- e/

б) бо нақши намои изофаи /e/: ***дасти он духтар*** /des –e- doxter-e/

в) гоҳ бидуни нақши намои изофаи /e/: ***дастшон*** /des-e-šun/ →/des-šun/

г) бо истифода аз замири пайваста: ***пойшон***- /pâ-šun/, ***модарат*** - /dey-t/, **дастатон** - /des-e-tun/, ***падарам*** - /buvâ- m/.

Исми ҷамъ. Дар ин гӯйиш теъдоди исми ҷамъ низ монанди форсии меъёр вуҷуд дорад: ***гурӯҳ, қабила*** - /beyle/, ***тоифа, гурӯҳ*** - /bonku/, ***даста, гурӯҳ*** /dasse/, ***даста, гурӯҳ, галла*** /bor/;

даста, ҷамъ /kop/, ***дастае, гурӯҳе*** /bori/, ***рамма, галлаи буз*** /ramme/, ***тоифа*** /teyfe/. Ин калимот шакли муфрад надоранд ва дубора метавон онҳоро ҷамъ баст, монанди: ***тоифаҳо*** /teyfe –y- al/, ***дастаҳо*** /dasse- y-al /, ***мардумон*** /mardom–al/.

Ҷинс. Дар ин гӯйиш ҷинси дастурӣ нест. Бо ин ҳол теъдоде аз вожагон ҳастанд, ки далолат бар ҷинси музаккар ва муаннас доранд, монанди:

мурғи бузург - /deygun/, ***бузи нари бузург*** /pâzan/, ***гӯсфанди мода*** /miš/, ***гови нар*** /varzâ/.

Се исм низ вуҷуд дорад, ки бар ҷинси нар ва мода далолат мекунад: ***бузғола*** - /ka:re/, ***бачаи гов*** - /guwar/, ***барра, бачаи гӯсфанд*** - /bere/.

Аъдод:

А) Аъдод ба унвони вобастаҳои пешин ва пасин монанди форсии меъёр корбурд доранд, бо андаке тафовути овоӣ, ки шомили аъдоди аслӣ, касрӣ, тавзеӣ ва тартибӣ аст.

Як - /yak/, ***ду*** /dow/do/, ***се*** - /se/ /so/, ***чаҳор*** - /čâr/, ***панҷ*** - /panj/, ***шаш*** - /šiš/, ***ҳафт*** - /haf/, ***ҳашт*** - /haš/, ***нуҳ*** - /now/ /no:/…

Ба унвони вобастаи пешин шумориши аслӣ: ***шонздаҳ китоб*** - /šunza ketâv/.

Сифати шумориши тартибии пешин: *шашумин духтар* - /šiš-o-min doxtar/

Ба унвони вобастаи пешин ва сифати шумориши тартибӣ: ***хонаи ҳафтум*** «/xune-y haftomi/.

Ҳамон тавре ки мулоҳиза мешавад, вобастаҳои ададии пешин ба /i/ хатм мешавад ва монанди аъдоди аслӣ бо тафовути овоӣ талаффуз мешаванд.

Б) Аъдоди касрӣ дар гӯйиши Даштистон акси форсии меъёр аст, монанди ***як даҳум*** /da yak/.

В) Аъдоди тавзеӣ монанди форсии меъёр аст, вале монанди аъдоди аслӣ тафовутҳои овоӣ бо ҳам доранд: ***шаш то шаш*** /šištâ šištâ/, ***яке-яке*** /yeki yeki/.

Замон:

А) **Замони шабонарӯз**. Барои огоҳӣ аз замон ва соат аз ин ибораҳо истифода мешаванд: «соат чанд аст?» /seâ:te čande/, «алон чӣ соате аст?» /alân če seâ:ti-ye?/

Барои ифодаи дақиқа аз ду калима /bâlâ/ ба маънии «гузашта аз» ва /kam/ ба маънии «монда» истифода мешавад. Гоҳ бо зикри дақиқа гоҳ бидуни он: «ҳашту бист дақиқа» /hašt -o-bis deqe bâlâ/; «даҳ дақиқа монда ба даҳ» /dah-v-o-dah kam/.

Ба ҷойи «понздаҳ дақиқа» аз рубъ ва ба ҷойи «сӣ дақиқа» аз калимаи «ним» истифода мешавад, монанди: чаҳору сӣ дақиқа - /čar-o-nim/, ҳафту понздаҳ дақиқа /rob bâlâ/ ё /haft-o-rob/.

Авқоти шабонарӯз. Дар ин гӯйиш тақсимоти шабонарӯз бо истилоҳоти хосе гуфта мешавад, ки қайди замон маҳсуб мешаванд:

Ғуруб - /γoruv/ саҳар - /sehar(sa:r), тулӯи офтоб - /aftow zenun?/, зуҳр - /zowr/, /zo:r/, нимаи шаб - /nesfe šow/, субҳи зуд - /sob geyni ga/, асри наздики ғуруб - /pesin tang(i)/.

Рӯзҳо ва моҳҳо. Рӯзҳои ҳафта монанди форсии меъёр аст, вале тафовутҳои овоии андаке бо ҳам доранд:

Шанбе - /šambeđ/, /šambe/, якшанбе - /šambe/, ҷумъа - /jom?a/, /jom?e/.

Фаслҳои сол тафовути андаке бо форсии меъёр доранд: тобистон - /towsun/, баҳор - /bâ:r/, /behâr/, зимистон - /zemessun/, поиз - /pohiz/ ё /poyiz /.

Моҳҳои шамсӣ монанди форсии меъёр аст, вале барои моҳҳои қамарӣ асомии маънӣ аст:

1) сафар - /sefar/, 2) муҳаррам - /mâh hoseyn/; 3) умркашон ё рабеъулаввал - /?omar košun/; ё /mowliđe ?evval/; 4) /mowliđe sovvon/(seyom); 5) ҷимодиюлаввал, рабеъулсонӣ - /mowliđe dovvom/(doyom); 6) ҷимодиюлсонӣ - /mowliođe čârom/; 7) раҷаб - /rejav/; 8) шаъбон - /ša:vun/; 9) рамазон - /mâ ruze/remezun/; 10) шаввол - /mâhe eyđ/; 11) зулқаъда - /de eyđun/; 12) зулҳиҷа - /mâhe hâjiyun/.

Вижагиҳои хосси талаффузи исм дар гӯйиши Даштистон. Ҳар забон ва гӯйише вижагиҳои хосе дорад. Масалан, бархе вожагонро бидуни далели маънӣ бо ҳолати хосе баён мекунанд. Гӯйиши даштистонӣ ҳам шомили чунин вижагӣ аст, ки мо ин ҷо ба чанд гурӯҳи он ишора мекунем. Баъзе калимоти ҳамвазн, ки мутобиқ бо улгуи ҳиҷоии вожаи «ҳикоят» ҳастанд ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

1. Дар вожагони зер воҷҳои /e/ ва /â / ба воҷи /o/ табдил мешавад:

шикоят - /šekâyat/→ /šokoyat/, ***ҳимоят*** - /hemâyat/ →/homoyat/.

2. Дар ин вожагон воҷи /â/ ба /e/ табдил мешавад: ***ҷиноят*** - /jenâyat/→ /jeneyat/, ***ризоият*** - /rezâyat/→ /rezeyat/.

3. Дар ин вожаҳо улгуи ҳиҷоии хосе риоят нашудаст: ***каромат*** – (бидуни тағйир) /kerâmat/ → /kerâmat/, ***кифоят*** /kefâyat/→ /kefoyat/.

Баъзе калимоти дигар, ки улгуи ҳиҷоии онҳо мутобиқ ва ҳамвазн бо вожаи «ҷавод» аст, аз назари талаффуз дар се гурӯҳи зер ҷой мегиранд:

1. Табдили мусаввати /a/ ба /e/: ***ҷалол*** - /jalâl/→ /jelâl/, ***билол*** - /balâl/→ /belâl/.

2. Табдили мусаввати /a/ ба /o/: ***савод*** - /savâd/→/sovâđ/, ***ҷамол*** - /jamâl/→ /jomâl/.

3. Табдили воҷҳои /a,v,â/ ба мусаввати мураккаби /ow/: ***ҷавон*** - /javân/→ /jown/, ***давон*** - /davân/→ /down/.

Дар баъзе вожаҳо воҷҳое, ки аз ҷиҳати тамоизи маъноӣ нақш ба уҳда доранд, ҳазф мегарданд. Ҳазфи воҷ мумкин аст дар ибтидо, миёна ва поёни вожа анҷом гирад:

а) ҳазф дар оғози вожа: ***оташ*** - /âtaš?/ → /taš/, ***анор*** - /anâr?/ → / nâr/;

б) ҳазф дар миёни вожа: ***тобистон*** - /tâbestân/→/towsun/, ***дастмол*** - /dastmâl/ → /desmal/;

в) ҳазфи сомит машдуд дар миёни вожа: ***аммо*** - /ammâ?/→ /omâ?/, ***барра*** - /barre/→ /bere/;

г) ҳазф дар поёни вожа: ***рӯд*** - /rud/ → /ru/, ***омад*** - /ume?/ → /âmad?/.

Ҳазфи воҷи /t/: ин воҷ, агар баъд аз воҷи /s/ биёяд, аз вожа ҳазф мегардад (гоҳе ҳам ба охири калимоти махтум ба /š/ афзуда мешавад): ***пӯст*** - /pust/ → /pus/, ***даст*** - /dast/ → /das/, ***моҳ*** - /mâh/→ /mâ/

Ҳазфи воҷи /h/: дар гӯйиши Даштистон вожагоне, ки сомити /h/-ро доранд, ду гурӯҳ ҳастанд: яке ин ки воҷи /h/ аз охири вожагон ҳазф мешавад ва дигар ин ки ба талаффуз намеоянд. Яъне, ибтидои воҷ дучори фароянди воҷии тахфиф шуда, сипас /h/ ғайрималфуз мегардад:

А) Ҳазфи сомити /h/ аз поёни вожа: ***оҳ!*** - /â?/→/ âh?/, ***моҳ*** - /mâh/→ /mâ/.

Б) Тахфиф ва ғайрималфуз шудани /h/: ***чоҳ*** - /čâh/→ /ča/, ***роҳ*** - /râh/→ /ra/.

Гӯйиши Даштистон яке аз чандин гӯйишҳои роиҷ дар шимоли остони Бушаҳр аст, ки мардуми он бо он сухан мегӯянд ва дар айни ҳамзистӣ бо гӯйишҳои ҳамҷавор бо ҳам доду ситади вожагонӣ ва таъсиргузорӣ бар якдигар низ доранд. Ҳамин амр муҷиби пайдоиши тафовутҳо ва шабоҳатҳое дар талаффуз ва сохтори вожагон дар гӯйишҳо мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Анварӣ Ҳусейн. Дастури забони форсӣ / Анварӣ Ҳусейн, Аҳмади Гевӣ Ҳусайн. – Теҳрон: Фотимӣ, 1375.
2. Ботнӣ Муҳаммадризо. Тавсифи сохтмони дастурии забони форсӣ / Ботнӣ Муҳаммадризо. – Теҳрон: Амир Кабир, 1385.
3. Боқирӣ Меҳрӣ. Муқаддимоти забоншиносӣ / Боқирӣ Меҳрӣ. – Табрез: Донишгоҳи Табрез, 1374.
4. Самира Ядуллоҳ. Овошиносии забони форсӣ / Самира Ядуллоҳ. – Теҳрон: Нашри донишгоҳӣ, 1386.
5. Ҳамид Саид Ҷаъфар. Фарҳангномаи Бушаҳр / Ҳамид Саид Ҷаъфар. – Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, созмони чоп ва интишорот, 1380.
6. Хонларӣ Парвиз. Таърихи забони форсӣ / Хонларӣ Парвиз. – Теҳрон: Фарҳанги нашри нав, 1387. – Ҷ.1, 2, 3.

ИМЯ СУЩЕСТВИТЕЛЬНОЕ В ДАШТИСТАНСКОМ ДИАЛЕКТЕ

Даштистанский диалект является одним из основных диалектов севера провинции Бушир в Исламской Республике Иран. Его близость с другими диалектами создали сходства и различия в произношении. В данной статье, автором рассмотрены некоторые грамматические особенности имен существительных в даштистанском диалекте.

Ключевые слова: даштистанский диалект, основной диалект, грамматические особенности имен существительных в даштистанском диалекте.

THE NOUN IN DASHTESTANCE DIALECT

Dashtestani dialect is one of the current dialects in north of Bushehr province that people in this districte speak by. And coexiste with neighboring dialects with words and influence in each other. And created differences and similarities in pronunciation and the same applies to the words being spoken.

This article, which is based on Dashtestani dialect introduced, some grammatical features of nouns in comparison to standard Persian grammer wants to analyze: noun, its symbol, plural and singular form, definite and indefinite, interjection, possession, gender numder, tense, phonological processer, converting, omission and rising.

Key words: dashtestani dialect, the main dialect grammatical features of nouns in dialect.

Сведения об авторе: ***Х. Маликзода*** – аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

СОХТОРИ НАҚЛӢ ДАР ЖАНРҲОИ ШИФОҲИИ ЗАБОНИ ВАХОНӢ

Я. Обртелова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони вахонӣ яке аз забонҳои эронии шарқист, ки ба гурӯҳи забонҳои помирӣ дохил мешавад. Тахминан 47 100 намояндагони забони вахонӣ дар чор кишвар зиндагӣ мекунанд [5]. Ҷойи аслии вахониён водии Вахони Тоҷикистон ва Афғонистон аст. Инчунин вахониён дар Покистони шимолӣ ва дар Хитойи шарқӣ низ зиндагӣ мекунанд.

Бояд қайд кард, ки то ин дам чанд муҳаққиқони рус ва тоҷик дар бораи савтиёт, сарф, наҳв ва сохтори луғавии забони вахонии Тоҷикистон тадқиқотҳое анҷом додаанд, аммо дар бораи дискурс (забоншиносии матн) то ҳанӯз тадқиқоти алоҳида ба анҷом нарасидааст. Қаблан мо сохтори нақлии жанрҳои шифоҳии забони вахониро ҳадафи тадқиқ қарор додем, ки натиҷаҳои он ба таври мухтасар дар ин мақола оварда мешавад.

Мақсад ва усули таҳқиқ. Мақсад аз таҳқиқ ва пажуҳиш муайян кардан ва нишон додани шаклҳо ва хусусиятҳои сохтори нақли мансури жанрҳои шифоҳии забони вахонӣ мебошад. Ин таҳлил дар асоси усули таҳлили сохтори нақлӣ, ки дар асари У. Лабов ва Ҷ. Валетски [3] ва ҳамчунин силсилаи таҳқиқоти У. Лабов [4] сурат гирифтааст, анҷом дода шудааст.

Таҳлил бо усули “narrative” гузаронида мешавад. Тарзи “narrative” (ривоя) усулест, ки аз рӯйи он жанрҳои гуногуни насри шифоҳӣ таҳлил мешаванд. Дар ин усул хулосабарорӣ тавассути силсилаи ҷумлаҳо, ки дар онҳо пайдарпайии замонӣ (temporal sequence) мавҷуд аст, сурат мегирад. Дар ин усул бояд пайдарпайии вуқӯи амали нақл бо пайдарпайии замонии силсилаи ҷумлаҳо баробар бошад. Агар дар нақл ҷумлаҳои мураккаби тобеъ вуҷуд дошта бошанд, дар ин усул фақат сарҷумла асосӣ мебошад. Ҷумлаҳои пайрав, нутқи айнан нақлшуда ва феълҳои дар шакли инкорӣ омада ба инобат гирифта намешаванд, зеро онҳо тобеи сарҷумла мебошанд. Дар ин маврид сарҷумла, ки худ ҷумлаи мустақил аст ва дар матни пайваста силсилаи онҳо бо пайдарпайии замонии воқеаҳои нақлшуда баробар мебошад, ҷумлаи ривоӣ (narrative clause) номида мешавад. Тартиби ҷумлаҳои нақлиро тағйир додан мумкин нест, зеро тартиби воқеаҳои нақлшуда ҳам тағйир меёбад. Ба ғайр аз ҷумлаҳои нақлӣ дар матн ҷумлаҳои озод (free clauses) мавҷуданд. Фарқи ҷумлаҳои нақлӣ аз ҷумлаҳои озод дар он аст, ки пайдарпайии воқеии нақл ба ҷумлаҳои озод вобаста нест. Ин навъи ҷумлаҳо метавонанд дар нақл ҷояшонро иваз кунанд. Аз иваз шудани ҷойи ҷумлаҳои озод маънои нақл тағйир намеёбад. Навъи дигари ҷумла низ мавҷуд аст, ки ҷумлаи нақлӣ шуда наметавонад ва ҷумлаи тамоман озод ҳам нест, зеро ин хели ҷумла метавонад фақат дар як лаҳза ё қисмати муайяни нақл озод бошад, на дар тамоми нақл. Чунин ҷумларо ҷумлаи ниммухтор (restricted clause) меноманд.

Феъли ҷумлаи ривоӣ, ки замон ва намуди амалро низ нишон медиҳад, асосӣ мебошад ва метавон онро ҳастаи ривоӣ (narrative head) номид.

Аз рӯйи ин усул ҷумлаи ривоӣ, ки як ҳаста дорад, қисмати асосӣ ва хурдтарини ривоя ба ҳисоб меравад.

Дар ин усул ривоя одатан ба шаш қисмат ҷудо мешавад: 1) **Пешниҳоди мавзӯъ** (Abstract), 2) **Самтбахшӣ** (Orientation), 3) **Мураккабшавии амал** (Complicating action), 4) **Баҳодиҳӣ** (Evaluation), 5) **Гиреҳкушоӣ** (Resolution), 6) **Мақтаъ** (Coda), аммо дар як нақл на ҳамаи бахшҳо вуҷуд дошта метавонанд.

Нақл дар он ҳолат таҳлил мешавад, ки он ақаллан аз ду бахш–**мураккабшавии амал** ва **гиреҳкушоӣ** иборат бошад, ки дар онҳо пайдарпайии замонии нақл (аввал а, баъд б, баъд в, баъд г...) ба воситаи силсилаи ҷумлаҳои ривоӣ нишон дода шавад. **Гиреҳкушоӣ** лаҳзаи охирин дар силсилаи пайдарпайӣ мебошад.

Пешниҳоди мавзӯъ он қисмати нақл аст, ки гӯянда пеш аз оғози нақл мавзӯъро пешниҳод мекунад (“нақл дар бораи чист?”).

Самтбахшӣ он қисмати нақл аст, ки дар он сухан дар бораи қаҳрамонон, ҷой ва вақти воқеа ё дар бораи вазъияти ривоя меравад, ки бо ҷумлаҳои озод ва ҷумлаҳои ниммухтор ифода мешавад (кӣ? чӣ? дар куҷо?, кай?). Чунин ҳолат метавонад дар мавриди ҷумлаҳои ривоӣ дар аввали қисмати мураккабшавии амал пайдо шавад.

Мақтаъ қисмати охирини нақл аст ва дар он хулоса бо ҷумлаҳои озод дар алоқамандӣ бо замони ҳозира ифода меёбад (масалан, хулосаи гӯянда доир ба нақл).

Баҳодиҳӣ он қисмати нақл аст, ки дар он гӯянда муносибат ва мулоҳизоти худро ба ҳодисаҳои нақлшуда изҳор мекунад. Ин ҳолат метавонад ба воситаи ҷумлаҳои озод, ё дар алоҳидагӣ (одатан дар охири нақл), ё дар байни ҷумлаҳои нақлӣ дар қисматҳои **мураккабшавии амал** ва **гиреҳкушойӣ** низ пайдо шавад. **Баҳодиҳӣ** метавонад бо воситаҳои гуногуни дигар, аз ҷумла, оҳанги гуфтор, воситаҳои грамматикӣ, савтӣ, луғавӣ, синтаксисӣ ё дискурсӣ низ ифода гардад.

Маводи таҳлил. Мавод барои тадқиқ аз моҳи июни соли 2010 то августи 2011 дар водии Вахони Ҷумҳурии Тоҷикистон (деҳаҳои Намадгут, Шитхарв, Ямчун, Вичкут, Вранг, Зонг, Лангар ва маркази ноҳияи Ишкошим) ҷамъ карда шуда аз соли 2010 то 2013 мавриди таҳлил қарор гирифт. Маводи ҷамъовардашуда аз 46 сабти аудиоӣ, ки овонигорӣ ва таҳлил гардидаанд, иборат аст. Гӯяндагон асосан шахсони калонсол, аз ҷумла занону мардони дорои синну соли беш аз 18-сола ва сатҳи таҳсилоту ихтисосҳои гуногун мебошанд.

Жанрҳои шифоҳии забони вахонӣ. Тавре ки зикр гардид, дар бораи хусусиятҳои забонии жанрҳои шифоҳии забони вахонӣ дар илми забоншиносӣ ба ҷуз аз андешаҳои муҳаққиқони ин соҳа, ки баъзе паҳлӯҳои ин масъаларо мавриди баррасӣ қарор додаанд, то ҳанӯз тадқиқот ба анҷом нарасидааст. Аз ҷумла, муҳаққиқи забони вахонии Покистони шимолӣ Мок [6, 201-203] изҳор мекунад, ки дар байни жанрҳои шифоҳии мансур “žindak” маъмултарин жанр аст. Ӯ ин жанрро ба жанри қисса баробар дониста, ду навъи “žindak”-ро ҷудо мекунад: 1) “žindak”-и воқеӣ ва 2) “žindak”-и ғайривоқеӣ.

Дар байни вахониёни Тоҷикистон низ жанри “žinda” роиҷ аст, аммо таҳти ин истилоҳ афсона дар назар дошта мешавад, яъне ин жанр шакли махсус дорад ва бо ифодаи “tuətk-nətuətk” ё “tu-nətu” (тоҷ. “будааст набудааст” ё “ буд набуд”) сар мешавад. Намунаҳои “žinda” (афсона) дар китоби “Ваханский язык” [2, 134-172] ва “Языки восточного Гиндукуша: Ваханский язык” [1,48-86] оварда шудаанд.

Ҳамчунин жанри дигари шифоҳии дорои унсурҳои ғайривоқеӣ–ривоят (вах. “qdim qsa / qdim naql”) мавҷуд аст, ки онро метавон ба се гурӯҳ ҷудо кард: 1) қиссаҳо дар бораи ҷойҳо ва ашхоси таърихӣ, 2) ривоятҳои динӣ, 3) ривоятҳои мифонимӣ. Одатан қаҳрамонҳои ривоятҳои навъи сеюм парӣ, аҷина, албастӣ, дев, фаришта ё дигар махлуқот мебошанд.

Навъи дигари жанрҳои шифоҳии вахонӣ латифаҳо ва қиссаҳо аз саргузашти одамон мебошанд, аммо ҳақиқӣ ё ғайриҳақиқӣ будани ҳодисаро дар онҳо ба таври дақиқ муайян кардан мушкил аст.

Навъи дигари қиссаҳои воқеии шифоҳӣ амалҳо ва воқеаҳоеро дар бар мегиранд, ки дар гузаштаи наздик ба вуқӯъ пайвастаанд. Ин гуна қиссаҳо ду хел мешаванд; 1) қиссаҳои шарҳиҳолӣ дар бораи ҳасби ҳоли гӯянда, 2) қиссаҳои машҳуд – воқеаҳоеро тавсир мекунад, ки дар он гӯянда иштирок доштааст.

Хусусиятҳои пайдарпайии замонии ривоя дар жанрҳои шифоҳии вахонӣ: ҷумлаҳои ривоӣ. Яке аз масъалаҳое, ки мавриди таҳлил қарор мегирад, муайян кардани замонии ҳастаи ривоӣ (феълҳои ҷумлаҳои ривоӣ) ва вазифаҳои шаклҳои замонии феълҳои дигар мебошад. Натиҷаи таҳлил нишон дод, ки ривоёти шифоҳии вахониёни Тоҷикистон ё дар замони гузаштаи наздик, ё дар замони ҳозира-оянда нақл шудаанд, яъне ҳастаи ривоӣ ё дар замони гузаштаи наздик, ё дар замони ҳозира-оянда баён мешавад. Интихоби замони ҳастаи ривоӣ тасодуфӣ нест. Тавре аз маводи ҷамъшуда бармеояд, ҳам дар қиссаҳои машҳуд ва ҳам дар қиссаҳои шарҳиҳолӣ ҳастаи ривоӣ дар замони гузаштаи наздик ифода мешавад. Бояд зикр кард, ки гӯянда ҳангоми нақли қисса дар бораи шахси дигар аз забони ҳамон қаҳрамон сухан мегӯяд, ки дар ин ҳолат ҳам ҳастаи ривоӣ дар замони гузаштаи наздик меояд. Мақсади гӯянда бовар кунонидани шунаванда ба воқеӣ будани қисса аст, ки бо ифодаи “бо чашмони худам дидам” ва “бо гӯши худам шунидам” таъкид мешавад.

Ҳастаи ривоят, латифа ва қисса аз саргузашти одамон одатан дар замони ҳозира-оянда меояд. Ҳарчанд ин қиссаҳо дар асоси ҳодисаҳои воқеӣ пайдо шуда бошанд ҳам, мақсади гӯянда на бовар кунонидани шунаванда ба воқеӣ будани онҳо, балки ҳангоми нақл таъсир расонидан ба ҳолати рӯҳии шунаванда мебошад.

Бо мақсади санҷиши ин нуқтаи назар аз як намояндаи забони вахонӣ хоҳиш кардем, ки ҳастаи ривоии қиссаҳои шарҳиҳолӣ ва машҳудро дар замони ҳозира-оянда оварда ва ҳастаи ривоии қиссаҳои ғайривоқеиро дар замони гузашта оварда нақл кунад. Натиҷаи ин таҷриба нишон дод, ки агар ҳастаҳои ривоии қиссаҳои шарҳиҳолӣ ё машҳуд, ки одатан дар замони гузаштаи наздик меоянд, дар замони ҳозира-оянда ифода шаванд, он гоҳ ин қисса ба қиссаи бофта ё қиссае, ки ҳодисаи он дар оянда воқеъ мешавад, табдил меёбанд. Агар ин гурӯҳи ривоёт санаи таърихӣ дошта бошанд, қисса тамоман нофаҳмо мешавад. Ҳангоми нақли қиссаҳои ғайривоқеӣ, ки ҳастаи ривоии онҳо дар замони ҳозира-оянда ифода мешавад, хостем, то гӯянда онро дар замони гузаштаи наздик нақл кунад, аммо ӯ ба ҷойи замони гузаштаи наздик замони гузаштаи нақлиро истифода бурд.

Ҳамин тариқ, таҷриба нишон дод, ки дар кадом замон истифода бурдани ҳастаи ривоӣ ба мақсади гӯянда вобаста аст ва муайян гардид, ки интихоби замони ҳастаи ривоӣ яке аз воситаҳои муҳимми ифодаи **возеҳият (evidentiality)**, яъне муайян намудани иштирок кардан ё накардани гӯяндаи нақл дар мураккабшавии амал (машҳуд ё ғайримашҳуд) дар бахши забоншиносии матн мебошад. Яъне, замони гузаштаи наздик воситаи ифодаи машҳудӣ, замони гузаштаи нақлӣ ва замони ҳозира-оянда воситаи ифодаи ғайримашҳудӣ мебошанд.

Хулосаи зикргардида натиҷаи омӯзиш ва таҳлили танҳо ривоятҳо, латифаҳо, қиссаҳо аз саргузашти одамон, қиссаҳои шарҳиҳоливу машҳуд мебошад, ки сокинони ҳашт деҳаи ноҳияи Ишкошими Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо нақл карданд. Бинобар ин, бояд зикр кард, ки жанри афсона аз сабаби ба пуррагӣ дастрас набудан, ҳангоми муайян кардан ва нишон додани шаклҳову хусусиятҳои сохтори нақлии жанрҳои мансури шифоҳии вахонӣ, таҳлилу баррасӣ нагардид. Вале бояд гуфт, ки ба назари мо, интихоби шакли замонҳо дар афсонаҳо низ ҳамин тавр аст, яъне феълҳои ҷумлаҳои ривоӣ шакли замони ҳозира-оянда ё замони гузаштаи нақлӣ доранд. Чунки афсонаҳо ҳам жанри ғайримашҳуд мебошанд.

Вазифаҳои дискурсии замонҳои феъл дар жанрҳои шифоҳии вахонӣ

	Қиссаҳои машҳуд ва шарҳиҳолӣ	**Қиссаҳои ғайривоқеӣ, латифаҳо ва қиссаҳо аз саргузашти одамон**

Самтбахшӣ	*а) ҳолат ва вазъияти амал:* замони гузаштаи наздик, замони гузаштаи давомдор, замони гузаштаи нақлӣ *б) ҳолат ва вазъияти амал, ки то ҳоло давом мекунад:* замони ҳозира-оянда	*а) ҳолат ва вазъияти амал:* замони гузаштаи нақлӣ *б) ҳолат ва вазъияти амал, ки то ҳоло давом мекунад:* замони ҳозира-оянда
Мураккабшавии амал ва **Гиреҳкушоӣ**	**ҳастаи ривоӣ**: замони гузаштаи наздик	**ҳастаи ривоӣ**: одатан замони ҳозира-оянда, (замони гузаштаи нақлӣ)
Ҷумлаҳои озод ва ниммухтор (самтбахшӣ ва баҳодиҳӣ) дар қисматҳои мураккабшавии амал ва гиреҳкушоӣ дар байни чумлаҳои ривоии ёфташуда	*1) феълҳои тасвирӣ:* замони гузаштаи наздик ва замони гузаштаи давомдор *2) ҳолат ва амали гузашта, ки то замони нақл иҷро шудааст:* замони гузаштаи нақлӣ ва замони гузаштаи дур 3) *феълҳои баҳодиҳӣ:* замони ҳозира-оянда, замони ҳозираи давомдор	*1) феълҳои тасвирӣ:* одатан замони гузаштаи нақлӣ замони ҳозира-оянда, замони ҳозираи давомдор *2) ҳолат ва амали гузашта, ки то замони нақл иҷро шудааст:* замони гузаштаи нақлӣ ва замони гузаштаи дур 3) *феълҳои баҳодиҳӣ:* замони ҳозира-оянда, замони ҳозираи давомдор

Қисмати самтбахшӣ аз ҷумлаҳои озод иборат аст. Истифодаи замони феъл дар ин ҷумлаҳо мисли ҷумлаҳои ривоӣ нест ва интихоби замони феъл озодтар аст.

Мураккабшавии амал ва **гиреҳкушоӣ** фақат аз ҷумлаҳои ривоӣ иборатанд. **Ҳастаи ривоӣ**, яъне феъли сарҷумла, дар ин қисмат дар қиссаҳои машҳуд ва шарҳиҳолӣ ҳатман дар **замони гузаштаи наздик** меояд ва дар қиссаҳои ғайривоқеӣ, латифаҳо ва дар қиссаҳо аз саргузашти одамон дар **замони ҳозира-оянда** ё **дар замони гузаштаи нақлӣ** меояд.

Ҳангоми **гузариш** аз қисмати **самтбахшӣ** ба қисмати **мураккабшавии амал** замон ва намуди феъл тағйир меёбад. Агар дар **самтбахшӣ,** дар қиссаҳои машҳуд ва шарҳиҳолӣ феълҳо дар замони гузаштаи наздик, гузаштаи давомдор, гузаштаи нақлӣ ё замони ҳозира-оянда оянд, дар **мураккабшавии амал** ҳастаҳои ривоӣ (феълҳои ҷумлаи ривоӣ) фақат дар замони гузаштаи наздик ифода мегардад. Дар қиссаҳои ғайривоқеӣ, латифаҳо ва қиссаҳо аз саргузашти одамон, агар дар **самтбахшӣ** феълҳо одатан дар замони гузаштаи нақлӣ ё ҳозира-оянда оянд, дар **мураккабшавии амал** ҳастаҳои ривоӣ одатан дар замони ҳозира-оянда ифода меёбанд.

Дар ин гузариш тағйироти амал тавассути дигар воситаҳо низ падид меояд. Яке аз онҳо зарфи “баъд” (вах. “yan”) аст, ки пеш аз феъл меояд. Ин зарф, ки вазифаи аломати инкишофи амалро (development marker) иҷро мекунад, одатан ҳангоми амали нави он ривоя пайдо мешавад. Дигар зарфҳо, масалан “ногаҳон” (вах. “iwək”) ё ифодаҳои дигар, ба мисли “як рӯз” (вах. “i rwor”) метавонанд ин вазифаро иҷро кунанд, аммо дар ин гузариш тағйирёбии замон ва намуди феъл нишонаи асосӣ аст.

А. *Намунаи **самтбахшӣ** ва **гузариш** аз **самтбахшӣ** ба **мураккабшавии амал** дар қиссаи машҳуд*:

A dət solovi ki sakənəš də Skošым **zindagi cə kərti**, - *Самтбахшӣ а) з. г. давомдор*
Солҳое, ки мо дар Ишкошим **зиндагӣ мекардем**.

...wuzəm sinfoi nы yo aštəm **tu**. - *Самтбахшӣ а) з. г. наздик*
...ман дар синфҳои ҳашт-нуҳ **мехондам. (будам).**

Baf tər žы yod **nast**. - *ҷумлаи баҳодиҳӣ - з. ҳоз.-оянда*
Нағз дар хотир **надорам**.

Spocən i amsoya **tu**. Spo amsoya nung **tu** Glob. - *Самтбахшӣ а) з. г. наздик*
Мо як ҳамсоя **доштем**. Номи ҳамсояи мо Гулоб **буд**.

Yaw ðəў̆d nung **tu** Salo. - *Самтбахшӣ а) з. г. наздик*

Номи духтараш Шаҳло **буд**.

Ya prčod aʒi tər dgar prčodvi monand **nətu**, - *Самтбахшӣ а) з. г. наздик*

Ин духтарак он қадар ба дигар духтарон монанд **набуд**,

...bə dili ǩat**əš ṣtik kərti**, doim**əš** toqa-toqa **nəyni**. - *Самтбахшӣ а) з. г. давомдор*

...худ ба худ бозӣ **мекард**, танҳо **менишаст**.

Мураккабшавии амал

Yan i rwor a yət prčod **našti** də spo kыča..... – *ҳастаи ривоӣ* - ***з. г. наздик***

Баъд, як рӯз ин духтар аз кӯчаи мо **гум шуд....**

Б. *Намунаи **самтбахшӣ** ва **гузариш** аз **самтбахшӣ** ба **мураккабшавии амал** дар қисса аз саргузашти одамон*

A yəm dəwrai mis a yəm awʏoniš sak ʏa azob **rətk-o**. - *Самтбахшӣ а) з. г. нақлӣ*

Дар давраи пеш, афғонҳо моро хеле азоб **додаанд**.

Xay, malым ki tarix, yət əčkuy yət **nədišt**. - *ҷумлаи баҳодиҳӣ - з. ҳоз.-оянда*

Хайр, маълум, ки ин таърих аст, ҳеҷ кас инро **намедонад**.

Doim, misol, a canən yawiš cə **wəzgit**, **wəzg** trəm xalgəv, - *Самтбахшӣ а) з. г. нақлӣ*

Ҳамеша, масалан, аз он тараф, ки **меомаданд,** назди ин мардум **меомаданд (омадаанд)**

...misoli, mol-olәv **zətk**, xыšruy prčodəv **kərk ǩudi, yutkəv** tra. - *Самтбахшӣ а) з. г. нақлӣ.*

...масалан, молу ҳолро кашида **мегирифтанд (гирифтаанд)**, духтарҳои зеборо дуздида **мебурданд (дуздӣ бурдаанд)** он сӯй.

Dəm Ptыp, də Yəmčыn, **tuətk** i prčod, ʏa xыšruy **tuətkit**. - *Самтбахшӣ а) з. г. нақлӣ.*

Дар Птуп, дар Ямчун, як духтар **будааст**, ки хеле зебо **будааст**.

Мураккабшавии амал

Yan awʏoniš ca paləwən **wəzyən** ǩы, - *ҳастаи ривоӣ **з. ҳоз.-оянда***

Баъд, афғонҳо аз он тараф **меоянду**

...wəzyən dыrzən yawi, **rəčən**. - *ҳастаи ривоӣ **з. ҳоз.-оянда***

...меоянду ӯро **мегиранду мераванд**.

Баҳодиҳӣ бо ҷумлаҳои озод ифода мешавад ва байни ҷумлаҳои ривоии қисматҳои мураккабшавии амал ё гиреҳкушоӣ ҷойгир мешаванд, ё дар алоҳидагӣ дар охири ривоя меоянд. Шакли ҷумлаҳо, ки муносибати гӯяндаро ба нақл изҳор мекунанд, то дараҷае озод аст ва метавонад гӯянда аз замон, намуд ва сиғаҳои гуногуни феъл истифода барад.

Қисмати **мақтаъ** дар ҳар ду намуди қиссаҳо (яъне қиссаҳои дар замони гузаштаи наздик ва қиссаҳои дар замони ҳозира-оянда нақлшуда) аз ҷумлаҳои озод иборат аст ва одатан дар замони ҳозира-оянда, замони гузаштаи наздик ё замони гузаштаи нақлӣ ифода мешавад.

Намунаи ривоя дар замони гузашта нақлшуда: (қиссаи машҳуд)

Мураккабшавии амал

1. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (rəʏd-ən, тоҷ. рафтем) - з. г. наздик

Ircraxi wuz=ət ǯы rcopc də bu xur-ən tər ǰəngal ʏuz-ər **rəʏd-ən.**

Ҳангоми тулӯи офтоб ману амакбачаам бо ду хар ба ҷангал барои ҳезум **рафтем.**

Самтбахшӣ

2а. Ҷумлаи озод - з. г. 2б. Ҷумлаи озод – з. г. давомдор

Awo baf=ət bi mur **tu**, amo cə wuč-nag kam-kamək nыwыk=**əš di**.

Осмон софу беабр **буд**, аммо аз тарафи боло кам-кам боди сард **мевазид**.

Мураккабшавии амал

3а. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (ǩat=ən, тоҷ. расидем) - з. г. наздик

Də ǰəngal **ǩat=ən=ət**

Ба ҷангал **расидему**

3б. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (vasti, *тоҷ.* бастем) - з. г. наздик

...ҳы xurv=ən **vasti**.
...харҳоямонро **бастем.**

4. Ҷумлаи ривоии мураккаби тобеъ; ҳастаи ривоӣ (sar viti, тоҷ. сар шуд) - з. г. наздик

ɣal iwi band ɤuz nədyətu=ən ki, xurv=ən ar=ət bыf **sar viti**.
Ҳанӯз ҳезум тайёр накарда будем, ки ҳангоси харон **сар шуд**.

*5. Ҷумлаи ривоии мураккаби тобеъ; ҳастаи ривоӣ (**rəɤd=ən**, тоҷ. **рафтем**) - з. г. наздик*

Niv gəsogəs **rəɤd=ən** *ki, xurv-i ʂaptiš qbal=əv kərk.*
Ҳоло давида **рафтем** (ва дидем)**,** *ки гургон харҳоро иҳота кардаанд.*

6а. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (waɤd=ən тоҷ. дод задем) - з. г. наздик

Sak bə **waɤd=ən=ət**
Мо ҳам **дод задему**

6б. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (ay kərt=ən, тоҷ. ҳай кардем) - з. г. наздик

...də ɤar-ən=ət ʂung-ən, də ҳы tparv-ən ʂaptv-i **ay kərt=ən**.
...бо сангу чӯб, бо табарҳоямон гургонро **хай кардем**.

Гиреҳкушой

7. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (rən=əv, тоҷ. гурехтанд) - з. г. наздик

Saptiš **rən=əv**.
Гургон **гурехтанд**.

8а. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (dəyt=ən, тоҷ. буридем) - з. г. наздик

Sak bəbafiɤ ɤuz **dəyt=ən=ət**
Мо ба хубӣ ҳезум буридему

8б. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (pšət=ən, тоҷ. баргаштем) - з. г. наздик

...pšət=ən xun-ər.
...ба хона **баргаштем**.

Намунаи ривояи дар замони ҳозира-оянда нақлшуда:

Яке аз хусусиятҳои қиссаҳои шифоҳии забони вахонӣ кӯтоҳ кардани нақл мебошад, ки ҳамчун норасоии маълумоти муҳим барои мафҳуми нақл ба назар мерасад. Ин хели қиссаҳо дар Вахон хеле паҳн шудаанд, зеро маълумоти ҳол ба шунавандагони ин қисса, аллакай, дастрас аст ва такрор кардани он лозим нест. Аз ин сабаб, барои шунавандагоне, ки ин қиссаро бори аввал шунида бошанд, каме нофаҳмо менамояд, аммо, барои шунавандагоне, ки чунин қиссаҳоро шунидаанд, комилан фаҳмо аст [7, 233].

Дар варианти дигари ин қисса, ки дастраси мо шуд, маълумоти самтбахшӣ чунин ба назар мерасад:

”Як сол дар як ҷо беобии сахт шудааст. Одамон аз беобӣ фасли баҳор кишт карда наметавонанд. Ҳамин вақт дар ин деҳа як шахс пайдо мешавад. Ӯ аҳволи мардумро дида дилаш месӯзад ва мардеро ҷеғ зада мегӯяд: -Ана, ҳамин белчаи маро гирифта, ба баландӣ баро, ҳамин ки ба назди санги калон расидӣ, белчаро як бор ба хок зада, онро барор, зинҳор онро наҷунбон.....”

Самтбахшӣ

1. Ҷумлаи озод – з. г. нақлӣ

Yəm məmləkat **tuətk** bыnətkin.
Ин мамлакати бесоҳиб **будааст**.

Мураккабшавии амал

2а. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (wizit, тоҷ. мерояд) – з. ҳоз.-оянда

I šaxc **wizit**,

Як шахс (он ҷо) **меояд**, (*дар забони вахонӣ “шахс” ба маънои 1. “оқил”, “хирадманд”, 2. “муъҷизакор” истифода мешавад*)

2б. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (xand, тоҷ. мегӯяд) – з. ҳоз.-оянда

...xand: “E, tu kišt nəcar-o?“
…(ин шахс) **мегӯяд**: “Эй, ту кишт намекунӣ?”

3. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (хǎnd, тоҷ. мегӯяд) – з. ҳоз.-оянда

Хǎnd: “xay, yupk nast, crəng goхǎm?”
(Он мард) **мегӯяд:** “хайр, об нест, чӣ кор кунам?”
4. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (хǎnd, тоҷ. мегӯяд) – з. ҳоз.-оянда
Хǎnd: “yupk wost.”
(Он шахс) **мегӯяд:** “об мешавад.”
5а. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (rand, тоҷ. медиҳад) – з. ҳоз.-оянда

Yan, a-ǰon, ҳы bilčai yawər **rand**,
Баъд, эй ҷон, ба ӯ (ба он мард) белчаро **медиҳад** (ва мегӯяд)
5б. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (yund, тоҷ. гир) – з. ҳоз.-оянда

“Yəm bilčai **yund** a-dra!”
“Ин белчаро **гир**у ба он ҷо бар!”
6. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (тарыvd, тоҷ. меҷунбонад) – з. ҳоз.-оянда

Yət yan rost yaw nəxašṭ, **тарыvd**.
(Он мард) онро рост кашида намебарорад, онро **меҷунбонад**.
7а. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (тарыvd, тоҷ. меҷунбонад) – з. ҳоз.-оянда
Yan **тарыvd**,
Баъд (онро) **меҷунбонад,**
7б. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (wərəšṭ, тоҷ. меистад) – з. ҳоз.-оянда

...yəm bilča ara **wərəšṭ=ət**,
...ин белча дар он ҷо **меистаду**
7в. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (wizit, тоҷ. мебарояд) – з. ҳоз.-оянда

...yəm yupk ska dəsta **wizit.**
…ин об аз дастаи белча **мебарояд.**

Баҳодиҳӣ

8. Ҷумлаи озод

Niv, a ska bilča ǔatəš cə wəzdi, mыmkin buy a yət čəšma dod yupk.

Аммо, агар об аз худи белча мебаромад, мумкин ба қадри ду оби он чашма мебуд.

Мураккабшавии амал

9. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (пыwzən, тоҷ. меоянд) – з. ҳоз.-оянда

Yan **пыwzən** a dət xədoî.
Баъд (одамон) ба ин худоӣ меоянд.

Гиреҳкушоӣ

10а. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (carən, тоҷ. мекунанд) – з. ҳоз.-оянда

Carən kišṭ,
(Одамон дар он ҷо) кишт **мекунанд**
10б. Ҷумлаи ривоӣ; ҳастаи ривоӣ (wost, тоҷ. мешавад) – з. ҳоз.-оянда
...wost obod.
...(он ҷо) обод **мешавад**.

Мақтаъ

11. Ҷумлаи озод.

Me yət a yət rang.
Ана, ин ҳамин хел.

Хулоса. Таҳқиқ нишон дод, ки дар жанрҳои шифоҳии вахониёни Тоҷикистон интихоби замони ҳастаи ривоӣ, яъне замони феъли ҷумлаи ривоӣ, вобаста ба мақсади гӯянда ба кор рафта, яке аз воситаҳои ифодаи возеҳият (яъне муайян кардани иштирок кардан ё накардани гӯяндаи нақл дар мураккабшавии амал: машҳуд ё ғайримашҳуд) ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, ҳастаҳои қиссаҳои шарҳиҳолӣ ва қиссаҳои машҳуд дар бораи воқеаҳое, ки дар он гӯянда иштирок дорад, дар замони гузаштаи наздик меоянд. Ҳастаҳои қиссаҳои ғайривоқеӣ, латифаҳо ва қиссаҳо аз саргузашти одамон, яъне он

ҳастаҳои қиссаҳое, ки дар он гӯянда иштирок надорад, одатан дар замони ҳозираоянда ё дар замони гузаштаи нақлӣ ба кор мераванд.

А Д А Б И Ё Т

1. Грюнберг А. Л. Языки восточного Гиндукуша: Ваханский язык: монография / А. Л. Грюнберг, И. М. Стеблин-Каменский. – Москва: Наука, 1976. – 670 с.
2. Пахалина Т. Н. Ваханский язык:монография / Т. Н. Пахалина. – Москва: Наука, 1975.
3. Labov W. Narrative Analysis: oral versions of personal experience: article / W. Labov, J. Waletzky // J. Helm Essays on the verbal and visual arts. - Seattle/London: University of Washington Press, 1967. - P.12-44.
4. Labov W. The Transformation of Experience in Narrative Syntax: article / W. Labov // Language in the inner city: Studies in the Black English Vernacular. - Philadelphia: University of Pennsylvania Press, 1972. - P.354-396.
5. Lewis M. Paul. Ethnologue: Languages of the World, Seventeenth edition / M. Paul Lewis, Gary F. Simons, Charles D. Fennig. - Dallas, Texas: SIL International, 2013.
6. Mock J. The Discursive Construction of Reality in the Wakhi community of Northern Pakistan: PhD Dissertation / J. Mock. – Berkeley: University of California, 1998.
7. Obrtelová J. Participant reference in the narrative text in the Wakhi language: article / J. Obrtelová // Забон – рукни тоат (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2013. - К.6. - Р.231–237.

НАРРАТИВНАЯ СТРУКТУРА УСТНЫХ НАРРАТИВНЫХ ЖАНРОВ ВАХАНСКОГО ЯЗЫКА

В статье представлены результаты изучения особенностей дискурса ваханских устных рассказов, проведенного на основе методологии, предложенной профессором У. Лабовым. Рассказы были собраны в Вахане Таджикистана в течение 2010 – 2011 гг. В первой части автором вкратце описаны устные нарративные жанры, распространённые среди ваханцев Таджикистана. Во второй части изложены особенности нарративных предложений и их временная последовательность, а также характеристика финитного глагола нарративных предложений в разных видах устных рассказов. Третья часть включает схему функций глагольных времён в нарративных стадиях рассказа, как резюме, ориентация, осложнение, оценка, решение и кода.

Ключевые слова: устные нарративные жанры, нарратив, нарративный, рассказ очевидца, временная (хронологическая) последовательность, нарративное предложение, свободное предложение, резюме, ориентация, осложнение, оценка, решение, кода, эвиденциальность.

NARRATIVE STRUCTURE OF THE ORAL NARRATIVE GENRES IN THE WAKHI LANGUAGE

This article presents the results of the research on the discourse features of of Wakhi oral narratives collected in the Wakhan valley in Tajikistan in 2010 – 2011 and subject to analysis in 2012 – 2013. The analysis of narrative genres was based Labov's model. In the first part the article presents the short description of oral narrative genres found among the Wakhis in Tajikistan. The second part examines the features of narrative clauses, temporal sequence and narrative heads in various types of Wakhi narratives. The third part presents an overview of use and function of verbal tenses in the narrative stages in the overall structure of Wakhi narratives (abstract, orientation, complicating action, evaluation, resolution and coda).

Key terms: oral narrative genres, narrative, eye-witness story, temporal sequence, narrative clause, free clause, narrative head, abstract, orientation, complicating action, evaluation, resolution, coda, evidentiality

Сведения об авторе: ***Я. Обртелова*** – докторант Института лингвистики и филологии Университета Уппсалы в Швеции, слушатель Центра изучения языков ТНУ. Телефон: **934-42-25-07**

АЗ ТАЪРИХИ ОМӮЗИШИ КАТЕГОРИЯИ СИҒА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ

С. Хуҷамқулов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Омӯзиши категорияи сиға дар илми забоншиносӣ ҳанӯз аз давраи аввали пайдоиши афкори забоншиносӣ рӯйи кор омада, донишмандони гузашта перомуни ифодашавии он андешаҳояшонро иброз доштаанд.

Дар системаи феълии забон сиға яке аз мавзӯъҳои мураккаб ва душвор ба шумор меравад. Аз ин ҷиҳат назари донишмандони соҳа доири он гуногун буда, ҳар яке ба таври омӯзиши худ онро шарҳ додааст.

Сиға дар ифодаи ҷумла яке аз воҳидҳои асосӣ мебошад, чунки вазифаи асосии он нишон додани воқеияти амал ва инчунин ифода кардани замони иҷроиши вай мебошад, ки дар якҷоягӣ бо категорияи дигари феъл–замон баён меёбад [4, 204].

Аввалин назариявҳои забоншиносии тоҷик дар асарҳои донишманди бузург Абӯалӣ ибни Сино оварда шудааст. Аз ҳамин нуқтаи назар забоншиносон маҳз ҳамин мутафаккирро асосгузори илми забоншиносии тоҷик номидаанд.

Абӯалӣ ибни Сино асари алоҳидае дар бораи забони тоҷикӣ ва сохтори он нанигоштааст, балки дар осори ҷудогонааш, махсусан дар асарҳои «Донишнома» ва «Махориҷ-ул-ҳуруф» ба мавзӯъҳои забоншиносӣ дахл намудааст.

Аз ҷумла дар рисолаи «Мантиқ»-и «Донишнома» бахшеро бо номи ***«Падид кардани маънии ном ва куниш ва ҳарф»*** ҷудо намудааст, ки дар он доир ба системаи ҳиссаҳои нутқи забони тоҷикӣ сухан меронад. Ӯ таркиби забонро аз се ҳиссаи нутқ иборат дониста, онҳоро *ном (исм), куниш (феъл)* ва *ҳарф (ҳиссаҳои номустақили нутқ)* мегӯяд.

Ибни Сино доири феъл ва ифодашавии категорияҳои грамматикии он–замон, шахс, шумора, масдар, замонҳои мозӣ (гузашта), ҳол (ҳозира) ва мустақбал (оянда), феъли музореъ ва дигар паҳлӯҳои он сухан рондааст. Вале, доир ба сиға ва тарзу усули ифодашавии ин категорияи феъл Абӯалӣ ибни Сино маълумоте надодааст, ки ин чиз аз мутолиаи асари ӯ ба яқин маълум аст. Шояд сабаб дар он бошад, ки сарчашмаи афкори забоншиносии Ибни Сино забоншиносии араб мебошад ва дар забоншиносии араб ин категория доираи васеи омӯзишро соҳиб нест, вале боз чизи дигар ин аст, ки дар забоншиносии асримиёнагии тоҷик донишмандон зери мафҳуми сиға шаклҳои феълиро ба назар гирифтаанд. Аммо Ибни Сино ҳангоми баррасии замонҳо шаклҳои феълӣ гуфта ибрози афкор менамояд.

Дигар аз забоншиноси асримиёнагии тоҷик, ки баъд аз Ибни Сино ба омӯзишу таҳқиқи забони тоҷикӣ машғул шудааст Носири Хусрав мебошад. Метавон гуфта, ки яке аз пайравони Ибни Сино ба шумор меравад ва дар омӯзиши забони тоҷикӣ-форсӣ такя ба ин донишманди бузург намудааст.

Носири Хусрав дар осори гаронбаҳояш «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн» ва «Зод-ул-мусофирин» оид ба илми забоншиносӣ ва системаи грамматикии забони тоҷикӣ сухан ронда, чун Ибни Сино се замони феълро қайд менамояд: *«Замон ба се қисм аст: яке ҳозир, чун «имрӯз» ва «ин соат». Ва дигар гузашта, чун «дӣ» ва «парер». Ва се дигар оянда, чун «фардо» ва «пасфардо» ва чизҳои замонӣ низ бад-ин се қисм аст»* [9, 107].

Мутаассифона, андешаҳои Носири Хусрав доир ба сиға ва хелҳои он номаълум боқӣ мемонад, ки ин чизро олими забоншинос Д.Хоҷаев низ қайд менамояд. Чизи аз ҳама муҳим дар таълимоти ӯ ин аст, ки ба замонҳои феъл номи тоҷикӣ гузоштааст ва минбаъд дар забоншиносӣ ҳамин истилоҳҳои пешниҳодкардаи ӯ истифода бурда шудааст. Носири Хусрав бештар ба қисмати фонетикии забон дахл намудааст ва бо ин назариёташ яке аз бунёдгузорони илми забоншиносии тоҷик ба шумор меравад.

Баъд аз Носири Хусрав ба таҳқиқу таҳлили мавзӯъҳои сохтории забони тоҷикӣ Насируддини Тӯсӣ машғул гардид, ки бештар ба қисмати лексикологияи забон диққат намуд. Ӯ ҳам дунболи афкори Ибни Сино рафта, дар қисмат намудани ҳиссаҳои нутқ такя ба ӯ менамояд ва се ҳиссаи нутқро қайд менамояд: *ном (исм), феъл* ва *ҳарф*. Оиди шаклҳои феълӣ ва хусусан ифодашавии сиға ва замонҳо маълумотҳо норавшан мебошад.

Баъди ин омӯзишҳо илми забоншиносии тоҷик миёни дигар соҳаҳои илм шинохта шуд ва ҳамин буд, ки дар асри XIII яке аз олимони машҳури ин соҳа Шамси Қайси Розӣ ба майдони илм ворид шуд ва дар пайи таҳқиқи грамматикаи забон афтод. Ин донишманд аввалин нафаре буд, ки доир ба сохтори забони тоҷикӣ китоб таълиф намуд. Асари ӯ бо номи «Ал-мӯъҷам» аввалин манбаи илмӣ доири забон ва дастури он буд. Гарчанде таркиби ин китобро се бахши назм, яъне арӯз, қофия ва вазн ишғол менамояд, аммо муаллиф дар баррасии ҳар як мавзӯъ ҷиҳатҳои грамматикиро низ мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар бораи сиға ҳамчун категорияи грамматикии феъл аввалин маълумотҳоро ҳам ӯ пешниҳод менамояд. Ба ақидаи ӯ дар забони тоҷикӣ се навъи сиға мавҷуд мебошад: ***сиғаи қасд, сиғаи лузум*** ва ***сиғаи ҷавоз***. Ӯ мегӯяд: *«…Дар алфози масдар се сиға ҳаст, ки дар он «нун»-и масдар биафтад, яке сиғаи қасд, чунон ки «хоҳад омадан» ва яке сиғаи лузум, чунон ки «мебояд омадан», яке сиғаи ҷавоз (иҷозат) ва имкон, чунон ки «мешояд омадан» ва «метавон омадан»* [9, 147].

Тавре аз ин шарҳи муаллиф бармеояд, ҳар як сиға дорои феълҳои ёридиҳанда мебошанд. Феъли ёридиҳандаи сиғаи қасд, ки дар забоншиносии муосир ба сиғаи хабарӣ рост меояд *«хостан»* мебошад, вале дар забоншиносии муосир ба воситаи ин феъл замони ояндаи номуайяни сиғаи хабарӣ сохта мешаваду халос. Феъли модалии *«боистан»* ҳамчун феъли ёридиҳанда дар сиғаи лузум, ки ба сиғаи шартию хоҳишмандӣ баробар аст, мебошад ва воқеан ҳам дуруст аст, зеро ин феъл иҷрои амалро ҳатмӣ нишон медиҳад. Дар сиғаи ҷавоз, яъне имкону иҷозат, ки дар назарияи забоншиносии муосир ба сиғаи эҳтимолӣ ва хоҳишмандӣ ифода мешавад, феъли *«тавонистан»* чун феъли ёридиҳанда қайд гардидааст. Доири замонҳои феъл низ ӯ андешаҳояшро иброз дошта, замони гузашта ва ҳозира-ояндаро қайд намудааст.

Ӯ замони гузаштаро бо номи **«мозӣ»** истифода бурда, чунин мегӯяд: *«Алфози мозӣ чун «рафт» ва «гуфт» ва «омад» ва «шуд» ва «дид» ва «шунид» ва «кард» ва*

«овард» ва гайри он шояд, ки қофия созанд бар хилофи алфози музореъ, ки сиғаи мозии калимоти муфраданду сиғаи мустақили мураккабанд» [9, 148].

Бояд гуфт, ки Шамси Қайси Розӣ дар таълифоташ истилоҳи сиғаро баъзан ба маънои «шакли феълӣ» ҳам истифода намудааст.

Доир ба замони ҳозира-оянда, ки донишманд онро **музореъ** номгузорӣ кардааст, қайд мекунад: *«Ҳарфи музореъ ва он «дол»-е муфрад аст, ки дар авохири калимот феълро сиғаи музореъ гардонад, чунон ки «ояд», «равад», «мегӯяд», «мешунавад»* [9, 148].

Бо ҳамин тартиб ин донишманд афкорашро оид ба системаи дастурии забони тоҷикӣ иброз намуда, бо ин таълифоташ яке аз асосгузорони илми забоншиносии тоҷик ҳисобида шудааст.

Оғози асри XVI барои илми забоншиносии тоҷик марҳилаи басо рангинеро кушод, зеро яке аз донишмандони бузурги забоншинос Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, ки то ӯ касе ба чунин содагию возеҳӣ забони тоҷикиро таҳлил накарда буд, ба илм ворид шуд.

Ин донишманд бо номи «Чаҳор гулзор» асаре таълиф намуд, ки пурра ба илми забоншиносӣ ва сохтори грамматикии забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Дар он оид ба қисматҳои забон–морфология, синтаксис, фонетика, лексикология ва мавзӯъҳои фарогирандаи онҳо маълумот додааст.

Ҳамон тавре аз унвони асар маълум аст, китоб аз чаҳор гулзор (*фасл–**С.Ҳуҷамқулов***) иборат буда, ҳар як гулзор дар навбати хеш дорои гул (*бахш–**С.Ҳуҷамқулов***)-ҳо мебошад. Андешаҳои дастурии муаллиф дар гулзори якум оварда шуда, аз панҷ гул таркиб ёфтааст. Афкори Хоҷа Ҳасани Нисорӣ доир ба системаи феъли забони тоҷикӣ ва тарзи сохтору ифодашавии он, инчунин категорияҳои ин ҳиссаи нутқ маҳз дар гули дувуми ҳамин гулзор зикр меёбад.

Хоҷа Ҳасани Нисорӣ феълро яке аз мураккабтарин ҳиссаҳои нутқ номида, вазифаи асосии онро дар ифода намудани замони амал медонад ва чунин қайд мекунад: *«Феъл калимаест, ки аз ӯ яке аз азминҳаи салоса (*замони амал–***С.Ҳуҷамқулов***), яъне мозӣ (гузашта) ва ҳол (ҳозира) ва истиқбол (оянда) фаҳмида шавад, чун "кард" ва "мекунад" ва "хоҳад кард" аз "кардан" ва "гуфт" ва "мегӯяд" ва "хоҳад гуфт" аз "гуфтан"»* [7, 13].

Пас аз ин шарҳ муаллиф ба баррасии паҳлӯҳои гуногуни феъл мепардозад.

Ӯ категорияи сиғаро ҳангоми таҳлили замонҳои феъл шарҳ медиҳад ва тавре аз мутолиаи асари ӯ маълум мешавад, ба ақидаи Нисорӣ дар забони тоҷикӣ се навъи сиға мавҷуд мебошад: ***сиғаи хабарӣ, сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ*** ва ***сиғаи амрӣ***. Дар муқоиса ба назарияи забоншиносии муосири тоҷик назар андозем як навъи дигари сиға–сиғаи эҳтимолӣ дар таълимоти Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дида намешавад ва чумлаҳое, ки ба таври эҳтимол баён мешаванд ин донишманд дар сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ дохил намудааст. Шояд асоси ин назарияро донишманд дар он бинад, ки эҳтимолият аз худи фоили амал, яъне шахс вобаста мебошад. Агар ӯ хоҳиши иҷрои амалро кунад, амал иҷро мешавад ва агар нахоҳад не.

Перомуни ифодашавии замонҳои феъл Нисорӣ андешаҳои ҷолиб ва боварибахши илмиро иброз доштааст. Дар фарқият аз системаи замонии феъли забони ҳозираи тоҷик Нисорӣ танҳо замони ҳозираи давомдорро ё худ ҳозираи муайян низ меноманд, шарҳ надодаасту халос. Дигар ҳама шаклҳои замонӣ дар таълимоти ӯ дида мешавад. Мавҷуд набудани замони ҳозираи давомдор ё муайян дар шарҳи Нисорӣ сабаб ҳам дорад, зеро ба қавли забоншиносон (Ш.Рустамов) ин замон дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ ба истеъмол даромада, ҳамчун шакли алоҳидаи замони феъл дар забони тоҷикӣ шинохта шудааст, ки тарзи сохтори он аз сифати феълии феъли асосӣ, феъли ёридиҳандаи **«истодан»** ва бандакҳои хабарӣ иборат мебошад: ***рафта истодаам, хонда истодаем*** ва ба ҳамин монанд.

Хоҷа Ҳасани Нисорӣ аз замонҳои сиғаи хабарӣ чунин шаклҳоро шарҳ додааст: ***замони гузаштаи мутлақ (гузаштаи наздик ё номуайян), замони гузаштаи наздик (гузаштаи нақлӣ), замони гузаштаи дур, замони гузаштаи истимрорӣ (гузаштаи ҳикоягӣ), замони ҳозира-оянда***, ки Нисорӣ онро сиғаи ҳол номидааст, ***замони ояндаи дур*** ва ба қавли донишманд мустақбал. Шакли дигари замонро, ки аз асоси ҳозираи феъл бо иловаи бандакҳои хабарӣ сохта мешавад, мисли *хонам, хонӣ, хонад, хонем, хонед, хонанд* ин донишманд сиғаи музореъ гуфтааст ва дар забоншиносии муосири тоҷик онро **аорист** меноманд.

Аз шаклҳои замонии сиғаи шартию хоҳишмандӣ Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ду навъро қайд менамояд: ***замони ҳозира-оянда*** ва ***замони гузашта***.

Доир ба замонҳои сиғаи амрӣ донишманд чунин ибрози назар мекунад: *«Амр се қисм аст: аввал-амри муҷаррад (сода); дуюм-амри мудомӣ; савум-амри ҳолия (ҳозира)»* [9, 235].

Албатта, қайд намудан зарур аст, ки Нисорӣ ҳар яки ин шаклҳои замониро ба таври пурра шарҳ додааст.

Чун илми забоншиносии тоҷик баъди ин қадар ҷустуҷӯҳо ва омӯзишҳо мақоми яке аз илмҳои заруриро дар омӯзиш соҳиб шуд, таваҷҷуҳи донишмандон низ ба он бештар гардид. Ҳамин буд, ки дар асри XIX донишманди дигар Воҷидалихони Муҷмалӣ пайи омӯхтани он афтод ва дар ин ҷода ноил ҳам гардид.

Ӯ бо номи «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун» асаре навишта, дар он перомуни сохтори дастурии забони тоҷикӣ-форсӣ ба таври кӯтоҳ маълумотҳо пешниҳод намудааст.

Хусусан, дар боби ифодашавии феъл ҳамчун ҳиссаи нутқ ва категорияҳои грамматикии он андешаҳои назаррасро иброз доштааст. Ин донишманд мисли забоншиносони пешин зери мафҳуми сиға шаклҳои феълӣ ё замонии феълро дар назар гирифта, таъкид менамояд, ки аз ҳар масдар чил сиға ба вуҷуд меояд. Аммо, доири категорияи сиға маълумотҳои ӯ норавшан боқӣ мемонад, зеро аз мутолиаи асари ӯ маълум мешавад, ки дар ҳар ҷое мафҳуми сиға омадааст, ифодакунандаи шакли замони феъл мебошад.

Дар забоншиносии муосири тоҷик низ омӯзиши сиға ҳамчун категорияи грамматикии феъл диққати бисёр донишмандонро ҷалб намудааст. Махсусан, дар ин самт корҳои забоншиносони барҷаста Сайидризо Ализодаи Самарқандӣ, Фитрат, Носирҷон Маъсумӣ, Саид Ҳалимов ва чандин донишмандони дигар қобили қайд аст.

Ҳарчанд доир ба сиға ва ифодашавии он корҳои илмӣ ба анҷом расидаанд, аммо боз паҳлӯҳои ба таҳқиқ ниёздоштаи он ҳоло ҳам вуҷуд доранд ва ҳамин аст, ки дар ин самт корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ идома доранд.

Дар Фаронса ҳам донишмандони риштаи забон ҳанӯз дар асри IX ба таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни илми забоншиносӣ машғул гардида, дар ин ҷода дастовардҳои мухталифро соҳибанд.

Забони фаронсавӣ се давраи рушдро аз сар гузаронида, дар ташаккул ва равнақи худ бисёр мушкилиҳоро паси сар намудааст ва барои зиндаву ҷовид мондани он забоншиносон хизматҳои шоиста кардаанд. Яке аз ин ғамхориҳо барои забон аз ҷониби донишмандон таҳқиқ намудани мавзӯъҳои мухталифи илми забоншиносии Фаронса мебошад. Махсусан, омӯзиши қисмати дастурии забони фаронсавӣ қобили қайд аст.

Ва тавре дар боло қайд намудем, новобаста аз забони омӯхташаванда яке аз мавзӯъҳои диққатҷалбкунанда дар грамматикаи забон таҳлил ва омӯзиши категорияи сиға мебошад.

Дар илми забоншиносии Фаронса ҳам ҷӯяндагон ба ин мавзӯъ диққат намуда, перомуни он андешаҳои фарқкунандаро пешниҳод намудаанд.

Ҳанӯз дар марҳилаи аввали тараққиёти забони фаронсавӣ, ки асрҳои IX-XII-ро дар бар мегирад, ин категория қайд карда шудааст.

*«Дар забони фаронсавии пешин (*давраи якум–**С.Хуҷамқулов***) феъл 4 категорияи грамматикиро соҳиб буд: **сиға, замон, шахс** ва **намуд**.*

Сиға 4 навъро соҳиб буд: сиғаи хабарӣ, сиғаи шартӣ, сиғаи шартӣ-эҳтимолӣ ва сиғаи амрӣ. Ҳар як аз сиға (ба ғайр аз сиғаи амрӣ) системаи махсуси замониро соҳиб мебошад» [6, 123].

Доираи омӯзиши категорияи сиға дар марҳилаи аввали пайдоиши афкори забоншиносии фаронсавӣ васеъ нест ва маълумотҳое, ки донишмандон пешниҳод намудаанд ба ҳамдигар шабеҳ ҳастанд, бинобар ин қайд кардани назарияи ягонагии онҳо ҳоҷат надорад. Аммо дар забоншиносии муосири фаронсавӣ ин мавзӯъ омӯзишҳои ҷиддиро соҳиб аст ва назарияи донишмандон мухталиф аст.

Дар бораи мавҷудияти сиға ҳамчун категорияи феъл забоншиносон се ақидаро ҷонибдорӣ мекунанд. Гурӯҳи якум сиға, замон ва намудро як категорияи баланддараҷаи феъл дониста, вуҷуд доштани онҳоро ба таври алоҳида инкор мекунанд. Ин андешаро Г.Гийом ҷонибдорӣ карда, чунин мегӯяд: *«Шаклҳои феълӣ вобаста аз нутқи гӯянда ва ҷараёни амал дар зинаҳои гуногуни замонӣ ифода карда мешаванд. Ифодаи тасвири замон ин натиҷаи муносибати гӯянда бо амали ҷараёндошта мебошад»* [3, 151].

Дар таълимоти Г.Гийом категорияҳо, хусусан сиға, замон ва намуд, ҳамчун дараҷаҳои гуногуни ифодаи амал ё худ ҷиҳатҳои инкишофи амал дар вақти иҷрошавӣ фаҳмида мешавад, лекин ин маънои онро надорад, ки онҳо ҳар яке категорияи алоҳидаи грамматикӣ мебошанд.

Гурӯҳи дуюми донишмандон (Мейе, Вандриес, Брюно, Дамурет, Богомолова, Имбс ва чанди дигар) замон ва намудро як категория ва сиғаро категорияи алоҳида мегӯянд. Зеро дар муносибати замон бо намуд ду шабеҳиятро қайд мекунанд:

– намуд ҳамчун категорияи феъл вуҷуд надорад, балки замон вобаста аз матни воқеӣ маънои намудии амалро ифода мекунад;

– маънои замонӣ ва намудӣ дар шаклҳои феълӣ баробар мебошанд ва дар як категорияи баланддараҷа–намудӣ-замонӣ ифода меёбанд, дар ҳолати маънои яке дар аввал омадан маънои дигарӣ гум мешавад [3, 152].

Ақидаи сеюмро забоншиносон Дюбуа, Пишон, Клюма, Боннара ҷонибдорӣ намуда, вуҷуд доштани ҳар яки ин категорияҳоро ба таври алоҳида баён кардаанд. Онҳо баръакси ақидаи гурӯҳи дуюми забоншиносон намудро категорияи асосӣ медонанд на категорияи замонро.

Шаклҳои сиға низ миёни донишмандон гуногунандешагиро ба вуҷуд оварда, онҳо навъҳои мухталифи онро нишон додаанд.

Аз он ҷумла Г.Гийом ҳамагӣ ду навъи сиғаро зикр менамояд. Ба андешаи ӯ ***conditionnel (сиғаи шартӣ-эҳтимолӣ)*** яке аз шаклҳои ***indicatif (сиғаи хабарӣ)*** мебошад ва ***impératif (сиғаи амрӣ)***-ро аз қатори хелҳои сиға берун менамояд. Аммо забоншиносони муосир мисли Вилме, Рижел, Вегнер-Пеншон ва чанди дигар навъҳои сиғаро ба шахсӣ ва бешахс ҷудо намуда, дар маҷмӯъ 6 хели онро овардаанд: **шахсӣ**– *indicatif, conditionnel, subjonctif, impératif*; **бешахс**–*infinitif, participe (+gérondif)* [3, 152-153].

Вале дар шаклҳои бешахси сиға–масдар ва сифати феълӣ асоси модалият, яъне шахс дида намешавад ва муносибати ӯ бо амали дар назар дошташаванда номаълум мемонад, бинобар ҳамин ҳам шурӯъ аз қарни XIX забоншиносон ба хулосае омаданд, ки шаклҳои сиға танҳо 4 навъанд. Омӯзишҳо бошанд дар ин самт давом доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ализода С. С. Сарфу наҳви тоҷикӣ / С.С.Ализода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 257 с.
2. Балли Ш. Общие лингвистика и вопросы французского языка / Ш.Балли. – Москва: Иностранной литературы, 1955. – 416 с.
3. Гак В. Г. Теоретическая грамматика французского языка / В.Г.Гак. – М.: Добросвет, 2000. – 832 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (нашри академӣ). – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
5. Зеҳнӣ Т. Сарф / Т.Зеҳнӣ, Ҳ.Бақозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 257 с.
6. История французского языка / сос.автор.кол. – Москва: Литературы на иностранных языках, 1963. – 227 с.
7. Нисорӣ Х.Ҳ. Чаҳор гулзор / Х.Ҳ.Нисорӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 154 с.
8. Сергиевский М.В. История французского языка / М.В.Сергиевский. – Москва: Государственное учебно-педагогическое издательство, 1938. – 295 с.
9. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д.Хоҷаев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 344 с.

ИЗ ИСТОРИИ ИЗУЧЕНИЯ КАТЕГОРИИ НАКЛОНЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ И ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье речь идёт о наклонении как одного из грамматических категорий глагола и его изучении в таджикском и французском языкознании. Таджикское языкознание имеет древнюю историю. Впервые об языкознании начали говорить еще в IX в. Многие языковеды изучают наклонение как категорию (Ибн Сина, Кайс Разы, Ходжа Хасан Нисори). В современном таджикском языкознании наклонение также относят к категории (Н.Маъсуми, С.Халимов).

Во французской лингвистике как и в таджикской изучение наклонения относится к началу с IX вв. Языковеды Дюбуа, Г.Гийом, Пешон, Вилме, Г.В.Гак, В.М.Сергиевский и др. посвящали свои работы изучению наклонения.

Ключевые слова: языкознание, лингвист, наклонение, изучение, время, вид.

ALONG HISTORY OF STUDYING OF THE CATEGORY MOOD IN TADJIK AND FRENCH LANGUAGES

In given to article the linguistics is a question about the mood as one of grammatical category of verb and its studying in Tadjik and French linguistics. Tadjik linguistics has the old story. The first sight about linguistics arose in IX centuries. Many linguists were busy in studying mood as a category. For example Ibni Sina, Qays Razi, Khoja Hasan Nisori and others. In modern Tadjik the linguists also were engaged in studying mood like N.Masumi, S.Halimov and others.

In French linguistics as in Tadjik studying the mood beginnings from IX centuries. The linguists as Dubo, G.Guillaume, Peshon, Vilme, G.V.Gak, V.M.Sergievsky and others were busy with studying the mood in French language.

Key words: linguistics, mood, linguist, studing, tense, scene.

Сведения об авторе: С. ***Худжамкулов*** **–** аспирант общеуниверситетской кафедры французского, немецкого и латинского языков. Телефон: **918-45-96-67. E-mail: khuroson-tj@mail.ru**

НАҚШИ ЗАБОНИ АРАБӢ ДАР АДАБИЁТИ АҲДИ СОМОНИЁН

А.М. Ишонхонов
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Пӯшида нест, ки робитаҳои фарҳангӣ миёни арабҳову эроният таърихи хеле тӯлонӣ дошта, оғози он ҳанӯз аз замони Ҳахоманишиён реша гирифтааст. Илова бар ин, дар натиҷаи футуҳоти араб дар Эрон ва интишори ислому Қуръон дар ин сарзамин нуфузи забони арабӣ тадриҷан васеъ гардида, он торафт мавқеи лаҳҷаҳои паҳлавиро танг менамуд, ки ахиран, билкулл ба мавқеи он нишаста забони расмӣ ва адибони эроният ду қарни аввал гардид. Ҳамчунин, мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо, ҳар эроние, ки мехост гуфтораш дар байни аҳли илму адаб мақому мартаба ва ё манзалатеро доро бошад, ночор ба забони арабӣ осори худро таълиф менамуд. Дар ин бобат Абӯмансур Абдулмалик ас-Саъолабии Нишопурӣ дар «Ятимат-уд-даҳр» чунин ишора менамояд, ки таълими арабият ва истеъроб (арабигарой) беш аз ҳама ба табақоти ашрофи ҷамъияти эронӣ хос буда, миёни онон бо суръати тамом ҷараён гирифтааст. Дар байни мардуми авом бошад, таълими арабият мунҳасир буда, ҳатто, мардум барои адои намози панҷвақта оятҳои заруриро хонда наметавонистанд ва ба қавли Наршахӣ, «Қуръон»-ро ба форсӣ мехонданд» [1, 131].

Дар натиҷа, дар ду қарни аввал табақоти ашроф забони арабиро ба камоли устодӣ аз худ намуда, онро ба ҳайси забони давлатӣ пазируфтанд, ки ахиран тамоми шоирону котибон ва табақаи ашроф ба забони арабӣ рӯ оварда, осори худро бо забони арабӣ навиштаанд.

Хулоса, бояд қайд намуд, ки дар ду қарни аввал мақоми забон ва адабиёти араб нуфузи зиёде пайдо намуда, барои равнақу инкишофи минбаъда заминаи хубу мустаҳкамеро гузошт. Аммо дар қарнҳои минбаъда, алахусус, дар даврони Сомониён ин амр рангу бӯи дигареро ба худ касб намуд, ки дар натиҷаи муборизаи фикрӣ ва сиёсии эроният аз қарнҳои аввали исломӣ ва хусусан аз замони хилофати Аббосиён тамоюлоти худогоҳии миллӣ ва истиқлолталабии онҳо торафт нерӯ гирифта, оқибат ба неҳзатҳои фикрию адабии шуубия ва қиёмҳои Абӯмуслим анҷомид ва заминаи нахустинеро барои ба вуҷуд омадани давлатҳои эронӣ, аз қабили Тоҳириёну Саффориён ва Сомониён гузошт.

Ҳамчунин тибқи ахбори сарчашмаҳо ҳукумати Сомониён ҳомии воқеии неҳзати миллӣ буда, баробари таъсиси давлат ҳомии забон ва адабиёти форсӣ ва дарӣ буданд, ки дар тӯли як қарн фарҳанги миллӣ ва забону адабиёти форсӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон ташаккул ёфта, шуҳрати намояндагони он, чун Рӯдакиву Шаҳиди Балхӣ, Фирдавсиву Закариёи Розӣ, Балъамиву Абӯалӣ Сино ва осори манзуму мансури эшон то ақсои хилофати Бағдодро тасхир кард [1, 77].

Бояд зикр намуд, ки гуфтаҳои мазкур ифодагари он нест, ки дар аҳди Сомониён бо таври кулл аз забон ва адабиёти араб рӯ гардонданд, балки дар қаламрави эшон шеъру адаб ва забони арабӣ ҳанӯз мавриди таваҷҷуҳи дарбориҳо ва маҳфилҳои адабӣ буд. Ҳамчунин, забони арабӣ ба ҳайси забони расмии дин ва ағлаби улуми шаръӣ, чун василаи мукотибот ва равобит ба дастгоҳи хилофати Бағдод маҳсуб меёфт. Илова бар ин, забони арабӣ ҳанӯз забони илму андеша ва адаб низ буд ва иддаи зиёде аз осори илмӣ, таърихӣ, фалсафӣ, пандномаҳо ва андарзномаҳо, ҳикоятҳои ахлоқӣ ва достонҳои қаҳрамонӣ бо забонҳои эронӣ, суриёнӣ ва ҳиндӣ дар қолаби тарҷумаҳои арабӣ ва бештар бо қалами мутарҷимони эронӣ таълиф мегардид.

Ҳамчунин, ин нуктаро низ бояд қайд намуд, ки дар тӯли дусад сол адибони эронинажод шеъри арабӣ месуруданд ва аз осори хаттиву адабии араб ба таври хеле хуб ошноӣ пайдо намудаанд ва аз гуфтору таълифоти нобу пандомези эшон илҳом гирифта, дар пайравии онҳо осори худро таълиф намудаанд, аз он ҷумла дар асри Х-ХП шуарои зиёде чун Абулфазли ас-Сукарӣ, Абӯаҳмад ибни Абӯбакр ал-Котиб, Ҳусайн ибни Алӣ ал-Марварудӣ, Абулҳасан ал-Лаҳҳом, ал-Ҳарронӣ, Абулфатҳ ал-Котиб, ал-Бустӣ, Абӯтолиб ал-Маъмунӣ, Абунаср Муҳаммад ибни Абдулҷаббор ал-Утабӣ, Абӯсулаймон ал-Хаттобӣ ва дигарон шеъри арабӣ мегуфтанд ва як идда шуарои дигар низ чун Абӯтайиб Муҳаммад ибни Ҳотам ал-Мисъабӣ ва Абулҳусайн Муҳаммад ал-Муродӣ бо забонҳои форсӣ ва арабӣ эҷод кардаанд [1, 52].

Ҳамчунин, тибқи маълумоти сарчашмаҳо дар назму насри аҳди Сомониён ва умуман дар сабки Хуросон он вожаҳое тавассути аъробу аҳкоми шаръӣ ва Қуръони

аҳодис ворид шудаанд, ки аслан он даста калимот муродифи худро дар забони форсӣ надоштааст, аз он ҷумла закот, ҳаҷ, муслим, муъмин, кофар, ҷиҳод, мунофиқ, фосиқ, ҳадис, оят, Қуръон, иқома, талоқ, қибла, меҳроб, таслим, кавсар, Аъҷуҷу Маъҷуҷ, Мункару Накир, ҳашр, нашр, воҷиб, мустаҳаб, ҳалол, ҳаром, муборак, баракат, Каъба, иқбол, ҷаҳим, сақар, ҳур, ғилмон, хулд, наъим, шаҳодат, рукуъ, суҷуд, салом, масҷид, садақа, вирд, Азроил, Микоил, Исрофил, арш, курси, Одам, Ҳавво, раҷим ва ғайра [3, 259].

Аз он ҷумла, дар абёти зерини Муҳаммад ибни Мухаллади Сагзӣ бошад, калимоти Ҳавво, Одам, муъҷиза ва ғайраро мушоҳида метавон кард:

Чун ту назод Ҳавво в-Одам накишт,
Шерниҳоде ба дилу бар маништ.
Муъҷизаи пайғамбари маккӣ туӣ,
Бар кунишу бар манишу бар гувиш [8, 537].

Илова бар ин, дар яке аз сарчашмаҳо омили дигари иқтибосоти вожаҳои забони арабиро дар назми ин аҳд чунин шарҳ медиҳанд, ки марбут ба умури идораи аъроб ва сиёсати дохиливу хориҷии хилофат буда, василаи корфармоёну гумоштагони давлати аббосӣ дохили забони форсӣ гардиданд, аз он ҷумла: Ҳайҷо, сифат, ғозӣ, ғазо (ғазавот), султон, шаҳна, ҳарас, шурта, муҳтасиб, амру наҳӣ, амир, раъият, малик, мулк, котиб, расул, мушриф, давлат миллат, ҷазо, ҳабс, ходим, ғулом, таъбия, исён, тоғӣ, афв, хориҷӣ, сулҳ, хилофат ва ғайраҳо [3, 260].

Аз ин ҷо бармеояд, ки алфози арабӣ дар шеъри дарӣ низ бо сабабҳои мазкур истифода шудаанд, ҳамчунин истифодаи он калимаҳо дар назми ин аҳд аз рӯи зарурат, ё тақозои суннативу мазҳабии исломӣ ба вуқӯъ пайвастааст. Аз ҷумла, дар абёти зерини Абдулмалики Бурҳонии Нишопурӣ вожаи «толиб» ва ибораи «мин кулли ҷониб» (аз ҳар тараф) барои қофия оварда шуда, он калима ва ибора дар забони форсӣ муродифи худро доро мебошад:

Сарири туро офтоб аст ходим,
Мақоми туро Ҷибрил аст толиб.
Ту чун Ҷибрил андар ой зи боло,
Кунӣ ҳамла бар хасм мин кули ҷониб [8, 223].

Шоири форсизабон Мунҷики Тирмизӣ низ ба хотири қофия вожаҳои «абяз» (сафед) ва «асвад» (сиёҳ)-ро дар байти зайли худ ба кор бурдааст:

Бад-он гаҳе, ки бароварда шуд замин аз гард,
На водӣ аз кӯҳ пайдо, на абяз аз асвад [8, 223].

Ҳамчунин, Бассоми Курд тибқи далелҳои мазкур дар абёти зайли худ чанде аз калимаҳои забони арабиро кор бурдааст:

Макка ҳарам кард арабро худой,
Аҳди туро кард ҳарам дар Аҷам.
Ҳар ки даромад, ҳама боқӣ шуданд,
Боз фано шуд, ки надид ин ҳарам [8, 13].

Аз шуарои дигари ин аҳд Атои Яъқуб вожаҳои «адл, малик, ҷаҳим, азоб, алим» -ро дар мисраъҳои зерини хеш ба кор бурдааст:

Гуфт: мужда туро, ки адли малик,
Дар биҳишти ту дар миёни ҷаҳим.
Бегунаҳ монда ҳашт сол ба Ҳинд,
Чун гунаҳкор дар азоби алим [2, 24].

Тибқи сиёсати пешгирифтаи Сомониён шуароро мебоист, ки бо забони дарӣ эҷод менамуданд, аммо ин имконнопазир буд, зеро гузашта аз вуруди алфози арабӣ ва таъсири унсури забонӣ ва адабиёти нави форсӣ вуруди мазомини ояти Қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ ҳам ба чашм мерасад. Шуаро порае аз ояту ҳадис ё матни комили онро дар адабиёти сабки Хуросон ворид намуданд, аз он ҷумла дар байти зерини Мунҷики Тирмизӣ ояти сеюми сураи «Ихлос» аз Қуръони карим иқтибос шудааст:

Ҳама сифати Худованд бар ту зебо ҳаст,
Бурун аз ин ду сифат: «лам ялид ва лам юлад» [8, 233].

Ҳамчунин, дар аксари шеъри шуарои аҳди Сомониён инъикоси маъонии ояту аҳодис ба забони форсӣ низ баён гардидааст, аз он ҷумла, дар яке аз ашъори Рӯдакӣ ояти 55 сураи «То ҳо» иқтибос гардидааст, ки дар он Худованди Мутаъол чунин мефармояд:

مِنْهَا خَلَقْنَاكُمْ وَفِيهَا نُعِيدُكُمْ وَمِنْهَا نُخْرِجُكُمْ تَارَةً أُخْرَى

«Мо шуморо аз ҳамин хок офаридем ва дар дили ҳамин хок бозатон мегардонем ва аз дили ҳамин хок барои марҳилаи баъдӣ берун меоварем» [6, 315].

Чунонки хоксиштӣ ба зери хок шавӣ,

Биноат хоку ту андар миёна хокгин [5, 81].

Илова бар ин, дар тамоми мадрасаҳои сарзамини хилофат таълими Қуръону аҳодиси набавӣ ва улуми марбут ба шариат яке аз сарчашмаҳои аввалиндараҷаи таълимӣ маҳсуб меёфт, аз ин рӯ, тамоми шуаро ва удабо кӯшиш ба харҷ медоданд, ки худ ҳофизи Қуръон ва донандаи улуми шаръӣ бошанд, зеро дар кадом порчаи насрӣ ва ё назмӣ ишора ба гуфтаҳои қуръонӣ ва ё аҳодис рафта бошад, он оммафаҳм буд.

Бояд зикр намуд, ки яке аз василаҳои дигари нуфузу мақоми забони арабӣ дар аҳди мазкур, ин ворид гардидани иддае аз ахбору асотири исломӣ марбут мебошад, зеро дар онҳо саргузаштҳои паёмбарони яҳуду насоро аз қабили Нуҳ, Иброҳим, Намруд, Мӯсо, Яъқуб, Юсуф, Юшаъ, Довуд, Сулаймон, Идрис, Исо ва дигарон ривоят мешавад [1, 65].

Аз он ҷумла, одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар яке аз дурдонаҳои назмии худ ишора ба талмеҳоти қуръонӣ -қиссаи ҳазрати Юсуф ва Яъқуб намуда, дар он перумони се пироҳани Юсуф, ки дар оятҳои 18, 25 ва 93-и сураи «Юсуф» омадааст, ишоракунон чунин мегӯяд:

Нигорино, шунидастам, ки гоҳи меҳнату роҳат,
Се пироҳан салаб будаст Юсуфро ба умрандар:
Яке аз кайд шуд пурхун, дувум шуд чок аз туҳмат,
Савум Яъқубро аз бӯш равшан гашт чашми тар.
Рухам монад бад-он аввал, дилам монад бад-он сонӣ,
Насиби ман шавад дар васл он пироҳани дигар [7, 76].

«Яке аз кайд шуд пурхун»

وَجَاءُوا عَلَى قَمِيصِهِ بِدَمٍ كَذِبٍ....

«Ва бар пероҳани ӯ хуни дурӯғро оварданд....» [4, 237].

«дувум шуд чок аз туҳмат»

وَاسْتَبَقَا الْبَابَ وَقَدَّتْ قَمِيصَهُ مِنْ دُبُرٍ وَأَلْفَيَا سَيِّدَهَا لَدَى الْبَابِ قَالَتْ مَا جَزَاءُ مَنْ أَرَادَ بِأَهْلِكَ سُوءًا إِلَّا أَنْ يُسْجَنَ أَوْ عَذَابٌ أَلِيمٌ

«Ва ҳар ду ба сӯйи дарвоза биштофтанд ва он зан пероҳани Юсуфро аз паси пушт даронд; ва шавҳари занро назди дарвоза ёфтанд. Зан гуфт: «Чист ҷазои касе, ки ба аҳли ту кори бад хоста бошад, магар он ки ба зиндон карда шавад, ё азобе дарддиҳанда» [4, 238].

«Савум Яъқубро аз бӯш равшан гашт чашми тар»

اذْهَبُوا بِقَمِيصِي هَذَا فَأَلْقُوهُ عَلَى وَجْهِ أَبِي يَأْتِ بَصِيرًا وَأْتُونِي بِأَهْلِكُمْ أَجْمَعِينَ

«Ва ин пироҳани маро бибаред ва оно ба рӯйи падарам бигзоред, то бино шавад; ва ҳамаи аҳли хешро бар пеши ман биоваред!» [4, 246].

Ҳамчунин, Устод Рӯдакӣ дар қасидаи машҳури худ таҳти унвони «Модари май» ба номҳои паёмбарони аҳли китоб, аз қабили Исои Масеҳ, Мӯсои Калимуллоҳ, Сулаймон ва асосгузорони мазоҳиби динӣ, аз қабили Абӯҳанифа ва Шофеъӣ, ҳамчунин шуарои бузурги араб, чун Ҷарири Ҳассон, ишора намудааст:

В-ар ба булӯр–андарун бубинӣ, гӯйӣ:
Гавҳари сурх аст ба кафи Мӯсии Имрон [7, 88].

Ё дар абёти зайл ба фуқаҳои дини ислом Абӯҳанифа ва Шофеъӣ ишора менамояд:

В-ар ту фақеҳию сӯйи шаръ гаройӣ:
Шофеъӣ инак-ту Бӯҳанифаву Суфён [7, 89].

А Д А Б И Ё Т

1. Абдусаттор Абдушукур. Арабият ва адабиёти аҳди Ғазнавиён / Абдушукур Абдусаттор. - Душанбе, 2001. - 219 с.
2. Аҳмад Абдуллоев. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII / Аҳмад Абдуллоев, Садрӣ Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1986. - 262 с.
3. Бадеуззамон Фурӯзонфар. Аҳодиси Маснавӣ / Фурӯзонфар Бадеуззамон. – Теҳрон, 1334 ҳ.
4. Муҳаммадҷон Умаров. Қуръони карим (асл ва тарҷумаи тоҷикӣ) / Умаров Муҳаммадҷон. – Душанбе: Эр-граф, 2011. - 640 с.
5. Осори Рӯдакӣ / таҳти таҳрири А. Мирзоев. – Сталинобод, 1958. - 543 с.
6. Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар ан-Наршахӣ. Таърихи Бухоро / Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар ан-Наршахӣ; тарҷумаи Абӯнаср Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Насри ал-Қабовӣ, талхиси Муҳаммад ибни Умар ва тасҳеҳи Мудррис Разавӣ. - Теҳрон, 1318 ҳ.
7. Шарифов Ҷ. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Шеърҳо (китоби мусаввар) / Ҷ Шарифов, Ш Исрофилиниё, М Муллоаҳмадов. - Душанбе: Ирфон, 2008. - 174 с.
8. Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон дар қарнҳои 3,4,5 ҳичрӣ қамарӣ / таълиф ва тасҳеҳи Маҳмуд Мудаббирӣ. – Теҳрон, 1370 ҳичрӣ.

РОЛЬ АРАБСКОГО ЯЗЫКА В ЛИТЕРАТУРЕ ПЕРИОДА САМАНИДОВ

Статья посвящена роли и влиянию арабского языка на творчестволитераторов эпохи Саманидов. Автором предпринимается попытка выявить место арабского языка в творческом наследии видных представителей таджикско- персидской литературы, а также проследить факторы, способтвующие росту его влияния на их мировоззрение.

Ключевые слова: Саманиды, арабский язык, таджикская литература, арабское валяние, Рудаки, Фирдоуси, Коран, изречения Пророка, исламский период.

THE ROLE OF THE ARABIC LANGUAGE IN THE SAMANID PERIOD

In article author rasmatryvaet the role of the Arabic language in the Samanid period literature, besides made a study and an irrefutable facts indicating that during this period of development of the Tajik-Persian literature.

Key words: Somonids, Arabic language, the Tajik literature, Arabic influence, Rudaki, Firdausi, Quran, profit period.

Сведения об авторе: ***А.М. Ишонхонов*** - аспирант второго года обучения Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ. Телефон: **918-47-37-66.**
E-mail: abdulgafforr88@.ru

БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ КАТЕГОРИЯИ ЗАМОН ДАР ЗАБОНШИНОСӢ

Б.Н. Раҳмонов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калимаҳо баробари маънои луғавӣ маънои грамматикиро ҳам ифода менамоянд, вале ин маъно дар забонҳо гуногун ифода мешавад. Маънои луғавӣ хусусияти фардӣ дорад, зеро он ба ҳар як калимаи ҷудогона тааллуқ дорад, вале маънои грамматикӣ хусусияти умумӣ дорад, зеро он ба гурӯҳи муайяни калимаҳо баробар дахл дорад. Маънои грамматикӣ дар забонҳо гуногун ба назар мерасад.

Воситаҳои ифодаи маънои грамматикӣ дар забонҳои олам гуногунанд. Аксари воситаҳои грамматикӣ хусусияти умумиистеъмолӣ доранд, яъне онҳоро дар як қатор забонҳо мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо аз ин қароранд: тартиби калима, такрор, калимабандӣ, вандафзоӣ, тасриф (дар шаклҳои дохилӣ ва берунӣ), зада ва ғ.

Маънои грамматикиро дар якҷоягӣ бо воситаи ифодаи он категорияи грамматикӣ меноманд. Ё худ он маънои грамматикие, ки аломат, нишона ва ё воситаи ифодаи худро дар забон дорад категорияи грамматикӣ номида мешавад. Як мафҳум замоне ба ҳайси категорияи грамматикӣ эътироф мешавад, ки ҳадди ақал ду паҳлӯ дошта бошад. Масалан, агар дар забони хитойӣ яке аз навъҳои замон шакли грамматикии ифодаи худро медошт, мо он замон эътироф менамудем, ки забони хитойӣ низ дорои категорияи замон аст.

Маъно дар дараҷаи аввал бидуни алоқамандӣ бо грамматика воқеъ мегардад ва дар дараҷаи дувум дар ҳамбастагӣ бо грамматикаи забон воқеъ мегардад. Маъноҳои грамматикӣ баёнкунандаи мавридҳое ҳастанд, ки дар онҳо хусусиёти хоссе дар дохили як забон шакл мегирад.

Категорияҳои грамматикии замон аз ҷумлаи мураккабтарин категорияҳоест, ки дар аксари забонҳо хоси феъл аст. Ин категория дар нигоҳи аввал иртиботи хеле наздик бо маъно дорад, вале тавзеҳи он чандон кори сода нест.

Замони грамматикӣ ин ба маънои грамматикӣ шудани мафҳумҳои замон (вақт) аст. Бояд донист, ки **замони грамматикӣ** ва **замон** ду падидаи комилан мутафовитанд. “Ҳамаи мо ба гузашти замон огоҳем ва ҷараёни замонро ба ҷузъҳое, ки онҳоро гузашта, ҳол ва оянда меномем, тақсим кардаем. Дар воқеъ, агар бихоҳем, метавонем замонро ба қитаъоте кӯчактар ва дақиқтар аз ин се ҳам тақсим кунем. Метавонем гузаштаи наздикро аз гузаштаи дур ва ояндаи наздикро аз ояндаи дур муҷаззо намоем. Метавонем чанд лаҳзаи пеш аз имрӯзи субҳ, дирӯзро аз парерӯз, ҳафтаи гузаштаро аз моҳи гузашта ва соли гузашта мутамоиз кунем. Дар забон мутлақан ҳеҷ маҳдудияте барои эҷоди тамоюзоти замонӣ вуҷуд надорад: 127 сол пеш аз 128 сол пеш фарқ дорад. Аммо мутаваҷҷеҳ бояд шуд, ки чунин тамоюзоте сирфан бо

истифода аз вожаҳои муносиб ва баҳамойии муносиби вожаҳо ҳосил мешавад ва бинобар ин, ҳеҷ иртиботе бо грамматикаи забон надорад”[11, 87].

Бо вуҷуди ин ки бисёре аз забонҳо имконияти дар дохили сохти грамматикии худ ғунҷоиш додани баъзе аз ин тамоизоти замониро доранд, вале имкон надорад, ки бо усули грамматикӣ (чун категорияи забонӣ) ҳамаи онҳоро ифода намуд, чун тамоюзот ва тафовутҳои замонӣ метавонанд бениҳоят гуногун ва мутанаввиъ бошанд. Фақат имкон дорад теъдоде аз тафовутҳои аслии замонро метавон дар дохили грамматикаи забон ифода кард ва ҳар забоне, ки чунин имкониятро дорад, дорои категорияи грамматикии замон мебошад.

Категорияи замон дар забони форсӣ-тоҷикӣ ҳамроҳ бо феъл ифода карда мешавад ва феълҳои забони форсӣ-тоҷикӣ се замони грамматикӣ: **гузашта, ҳозира-оянда (музореъ)** ва **оянда** доранд, мисли: рафт, меравад, хоҳад рафт.

Мумкин аст ба назар аҷиб намояд, зеро дар бархе аз забонҳо тафовутҳои замони грамматикӣ вуҷуд надорад, забонҳои хитойӣ ва индонезӣ яке аз онҳоянд. Дар забони хитойӣ тафовуте вуҷуд надорад, ки бо тафовутҳои замонии рафт / меравад / рафта истодааст / хоҳад рафт-и тоҷикӣ қобили қиёс бошад. Аммо хитойиҳо ҳар чо ки лозим аст, фарқиятҳои замониро бо афзудани вожаҳои муносиб ба чумла баён мекунанд, яъне аз вожаҳое (зарфҳои замон), ки мафҳуми замонро дар бар доранд ва ё ҳиссачаҳо.

Ба ҳар ҳол замони грамматикӣ дар теъдоди зиёде аз забонҳо вуҷуд дорад. Масалан, забони туркӣ се замон (гузашта, ҳол, оянда), арабӣ ду замон (гузашта, ҳозира-оянда) дорад. Бисёре аз забонҳо фақат ду замони грамматикӣ доранд ва баръакс, замони грамматикии баъзе забонҳо бисёр густурда аст. “Он тавр ки гузориш шуда, забони бомилка–дашонгӣ (Hupa) дар Африқои Ғарбӣ чизе ҳудуди ёздаҳ замони грамматикӣ дорад. Ин тақсимбандӣ шомили панҷ дараҷаи мутафовити дурӣ дар гузашта, панҷ дараҷаи дурӣ дар оянда ва як замони ҳол аст. Сухангӯёни забоне, ки дорои чунин тамоюзоти зарифе барои замони грамматикӣ аст ва ё дар воқеъ сухангӯёни ҳар забоне, ки замони грамматикӣ дорад, дар истифода ё адами истифода аз замонҳои грамматикӣ ҳаққи интихоб надоранд, онҳо ногузиранд, сурате аз замони дастуриро ба кор бибаранд, ки барои баёни мавриди назарашон аст, муносиб бошад” [11, 88].

Замони грамматикӣ дар бештари ҳолат бар рӯйи феълҳои забон нишон дода мешавад, агар дар мисоли забони тоҷикӣ бигӯем, муҳимтарин хусусияти феъл ин доштани категорияи замон ба ҳисоб меравад, аммо дар забонҳои олам на ҳамеша. “Дар забони вомехӯрад колифорниёии ҳупоӣ (Bamileke-Dschang) замони дастурӣ бар рӯи исмҳо нишон дода мешавад. Бинобар ин ба унвони мисол, вожаи “хона” дар ин забон се замони дастурӣ дорад, замони ҳол–**xonta** (хона, ки дар ҳоли ҳозир мавҷуд аст), замони гузашта–**xontaneen** (хонае, ки дар ҳоли ҳозир хароб шудааст) ва замони оянда–**xontate** (хонае, ки ҳанӯз сохта нашудааст). Ногуфта пайдост, ки чунин чизе дар забони англисӣ вуҷуд надорад ва англисизабонҳо ночоранд, барои дастёбӣ ба таъсири мушобеҳ аз вожаҳои мухталиф истифода кунанд, масалан мумкин аст гуфта шавад вожае **ex-wife** (зани собиқ) замони гузаштаи **wife** (зан) аст ва **fiansée** (заншаванда) замони ояндаи он” [11, 89]!

Забоншинос Роберт Лоренс дар мавриди замонҳои грамматикии забони англисӣ маълумоти барои мо тааҷҷубовар додааст, ки баҳси худро бо саволи “Забони англисӣ чанд замони дастурӣ дорад”? шуруъ намуда, баъдан чунин ҷавоб мегӯяд: “Шояд аз посухи ин савол тааҷҷуб кунед, забони англисӣ фақат ду замони дастурӣ (грамматикӣ – Р.Б.) дорад, ки ба таври суннатӣ замони **гузашта** ва **замони ҳол** номида мешаванд. Ҳарчанд ба назар мерасад, шояд истилоҳи **“замони ғайригузашта**” беҳтар ва муносибтар аз истилоҳи **замони ҳол** бошад. Забони англисӣ замони дастурии **оянда** надорад. Албатта, дар ин забон роҳҳое барои суҳбат дар бораи замони оянда пешбинӣ шудааст, аммо суратҳое, ки барои ин манзур мавриди истифода қарор мегирад, ҳамагӣ **“замони ҳол**” (замони ғайригузашта) ҳастанд. Ин

суратҳои мутанаввиъ ба англисизабонҳо имкон медиҳанд, густараи васеъе аз нигаришҳои мутафовитро нисбат ба рухдодҳои замони оянда баён кунанд, аммо ҳеҷ як аз онҳоро наметавон ба дурустӣ замони дастурии оянда донист. Дар ин ҷо намунае аз суратҳое, ки дар забони инглисӣ барои баёни замони оянда ба кор мераванд, ироа шудааст. Дар ҳар маврид сурати замони дастурии ҳол дар канори сурати замони дастурии гузаштае, ки бо он мутанозир аст, омадааст (ҷуз дар ду маврид, ки сурати гузашта надоранд) [11, 89]: (a) She goes to London tomorrow. (b) She went to London yesterday. [3, 12]; (a) She's going to London tomorrow. (b) She was going to London tomorrow. [3, 13]; (a) She's going to go to London tomorrow. (b) She was going to go to London tomorrow. [3, 14]; (a) She has to go to London tomorrow. (b) She had to go to London tomorrow. [3, 15]; She must go to London tomorrow. [3, 16]; (a) She will go to London tomorrow. (b) She would go to London tomorrow. [3, 17]; (a) She shall go to London tomorrow. (b) She should go to London tomorrow. [3, 18]; (a) She'll be going to London tomorrow. (b) She'd be going to London tomorrow. [3, 19]; (a) She wants to go to London tomorrow. (b) She wanted to go to London tomorrow. [3, 20]; She ought to go to London tomorrow. [3, 21].

Баъзе аз суратҳои замони дастурии замони гузашта маънои хосе доранд, ки ҳамойии қайди (ҳамроҳ омадани зарф – Р.Б.) **tomorrow**-ро бо онҳо ғайримумкин мекунад. Нуктаи дигар ин, ки робитаи маънои суратҳои замони ҳол ва замони гузашта ҳамеша равшан нест. Ин масъала бавижа дар шумораи [3, 21] дида мешавад. Агар дар гузашта будани ҷумалот (b) шак доред, метавонед ду иборати **Janet told me thet** ва **Janet tells me thet-**ро ба ибтидои ҷумалоти мисолҳо бияфзоед ва бубинед, чӣ иттифоқе меафтад. Ҳамон тавр ки мушоҳида мекунед, иборати дувумро метавон ба ибтидои ҷумалоти (b) афзуд ва на ҷумалоти (a), ё дасти кам дар ин ҳолат ҷумалоти (b) табиитар аз ҷумалоти (a) ҳастанд. Ин як озмуни истондорд (стандартӣ, меъёрӣ– Р.Б.) барои таъйини суратҳои замони гузаштаи англисӣ аст [11, 90].

Ин забоншинос шакли замони ояндаи англисиро, ки бо истифода аз калимаи **will** сохта мешавад, як навъ иштибоҳ хондааст, ки дар китобҳои суннатии грамматикаи забони англисӣ ба он барчаспи "замони дастурии оянда" задаанд. "Наметавон сохти дорои **will**-ро беш аз соири сохтҳои ироашуда марбут ба замони оянда донист. Касоне, ки забони англисиро ба унвони забони хориҷӣ меомӯзанд ва ба иштибоҳ ба онҳо гуфта шуда, ки дар англисӣ замони оянда бо **will** сохта мешавад. Ғолибан, ҷумалоти назири инҳо тавлид мекунанд: "Oh shall go to a film", "What will you do tonight?" ё "When Janet will get here", "We shall start". Шакке нест, ки ин ҷумалот дар забони англисии оддӣ нестанд, ба ҷои онҳо гуфта мешавад: "wen, Oh, "I'm going to a film", "What are you doing tonight?" "Janet gets here…" бидуни **will** ва **shall**. Дар забони англисӣ **will** ва **shall** созандаи замони грамматикии оянда нестанд, онҳо ҳам мисли **have to**, **ought to** ва **must** сирфан суратҳое аз замони ҳол ҳастанд, ки нигариши хоссеро ба рухдоди замони оянда баён мекунанд [11, 90].

Дар забонҳое, ки замони грамматикӣ доранд, замонҳои грамматикии онҳо ҳамеша дар вазифаи худ содиқ набудаанд, яъне мо ҳангоми баёни замонҳои грамматикӣ намунаҳои мухталифи истисноҳои ифодаи замонҳои грамматикиро дида метавонем, масалан дар ҷумлаи "*Хотун кас фиристод ва гуфт: бар ҳамон сулҳам, ки бо Убайдуллоҳи Зиёд кардаам* [1, 74]" феъли "кардаам" бояд замони гузаштаи нақлиро ифода кунад, яъне аз назари шакл, вале он ба вазифаи замони гузаштаи сода (наздик) омадааст ё дар ҷумлаи *Хуб! Ман рафтам (меравам).–Канӣ, рафтем (Ҳ. Карим, Оқшуда)* феъли рафтан аз назари шакл дар замони гузашта воқеъ гардидааст, вале дарвоқеъ он ба замони ҳозира-оянда далолат менамояд [4, 278-309].

Муҳим нест, ки забоне чанд замони грамматикӣ дошта бошад, ё аслан замони грамматикӣ надошта бошад, дар ҳар сурат мутакаллимини он барои суҳбат дар бораи нуқтаи дилхоҳе аз **замон**–гузашта, ҳол ё оянда–ба камтарин мушкилие мувоҷеҳ намешаванд, зеро тамоми забонҳо метавонанд чизҳое ва мафҳумҳое, ки дар баёни онҳо ниёз бар баёни яке аз замонҳои мушаххас мисли "сешанбеи ду ҳафта пеш", "фардо субҳ соати 9:30" ё "дар соли 1453"-ро лозим доранд бо калимаҳо (зарфҳо)

баён кунанд. Танҳо тафовути онҳо дар миқдори ҷузъиёти грамматикие, ки бар рӯи феъл (ё вожаи дигаре аз ҳиссаҳои нутқ) қароргиранда аст ва ба баёни ин мафҳумҳо кумак карда метавонад, мебошад. Ба таври кулли ҳар чизе, ки дар як забон қобили баён бошад, дар забони дигар ҳам баёншуданӣ аст, ки ин дидгоҳи муҳим дар забоншиносӣ **асли баёнпазирӣ (**Вожаи хаёлии effable, ки effability–номи асли ин–аз он омада ба маънои "қобили баён будан аз тариқи вожаҳо"**)** номида мешавад.

Бинобар ин, агарчи категорияҳои грамматикӣ дар ифодаи маъно саҳми умдае доранд, аммо грамматика ва маъно як чиз буда наметавонанд инчунин бо итминон метавон хулоса бароварда, ки ифодаи маъно бо категорияҳои грамматикӣ нисбист ва ифодаи луғавӣ бошад эътибори бештар дорад. Бинобар ин, наметавон тавоноии забоние, ки тавассути категорияҳои дастурӣ ифода мегардад, онро аз бартариятҳои он забон нисбат ба дигаре донист. Аз ин ҷост, ки гӯяндагони забоние, ки забони онҳо категорияи грамматикӣ надорад ба роҳат метавонанд, матолиби хешро бо забони худ ифода намоянд ва дар ин кор эҳсоси мушкилӣ ҳам намекунанд. Ба таври дигар бигӯем, забон айнан мисли хонаи бутун ва ободест ва категорияҳои грамматикӣ мисли тазайюноти мансуб ба он (дар шакли дохилӣ ва берунӣ) аст, ки бе он низ метавонад, хона вуҷуд дошта бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абӯбакри Наршахӣ. Таърихи Бухоро / Абӯбакри Наршахӣ. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2012. – 179 с.
2. Бузургзода Л. Грамматикаи забони тоҷикӣ: фонетика, морфология. Қисми 1 / Л. Бузургзода, Б. Ниёзмуҳаммадов. – Сталинобод, 1941.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Ҳ. Каримов, А. Маниёзов, А. Мирзоев [ва диг.]. – Душанбе: Ирфон, 1985. - ҷ. 1 – 356 с.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология / Б. Ниёзмуҳаммадов, С. Ҷ. Арзуманов, Ҳ. Рауфов [ва диг.]. - Душанбе: Ирфон, 1973. - қ. 1 – 385 с.
5. Лингвистический энциклопедический словарь / В.Н. Ярцева. – Москва: Советская энциклопедия, 1990. – 683 с.
6. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ / М. Норматов. – Душанбе: Матбуот, 2007. – 238 с.
7. أحمد مختار عمر، مصطفى النحاس زهران، محمد حماسة عبداللطيف. النحو الاساسي / أحمد مختار عمر، مصطفى النحاس زهران، محمد حماسة عبداللطيف. – الكويت، 1414 ه. ق./1994 م.
8. پرویز ناتل خانلری. دستور زبان فارسی. انتشارات توس، خیابان دانشگاه، 1372. 367ص.
9. حسن انزلی. دستور زبان فارسی / انزلی حسن. – تهران: خیابان امام، 1370. – 422 ص.
10. حسن انوری / حسن احمدی گیوی. دستور زبان فارسی 2. – قم: چاپخانه ستاره، 1373. – 356ص.
11. رابیرت لارنس ترسک. مقدمات زبانشناسی (ترجمه فریار اخلاقی). تهران، 1380. 334 ص.
12. رودیگر اشمیت (ترجمه ح. ر. باغبیدی). راهنمای زبانهای ایرانی. جلد 2 / اشمیت رودگیر. زبانهای ایرانی نو. تهران: ققنوس، 1939.
13. محمد جواد شریعت. دستور زبان فارسی. – تهران: انتشارات اساطیر، 1371. – 464 ص.

НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ КАТЕГОРИИ ВРЕМЕНИ В ЯЗЫКОЗНАНИИ

В статье подчеркивается, что грамматическая категория является относительным показателем семантики, поэтому мы сталкиваемся с исключениями из правил, которые выражаются посредством грамматических категорий в языковом выражении. Напротив, лексическое значение является более достоверным, ибо в нем конкретизируется выражаемое значение.

Ключевые слова: глагол, категория, грамматика, грамматическая категория, время.

SOME QUALITY THEORETICAL TENSE GRAMMATICAL CATEGORY IN LINGUISTICS

In this article is emphasized, what grammatical category interprets relative meaning, because of we in majority in linguistic expression in majority what to be recount by way of category we meet to exclusion, on the opposite side this lexical meaning recounts meaning specifically.

Key words: verb, category, grammatical, grammatical category, tense.

Сведания об авторе: ***Б. Н. Рахмонов***– соискатель Таджикского национального университета.
Телефон: **938-70-17-20. E- mail: bakhtier.rakhmonov.89**

МЕТОДҲОИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИИ ТОПОНИМИЯ

С. Шералиева
Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рӯдакӣ

Интихоби методҳои тадқиқи лингвистии топонимия, ба андешаи А.Л.Хромов, «… ба ҷанбаи маводи ҷамъоваришуда, дараҷаи инъикоси он дар сарчашмаҳои топонимӣ ва вазифаҳои пешбинишуда вобаста аст» [17, 4].

Методҳои тадқиқоти топонимӣ ҳоло низ дар марҳилаи инкишофанд. Ҳарчанд даҳсолаҳост, ки муҳаққиқон роҳу усулҳои алоҳидаро зимни таҳқиқу омӯзиши маводи топонимӣ муайян намудаанд, вале бояд махсус зикр кард, ки ҳангоми таҳлили топонимҳо сараввал ба маводи зиёди дастрасшуда такя кардан лозим аст, чаро ки аксар топонимҳои содаю сохта зиёд такрор мешаванд ва ё агар топонимҳои мураккаб бошанд, ҷузъҳои таркибии онҳо такрор шуда омада метавонанд. Баъзан маъно, тарзи талаффуз, қолибҳои калимасозии топонимҳои зиёд бо ҳам мувофиқат мекунанд. Ҳолатҳое низ ҳастанд, ки қариб ҳамаи ин нишонаҳо мутобиқ мегарданд.

Ҳар як падида ва ё мавзеи ҷуғрофӣ метавонад аз якчанд нуқтаи назар омӯхта шавад ва агар маҷмӯи хусусиятҳои номҳои ҷуғрофӣ ба эътибор гирифта шавад, самара ва натиҷаи кор беҳтар хоҳад буд. Фақат ҳамон вақт ба натиҷаҳои ниҳоӣ расидан мумкин аст, ки роҳу усул ва методҳои мухталифи таҷзия ва таҳлил истифода бурда шаванд. Ба андешаи Э.М.Мурзаев, номи ҷуғрофии алоҳида ва ё маҷмӯи топонимҳои минтақа ва ё ҳудуди алоҳида аз чунин мавқеъҳо баррасӣ шуда метавонанд: 1) мансубияти ном ба воқеияти ҷуғрофӣ (кӯҳ, дарё, шаҳр, ботлоқ…); 2) замон ва шароитҳои пайдоиши он; 3) мансубият ба ин ё он забон; 4) маъно ва этимология; 5) морфологияи он, чунки ном калима аст ва он бояд ба меъёрҳои забон мувофиқат карда, ба қоидаҳои сарфунаҳвӣ тобеъ бошад; 6) асоси илмии инъикоси интиқоли он аз як забон ба забони дигар ва имлои дуруст дар забони модарӣ; 7) ҳудудҳои густариш (ҳангоме ки ҳудуди густариши ном ва роҳҳои ҳиҷратӣ муайян карда мешаванд) [12, 76].

Воқеан ҳам, ҳамаи ин масъалаҳоро бо истифода аз як методу восита ҳал кардан ғайриимкон аст ва аз ин ҷост, ки дар топонимика якчанд усулу метод эътироф шудааст. Ҳамаи методҳо муҳим ва самарабахшанд ва махсус ҷудо намудани методи муфиде мушкил аст. Маҷмӯи методҳои таҳлили забонӣ дар муайян кардани хусусиятҳои шаклию маъноии топоним кӯмак мекунад.

Яке аз методҳои эътирофшуда ва муфиду ба мақсад мувофиқ дар тадқиқи забонии топонимҳо, таҳлили сохторию сарфунаҳвӣ мебошад. Ин метод дар амалияи забоншиносӣ ҷорӣ аст ва васеъ кор фармуда мешавад. Қисми асосӣ ва таркибии ин метод таҳлили топонимҳо дар асоси формантҳо мебошад. Доир ба бартарӣ ва афзалияти ин метод муҳақ-қиқон-забоншиносони маъруф В.Н.Топоров ва О.Н. Трубачев чунин изҳори ақида кардаанд: «Самараи таҳлил дар асоси формантҳо дар он зоҳир мешавад, ки мо ҳар дафъа ҳадди ақал бо якчанд далеле сару кор дорем, ки ба як форманти умумӣ муттаҳиданд. Ғайр аз ин, тадқиқи калима, ки аз формант шурӯъ мешавад, ба мулоҳизоти мо оид ба шароити ташаккул ва мансубияти этникии ном мушаххасии таърихӣ мебахшад. Таҳлил дар асоси формантҳо баъзан имкон медиҳад, ки табақаҳои забонӣ муайян карда шаванд» [16, 18-19].

Омӯзиши топонимҳо тавассути формантҳо дар даҳсолаҳои охир мустаъмал гашта, дастовардҳои зиёде ҳосил гаштаанд. Бисёре аз пайравони ин метод ва муҳаққиқони топонимшинос онро яке аз воситаҳои муътамад ва муҳим медонанд, зеро унсурҳои ба тариқи фаровон дар номҳои ҷуғрофӣ дучоршаванда асоси ҷиддие барои мулоҳиза оид ба қолибҳои воҳид, муҳоҷирати аҳолӣ дода метавонанд, ки ба маҳаллоти нав кӯчида, онҳоро номҳои дигаре мувофиқи одат, анъана ва қолибҳои шиносе, ки аз маҳалҳои пешина медонанд, мегузоранд.

Ҷудонамойии форманти номи ҷуғрофӣ бе донистани асоси он на ҳама вақт муяссар мешавад ва эҳтиёткорию фаҳмиши амиқеро барои муқоиса намудани қаторҳои якхелаи топонимҳо бо анҷомаҳои монанд талаб менамояд. Мансубияти забонии асоси номи ҷуғрофӣ ва суффикс-ҳои калимасозӣ он на ҳама вақт мувофиқат мекунанд.

Чунонки А.Л. Хромов таъкид мекунад, «…Таҳлили сохторию сар-фунаҳвӣ фақат бо «методи формантҳо» анҷом намеёбад, чунки як қисми топонимҳо умуман метавонанд формант надошта бошанд, масалан, топонимҳои мураккаб ва топонимибораҳо» [17, 4].

Гурӯҳи зиёди топонимҳои минтақаи мавриди тадқиқ ин мулоҳи-заро тасдиқ менамоянд: Пистамазор, Дӯлонамайдон, Дарвозахам, Дивалимад, Сангпар, Дараи Об, Хӯҷағалтон, Анҷироб, Мазори Ҳазрати Султон, Кӯҳи Намак…

Асоси топоним аз ҷиҳати овозӣ ва сарфунаҳвӣ муҳим аст, чунки ҳангоми маълумоти дуруст доштан оид ба хусусият ва мансубияти ақал-лан чанд асоси топонимӣ формантҳои топонимиро шарҳ додан мумкин аст. Дар акси ҳол баъзе суффиксҳоро ба ҷойи форманти асосӣ қабул намудан мумкин аст ва ё аз ҷиҳати генетикӣ формантҳои мухталифро як чиз донистан аз эҳтимол дур нест.

Ҳамин тариқ, зимни истифода аз таҳлили сохторию сарфунаҳвӣ ба ҷои аввал шакли формант, ҷиҳати овозӣ ва сохту калимасозии он мебарояд. Ин ба муҳаққиқ

имконият медиҳад, ки маводи мавҷударо пурра тасниф намояд. Фақат ба маънии топоним аҳамият додан нокифоя аст.

Истифодаи методи таҳлили таърихӣ метавонад дар кори муайяннамоии пайдоиши ибтидоии топоним, ташаккул ва таҳаввули он, муҳити иҷтимоие, ки боиси пайдоиши номи нав шудааст, мусоидат намояд. Яке аз пайравони методи таҳлили таърихӣ А.И. Попов дар тадқиқотҳои худ, аз ҷумла меорад, ки ҳангоми аз сарчашмаҳои таърихӣ огоҳ набудан, эҳтимоли дуруст муайян намудани таърихи пайдоиши номи ҷуғрофӣ хеле кам мегардад.

Номи ҷуғрофӣ ҳар қадар таърихи пайдоиши қадимтар дошта бошад, ба ҳамон андоза таърихи пайдоиш ва шарҳи маънии онро дуруст муайян кардан мушкил мегардад. Масалан, муайян кардани маънии топонимҳои таърихии минтақа–Ҳулбук, Бик, Андичароғ, Порғар ва худи номи вилоят–Хатлон хеле мушкил аст.

Методи муайяну ягонае барои таҳқиқи маводи топонимӣ вуҷуд надорад, чаро ки ҳар як тадқиқот мавод ва вазифаҳои мухталиф дошта метавонад. Вале, дар ҳар сурат роҳу восита ва методҳои алоҳидае ҳастанд, ки мунтазам истифода мешаванд. Масалан, тибқи нишондоди муҳаққиқони маъруф, аз қабили А.В.Суперанская, В.Э. Сталтмане, Н.В.Подолская ва А.Х.Султонов тадқиқотҳои топонимӣ ва умуман ономастикӣ дорои чунин ҷанбаю хусусиятҳои таҳлилӣ мебошанд:

Атрибутсияи забонии маводи ҷамъоваришуда. Пайдо намудани номҳои дар даврaҳои гуногун ташаккулёфта, дар минтақа ва ё низоми топонимии алоҳида. Ҳамчунин, муайян кардани мансубияти забонии топонимҳо дар баробари маълумоти дуруст доштан оид ба забонҳои алоҳида ва ҳолату вазъияти забонҳо дар давраи ташаккули топонимҳои алоҳида.

Таҳлили матнӣ (текстологӣ). Зимни интихоб намудани маводи топонимӣ аз матни сарчашмаҳои алоҳида, қаблан худи матн таҳти таҳлили ҷиддӣ бояд қарор дошта бошад, то муътамадии худи матн ва сарчашма муқаррар карда шавад. Номи ҷуғрофӣ дар матн не, балки берун аз он дар шароитҳои дигар ва чанд муддат қабл аз таълифи матн (сарчашма) ташаккул меёбад. Ба матнҳои топонимӣ сарчашмаҳои таърихию ҷуғрофӣ, этнографӣ, ҳисоботҳои шӯроҳои деҳот ва мақомоти маҳаллии ҳуку-мат, асноди бойгониҳо, харита ва нақшаҳои ҷуғрофӣ, маълумотномаҳои маъмурию ҳудудӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Таснифи топомавзеъҳои мавод ва минтақа. Қабл аз таҳлили пурраи забонӣ, бояд маводи топонимӣ ба гурӯҳҳои алоҳида–ойконимия, гидронимия, оронимия, спелеонимия ва ғайра тақсимбандӣ шавад.

Таснифи ҳудудии мавод. Ба ин мақсад, бояд мавод ба табақаҳои алоҳидаи забонӣ ҷудо карда шавад, яъне нишона, аломат ва хусуси-ятҳои топонимҳоро ба эътибор гирифта, аз ҷиҳати таърихи пайдоиш ва баромад, бояд ба забонҳои алоҳида ва ҳудудҳои алоҳидаи густаришӣ дар дохили минтақаи тадқиқшаванда гурӯҳбандӣ шаванд.

Таҳлили чиннигорӣ (стратиграфӣ). Дар ин маврид мавод ва ё номҳои алоҳида бо мавод ва ё унсурҳои муайяни забонҳои дигар, бояд дар муқоиса қарор дода шавад.

Таҷдиди сохт ва шакли номҳои ҷуғрофӣ. Дар ин маврид бояд кӯшиш кард, ки дар асоси маводу маълумотҳои гуногун асос, реша ва ё шакли ибтидоию маънии аслии топоним барқарор карда шавад.

Таҳлили этимологӣ. Дар ин маврид диққати асосӣ ба лексикаи аппелятивӣ ва шакли ибтидоии исми хос дода мешавад. Бояд зикр кард, ки таҳлили этимологии топоним аз таҳлили этимологии дигар гурӯҳҳои луғавии забонӣ тафовутҳои зиёд дорад.

Таҳлили калимасозӣ. Зимни тадқиқи топонимия қабл аз ҳама на забон, балки ҳудуд ва минтақаи алоҳидаро ба эътибор мегирем, зеро дил-хоҳ низоми топонимӣ субстрат дошта, фарогири номҳои гуногунзабон мебошад. Агар калимасозӣ дар забоншиносии умумӣ ҳамчун бахши алоҳидаи грамматика ё бахшу предмети мустақили тадқиқот дониста шавад, дар ономастика он ба сифати самти махсусу мустақили тадқиқот эътироф шудааст. Дар ин маврид, махсус ба далелҳои калимасозии таърихӣ ва ҳозира диққат додан зарур аст.

Таҳлили сохторӣ. Таҳлили сохторӣ дар ономастика аксаран на ҳам-чун метод, балки ба сифати воситаи алоҳида эътироф мешавад. Бо ин роҳ қолибҳои ном, лексема ва аффиксҳои он муайян карда мешавад.

Таҳлили формантӣ. Таҳлили формантӣ аз муайянкунии форманти ном вобаста аст, ки он на ҳама вақт ба суффиксу аппелятив баробар аст. Ин имкон медиҳад, ки ном дар як гурӯҳ ё қатори муайян гузошта шавад. Таҳлили формантӣ ба таҳлили сохторӣ наздик аст, вале баръакси таҳлили сохторӣ он фақат дар тадқиқотҳои ономастикӣ истифода мешавад.

Таҳлили асосҳо. Таҳлили асосҳо дар мавриди истифодаи такрории воҳидҳои луғавии навъҳои муайян маълумотҳои муфид дошта метавонад.

Таҳлили муродиф (шакл, вариант)-ҳои номҳои ҷуғрофӣ. Таҳлили муродифҳои исмҳои хос, махсусан, топонимҳо, метавонад барои шевашиносии таърихӣ, забоншиносии ҳудудӣ ва пурра кардани маълумоти таърихӣ кӯмак намояд.

Муайян кардани ҳудудҳои топонимӣ. Ҳудудҳои алоҳида дар асоси монандии номҳо ва ё ҷузъҳои алоҳидаи онҳо (асосҳо, аффиксҳо), ки дар нутқи аҳолии маҳаллии минтақа мустаъмаланд, муқаррар карда мешаванд.

Нақшабандии топонимӣ. Муқаррар намудани ҳудудҳои топонимӣ ба яке аз воситаҳои дигари ба истилоҳ «илмӣ-техникӣ», яъне нақшабандӣ (картография) , ки ин ё он унсури топонимӣ дар нутқи онҳо ройиҷ аст ва ё макону маҳалҳои номҳои фарқкунанда дошта, муайян мегарданд.

Тафтиши эҳтимолӣ. Ҳар як маводи забонӣ бояд аз тафтиши эҳтимолӣ низ гузарад. Ин як роҳи махсуси худсанҷии муҳаққиқ, таҳлили роҳи тайшуда, арзёбии натиҷаҳои бадастомада аз нуқтаи назари мувофиқати онҳо ба воқеият аст. Далелҳои муайяни ономастикӣ метавонанд дар асоси забонҳои мухталиф ва ё қолибҳои гуногуни ҳамон забон ҳар гуна шарҳ дода шаванд.

Таҳлили оморӣ. Ҳисоби омории таркиб ва қолибҳои номҳо, ҳамчунин ҷузъҳои муайяни топонимҳои низоми топонимии алоҳида, барои муҳаққиқ аҳамияти зиёд дошта метавонад. Ҳисобнамойии таносуби фойизии қолибҳои алоҳидаи номҳо, дар давра ва марҳилаҳои гуногун дар кори мушоҳида намудани тамоюлҳои таҳаввулоти низоми топонимӣ мусоидат менамояд.

Муайян кардани ҷомеият (универсалия)-и топонимӣ. Муқоисаи ҳолатҳои топонимии давраҳо, минтақаҳо ва забонҳои мухталиф нишон медиҳад, ки дар баробари хусусиятҳои алоҳида метавон аломат ва нишо-наҳои умумӣ ва муштараки доимиро маълум намуд.

Тадқиқи таҷрибавӣ (эксперименталӣ).Зимни тадқиқоти топонимӣ метавон бо саволномаҳои алоҳида ба аҳолӣ мурочиат намуд.

Ба ин восита, метавон хулоса ва андешаҳои шахсиро бо фикру нуқтаи назари аҳолӣ муқоиса намуд. Бо ин роҳ ахбору маълумоти зиёде ба даст овардан мумкин аст. Ба роҳ мондани чунин таҷрибаи топонимӣ мушкил ва заҳматталаб аст. Он омодагии калони қаблӣ ва вақти зиёдро зимни коркарди мавод талаб мекунад. Аввалан, барои гузаронидани ин таҷриба, аллакай, бояд маводи топонимӣ ҷамъоварӣ шуда бошад, сониян, саволнома асосан барои собит намудани фарзияҳои мухталиф истифода мешавад. Сеюм, тавассути саволномаҳо ахбору маълумотҳои иловагӣ ба даст овардан имконпазир аст. Донистани сарчашма ва ёдгориҳои таърихии фарогири ахбору маълумот оид ба замони пайдоши топонимҳои алоҳида ва ё шароитҳои маскун шудани аҳолӣ дар минтақаи тадқиқӣ, хеле муҳим аст. Вале, на ҳама вақт сарчашмаҳо доир ба номҳои минтақаҳои алоҳида маълумот дода метавонанд. Махсусан, зимни муайян намудани таърихи пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули номҳои ҷуғрофии таърихӣ, аз қабили гидронимҳои забонӣ қариб номумкин мегардад. Аз ин ҷост, ки дар аксари минтақа ва ҳудудҳои Осиёи Миёна баъди анҷоми тадқиқоти топонимӣ гурӯҳе аз номҳои ҷуғрофӣ маънидод нашуда мемонанд.

Дар кори дуруст фаҳмидани маҷмӯи хусусиятҳои топоним методҳои хоси фақат забоншиносӣ кӯмак карда метавонанд. Яке аз методҳои нисбатан деринаи забонӣ-методи таҳлили этимологӣ мебошад. Чунонки Ю.А.Карпенко менависад: «Солҳои зиёде этимология вазифаи ягонаи топонимика буд. Ҳатто, ҳоло низ он аз ҷиҳати аҳамият масъалаи шумораи як ва албатта, мураккабу мушкил аст. Ҳарчанд, илм оид ба номҳои ҷуғрофӣ дорои вазифа ва масъалаҳои зиёде гашт, ки бо этимология ё кам алоқаманданд ва ё умуман робита надоранд» [18, 9].

Ба эътибор нагирифтани маълумотҳои таърихӣ ва хусусиятҳои ҷуғрофӣ метавонад самараи методи таҳлили этимологиро коҳиш диҳад. А.И.Попов дар ин мавриди чунин мулоҳиза меронад: «Набояд фақат ба мулоҳизаҳои филологӣ дода шуд, ки аз зерасоси таърихӣ ва ба эътибор гирифтани хусусиятҳои ҷуғрофии маҳал холӣ бошанд» [19, 33]. Методи таҳлили этимологӣ, ки дар тадқиқоти топонимӣ муҳим аст, аҳамияти худро аз даст надодааст, зеро он барои таҷдиди сохт ва барқароркунии шаклу маънии ибтидоии номи ҷуғрофӣ, мусоидат менамояд. Ҳарчанд, дар роҳи маънидоднамоии топоним мушкилоти зиёде меистад, дар сурати истифодаи дурусти тадқиқу таҳлили муқоисавию таърихӣ ва ба эътиборгирии воқеияти ҷуғрофӣ, метавон онҳоро пушти сар намуд. Тибқи ақидаи Ю.А.Карпенко, «…Аз мавзеи ҷуғрофӣ ба номи он наздик шуда, метавон онро таъйин ва мушаххас намуд ва дар сурати амиқ мулоҳиза рондан, ҳатто этимологияи номро кушод. Меъёри

ҷуғрофии этимологизатсияи топоним маҳз аз ҳамин иборат аст» [18, 11]. Методи картографӣ дар тадқиқотҳои топонимӣ имкон медиҳад, ки ба тариқи аёнӣ густариши ин ё он қолибҳои номҳои ҷуғрофӣ, ҷуғрофияи суффиксҳои топонимӣ, ҳудудҳои нуфузи унсурҳои забон дар топонимияи муосир, маънии истилоҳоти маҳаллӣ ва халқии ҷуғрофӣ, ки номҳои ҷуғрофиро ташаккул медиҳанд ва робитаи онҳо бо ҳодиса ва мавзеъҳои табиӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, зичии номҳо ва ё такрори топонимҳо дар ҳудуди муайян нишон дода шаванд. Дар ин бора ва умуман имконоти васеи методи картографӣ, харита ва нақшаҳои топонимӣ, Е.М.Поспелов муфассалан нигоштааст ва робитаи мутақобилаи картография ва топонимикаро нишон додааст. Методи картографӣ анҷом додани корҳои зиёдеро талаб карда, инъикоси натиҷаҳои коркарди фаровонро мехоҳад. Методи картографӣ, ҳамчунин ба маълумотҳои оморӣ такя мекунад. Маълумотҳои оморӣ оид ба такроршавии формантҳо, асосҳо, қолибҳо ва ягон унсури номҳои ҷуғрофӣ, мансубияти онҳо ба забони алоҳида имкон медиҳанд, ки топонимияи ин ё он минтақа бо назардошти тамоми хусусиятҳо тасаввур карда шавад. Аксаран, чунин унсурҳо дар ҷадвалҳои алоҳида инъикос карда мешаванд.

Бо вуҷуди зарурати истифодаи таҳлили сохторию сарфунаҳвӣ ва усулҳои дигар, таҳлили луғавию семантикӣ низ набояд аз мадди назар дур бошад. Таҳлили луғавию семантикӣ таҳлилҳои дигарро пурра менамояд. Яъне, истифода аз якчанд роҳу воситаи таҳқиқ ва метод ба муҳаққиқ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои забонии топонимияи минтақаи муайянро пурра ва мукаммал тадқиқ намояд. Ин амал, махсусан ҳангоми тадқиқоти илмӣ роҳу воситаҳои гуногуни ҳалли масъаларо фаро мегирад, мисли ҳамин дар топонимика низ, якчанд воситаи муайян кардани маънӣ ва этимологияи топоним мавҷуд аст. Ҳатто, баъзан маънидод кардани топоним шартӣ аст ва ё умуман ғайриимкон шуда метавонад.

Зарурат ва моҳияти омӯзиши ҳаматарафаи номҳои ҷуғрофӣ боз аз он сабаб сол то сол дарк шуда истодааст, ки номҳои ҷуғрофӣ тағйироти сохти ҷамъиятӣ, сиёсати миллии давлат, мансубияти давлатии ҳудуд ва мувозинати кашфиётҳои ҷуғрофӣ ва тадқиқотро инъикос карда метавонад. Е.М.Поспелов дар ин маврид чунин мулоҳиза рондааст:

«… Аксаран номҳо дар замони қадим пайдо шудаанд ва ба забонҳои азбайнрафта тааллуқ доранд. Чунин номҳо баъзан метавонанд ягона сарчашмае шаванд, ки доир ба ин гуна забонҳо хабар диҳанд. Номҳои ба забонҳои зинда мансуб буда, баъзан маълумотҳое оид ба падидаҳои луғавӣ, овозӣ ва калимасозӣ маҳфуз медоранд, барои гузаштаи забон ва ҷараёни инкишофи он то ҳолати имрӯза амиқтар фаҳмидан ёрӣ мерасонанд» [20, 10].

Аксари номҳо хусусиятҳои лаҳҷаву гӯишҳои то рӯзгори ҳозира омада нарасидаро инъикос мекунанд. Ҳамаи ин масъалаҳо аз таваҷҷуҳи зиёди забоншиносии кунунии ватанию хориҷӣ ба топонимика шаҳодат медиҳанд.

Чунонки В.А.Жучкевич изҳори ақида кардааст, маводи ҷамъовар-даи топонимӣ, ақаллан, бояд ба масъалаҳо ва вазифаҳои пешбинишудаи зерин ҷавобгӯ бошад: 1) номи мавзеъ (деҳа, дарё, ҳавз ва ғ.); 2) номи мавзеи ҷуғрофӣ бо назардошти шакли ҳозираи он; 3) оё мавзеъ номи дигар низ дорад, ки бо номи асосӣ баробар истифода шавад ва ё дар гузашта ягон номи дигар дошт? 4) аз кадом замон ин ном маълум аст? 5) оё дар масофаи наздик ба мавзеъ чунин номҳои дигар низ ҳастанд? 6) аҳолии маҳаллӣ ин номро чӣ гуна шарҳ медиҳад? 7) оё ин гуна шарҳи маънӣ бо далелҳо собит мешавад? [21, 67]

Худи таълимоти топонимика асосан чунин масъалаҳоро дар бар мегирад: 1) маърифатӣ, 2) тарбиявӣ-ғоявӣ, 3) вазифаҳои номгузорӣ ва аз нав номгузорӣ, 4) вазифаҳо ва таъйиноти он, 5) имлои дурусти номҳо, интиқоли онҳо аз як забон ба забони дигар.

Иҷрои ҳамаи ин вазифаю масъалаҳо ва ҷавобгӯ будани тадқиқот ба меъёрҳои муайяншуда, истифодаи тамоми роҳу восита, усулу имконият ва методҳои зикршударо талаб менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бартольд В.В. Сочинения / В.В. Бартольд // Туркестан в эпоху монгольского нашествия. - М.,1963. - Т.1. - 760 с.
2. Бартольд В.В. Сочинения / В.В. Бартольд // История культурной жизни Туркестана. - М., 1963. - Т.2. - 102 с.
3. Гафуров А.Г. Рассказы об именах / А.Г. Гафуров. - Душанбе, 1968. - 140 с.
4. Додихудоев Р.Х. Лингвистический анализ микротопонимии Памира (на материале шугнано-язгуламской группы языков): автореф.дис… док.фил.наук / Р.Х. Додихудоев. - М., 1980 - 39 с.
5. Исмоилов Ш. Назаре ба вожаҳои ҷуғрофӣ / Ш Исмоилов. - Душанбе, 1993. - 63 с.
6. Исмоилов Ш. Таҳлили лингвистии топонимҳо / Ш. Исмоилов. - Душанбе: Сино, 1994. - 64 с.

7. Маҳмадҷонов О. Баррасиҳо дар номшиносии тоҷик / О. Маҳмадҷонов. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 101 с.
8. Мурзаев Э.М. Топонимика-популярная / Э.М. Мурзаев. - М.: Знание, 1973. - 34 с.
9. Мурзаев Э.М. Очерки топонимики / Э.М. Мурзаев. - М.: Мысль, 1974. - 384 с.
10. Мурзаев Э.М. Азиатские топонимические миниатюры / Э.М. Мурзаев // Очерки топонимики. - М.: Мысл, 1974. - С.199.
11. Мурзаев Э.М. Географические названия Средней Азии и Казахстана / Э.М. Мурзаев // Ономастика Средней Азии. - М., 1978. - С.38-47.
12. Мурзаев Э.М. Аппелятивы в топонимах Средней Азии / Э.М. Мурзаев // Ономастика Средней Азии - М.: Наука, 1982. - 168 с.
13. Мурзаев Э.М. В Средней Азии / Э.М. Мурзаев. - М.: Наука, 1982. - 168 с.
14. Мурзаев Э.М. География и названиях / Э.М. Мурзаев. - М.: Наука, 1982. - 168 с.
15. Мурзаев Э.М. Словарь народных географических терминов / Э.М. Мурзаев. - М.: Мысль, 1984. - 653 с.
16. Топоров В.Н. Лингвистический анализ гидронимов Верхнего Поднепровья / В.Н. Топоров, О.Н. Трубачев. - М., 1962. - С.18-19.
17. Хромов А.Л. Очерки по топонимии и микротопонимии Таджикистана. Выпуск 1 PDF / А.Л. Хромов. - Душанбе: Ирфон, 1975. - 84 с.
18. Карпенко Ю.А. Деминутивное антропонимическое словообразование. Местные географические термины / Ю.А. Карпенко. - М.: Мысль, 1970. - С.9, 11.
19. Попов А.И. Географические названия (введение в топонимику) / А.И. Попов. - М., 1981. - С.33.
20. Поспелов Е.М. Топонимика и картография / Е.М. Поспелов. - М., 1970. - С.10.
21. Жучкевич В.А. Общая топонимика. Зизд / В.А. Жучкевич. - Минск, 1980. - С.67.

МЕТОДЫ ЛИНГВИСТИЧЕСКОГО ИССЛЕДОВАНИЯ ТОПОНИМИИ

Статья посвящена рассмотрению существующих методов и приемов лингвистического анализа топонимических материалов. Как считает автор, и на сегодняшний день методы топонимических исследований находятся на стадии развития, однако, целесообразно, при исследовании топонимических материалов на начальной стадии опираться при выборе метода на собранный фактологический материал.

Ключевые слова: метод, материал, топонимика, путь, средство, наука, язык, лингвистика, исследование.

METHODS OF LINGUISTIC RESEARCH OF TOPONYM

Article is devoted to consideration of existing methods and receptions of the linguistic analysis of toponymic materials. As the author considers, and today methods of toponymic researches are at a development stage, however, expediently, at research of toponymic materials at an initial stage to lean at a method choice on a collected factual material.

Key words: method, material, toponymics, way, means, science, language, linguistics, research.

Сведения об авторе: ***С. Шералиева*** - соискатель КГУ им. А.Рудаки.Телефон: **919-38-59-99**

МУҚОИСАИ ПАСВАНДИ МАКОНСОЗИ *«-ИСТОН»* БО *«-ЗОР»* ДАР АШЪОРИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

М. Калонова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Калимасозӣ ҳодисаи басо мураккаб буда, муайян намудани усул ва кашф кардани қонунҳои вай ба таҳлили дурусти шарҳи илмии таркиби калима ёрӣ мерасонад. Калимасозӣ ва таҳлили морфологии калима ба ҳам вобастагии зич доранд. Бинобар ин, таҳлил ва тадқиқи калимасозӣ бо муайян намудани ҷузъҳои морфологии калима хотима намеёбад. Ин зинаи якуми таҳлили калимасозист, вай инчунин тақозо мекунад, ки тарзҳои васлшавӣ, муносибат ва мавқеи ҷузъҳои калима, инчунин қолаби калимасозии он муайян карда шавад [6, 26-27].

Калимасозии исмҳо ба воситаи аффиксҳо (ба калимаҳо ҳамроҳ шудани пешванду пасванд) ва бо роҳи алоқаи таркиби калимаҳо ба вуҷуд меоянд.

Ҳофиз яке аз шоироне мебошад, ки дар ашъори он пасвандҳои исмсоз (бо вариантҳои гунонунашон) хеле фаровон ба назар мерасанд. Умуман, пасвандҳои забони адабии тоҷикиро аз рӯи истеъмолашон ба гуруҳҳои сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул ҷудо мекунанд, ки мехоҳем дар ин мақола оид ба муқоисаи пасвандҳои сермаҳсули-истон ва–зор дар ашъори Ҳофиз истода гузарем.

Пасванди–истон бо исмҳои моддӣ ва маънӣ омада, исми сохта месозад. Он дар ғазалиёти Ҳофиз ҳамагӣ 27 маротиба бо калимаҳои **гул, шакар , шаб, кор ва нигор** омадааст. Мисол:

Ғанимат дону май хӯр дар **гулистон**,
Ки гул дар ҳафтаи дигар набошад [8, 212].
Бас ғариб афтодааст он мӯри хат гирди рухат,
Гарчи набвад дар **нигористон** хати мушкин ғариб [8, 49] .
Тӯтиён дар **шаккаристон** комронӣ мекунанд,
В-аз тахассур даст бар сар мезанад мискин магас [8, 330] .
Маро, ки аз рухи ӯ моҳ дар **шабистон** аст,
Куҷо бувад ба фурӯғи ситора парвое [8, 597]

Пасванди «-истон» дар забони форсии миёна шакли–stana дошта, дар ташаккули калимаҳои сохтаи забони адабии тоҷикӣ дар се шакл «-истон,-стон ва–сон» ба назар мерасад. [3, 141]

Тарзи истифодаи ин пасванд чунин аст: агар асоси калима бо ҳарфи ҳамсадо тамом шавад, пасванди–истон (гулистон), агар бо ҳарфи садонок тамом шуда бошад пасванди–стон (бӯстон) қабул мекунад.

Саҳар ба бӯи **гулистон** даме шудам дар боғ,
Ки то чу булбули бедил кунам илоҷи димоғ [8, 368].

Гунаи «-сон» низ бештар дар назм ба назар мерасад. Масалан: корсон, шӯрсон ва хорсон, вале чунин калимаҳоро дар осори Ҳофиз дарёфт накардем.

Пасванди–истон мисли пасванди -зор бо исм омада, макон ва фаровонии предметро мефаҳмонад. Ҳамчунин ҳар ду пасванд (-истон ва -зор) аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исми сохта месозанд, аммо дар иҷрои вазифа вижагиҳо доранд. Масалан: **пасванди –истон:**

а) аз исмҳои ифодакунандаи халқу миллат номҳои ҷуғрофӣ месозад. Масалан: **Тоҷикистон, Ӯзбекистон**, аммо истифодаи ин гуна калимаҳо дар ғазалиёти Ҳофиз дида намешавад.

б) агар ин пасванд бо калимаҳои регу санг ва ё гул ояд, бо пасванди –зор ҳамвазифа мешавад, мисол: **гулистон, сангистон** [3, 134-135].

Тухми вафову меҳр дар ин куҳна **киштзор**,
Он гаҳ аён шавад, ки расад мавсими дарав [8, 490].

Пасванди–истон дар ғазалиёти Ҳофиз бештар бо калимаи «гул»-(гулистон) омадааст, яъне 17 маротиба. Метавонем гӯеем, ки калимаи **“гулистон”** аз вожаҳои калидии ашъори Ҳофиз ба шумор меравад. Мисол:

Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махӯр,
Кулбаи эҳзон шавад рӯзе **гулистон**, ғам махӯр! [8, 316].

Инчунин ин пасванд бо исми маънии «кор» исми «користон» сохтааст, ки маънои корҳои аҷибро дорад. Мисол:

Хами зулфи ту доми куфру дин аст,
Зи **користони** ӯ як шамма ин аст [8, 95].

Ш. Рустамов дар рисолаи худ қайд мекунад, ки дар калимаҳои **«зимистон»** ва **«тобистон»** пасванди–истон номи фасли сол сохтааст**.** Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» [9, 521] калимаи «зим» ба маънои «ғоиб шудан» шарҳ дода шудааст, ки ба андешаи мо ба маънои калимаи зимистон алоқае надорад. Дар забони русӣ вожаи «зимистон» (зима) ин гуна маъно дорад: «холигие, ки дар он офтоб пинҳон мешавад».

Вожаи «зима» аз ҷиҳати этимологӣ бо калимаҳои «jima, жима, нажим, яма ва сжимать» мувозӣ мебошад [11].

Аммо, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [10*,* 368] калимаи «тоб» ба якчанд маъно шарҳ дода шудааст, ки яке аз онҳо нур, рӯшноӣ мебошад. Ба фикри мо Ш. Рустамов низ ҳамин маънои калимаи «тоб»- ро ба назар гирифта, дар мисоли мазкур–истонро ҳамчун пасванд қайд кардааст.

Пасванди дигар, ки бо пасванди–истон қариб ҳамвазифа аст,–зор мебошад, ки он дар форсии миёна дар шакли c(v)ar вомехӯрад [3, 141].

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» [9, 526] пасванди–зор чунин шарҳ дода шудааст: «-зор–пасванди калимасоз, ки ҷойи бисёрӣ ва анбӯҳии чизе ва ё

майдони кишти чизеро ифода мекунад». Он ҳам мисли пасванди–истон сермаҳсул буда, дар ғазалиёти Ҳофиз 14 маротиба бо вожаҳои **гул, лола** ва **кишт** омадааст. Ба таъбири дигар, пасванди мазкур асосан бо калимаҳои ифодагари номи набототу рустанӣ васл мегардад . Мисол:

Шукри онро, ки ту дар ишратӣ, эй мурғи чаман,
Ба асирони қафас муждаи **гулзор** биёр [8, 310].

Пасванди–зор ҳамчун пасванди маконсоз зикр шудааст, аммо дар дохили матн маъниҳои дигарро низ ифода карда метавонад, ки байти боло шоҳиди гуфтаҳост. Масалан, пасванди–зор дар калимаи лолазор зимни ба вазифаи ҷузъи асосии ибораи «лолазори умр» омадан, на макон, балки замонро ифода мекунад.

Эй хуррам аз фурӯғи рухат **лолазори** умр,
Боз о, ки рехт бе гули рӯят баҳори умр [8, 314].

Дар байти зер калимаи «киштзор»-ро бо вожаи «куҳна» дар якҷоягӣ калимаи мураккаб ҳам гӯем хато намекунем, чунки дар байти мазкур ҳарду калима дар навишти форсӣ کشتزار کهنه якҷоя омада, маънои «дунё» - ро доранд.

Тухми вафову меҳр дар ин куҳна **киштзор**,
Он гаҳ аён шавад, ки расад мавсими дарав [8, 490].

Хулоса, аз муқоисаи ин ду пасванд (-истон ва-зор) чунин бармеояд, ки дар забони тоҷикӣ ҳарду ҳам аз ҷумлаи пасвандҳои сермаҳсул маҳсуб меёбанд, аммо дар ашъори Ҳофиз пасванди –истон нисбат ба пасванди–зор дар ташаккули калимаҳо бештар саҳм дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология. Фонетика. Морфология. – Душанбе: Маориф, 1982. – Қ.1. – 462 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология. - Душанбе: Дониш, 1985. - Ҷ.1.
3. Касимов О. Деривация в “Шахнаме” Абулкасима Фирдавси / О. Касимов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 188 с.
4. Пейсиков Л.С. Очерки по словообразованию персидского языка / Л.С. Пейсиков. - М.: Изд-во Московского университета, 1972.
5. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. – Душанбе, 1972.
6. Рустамов Ш. Исм / Ш Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1981.
7. Шанский Н.М. Очерки по русскому словообразованию / Н.М. Шанский. - М.: Изд-во Московского университета, 1968.
8. Ҳофиз Шерозӣ. Девони ғазалиёт / Шерозӣ Ҳофиз: мураттиб Ҷамшед Шанбезода. – Душанбе: Ирфон, 1983.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2008. - Ҷ.1. - С.521, 526.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – Москва, 1969. - Ҷ. 2. - С.368.
11. [Захираи электронӣ]. http://www.dazzle.ru/spec/rr-holidays4.shtml]

СРАВНЕНИЕ СУФФИКСОВ «-*ИСТОН*» И «-*ЗОР*» ОБОЗНАЧАЮЩИЕ МЕСТОВ ПОЭЗИИ ХАФИЗА ШИРАЗИ

Имена существительные обозначающие место образуются посредством суффиксации или посредством комбинированного использования суффиксов и префиксов.

В данной статье автором рассматривается использование и сравнение суффиксов *«истон»* и *«зор»* обозначаюших место в творчестве великого персидского поэта и суфийского шейха, одного из величайших лириков мировой литературы Хафиза Ширази.

Ключевые слова: Хафиз Ширази, использование суффиксов в поэзии хафиза ширази, изучение и сравнение, суффиксы обозначающие место, таджикское языкознание, имена существительные.

COMPARISON OF THE SUFFIXES "-*EASTON*" AND "ZOR" TO INDICATE THE PLACE IN POETRY HAFIZ SHIRAZI

Nouns denoting place are formed by suffixation or through the combined use of suffixes and prefixes. In this article the author discusses the use and comparison of the suffixes "Easton" and "Zor" denoting the place in the work of the great Persian poet and Sufi Sheikh, one of the greatest poets of world literature Hafiz Shirazi.

Kev words: Hafiz Shirazi, the use of suffixes in the poetry of Hafiz Shirazi, study and comparison, suffix denoting place, Tajik language, nouns.

Сведения об авторе: ***М Калонова*** **-** аспирантка Худжандского государственного университета им.Б.Гафурова.

СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ КОМПАРАТИВНЫХ ГЛАГОЛЬНЫХ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ В РАЗНОСИСТЕМНЫХ ЯЗЫКАХ.

Д.И. Маджидова
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики

Единицы фразеологического фонда представляют собой особый, специфический слой лексики, обладающий разнообразной структурой, выполняющий разные функции в речи и наделенный особой семантической спаянностью. Семантика фразеологических единиц очень тесно связана с контекстом и, как правило, наделена экспрессивным компонентом значения. Однако, вопрос об экспрессивности ФЕ до сих пор разработан недостаточно.

Предварительный анализ имеющегося исследовательского опыта в изучении компаративных ФЕ (КФЕ) показывает, что существенным достижением современных лингвистических учений является закономерный интерес к изучению структурно-семантических особенностей КФЕ.

В глагольных компаративных фраземах первые компоненты употребляются в буквальном значении, а остальные переосмысленные компоненты являются интенсификаторами или уточнителями, семантическими дифференциаторами первых компонентов. Глагольные компаративные обороты не употребляются в страдательном залоге и поэтому не могут трансформироваться в предложения. У оборотов этого типа всегда подчинительная структура [Арнольд 1966, 319].

В качестве первого компонента английских глагольных компаративных оборотов используются преимущественно односложные англосаксонские глаголы действия : bleed «кровоточить»; chatter «болтать, стучать (зубами)»; drink «пить»; eat «есть»; feel «чувствовать, ощущать»; fight «бороться, сражаться»; grin «ухмыляться»; hate «ненавидеть»; live «жить»; run «бежать»; sail «плыть» и др. Встречается несколько полностью ассимилированных заимствованных глаголов: agree «соглашаться», «быть полезным»; die «умирать, томиться желанием»; spend «тратить, истощать», «проводить (время)»; take «брать», «принимать», «провожать» и др.

Многие глагольные компаративные ФЕ являются оборотами с ярко выраженной оценкой. Глаголы в рассматриваемых оборотах делятся на три группы: 1) глаголы отрицательной оценки: hate, lie swear; 2) глаголы положительной оценки: fit, get on; 3) глаголы с нейтральным значением: drink, eat, feel, look, run, sleep, speak, swim, talk, treat, work и др. Преобладают глаголы с нейтральным значением. Во ФЕ с глаголами отрицательной и положительной оценки второй компонент лишь усиливает ее: *hate smb. (smth.) like poison [букв. ненавидеть кого- л. как яд] смертельно, люто ненавидеть кого-л. что-л.; swear like a bargee (like a fishwife) [букв. ругаться, как извозчик] (как жена рыбака)]-ругаться, на чем свет стоит (ср. ругаться как сапожник);*

В ФЕ с нейтральными глаголами второй компонент уточняет глагольное значение, а в целом оборот может быть оценочным: *drink like a fish - пить запоем; work like a horse (nigger,slave)-трудиться до изнеможения.*

Одни и те же глаголы могут входить в состав различных компаративных оборотов, например глаголы feel и look. Дифференцирующая роль вторых компонентов выступает в таком случае особенно ярко: *feel like a boiled rag-ср. как выжатый лимон; feel like a fighting cock –быть в форме, быть готовым к борьбе; look like a million dollars-прекрасно, блестяще выглядеть; look like nothing on earth-выглядеть отвратительно.*

В глагольных компаративных ФЕ в качестве второго компонента часто встречаются названия животных, реальные или воображаемые действия, которые легли в основу компаративных оборотов, употребляющихся в отношении людей. В большинстве данных ГФЕ буквальное значение и реальное совпадают. Например: *bleed like a pig –истекать кровью (как свинья под ножом); die like a dog –сдохнуть как собака (ср. собаке собачья смерть); eat like a wolf [букв, есть как волк] - жадно есть, наброситься на еду (ср. волчий аппетит); fight like a lion-сражаться как лев и др.*

В качестве второго компонента сражаться могут также употребляться названия насекомых, птиц, рыб: *blow (puff) like a grampus [букв.- пыхтеть как касатка]- тяжело дышать: chatter like a magpie [букв.-болтать как сорока] трещать как сорока; die like files [букв.-умереть как муха]-мрут как мухи и др.*

Компаративные ФЕ могут относиться к человеку: *have a head like sieve [букв, иметь голову как решето]-голова как решето, иметь 'дырявую' голову (говорится о рассеянном, беспамятном человеке); follow smb. Like a shadow [букв, следовать как тень]-следовать за кем-л. как тень; lie like a gas-meter [букв, врать как газовый счетчики]-завраться (ср. врать как сивый мерин).*

В английском языке имеется несколько сравнений, которые могут относиться как к предметам так и к людям, например, fit smb. like a glove [букв, быть впору как перчатка] быть как раз впору, подходить. Постепенно значение этого сравнения расширилось, и оно стало применяться к людям пр.

В глагольных компаративных оборотах в качестве второго переосмысленного компонента выступает как лексема, так и сочетание лексем: *agree like cats and dogs [букв. соглашаться как кошки с собаками]- жить как кошка с собакой; drop smb. (smth .) like a hot potato [букв. уронить как горячую картошку] - поспешно бросить, избавиться от кого – л. (чего – л.), как можно скорее; go (go off или sell) like hot cakes [букв, идти (продаваться) как горячие пирожки]- раскупаются как горячие пирожки.*

В ряде случаев связь между первым компонентом и сочетанием лексем является немотивированной, ввиду немотивированности значения данного сочетания лексем, в системе современного языка, например, *fight like Kilknny cats [букв. драться как кошки] - бороться до взаимного истребления; ~ бороться не на жизнь, а на смерть; grin like a Cheshire cat [букв.-- ухмыляться как Чеширский кот] – ухмыляться, улыбаться во весь рот.* Отсюда субстантивный оборот с целостным значением a Cheshire cat человек с (вечно) ухмыляющейся физиономией, бессмысленно улыбающийся во весь рот. Ср. немотивированные ФЕ: *talk to smb. Like a Dutch uncle [букв. разговаривать с кем – л. как голландский дядя] - журить кого – л., отечески наставлять кого -л., учить кого-л., уму-разуму; get on like a house no fire [букв. гореть как дом в огне] – прекрасно ладить друг с другом, жить душа в душу и др. Б*уквальное значение ФЕ вступает в противоречие с его фразеологическим. В омонимичном обороте *get on like a house on fire [букв. - гореть как дом в огне]*-быстро и легко продвигаться вперед подобного противоречия не возникает.

У некоторых глагольных сравнений имеются варианты, преимущественно лексические: *live like a lord (или like a prince) [букв.- жить как лорд (как принц)]-жить в роскоши, жить припеваючи;- кататься как сыр в масле; sleep like a log (или like a top) [букв. - спать как бревно (как волчок)]-спать крепким сном; спать как убитый, спать без задних ног.* Варианты других типов встречаются редко, например, квантитативные варианты: *tremble like an aspen leaf = tremble like a leaf [букв.-дрожать как (осиновый) лист] дрожать как осиновый лист; work like a galley slave-work like a slave [букв. - работать как раб (на галерах)]-работать как каторжный.*

Для русских компаративных глагольных ФЕ характерно наличие двух знаменательных компонентов, обычно «глагол + как +существительное», «глагол + как + предлог + существительное», *врать как сивый мерин, ругаться как сапожник, менять как перчатки, бежать как от чумы и др.*

Проявляя общность в лексико-грамматическом аспекте, таджикский и английский языки обладают существенными особенностями в структурной организации типовых моделей данных ФЕ, в способах выражения подчинительной связи и линейного расположения компонентов в варьировании порядка следования структурных элементов внутри компонентной организации компаративных ФЕ и др.

Анализ структурной организации компаративных ФЕ показывает, что сопоставляемые языки обладают специфическими отличиями в моделировании структуры данных ФЕ. Прежде всего следует указать на расхождение в порядке следования компонентов в сопоставляемых языках. Выше мы отметили, что наиболее многочисленную группу адъективных ФЕ составляют компаративные, образующиеся по структурной схеме N+con+Adj: лаблабу барин сурх, чун мӯй борик, as open as the day, as changeable as the\a weathercock. В таджикском языке модель адъективных компаративных ФЕ строится по трем структурным схемам:а) con+N+Adj: чун савадчӯб хароб; чун гул зебо; в) N-suf+Adj: абрешимвор мулоим; в английском; (con)+Adj+con+N: (as) clear as water; (as) white as snow.

В таджикском языке компаративных единиц, в том числе глагольных, называют "ибораю ҷумлаҳои ташбеҳӣ", можно их называть и "ибораю ҷумлаҳои монандӣ", например: Қорӣ Исмат *монанди хорпуштаки шаттахӯрда* кулӯлаю лунда шуд(С.Айнӣ).

Как в английском языке, в таджикском языке стержневые слова-глаголы делятся на три группы: с положительным понятием, с отрицательной оценкой и с нейтральным значением: например:

а) глаголы с положительным значением:

Мо босмачиёнро, ки *монанди мор* ба назар намоён буданд, *нест кардем* (С.Айнӣ): глагол: *нест кардем* (уничтожили).

б) глаголы с отрицательной оценкой: “Ғазаталабон бо дидани ин бандии маҷрӯҳ, бе он ки гуфтанашон маълум шавад, *монанди сагони садои раъду барқшунида*, ҳама баробар бо як овоз *уллос мекашиданд*,” (С.Айнӣ); глагол *уллос мекашиданд*-как собаки завывали.

в) глаголы с нейтральной оценкой: Муллоён ба кафши чӯбии эшон он қадар ҳавас накарда бошанд ҳам, ба чакмани пиёзии “табаррукӣ”, ба заминҳои ҳосилхез ва обчувоз монанди тифли ҳалводида оби даҳонашон рафт (С.Айнӣ). Здесь глагол-стержновой компонент-*оби даҳонаш раф*т-слюна пошла у него.

В таджикском языке, как и в английском языке, второй компонент компаративных глагольных единиц усиливает сравнения, сопоставления, которые являются основной целью употребления данных категорий. В качестве второго компонента сравнения, наподобие английского языка, могут употребляться так же названиях животных, птиц, рыб; но и чаще и людей. Примеры:

Савор ҳам аз даст рафтани сайди матлабро фаҳмида ба монанди сайёде, ки шикори ба дом афтодаи худро гурезонда бошад ё мисли шағале, ки мурғи ба чангол даровардаашро аз даст дода бошад, аз ғазаб дандон мехоид (С.Айнӣ) Соро монанди касе, ки нохост ба сараш як сатил оби хунук рехта бошанд, якбора дарида рафт.(там.же). + монанди шере, ки дар ғазаб омада бошад, дандон мехоид ва меғуррид [С.Айнӣ Ятим, с.421].

В таджикском языке, в отличие от английского языка, во второй части компаративных единиц используются некоторые вспомогательные слова и сочетания слов, которые являются средствами связи частей компаративных единиц и являются показателями сравнительных элементов, такие как чун, монанди, мисли, ба мисли, ҳамчун ба монанди, чунон ки, чӣ хеле ки, ҳамчунон, и др. Аммо Ёдгор монанди бузе, ки дар маъракаи кӯбкорӣ афтода бошад, ба ҳолате, ки аз гӯштҳои баданаш бурида-бурида хун мешорид, дар майдон монд. [С. Айнӣ Дохунда, с 161]. Он кас мисли сарви озод яккаву танҳо ҳастанд. [С. Айнӣ Марги судхӯр, с. 176].

Общая характеристика компаративных ФЕ в обоих сопоставляемых языках показывает, что характерной чертой глагольных компаративных ФЕ является использование в качестве ядерного компонента преимущественно исконных глаголов; сравните в этом отношении английские компаративные ФЕ, в которых, как правило, используются простые исконные односложные глаголы: bleed-кровоточить; chater-болтать; стучать (зубами); drink-пить; drop-ронять, бросать, опускать, падать, прекращать (работу); eat-есть; feel-чувствовать, ощущать; fight-бороться, сражаться; grin-ухмыляться, скалить зубы; hate-ненавидеть; lie-лежать; live-жить; look-смотреть, выглядеть; run-бежать; seel-плыть; shake-трясти, волновать, дрожать; sing-петь; sleep-спать; smoke-курить; speak-говорить; swim-плавать, плыть; talk-разговаривать, сплетничать; work-работать и некоторые другие. Конечно, исключением не являются также исконные двусложные глаголы; follow-следовать, идти; заниматься чем-н; следить (глазами); понимать. Среди заимствованных встречаются глаголы, которые полностью ассимилировались в английском языке: agree-соглашаться; быть полезным; fit-годиться быть в пору; пригонять, прилаживаться; оборудовать, снабжать; spend-тратить, истощать; проводить (время); take-брать; взять; treat-трактовать; лечить; угощать; tremble-дрожать, трепетать и др.

Коннотативные признаки фразеологических единиц в целом и компаративных ФЕ в частности, могут обозначать разную степень интенсивности, большую или меньшую эмоциональную выраженность, или менее положительную оценку.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Абдуллозода Р. Ибораҳои халқӣ / Р. Абдуллозода. – Душанбе: Дониш, 1971. – 204 с.
2. Азимова М.Н. Сопоставительный анализ фразеологических параллелей английского и таджикского языков / М.Н. Азимова. - Душанбе, 1999. - 115 с.
3. Баракаева Г.Б. Принципы составления таджикско-английского словаря и вопросы таджикско-английской лексикографии. АКД / Г.Б. Баракаева. - Душанбе, 1968. – 24 с.
4. Кунин А.В. Английская фразеология. Теоретический курс / А.В. Кунин. - М.: Высш. Шк., 1970. – 344 с.
5. Сазонова М.К Лексика и фразеология современного русского языка / М.К. Сазонова. - 1963.
6. Ҳасанов И. Лексика ва фразеологияи романи «Дохунда»-и С.Айнӣ / И.Ҳасанов. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 157 с.

СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ КОМПАРАТИВНЫХ ГЛАГОЛЬНЫХ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ В РАЗНОСИСТЕМНЫХ ЯЗЫКАХ

Статья посвящена изучению сопоставительного анализа компаративных глагольных фразеологизмов в таджикском и английском языках. Предварительный анализ имеющегося исследовательского опыта в изучении компаративных ФЕ (КФЕ) показывает, что существенным достижением современных лингвистических учений является закономерный интерес к изучению структурно-семантических особенностей КФЕ. Автор указал, что анализ структурной организации компаративных ФЕ показывает, что сопоставляемые языки обладают специфическими отличиями в моделировании структуры данных ФЕ.

Ключевые слова*:* единицы фразеологического фонда, глагольное значение, лексико-грамматический аспект, анализ, сравнения, сопоставления, односложные глаголы, коннотативные признаки.

COMPARATIVE ANALYSIS COMPARATIVE VERBAL PHRASEOLOGICAL UNITS IN DIFFERENT LANGUAGES

The article is devoted to comparative analysis comparative verbal phraseological units in the Tajik and English languages. Preliminary analysis of the available research experience in the study of comparative PHE. KPHE shows that significant achievement of modern linguistic exercise is a natural interest in the study of the structural-semantic peculiarities of KPHE. The author argued that the analysis of the structural organization of comparative PHE shows that mapped languages have specific differences in modeling data structures PHE.

Key words: phraseological units of the Fund, the verb meaning, lexica-grammatical aspect, analysis, comparison, comparison, monosyllabic verbs, connotative signs.

Сведения об авторе: ***Д. И. Маджидова*** **-** преподаватель кафедры английского языка Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (ТГУПБП). Телефон: **927-70-38-41**

НАЗАРИЁТИ МУХТАЛИФИ ИЛМӢ РОҶЕЪ БА МАСОИЛИ ИСТИЛОҲШИНОСӢ

Қ.Ш. Тӯраҳасанов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истилоҳот ва истилоҳсозӣ ҳамеша дар зери назорат мебошанд. Ба ҳисоб гирифтан ва ба низом даровардани терминҳо аҳамияти бузурги назариявию амалӣ ва иҷтимоӣ дорад.

Истилоҳшиносӣ як рукни асосии илми забоншиносӣ буда, инсон дар равиши кору фаъолияти хеш метавонад ба он таъсир расонад. Ҳадафи асосии истилоҳот ҳар чӣ бештару дақиқтар баён намудани мафҳумҳои мухталифи соҳавӣ мебошад. Табиист, ки ин гуна истилоҳот аз нигоҳи мафҳуму маънӣ ба кормандон ва мутахассисони соҳаҳои дигари ҷомеа норавшан мебошанд. Калимаву ибороте, ки ба ҳайси истилоҳот пазируфта шудаанд, метавонанд маъно ва мафҳуми навро баён намоянд. Дуруст аст, ки дарки чунин маъниҳо, мафҳумҳо барои ҳар нафаре осон нест. Аз ин рӯ, дар забон зарурати тартибу низоми луғоту фарҳангномаҳои мухталиф ба миён меояд ва кору фаъолияти инсонҳо болои фарҳангномаҳо бештар ме-гардад. Барои анҷом додан ва ба миён овардани чунин кору фаъолият соҳибони забонро лозим аст, ки аз захираҳои луғавии забони миллӣ,аз имкониятҳои дохилӣ ва дигар воситаҳои дастурии забон, аз ҷумлаи луғатнигориву фарҳангнигорӣ тибқи анъанаҳои аҷдодии миллӣ истифода намоянд.

Дар баробари рушду нумӯи ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ, дастовардҳо ва комёбиҳои бузурги илмию техникӣ ва ба миён омадани техникаву технологияи нави пешрафтаи муосир дар як вақт бахшҳои мухталифи илму фан ва соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ падид омад. Ҳар яке аз ин бахшҳои мухталиф роҳу воситаҳои ташаккули хешро доштанд. Вобаста ба ин ҳар як бахш ва ё соҳа мафҳум ва маъниҳои хоси худро доро буд, ки баёни мафҳумҳои он барои соҳаҳои дигар мушкил ва душвор буданд. Ниҳоят соҳаҳои мухталифи илм ба вуҷуд омад, ки ҳар кадом дар асоси истилоҳоти махсуси худ рушду сайқал меёфтанд. Дар натиҷа, муқоисаи истилоҳоти тахассусӣ бо калимаҳои маъмулии забон ба миён омад. Аз ин рӯ, олимону пажӯҳишгаронро лозим омад, ки пеш аз ҳама қолабҳои муайяни истилоҳсозӣ, меъёрҳои истилоҳгузинӣ ва қонуну қоидаҳои истилоҳшиносиро муайян намоянд. Дар робита ба ин масъала таҳқиқгарон сайъ намудаанд, то хусусиятҳои дигари истилоҳотро низ муайян намоянд.

Ҳамин тариқ, дар забоншиносии умумӣ як бахши алоҳидае ба вуҷуд омад, ки масъалаҳои муҳимми омӯзиш, тартибу низоми назарияҳои гуногуни усулҳои истилоҳсозиву истилоҳгузиниро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки ба унвони истилоҳшиносӣ падид омад.

Масоили омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ чи дар забоншиносии ҷаҳонӣ ва чи дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аз назари муҳаққиқон дур мондааст. Омӯзиши истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносии рус дар миёнаҳои асри гузашта зуҳур намуд. Дар баробари таҳаввулот ва ташаккули марҳилаи инкишофи забони русӣ аввалин фикру андешаҳо роҷеъ ба истилоҳшиносӣ дар забоншиносии рус ба вуҷуд омаданд. Масалан, бархе аз олимон ва донишмандони рус аз қабили Хаютин, Гринаф ва Китрич истилоҳотро ҳамчун ифодакунандаи мафҳумҳои мушаххас қаламдод намуда, онро берун аз таркиби луғавии забон қарор медоданд [11, 13-15].

Ж.Вандриес ва Л.Смит доир ба масъалаи истилоҳшиносӣ ва дар муқоиса бо фикру андешаҳои донишмандони қаблӣ истилоҳро бо номи жаргон зикр кардаанд [11, 17-20].

Ҳамаи пажӯҳишгарон дар назария ва фикру андешаҳои худ кӯшиш кардаанд, то андозае тафовути маъногии байни калимаи маъмулии забон ва истилоҳро ба таври ба худ хос шарҳ диҳанд. Аз диду назари ин донишмандон калима ҳамчун муродифи вожа маънидод шудааст. Дар айни замон хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳоро низ нишон додаанд. Ба андешаи забоншиноси амрикоӣ Л. Блумфилд эътибор диҳем, ӯ вожаро ҳамчун калимаи ҳосиладор қаламдод кардааст. Ба андешаи ӯ вожа нисбатан хусусияти умумиистеъмолӣ ва озодро дорад, ки ин вижагиҳоро калимаи одӣ доро нест. Истилоҳ бошад, дар муқоиса бо калима дақиқтар буда, як соҳаи муайяни корбурди хешро дорад ва мафҳуми мушаххасеро баён менамояд. Вожаи маъмулӣ метавонад ба ҳайси як калимаи одӣ қобили истифода бошад, вале истилоҳ танҳо дар як соҳа корбаст мешавад. Агар истилоҳ ҳамчун калимаи маъмулӣ истифода шавад, маънои истилоҳии худро аз даст медиҳад.

Тавре маълум аст, таҳлили масоили истилоҳ ва истилоҳшиносӣ бидуни назарияи забоншиносӣ имконнопазир аст. Дар байни нахустин тадқиқоте, ки ба назарияи истилоҳшиносӣ бахшида шудаанду масъалаҳои назарӣ ва методологии истилоҳро муайян кардаанд, назарияҳои С.М.Бурдин, [3] Д.С.Лотте, [7] Н.А.Баскаков, [2] С.А.Чаплигин, А.Реформатскийро [9]. номбар кардан ҷоиз аст, чаро ки онҳо аҳамияти хосса доранд. Донишмандони мазкур дар асару мақолаҳои хеш таҳқиқоти назаррасе анҷом додаанд, ки дар онҳо доир ба масъалаҳои гуногуни назарии истилоҳот низ изҳори назар кардаанд.

Дар забоншиносии рус ба масъалаҳои назарӣ ва амалии омӯзиши истилоҳ донишманди рус Д.С.Лотте бо нахустмақолаи хеш “Вазифаҳои навбатии истилоҳгузинии техникӣ” асос гузоштааст [7].

Дар робита ба масоили муҳимми истилоҳот дар ҷумҳуриҳои дигар низ фикру андешаҳо аз ҷониби аҳли илму адаб ва маориф, аз қабили З.Т.Джабиев, [4] В.А.Бактияров, Ф [1], Оғозода, У. Турсунов, Р.А.Комахидзе [6], К.Б.Жалмухаммедов [5] гуфта шудааст, ки масоили умумии истилоҳоти забони миллии худро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додаанд.

Ҳамаи муҳаққиқони ин соҳаи илмро лозим ва зарур буд, ки дар қадами аввал онҳо бояд масъалаҳои муҳимми истилоҳсозиву истилоҳгузиниро маълум ва равшан менамуданд, баъдан сари чигунагии онҳо, роҷеъ ба ҳадталабии онҳо, доир ба мавқеи махсус доштани онҳо дар захираи луғавии забон ва хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо изҳори назар менамуданд.

Дар таърифу қоидаҳо доир ба ин масъала мутафовутҳ зиёд буданд. Дар забоншиносии рус дар бораи калимаи истилоҳ танҳо дар охири асри XIX аз тарафи фарҳангнигорон Ф.А.Брактауз ва И.А. Ефрон дар “Фарҳанги энсиклопедӣ” чунин таъриф дода шудааст:

«Истилоҳ (terminus)- ҳамчун Худованди сарҳадот, ки ҳама гуна сангҳо ва нишонаҳои сарҳадӣ дар ҳифзу ҳимояти он қарор доштанд ва низ муқаддас маҳсуб дониста мешуд, дар назди римиёни қадим маънидод шудааст» [8; 3; 17; 39-41].

Умуман, истилоҳот калимаҳое мебошанд, ки мафҳум ва маънии муайян дошта, дар як соҳаи алоҳида корбаст мешаванд.

Доир ба мафҳум ва маънии луғавии калимаи истилоҳ дар фарҳангҳо таърифҳои қариб якхела дода шудааст. Шарҳи истилоҳ дар фарҳанги "Энсиклопедияи калони Советӣ" чунин оварда шудааст: Истилоҳ (термин) (лотинии давраи баъдӣ) terminus–термин, аз лотинии terminus–ҳудуд, марз); 1) вожа ва ё вожагоне, ки барои баёни дақиқии мафҳум ва таносуби он бо мафҳумҳои дигар дар ҳудуди соҳаи махсус мансуб гардидаанд [12].

Муаллифони "Луғати Энсиклопедии Советӣ", ки дар солҳои охири Ҳукумати Шӯравӣ рӯйи чоп омадааст, таърифи "истилоҳ"-ро чунин қаламдод намудаанд: Истилоҳ (термин) дар асотири илмӣ Худованди марзҳо….. Истилоҳ (термин)–истилоҳгузинӣ (терминология).

Худи калимаи истилоҳ (термин) аз забони лотинии terminus–марз, ҳад, ҳудуд, ҳаҷм, андоза гирифта шуда, ба ҳайси як маънои алоҳидаи хоси соҳаи илм истифода мешавад. Истилоҳгузинӣ ё худ истилоҳшиносӣ (терминология) бошад, ҳамчун илм низоми ташаккул ва таҳаввулоти истилоҳотро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор медиҳад. Дар луғатномаҳо ва фарҳангномаҳои тафсилии мухталиф ба баёни шарҳи термин–истилоҳ таърифҳои зиёде дода шудааст. Д.Н. Ушаков дар "Фарҳанги тафсилии забони русӣ" роҷеъ ба шарҳи баёни "истилоҳ" чунин менигорад: "Истилоҳ (термин) аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, ба маъниҳои ҳудуд, марз, сарҳад далолат мекунад. Дар соҳаҳои гуногун ба маъниҳои мухталиф маънидод шудааст: 1. Дар илми мантиқ мафҳуми тавассути вожа баёншударо мегӯянд. 2. Истилоҳ ин номи вожае, ки мафҳуми муайянро ифода карда бошад. Истилоҳот калима ва ё вожаи махсусе мебошад, ки мафҳум ва маънии махсуси соҳаҳои алоҳидаи илм, санъат, техника, истеҳсолотро ифода мекунанд. Истилоҳот ин вожагон ва ё ибораҳое ҳастанд, ки барои ифодаи мафҳумҳои ягон чиз дар ин ва ё он муҳит, касбу кор қобили истифода қарор дода мешавад.

Маънии вожаи «истилоҳ» дар «Фарҳанги забони адабии советии рус» [10, 331] чунин тафсир ёфтааст: «Вожагон ва ё таркиби вожагоне, ки мафҳум ва маънии муайяни фалсафӣ, илмӣ, техникӣ ва ғайраро аниқ баён менамоянд» [10, 308-311].

Тавре дида шуд, баъди таҳқиқоти бисёре роҷеъ ба шарҳи баёни «истилоҳ» ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таърифҳо оид ба мазмуни калимаи "истилоҳ" дар тӯли сад–дусад сол аз ҳам фарқияти ҷиддие надоранд. Таърифҳо баъзе хусусиятҳои фарқкунанда дошта бошанд ҳам, вале ин ба маънии аслии онҳо таъсири куллие намерасонад. Фарқияти дигар дар шарҳи баёни вожаи "истилоҳ" аз ҷониби фарҳангнигорону луғатсозон ин аст, ки фикру андешаҳои якдигарро ё каму беш такмил додаанд, ё матолиберо дар шакл ва тарзи баёни дигар маънидод намудаанд. Умуман, калимаи «истилоҳ» аз диди муҳаққиқони соҳаҳои мухталиф аз нигоҳи масоили умумии ҳар як соҳа ба тариқи ба худ хос мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Бактияров В.А. Латинская терминология некоторых патологических процессов / В.А Бактияров. - Кемерово, 1969. – 310 с.
2. Баскаков Н.А. Современное состояные терминологии в языках народов СССР / Н.А Баскаков // Вопросы терминология. – М.; Изд-во АН СССР, 1961. - С.55-68.
3. Бурдин С.М. Роль Ломоносова в создании естественно – научных терминов в русском литературном языке / С.М Бурдин. – М.; 1952. – 48 с.
4. Джабиев З.Т. Терминологии народной медицины в осетинском языке: автореф. дисс. – канд. филол. наук / З.Т Джабиев. – Тбилиси, 1984. – 23 с.
5. Жалмухаммадов К-Б. Русско-казахский толковый словарь терминов глазных болезней / К-Б. Жалмухаммадов. – Алма-Ата, 1997. – 130 с.
6. Комахидзе Р.А. Типологические исследования системы русской физической терминологии сравнительно с грузинской: автореф… канд. филол. наук / Р.А. Комахидзе. – Одесса, 1982. – 23 стр.

7. Лотте Д.С. Некоторые принципиальные вопросы отбора и построения научно – технических терминов / Д.С Лотте // Изд-во АН СССР. - №7. - 1940. – С. 0-87.
8. Развитие терминологии на языках союзных республик СССР / редколлегия: академик Г.В. Степанов, доктор филологических наук; В.П. Даниленко и К.М, Мусаев. – Москва: Наука, 1986.
9. Реформатский А. Что такое термин и терминология / А Реформатский. – М.; Изд-во АН СССР. 1961. - С.46-54.
10. Словарь совестского русского литературного языка в 17 томах. - Москва, 1950-1965. - Т.15. – С.308, 311, 331.
11. Хаютин А.Д. Термин, терминология, номенклатура: учебное пособие / А.Д. Хаютин. - Самарканд, 1972.
12. Энсиклопедияи Советии Тоҷик. – Душанбе, 1981. - Ҷ.3 - 600 с.

РАЗЛИЧНЫЕ НАУЧНЫЕ ПОЗНАНИЯ ОТНОСИТЕЛЬНО ВОПРОСОВ МЕДИЦИНСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ

В данной статье исследуются некоторые вопросы сущности и понятия медицинской терминологии таджикского языка. Лингвистический анализ данного материала показал, что исследуемый пласт медицинской лексики находится на стадии становления. В последнее время процесс образования медицинских терминов, получил новый импульс благодаря статусу таджикского языка как государственного и расширения сфер его использования, в числе которых–медицинская наука и практика, учебно–методическая работа.

Ключевые слова: теория познания урологическая лексика, термин, терминология, номенклатура, отбор терминов, научные термины, вопросы терминологии.

VARIOUS SCIENTIFIC KNOWLEDGE REGARDING MEDICAL TERMINOLOGY

This article explores some of the issues of nature and concepts of medical terminology Tajik language. Linguistic analysis of this material showed that the formation of the medical vocabulary is emerging. Recently, the formation of medical terms, received a new impetus thanks to the status of Tajik as the official language and broadening the scope of its use, including medical science and practice, educational - methodical work.

Key words: theory of knowledge urological vocabulary, term, terminology, nomenclature, selection of terms, scientific terms, questions of terminology.

Сведения об авторе: ***К.Ш. Турахасанов*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы ТНУ. Телефон: **(+992) 918-15-43-10**

ДОДАҲОИ ГӮЙИШИИ ХӮРОКИҲОИ ДАШТИСТОН

Ҳ. Маликзода
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Бушаҳр дар ҷанубӣ ғарбии Эрон қарор гирифтааст, аз самти муҷовири остони Хузистон ва қисмате аз Кӯҳкилуя ва Буер Аҳмад аст ва аз ҷануб ба Халиҷи Форс ва қисмате аз остони Ҳурмузгон ва аз шарқ ба остони Форс ва аз ғарб ба Халиҷи Форс мунтаҳӣ мешавад ва ҳудуди 600 километр марзи обӣ дорад, ки аз аҳамияти иқтисодӣ ва гардишгарии қобили таваҷҷуҳе бархурдор аст.

Даштистон аз назари луғавӣ ба маънии дашт, саҳро, биёбон ва арозии мустаҳ мебошад. Номи қадими Даштистон «Дастқон» муарраби даштистон аст. Дар луғатномаи Деҳхудо мехонем: «Даштистон ноҳияе аст аз ҳукумати банодар дар ҷанубӣ ғарбии Форс, ки байни Кӯҳкилуя даште аст». Даштистон имрӯз 150 километри мураббаъ вусъат дорад. Маркази он шаҳри Барозҷон аст, ки бо рустоҳои атрофаш бахши марказии Даштистонро ташкил медиҳад. Бахшҳои дигари он шомили Долакӣ, Зиёрат, Обпахш, Дашти Исмоилхонӣ, Ваҳдатия, Зироҳ, Шабонкора, минтақаи бузурги Пушти кӯҳ ва Саъдобод. Мардуми тамоми маконҳои зикршуда дар Даштистон, бо гӯйиши даштистонӣ сухан мегӯянд, аммо гӯйишҳои ҳар як минтақа (Блук, ки дар қадим хоннишин буда) тафовутҳо ва шабоҳатҳо бо якдигар доранд, мисли вожаи «хуш - хоš»-ро дар Барозҷон «хош - xâš», дар Саъдобод «хаш - хаš» талаффуз мекунанд. Тақрибан тамоми мардуми ин остон ба забони форсӣ ва бо гӯйишҳои маҳалии худ такаллум мекунанд. Лаҳҷаҳо дар рустоҳо бештар аз шаҳрҳо мутанаввеъ ва машҳуранд ва байни онҳо ихтилофҳо низ ба чашм мехӯранд.

Додаҳои гӯйиши ғизоҳо ва хӯрокиҳои Даштистон

Анвои хӯрокиҳо:

Орди руған: /ârde ruγan?/ навъе ҳалво. ***Ош*** /âš?/ анвои палов ва ош. ***Оши паси парда*** /âše pase parde?/ ғизое, ки ба муддати се рӯз аз тарафи модарарӯс барои арӯс ва домод фиристода мешавад.

Оши ҳаф дунгуру: /âše haf dongoru?/ оши ҳафтдунгори (= ҳабубот / dongâre); оше аст назрӣ, вижаи дандон баровардани кӯдаке, ки дандонаш ба мавқеъ дарнаёяд. Модар ҳабуботи ошро аз ҳамсоягон мегирад ва пас аз бароварда шудани ҳоҷаташ, ошро пухта, байни ҳамсоягон тақсим мекунад. Ҳафт навъи ҳабуботи ин ош

иборатанд аз: нахуд, лубиёи чинӣ, лубиёи чашми булбулӣ, адаси сурх ва сабз, мош ва боқла.

Огузи пурра: /âɣoz-e pure?/ навъи оғуз аст, ки аз шири доми тоза зоида таҳия мешавад. ***Олуи сурх карда***: /âlu serx kerde?/ себи заминии сурхкарда.

Ангушти печ: /angošt pič?/ навъи ҳалво. ***Ув боқиле*:** /ow bâqele?/ оби боқла ғизои фақирона, ки аз пухтани боқила бо намак ва филфил ва адвия ба даст меояд. Баъд нонро дар он тарид карда мехӯранд. ***Ув биҷиг***: /ow bijik?***l*** обгӯштӣ аст аз гӯшти гунҷишк. ***Утуле***: /ow tula?/ оби панираки пухташуда, панираки пухтаро дар софӣ рехта ва онро танҳоӣ ё бо мост махлут карда мехӯранд. Оби онро намехӯранд, чун муҷиби саргиҷӣ мешавад. ***Ов хог***: /ow xâg?/ навъи ғизои рақиқ, ки аз тухми мурғ, пиёз, шанбалила ва гашниз дуруст карда мешавад. Нонро дар он тарид карда бо сабзӣ ва турбча мехӯранд.

Ов доғак: /ow dɣak?/ ғизои фақиронае, ки аз пиёзи доғ, намак ва адвия таҳия мешавад ва нонро дар он тарид карда мехӯранд. ***Ов риште***: /ow rešte?/ оши ришта. ***Ов кале*** /ow kale?/ обгӯшти калла поча. ***Ов кашк***: /ow kašk?/ ғизоест махсуси рӯзҳои гарми тобистон. Ибтидо кашки хисшударо бо миқдоре об дар ҳовани сафолин рехта, бо кумаки ду адад дастаи чӯбин онро месоянд, то мояи шабеҳи дуғ ба даст ояд. Баъд нонро дар он тарид карда, гоҳ хиёр ҳам дар он ранда мекунанд ва бо сабзии шӯрмаззаи худрӯ монанди мангак, хурфа, пиёз ва хурмо мехӯранд. ***Ов миҷак:*** /ow mejak?/ оши бодоми кӯҳӣ, шӯлаи миҷак /šolle mejak/ ҳам мегӯянд. Бодоми кӯҳии талхро кӯбида дар об рехта, аз элак убур медиҳанд ва мегузоранд, то биҷӯшад. Сипас биринҷ дар он мерезанд. Гоҳ ҳам бидуни биринҷ мепазанд, ки пас аз табхири об, худи ғизо ғализ мешавад. ***Умиг***: /ow meyg?/ обе, ки дар он малах ҷӯшонида бошанд. Дар қаҳтсолиҳо малахро дар об ҷӯшонида ва намак зада мехӯрданд. Чойи камрангро низ бад-он ташбеҳ мекунанд. ***Увмӣ***: /ow m(o)ey?/ оби моҳӣ, қалиямоҳӣ, ки бо пиёз, сир, гашниз, шамблила, филфили сурх, адвия, оби тамр ва моҳӣ таҳия мешавад. ***Ов нухуд***: /ow noxod(đ) ?/ шӯрбои нахуд, ғизои рақиқе, ки аз нахуд таҳия мешавад ва ҳангоми сармохӯрдагӣ ва синадард, ҳаммонанди шӯрбо масраф мекунанд.

Бодегун*:** /bâdengun/ бодниҷон. ***Билоли гинумӣ: :/belâl genomi/ билоли гандумӣ, хӯшаҳои гандуми наврас бо донаҳои нарм ва ширӣ, ки бар оташ баршита кунанд. ***Билолайт***: /belâlit/ навъи риштаи бисёр борик, ки монанди ширинпалав бо шакар ва заъфарон пухта мешавад. ***Балбал:*** /balbal/ ноне, ки хамирмоя дошта, дар танӯр пазанд ва гоҳ ин нонро бо шакар ва равған чарб карда мехӯранд. ***Булбулӣ***: /bolboli/ нахуди пухта, ки мисли боқилӣ таҳия мешавад ва махсуси ҳавои сард аст. ***Бундуво*:** /bonduwâ/ барои таҳия он равған, каме орд дар кураи ҷӯшон мерезанд. Орд қатраҳои доғро аз лобалои кура ҷазб намуда, таҳшин мешавад. Ин моддаи хамирӣ бандуво ном дорад, ки дар сохтани ҳалво аз он истифода мешавад. ***Бандуво*** аз «бан=таҳ» + «ду = дуғ» +а сохта мешавад. ***Бун кирун:*** /bonkerun/ таҳи дег. ***Бу бирез***: /bu beriz/ пиёзи доғ, ки хушбукунандаи ғизоҳост.

Чундур мост: /čondor mâs/ чағандар мост - навъе ғизо; чағандари пухтаро дар мост ранда карда, ҳамроҳ бо намак ва филфили сиёҳ мехӯранд. ***Чингол***: /čengâl/ нони тунук ва тунуки хушк (нони тирӣ ва маҳаллӣ)-ро хурд карда, як каф даст об зада бо равған ва шакар махлут мекунанд. ***Чукилек***: /ču kelik/ навъи ғизо, ки аз ҷӯшонидани дуғ таҳия мешавад ва мардуми Даштистон онро бо хурмо мехӯранд. Зоҳири он монанди панир рез-рез шудааст.

Ҳалво: /halva/ ширинie аз хурмо ва орд ва равғани тафт дода. ***Ҳалвои писике***: /halâ peseki/ ҳалвое, ки аз чанг задании хурмо дар орд, бӯ дода ва каме равған ва гоҳе мост таҳия мешавад. Ба он ҳалвои хурмоӣ /halve-y xormoy-i/ ва ҳалвои тарак /halva terak/ ҳам мегӯянд.

Ҳалвои ордӣ: /halve-y ârdi/ номи дигари ҳалвои шакарӣ. ***Ҳалвои ангушти печ***: /halvoy angošt pič/ ба танҳоӣ «ангушти печ» ҳам мегӯянд. Навъи ҳалво, ки бо орд, шакар ва равған ба таври мусовӣ бо оби кам ё гулоб ва заъфарон таҳия мешавад. ***Ҳалвои бундуво***: /halve-y bonduwâ/ ин ҳалво аз чанг задани хурмо дар бандуво таҳия мешавад. Ҳалвои пушти камчи (асумӣ / esumi***l***): /halve-y pošt kamče/ ордро дар равған фаровон бӯ дода ва хурморо дар он чанг зада, ё бо пушти кафгир ё қошуқи бузург он кадар ба ҳам мезананд, то равғани он пас дода ва ҳалво рез-рез шавад. ***Ҳалвои рошӣ***: /halve-y râši/ шираи хурморо ҳарорат дода ва бо миқдори муносиби орд махлут карда, он қадар ба ҳам мезананд, то якдаст шавад. ***Ҳалвои сангак***: /halvo-y sangak/ навъи ҳалво, ки аз ҳарорат додани душоб

ва бисёр ба ҳам задан таҳия мешавад ва пас аз суфт шудан, сахт мегардад. ***Ҳалвои нунак***: /halve-y nunak/ номи дигари ҳалвои сангак аст, ки онро бо захомати кам дар синӣ паҳн карда, рӯйи он кунҷити фаровон мепошанд.

Хору*: /**xâru/ а) навъе моҳӣ, ки теғи бисёр дорад; б) навъи хурмои хуштамъ. ***Хог: /xâg/ тухми мурғ. ***Хог олу***: /xâg âlu/ кукуи себи заминӣ. ***Хоги тимоте***: /xâg temâte/ ғизое, ки аз тухми мурғ ва гуҷаи фарангӣ таҳия мешавад. ***Хоги фуфал***: /xâg-e fufal/ навъи ҳалво, ки аз тухми мурғ, дорчин, қанд ва адвияи фуфал таҳия мешавад. ***Хурушти бодингун***: /xorošt-e bâđengun/ навъи хӯриш, ки баъд аз пухтани гӯшт дар марҳилаи охир бодинҷони сурхшударо ба он меафзоянд.

Хуришти парпин: /xoreš(t)e parin/ парпин ё хурморо бо чағандар, ки пухта ва оби онро мегиранд ва пас аз кӯбидани пиёзи доғ, намак, адвия ва сир афзуда, каме тафт медиҳанд ва бо нон мехӯранд.

Хуришти тамрдор: /xorošt-e tamr dâr/ навъи хӯриш, ки бо гӯшт ва липа (арзан) ва себи заминӣ ва оби тамр (ки онро дар марҳилаи охир ба хӯриш меафзоянд), таҳия мешавад.

Рикок: /rekâk/ навъи нон, ки аз заррот таҳия мешавад.

***Зиверӣ*:** /zeveyri/ зиберӣ навъи харбузаи бумӣ ё хиёри зард, ки аз анвои дигари он обдортар, ширинтар ва бодавомтар аст.

Силтун санҷа: /seltun saneje/ ғизое, ки аз чағандар таҳия мешавад. ***Сигинде***: /segede/ ҷави сабзи билолкарда. Ҷави сабзе, ки донаҳои он ҳанӯз нарм аст ва монанди заррот бар оташ билол мекунанд.

Шиллеи риштуӣ: **/**šelle reštowi/ оше, ки бо риштаи маҳаллӣ ва сабзиҷоти муаттар дуруст мешавад. ***Шиллеи шилак***: навъи нон. Хамири рақиқеро даруни товаи чарби доғ рехта ва товаро рӯйи оташ ҳаракат медиҳанд, то хамир паҳн ва пухта шавад. ***Шилле***: /šelle/ ош ва ҳалим. ***Шиллаи хурмоӣ***: /šelle xormoy/ коҷӣ. Шираи ҳалшуда дар обро бо орд бӯ дода ва бо андаке кура мепазанд. Гоҳ ба ҷойи шира миқдоре хурморо хисонда аз софӣ убур дода, бо орд мепазанд. Шиллаи хурмоиро бештар дар рӯзҳои сард ва боронӣ пухта ва бо нон мехӯранд.

Шиллаи миҷак: /šolle mejak/ оши бодоми кӯҳӣ.

Шира: /šire/ дӯшоб.

Шишендоз: /šišendâz/ навъи ғизоест, ки аз ранда ва сурх кардани ҳавиҷ бо пиёзи доғ, тухми мурғ, адвия, намак ва филфили сиёҳ таҳия мешавад.

Асал: /esal/

Фил: /fel/ а) навъи ширинии хурмо аст, ки ҳастаи онро гирифта ва бо кунҷид ва орд махлут карда, чанг мезананд; б) навъе хӯрок барои зоӣ. Хурмои ҳастагирифтаро дар чанд навъ адвияи махсус ва кура ё равғани ҳайвонӣ чанг мезананд.

Қотуг: /qâtoγ/ қотик. Он чи ҳамроҳи нон ё биринҷ хӯранд.

Қайлия: /qilye/ қайла. Хуришти моҳӣ. Ин ғизо аз пиёз, сир ва сабзиҷоти (гашниз, шанбилила ва каме тира) тафтдода бо миқдоре шираи тамари ҳиндӣ ҳамроҳ бо ду се адад хурмо, адвия, филфил, каме орд ҷиҳати ғилзат ва як қошуқ раби кӯчаки фарангӣ таҳия шуда ва дар охир низ моҳиро ба он меафзоянд.

Қаймоқ: /qeymâq/ чарбуи мунҷамади рӯйи шир, мост, хӯриш ва обгӯшт.

Кумоч: /komâč/ навъи нон шабеҳи кик, ки ҳангоми пухтан рӯйи он шакар ва хурданабот мерезанд. Ба он «кумочи гарма» ҳам мегӯянд. Навъи дигари он кумочи хушк аст.

Гирде: /gerde/ навъи нони кӯчак, ки бо чой ё шир мехӯранд. Ин нон аз хамири орди гандум, шираи хурмо, хамирмоя ва авдвияҳои мухталиф таҳия мешавад. Ибтидо нонро паҳн карда, кунҷид рӯйи он мепошанд. Дар танӯр ё рӯйи това мепазанд. Сипас ба он равған ё кура мемоланд. ***Гӯшт*:** /gušt/ илова бар маънои аслӣ ба маънои хӯриш низ ба кор меравад, монанди хӯриши бодингун, хӯриши кодӣ /gušt-o bâđengun/, /gušt-o kođi/, гӯшти барра: **/**gušte bere/.

Лах-лах: **/**lax lax/ дампухти моҳӣ. ***Лилак***: /lelak/ гандуми кӯбида, ки аз донаҳои булғории кӯчактар аст, ки баъд аз бӯ додан дар оби ҷӯшоне, ки аз қабл дар он пиёзи доғ ва намак ва адвия аст, мерезанд. Сипас ба ҳам мезананд ва билфосила шуълаи газро хомӯш карда, то бо бухори худи дам биёяд ва пуф кунанд.

Лурак: /lurak/ панирмонанде аст, ки аз дуғ таҳия мешавад. Луракро бо хурмо мехӯранд. **Лавлу**: /lavlow/ лаблабу. Лаблабу, чағандари пухта.

Мос*:** /mâs/ мост. ***Мос ва боланг: /mâs-o bâlang/ мост ва хиёр. ***Мосу***: /mâsu/ кашки соидае, ки мисли мост ғализ бошад. Онро ҳамроҳ бо хурмо ё рутаб мехӯранд. ***Мутанҷине***: /motanjene/ навъи хӯриши бисёр хуштамъ, ки аз пиёз, гӯшт, олу, гарду, бодом, писта ва гуҷа таҳия мешавад. Киноя аз чизи камёб аст. ***Мурх:*** /morx/ мурғ.

Мурхи типунде: /morx-e teponde/ мурғи шикам пур бо пиёз, кишмиш ва олуи Бухоро ва гоҳ гирду. ***Муштак***: /moštak/ ноне бидуни хамирмоя, ки аз нони лаваш захимтар аст. Баъд аз пухтан бар рӯйи тоба бо равған чарб карда, шакар мепошанд.

Нуни зард: /nun –e zard/ навъи нони маҳаллии нозук, ки дар хамири он зардчӯба, шакар ё душоби хурмо мерезанд. Монанди нони қандӣ аст. ***Нунак***: /nunak/ кукуи тухми мурғ, ки мояаш тамоми кафи моҳито ба паҳн шуда ва ба шакли нони мадур ва кӯчаке бошад; б) навъи ҳалво, ки аз душоб ва орд сохта шавад ва онро кунҷити фаровон пошанд. ***Нуни нозук***: /nun-e nâzok/ нони тунук. Ноне, ки онро бо тир паҳн карда, рӯйи тоба мепазанд.

Гиёҳони доруӣ ва хӯрданӣ

Усоқудус*:** /ossâ qud(đ)us?/ устухдус. ***Исфаноҷ: /esfenâj?/ исфаноҷ. ***Анҷавод***: /anjovâd(đ) ?/ гиёҳи доруие, ки аз решаи он истифода мешавад. ***Ангедун***: /anged(đ)un?/ангдон, аз решаи он анғура мегиранд. ***Уше***: /owše?/ овишн, пунаи кӯҳӣ. ***Ушаи боғӣ***: /owšey bâγi?/овишни боғӣ. ***Ушаи пану***: /owšey pa:nu?/ овишни паҳн, навъи овишн бо баргҳои нисбатан паҳн, овишни шерозӣ.

Чундур: /čondor/ чағандар.

Хиёри зард: /xiyâr-e sard/ харбуза. ***Хиёри сард***: /xiyâr-e sard/ ҳиндувона. Манзур аз сардмизоҷ ва табиати сарди ҳиндувона аст. ***Хиёри гарм***: /xiyâr-e garm/ харбуза.

Салмак: /salmak/ гиёҳе, ки бо нон ва мост мехӯранд. **Сувзӣ**: /sowzi/ сабзӣ. ***Қовчунделӣ:*** /qâv čondeli/ соқаи туршмаззаи гиёҳе ба номи чандалӣ, ки онро бо намак мехӯранд. ***Кокул***: /kâkol/ шӯраи гиёҳи худрӯ аст, ки онро бо ғизо, бахусус бо нон ва мост мехӯранд. Як навъи он кокули резӣ /kâkol rizi/ ном дорад.

Қеленҷун: /q(g)elenjun/ гиёҳи доруӣ, ки онро бо доруҳои дигар бо номи сулинҷун /solenjun/ ва бодиранҷун /bâderanjun/ (бодарначуна) ҷӯшонида, барои рафъи камардард ва нозоӣ менӯшанд.

Қанду гинҷа: /qand-o ginje/ гинҷа ё анзарут, самғе аст бисёр талх, ки онро бо қанд махлут карда, ба навзод медиҳанд.

Кошнӣ: /kâšni/ коснӣ. ***Келотӣ***: /kelâti/ доруи гиёҳии бисёр талх, ки ҳар чизи талхро ба он ташбеҳ медиҳанд. ***Ку-ку***: /ku ku/ махлуте аз чанд доруи гиёҳӣ, ки онҳоро бо наботи нарм кӯбида ва дар об ҳал намуда, барои рафъи дилдард ва нафхи шикам ба кӯдак медиҳанд.

Кивирак: /keverak/ гиёҳи кабр. Гиёҳе шабеҳ ба хиёр ва ба андозаи донаи бодом ва гоҳ ба андозаи зардолу аст. Аз ин мева ва хамчунин аз соқ ва баргҳои тозаи он турушӣ месозанд. Гоҳ низ меваи расидаи онро мехӯранд, аммо донаҳои сиёҳранг ва васати онро ба даллеи талх будан намехӯранд.

Гулов: /golâv/ гулоб. ***Гули бовинак***: /gol bâvinak/ гули бобуна. Барои сармохӯрдагӣ ва гирифтагии бинӣ ҳам дам карда онро мехӯранд.

Лулефар: /lulefar/ гиёҳест доруӣ, ки барои равон кардани шикам ба кор меравад.

Мушкурак: /moškurak/ гиёҳест доруӣ, ки аз гули он барои рафъи сардии мизоҷ ва рутубат истифода мешавад.

Мул казрак: /mol kazrak/ навъе самғ аст, ки хосияти доруӣ дорад.

Ҳалпе: /halpe/ гиёҳе доруӣ, бо баргҳои хокистарӣ мутамоил ба сафед, ки хосияти гандзудоӣ низ дорад ва даруни гаҳвораи махсусе ба номи «мухтак»-ро бо он пур мекунанд.

Адвияи ҷот:

Хусрувдор: /xosrowdâr/**.** ***Дорчинӣ*:** /dârčini/ дорчин. ***Дори зард***: /dâri zard/ зардчӯба. ***Зарчуве***: /zarčuwe/ зардчӯба. ***Филфил***: /felfel/ дар Душанбе онро мурч мегӯянд /murč/**.** ***Ҳевиҷ*:** /hevij/ адвия. ***Ҳил***: /hil/ ҳил.

Танқилот:

Алук: /a:luk/ бодоми кӯҳӣ, ду навъи бодом – ширин ва талх низ дорад. ***Банак***: /banak/ пистаи кӯҳӣ, онро монанди бодоми кӯҳӣ ширин мекунанд.ва ба унвони оҷил масраф дорад. ***Бине машк***: /bene mašk/ бунаи сабзи тоза, ки ҳанӯз пӯсти он сахт нашуда бошад. ***Биринҷак***: /berenjak/ биринҷро ибтидо хес карда, баъд аз хушк шудан ва афзудан, бо каме намак онро бӯ медиҳанд, ё онро дар равғани доғшуда рехта, ба маҳзи пуф кардан ва дуруст шудан онро дар софӣ рехта, то равғани он ҷудо шавад.

Пессе: /pesse/ писта. ***Тухмак***: /tpxmak/ тухма. ***Фандуқ***: /fandoq/ фундуқ. ***Кулхунг***: /kolxong/ навъи пистаи кӯҳӣ аст, ки пӯсти он аз пистаи маъмулӣ тард ва шиканандатар аст ва бо дандон ҷавида мешавад. ***Кунор***: /konâr/ меваи дарахти садр, ки шабеҳи золзолик аст. Ба дарахти садр низ канор гӯянд.

Кукал: /kukal/ кулча, бисквит. Мумкин аст вожаи англисии /cookie/ бошад. Гирду: /gerdu/ гирду. Мардуми Душанбе онро чормағз гӯянд /čâr maγz/.

Луз*:** /lowz/ навъе ширинии обинаботмонанд ва рангоранг ба андозаи як сиккаи панҷриёлӣ, ки бештар дар арӯсиҳо истифода мешавад. ***Маҷ*:** /maj/ тухма. ***Нухуди гул: /noxođ-e gol/ нахудчӣ, пудри нахуд.

Ҷанувот:

Адас: / adas?/. Лубиё: /lubiye/ лубиё. Лубиё палав: /lubiye-y polow/ лубиёи чашми булбулӣ. Мошк: /mâš/.

Ҳадаф аз ин пажӯҳиш тавсифи вожагони марбут ба хӯрокиҳо ва доруҳои гиёҳӣ дар ноҳияи Даштистон, аз манотиқи шимолии остони Бушаҳр (Эрон) аст. Бо таваҷҷуҳ ба алоқаи мардум ба зиндагии шаҳрӣ ва гӯйиши расмӣ, муошират бо мардуми шаҳрҳои бузургтар ва ба фаромӯшӣ супурдани гӯйишҳои маҳаллӣ дар Бушаҳр, ки ҳамагӣ бозмондаи забони асил ва куҳани форсӣ мебошад, пажӯҳишгари ин забон бар он шуд, то мунтахабе аз вожагон ва истилоҳоти хосси хӯрокиҳо ва ғизоҳои маҳаллии Саъдобод (Даштистон)-ро ироа диҳад, ки илова бар ошноии хонанда аз фаромӯшии он низ ҷилавгирӣ шавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳмадӣ Р. Сангистон / Аҳмадӣ Р. – Шероз: Навид, 1380. – С.567.
2. Акбарзода Дориюш. Фарҳанги гӯйиши даштистонӣ (гӯйиши сарзамини далерон) / Акбарзода Дориюш. – Теҳрон: Позина, 1381. – С.140.
3. Боқирӣ Аҳмад. Гӯйиши даштистонӣ (як баррасии куллӣ):поённомаи коршиносии аршад / Боқирӣ Аҳмад. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1376. – С.223.
4. Барозҷонӣ Т. Сайре дар гӯйиши Даштистон / Т.Барозҷонӣ. – Шероз: Роҳкушо, 1382. – С.663.
5. Деҳхудо Алиакбар. Луғатнома / Деҳхудо Алиакбар. – Теҳрон:, 1373. - Ҷ.14. – С.21149.
6. Фараҳвашӣ Баҳром. Фарҳанги забони паҳлавӣ / Фараҳвашӣ Баҳром. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1381. – С.676.
7. Калбосӣ Э. Фарҳанги тавсифии гунаҳои забони эронӣ / Э. Калбосӣ. – Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти инсонӣ, 1388. – С.887.
8. Неруманд Муҳаммад Боқир. Вожаномаи шуштарӣ / Неруманд Муҳаммад Боқир. – Теҳрон: Фарҳангистони забони Эрон, 1355. – С.509.

НАИМЕНОВАНИЕ ПИЩИ В ДАШТИСТАНСКОМ ДИАЛЕКТЕ ИРАНСКИХ ЯЗЫКОВ

В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению наименование пищи в даштистанском диалекте иранских языков.

Ключевые слова: иранские языки, даштистанский говор, пища, название пищи, иранские языки.

THE NAME OF THE FOOD IN DASHTESTANE DIALECT OF IRANIAN LANGUAGES

In this article, the author reviewed and the study name of the food in dashtestani dialect of the Iranian languages.

Key words: Iranian languages, dashtestan dialect, food, name of food, Iranian languages.

Сведения об авторе: ***Х. Маликзода*** – аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

АЛОҚАИ КАЛИМАҲО БО ПЕШОЯНДҲОИ НОМӢ ДАР «БАДОЕЪ-УЛ-ВАҚОЕЪ» - И ВОСИФӢ

А.О. Ғаффоров, А. Алиев

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Дар асри насри асри XVI ҷараёни алоқа ва муносибати наҳвии калимаҳо бо пешояндҳои номӣ мавқеи муҳим доранд. Пешояндҳои номӣ маҳсули давраҳои нисбатан нави забон буда, асосан, аз ҳиссаҳои номии нутқ ба вуҷуд омадаанд ва «дараҷаи пешояндшавии ҳамаи калимаҳои номӣ як хел нест, қариб ҳамаи калимаҳое, ки ҳамчун пешояндҳои номӣ ё ҳиссаҳои номии пешояндҳои таркибӣ истифода мешаванд, комилан ба категорияи пешояндҳо нагузаштаанд. Баъзеи онҳо ҳамчун исм боқмонда бошанд, баъзеи дигарашон ҳамчун пешоянд серистеъмол мебошанд. Ин далели он аст, ки ба вазифаи пешоянд омадани онҳо ба давраҳои гуногун вобаста мебошад» [2, 65].

Андешаҳои дар хусуси пешояндҳои таркибии номии забони тоҷикӣ баёншуда, чунонки С.Абдураҳимов ишора кардааст, ба чунин хулоса меорад, ки пешояндҳои таркибии номии забони тоҷикӣ аз сари нав тадқиқ мехоҳанд ва ин масъала аз доира ва имконоти мақолаи мо берун аст.

Мусаллам аст, ки пешояндҳои таркибии номӣ низ монанди ҳуруфи дигари изофа барои ифодаи муносибатҳои умумӣ, абстрактии (замонӣ, масоҳавӣ, сабабӣ ва ғайра) байни предметҳо ва ё барои нишон додани чунин муносибатҳои предметҳо

нисбат ба амал, ҳолат ва аломат хизмат мекунанд. Пешояндҳои номӣ аз дигар ҳуруфи изофа, пеш аз ҳама, бо нигоҳ доштани маънои луғавии худ фарқ мекунанд. Маънои грамматикӣ ва луғавии пешояндҳои номӣ нишон додани муносибати калимае бо калимаи дигаре мебошад. Маънои грамматикии пешояндҳои номӣ аз нишон додани муносибати тобеии исму ҷонишинҳо бо калимаҳои дигар иборат бошад, маънои луғавии онҳо муносибати мантиқӣ–маъноии байни калимаҳои алоқамандшударо нишон медиҳад. Маънои хосаи пешояндҳои номӣ аз нишон додани тобиши муайяни маъноӣ, ки дар ин муносибати наҳвӣ мавҷуд аст, иборат аст.

Ҳамин тавр, пешояндҳои номиро низ, чун дигар ҳуруфи изофа ба гурӯҳи воситаҳои алоқаи калимаҳо дохил намудан мумкин аст, зеро маънои луғавии онҳо ба маънои грамматикиашон, асосан, баробар аст.

Пешояндҳои номиро дар забоншиносии рус бо истилоҳи «калимаҳои нимёвар» ном бурда, Ярсева В.Н. навиштааст: «дар ҳақиқат, калимаҳои ёвар ё нимёвар ҳамчун қисми таркибии луғавии забон, вазифаеро иҷро менамоянд, ки он бар вазифаи баъзе шаклҳои грамматикӣ баробар аст ва ё ба ҳар ҳол дар ифодаи маънои категориявии грамматикӣ ёрӣ мерасонанд» [4, 123].

Пешояндҳои номӣ на танҳо ба мавҷудияти муносибатҳои грамматикии муайяни байни калимаҳои таркиби ибора ва ҷумла далолат мекунанд, балки бо мазмуни худ мундариҷа ва хусусияти он муносибатҳоро равшану возеҳ месозанд:

I. **Ифодаи муносибатҳои ҳолӣ бо пешояндҳои номӣ.** Пешояндҳои номӣ дар ташкилу ифодаи муносибатҳои гуногуни навҳӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» воситаи сермаҳсулу серистеъмоли алоқаи калимаҳо маҳсуб меёбанд. Онҳо ҳам дар шакли сода ва ҳам якҷоя бо пешояндҳои аслӣ дар шакли таркибӣ, барои ифодаи аниқу саҳеҳтари муносибатҳои наҳвии калимаҳо дар забони ин давра ҳам мақоми хоса доранд. Пешояндҳои номӣ , бахусус, дар сурат гирифтани муносибатҳои гуногуни ҳолии калимаҳо дар насри асри XVI серистеъмоланд ва тобишҳои гуногуни маъноӣ зоҳир мекунанд.

1.Муносибатҳои макону масоҳа. Дар ифодаи муносибати макону масоҳа дар насри ин давра пешояндҳои номии зиёде истифода шудаанд. Қариб дар ҳамаи асару мақолаҳои ба пешояндҳои номӣ бахшидашуда қайд шудааст, ки пешояндҳои номӣ маънои ҳуруфи изофиро аниқтар ва пурратар менамоянд.

Дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» пешоянди пеши ҳам дар шакли сода [пеши-1, 165] ва ҳам дар ҳуруфи изофии дар, ба, аз, бар [дар пеши-1, 65], ба пеши [63 б], аз пеши [1, 17], бар пеши [1, 1] дар ифодаи муносибатҳои макону масоҳат истифода шудааст.

Шакли содаи ин пешоянд ва ашколи бо ҷузъи ба ва дар бо исми макон, ашё ва шахс, ба сӯи он равона будан ва дар пеши он воқеъ гаштани амалу ҳолатро нишон медиҳад. Ҷузъи тобеъкунанда бештар бо феълҳои ҳаракату ҳолат ва ҷузъи тобеъ бо исмҳо ва ҷонишинҳо ифода шудааст:

Пеши доруға рафтем [1, 1047]. Домодро пеши арӯс меоранд [1, 979]. Баъд аз он пеши ман намебошӣ [1, 521]. …пеши дари бод нишаста буд [1, 514]. …ба пеши мадраса…расидем [1, 1062]. …дар пеши он зан ҷавоне…истода [1, 977].

Дар алоқаи калимаҳо дар насри давраи тадқиқшаванда пешоянди пеши дар шакли пешони, ки маънии охир ва нуқтаи интиҳои масофаеро ифода мекунад, низ мустаъмал будааст: Моҳчучук дар пешони хона менигарист [1, 1133]. Ногоҳ аз пешонии кӯча касе пайдо шуд (1, 1064).

Шакли аз пеши гузаштани амал ва ё шахсро ба ҷое ва ё воқеъ гаштани амалро аз наздикии ашё ё шахсе нишон додааст: Қосиде аз пеши подшоҳ омад [1, 782]. Он мард аз пеши мо гузашт [1, 1023]. ….аз пеши назари вай дур бош [1, 56].

Дар шаклҳои таркибии пешоянди пеши ҷузъи аз аксаран ҳатмӣ буда, вогузор шудани он мумкин нест: Аз пеши қозӣ берун омаданд [1, 927].

Дар асар шаклҳои дар пеши ва ба пеши чун муродифи ҳамдигар истифода шудаанд: …он латта дар пеши ман андохт [1, 1155]. Ӯро дар пеши худ талабид [1,320]. …музди ҳаммомро ба пеши ҳаммомӣ ниҳода… [1, 1025].

Пешояндҳои пеши, назди вобаста ба ҷузъҳои тобеъкунанда ва тобеъшаванда дар ифодаи муносибатҳои ғайримасоҳавӣ низ истифода шудаанд. Дар ин маврид ба сифати тобеъкунанда ҳиссаҳои номии нутқ меоянд:

а) дар ифодаи муайянкунандагӣ-масоҳавӣ. Тобеъкунанда исм бошад, ибора муносибати муайянкунандагӣ–масоҳавиро ифода кардааст. Шамсаи пеши тоқи айвон [1, 342]. Хонаи пешон…дӯконро…гилем андоз [1, 1136]. Дар хиёбони наздики банди Қорун будам [1, 1119].

б) дар ифодаи муносибати объектӣ–қиёсӣ: Хуршеди бекарон…пеши вай чун холи кавокиб дар пеши офтоб будӣ [1, 226]. Қуттоси баҳри латиф пеши он маҳосини

касиф дар назар ноқису лаклака меояд [1, 896]. Назди аҳли басират бағоят мустаҳкам ва мақбул намуд [1, 900].

в) ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо тобиши маҳдудӣ: Пеши муншиёни моҳир…якрӯза кор аст [1, 330]. Нозукии мизоҷаш пеши шумо маълум аст [1, 530]. Назди хонум эътибор ёфт [1, 1122]. Назди арбоби фазилат лозим аст [1, 209]. Фарзандони Халли Кӯкалтош дар назди ман аз фарзандони ман мақбултаранд [1, 1105].

Дар насри асри XVI барои ифодаи муносибатҳои навҳии макону масоҳа пешояндҳои назди, наздики ва шакли таркибии онҳо–ба назди, ба наздики, аз назди, аз наздики, дар назди, дар наздики истифода шудаанд. Ин пешояндҳо аз рӯйи вазифаи наҳвӣ муродифи пешоянди пеши буда, дорои тобиши маъноии наздик будан ба ашё ва ё шахсе мебошад:…ба назди Суюнҷхоҷахон…фиристод [1, 378]. Дар наздики хонааш масҷиде буд [1, 1148]. Чун наздики имораташ расидем [1, 1099]. Рӯзе назди Улуғбекмирзо касе омада…[1, 550].

Дар ифодаи муносибати наҳвии макону масоҳат инчунин пешояндҳои дар ҷавори ва микроруни низ мустаъмаланд: дар ҷавори хонаи худ …ҷои таъин фармуданд (1, 1161). Чун оҳу дар махозии Нуъмоншоҳ расид…(1, 730). Он шахсе, ки микроруни эшон нишаста…[1, 550].

Пешояндҳои дар домани, ба домани, ба пои, дар пояи, ба пояи, дар поёни, дар зии ба исмҳои мушаххас омада, дар қисми поёнии онҳо воқеъ гардидани амал ё ҷойгир шудани шахсу ашёро ифода кардаанд: Ба домани кӯҳе расид [1, 752]. …ба пои девраш расидем [1, 1099]. Дар зии азалату ҷалоли мо …саъю кӯшиш дорад [1, 696].

Пешояндҳои номии дари ва шаклҳои таркибии он ба дари, дар дари, аз дари, бар дари низ дар насри асар, дар ифодаи муносибати наҳвии макону масоҳат истифода шудаанд.

Ибораҳое, ки бо пешояндҳои фавқуззикр сурат мегиранд, дар даромадгоҳ ва дар даруни маконе қарор гирифтан ё рӯй додани амалро ифода кардаанд: Устоди рангрез дари дӯкони худро об зада …[1, 991]. …дар дари харобот ёре пайдо шуд [1, 1145]. Моро дар дари хона мешиносанд [1, 1078]. Савор бар дари маҳкама расид [1, 838]. Гузараш ба дари мадрасае афтод [1, 704].

Бояд зикр кард, ки дар шаклҳои таркибӣ бо ҷузъи дари бештар дар алоқаи суст буда, он танҳо ба ибора тобиши маъноӣ мебахшад, ифода мегардад: … ба дари хонаи мулло Порсо расид(1, 586). Муқоиса шавад: ба сарое расидем [1, 1132].

Шакли содаи пешоянди номии изофии дари дар асар бештар дар таркиби ибораҳои исмӣ омада, муносибати муайянкунандагӣ–масоҳавиро ифода кардааст: Умарои дари хонаи султон [1, 1271]. Борҳо ба мардуми дари хона гуфта буда [1, 690].

Пешояндҳои таркибии номии изофии навъи бар сари, дар сари, ба сари, аз сари, бар болои, дар болои, дар рӯйи, бар рӯйи, аз рӯйи, бар рӯйи, бар фарқи, бар нӯги низ дар насри ин давра, асосан, дар ифодаи муносибатҳои макону масоҳа истифода шудаанд.

Шаклҳои навъи бар болои, дар болои, бар рӯйи, бар болои, бар сари ва амсоли инҳо бо исми макон ё ашё меоянд, ки амал дар сатҳу болои он воқеъ ё равона шудааст: Дар болои дӯкон хуҷрае сохта буд [1, 1136]. Дар шаб ба болои он навишта…[1, 478]….бар болои курсӣ нишаст [1, 793]. Бар сари дар тобдоне дорад [1, 1080]. Бар фарози минбар нишаст [1, 589].

Пешоянди сари ва шаклҳои таркибии он (бар сари, ба сари, дар сари) инчунин ашё ва ё маконеро нишон додаанд, ки дар наздикии он амал воқеъ ва ё ҷараён гирифтаст ва ё ба назди он нигаронида шудааст: Бар сари чашма аждаҳое буд [1, 753]. Моро дар сари Пули Молон меёбӣ [1, 1190].

Дар баъзе тадқиқотҳо қайд шудаст, ки шакли бар рӯйи дар забони адабии пешина барои ифодаи ҳоли макон дучор нашудааст. Мисолҳои мо собит намуданд, ки дар ифодаи муносибатҳои маконӣ ин пешоянд дар забони адабии пешина мустаъмал будааст: Ногоҳ боз ҳамон ғаливож …бар рӯйи ҳаво пайдо шуд [1, 872-873]. Ногоҳ шахсе бар рӯйи фарши айвон баромад [1, 1039].

Агар ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои маънӣ оянд, дар байни калимаҳои алоқамандшуда муносибатҳои ғайримасоҳавӣ мушоҳида мегардад:

а) муносибати сababӣ: Ин амр..аз сари мастӣ ва бехудӣ буда, [1, 931]…аз рӯйи ғазаб гуфт [1, 856].

б) муносибати мақсадӣ: Биё,то бар сари бисот равем [1, 865]. Паҳлавон Ҳиндухоҷа аз рӯйи даъво ба вилояти Хуросон омада [1, 892]….аз рӯйи эҳтиёт нигоҳе кард [1, 872].

в) муносибати тарзу мутобиқат: Аз рӯйи фаросат донистам [1, 872]. Дар ин ду қазия аз рӯйи муҷиби шарҳи Муҳаммадӣ таҷовуз менамоям [1, 776].

Пешоянди зери ва муродифҳои он–дар зери, аз зери, дар таги, дар тахти, дар қаъри, аз таги, аз қаръи, аз зери, дар таҳти, то зери, то қаръи нишон медиҳад, ки амалиёти фоил аз пояи ашё ё маҳалле оғоз меёбад ва ё дар пояи зери онҳо воқеъ шудааст ва ё ба таги он равона мегардад. Ба сифати ҷузъи тобеъ бештар исмҳои моддӣ ва ҷонишинҳо ва чун тобеъкунанда феълҳои ҳаракату ҳастӣ омадаанд: Зери чаҳорпояи курсии Абӯалӣ чаҳор танга ниҳоданд [1, 793]. Гилро аз таги ҷӯй меканд [1, 859]. Аз зери ҳезум баромадам [1, 1066]. Ҷоми заррин… дар зери он дошт [1, 753]. Дар таги хона гилеми абрешимӣ буд [1, 1161].

Муносибати макону масоҳа дар асар тавассути пешояндҳои номии изофии паҳлуи, лаби, гирди, паси, қафои ва шаклҳои таркибии онҳо-дар паси, бар канори, ба гирди, ба паси, дар лаби, дар гирди, ба лаби, ба канори, ба қафои, бар пушти, бар заҳри, ба дунболи, дар паҳлӯи, аз қафои, аз паси, аз пайи, дар пайи низ ифода шудааст.Ҷузъи номии шакли таркибии ин пешояндҳо таъйингари макони мушаххаси ҷойгиршавӣ, бавуқуъоӣ ва равона шудани амалу ҳолати калимаи тобеъкунанда мебошад: Султон аз қафои ӯ мерафт [1, 1284]. …гирди даргоҳи ман нагардӣ [1, 462]. Шӯаро дар гирди ӯ ҷамъ буданд [1, 1207]. Паси дари ҳавлӣ хокрез буда [1, 1138]. Аз пайи эшон ҳаёҳӯй баромад [1, 553]. Халоиқ ҳама ба дунболи ман мутаваҷҷеҳ буданд. [1, 1064]. Аз дунболи ман ҷудо нашавӣ [1, 1038]. …бар заҳри рубоии вай навишт [1, 841].

Пешояндҳои аз пайи, дар пайи дар асар ғайр аз муносибатҳои макону масоҳа дар ифодаи муносибатҳои сабабу мақсад низ истифода шудаанд. Р.Ғаффоров асосан пешоянди макон будани онҳоро зикр карда, дар ифодаи ҳоли сабаб дар шева омадани шакли аз пайиро низ қайд кардааст [3, 251].

Дар насри «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ин пешояндҳо дар ифодаи муносибати мақсад низ ифода шудаанд: Дар долони работ аз пайи истироҳат нишаста будем (1, 606). Мирзо маро аз пайи муҳимме фиристоданд [1, 552]….дар пайи илм ранҷу заҳмати беҳуда мебурдед [1, 921]. Ва низ [1, 412, 36, 1217, 786, 1066, 606, 552].

Дар асар баҳри муносибатҳои макону масоҳа пешояндҳои миёни, миёнаи ва шаклҳои таркибии онҳо–дар миёни, аз миёни, то миёни, дар миёнаи, аз миёнаи низ истифода шудаанд. Тобеъкунанда бештар бо исмҳои амал ва ё феълҳои таркибие, ки ҷузъи номиашон исми амал аст ва ё ба сифатҳо ифода гардидааст, ифода мешавад. Агар ҷузъи тобеъ аз ду калимаи дар алоқаи пайваст омада ва як калимаи шакли ҷамъ иборат бошад, вуқуи амал ё ҷойгиршавии ашёву шахсро дар байни онҳо мефаҳмонад: Рашку таассуб миёни бародарон мебошад [1, 923]. …миёни падару писар безори ниҳод [1, 374]. Анқариб миёни мо муфориқат воқеъ шуд [1, 105]. Дар миёни тӯдаҳои хишт нишаста буда [1, 50].

Пешояндҳои навъи дар миёнаи, аз миёнаи воқеъ гардидани амалро дар мобайни ашё ё макон ифода кардаанд:…дар миёни боғ ҳавз аст [1, 586]….аз миёни Чорсу ғалоғула …баромад [1, 1088]. Дар мобайни дарвозаи Ироқ ва Фирӯзобод мавзеест [1, 892].

Пешояндҳои даруни ва шаклҳои таркибии он дар даруни, дар андаруни, ба даруни, аз даруни равона шудан ва ё воқеъ гардидан ё самти ҳаракати амалро дар дохил ифода кардаанд: Футадор даруни ҳаммом даромада [1, 1025]. …дар даруни вай пораи лаъл ёфтам [1, 476]. …даруни сарояш ҷоест [1, 745]…подшоҳро даруни дарвоза дида [1, 1260].

Пешоянди дар беруни воқеъ гардидани амалро дар беруни маконе нишон медиҳад…дар беруни Боғи Зоғон …ҳуҷум намуда [1, 639].

Муносибати самти ҳаракати фоил ба маконе дар насри «Бадоеъ-ул-вақоеъ» бо пешояндҳои ҷониби, сӯйи ва шаклҳои таркибии ба ҷониби, бар ҷониби, ба сӯйи, аз ҷониби, дар ҷониби, дар тарафи, ба тарафи, ба савби ифода шудаанд. Сӯйи чорбоғи вай равона шудем [1, 1099]. …ба ҷониби сари хиёбон мутаваҷҷеҳ гардиданд [1, 1062]. Дар ҷониби садафхона машъал афрӯхтанд [1, 650]. Фирқае ливои азимат ба савби Самарқанд ба Бухоро меафрохтанд [1, 41].

Пешоянди дар баробари дар асар бештар дар ифодаи муносибати макону масоҳа ва мутобиқат омадааст:…дар баробари Хоҷа истод [1, 1216]. …дар баробари гови ту сад гов бидиҳам [1, 1250].

Исми «гардан» чун ҷузъи номии пешоянд вақте истифода мешавад, ки ба маънои маҷозӣ ояд:…он амр ба гардани фақир …афтод [1, 947].

Дар таркиби ибораҳои изофӣ баъзе пешояндҳои фавқуззикр муносибати муайянкунандагӣ–масоҳавиро ифода кардаанд: дар масҷиди сари қабри имом нишаста будам [1, 57]. Мӯйҳои зери маҳосинашро метарошид [1, 1197]. Тӯтии даруни қафас тапидан гирифт [1, 757].

2.Муносибати замонӣ. Муносибатҳои замонӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» тавассути пешояндҳои номии ҳангоми, вақти, маҳалли ва шаклҳои таркибии дар вақти, дар замони, ба вақти, ба муҷарради, аз замони, дар ҳини, дар айёми, дар асноӣ, дар даври, дар айни, дар маҳалли сурат гирифтааст. Ба сифати ҷузъи тобеъ бештар исмҳои замон ва амал омадаанд. Агар ҳамчун ҷузъи тобеъ исмҳои мафҳуми замондошта оянд, ҷузъи номии ин пешояндҳо як навъ таъкидро ифода мекунад ва зикри он ҳатмӣ нест: Дар замони қадим шахсе буд [1, 990]. То вақти субҳидам …машғул доштанд [1, 1163].

Агар ба сифати ҷузъи тобеъ исми мафҳуми замон надошта ояд, муносибати замонӣ маҳз туфайли ҷузъи номии пешоянд ҷилвагар мешавад: Вақти ангур овардан…мегирист [1, 1133]. Дар замони Шайбонихон корҳои ғариб карда…[1, 1105]. Дар аснои гармии сухан гуфт [1, 589].

Пешоянди ба муҷарради дар «Грамматикаи забони тоҷикӣ» [2] зикр нашудааст. Дар баъзе асарҳо чун пешоянди архаистӣ ба қалам омадааст, вале устодони сухани муосир онро истифода кардаанд. Ин пешоянд дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дучор гардид: …ба муҷарради хонадон шикофт [1, 503]. …ба муҷарради мулоқот гуфт [1, 503]. Пешоянди мазкур дар шеваҳои ҷануби забони тоҷикӣ ҳанӯз мустаъмал аст ва лоиқи дар забони адабии тоҷик серистеъмол шудан дорад.

Муносибатҳои замонӣ дар асар инчунин бо пешояндҳои номии ғайриизофии баъд аз, пеш аз, қабл аз, пас аз ифода шудааст. Дар насри ин давра, махсусан, пешоянди баъд аз хеле серистеъмол аст: Баъд аз фатҳ…зинда намегузорад [1, 1129]. Пеш аз омадани Шумо фалон кас омада буд [1, 65]. Баъд аз муддате берун наомад [1, 1144].

3.Муносибати сабабу мақсад. Барои ифодаи муносибати сабабу мақсад пешояндҳои номии ҷиҳати, муҷиби, баҳри, ба сабаби, ба воситаи, ба ҷиҳати, аз ҷиҳати ,ба ғояти, ба иллати, ба туфайли, бар сабили, аз ғояти, аз камоли, ба қасди, ба расми, баҳри, аз баҳри истифода шудааст. Ин пешояндҳо бо ашё ва ё ҳолате омадаанд, ки боиси вуқуъи амалу ҳолати тобеъкунанда гардидааст: Хоҷа ҷиҳати шумо мутараддиданд [1, 250]. …бо сабаби ришва аҳли чоҳ, ҷайби диёнати худро ба дасти тамаъ пора созад [1, 924]….ба иллати ятимӣ кушта шавад [1, 619]. Ту он най, ки ба ҷиҳати ту маро дар кишти баста андохтанд [1, 813]. Ин вилоятест, ки ҳоло аз ҷиҳати забту сиёсати Султон Ҳусайн Мирзо…ба ин навъ шуда…[1, 1015]….гарданкашӣ аз ҷиҳати ҳасад буд [1, 411] . Зарру ҷавҳарро туфайли шумо доштем [1, 1109].

Шаклҳои аз ғояти, аз камоли ашё ва ҳолатеро ишора мекунанд, ки он ба дараҷае расидааст ва боиси рух додани амалу ҳолати калимаи тобеъкунанда гардидааст: Аз камоли ҳамоқат бодинҷоро …боз нашинохтӣ [1, 798]. Аз камоли эъроз Мирзо фаромӯш шуда [1, 522].

Муносибати сабабӣ дар асар бо пешоянди номии ғайриизофии бинобар ҳам сурат гирифтааст: Ин нишон низ, бинобар мултамаси шайхи мушорунлайҳ навишта шуд [1,695]. Бинобар рафъи мазанна Махдумӣ маъзурати бисёр намуд [1, 569].

Муносибати мақсад бештар бо пешояндҳои ба қасди, аз баҳри, ба расми, бар сабили, ҷиҳати, баҳри ифода шудааст: Убайдуллоҳхон ба расми таъзияпурсии Хоҷа Порсо …ташриф меовард [1, 230]. Ба қасди шикор мутаваҷҷеҳи канори оби Пурк гардиданд [1, 1176]. …баҳри имтиҳон дар зери пардаи кофурии субҳ нуҳуфта…[1, 725]. Як ҳафта ҷиҳати яроқ …муҳлат талабид [1, 534]. Ва аз баҳри ташҳир бар хари бараҳна савор карда бошанд [1, 512]. Ин ҳикоятро бар сабили муфосират зикр карда [1, 438].

Пешоянди ҷиҳати, аз баҳри, баҳри дар асар дар ифодаи муносибати объектии таъйинот низ истифода шудаанд: Шаҳпари худро ҷиҳати мизроб пеши вай кашидӣ [1,23]. Аз баҳри байъи теғи хунрези худ муштарӣ талаб менамуд [1, 1326]. Ва насри тоир аз баҳри ошёни эшон парҳои худро канда…[1, 889].

4. Муносибати қиёсу монандӣ. Дар асар барои ифодаи муносибатҳои қиёсу монандӣ пешояндҳои номии изофии монанди, мисли, шабеҳи, амсоли, мисоли, ба масобаи, бар сони, бар мисли, аз мисли, ба мисли, дар мисли, бар амсоли, дар амсоли, ба манзалаи, ба гунаи ва пешояндҳои номии ғайриизофии чун, ҳамчун, ҳамчу, чу истифода шудаанд. Ин пешояндҳо тарзу тариқи вуқуъи амалу ҳолат ва аломатро дар заминаи қиёсу монандӣ ва муқолабаи ашё, амал ва аломати он ифода мекунанд: Ҳеҷ кас мисли Ҳофиз Басир нахонда [1, 25]. Он тири суханро монанди лола аз замин бармедошт [1, 1152]. Шабеҳи моргазидае паҳлӯ ба паҳлӯ меғалтидам [1, 503]. Як чашми вай ба масобаи донаи ангур аз парда… берун омада [1, 980]. Ҳамчу кабки дарӣ бар он девор бардавид [1, 1174].

Дар асар барои ифодаи муносибати қиёсу монандӣ пешоянди ба манзалаи, ба гунаи, ба зайли низ истифода шудаанд: Нахли солхӯрдаи қомати вай ба манзалаи хошаест дар таги риши вай ситода [1, 896]….ба гунаи ламаони анвор пардохт [1, 105]. Ба зайли афву иғмоз бипӯшанд [1, 435].

Пешоянди ба сони, ки бештар хоси назм аст, дар насри «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ба чашм расид: …ба сони нома бар худ бипечид [1, 378]. Токи айвонаш ба сони абрӯи хубон ток буд [1, 704].

Дар асар ба сифати тобеъкунанда ғайр аз феълҳо исмҳо низ омадаанд. Дар байни чунин пайвастаҳо муносибати муайянкунандагӣ–қиёсӣ мушоҳида мегардад. Лабҳо чу қанде [1, 1306]. …чун шумо подшоҳ [1, 461]. Монанди мову ту ҳам сунни бешумор [1, 1056]. Мисли ӯ паҳлавоне бар сари қадам наёмада [1, 644]. Маҷлисе ҳамчун базми Кайковус ороста [1, 440].

Ҷузъи асосии чунин пайвастаҳо бо сифатҳо низ ифода гардидаанд: Дар чунин ифодаҳо сифатҳо ё хабари номӣ шудаанд ё ба сифати ҷузъи номии хабарҳои таркибӣ истифода шудаанд: Оҳуе пайдо шуд монанди чашми хубон дилнавоз [1, 738]. Он ток ба масобаи токи абрӯи хубон сиёҳ гардид [1, 1249]. Даҳони эшонро …монанди гулҳои нил кабуд сохта буданд [1, 306].

Пешоянди мисли дар асар дар ифодаи муносибати ҷудокунӣ низ истифода шудааст: Устодони ин санъатро мисли Дӯстию Барноча ва Ҷаъфар …дар водии ҳайрат меандохт [1, 865]. Аз кумошҳои қимати мисли парча, зарбофт ва атласи хитоӣ…ованданд [1, 1228].

5.Муносибати тарзу тариқа ва ҳолат. Тарзу тариқаи амалро пешояндҳои таркибии номии изофӣ нисбатан кам ифода кардаанд. Дар ин вазифа дар насри асри XVI асосан пешояндҳои таркибии номии изофии ба тариқи, ба ҳукми, ба василаи, ба ҳасби, ба муқтазои, дар тариқи, аз тариқи, бар тариқи истифода шудаанд:

Ҳамаи уқало дар тариқи дафъи вай ..оҷиз буданд [1, 797]. Он ҷавон дар тариқи бандагӣ ва ихлос …монанди Аёз буд [1, 926]. Ба ҳасби шариат мулки эшон мешуда бошад [1, 1332]. Кутвол ба муқтазои фармуда амал намуда [1, 1206]. Намози пешин ба тариқи маъхуд ба мулозимати Мир рафтам [1, 522]. Ба ҳукми зарурат сафар ихтиёр кардам [1, 869]. Худ ба тариқи шаръ муомала намоем [1, 205].

калимоту ибороти арабӣ истифода гардидааст, ки ҳангоми хондан барои хонандаи одии имрӯз баъзе душвориҳои забонӣ пеш меоянд. Дар муқаддима муаллиф баъди сипосу ситоиши Офаридгор ва ниёишу дуруд бар ҳабиби Ӯ Муҳаммад (с) сабаби навиштани китобро баён карда менависад, ки «бар замоири хуҷастаи назойири нукташиносон, ҷароиди фазлу камол ва ба хотири кимиё … ва баёни таворихи муқаддимоти шаҳриёри сипеҳриқтидор, сулаймонҷоҳ, маъдалатпаноҳро бар сафаҳоти авроқи шуҳур ва айёми зебу зинат ва баҳо бахшад». Муаллифи асар ҳар фаслро бо ифодаи «Гуфтор дар бораи …» оғоз намуда, роҷеъ ба ин ё он воқеаи таърихӣ, лашкаркашиҳо ва дигар далелҳои раднопазир маълумот додааст. Бинобар ин, мо тасмим гирифтаем, ки дар доираи ин гузориши илмӣ роҷеъ ба корбасти вожаҳои низомӣ ё ҳарбӣ, дар асари мавриди баррасӣ қарор додаамон, сухане чанд баён дошта бошем.

Вожаҳои соҳаи **ҳарбӣ ё низомӣ** дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ мавқеи муҳимро ишғол карда, ба гурӯҳи вожаҳои соҳавӣ мансубанд. Роҷеъ ба мақому шукӯҳ ва манзалати ин гурӯҳи вожаҳо дар забоншиносии тоҷикӣ корҳои зиёде ба анҷом расидааст. Вале, истифода гардидани вожаҳои низомӣ дар асари «Зафарномаи хусравӣ», то ҳол дар забоншиносӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Аз ин ҷост, ки дар поён бо чанд мисол дараҷаи корбасти ин вожаҳо нишон дода мешавад. Аз ҷумла, муаллифи асар дар боби «Гуфтор дар баёни **юриши амири соҳибқирон зафарқарини**…аз пойтахти Тӯронзамин ба ҷониби мамолики Фарғоназамин…» чандин вожаҳои ифодагари соҳаи низомӣ ё ҳарбиро мавриди корбаст қарор додааст, ки ҳоло чанд мисол аз он нигоштаҳо меоварем: …**лашкари душман** дар болои билоди Истаравшан, ҷаноби олӣ дар он маврид ба ёрмандии иқболи фархундамаол дохили дорулмулки Хуҷанд гардида ва аз он ҷо низ бо фирӯзмандии тамом гузашта дар қасабаи Қарақчиқум расида, ду-се рӯз таваққуф фармуда, яксола боҷу хироҷи мамолики Фарғонаро гирифта… хони Хӯқанд **аҳду паймонро** ба имон…ба сад узру илтимос аз роҳ гардонида буд [11, 91**].** …баъд аз **қатъи масофот** дар лаби дарёи Ҷайҳун расида, дар маҳозии Чӯчқагузарӣ фурӯзомада аз гузарҳои дарё **киштиҳоро** ҷамъ намуда, бемуҳобо маъа **қушуни зафармашҳун** аз дарё убур фармуда, дар он тарафи дарё **лашкаргоҳ** карда фуруд омад [11, 45]. Мардуми шаҳрӣ аз ғубори суми марокиб ба сутӯҳ меоянд гуфта, бинобар он инони саманди бодпайморо аз ҷониби шимолрӯяи шаҳри Самарқанд партофта аз беруни шаҳр гузар намуда, бо ҷамоати умарои фархунда ҳазрати Шоҳизиндаро зиёрат карда, аз он ҷо бетаҳошо гузашта ба қабри Чӯпонато расида дар лаби дарёи Кӯҳак нузули иҷлол арзонӣ фармуд [11, 52]. …саркашони вилояти Мовароуннаҳр ба **теғи қаҳраш** аз по дарафтоданд ва муфсидони мамлакати Туркистон аз дастбурди сиёсаташ нагунсор гардиданд [11, 15].

Баъд аз он дар ҳамин аввали баҳори фархундаосор, амири ҷамҷоҳи **анҷамсипоҳ,** ба **нияти тасхири** мамолики Фарғона ва Андиҷон **лашкари бекарон** ҷамъ намуда, **теғи сиёсат** аз рӯйи ҷаҳолатбар миёни ҳиммат баста, бар бодпойи суръатпаймои ғайрат нишаста, озими ҷониби Фарғона гардид [11, 92]. Бад-ин дастур қатъи манзил фармуда, рӯзи сеюм маҳозии вилояти Ӯротеппа **мазраби автоду хиёми накӯфарҷом** гардид [11, 93]. Баъд аз он аморатпаноҳ Иброҳимбӣ Додхоҳ ҳокими Самарқандро ба мансаби парвончигӣ ва ба ҳукумати дор-ус-салтанати вилояти Хӯқанд сазоворӣ намуд. Тилуқобил додхоҳи хитоиро ба йирлиғи вилояти Хуҷанд мубтаҳиҷ гардонид. Инчунин, Абдулқодир т**ӯқсаборо** ба ҳукумати Марғинон, Муҳаммадкарим **тӯқсаборо** ба ҳукумати Андиҷон**,** Шодмонбой тӯқсаборо ба ҳукумати Намангон, …ба вилояти Чуст, ….вилояти Қурама сарафрозӣ бахшид… [11, 101].

Дар асар силсилаи синонимии вожаҳои ифодагари соҳаи ҳарбӣ ё низомӣ ба назар мерасанд, ки муаллифи асар онро аз рӯйи мақсади муайян мавриди истифода қарор додааст: ***сипоҳ-лашкар, қосид-элчӣ, қурғон–қалъа-кох, қаламрав-сарҳад, бандагӣ–ғуломӣ, лашкаргоҳ–ӯрда*** ва монанди инҳо: …**лашкари душман** дар болои билоди Истаравшан, ҷаноби олӣ дар он маврид ба ёрмандии иқболи фархундамаол дохили дорулмулки Хуҷанд гардида ва аз он ҷо низ бо фирӯзмандии тамом гузашта

дар қасабаи Қарақчиқум расида, ду-се рӯз таваққуф фармуда, яксола боҷу хироҷи мамолики Фарғонаро гирифта… хони Хӯқанд **аҳду паймонро** ба имон…ба сад узру илтимос аз роҳ гардонида буд [11, 91**]**.

Дар маҷмӯъ, дар асари **«Зафарномаи хусравӣ»** чандин вожаҳои ифодагари соҳаи ҳарбӣ корбаст гардидаанд, ки онҳоро метавон вобаста ба муҳтавояшон ба чунин зергурӯҳҳо тақсим намуд: **вожаҳои ифодагари номи олоти ҷангӣ, номи амалиёти ҳарбӣ, номи рутбаҳои ҳарбӣ, майдони ҳарбу зарб ва хатти муҳофизат, номи либоси низомӣ** ва монанди инҳо.

- ***вожаҳои ифодагари номи олоти ҷангӣ ва мансуб ба низомӣ:*** аспу асбоб [47], кӯс [37], ливо [35], байрақ [36], тӯп [33], нақора [11,35]...

…баъд аз **қатъи масофот** дар лаби дарёи Ҷайҳун расида, дар маҳозии Чӯчқагузарӣ фуруд омада, аз гузарҳои дарё **киштиҳоро** ҷамъ намуда, бемуҳобо маъа **қушуни зафармашҳун** аз дарё убур фармуда, дар он тарафи дарё **лашкаргоҳ** карда фуруд омад, [11, 45].

- ***номи амалиёти ҳарбӣ:*** убур [45], қаламрав [44], қатъи масофот [45], лашкаргоҳ [11, 45]...

…баъд аз **қатъи масофот** дар лаби дарёи Ҷайҳун расида [45], бемуҳобо маъа **қушуни зафармашҳун** аз дарё **убур** фармуда [45]... дар он тарафи дарё **лашкаргоҳ** карда фуруд омад [11, 45].

- ***номи рутбаҳои ҳарбӣ:*** сардор [47], сарҳангон [47], сипоҳ [48], қосид [47], сипаҳсолор [76], тӯбчибошӣ [37], юзбошӣ [43], мингбошӣ [56], сарони сипоҳ [11, 35]…

… ***сардорону сарҳангону*** *ҳавохоҳони худ ба сад шаъну шавкат ва ба чандин лавозимоти эҳтиром ба асокири гардунмаосир истиқбол намуд [*11, *46].*

-*майдони ҳарбу зарб ва хатти муҳофизат:* қурғон [47], садди роҳ [45], саҳро [37], биёбон [37], партавафкан [11, 35]...

Мардуми шаҳрӣ аз ғубори суми марокиб ба сутӯҳ меоянд гуфта, бинобар он инони саманди бодпайморо аз ҷониби шимолрӯяи шаҳри Самарқанд партофта, аз беруни шаҳр гузар намуда, бо ҷамоати умарои фархунда ҳазрати Шоҳизиндаро зиёрат карда, аз он ҷо бетаҳошо гузашта ба қабри Чӯпонато расида, дар лаби дарёи Кӯҳак нузули иҷлол арзонӣ фармуд [52]. …саркашони вилояти Моваруннаҳр ба **теғи қаҳраш** аз по дарафтоданд ва муфсидони мамлакати Туркистон аз дастбурди сиёсаташ нагунсор гардиданд [11, 15].

- ***номи либоси низомӣ:*** хилъати фохира [46]. …Аз он ҷо умарои қилоъ ва қасаботи Моваруннаҳрро маъа сарҳаддорони атрофу ҷавониб ҳамаро ба **хилъатҳои фохира** сарафрозӣ бахшида рухсат намуд [11, 46].

Ҳамчунин вожаҳои ифодагари соҳаи ҳарбии асарро аз нигоҳи сохтор ба зергурӯҳҳои сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ тақсим намудан мувофиқи матлаб аст:

- ***вожаҳои соҳаи ҳарбии аз нигоҳи сохт сода:*** лашкар, қӯшун, қаравул, элчӣ, туқсабо [46], қосид [47], асокир [11, 47].

- ***вожаҳои соҳаи ҳарбии аз нигоҳи сохт сохта:*** лашкарӣ [87], парвончӣ [88], ғуломӣ [46], хусравона [46], саворӣ [46], бандагӣ [47], лашкаргоҳ [11, 45]...

- ***вожаҳои соҳаи ҳарбии аз нигоҳи сохт мураккаб:*** соҳибқирон [87], сипаҳсолор, нусратинтибод [86], нусратнишон [85], зафаринтисоб [84], рикоббӯсӣ [84], зафарпайкар [46], сарҳаддор [46], зафарпаноҳ [46], зафарқарин [11, 44].

- ***вожаҳои соҳаи ҳарбии аз нигоҳи сохт таркибӣ:*** ҷангу ҷидол [47], манзили шоҳона [46], лашкари ҷаррор [11, 45].

Ҳамин тариқ, корбасти вожаҳои ифодагари соҳаи ҳарбӣ дар асари таърихии «Зафарномаи хусравӣ» барои инъикоси воқеаву ҳодисаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бамаврид буда, манзалату шаҳомати асари мазкурро беш намудааст. Вожаҳои ифодагари соҳаи ҳарбии дар асар корбастгардида дорои таърихи куҳан буда, як миқдори онҳо мутааллиқи забони тоҷикӣ ва миқдори дигарашон иқтибоси забонҳои арабӣ ва туркианд. Ҳамчунин, ин вожаҳо аз нигоҳи сохтор бештар содаи рехта ва мураккаб мебошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алимӣ Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули микротопонимияи минтақаи Кӯлоб: рисолаи илмӣ / Ҷ. Алимӣ - Душанбе, 1995. - С.82-110.
2. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ.(китоби дарсӣ) / Ҳ Маҷидов. – Душанбе, 2007. - Ҷ.1– 240 с.
3. Нафасов Т. Ӯзбекистон топонимларнинг изоҳли луғати: луғати соҳавӣ / Т.Нафасов. – Тошкент: Уқитувчи,1989. – 288 с.
4. Олимҷони Муҳаммадҷон. Баррасиҳо дар номшиносии тоҷик: рисолаи илмӣ / Олимҷони Муҳаммадҷон. – Душанбе, 2004. - С.19.
5. Офаридаев Н. Ойконимияи Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон: рисолаи илмӣ / Н. Офаридаев – Душанбе, 2001. - С.125.
6. Хромов А. Л. Очерки по топонимике и микротопонимике Таджикистана: сборник статье / А.Л. Хромов. - Душанбе, 1978. - С.39.
7. Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешрӯд: рисолаи илмӣ / Д. Ҳомидов. - Душанбе, 2002. - 104 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Фарҳанги тафсирӣ / М. Шукуров. - М.: СЭ, 1969. - Ҷ. 1. - 950 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Фарҳанги тафсирӣ / М. Шукуров. - М.: СЭ, 1969. - Ҷ. 2. - 950 с.
10. Фарҳанги мухтасари Шоҳнома / М. Ализода. – Душанбе: Адиб, 1992. - С.86-87.
11. Зафарномаи хусравӣ. – Хуҷанд, 2011. - 144 с.

УПОТРЕБЛЕНИЕ ВОЕННЫХ ТЕРМИНОВ В «ЗАФАРНАМЕ ХУСРАВИ»

В данной статье рассматривается степень употребления военных терминов в произведении «Зафарнаме Хусрави». Автор статьи стремится показать именно эту особенность военных терминов данного произведения.

Ключевые слова: таджикский язык, суффиксы, тюркизация, арабские слова, происхождение, иранское происхождение, иранские языки, структура, сложный, составной.

THE USE OF MILITARY TERMS IN "THE ZAFAR-NAME KHOSRAVI"

This article is devoted to the linguistic research of hydronyms Chagonruda as an ancient toponyms of Central Asian region.The author of the article tries to show particular this feature of hydronyms of Chagonruda and paralyze scientific analysis of geographical names with the token "water" and its synonyms.

Key words: Hydronim, toponim, Tajik language, structure word, word expression, water, river, Iran language, spring, structure, compound, complex, expresions of hydronim.

Сведения об авторе: ***Б. Асоева*** – соискатель кафедры истории языка и типологии факультета таджикской филологии Таджикского национального университета. Телефон: **918-62-76-72**

НОМИ БЕМОРИСТОН ВА БАРОБАРИҲОИ ОН ДАР СУННАТИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

Д. Саймиддинов, Р. Шодиев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Вожаи бемористон (بیمارستان-форсӣ bimārestān) дар таърихи ташаккули забони порсии дарӣ (форсӣ-тоҷикӣ) дорои чунин баробариҳо мебошад: беморхона, шифохона, маризхона, дорушшифо, дорулмаризӣ, беморгоҳ, ҳамчунин касалхона, ки махсуси забони тоҷикии муосир дониста мешавад. Ин номҳо бо истиснои дорушшифо (арабӣ - دارالشفأ) ва дорулмаризӣ (арабӣ - دارالمریضی) дар равиши суннатии вожасозии форсии нав ташкил шудаанд, ки он чунин аст: а) тавассути пасвандҳои -истон (-istān < -stān < форси миёна - (i) stān < форсии бостон - stāna) – bēmāristān (-бемористон); -гоҳ (gāh < форсии миёна -gāh//-gās ба маънои «ҷой» дар беморгоҳ. Ҳар ду ин пасвандҳо дар бемористон ва беморгоҳ пасвандҳои муродифмаъно мебошанд;

б) қолаби мураккаби вожасозӣ ба воситаи вожаҳои бемор, мариз, шифо, касал бо замимаи ҷузъи дувум - хона. Дар мавриди ин равиши вожасозӣ [17, 30-33, 68-69; 11, 110-111, 146-173, 181-182; 5, 213, 223, 230], шарҳи мухтасари ин номҳо ва мафҳумҳо бар асоси осор ва манобеи пешин бо шумули фарҳангномаҳои куҳан ва муосири форсӣ-тоҷикӣ чунин аст:

1. Бемористон (بیمارستان) - ҷой, маҳал ва ё макони бистарии беморон аз сохтаҳои замони Сосониён дар бахши пизишкии Гунди Шопур (муарраби он Ҷунди Шопур) дар Эрон будааст. Бахши аввали вожаи мазкур, яъне бемор (bēmār) дар форсии миёна ё паҳлавӣ wēmār, форсии миёнаи монавӣ wym'r, форсии нав bēmār - нотавон, хаста; ранҷур, дардманд, мариз [1; 14]; дар иртибот ба шарҳи ин вожа дар фарҳангномаҳои куҳан: 10 ҷ. 4; дар мавриди решашиносии вожаи мазкур ниг.: ҳошияи Муин ба Бурҳони қотеъ, ҷ. 1, с. 340; гунаи паҳлавии он: [20, 212; 19, 89; 18, 96].

Бемористон дар «Бурҳони қотеъ» дар навишти (بیمارسان) (bēmārsān)=(بیمارستان) (bēmāristān) ба арабӣ دارالشفأ маънӣ гардидааст. Ҳамчунин дар «Луғатнома» (10, ҷ. 4) бо истинод ба фарҳангҳои куҳани форсӣ дар иртибот ба вожаи бемористон ва гунаҳои овоии он иттилоъ оварда шудааст. Аз ҷумла: «беморсон (بیمارسان) бемористон бувад ва онро морсон (مارسان) ва морастон (مارستان) низ гӯянд ва ба тозӣ дорушшифо хонанд (Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ); мухаффафи бемористон (Рашидӣ, Онандроҷ)». Дар «Луғатнома» (10, ҷ. 4) дар шарҳи (بیمارسان) се шоҳид аз «Шоҳномаи»-и Фирдавсӣ зикр шудааст.

Дар фарҳангномаҳои баъдӣ низ бар асоси осори куҳан bēmārsān ҳамчун маризхона ё бемористон маънӣ шудааст [14].

Дар «Луғатнома» дар иртибот ба корбурди вожаи бемористон ду шоҳид аз «Форснома»-и Ибни Балхӣ ёд мешавад. Дар ҳамин ҷо Деҳхудо бемористонро бо номҳои арабии дор ул-маризӣ ва форсии дорушшифо, дорулмаризӣ ва маризхона ташреҳ додааст.

Шакли дигари мухаффафи бемористон ду вожаи муарраби морсон (مارسان) ва морастон ё мористон (مارستان) мебошад. Ин шаклҳои муарраб дар фарҳангномаҳои куҳани форсии дарӣ сабт шудаанд [10]. Бинобар «Луғатнома» бемористон ҳамчун муодили шифохона, маризхона, беморхона маънӣ мешавад. Дар бораи бемористонҳои Гунди Шопур ва таърихи бемористонҳо дар қаламрави ҷаҳони Ислом [4, 454-459].

2. Беморхона. Ин вожа муродифи бемористон буда, дар равиши суннатии вожасозӣ шакл гирифтааст. Вожаи мазкур дар қолаби мураккаби вожасозӣ аз ду ҷузъ (бемор+хона) иборат буда, маънои хона ё иморат барои табобати бемористонро дорад ва дар чанде аз фарҳангҳои куҳани форсии дарӣ ҳамчун бемористон, маризхона, шифохона маънӣ шудааст. Ин ном дар «Луғатнома» бидуни шоҳид аз пешиниён бо истинод ба чанд фарҳангномаи куҳан тавзеҳ гардидааст.

3. Беморгоҳ (بیمارگاه). Ин ном бо пасванди -гоҳ ҳамчун муродифи пасванди -истон ташкил шуда, дар фарҳангҳо бидуни шоҳид аз осор ёд мешавад. Беморгоҳ аз нигоҳи сохтор ва маъно муродифи вожаи бемористон буда, аммо корбурди фаровон надорад ва дар фарҳангҳои дузабонаи форсӣ ва тоҷикӣ муаррифӣ намешавад. Дар «Луғатнома» беморгоҳ - маризхона, бемористон, ҷойи бемор маънӣ шудааст.

Дар вожасозии забони форсии дарӣ тавассути вожаи бемор ба ҳайси ҷузъи нахуст номи ин ниҳоди дармонгоҳӣ дар чунин қолабҳо маълум аст: бемористон (бемор+истон), беморхона (бемор+хона), беморгоҳ (бемор+гоҳ). Дар миёни ин номҳо дар суннати навиштории форсии дарӣ бемористон корбурди пештар ва мақоми бештар дорад, ки инро бар асоси осор ва фарҳангномаҳои пешин метавон мушоҳида кард.

4. Шифохона, маризхона, касалхона. Ҷузъи нахусти ин номҳо арабӣ буда, бо истифода аз вожаи хона дар чунин қолаби суннатӣ дар забони форсӣ-тоҷикӣ дар баробари вожаи шинохтаи бемористон дар сабки навишторӣ ва гуфторӣ роиҷ гардидаанд. Аз ин вожаҳои арабӣ «мариз» ва «касал» ҳарду муодили вожаи форсӣ-тоҷикии «бемор» буда, дар қиёс бо ин баробарии хеш дар фарогирии маъно ё паҳлуҳои дигари маъноӣ ҳеҷ гуна бартарӣ надоранд. Бартарии вожаҳои мутародифи арабии «мариз» ва «касал» дар муқобили дарии «бемор» дар он аст, ки онҳо моли забони арабӣ мебошанд. Вожаи маризхона (مریضخانه) аз қолаби арабии дорулмаризӣ (دارالمریضی) ва шифохона (شفاخانه) аз қолаби арабии дорушшифо (دارالشفاء) берун омада, касалхона аз арабии (کَسَل) (касал) ба маънои сустӣ ва коҳилӣ ва (کَسِل) (касил)–суст ва коҳил дар қолаби маризхона сохта шудааст [14; 10; 12; 15,].

Вожаи касалхона дар фарҳангномаҳои куҳани форсии дарӣ ва фарҳангҳои муосири форсӣ ба мисли «Фарҳанги форсӣ» таълифи Муин (дар 6 ҷилд) ва «Луғатнома»-и Деҳхудо (дар 50 ҷилд) оварда нашудааст. Ин вожа дар фарҳангҳои дузабонаи форсӣ низ ҷой надорад. Вожаи касалхона махсуси забони тоҷикӣ буда, дар ҳавзаҳои забони форсӣ роиҷ нест. Мисли ҳамин дар форсӣ маризхона роиҷ буда, аммо он дар тоҷикӣ корбурд надорад.

Вожаи маризхона (مریضخانه) дар «Луғатнома» бидуни шоҳид аз фарҳангҳои куҳан ба маънои бемористон дар арабӣ (مارستان) ёд шудааст. Дар ҳар маврид бо дарназардошти арзиши таърихӣ ва мансубияти номи бемористон ба суннати куҳани форсӣ-тоҷикӣ наметавон онро ба мафҳумҳое, аз қабили касалхона дар тоҷикӣ ва ё маризхона дар форсӣ, иваз кард. Вожаи бемористон аз замони Сосониён, баъдан Сомониён то ба имрӯз дар суннати навишторӣ ва гуфтории форсӣ-тоҷикӣ ҷойи хешро ҳифз кардааст. Бо ин далел номи мазкур дар баробари номҳои беморхона, шифохона ва касалхона дубора ба «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» (дар ду ҷилд, солҳои 2004-2005) ворид гардидааст.

Дар таърихи фарҳангҳои дузабонаи русӣ ба тоҷикӣ вожаи касалхона дар «Луғати русӣ-тоҷикӣ»-и соли 1933 (дар алифбои лотинӣ) якҷо бо вожаҳои беморхона ва бемористон дар ҷойи дувум барои истилоҳи русии «больница» оварда шудааст. Аммо, дар «Луғати русӣ-тоҷикӣ»-и соли 1949 вожаи касалхона дар ҷойи аввал қарор дода шуда, аз он истилоҳи асили форсӣ-тоҷикии бемористон (бидуни огоҳӣ аз таърихи пешинаи он ҳамчун моли забони миллӣ) хориҷ гардидааст. Ҳамин тартиб ва меъёри «Луғати русӣ-тоҷикӣ»-и соли 1949 дар «Луғати русӣ-тоҷикӣ»-и соли 1985 низ ҳифз шудааст. Дар солҳои 30-юм дар шарҳи вожаи русии «больница» барои забони форсӣ, бинобар «Фарҳанги русӣ ба форсӣ» таълифи Р.А.Галунов фақат вожаи marizxone оварда шудааст. Баъдан барои ин истилоҳи русӣ дар забони форсӣ вожаи bimārestān ба кор рафтааст [2]. Аммо дар забони дарии Афғонистон, дар сабки адабӣ, бар ивази бемористон ё беморхона истилоҳи шифохона мавриди истифода мебошад. Дар забони дарии Афғонистон барои вожаи бемор иқтибоси арабии мариз мутадовил аст [6].

Номи шифохона (дар савтиёти форсӣ шафāхāне) дар осори форсии нав ҳанӯз дар замони Ҳофизи Шерозӣ ва Соиби Табрезӣ маълум будааст. Шифохона, бинобар «Луғатнома»-и Деҳхудо (10, ҷ. 9), дар форсӣ ҷуз бемористон номи идорае буда, ки ба беҳдошти шогирдони омӯзишгоҳҳо расидагӣ карда, дар он беморонро дармон мекардаанд. Ҷузи нахусти ин вожа, яъне шифо иштиқоқи арабӣ буда, дар фарҳангҳои куҳани форсии дарӣ ба маънои тандурустӣ ва беҳбуд аз амроз аст. Вожаи шифо (شفاء) дар осори адабии муштараки форсӣ-тоҷикӣ мақом ва истифодаи фаровон дорад [10].

5. Пизишкхона ва духтурхона. Ин ду ном дар қолаби мураккаби вожасозӣ тавассути исмҳои пизишк, духтур бо замимаи ҷузъи хона ташкил шудаанд. Ин қолаб бо ҷузъи хона яке аз қолабҳои хеле роиҷ дар забони форсии дарӣ ва баъдан форсӣ-тоҷикӣ ба шумор меравад. Пизишкхона махсуси форсии имрӯз ва духтурхона марбут ба забони тоҷикист.

Пизишкхона (пизишк+хона) (پزشک خانه) дар фарҳангҳои форсӣ чунин маънӣ шудааст: «ҷойи пазироии пизишкон хориҷ аз бемористон; клиник» [10]; пэзэшкханэ - ред. клиника; диспансер; госпиталь [15,].

6. Духтурхона (духтур+хона) дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» (12, ҷ. 1, 2004) бо ин номҳои русӣ ташреҳ шудааст: 1. поликлиника, амбулатория; больница; 2. лечебница. Дар ду «Луғати русӣ-тоҷикӣ»-и соли 1949 ва 1985 поликлиника ҳамчун иқтибос аз забони русӣ дар баҳши тоҷикӣ ворид гардида, аммо таҳиягарони луғати соли 1985 қабл аз истилоҳи поликлиника вожаи муолиҷахонаро дар ифодаи ин маъно ворид кардаанд.

Акнун барои чигунагии шарҳи вожаи русии «лечебница» ба ин се луғати русӣ-тоҷикӣ, ки дар боло ёд шуданд, муроҷиат менамоем: лечебница - беморхона, бемористон [ЛРТ 1933]; табобатхона, шифохона, муолиҷахона [9]; табобатхона, муолиҷахона [9]. Дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» (2004-2005) номи муолиҷахона ворид нагардида, дар ин маъно вожаи табобатхона (лечебница, больница) ба кор рафтааст.

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (2010) вожаи духтурхона ҳамчун шифохона, дармонгоҳ маънӣ шудааст. Духтурхона махсуси забони тоҷикии гуфторӣ ё омиёна дар шакли мухаффафи духтур (дар «Луғати русӣ-тоҷикӣ»-и соли 1933 дар имло ё навишти dūxtur (бо ū=ӯ дӯхтур дар тоҷикӣ) иртибот мегирад. Бо вуҷуди он ки духтурхона дар қолаби беморхона ё шифохона мисли вожаи касалхона шакл гирифтааст, аммо аз нигоҳи маъно ва муҳтавои ҷузъи нахуст, яъне духтур (=доктор) ҳамчун пизишк, табиб, ин ном мисли истилоҳи форсии пизишкхона ба мақом ё ҷойи пазироии пизишкон берун аз бемористон дар клиника ё диспансер марбут аст. Дар ин ном ҷузъи нахуст - духтур (доктор) дар фаро гирифтани муҳтаво ва маънои тамоми истилоҳ нақши муҳим дорад. Дар духтурхона ҳадаф на бемор, балки пизишк ё доктор аст. Бояд афзуд, ки номи омиёнаи духтурхона дар тоҷикӣ дар осор собиқа надорад ва шаклҳои дигари номи хориҷии doctor дар форсӣ doktor ва дарии Афғонистон dāktar ҳеҷ гоҳ мисли духтурхона қолабрезӣ нашудаанд.

Дар забони ӯзбекӣ дар ҳамин қолаби забони тоҷикӣ ин ном дар шакли doktorxona ба маънои бемористон истифода мешавад [13]. Ҳамчунон ки мебинем, номи мазкур дар суннати тоҷикӣ ва ӯзбекӣ дар чунин қолаб яксон ба кор меравад.

7. Дармонгоҳ (درمانگاه) аз дармон ба маънои «илоҷ, даво, дору; илоҷи бемор, чора, тадбир» ва пасванди -гоҳ ташкил шудааст [10]. Дармонгоҳ бо истифода аз манобеи арзишманд дар фарҳангҳои форсӣ чунин ташреҳ гардидааст: «маҳалли дармон, ҷое, ки беморро муолиҷа кунанд; клиник (clinic); муассисае барои ташхиси беморӣ ва дармони беморони сарипоӣ» [10]; дармонгоҳ 1. клиника; клиническое отделение в больнице; лечебница; 2. поликлиника [15]; дармонгоҳ – лечебница [2].

Л.С.Пейсиков вожаи «darmāngāh»-ро дар забони форсӣ якҷо бо вожаҳои bašgāh, zāyešgāh ва ғайра ба ҷумлаи луғати навзуҳур шомил кардааст [11, 111]. Дар тоҷикӣ ин номи муштарак ба «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» (2004) ворид карда шуда, бо вожаҳои русии «клиника; лечебница» маънӣ гардидааст. Ин вожа дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (2010) дар маънои «шифохона, табобатгоҳ» оварда шудааст. Номи дармонгоҳ, ки дар қолаби суннатии вожасозӣ бандубаст гардидааст, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1969) оварда нашудааст.

Бо вуҷуди он ки дар фарҳангҳои дузабонаи русӣ ба тоҷикӣ ва тоҷикӣ ба русӣ истилоҳи русии больница ворид нашудааст, аммо ин вожа дар забони гуфторӣ ё гуфтори мардум аз замони Шӯравӣ то ба имрӯз корбурди фаровон дорад. Вожаи русии больница дар савтиёти омиёнаи тоҷикӣ ба гунаи «балниса» маъмул буда, ашхоси таҳсилкарда дар гуфтори хеш онро ба гунаи «балнитса» талаффуз мекунанд.

Ҳамчунон ки аз корбурди ин номҳо тайи асрҳо барои мафҳуми бемористон бармеояд, ин ниҳоди дорои таърихи куҳан дар суннати форсӣ-тоҷикӣ дар се кишвари ҳамзабони Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон бо доштани муштаракот ва ҳамоҳангиҳои таърихӣ дорои вижагиҳои минтақавӣ низ будааст. Бояд афзуд, ки имрӯз дар ин се кишвари ҳамзабон барои номи ин ниҳод аслан аз се вожа истифода мешавад, ки он дар мақоми истилоҳ чунин аст: форсӣ bimārestān, тоҷикӣ bemorxona, дарӣ šifāxana. Аз ин се вожа, ҳамон тавре ки дар боло ёд шуд, бемористон дорои собиқаи пештар ва таърихи бештар буда, дар намунаи осор, бавижа манобеи даврони Сомониён ба баъд мавриди корбурди фаровон қарор доштааст. Бо ин далел метавон барои форсӣ-тоҷикӣ-дарӣ аз номҳои суннатии бемористон ва беморхона истифода кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Бурҳони қотеъ / Таълифи Муҳаммад Ҳусайн бини Халафи Табрезӣ мутахаллис ба Бурҳон. – Теҳрон: китобфурӯши Ибни Сино, 1342.
2. Восканян Г.А. Русско-персидский словарь / Г.А. Восканян. - М.: Изд. Русский язык, 1986.
3. Галунов Р.А. Русско-персидский словарь / Р.А. Галунов. - М.: Государственный Институт Советская энциклопедия, 1937.
4. Доират ул-маорифи бузурги исломӣ. – Теҳрон: Маркази бузурги Доират ул-маорифи бузурги исломӣ, 1383. - Ҷ. 13.
5. Ефимов В.А. Персидский, таджикский, дари / В.А. Ефимов, В.С. Расторгуева, Е.Н. Шарова // ОИЯ. - М. Наука, 1982. - С.5-230.
6. Лебедев К.А. Русско-пушту-дари словарь / К.А. Лебедев, Л.С. Яцевич, М.А. Кнаровский. - М.: Русский язык, 1983.
7. Луғати русӣ-тоҷикӣ / зери таҳрири С. Айнӣ, С.Р. Ализода, Алӣ Исмоилзода, Р. Ҳошим ва М. Юсуфӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1934.
8. Луғати русӣ-тоҷикӣ / зери таҳрири А.П. Деҳотӣ ва Н.Н. Ершов. – Сталинобод: Нашриёти давлатии РСС Тоҷикистон, 1949.
9. Луғати русӣ-тоҷикӣ / зери таҳрири М. Осимӣ. - М.: Изд. Русский язык, 1985.
10. Луғатномаи Деҳхудо. – Теҳрон: Изд. Муассисаи Луғатномаи Деҳхудо, 1377. - Ҷ.4, 7, 9, 13.
11. Пейсиков Л.С. Очерки по словообразованию персидского языка / Л.С. Пейсиков. - М.: Издательство московского Университета. 1973.
12. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ: дар 2 ҷилд / зери таҳрири Д. Саймиддинов, С. Холматова, С. Каримов. – Душанбе: Нашриёти Дониш, 2004-2005. (Нашри дувум «Пайванд» 2006).
13. Фарҳанги узбакӣ ба форсӣ: дар 2 ҷилд / муаллифон: М. Ёрақин, Ш. Ёрақин. – Теҳрон: Сухан, 1386.
14. Фарҳанги форсӣ: дар 6 ҷилд / таълифи М. Муин. – Теҳрон: Чопхонаи Сипеҳр, 1375.
15. Фарҳанги форсӣ ба русӣ: дар 2 ҷилд / зери таҳрири. А. Рубинчик. - М.: Нашриёти Советская энциклопедия, 1970.
16. Фарҳанги форсии имрӯз / таълифи Ғуломҳусайн Садрии Афшор, Насрин Ҳакамӣ, Настаран Ҳакамӣ. – Теҳрон: Муассисаи нашри калима, 1375.
17. Чхеидзе Т.Д. Именное словообразование в персидском языке / Т.Д. Чхеидзе. – Тбилиси: Издательство Мецниереба, 1969.
18. Boyce M. A word-list of Manichean Persian and Parthian / Boyce M. – Teheran: Liege, 1977.
19. MacKenzie D.N. The concise Pahlavi Dictionary / D.N. MacKenzie. – London: Oxford University Press, 1971.
20. Nyberg H.S. A Manual of Pahlavi / H.S. Nyberg. – Wiesbaden: Otto Harrassowitz, 1974.

НАЗВАНИЕ БОЛЬНИЦЫ И ЕЕ ЭКВИВАЛЕНТЫ В ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ТРАДИЦИИ

В статье приводится лексико-семантический и исторический анализ понятий, связанных с названием больницы как специального учреждения в персидско-таджикской письменной традиции. В ней использованы лексикографические и другие письменные источники различных периодов истории персидско - таджикского языка.

Ключевые слова: больница, словообразование, среднеперсидский, этимология, манехейский среднеперсидский, древнеперсидский, суффиксы, семантика, структурный анализ, значение.

THE NAME OF HOSPITAL AND ITS EQUIVALENTS IN PERSIAN AND TAJIK TRADITIONS

The article provides lexical, semantic and historical analyses of notions linked with the name of hospitals as a special foundation in Persian-Tajik written traditions. There are used lexicographic and other written sources fromdifferent periods of history of Persian-Tajik language.

Key words: hospital, wording, Midl Perssion, rooted, Perssion Midl Sobion, Old Perssion, suffix, semantic, structure analysis, meaning.

Сведения об авторах: ***Д. Саймиддинов***–доктор филологических наук, профессор кафедры иранской филологии ТНУ. Телефон: **905-50-49-49**
Р. Шодиев – кандидат филологических наук, доцент, декан факультета зязыков азии и Европы Таджикского национального университета.Телефон: **919-27-07-91**

КОРБАСТИ СИНОНИМИЯ ДАР ОСОРИ ҲАБИБУЛЛО НАЗАРОВ

М.Х. Усмонова
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Сифат бештар вазифаи пуробуранг намудани нуткро иҷро намуда, аз зарурати бевоситаи маъноӣ дида бештар ҳамчун унсури таъмини зарурати эстетикӣ баромад мекунад.

Чи хеле ки Булаховский Л. А. қайд мекунад: «Нисбат ба сифат ва феъл синонимияи исм дар забон кам ба назар мерасад» [1, 44].

Дар осори Ҳабибулло Назаров дар баробари синонимшавии исмҳои мухталиф, аз қабили исмҳои маънӣ, шахс, мушаххас ва ғ., инчунин муносибати синонимии сифатҳо фаровон корбаст шудаанд. Нависанда бо маҳорату истеъдоди назаррас силсилаи синонимии сифатҳои ҳаммаъноро рӯйи коғаз оварда, забони асари хешро пуробуранг, таъсирбахш ва равону шево намудааст.

Дар осори Ҳабибулло Назаров сифатҳое, ки ифодагари сифати инсон мебошанд, бешуморанд. Аз ҷумла, калимаҳои ***пир, нотавон, куҳансол, мӯйсафед*** ва***пирамард*** дар радифи ҳама гуна сифатҳо қарор доранд.

Пирамарди ***куҳансоле****, ки бо аҳли хонадони худ дарахтони себро аз навдаҳои зиёдатиаш тоза карда, решаҳояшро ковок менамуд, моёнро пешвоз гирифт* [2, 55].

Дар ин ҷумла вожаи ***куҳансол*** дар баробариифода намудани аломати ашё инчунин муайян карда истодааст**,** ки пирамард солхӯрда бошад ҳам, мадору қуввати боғдорӣ дорад, яъне сифатҳои тандуруст, боқувват, бардам ва монанди ин доштани пирамардро низ ифода мекунад. Дар ҷумлаи дигар дар ибораи падари ***пири нотавон*** калимаҳои ***пир***ва ***нотавон*** ҷузъҳои ибораи мураккабро ташкилдода, муродифи калимаи ***куҳансол*** шуда метавонанд, аммо тобиши маъноии ин вожаҳои муродифӣ мухталиф аст:

Баъд аз ин маълум шуд, ки ин ҷавон писари ҳалвофурӯше буда,ба ёрии падари ***пири нотавонаш*** *ба бозор омада, ба чанголи гургони дарранда афтода, қурбони амири хунхор гардидааст* [2, 72].

Дар ибораи зикршуда натанҳо умри тӯлонӣ дидани падар, балки нотавон ва ба дастёр муҳтоҷ будани ӯ низ ифода ёфтааст. Адиб дар интихоби калима маҳорати хосаеро зоҳир намуда, калимаи пирро бо вожаи ***нотавон*** равшантар баён намудааст.

Дар осори Ҳабибулло Назаров калимаҳое, ки аз ҳисоби *конверсия*, яъне бо роҳи калимасозии луғавию грамматикие, ки дар ҷараёни он маънои грамматикии калима тағйир ёфта, дар баробари он сохтори семантикӣ ва шакли овозии он дигар намешавад, фаровон ба чашм мерасад. Оид ба ин навъи калимаҳо Рустамов Ш. чунин нигоштааст: «Ба ҳамдигар бе ҳеҷ гуна морфемаҳои калимасоз гузаштани ҳисаҳои нутқ яке аз усулҳои машҳури калимасозиро дар забоншиносии умумӣ *конверсия* меноманд» [3, 75].

Дар ҷумлаи поён ҳамчунин сифати ба феъл табдилгашта мавриди истеъмол қарор гирифтааст:

Ба яке—ҷавон, дигаре—миёнаумр, сеюмӣ ***пирамард*** *ва ғайра* [2, 191]

Дар ҷумлаи дигар бошад, калимаи ***муйсафед,*** ки бештар дар забон ҳамчун сифати исмшуда корбаст мешавад ва онро дар забон ҳодисаи ***субстантиватсияи нопурра*** [4, 74] меноманд, мушоҳида мегардад. Адиб вожаи ***мӯйсафед***ро ба маънои грамматикии сифат ва муродифи калимаҳои дар боло овардашуда ба кор бурда, ҳамчун воситаи фарқгузор ва таъкиди андеша дар раванди ҳодисаи баамаломада корбаст намудааст:

Дар сӯҳбати Карим-Девона одамони ***мӯйсафеду*** *миёнаумр нишаста, гапҳои ӯро гӯш мекарданд, вале худи онҳо ин шаҳрҳоро дидагӣ набуданд* [2, 191].

Калимаи ***солхӯрда*** бо вожаҳои боло дар мавриди муродифӣ қарор мегирад, аммо агар ба таъсири эмотсионалии ин калима диққат диҳем, нисбат ба ***пирамард***ва***куҳансол*** дурушттар ба гӯш мерасад. Дар мавриди ифодаи андозаи умри ҳайвон истифода кардани сифати***куҳансол*** мувофиқ намеояд, бинобар ин Ҳабибулло Назаров аз ин силсилаи синонимӣ барои ифода кардани сифати ҳайвон калимаи ***солхӯрда***ро ба кор бурдааст:

Аспи ***солхӯрда****и судиҷрочӣ ҳам бошад, чуқур нафас гирифта, бардамона ба рӯи сангрезаҳо қадам мениҳод* [2, 58].

Калимаҳои ҳаммаънои ***соҳибҷамол,хушрӯй,зебо*** ва ***хушсурат***дар осори Ҳабибулло Назаров истифода шудаанд, ки маъноҳои ба ҳам наздикро ифода кунанд ҳам, бо баъзе тобишҳои маъноӣ ва хусусиятҳои услубии худ аз якдигар тафовут доранд. Тафовути маъноӣ ва услубии онҳо дар ҷумлаҳои зерин ба мушоҳида гирифта мешаванд:

Акнун дуторро ба соҳибаш медиҳем,-гуфт «шиноси деринаам» ва онро ба ҷавонмарди сиёҳриши ***хушсурате*** *дод, ки дар рӯ ба рӯи ман менишаст* [2, 33].

Калимаи ***хушсурат*** дар ин ҷумла намуди зоҳирии зеборо ифода намудааст ва дар ҷумлаи дигар вожаи ***соҳибҷамол***ҳусни беҳамтои духтареро ифода карда истодааст:

Дар вақтҳои дар Қаратоғ бофанда шуда кор карданаш, гирифтори ишқу муҳаббати маҳбубаи ***соҳибҷамоле*** *гаштааст, кивай духтари яке аз бойҳо будааст* [2, 159].

Калимаҳои***хушрӯй*** ва ***зебо***низ ҳаммаънои вожаи ***соҳибҷамол*** мебошанд:

Алимардон ҷавоне буд ***хушрӯй*** *ва* ***зебо,*** *вай мӯйҳои ҷафс вариши нарми сиёҳ дошт* [2, 20].

Дар истеъмоли калимаҳои синонимии ***хушрӯй, зебо*** ва***соҳибҷамол*** фарқият дида мешавад, зеро калимаҳои ***хушрӯй*** ва ***зебо*** серистеъмол буда, онро дар услуби адабӣ-гуфтугӯӣ ба кор мебаранд, аммо ***соҳибҷамол*** вожаест, ки онро бештар дар услуби адабӣ мавриди истифода қарор медиҳанд.

Калимаҳои ***азиз, фахрӣ, қадрдон, обрунок, боҳурмат, обруманд, баобру, муътабар, шариф, боэътибор, табаррук*** ва ***муқаддас*** дар осори адиб як силсилаи синонимии дигареро ташкил медиҳанд. Чӣ хеле ки мо қайд намудем, баъзе калимаҳои синонимӣ аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздик буда, дар ҳолатҳои гуногун якеро ба ҷойи дигаре ба кор бурдан маънои заруриро ифода карда наметавонанд, зеро ҳар як вожаи синонимӣ тобишҳои маъноии алоҳидаро доро буда, бо ҳамин тобиши маъноӣ фарқияти хешро равшантар зоҳир менамояд.

Калимаи ***азиз***родар ҷумлаи зерин дида мебароем:

Чой нӯшанд, меҳмонони ***азиз****!* [2, 77]

Вожаи номбурда бақадр будани меҳмон, ***олиқадрӣ*** ва ***баландмартабаги***и ӯро ифода мекунад. Ба ин маънӣ наздик вожаҳои ***муътабар***ва ***шариф*** мебошанд, ки тавассути истифодаи онҳо қадри шахси дар назардошташуда ба арши аъло бардошта мешавад:

-Ана, ин кас абераи одами ***муътабар****-ҳазрати шайх Низомиддинхоҷаи Баландпарвоз мебошанд, исми* ***шарифи*** *ҷанобашон Эшонҷон,- бо онҳо маро шиносонда гуфт Домулло Худойқул* [5, 46].

Албатта, ин вожаҳо **азиз** будани шахсро ифода мекунанд, аммо дар ҳолати чун мухотаб омадан дар муроҷиат калимаҳои мазкур дар ибора «*меҳмони* ***шариф,*** *меҳмони* ***муътабар***» маъноро услубан коста мегардонанд.

Дар ҷумлаи зер калимаҳои ***боҳурмат***у ***обрунок*** ҳаммаънои вожаи ***азиз*** мебошанд ва дар тавсифи меҳмонон ба кор бурда шудаанд. Калимаҳои ***боҳурмат*** ва ***обрунок*** сифатҳои гуногуни инсонро ифода мекунанд. Калимаи **боҳурмат** сифате мебошад, ки аз ҷониби дигарон қадрдонӣ шудани касро ифода мекунад ва вожаи **обрунок** бошад, ба шахсе далолат мекунад, ки обруи баланде дар ҷомеа дорад ва аз ин лиҳоз шоистаи ҳурмату иззат гардидааст. Шахси ***бообру*** бо калимаи ***обрунок*** ҳаммаъноянд, фақат дараҷаи истеъмоли ин калимаҳо тафовут дорад ва нисбат ба калимаи ***обрунок*** вожаи ***бообру*** дар забони адабӣ серистеъмолтар мебошад:

Меҳмонони **боҳурмату обрунок** дар рӯйи курпачаҳои шоҳӣ ҷой мегиранд ва ба зери паҳлуи онҳо болиштҳои рангоранг мегузоранд [2, 45].

Д.Э. Розентал оид ба корбасти синонимҳои сифатӣ дар забони русӣ чунин нигоштааст: «Баъзе сифатҳои тавассути пасвандҳо ба миёномада аз рӯи маъно ба ҳам наздиканд. Дар чунин ҳолатҳо синонимҳои ҳамреша ба миён меоянд [6, 36-37].

Ба ақидаи мо дар забони тоҷикӣ на танҳо пасванд, балки пешвандҳо низ барои ба миён омадани синонимҳо саҳмгузоранд. Барои исботи фикр мисолҳоро аз осори адиб овардан бамаврид мебошад:

Синонимҳои вожаи ***обрунок*** калимаҳои ***бобру*** ва ***обруманд*** тавассути пешванди **бо-** ва пасвандҳои **-нок**, **-манд** ва решаи обру сохта шудаанд:

Ту ба одамон чӣ мечаспӣ, чаро нутқҳои носазо эрод мекунӣ, шеърҳои худотаҳқиркунанда мегӯӣ, шахсони ***обруманд****ро шарманда мекунӣ*? [2, 78].

Дар ин ҷумла калимаи ***обруманд*** сифати шахсеро ифода мекунад, ки дар ҷомеа, байни одамон аллакай мақомеро ишғол намудааст. Ё худ калимаи **бообру**, ки ҳамин маъноро ифода мекунад:

Вай охир, одами ***баобрӯ****и қишлоқ, ду писараш дар ҷанг,-аз дил гузаронд* ***Чӯтак*** [5, 63].

Ҷумлаи дигарро, ки калимаҳои ***табаррук*** ва ***муқаддас***ба корбурда шудаанд, мавриди назар қарор медиҳем:

Фурсате нагузашта овозаи дар хонаи бой меҳмон шудани шахси ***табаррук****, абераи яке аз эшонҳои машҳуру* ***муқаддас****эшони Низомиддинхоҷаи Баландпарвоз на фақат ба сокинони қишлоқи Нура, балки ба сокинони қишлоқҳои атроф ҳам паҳн шуд* [5, 203].

Дар ин ҷумла ду қалимаи аз ҷиҳати маъно наздик омадаанд, ки ҳар ду тобишҳои маъноии ба худ хосро ифода мекунанд ва бо маънои ***соҳибқадр*** ва***олимақом*** наздик мебошанд. Калимаи***муқаддас*** бошад,маънои ***гиромӣ*** ва ***азизро*** дар ҷумла ифода карда истодааст. Нисбат ба калимаи ***муқаддас*** вожаи ***табаррук*** дар услуби гуфтугӯӣӣ серистеъмолтар мебошад.

Тобиши нозуки маъноии калимаи ***қадрдон*** бошад, дар матн зоҳир мегардад. Дар навбати аввал маънои ин калима бо вожаҳои боло синоним мешавад, вале аз мазмуни ибора бармеояд, ки маънои он на шахси соҳиби ***қадру қимат***, балки ифодакунандаи сифати шахсе, ки ***қадри касе ё чизеро медонад,*** мебошад:

Мӯйсафедони ***қадрдони*** *Қуръон, муллоҳои мадраса дар бораи конститутсияи Туркия ва Эрон хабарҳо шунида, ба изтиробу ташвиш афтоданд* [2, 173].

Чӣ тавре ки Д.Э. Розентал қайд менамояд: «Х*усусияти услубии синонимҳо ба таври гуногун ифода меёбад*» [6, 38].

Бояд қайд намуд, ки силсилаи синонимии мазкур дорои калимаҳои зиёди ҳаммаъноест, ки бо хусусияти услубии хеш аз ҳамфарқ дошта, ҳамчун вариантҳои услубӣ короям гаштаанд:

Адабӣ-гуфтугӯӣ: азиз, табаррук, қадрдон, баобрӯ.

Китобӣ: фахрӣ, обрунок, обруманд, муътабар, боэътибор, боҳурмат, шариф ва муқаддас.

Калимаҳои ***боистеъдод, лаёқатманд, истеъдоднок, барҷаста, моҳир, гулдаст*** ва ***гузаро*** дар мавридҳои гуногун барои тасвири сифати инсонӣ ба кор бурда шудаанд. Калимаҳои ***боистеъдод, истеъдоднок***ва ***лаёқатманд***ҳамон як маъноро ифода мекунанд. Баъзе вожаҳои муродифӣ тавассуси синоморфемаҳосохта мешаванд ва «*синоморфема онҳоеанд, ки шаклан аз ҳам тафовут дошта бошанд ҳам, айни як вазифаро иҷро мекунанд*» [7, 113].

Калимаҳои ***боистеъдод***ва***истеъдоднок***роҳамчун мисол овардан мумкин аст, ки ифодагари маънои шахси дорандаи истеъдоди баланд мебошанд:

Отряди археологии ***истеъдодноки*** *советӣ Михаил Михайлович Дяконов муқаррар кард, ки ҳанӯз дар давраи палеолит, яъне дар асри сангин, дар сарзамини Тоҷикистони ҳозира одамон зиндагонӣ мекардаанд* [2, 162].

Дар ҷумлаи боло пасванди–**нок** ба кор бурда шудааст ва дар мисоли дигар бошад, пешванди ***бо-*** ба калимаи ***истеъдод*** ҳамроҳ шуда, ҳамоно маънои калимаро дигар накардааст:

Ҳаким талабаи синфи ҳафтум буд, бачаи хеле ***лаёқатманд*** *ва****боистеъдод*** *аст [*2, 121].

Дар мисоли овардашуда калимаи ***лаёқатманд*** ишора шудааст, ки бо вожаи ***боистеъдод*** ҳаммаъно буда, дар ҷумла маънои якдигарро пурра ва фикри муаллифро муассиртар мегардонанд.

Дар забони тоҷикӣ дигар воҳиди луғавӣ калимаи ***барҷаста*** синоними ин вожаҳо мебошад, ки бештар дар услуби адабӣ-китобӣ ба кор бурда мешавад ва Ҳабибулло Назаров тавонистааст, ки онро бамаврид ба қалам диҳад:

Сухан боз ба сари эҷодиёти даҳанакӣ ва намояндагони ***барҷастаи*** *он ома* [2, 112].

Ё худ:

Маълум аст, ки Карим-Девона ҳаҷвгӯи ***барҷаста*** *мебошад* [2, 120].

Калимаи ***моҳир*** низ маҳорати баланд доштани инсонро ифода ме-кунад. Дар ибораҳои ***дастони моҳир*** ва ***устоди моҳир*** вожаи мазкур чун ҷузъи муайянкунандаи ибора омада, дар мавридҳои алоҳида тобишҳои гуногуни маъноиро ифода мекунанд. Вожаи ***моҳир*** дар мавриди мавсуф будани даст аз пурҳунарии ашхоси соҳибзавқ дарак дода, адиб дастони ***шахси ҳунарманд***ро ба риштаи тасвир кашидааст***:***

Аз келин фақат дастони ***моҳир*** *талаб карда мешавад, ки кӯрпа дӯхта тавонад* [2, 49].

Дар ибораи дуюм ***устои моҳир*** бошад, тобиши маъноии вожаи **моҳир** дар он зоҳир мегардад, ки устоди касби хеш будани персонажро ифода мекунад:

Карим дар бисёр устоди ***моҳир*** *буд, карбосҳои хушсифат мебофт, аммо ҳамон рӯз дар бозор бисёр истод: карбосаш ҳеҷ ба фурӯш нарафт* [2, 118].

Калимаи ***гулдаст*** дар осори адиб бо ибораи ***дастони моҳир*** хусусияти муродифӣ дорад:

Дар хаёлаш ҳеҷ гоҳ ин сарзаминро бо чунин ҳусну латофат надидааст, гӯё наққошони ***гулдаст*** ҳам дар офариниши чунин манзараҳо оҷизанд [2, 380].

Калимаи ***гузаро*** бо вожаи ***моҳир***аз ҷиҳати маъно наздикӣ пайдо намуда бошад ҳам, бо тобиши услубӣ аз он ҷудо шуда меистад:

Дар колхози мо Нурчовандоз ном галабоне зиндагӣ мекунад, ки аспбози ***гузаро*** [2, 80].

Дар истифодаи ин вожа натанҳо моҳир будан, ё худ устоди касби хеш будан, балки аз дигарон болотар будан ифода мешавад. Маънои аслии вожаи ***гузаро*** ***«****гузаронда, гузашта, нопойдор ва раванда»*[8, 333]мебошад. Вале маҷозан он метавонад хусусияти ҳар чиз ё касеро, ки аз ягон ҷиҳат ё сифат аз ҳад гузаштааст ва ё бартарии зиёде дорад, ифода намояд. Адиб дар ин ҷумла вожаи ***гузаро***ро маҳз ба маънои маҷозиаш корбаст намудааст.

Калимаҳои ***кордида, кордон*** ва***пуртаҷриба*** аз лиҳози маънӣ ба ҳам наздик мебошанд ва шахси дорои ин сифатҳо хеле пухтаю эҳтиёткор мебошад. Калимаи ***кордида*** ба синну сол алоқамандӣ надорад ва ин сифат дар натиҷаи ҷаҳонбинии васеъ ба миён меояд**:**

Директор тахминан чил-чилупанҷсола, миёнақад, гандумгун, чашмони калони пурмеҳру дурахшон дошт, дар назар шахси ***кордида*** *менамуд* [2, 305].

Калимаҳои ***қобилу кордон*** бошад, ***чолокию ӯҳдабароии*** шахсро ифода мекунанд:

Барои ҳамин директор ҷӯраашро чун шахси ***қобилу кордон*** *доимо таърифу тавсиф менамуд* [5, 126].

Агарчанде ин вожаҳо ба ҳам наздикмаъно бошанд ҳам, бо вуҷуди ин шабоҳати пурраи маъниҳо дар миёни онҳо дида намешавад, вале адиб барои пурратар намудани тасвири хеш онҳоро якҷоя корбаст намудааст.

Калимаҳои ***кордида*** ва ***кордон*** аз ҷиҳати маъно ба ҳам хеле наздик мебошанд. Калимаи ***пуртаҷриба*** бошад, бо вожаҳои зикршуда қариб як маъноро ифода мекунад, зеро инсон дар натиҷаи ***кордидагӣкордон шуда,*** ниҳоят таҷрибаи бой пайдо мекунад:

Дивизия дар зери фармондеҳии Коваленко Василий Григоревич, ки марди ҷасуру ***пуртаҷриба*** *буд, ҷанг мекард* [5, 84].

Синонимҳои вобаста ба сифати инсон дар осори адиб хеле вофир корбаст шудаанд ва ба ин васила андешаҳои адиб таъсирбахшу диққат-ҷалбкунанда ба қалам дода шудаанд. Зимни омӯзиши корбасти синонимия дар осори нависанда мушоҳида шуд, ки Ҳабибулло Назаров барои мавриди коройӣ қарор гирифтани синонимҳои сершумори ин ё он силсилаи синонимӣ кӯшиш ба харҷ дода, то андозаи зарурӣ ба мақсади хеш ноил гаштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Булаховский А.А. Введение в языкознание / А.А. Булаховский. - Москва, 1953. – Ч.II. – 178 с.
2. Назаров Ҳ. Осори мунтахаб / Ҳ. Назаров. - Душанбе, 1978. - Қ.1. – 428 с.
3. Рустамов Ш. Исм / Ш. Рустамов. – Душанбе, 1981. - 220 с.
4. Ҳусейнов Ҳ. Луғати терминҳои забоншиносӣ / Ҳ. Ҳусейнов, К. Шукурова. – Душанбе, 1983. - 355 с.
5. Назаров Ҳ. Осори мунтахаб / Ҳ. Назаров. – Душанбе, 1981. - Қ.2. – 224 с.
6. Розенталь Д.Э. Практическая стилистика русского языка / Д.Э. Розенталь. – Москва, 1965. - 335 с.
7. Рустамов Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм / Ш. Рустамов. - Душанбе, 1972. - 90 с.
8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе. – 2008. - Ҷ.1. - 950 с.

СИНОНИМИЯ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ХАБИБУЛЛО НАЗАРОВА

В данной статье речь идет о синонимах выражающих положительные качества в произведении Хабибулло Назарова. В статье выявлено, что писатель в своем произведении широко использовал лексико-семантический путь словообразования. Автор статьи подчеркивает, что синонимы имен прилагательных в произведениях Хабибулло Назарова выступают как элементы обеспечения эстетичности речи писателя.

Ключевые слова: прилагательное, глагол, конверсия, морфема, словообразование, стиль, аффикс, суффикс, префикс, стилистическая особенность.

SYNONYMS IN HABIBULLO NAZAROV'SWORKS

The article deals whis the synonyms in Habibullo Nazarov's works. The article revealed that Habibullo Nazarov used lexical and semantic ways of word formation in his work. The article author states that synonyms of the adjectives are appeared as aesthetical speech of the writer.

Key words: adjective, verb, conversion, morpheme, word formation, style, affix, suffix, prefix, stylistic feature.

Сведения об авторе: ***М.Х. Усмонова –*** соискатель Таджикского государственного института языков имени С. Улугзаде. Телефон**: 918-68-83-85. E-mail:gissar-01@mail.ru**

МАВҚЕИ ПАЙВАНДАКҲОИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ МОНАНДӢ ДАР АШЪОРИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

А. Абдулазизов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави монандӣ низ як қолаби маъмулии сухану каломи тоҷикӣ буда, ҳам дар осори мансур ва ҳам дар осори манзуми адибони тоҷику форс мустаъмал аст.

Ин навъи ҷумлаҳои пайрав ҳам, бо ғановату рангорангии худ дар миёни дигар анвои ҷумлаҳои пайрав мақоми хосса доранд. Ҷумлаи пайрави монандӣ аз ҷумлаҳои пайрави дигар аз ҷиҳати маъною вазифа, воситаҳои алоқаи наҳвӣ, тобишҳои маъноӣ тавофут дорад.

Дар системаи ҷумлаҳои мураккаби тобеи забони адабии тоҷикӣ ҷумлаҳои пайрави ҳол, асосан тамоми сарҷумларо шарҳу эзоҳ медиҳанд. Аз инҳо баъзе «… ҷумлаҳои пайрав воқеъ гардидани амал, ҷараёни амал ва ё зоҳиршавии ҳолату вазъият, намудоршавии тағйирот ё протсесси сарҷумларо ба воситаи муқоисаи онҳо бо амалу ҳаракат, протсессу ҳолати воқеӣ ва ё фарзӣ - тахминии дигаре нишон медиҳанд» [7, 64].

Муҳаққиқони наҳвиёти ҷумлаҳои мураккаби тобеи забони тоҷикӣ барои ҳамин хусусияташон ин хели ҷумлаҳои пайравро ҷумлаҳои пайрави монандӣ [2;7;9;10] ва ё монандӣ-муқоисавӣ (қиёсӣ)- и ҷумлаи пайрави тарзи амал номидаанд [3;11].

Бояд гуфт, ки дар асарҳои илмии Б. Ниёзмуҳаммадов [9] ва Н. Маъсумӣ [8] танҳо ҷумлаи пайрави монандӣ-муқоисавӣ мавриди таҳқиқи махсусу алоҳида қарор нагирифта бошад ҳам, дар онҳо масъалаҳои ҷумлаи пайрави монандӣ-муқоисавӣ, воситаҳои алоқаи грамматикӣ, хоссатан пайвандакҳо ва баъзе хусусиятҳои барҷастаи ин хели ҷумлаҳои пайрав равшан карда шудааст. «Ҷумлаи пайрави монандӣ, - таъкид мекунад Б. Ниёзмуҳаммадов, амали сарҷумларо бо предметҳои гуногун монанд карда, нишон медиҳад» [9, 27].

Дар китоби пуразриши Н. Маъсумӣ - «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик» ҷиҳатҳои услубии чунин ҷумлаҳои пайрав низ зикр ёфтааст.

Албатта, таҳқиқоти мукаммал рисолаи забоншиноси шинохта Ф. Зикриёев - «Ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ва монандӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» [7] мебошад. Муҳаққиқ «хусусият ва маъноифодакунии умумии чунин ҷумлаҳои мураккаби тобеъро ба асос гирифта, онҳоро ҷумлаҳои пайрави монандӣ номидааст» [7, 64]. Вале оид ба мавқеъ ва хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаи пайрави монандӣ дар осори манзум (хоссатан адабиёти классикии тоҷик) пажӯҳиши мукаммалу алоҳида сурат нагирифтааст.

Қобили зикр аст, ки муҳаққиқони наҳвиёти ҷумлаҳои мураккаби тобеи забони адабии тоҷик дар ташаккули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ саҳми муайян доштани пайвандакҳои тобеъкунанда, калимаҳои ҳамнисбат, мутобиқати шаклҳои феълӣ-хабари сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, тартиби ҷумлаҳо, интонатсияи тобеъ ва баъзе воситаҳои грамматикии ёрирасону қувватдиҳанда (аз ҷумла бандакҷонишинҳо,

ҳиссачаҳо, калимаҳои модалӣ)–ро бо далелҳо нишон додаанд. Мо тасмим гирифтем, танҳо масъалаи корбасти пайвандакҳои тобеъкунандаи монандиро дар ашъори устоди ғазали форсии тоҷикӣ – Камоли Хуҷандӣ мавриди пажӯҳиш қарор диҳем.

Пажӯҳишгарони ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забони адабии ҳозираи тоҷик барои алоқаманд кардани ҷумлаи пайрави монандӣ ба сарҷумла истифода шудани пайвандакҳои **мисли он (ин) ки, монанди он (ин) ки, чунон ки,чунин ки, ҳамчунон ки, гӯё, гӯё ки, ки гӯё, гӯё ин ки, ба тавре ки, ба тарзе ки, ба тариқе ки, чӣ тавре ки, чӣ хеле ки, чӣ навъе ки, ба чӣ тарзе ки, ки** -ро нишон дода, мисолҳо овардаанд [7; 10].

Шодравон проф. Т. Тоҷиев нозукбинона зикр кардааст, ки пайвандакҳои таркибии **мисли он (ин) ки** ва **монанди он (ин) ки** аз пайвандакҳои характернок ва серистеъмоли ин ҷумлаи пайрав буда, аксар дар нутқи китобӣ истеъмол мешаванд. Пайвандакҳои таркибии **«чунон ки», «чуноне ки», «ҳамчунон(е) ки»** низ бештар дар нутқи китобӣ кор фармуда мешаванд. Пайвандакҳои **«гӯё», «гӯё ки», «гӯё ин ки»** ва **«ки гӯё»** дар ҷумлаҳои пайрави монандӣ нисбатан серистеъмол буда, одатан дар нутқи китобӣ ва гуфтугӯйӣ кор фармуда мешаванд [10, 96 -97].

«Дар системаи пайвандакҳои ҷумлаҳои пайрави монандӣ,-таъкид мекунад забоншинос профессор Д.Т. Тоҷиев, пайвандакҳои **«ба тавре ки», «ба тарзе ки», «ба тариқе ки», «чӣ тарзе ки», «чӣ хеле ки». «чӣ навъе ки», « ба чӣ тарзе ки»** кор фармуда мешаванд ва бештар хосси услубӣ нутқи китобӣ мебошанд. Онҳо аслан пайвандакҳои ҷумлаи пайрави тарзи амал буда, дар таркиби ҷумлаи пайрави монандӣ вазифаи иловагии синтаксисӣ пайдо кардаанд: *Вай ин духтарро, ба тавре ки каҳрабо коҳро ва оҳанрабо оҳанро пеш кашад, ба тарафи худ мекашид* [С.Айнӣ] » [10, 98].

Муҳаққиқони дигар дар шеъри муосир, хоссатан дар *ашъори* шоири ширинкалом М. Турсунзода истифода нашудани пайвандакҳои **(мисли он (ин) ки ва монанди он (ин) ки**) - ро зикр кардаанд(....). Ҳамчунин дар осори манзум, хоссатан ашъори М. Турсунзода хеле кам корбаст шудани ҷумлаҳои пайрави монандиро таъкид намуда, аз пайвандакҳои сершумори ҷумлаи пайрави монандӣ истифода шудани танҳо пайвандакҳои тобеъкунандаи **«гӯё», «гӯё ки», «гӯё ин ки», «ки гӯё», «ба тавре ки», «ки»-** ро нишон додаанд[1, 194-196].

Омӯзишу таҳлили лингвистии ашъори устоди ғазал, шоири ширинкаломи адабиёти форсу тоҷик Камоли Хуҷандӣ нишон медиҳад,ки ин адиби садаи XIV ҳам пайвандакҳои сода ва ҳам пайвандакҳои таркибиро дар ифодаи маъноҳои монандию муқоиса истифода намудааст. Дар ашъори ин адиби лирик пайвандакҳои **з-он сон ки, з-ин сон ки, ба сони он ки, чунон ки, чунин ки, гӯё, ки** истифода шудаанд. Истифодаи доираи бештари пайвандакҳои тобеъкунандаи ҷумлаи пайрави монандӣ, ҳамчунин аз маҳорату истеъдоди хеле баланди шоир гувоҳӣ медиҳад. Зеро, ба воситаи ин пайвандакҳо баробари маънои асосӣ, инчунин тобишҳои мухталифи маъно зоҳир мегардад ва истифодаи санъатҳои бадеӣ ва маҳорату салиқаи хуби шоириро тақозо менамояд.

З- он сон ки сӯи хеш кашад мӯр донаро,
Хатти ту донаҳои дили мо чунон кашад [12, 334]
З- он сон ки мушк зулфи туро сар ниҳодаст,
Гарданкашӣ чарост ба ту анбаринаро? [12, 31].

Таҳлили лингвистии ҷумлаҳои мураккаби тобеи ашъори Камоли Хуҷандӣ нишон медиҳад, ки ин навъи ҷумлаҳои пайрав чандон зиёд корбаст нашудааст. Аз пайвандакҳои ҷумлаи пайрави монандӣ бошад, аз ҳама бештар пайвандаки тобеъкунандаи **з-он сон ки** истифода гардидааст:

З-он сон ки чун миёнат шуд ҷисми мо хаёле,
В - акнун умеди васле моро ба мо хаёле [12, 153].
З-ин сон ки хоки роҳ шудем аз гузори ту,
Мекун ба хоки раҳ гузоре ҳамину бас [13, 13].

Пайвандаки мазкур аксар мавридҳо дар аввали ҷумлаи пайрав омада, ҷумлаи пайрав баъд аз сарҷумла ҷойгир мешавад:

З - ин сон ки Камол аст зи ҳиҷрони ту гирён,
Бо номабарат ҷуз ғазали тар чӣ фиристад [13, 115].
Бе ҷурм куштан ҳар дам якеро,
Натвон, валекин ту метавонӣ.
З - ин сон ки дорӣ аз хеш дурам,
Гар мирам аз ғам, аз ман надонӣ [13, 315].
З - ин сон ки доманҳои зулф аз ҷону дил пур кардаӣ.
Ҷонҳои мо дар зери по хоҳӣ ба домон рехтан,
То бар дарат ҳар кас равон чун оби чашмаш нагзарад.
Бар хоки он раҳ хорҳо хоҳам зи мижгон рехтан [13, 218].
З - ин сон ки ҷон ба ё раб з - он ғамза хост тире,
Як тир бар нишона хоҳад яқин расидан [13, 245].

Пайвандаки таркибии **з-ин сон ки** баъзан дар мобайни сарҷумла меояду ҷумлаи пайрави монандӣ пеш аз сарҷумла воқеъ мешавад:

Ба чашми нотавон **з-ин сон ки** бурдӣ хобам аз мижгон,
Бубинам дил ба хоб акнун, **ки** бинад сар ба болинам [13,107].

Пайвандаки таркибии дигаре, ки Камоли Хуҷандӣ дар таркиби ҷумлаи пайрави монандӣ истифода намудааст, пайвандаки тобеъкунандаи таркибии **ба сони он ки** мебошад. Ин пайвандак ҳам дар аввали ҷумлаи пайрав ва ҷумлаи пайрав пеш аз сарҷумла ҷойгир мешавад:

Ба сони он ки рӯят хирманам сӯхт,
Бар он оташ зи холат донае ҳаст [12, 108].

Пайвандаки таркибии **«чунон ки** » низ дар ашъори Камоли Хуҷандӣ хеле кам истифода шудааст. Ин пайвандак ҳам одатан дар аввали ҷумлаи пайрави монандӣ меояд ва ҷумлаи пайрав пас аз сарҷумла ҷойгир мешавад:

Зи ҷайби пераҳан андоми нозанин бинаш,
Чунон ки аз танаи шиша қатраҳои гулоб [12, 54].

Пайвандаки тобеъкунандаи содае, ки дар ашъори Камоли Хуҷандӣ барои алоқаманд кардани ҷумлаҳои пайрави монандӣ бештар истифода шудааст, пайвандаки тобеъкунандаи **гӯё** мебошад.

Дар чунин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ шоир «амали сарҷумларо бо он амале, ки тахмин карда мешавад, монанд ва ё муқоиса менамояд» [10, 96]:

Зулф бар дӯш он пари дар моҳтоб омад бурун,
Гӯйё аз сӯйи Чин сад офтоб омад бурун [13, 231].

Қобили зикр аст,ки дар осори мансур пайвандакҳои **«гӯё», «гӯё ки»** одатан дар аввали ҷумлаи пайрави монандӣ меояд ва ҷумлаи пайрав аксаран пас аз сарҷумла ҷойгир мешавад. Дар осори манзум бошад, мавқеъҳои дигари корбурди ин пайвандаки тобеъкунандаро дидан мумкин аст, ки он ҳам дар доираи қоидаҳои наҳви забони тоҷикӣ ва мувофиқи меъёри забони адабии тоҷик сурат гирифта, хусусияти услубӣ дорад. Муҳаққиқоне, ки осори манзуми адабиёти муосири тоҷикро мавриди пажӯҳиш қарор додаанд, бар чунин ақидаанд: «Дар назм, хоссатан дар ашъори М.Турсунзода, пайвандакҳои зикршуда дар мобайни ҷумлаи пайрави монандӣ меояд ва ҷумлаи пайрав пас аз сарҷумла воқеъ мешавад, Албатта, ин аз як тараф, талаботи вазну қолаби шеър бошад, аз ҷониби дигар хусусияти услубӣ дошта, боиси муассирию ҷозибанокии сухани адиб мегардад:

Аннаеро чун худой медиҳанд,
Назр **гӯё** бар гадое медиҳанд. М Турсунзода.» [1, 195].

Таҳлили ҷумлаҳои пайрави монандии ашъори Камоли Хуҷандӣ нишон медиҳад, ки пайвандаки зикршуда дар аввали ҷумлаи пайрави монандӣ меояд ва ҷумлаи пайрав пас аз сарҷумла ҷойгир мешавад, ҳамон тавре ки дар насри муосири тоҷик мураввақ аст:

Кас намеёбам, ки раҳме бар ғарибон оварад,
Гӯйё дар шаҳри хубон як мусулмон ёфт нест [12, 125].
(1- ҷ. п.муайянкунанда, 2- ҷ. п. монандӣ).

Пайвандаки тобеъкунандаи **«ки»** дар ашъори Камоли Хуҷандӣ барои ба сарҷумла вобаста намудани ҷумлаҳои пайрави монандӣ низ истифода шудааст. Забоншиноси нуқтасанҷ профессор Д.Т. Тоҷиев хеле нозукбинона ва барҳақ таъкид мекунад, «ҷумлаҳои пайрави монандӣ одатан амали сарҷумларо шарҳ медиҳанд. Аммо баъзе ҷумлаҳои пайрав ба эзоҳи дигар аъзоҳои сарҷумла омада метавонанд. Дар ин мавридҳо ҷумлаи пайрави монандӣ аксар ба калимаҳои ҳамнисбат тобеъ шуда, ба воситаи онҳо тамоми сарҷумларо шарҳ медиҳад [10, 94]. Дар ашъори Камоли Хуҷандӣ ин пайвандак дар таркиби ҷумлаҳои пайрави монандие омадааст, ки калимаи ҳамнисбат (асосан «ҳамчун»)-ро шарҳу эзоҳ медиҳад:

Нақши дарат ҳамеша бар хун баркашад сиришк,
Ҳамчун муҳаррирон, **ки** ба сурхӣ кашанд боб [12, 51).
(ҷ.п. муайякунанда - монандӣ).

Ҳамин тариқ, дар забони адабии **муосири** тоҷик (осори манзум мансур) барои алоқаманд кардани ҷумлаҳои пайрави ҳоли монандӣ ба сарҷумла пайвандакҳои тобеъкунандаи «….**мисли он (ин) ки, монанди он (ин) ки, чунон ки,чунин ки, ҳамчунон ки, гӯё, гӯё ки, ки гӯё, гӯё ин ки, ба тавре ки ба тарзе ки ба тариқе ки, чӣ тавре ки, чӣ хеле ки, чӣ навъе ки, ба чӣ тарзе ки, ки»** [7; 10], **он сон ки, з-ин сон ки, ба сони он ки** истифода мешаванд.

Аз пайвандакҳои зикршуда дар ашъори шоири ширинкаломи садаи XIV- и адабиёти классикии форсии тоҷикӣ – Камоли Хуҷандӣ пайвандакҳои тобеъкунандаи **ки, гӯё, он сон ки, з-ин сон ки, ба сони он ки, чунон ки** истифода шудаанд. Дараҷаи корбурди ин воситаи муҳимми алоқаи наҳвии ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ дар ашъори шоир якрангу яксон нест. Пайвандакҳои тобеъкунандаи **он сон ки, з-ин сон ки** нисбатан серистеъмол буда, пайвандакҳои **ки, гӯё чунон ки, ба сони он ки** камтар корбаст шудаанд.

Пайвандакҳои **мисли он (ин) ки, монанди он (ин) ки, чунин ки, ҳамчунон ки, гӯё ки, ки гӯё, гӯё ин ки,тавре ки, ба тавре ки, тарзе ки, ба тарзе ки, ба тариқе ки, чӣ тавре ки, чӣ хеле ки, чӣ навъе ки** дар ашъори Камоли Хуҷандӣ истифода нашудаанд. Албатта, ин иртибот дорад ба талаботи вазни шеър ва дигар хусусиятҳои каломи мавзун, ки таҳқиқоти ҳамаҷонибаю мукаммаллеро тақозо мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулазизов В. Ҷумлаи пайрави монандӣ дар ашъори М, Турсунзода / В.Абдулазизов // Забон–ҳастии миллат. - Душанбе, 2013, - С.19–199.
2. Беленитский А.М. Наҳви забони тоҷикӣ. (Барои синфҳои 6 – 7) / А.М. Беленитский, Ҳоҷизода Б. – Сталинобод - Самарқанд, 1936. - Қ.2. - С.26.
3. Бузургзода Л. Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ. (Барои хонандагони омӯзишгоҳҳои педагогии ғоибона) / Л. Бузургзода. – Сталинобод, 1942, - С.50.
4. Грамматикаи забони тоҷикӣ.Синтаксис, китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе, 1963. – Қ.2. - С.134-135.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе,1989. - Қ.3. - С.123–126.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1984. - Қ.2. - С.264-265.
7. 7.Зикриёев Ф. Ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ва монандӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ф. Зикриёев. – Душанбе: Ирфон, 1976. - 122 с.
8. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони забони адабии ҳозираи тоҷик / Н. Маъсумӣ. – Сталинобод, 1956.
9. Ниёзмуҳаммадов Б. Очеркҳо оид ба баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик / Б. Ниёзмуҳаммадов. - Сталинобод, 1960. - С.27.
10. Тоҷиев Д.Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик (Ҷумлаҳои пайрави ҳол) /Д.Т. Тоҷиев. – Душанбе: Нашриёти Дониш, 1981. - С.93-100.
11. Ҳалимов С. Ҷумлаи пайрави тарзи амал ва миқдору дараҷа / С. Ҳалимов // Газетаи муаллимон, 04 август, 1958.
12. Камоли Хуҷандӣ. Девон. - Душанбе,1983. - Ҷ.1. – С.31, 51, 54, 108, 125, 153, 334.
13. Камоли Хуҷандӣ. Девон. – Душанбе, 1985. - Ҷ. 2. - С.13, 115, 315,218, 245, 107, 231.

РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ ПОДЧИНИТЕЛЬНЫХ СОЮЗОВ ПРИДАТОЧНОГО ПРЕДЛОЖЕНИЯ ПОДОБИЯ В ТВОРЧЕСТВЕ КАМОЛА ХУДЖАНДИ

В статье на основе языкового материала творчество известного таджикско – персидского поэта XIV в. – Камола Худжанди рассматривается роль, значение и способ употребления подчинительных союзов в сложноподчиненных предложениях с придаточным предложением подобие. Выявлено, что в придаточных предложениях подобие употреблены поэтом подчинительные союзы **«з-он сон ки», «з-ин сон ки», «чунон ки», «гӯё», «ки».**

Ключевые слова: подобие, подчинительный, предложение, придаточное, сложные, сложноподчиненное, средство связи, структура, союзы, соотносительные слова.

THE ROLE AND IMPORTANCE OF SUBORDINATING CONJUNCTIONS CLAUSE SIMILARITY IN THE WORKS KAMOLA KHUJANDI

In article on the basis of the language of material, the work of the famous Tajik - Persian poet of the fourteenth century - Kamola Khujandi examines the role, importance and method of use of subordinating conjunctions in complex sentences with subordinate sentence similarity. It has been found that additional proposals likeness used by the poet subordinating conjunctions "h-he has sung Ki, C-in sleep Ki", "Canon Ki", "GE", "Ki".

Key words: similarity, subordinating, offer, sinus, complicated, complex, means of communication, structure, conjunctions, correlative words.

Сведения об авторе: ***А. Абдулазизов*** – кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета. Телефон: **919-14-27-48**

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ

ХУСУСИЯТИ БАДЕИИ РОМАНИ «ВОСЕЪ» - И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Сироҷиддини Эмомалӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар романи «Восеъ» симоҳои таърихӣ зиёданд ва албатта, образи марказӣ нақши худи Восеъ аст. Ӯ бо ҳамин ном ба таърих ворид шуд ва таърих дар навбати худ ӯро бо ҳамин ном пазируфт. Бо сабаби он ки чун симои таърихӣ худро муаррифӣ сохт ва аз ин рӯ, таърих низ ҳамчун шахсияти арсаи таърих барои иштиҳори симои мазкур мусоидат кард. Саволе ба миён меояд, ки ин симои таърихӣ, шахсияти сиёсӣ, яъне Восеъ, дар замони худ, дар эҷоди бадеъ чӣ гуна пазирифта шуд? Ба назари мо, хуб пазируфта шуд. Ҳатто халқ, омма, мардум корномаи ӯро хуш пазируфт. Ин буд, ки суруди «Шӯриши Восеъ» эҷод гардид. Ҳатто то кунун бо манзури мазмуну мӯҳтаво ва бо назардошти ҳунари эҷод чи дар адабиёти касбӣ ва чи дар эҷодиёти шифоҳии мардумӣ ин суруд ҳаммонанди худро пайдо накардааст.

Восеъ ҳамчун шахсият то сар задани шӯриш номашҳур, оддӣ ва муқаррарист. Ӯ деҳқони заҳматкарин дар замону макони муайян аст. Аз нигоҳи таърих, Восеъ нафаре аз ҳамдиёрон аст, ки ба ноадолатиҳои зимомдорони вақт тоқат карда натавонист. Ӯ дар ин роҳ ниёз ба ҳаммаслакони хеш дошт, зеро мақсаду маром ва манфиатҳои онҳоро ҳимоя мекард: «Одамизод фақат як бор ба дунё меояду як бор меравад. Ман мегӯям одам аз мурдан ба хории ҷавру зулм, беҳтар ки дар ҷанги золимон мардона бимирад,-фикри кайҳо ба дилаш нишастаро такрор кард Восеъ.– Худо туро одам офаридааст, агар туро хар карда савор шаванду ту ба ин тан диҳӣ, тоқат кунӣ, одам нестӣ. Офарандаатро муттаҳам кардаӣ. Туро ба ноҳақ хор кунанд, зери по кунанду ту хап истӣ–номардӣ, ору номус надорӣ; занат ва фарзандонат, ёру дӯстонат ҳақ доранд, ки аз ту рӯй гардонанд» [6, 354].

Восеъ чун рисолати таърихиро ба ҷо овард, вале муваффақ нашуда бошад ҳам, то андозае аҳамияти таърихӣ–сиёсӣ ва иҷтимоии шӯриш таъмин гардид. Шакли муборизаи ӯ–муборизаи ниҳоӣ–шӯриши яроқнок аст, ки ҳадаф ҳимояи адолат, халосӣ аз зулм ва золимон мебошад.

Бояд гуфт, ки дар адабиёти касбӣ аз А.Фитрат сар карда чандин тан доир ба корномаи Восеъ асар эҷод кардаанд ва чуноне ки гуфтем, аксари осор дар шакли осори саҳнавӣ ва ашъори ҷудогона қобили сурат шуда буд. Бо назардошти ҷанбаи мазкур, С. Улуғзода аввалин эҷодкорест, ки ин корномаро–пайкори Восеъро дар сатҳи роман рӯи ҳастӣ овард.

Маълум аст, ки дар офариниши симоҳои таърихӣ дар эҷоди бадеъ, рӯ овардан ба мавзеъҳои таърихӣ, тасвири типҳои таърихӣ дар адабиёти муосири тоҷик дар радифи Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода эҷодкори дигаре нест. Ӯ дар ин роҳ донишу маҳорат ва малакаи кофӣ ва таҷрибаи зарурӣ дорад. Аз ин ҷост, ки то С. Улуғзода ва пас аз ӯ низ касе асаре чун ин нависанда рӯи ҳастӣ оварда натавонистааст. Муҳим он аст, ки дар тасвири бадеӣ симои таърихӣ ва корномаи ӯро асосӣ мегузорад.

Ҷомеъа пеш аз ҳама ба истиқлолияти сиёсӣ ниёзи аввалиндараҷа дорад. Баробари фарорасии истиқлолияти сиёсӣ фишангҳои дигари сиёсӣ ва қишрҳои ҷомеъа бо падидаҳои дигари нодир мувоҷеҳ мегардад, ки ҳар кадом барои фарорасии соҳаҳои дигар ва истиқлолияти комил заминаҳои воқеъӣ фароҳам меорад.Манзури мо фарорасии истиқлолияти фарҳангӣ, мустақилии иқтисодиёти миллӣ ва дар ҳамин замина даст додани худшиносӣ ва маърифати воқеии падидаҳои фавқуззикр аст. Бояд таъкид намуд, ки мароҳили худшиносӣ ғолибан марбут ба таҳаввулу рушди эҷоди бадеъ аст. «Афкори назарӣ-менависад профессор Х. Шарифов,-ғановати серпаҳлӯи амалияи эҷоди адабиро пурра ифода карда наметавонад» [8, 9].

Барои ба даст даровардану устувор гардонидани таъмини истиқлолияти фарҳангӣ аз корҳои муҳимму аввалиндараҷа низоми дурусти фаъолияти зиёиёни эҷодкор зарур аст. Тибқи қазовати академик М. Шакурӣ: «Истиқлолияти фарҳангӣ ва устувории бунёди маънавии ҳастии миллат шарти аввал дар таъмини бақои умри миллат аст. Истиқлолияти фарҳангӣ роҳе ба сӯи эҳёи миллӣ, расидан ба сатҳи ҷаҳонӣ буда, миллатро аз роҳи маънавият ба арсаи олам мебарорад» [3, 104].

Охири солҳои 70-уми асри ХХ дар рушди афкори бадеӣ таҳаввулоти ҷиддӣ пеш омад. Ин падида бо он характернок аст, ки таваҷҷуҳи эҷодкорон ба таърихи миллат, фарҳанги мардумӣ (фолклор), осори маънавии ниёӣ ва дар маҷмӯъ ба ҳаёти

маънавию тафаккури таърихии халқ яке аз ҳадафҳои насри таърихии муосир қарор гирифт. Файласуфи олмонӣ Гегел шахсиятҳои бузургро таърихофарин таъбир кардааст, ки дар қазовати фавқуззикр иштибоҳ нест. Воқеан бузургон таърихро ғанӣ ҳам мегардонанд ва санаҳои муҳимми асрҳо бо ному корномаи онҳо сахт вобастагӣ дорад. Фаразан, солҳои 80-уми асри XIX таърихи миллат дар қисмати шарқии аморати Бухоро ҷунбиши Восеъро ба ҳукми таърих даровард. Ин ҳаводиси сирф таърихӣ аз замону заминаи таърихӣ берун баромада, ниёзманди иштиҳор шуд. Аз сӯи дигар, офариниши чеҳраҳои ибратомӯзи асили ҳунарӣ аз симоҳои сирф таърихӣ вазифаи аввалиндараҷаи адибони соҳибистеъдод ва асолати ҳунари эҷодии онҳост. Падидаи мазкур ҳукми замон ва ҳақиқати воқеии эҷодиёти адибони асил ба шумор меравад. Аз тарафи дигар, симои таърихӣ ва корномаи ӯ маърифати баланди эҷодиро низ тақозо менамояд, то ин ки аз заминаи воқеии сирф ба замони адабӣ кашида шавад.

Масалан, аз адибони забардасти тоҷик, ки ҷараёни мазкурро хеле нуқтасанҷона маърифат кардааст, С. Улуғзода мебошад. Ӯ бо эҷоди романи «Восеъ» дарки рисолати таърихии хешро ба ҷо овард. «Романи «Восеъ»-и С. Улуғзода,-менависад профессор А. Раҳмонов,-аз ҷиҳати фарогирии замон як давраи муайяни иҷтимоии ҷамъиятро таҷассум намояд ҳам, маҳз таҳлили амиқи тағаюроти ҷиддии қазияи қаҳрамонон дар шароити мушаххаси таърихӣ барои равшан сохтану дарёфтани равияи реалистии нависанда мадади калоне расонидааст» [5, 16].

Дуруст аст, ки дар адабиёти муосири тоҷик тасвири симои таърихӣ дар насри реалистӣ бори аввал аз тарафи устод С. Айнӣ иттифоқ афтодааст. С. Улуғзода равияи мазкурро чун намояндаи ҳамин мактаб - мактаби С. Айнӣ чун суннати адабӣ пазируфта то ба андозае қонунмандии онро таъмин намудааст. Зеро собиқаи фаъолияти Сотим Улуғзода то таълифи романи «Восеъ» қазовати мазкурро тасдиқ менамояд. Нависанда то ин муддат яъне то таълифи романи «Восеъ» як қатор асарҳои худро ба мавзӯъҳо ва ё симоҳои таърихӣ ё таърихӣ - адабӣ эҷодӣ бахшида буд. Аз ҷумла: очерки илмӣ-адабии «Аҳмади Дониш» (1946), дроми «Қисмати шоир» (1957), «Рӯдакӣ» (1958), киноповести «Ибни Сино» (1958) ин ҳуд жанри нав аст, ки С. Улуғзода аввалин шуда эҷод куардааст (манзури мо адабиёти муосири тоҷик аст) «Ҷавонии ибни Сино» (1968), «Темурмалик» (1968), «Алломаи Адҳам ва дигарон (1970), «Пири ҳакимони Машриқзамин» (1980) ва романҳои: «Восеъ» (1967), «Фирдавсӣ» (1986) ҳамчун кашфиёти адабӣ дар насри кунунии тоҷик пазируфта шудаанд.

Тасвири симоҳои замон, шахсиятҳои таърихӣ мисли Мулло Сафар ва беш аз он худи Восеъ дар романи «Восеъ» бозёфти симои таърихӣ дар насри бадеӣ–таърихист, ки то ҳол дар чунин поя (романи «Восеъ» дар назар аст) асаре ба арсаи адабиёт наомадааст.

Дар симои Восеъ–шахсияти фаъоли таърихӣ, психологияи миллӣ, маънавиёти то андозае ғанӣ, худшиносӣ, истиқлоли андеша, зарурияти дарки озодӣ ва мунтаҳо муборизаи ошкороро мебинем, муборизаи ӯ барои танҳо худи ӯ – фардӣ нест, балки миллист. Офариниши он дар сатҳи роман ана ҳамин ҷанбаро комил мегардонад. Чунон ки қаблан низ ишора карда будем, «Дар сари бозор Восеъ аз болои асп ба издиҳоми халқ чунин хитоб кард:

Бародарон! Фақирон! Бихезед, ғазот кунед! Ҷавру зулм аз ҳад гузашт, мулк ҷазирбод шуд, халқон хору зор. Манғит моро одам ҳисоб намекунад. Ӯ моро дар диёри худамон ғариб кард, бехонумон кард. ҳоким, амалдор, сипоҳӣ халқонро гург ворӣ медаранд» [6, 232].

Олами маънавӣ, ҷаҳони ботинии қаҳрамони марказии асар–Восеъ дар муомилаву муошират, кору пайкор, вале пеш аз ҳама мавриди эътироз ба назари хонанда равшантар вонамуд мешавад. Тасвирҳои муаллиф дар чунин ҳолат минётурӣ буда, маҷмӯи онҳо тасвирҳои монументалиро тавлид мекунанд, ки ин ду тарзи офариниши образ ва симои қаҳрамон хеле хотирмон, ҷозибу ғолиб ва воқеиву реалианд.

Ҳунару санъати С. Улуғзода, хусусан дар офариниши симои зоҳирӣ ва олами ботинни қаҳрамон шояд бидуни муқоиса бо адиби дигаре бошад. Фаразан, ӯ оид ба намуди зоҳирӣ ва камоли қудрати Восеъ менависад: «Он марди ришсиёҳи бокитфу бозу, ки назди устохонаи дуредгарӣ истода ҷувозкундаи навро бодиққат аз назар мегузаронид, Восеъ буд. Ҷувозкундаи тайёрро ӯ бо ёрии ду марди дигар ғелонда-ғелонда бурд» [6, 12].

Ба ин маънӣ академик М. Шакурӣ менависад. «Нависанда ҳодиса ва одамони реалиро тасвир мекунад, вале дар айни замон вай нусхабардори одии зиндагонӣ нест ва асари ӯ аз натурализм бегона аст» [10, 196].

Яке аз бузургтарин ҷанбаи машаққати нависандагӣ офаридани портрети адабӣ аст. Ин албатта, вобаста ба намояндаи кадом табақа, ҳато пеш аз ҳама марбут ба портрети симои мусбат ё манфии асари адабӣ мебошад. Асолати ҳунарии офариниши он масоили дигар аст, ки он аввалан ба истеъдод, донишу маҳорат, ҷаҳонбинӣ, малака, ҳофизаи таърихӣ ва бадеӣ, хазинаи фарҳангӣ ва дар мантиқи оддии ифода архетип низ мебошад.

Масалан, дар романи «Восеъ»-қаҳрамони марказӣ Восеъ аст. Аз Восеъ то охирин персонажи лаҳзавӣ ба хотири Восеъ ба тасвир омадаанд. Бурду бохти Восеъ бурду бохти ҳамаи иштирокчиёни асар нест ва агар чунин мебуд, пас низоъ (конфликт) барҳам мехурд ва тасвир аз дрматизми дохилии сужа орӣ мешуд.

Аз ин рӯ, Восеъ ҳамчун шахсияти таърихӣ ба асари адабӣ ворид шудааст. Ӯ зарурияти таърихиро иҷро мекунад, зеро зарурияти маърифатшуда озодист ва дарки он аз ҷониби шахсияти таърихӣ худшиносии миллӣ ва қавмист. Нависанда рафтор, кирдор, пиндор, гуфтор, суханронӣ муҳокимаву хулосабарориҳои Восеъро хеле хуб ба муоина гирифта, хеле нозук санҷидааст. Ба ин восита ба замону макон рӯ овардааст. Нависанда, ки истеъдоди баланд дорад, ин ҳамаро дар доираи ҳақиқати таърихӣ ба мушоҳида мегирад. Вале тасвир кадом навъе, ки бошад, нусхаи асл нест. Агар нусхаи асл мебуд, он гоҳ расм (сурат) мешуд, на тасвир: «Ниёз қиёфаи босалобати Восеъро, шамшери ба фута ҳамоил кардаашро, чашмони дурахшандаи баркнигоҳашро, иззату ҳурматеро, ки ҳамроҳонаш нисбат ба вай доштанд, мушоҳида мекарду аз дигаргунии дар ӯ рӯй дода ба ҳайрат монда, ба дилаш мегуфт, ки наход ин мард, ин пешвои овозадори шӯришгарон, ин фотеҳи Балҷувон, ҳамон Восеъ бошад? Ҳамон Восеи галабони роҳи Қаршӣ? Э аҷаб! Аммо хулқаш, рафтораш, тарзи муомилоааш дигар нашудааст: Ҳамон кӯҳистонии содадил, дӯстру, улфат…» [6, 302].

Нависандаи боистеъдод барои ҷолибу ҷаззоб ва воқеиву хотирмон баромадани симои зоҳирӣ, олами ботинии қаҳрамонон ва махсусан қаҳрамони марказӣ, аз воситаҳои тасвир: ташбеҳ истиора, тасвир, муболиға, маҷоз ва киноя устодона кор мегирад. Дар баробари он, оҳанги нақл таъкиди лаҳза, имову ишора, муносибату муошарати қаҳрамон олами ботинии ӯро ошкоро месозад, ки дар ин ҷо ҷанбаи психологӣ ва этникии тасвир манзур мегардад.

Мо дар романи «Восеъ» мисли кулли осори бадеъ ду тарзи баёнро мушоҳида мекунем: Дар асар нақл аз забони муаллиф меравад, ки бар сабки таҳкиявӣ асос ёфтааст. Дар ин сабк нависанда равиши воқеа, муносибат ва задухӯрди персонажҳои мусбату манфӣ, рафтору амали онҳоро ноаён таъкид мекунад. Бо вуҷуди ин аз баски романи «Восеъ» асари реалистии сирф аст, дар он тасвири объективона мавгеи муҳим дорад. Бинобар ин дахолати нависанда ба рафти воқеа ва инсон дар асар эҳсос намешавад. Чунончи, баёни нависанда дар фасли дуюм, ки оид ба навоҳии кӯҳистон ҳадафи тасвирофарӣ менамояд, чунин шурӯъ шудааст:

«Дар кӯҳистони Кӯлобу Балҷувон водии хурд-хурди Хингоб, Сурхоб, Шуроб, Обимазор аҷаб ҷойҳои хушбоду ҳаво ва бештаринашон Тагоб, яъне обшор ва сердолу дарахтанд. Бару домани кӯҳҳои қабат ба қабат ва талу кӯталҳо аз аввали баҳор то васати тирамоҳ сабзу хуррам, чашмасорони бешумор оби зулоли худро ба сойҳо, кишту боғу мевазорҳо ҷорӣ медоранд» [6, 10].

Дигаре нутқи персонаж ё қаҳрамон аст, ки он ҳам бо ду роҳ қобили вуқӯъ мешавад: яке гуфтугӯ бо худ (монолог), дигаре муҳовара ва ё муошират, ки онро диалог меноманд. Фаразан, намунае аз образи лаҳзавӣ Хайрӣ зани Иноятулло - бойбача ҳангоми гуфтугӯ бо худ чунин ба тасвир омадааст: «Арӯс шудан чи кори хубе будааст!» [6, 109].

Монологи хеле ҷолиби психологӣ дар ҳунари офариниши Сотим Улуғзода дар ҳангоми тасвири персонажи лаҳзавӣ Амиркул чунин сурат гирифтаааст. «Дар дилаш як зайл ба худ, (Амиркул-С.Э.) ба ишқи худ ба Лутфия лаънатҳо хонда мегуфт: «Аз боиси як зан одамкуш шудам, ба хуни дӯсти ғарибу мусофирам зомин ҳам шудам. Аз ин рӯ, мурданам авлотар набуд–мӣ?»

Ё худ муошарати қаҳрамони лаҳзавӣ бо Восеъ дар тасвири С. Улуғзода ба тариқи зайл сурат гирифтааст:

–Ака Восеъ! Ҳой ака Восеъ!

Вай нигоҳ карда Ниёзро дид, ки ба сӯяш меояд. Хурсанд шуд.

-Ин туӣ, Ниёзҷон.

-Ман туро пагоҳ боз мекобам.

Дуяшон онсӯтар дар сари ҳавзе нишастанд.

-Чаро монда рафтӣ, ака Восеъ? Аз тағоям ҳам пулатро нагирифтӣ?

-Тағоят маро хафа кард, бекадр кард. Ман мегӯям, ҳар кас хафа кунад, душмани ман аст, ман худамро ба душманам муҳтоҷ намекунам.

-Охир, ту дар ин шаҳр мусофирӣ, бекасӣ, бе пул чи кор мекунӣ?

-Танам сиҳат бошад, ризқамро меёбам, Ниёзҷон.

-Мардикорӣ мекунӣ?

-Не, савдогарӣ мекунам, хандид Восеъ. Баъд пурсид: - Хуш, ту маро аз барои чи кофтӣ?

-Туро диданам омад. Ту хайру маъзурро ҳам нася карда рафтӣ, ана баъд… Ман медонистам, ки ту пул надорӣ, ҷо надорӣ. Ака Восеъ, ман як даҳ тангаро руст карда монда будам, - Ниёз аз нифаи эзораш тангаҳоро бароварда. Инро гирифта мон, то мардикорӣ карда пул - мул ёфтанат, ба ту даркор мешавад [6, 94-95].

Забон муҳимтарин омили тасвири бадеӣ, нахустунсури адабиёт аст. Аз ин ҷост, ки забонро хуб надониста асари бадеии комил офаридан муҳол аст. Шоири тоҷик М. Миршакар ин нуктаро таъкид намуда навишта буд: «Оре, забон аслиҳаи тавоноест дар дасти инсон. Вале он танҳо дар ҳолате ба аслиҳаи тавоно табдил меёбад, ки агар забонро бо тамоми нозукиҳояш ҳис кунад» [2, 113].

Ҳар як нависанда ҳангоми навиштани асари бадеӣ ба захираи забони адабӣ, ки пурра дар ихтиёри ӯст, муроҷиат менамояд. Нависанда дар ифодаи мафҳумҳои гуногун калимаҳои созгору дархури мавриди тасвирро интихоб намуда, аз рӯи қонунияти сарфӣ ҷумлаҳо месозад. Вале интихоби калимаҳои матлуб ва шаклу воситаҳои мувофиқи грамматикӣ кори саҳл нест, ки ба ҳар гуна нигоранда ба осонӣ муяссар гардад.

Сотим Улуғзода чун устоди каломи бадеӣ ҳангоми тасвир тароват ва ҳусни табии забони халrро бо тамоми нозукиҳояш риоя мекунад ва воҳидҳои луғавии забони халқро тарзе кор мефармояд, ки хонанда аз мутолиаи асарҳои ӯ завқи бадеӣ мебарад. Аз ин ҷост, ки нависанда дар роман ба сохти устухонбандӣ, инкишофи ҳодисаву воқеаҳо, такмили характеру образҳо, тасвири манзара диққат медиҳад, инчунин ба он кӯшиш мекунад, ки тасвири ӯ ва нутқи персонажҳо ба меъёри забони адабии ҳозираи тоҷик мутобиқ бошад. Ин ба зиндаю табиӣ тасвир намудани ҳаёти деҳқонон, роҳ надодан ба сохтакории забон, бо назари эҳтиром нигоҳ кардан ба боигарии збони халқ ва ҳусну назокати он мусоидат менамояд.

Бо гузашти замон маҳорати нависандагии Сотим Улуғзода такмил ёфта, сабки нигорандагии ӯ боз ҳам пухтатар гардидааст. Адабиётшинос Р. Мусулмониён қайд мекунад, ки «То навиштани романи «Восеъ» устод Улуғзода чандин асари мансур, аз ҷумла «Ёрони боҳиммат», «Навобод», «Субҳи ҷавонии мо»-ро» [4, 163-170].

Нависандае чун Сотим Улуғзода дар насри муосири тоҷик ангуштшумор аст. Ин адиби воқеънигор берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон низ маълуму машҳур мебошад. Забону услуби асарҳои дар мавзӯъҳои таърихӣ эҷодкардаи С. Улуғзода, аз ҷумла романи «Восеъ», аз тарафи муҳаққиқон пурра таҳлилу тадқиқ нашудаанд. Доир ба омӯзиши забони романи «Восеъ» мақолаҳои алоҳида мавҷуд аст, ки онҳо ҳамаи хусусиятҳои сабки нигориши асарро дарбар гирифта наметавонанд.

Оид ба забони асар дар «Романи «Восеъ» ва забони халқ» ном мақолаи забоншинос Э. Шоев сухан рафта, муаллиф дар бораи забон ва тарзи баёни нависанда, аз дурдонаҳои забони зиндаву шоҳаҳои он моҳирона истифода кардани Сотим Улуғзодаро бо далелҳо нишон медиҳад. «Дар роман ҳам услуби мутантани дарборӣ, ҳам тарзи гуфтори мударрису муллоҳо, ҳам суханпардозиҳои олимартабаи амирӣ ва ҳам гуфтугӯи халқи авом ба назар мерасад. Дар тасвири ҳар кадоме нависанда заргарона амал карда, калимаву ибора ва ифодаҳои муносибро ба кор бурдааст» [9, 146].

Дар асарҳои бадеӣ тамоми калимаҳо дар асоси қоидаҳои маъмули забони адабӣ истеъмол мегарданд. Дар истифодаи калимаҳо нависанда бояд эҳтиёткор бошад. Саҳми Сотим Улуғзода дар ин кор бағоят калон аст. Ба таъкиди забоншинос Р. Ғаффоров «Дар навиштаҳои ин нависандаи пурдон (С. Улуғзода–С.Э.) суханҳои дуюмдараҷа, калимаю ибораҳои тасодуфӣ, ки бо мазмуни умумии матн ва тарзи баёни бадеӣ алоқаманд набошанд, ба назар намерасанд» [1, 132].

Муҳим он аст, ки персонажҳои романи «Восеъ» мисли осори дигари эҷодкардаи ин нависандаи маҳбуб на танҳо бо ҷаҳонбинӣ ва симову рафторашон, балки бо тарзи гуфторашон низ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Яъне деҳқони оддӣ бо забони соддаву омиёна агар фикрашро баён кунад, нутқи амалдор нисбатан омирона, бодабдаба, тумтароқ аст. Ё агар муллои мадрасадида бошад, бо услуби фаҳмову пурмағз, таъсирнок сухан мекунад, вале ягон худомӯзу камхондае бошад, калимаву ибораҳоро мувофиқи фаҳмиши худ талаффуз карда, сабук будани бори маънавии худро фош месозад.

Албатта, ин ҳунар аст, ҳунари воқеии нависанда ва нависандагӣ! Яъне нависанда ҷаҳонбинӣ ва донишу ҳунари худро дар ин ҳолат ба намоиш мегузорад. Ҳақ ба ҷониби профессор Р. Мусулмониён аст, ки маҳз бо назардошти ҳолати мазкур менависад: «Нутқи Восеъ дар ҳама ҳолат моҳиятан як хел мемонад, фақат ҳангоми гуфтугӯ бо рӯҳонӣ ва ё амалдори калон як калимаи туфайлии «тақсир» илова мешаваду халос. Табиист, ки бо ин ҳолат ягонагии ирода ва устувории табиати қаҳрамон таъкид меёбад. Баръакси Восеъ қаҳрамонҳое ҳастанд, ки дар ҳар маврид оҳанги гуфторашон тағйир меёбад» [4, 141-2590]. Сипас муҳаққиқ барои тақвияти андешаҳои худ ва асоснок намудани қазоваташ бо далелҳои зерин рӯ овардааст: «Мирзоакрамбой бо Абдулаҳад тарзе сухан мекунад, ки чоплусиву пастии тинатшро ошкор менамояд.

-Тасаддуқ шавам, ин вартиш дар Ғиждувон ба даҳ ҳамҷинси ҷангарааш зафар ёфтааст, ғуломашон инро ба тӯраам муносиб дида, аз соҳибаш харида оварда, ки шояд андаке ҳам бошд, муҷиби дилхушии тӯраам шавад» [4, 141-290].

Дар нутқи персонажҳо хусусан дар лаҳзаи фавқуззикр оҳанги хеле баланди чоплусона ба мушоҳида мерасад, ки он аз маҳорати худи санъаткор, адиб башорат медиҳад. Ба ин маънӣ, хеле ба мавқеъ ва нуқтасанҷона профессор Х. Шарифов низ ишораи судманде менамояд. Чунончи: «Эҷодиёти Сотим Улуғзода дар ин маврид ҳам шоёни ибрат аст. Дар сухани персонажи асарҳои ӯ лаҳҷа истифода мешавад, лекин истифодаи лаҳҷа пурра мутобиқат ба талаботи эҷодӣ дошта, вазифаи шаклию маънавии муҳимме пайдо кардааст» [7, 129-143].

Баъзан ҳолати қаҳрамон худи нависандаро низ ба шӯр оварда, боиси барангезиш ғалаёнҳои умумии хонандагон низ мешавад. Масалан, С. Улуғзода ин амали Восеъро тобиши сиёсӣ бахшида аз равиши хатти ҷараёни мазмуни роман низ гувоҳӣ медиҳад:

«Гулхани болои кӯҳ байрақи шӯълавари Восеъ буд, хитоби тобноке буд, бонги оташине буд, ки ситамкашонро, хору забуншудагонро, асирони истибдодро нидои қиём ва исён медод» [6, 268].

Ҳатто мантиқи бадеии тасвир, оҳанги таъкид, сабки нигориш ва шеваи баён динамикаи самти равиши худро таъсирбахштару ҷолибтар ва ҷаззобу қувватноктар месозад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ғаффоров Р. Нависанда ва забон / Р. Ғаффоров. - Душанбе: Ирфон, 1977. - 208 с.
2. Миршакар М. Сухане аз сухан / М. Миршакар // Садои Шарқ, 1981, №11. – С.111-118
3. Мулло А. Чеҳранигории ҳунарӣ дар насри таърихӣ / Мулло А. - Душанбе: Ирфон, 2003. - 173с.
4. Мусулмониён Р. Дар боғи Фирдавсӣ / Р. Мусулмониён // Эъҷози ҳунар. - Душанбе: Адиб, 1992. - С.141-290
5. Раҳмонов А. Маърифати замон дар насри муосири тоҷик / А. Раҳмонов. - Душанбе: Адиб, 1995. - 110 с.
6. Улуғзода С. Восеъ / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 367 с.
7. Шарифов Х. Таҳаввули мазмун ва ифода дар эҷодиёти Сотим Улуғзода / Х. Шарифов // Услуб ва камолоти сухан. - Душанбе: Ирфон, 1985. - С.126–143.
8. Шарифов Х. Назарияи наср (дар адаби форсии асрҳои 4-9 ҳиҷрӣ) / Х. Шарифов. - Душанбе: Сино, 2004. – 318 с.
9. Шоев Э. Романи «Восеъ» ва забони халқ / Э. Шоев // Садои Шарқ, 1981, - №11. - С.145-148.
10. Шукуров М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо» - и устод С. Айнӣ / М. Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1960. – 258 с.

ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ ОСОБЕННОСТИ РОМАНА «ВОСЕЪ»СОТИМ УЛУГЗАДЕ

Сотим Улугзаде оставил заметный след в истории таджикской литературы. В своих сочинениях он обращался к наиболее значимым проблемам истории и современности и страницам жизни своего народа, к жизни и деятельности величайших исторических личностей и обогатил таджикскую литературу произведениями об исторических личностях, сыгравших выдающуюся роль в истории таджикского народа. Одним из таких произведений Сотима Улугзода является роман «Восеъ», язык и средства художественного изображения которого наполнены национальными красками и оттенками. В данной статье автор рассматривает художественные особенности романа «Восеъ» Сотима Улугзаде.

Ключевые слова: Сотим Улугзаде, роман «Восеъ», исторический роман, язык и средства художественного изображения, художественные особенности романа.

THE ARTISTIC FEATURES OF THE NOVEL "VOSE"SOTIM ULUGZADA

Sotim Ulugzada left a noticeable trace in the history of Taiik literature. In his writings he addressed the most important problems of history and modernity, and the pages of life of its people, to the life and work of the greatest historical figures and enriched Taiik literature works about historical figures who played a prominent role in the history of the Taiik people. One of such works Satima of Olusoga is the novel "Vose", language and means of artistic images which filled the national colors and shades. In this article the author examines the artistic features of the novel "Vose" Satima Ulugzada.

Kev words: Sotim Ulugzada Roman "Vose", a historical novel, the language and the means of artistic images, artistic features of the novel.

Сведения об авторе: ***Сироджиддин Эмомали*** – кандидат филологических наук, доцент, докторант Таджикского национального университета. Телефон: **907-65-38-38**

БАСОМАД ВА ЗЕБОИШИНОСИИ АВЗОНИ ҒАЗАЛИЁТИ ШАЙХ ИРОҚӢ

Мисбоҳиддини Нарзиқул
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Перомуни авзони ғазалиёти Ироқӣ ба сурати ҷомеъ дар Тоҷикистон профессор Бадриддин Мақсудов дар рисолаи арзишманди “Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва осори Ироқӣ” (3, 458-468) баҳс оростааст, ки қобили арҷгузорӣ мебошад. Ин донишманди муҳтарам дар зерфасле таҳти унвони “Вазни ғазалҳо” ба сурати фарогир “вазни ҳар як ғазали шоирро таъин намуда, истифодаи буҳури арӯзро дар онҳо” санҷидаву натиҷагирӣ кардааст. Ин ҷо суоле пеш меояд, ки пас дубора баргаштан сари ин масъала чӣ маънӣ дорад? Маънӣ дар ин аст, ки таҳқиқи устод Б.Мақсудов комилан дар асоси меъёрҳои суннатии шинохти авзон сурат гирифтааст, аммо мутолиоти арӯзии мо, қабл аз ҳама бар мабнои равишҳои ҷадиди шинохти вазни шеър тарҳрезӣ шудааст.

Дигар ин ки мутолиаи арӯзии мо хосияти амалӣ дошта, дар зайли ҳар як вазн мисроъҳои нахустини ғазалҳои дар ҳамон вазн сурудаи шайх Ироқӣ намоёнида мешаванд. Се дигар, ин ки масъалаҳои марбут ба зебоишиносии авзон ҳам мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд.

Бадриддин Мақсудов девони мукаммали Ироқиро (шомили ғазалҳо, тарҷеоту таркибот, қасоид, мусалласот ва қитъаот) дар асоси ду нашри дар ҶИЭ суратгирифта: нашри Саид Нафисӣ дар соли 1956 ва чопи Насрини Муҳташами Ҳаззоӣ ба соли 1993 ба хатти кириллии тоҷикӣ таҳия намудааст, ки аз ҷумлаи арзишмандтарин иқдомот дар адабиётшиносии тоҷик мебошад. Ин кор айни замон дар дасти чоп мебошад ва мо мутолиоти арӯзии хешро дар ин мухтасар дар асосии ҳамин матн анҷом додаем [2]. Сабаби дастрасии нигоранда ба матни мазкур дар он ҷост, ки ин ҳақир ифтихори масъулияти муҳарририи онро ба уҳда дошт.

Қабл аз таваҷҷуҳ ба баррасии мо диққат ба равишҳои зеринро, ки бар мабнои усулҳои ҷадиди мутолиоти авзони арӯзӣ интихоб шудаанд, ҳатмӣ меҳисобем:

1. Тартиби мутолиаи арӯзии мо тибқи тартиби ҷойгузинии ғазалҳо дар нашри кириллии тоҷикӣ сурат гирифтааст.

2. Нахуст, вазнҳои мавриди истифода қарордодаи шоирро ба тартиби мавҷуд ва дар сурати такрор шудани ҳамон вазн бо зикри басомад дар баробари номи вазн баршумурда, сонӣ, ҳамаи авзонро дар доираи гунҷоишашон ба баҳрҳои арӯзӣ ба ҳам меоварем.

3. Барои намуна танҳо байти матлаи ҳамон ғазале оварда мешавад, ки ба тартиби мазкури мутолиа бори аввал ба чашм мехурад; дар мавриди ғазалҳои дигар танҳо ба мисраи нахустин ишора мешавад.

4. Ба ихтиёроту ибтикорот ва соири ҷанбаҳои зебоишиносии авзон дар зайли ҳар байт ва ё мисраи мавриди назар ишора мешавад.

5. Дар мавриди авзони зубаҳрайн вазни нахустин ба ҳисоб гирифта шуда, ба вазни дигар ва сурати тақтеии он дар зайл ишорат гардид.

6. Ҳамаи навъҳои ҳиҷо дар поёни рукнҳои охир (арӯзу зарб) ҳамчун ҳиҷои дароз (кашида) ба ҳисоб гирифта шудаанд.

7. Баъзе тавзеҳоти лозим, ки ба абёти матлаи ғазалҳо тааллуқ доранд, дар поварақ зикр шудаанд.

Чунонки аз нукоти мазбур маълум мешавад, мутолиоти арӯзии мо бар мабнои ду равиши шинохти вазни шеър: мизони суннатӣ ва усули ҷадид сурат гирифтааст. Барои таъйини асосҳои назарии мизони арӯзи суннатӣ ба китобҳои машҳуру муътабари арӯзи суннатию рисолаҳои илмӣ-тадқиқотӣ [1; 5; 6; 7; 8] ва асосҳои усули ҷадиди мутолиоти арӯзӣ ба китоби “Муқаддимаи шеършиносӣ (вазни шеър)” [4] такя шудааст. Аммо ғарази аслии нигоранда равиши дувум мебошад.

Бинобар ин, ногузир баъзе хулосаҳои мо, бахусус дар мавриди таъйини асомии авзон ва теъдоди онҳо бо натиҷагириҳои профессор Б.Мақсудов, ки таҳқиқи эшон танҳо ба эътибори мизони суннатӣ сурат гирифтааст, ҳамгун намешавад. Масалан, барои рӯшан шудани масъала бо таваҷҷуҳ ба банди шашуми нукоти мазкур як мисол

меорем. Тибқи таҳқиқи Б.Мақсудов вазни ғазале, ки бо байти зерин оғоз мешавад, *ҳазаҷи мусаммани ахраби мусаббағ* аст:

Аз парда бурун омад соқӣ қадаҳе дар даст,
Ҳам пардаи худ бидрид, ҳам тавбаи мо бишкаст.

Аммо вазни ин байт мувофиқи меъёре, ки мо дар назар дорем, *ҳазаҷи мусаммани ахраб* буда, сурати тақтеии он чунин аст:

мафъӯлу мафоъӣлун мафъӯлу мафоъӣлун
- - v / v - - - / - - v / v - - -

Чунин тафовути номгузорӣ ба эътибори таъйини чигунагии ҳиҷои охири мисроъҳо ба миён омадааст: тибқи мизони суннатӣ рукни охир дар ҳар ду мисроъ мафоъӣлон (v - - ~) аст, вале мувофиқи меъёри ҷадид ин рукн мафоъӣлун (v - - -) хонда мешавад. Далелаш ҳам ин аст, ки чун дар арӯз малфуз эътибор дорад, на макуб, бинобар ин, ҳама гуна ҳиҷо дар охири мисроъҳо ҳукми як ҳиҷои дарозро дорад.

Дар мавриди ин вазни хушоҳанг андешаи дигар ҳам ҳаст, ки ба он баъдтар ишора мешавад.

Дар идома ба мутолиаи арӯзии ғазалҳои Шайх Ироқӣ шурӯъ мекунем:

I. Вазн: фоъилотун фоъилотун фоъилотун фоъилун
- v - - / - v - - / - v - - / - v -

Баҳр: *рамали мусаммани маҳфуз*

Мисол:

Ҳар саҳар сад лобаву зорӣ кунам пеши сабо,
То зи ман пайғом орад бар сари кӯйи шумо.

Басомад: 1. Эй маро якборагӣ аз хештан карда ҷудо...
2. Май равон кун, соқиё, к-ин дам равон хоҳем кард...
3. Гар назар кардам ба рӯйи моҳрухсоре, чӣ шуд...
4. Эй хуш он дил, к-андар ӯ аз ишқи ту ҷоне бувад...
5. Эй умеди ҷон, иноят аз дилу ҷон вом гир...
6. Мо чу қадри васлат, эй ҷону ҷаҳон, нашнохтем...
7. Мубталои ҳаҷри ёрам, алғиёс, эй дӯстон...
8. Ошиқӣ донӣ чӣ бошад? Бе дилу ҷон зистан...
9. Эй ҷамолат бурқаъ аз рух ногаҳон андохта...
10. Дилрабое дил зи ман ногаҳ рабудӣ, кошкӣ...
11. Аз ғами дилдор зорам, марг беҳ з-ин зиндагӣ

II. Вазн: мафъӯлу мафоъилун фаъӯлун
- - v / v - v - / v - -

Баҳр: *ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф*

Мисол:

Ин ҳодиса бин, ки зод моро
В-ин воқеа, к-уфтод моро.

Басомад: 1. Соқӣ қадаҳи шароб дар даст...
2. Шӯре зи шаробхона барҳост...
3. Аз майкада то чӣ шӯр барҳост...
4. Ҷоно, назаре, ки дил фигор аст...
5. Бо ишқ қарор дарнагунҷад...
6. Бо ишқи ту ноз дарнагунҷад...
7. Дил давлати хуррамӣ надорад...
8. Онро, ки чу ту нигор бошад...
9. Онро, ки ғамат зи дар бironад...
10. Ин дарди маро даво кӣ донад...
11. З-он пеш, ки дил зи ҷон барояд...
12. Эй боди сабо, ба кӯйи он ёр...
13. Эй мутриби дард, парда бинвоз...
14. Дар базми қаландарони қаллош...
15. Кардам гузаре ба майкада дӯш...
16. Танг омадам аз вуҷуди худ, танг...
17. Дар ҷоми ҷаҳоннамой аввал...
18. Эй дида, бидор мотами дил...
19. Соқӣ, чу намедиҳӣ шаробам...
20. Дил гум шуд, аз ӯ нишон наёбам...
21. Ҳайҳот, к-аз ин диёр рафтам...
22. Ҷоно, назаре, ки нотавонам...

23. Гарчи зи ҷаҳон ҷаве надорем...
24. Мо, к-андӯҳи ту ниёз дорем...
25. Нохӯрда шароб мехурӯшем...(а)
26. Нохӯрда шароб мехурӯшем...(б)
27. Эй дӯст, биё, ки мо туроем...
29. То кай ҳама мадҳи хеш гӯем?...
30. Шаҳрест бузургу мо дар ӯем...
31. Эй ёр, биёву ёрие кун...
32. Он мунису ғамгусори ҷон ку?...
33. Соқӣ, қадаҳи майи муғон ку?...
35. Эй ишқ, куҷо ба ман фитодӣ...
36. Ҷоно, назаре ба мо накардӣ...
37. Омад ба дарат умедворе...
38. Эй дил, бинишин чу сӯгворе...
39. Андӯҳгинӣ чаро, Ироқӣ...
40. Он ҷоми тарабфизои соқӣ...
41. Ҷоно, зи манат малол то кай?...
42. Эй бод, агарчи нотавонӣ...
43. Дар кӯйи ту лулие гадое...
44. На аз ту ба ман расид бӯе...
45. Роҳат сари мардумӣ надорад...

III. Вазн: мафоъӣлун мафоъӣлун фаъӯлун
v - - - / v - - - / v - -

Баҳр: *ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф*

Мисол:

Кашидам ранҷи бисёре, дареғо,
Ба коми ман нашуд коре, дареғо!

Басомад: 1. Надидам дар ҷаҳон коме, дареғо...
2. Кай аз ту ҷони ғамгине шавад шод?...
3. Биё, к-ин дил сари ҳиҷрон надорад...
4. Нигоро, бе ту барги ҷон кӣ дорад?...(а)
5. Нигоро, бе ту барги ҷон кӣ дорад?... (б)
6. Нахустин бода, к-андар ҷом карданд...
7. Нигоро, ҷисмат аз ҷон офариданд...
8. Нигореро, ки аз мо менабояд...
9. Маро гарчи зи ғам ҷон мебарояд...
10. Гаҳе дарди ту дармон менамояд...
11. Маро дарди ту дармон менамояд...
12. Мабанд, эй дил, ба ҷуз дар ёри худ дил...
13. Чӣ хуш будӣ, дареғо, рӯзгорам...(а)
14. Чӣ хуш будӣ, дареғо, рӯзгорам...(б)
15. Нигоро, бе ту барги ҷон надорам...
16. Ман он қаллош ринди бенавоям...
17. Зи ғам зору ҳақирам, бо кӣ гӯям?...
18. Зи дилтангӣ ба ҷонам, бо кӣ гӯям?...
19. Биё, эй дида, то як дам бигирем...
20. Чӣ бад кардам, чӣ шуд, аз ман чӣ дидӣ...
21. Чӣ кардам, дилбаро, аз ман чӣ дидӣ...
22. Нигоро, кай бувад, к-уммедворе...
23. Хушо дарде, ки дармонаш ту бошӣ...
24. Чӣ хуш бошад, ки дилдорам ту бошӣ...
25. Бидеҳ ҷомеву бишкан тавбаи ман [1].
26. Сабо бӯйи Ироқ оварад гӯйӣ...
27. Чаро харбандаи даҷҷол бошам...
28. Ба васлам даст гир, эй дӯст, охир...
29. Нагӯйӣ боз, к-эй ғамхор чунӣ?...
30. Биё, то бедилонро зор бинӣ...
31. Диле дорам. Чӣ дил? Меҳнатсарое...
32. Саҳаргаҳ бар дари роҳатсарое...
33. Ҳамегардам ба гирди ҳар сарое...
34. Шудам аз ишқи ту шайдо, куҷоӣ...
35. Наям бе ту даме беғам, куҷоӣ...

36. Дар ин раҳ гар ба турки худ бигӯйӣ...(а)
37. Дар ин раҳ гар ба турки худ бигӯйӣ...(б)

IV. Вазн: фоъилотун фоъилотун фоъилун
- v - - / - v - - / - v -

Баҳр: *рамали мусаддаси маҳзуф*

Мисол:

Сар ба сар аз лутф ҷонӣ, соқиё,
Хуштар аз ҷон чист? Онӣ соқиё!

Басомад: 1. Ироқӣ бори дигар тавба бишкаст...
2. Муҳри меҳри дилбаре бар ҷони мост...
3. Дар сарам ишқи ту савдое хуш аст...
4. Кай бубинам чеҳраи зебои дӯст...
5. Ишқ симурғест, к-ӯро дом нест...
6. Дил, ки доим ишқ меварзид, рафт...
7. Боз ҳаҷри ёр домонам гирифт...
8. Ишқ шӯре дар ниҳоди мо ниҳод...
9. Бар маҳ, эй ҷон, банди ҷон натвон ниҳод...
10. Бе рухат ҷон дар миён натвон ниҳод...
11. Ёди он ширинписар хоҳем кард...
12. Дидаи бахтам, дареғо, кӯр шуд...
13. Боз дилам айшу тараб мекунад...
14. Ҳар кӣ ӯ даъвии ҳастӣ мекунад...
15. То кай аз мо ёри мо пинҳон бувад...
16. Андар ин раҳ ҳар кӣ ӯ якто шавад...
17. Сар ба сар аз лутф ҷонӣ, эй писар...
18. Оби ҳайвон аст он лаб ё шакар...
19. Бар дарат афтодаам хору ҳақир...
20. Бедилеро бесабаб озурда гир...
21. Аз ғами ишқат ҷигар хун аст боз...
22. Кори ман бингар чӣ хом афтод боз...
23. Боз ғам бигрифт домонам, дареғ...
24. Аз дилу ҷон ошиқи зори туам...
25. Боз дар доми бало афтодаам...
26. Ҳар замон ҷавре зи хубон мекашам...
27. Бигзар, эй ғофил, зи ёди ину он...
28. Дар кафи ҷаври ту афтодам, ту дон...
29. Рафт кори дил зи даст, акнун ту дон...
30. То тавонӣ, ҳеҷ дармонам макун...
31. Моҳрӯё, рух зи ман пинҳон макун...
32. Бе рухат, ҷоно, дилам ғамгин макун...
33. Эй ҳама майли дили ман сӯйи ту...
24. Турки ман, эй ман ғуломи рӯйи ту...
25. Бозам аз ғусса ҷигар хун кардаӣ...
26. То ту дар ҳусну ҷамол афзудаӣ...
27. То зи хубӣ дил зи ман бирбудаӣ...
28. Пеш аз инам хуштарак медоштӣ...
29. Сирри ишқат кас тавонад гуфт? Не!...
30. Кай бувад, к-ин дардро дармон кунӣ...

V. Вазн: мафъӯлу фоъилотун мафъӯлу фоъилотун
- - v / - v - - / - - v / - v - -

Ин вазн аз ҷумлаи авзони даврӣ буда, хусусияти возеҳи он дар охири пораи нахустини мисраи зерин намоёнида мешавад:

Бошад, ки беҳ шавад ҳол, гарданда аст ҳолот.

Баҳр: *музореи мусаммани ахраб.*

Мисол:

Масти хароб ёбад ҳар лаҳза дар харобот
Ганҷе, ки он наёбад сад пир дар муноҷот.

Ин байт ва абёти дигаре, ки дар вазни мазкур суруда шудаанд, зубаҳрайн мебошанд, онҳоро ба вазни дигар ҳам метавон хонду тақтеъ кард:

- - v - / v - - / - - v - / v - -

мустафъилун фаъӯлун мустафъилун фаъӯлун-мунсареҳи мусаммани махбуни макшуф.

Басомад: 1. Дидӣ, чу ман харобе афтода дар харобот...
2. Бо шамъи рӯйи хубон парвонае чӣ санҷад?...
3. Бо ишқи ақлфарсо девонае чӣ санҷад?...
4. Ҷоно, ҳадиси ҳуснат дар достон нагунҷад...
5. Дар ҳалқаи фақирон қайсар чӣ кор дорад?...
6. Бо партави ҷамолат бурҳон чӣ кор дорад?...
7. Бо дарди хастагонат дармон чӣ кор дорад?...
8. То бар қарор ҳастӣ, дил беқарор бошад...
9. Дар мулки лоязолӣ дидам ман он чӣ дидам...
10. Эй роҳати равонам, дур аз ту нотавонам...
11. Эй дар миёни ҷонам ганҷе ниҳон ниҳода...
12. Дар савмаа нагунҷад ринди шаробхона...(а)
13. Дар савмаа нагунҷад ринди шаробхона...(б)
14. То чанд ишқ бозем бар рӯйи ҳар нигоре...

VI. Вазн: мафоъилун фаъилотун мафоъилун фаълун
v - v - / v v - - / v - v - / - -

Баҳр: *муҷтаси мусаммани махбуни аслам*

Мисол:

Ба як гираҳ, ки ду чашмат бар абрувон андохт,
Ҳазор фитнаву ошӯб дар ҷаҳон андохт.

Басомад: 1. Чу офтоби рухат соя бар ҷаҳон андохт...
2. Зи хоб наргиси масти ту саргарон бархост...
3. Чунин ки ҳоли ман имрӯз дар харобот аст...
4. Надидаам рухи хуби ту рӯзаке чанд аст...
5. Рухи нигори маро ҳар замон дигар ранг аст...
6. Машав, машав зи мани хастадил ҷудо, эй дӯст...
7. Бад-ин забон сифати ҳусни ёр натвон кард...
8. Чунон ки ғамзаи ту хуни халқ мерезад...
9. Ғуломи ҳалқабагӯши ту зор бозомад...
10. Биё, ки бе рухи зебо-т дил ба ҷон омад...
11. Зи иштиёқи ту, ҷоно, дилам ба ҷон омад...
12. Агар шикастадилонат ҳазор ҷон доранд...
13. Салои ишқ, ки соқӣ зи лаъли хандонаш...
14. Биё, ки хонаи дил пок кардам аз хошок...(а)
15. Биё, ки хонаи дил пок кардам аз хошок...(б)
16. Диле, ки оташи ишқи туаш бисӯзад пок...
17. Гар офтоби рухат соя афканад бар хок...
18. Шавад муяссару гӯйӣ, ки дар ҷаҳон бинам...
19. Чу дил зи доираи ақл бе ту шуд берун...
20. Чӣ кардаам, ки дилам аз фироқ хун кардӣ...
21. Чу бурқаъ аз рухи зебои худ барандозӣ...
22. Чунонам аз ҳаваси лаъли шаккарафшоне...
23. Биё, ки бе ту ба ҷон омадам зи танҳоӣ...
24. Зиҳӣ, ҷамоли ту рашки бутони яғмоӣ...
25. Кашид кор зи танҳоият ба шайдоӣ...

VII. Вазн: мафъӯлу мафоъӣлун мафъӯлу мафоъӣлун
- - v / v - - - / - - v / v - - -

Ин вазн низ дар шумори авзони даврӣ ба ҳисоб меояд.

Баҳр: *ҳазаҷи мусаммани ахраб*

Мисол:

Аз парда бурун омад соқӣ қадаҳе дар даст,
Ҳам пардаи мо бидрид, ҳам тавбаи мо бишкаст.

Басомад: 1. Ҳар шаб дили пурхунам бар хоки дарат уфтад...
2. Бинмой ба ман рӯят, ёро-т намеуфтад...
3. Имрӯз маро дар дил ҷуз ёр намегунҷад...(а)
4. Имрӯз маро дар дил ҷуз ёр намегунҷад...(б)
5. Ман масти майи ишқам, ҳушёр нахоҳам шуд...
6. Дар ҳусни рухи хубон пайдо ҳама ӯ дидам...
7. Эй ҳусни ту бепоён, охир, чӣ ҷамол аст ин?...
8. Дар кори мани дарҳам, охир, назаре фармой...
9. Тарсобачае шанге, шӯхе, шакаристоне...

VIII. Вазн: мафоъилун фаъилотун мафоъилун фаъилун

v - v - / v v - - / v - v - / v v -

Баҳр: *муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф*

Мисол:

Дуаспа пайки назар медавонам аз чапу рост,
Ба ҷустуҷӯйи нигоре, ки нури дидаи мост.

Басомад: 1. Биё, биё, ки насими баҳор мегузарад...
2. Биё, ки умри мани хоксор мегузарад...
3. Чу чашми масти ту оғози кибру ноз кунад...
4. Назар зи ҳоли мани нотавон дареғ мадор...
5. Ғуломи рӯйи туам, эй ғулом, бода биёр...
6. Бипурс аз дилам, охир, чи дил, ки қатраи хун...

IX. Вазн: муфтаъилун фоъилун муфтаъилун фоъилун

- v v - / - v - / - v v - / - v -

Ин вазн ҳам аз ҷумлаи авзони даврӣ ба ҳисоб меояд. Аз ҷумла, бо нишонаҳои зерин: вазни мазкур аз ду пораи ба ҳам баробар таркиб ёфтааст; ҳар як пора ду рукни мухталиф (- v v - / - v -) дорад, ки дар қисми дуюм айнан такрор мешавад; охири пораи аввал ҳам ҳукми рукнҳои охир - *арӯзу зарб*ро дорад. Шоир метавонад дар ин ҷо ҳарферо зиёд аз вазн биоварад, ки дар ин сурат ин ҳарф дар тақтеъ ба ҳисоб намеояд. Масалан, чунин хусусият дар ҳар ду мисраи байти мақтаи ғазале, ки дар басомад таҳти шумораи дувум омадааст, ба мушоҳида мерасад:

Фахри ироқӣ ба туст, ор, чӣ дорӣ аз ӯ?
Неку баду ҳар чӣ ҳаст, ҳаст ба ту-ш интисоб.

Манзур ҳиҷоҳои “туст” ва “ҳаст”, ки тибқи қоидаи маъмули ҳиҷобандии арӯзӣ, бинобар он ки дар миёна омадаанд, бояд ҳамчун яку ним ҳиҷо ба ҳисоб гирифтаву чунин ишора бишаванд: - v. Аммо аз рӯйи талаботи вазни даврӣ, ин ҳар ду ҳиҷо дар охири пораҳои аввал омада ва ҳукми рукни охири мисроъро доранд. Аз ин ҷост, ки ҳукми як ҳиҷои дароз (кашида)-ро доранд.

Баҳр: *мунсареҳи мусаммани матвии макшуф (максуф)*

Мисол:

Боз маро дар ғамат воқиаи ҷонӣ аст,
Дар дили зорам нигар, то ба чӣ ҳайронӣ аст.

Басомад: 1. Оҳ, ба якборагӣ ёр ками мо гирифт...
2. Эй зи фурӯғи рухат тофта сад офтоб...

Чунин авзон аз ҷумлаи хушоҳангтарин вазнҳои шеърӣ ба ҳисоб меоянд ва ҷанбаи мусиқоиашон ҳам қавитар аст.

X. Вазн: фоъилотун мафоъилун фаълун

- v - - / v - v - / - -

Баҳр: *хафифи мусаддаси махбуни аслам*

Мисол: Ногаҳ аз майкада фиғон бархост,
Нола аз ҷони ошиқон бархост.

Басомад: 1. Дар ҳавои ту ҷону тан бор аст...
2. Дил, чу дар доми ишқ манзур аст...
3. Ҷаннати қурб ҷойи эшон аст.
4. Шод кун ҷони ман, ки ғамгин аст...
5. Ҳар диле, к-ӯ ба ишқ моил нест...
6. Соқӣ ар ҷоми май дамодам нест...
7. Ҳар киро ҷоми май ба даст уфтод...
8. Боз дил аз дари ту дур афтод...
9. Пушт бар рӯзгор бояд кард...
10. Рӯй намуд ёр, чӣ т-вон кард?...(а)
11. Рӯй намуд ёр чӣ т-вон кард?...(б)
12. Дили ман чун ба ишқ моил шуд...
13. Ошкоро ниҳон кунам то чанд?...
14. Чун ту кардӣ ҳадиси ишқ оғоз...
15. Бе ҷамоли ту, эй ҷаҳонафрӯз [2].
16. Баркаш, эй дӯст, тир аз таркаш...
17. Дилу ҷонест бо мани муштоқ...
18. Ҳаббазо, ишқу ҳаббазо, ушшоқ!...
19. Эй маломаткунони беҳосил [3].
20. Нест коре ба онаму инам...
21. Мо дигарбора тавба бишкастем...
22. Ман, ки ҳар лаҳза зор мегирям...

23. Гар зи ишқат чароғ афрӯзем...
24. Саҳл бошад ба тарки ҷон гуфтан...
25. Ошиқе тарки хобу хӯр карда...
26. Эй рабуда дилам ба раъноӣ...
27. Чӣ бувад гар ниқоб бикшоӣ...

XI. Вазн: мафъӯлу мафоъӣлу мафоъӣлу фаъӯлун
- - v / v - - v / v - - v / v - -

Баҳр: *ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф*

Мисол: Сози тараби ишқ кӣ донад, ки чӣ соз аст,
К-аз захмаи он нуҳ фалак андар таку тоз аст..

Басомад: 1. Дар кӯйи харобот касеро, ки ниёз аст...
2. Ҷуз дидани рӯйи ту маро ройи дигар нест...
3. Хуррам тани он кас, ки дили реш надорад...
4. Ногаҳ бути ман маст ба бозор баромад...(а)
5. Ногаҳ бути ман маст ба бозор баромад...(б)
6. Дар ман нигарад ёр дигар бор, кӣ донад?...
7. Эй дил, чу дари хонаи хаммор кушоданд...
8. Дил дар гираҳи зулфи ту бастем дигар бор...
9. Рух сӯйи харобот ниҳодем дигар бор...
10. Соқӣ, зи шакарханда шароби тараб ангез...
11. Ман боз раҳи хонаи хаммор гирифтам...
12. Бар ман назаре кун, ки манат ошиқи зорам...
13. Шояд, ки ба даргаҳи ту умре бинишинам...
14. Афсӯс, ки боз аз дари ту дур бимондем...
15. Мақсуди дили ошиқи шайдо ҳама ӯ дон...
16. Эй ёр, макун, бар мани беёр бубахшой...

XII. Вазн: фоъилотун фаъилотун фаъилун
- v - - / v v - - / v v -

Баҳр: *рамали мусаддаси махбуни маҳзуф*

Мисол: Турраи ёр парешон чӣ хуш аст,
Қомати дӯст хиромон чӣ хуш аст.

Басомад: 1. То кай аз дасти ту хуноба хурам?

XIII. Вазн: мафъӯлу фоъилоту мафоъӣлу фоъилун
- - v / - v - v / v - - v / - v -

Баҳр: *музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф*

Мисол:
Як лаҳза дидани рухи ҷононам орзуст,
Як дам висоли он маҳи хубонам орзуст.

Басомад: 1. То кай кашам ҷафои ту? Ин низ бигзарад...
2. Имрӯз ман, ки бе дилу бе ёр мондаам...
3. Ёрон, ғамам хуред, ки ғамхор мондаам...
4. Он бахт ку, ки бар дари ту боз бигзарам...
5. Хезед, ошиқон, нафасе шӯру шар кунем...
6. Эй орзуи ҷону дилам з-орзуи ту...
7. Моно дамид бӯйи гулистони субҳгоҳ...
8. Эй ҳар даҳан зи ёди лабат пурасал шуда...
9. Эй дӯст, алғиёс, ки ҷонам бисӯхтӣ...

XIV. Вазн: мафоъӣлун мафоъӣлун мафоъӣлун мафоъӣлун
v - - - / v - - - / v - - - / v - - -

Баҳр: *ҳазаҷи мусаммани солим*

Мисол:
Маро гар ёр бинвозад, зиҳӣ давлат, зиҳӣ давлат,
В-агар дармони ман созад, зиҳӣ давлат, зиҳӣ давлат!

Басомад: 1. Мани ранҷурро як дам напурсад ёр, чӣ- т-вон кард?...
2. Бутам аз ғамзаву абрӯ ҳама тиру камон созад...
3. Агар як бор зулфи ёр аз рухсор бархезад...
4. Сабо вақти саҳар, гӯйӣ, зи кӯйи ёр меояд...(а)
5. Сабо вақти саҳар, гӯйӣ, зи кӯйи ёр меояд...(б)
6. Маро аз ҳар чӣ мебинам, рухи дилдор авлотар...
7. Наям чун як нафас беғам, дилам ғамхор авлотар...
8. Ба дасти ғам гирифторам, биё, эй ёр, дастам гир...
9. Тамошо мекунад ҳар дам дилам дар боғи рухсораш...

10. Куҷоӣ, эй зи ҷон хуштар, шабат хуш бод, ман рафтам...
11. Агар фурсат диҳад, ҷоно, фироқат рӯзаке чандам...
12. Дилӣ ё дилбарӣ, ё ҷон [4], ё ҷонон, намедонам...
13. Маро ҷуз ишқи ту ҷоне намебинам, намебинам...
14. Зи дил, ҷоно, ғами ишқат раҳо кардан тавон? Натвон...
15. Нигоро, аз сари кӯят гузар кардан тавон? Натвон...
16. Нигоро, аз висоли худ маро то кай ҷудо дорӣ...
17. Намедонам, чӣ бад кардам, ки некам зор медорӣ...
18. Чӣ хуш бошад, дило, к-аз ишқи ёри меҳрубон мирӣ...
19. Нигоро, вақти он омад, ки як дам они ман бошӣ...
20. Гар аз зулфи парешонат сабо барҳам занад мӯе...

XV. Вазн: фоъилотун фаъилотун фаълун
- v - - / v v - - / - -
Баҳр: *рамали мусаддаси махбуни аслам*
Мисол: Аз дари ёр гузар натвон кард,
Рух сӯйи ёри дигар натвон кард.
Басомад: 1. Эй, ки аз лутф саросар ҷонӣ...

XVI. Вазн: фаъилотун фаъилотун фаъилотун фаъилун
v v - - / v v - - / v v - - / v v -
Баҳр: *рамали мусаммани махбуни маҳзуф*
Мисол:
Ба харобот шудам дӯш маро бор набуд.
Мезадам наъраву фарёд зи ман кас нашунуд.

Дар рукни аввали мисраи дуюми ин байт шоир ба ҷойи рукни фаъилотун (v v - -) фоъилотун (- v - -) овардааст, ки ҷоиз буда, ин ҳолат дар шумори ихтиёроти шоирӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Басомад: Бо мани дилшуда гар ёр насозад чӣ кунам [5].

Таъкид. Тибқи меъёрҳои суннатӣ сурати дигари ин вазн ҳам ба чашм мехӯрад, ки тағйир дар рукни нахустин аст, ба таври зайл:

Вазн: фоъилотун фаъилотун фаъилотун фаъилун
-v - - / v v - - / v v - - / v v -
Баҳр: рамали мусаммани махбуни маҳзуф
Мисол:
Аз карам дар мани бечора назар кун нафасе,
Ки надорам ба ҷуз аз лутфи ту фарёдрасе.
Басомад: 1. Гар ба рухсори ту, эй дӯст, назар доштаме...

Аммо тибқи андозаҳои арӯзи ҷадид ин ҷо аз як ихтиёри шоирӣ истифода шудааст: ба ҷойи фаъилотун (v v - -) дар рукни аввали мисроъҳо фоъилотун (- v - -) омадааст, ки тағйире ҷоиз мебошад. Бинобар ҳамин, дар натиҷагирии ниҳоӣ мо ҳар ду сурати мазкурро ба гунаи воҳид ба ҳисоб меоварем.

XVII. Вазн: фоъилотун мафоъилун фаъилун
- v - - / v - v - / v v -
Баҳр: *хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф*
Мисол:
Ҳар кӣ дар банди зулфи ёр бувад,
Дар ҷаҳонаш куҷо қарор бувад.
Басомад: 1. Ваҳ, ки корам зи даст мебиравад...
2. Эй шуда чашми ҷони ман ба ту боз...
3. Дили девона боз дар бари ишқ...
4. Эй зи рӯйи ту офтоб хиҷил...
5. Аз сафои маю латофати ҷом [6].
6. Хез, то қасди кӯйи ёр кунем...
7. Гар на савдои ёр доштаме...(а)
8. Гар на савдои ёр доштаме...(б)

Аз наводири истеъмоли назокати арӯзӣ дар авзони ғазалиёти Ироқӣ яке дигар ин аст, ки шоир дар оғози рукни аввали мисраи дувуми байти зерин як ҳиҷоро зиёд овардааст ва ин амал тибқи қоидаи ихтиёроти шоирӣ ҷоиз мебошад:

Ҷуръае, к-он зи хок нест, дареғ,
Бар чу мани хокие чарост ҳаром.
- v - - / v - v - / v v -
- - v - - / v - v - / v v -

Чунонки ба мушоҳида мерасад, дар қолаби мазбур ҳиҷои “бар” беш аз қолаб ва ҳарфи “т” дар ҳиҷои “рост” (аз калимаи “чарост”) аз тақтеъ соқит аст.

XVIII. Вазн: фоъилотун фаъилотун фаъилотун фаълун

-v - - / v v - - / v v - - / - -

Баҳр: *рамали мусаммани махбуни аслам*

Мисол:

К-охир ин тирашаби ҳаҷр ба поён ояд

В-охир ин дарди маро навбати дармон ояд.

Басомад: 1. Ман чӣ донам, ки чаро аз ту ҷудо афтодам?...

2. Гарчи дил хун кунӣ, аз хоки дарат нагрезем...

3. То кай аз дасти фироқи ту ситамҳо бинем...

Таъкид. Сурати дигари ин вазн ҳам ба назар мерасад, ки тағйир дар рукни нахустини он аст:

Вазн: фаъилотун фаъилотун фаъилотун фаълун

v v - - / v v - - / v v - - / - -

Баҳр: рамали мусаммани махбуни аслам

Мисол: Бувад оё, ки хиромон зи дарам боз оӣ,

Гираҳ аз кори фурӯбастаи ман бикшоӣ.

Бидуни басомад.

Дар ин мисол истифодаи баракси ихтиёри шоирӣ ба мушоҳида мерасад: маъмулан, дар рукни аввали мисроъ ба ҷойи фаъилотун (v v - -) фоъилотун (- v - -) истифода мешавад, вале дар ин ҷо акси ҳодисаи мазкур қобили мушоҳида аст, яъне фаъилотун (v v - -) ба ҷойи фоъилотун (- v - -) омадааст. Дар натиҷагирии ниҳоӣ ҳар ду сурати мазкур ба гунаи воҳид ба ҳисоб меояд.

XIX. Вазн: фаъилоту фоъилотун фаъилоту фоъилотун

v v - v / - v - - / v v - v / - v - -

Ин вазн ҳам аз ҷумлаи авзонӣ даврӣ ба шумор меояд.

Баҳр: *рамали мусаммани машкул*

Мисол: Бикашам ба ноз рӯзе сари зулфи мушкрангаш,

Надиҳам зи даст ин бор, агар оварам ба чангаш.

Басомад: 1. Нарасад ба ҳар забоне сухани даҳони тангаш...

2. Чӣ кунам, ки дил насозам, ҳадафи хаданги ӯ ман...

3. Писаро, раҳи қаландар сазад ар ба ман намоӣ...

4. Зи ду дида хун фишонам зи ғамат шаби ҷудоӣ...

XX. Вазн: мафоъилун фаъилотун мафоъилун фаъилотун

v - v - / v v - - / v - v - / v v - -

Баҳр: *муҷтаси мусаммани махбун*

Мисол: Куҷоӣ, эй дилу ҷонам, ки аз ғами ту ба ҷонам,

Биё, ки бе рухи хуби ту беш менатавонам.

Басомад: 1. Чӣ муҷиб аст, ки бо мо сари ҷафо дорӣ...

2. Зи иштиёқи ту ҷонам ба лаб расид, куҷоӣ...

XXI. Вазн: муфтаъилун мафоъилун муфтаъилун мафоъилун

- v v - / v - v - / - v v - / v - v -

Баҳр: *раҷази мусаммани матвии махбун*

Ин вазн аз ҷумлаи авзони даврӣ буда, абёти дар ин қолаб сурудашуда зубаҳрайн мебошанд. Дар натиҷаи ба сурати кашида хондани ҳиҷоҳои сеюми рукнҳои аввали ҳар ду пораи шеър (бинобар ҳукми вазни даврӣ) тақтеи зерин ба даст меояд, ки яке аз авзони нодири баҳри хафиф - хафифи мусаммани махбун мебошад:

фоъилотун мафоъилун фоъилотун мафоъилун

- v - - / v - v - / - v - - / v - v -

Мисол: Бар дари ёр ҳар саҳар масту хароб меравам,

Ҷоми тараб кашидаам, з-он ба шитоб меравам.

Басомад: 1. Моҳрухон, ки доди ишқ орази лоларангашон...

2. Эй рухи ҷонфизои ту, гашта хуҷаста фоли ман...

3. Эй дилу ҷони ошиқон шефтаи лиқои ту...(а)

4. Эй дилу ҷони ошиқон шефтаи лиқои ту...(б)

5. Эй ба ту зинда ҷисму ҷон, муниси ҷони кистӣ...

6. Эй зи ғами фироқи ту ҷони маро шикояте...

Аз наводири истеъмоли назокати арӯзӣ дар авзони ғазалиёти Ироқӣ яке дигар ин аст, ки шоир дар оғози рукни аввали мисраи дувуми байти зерин як ҳиҷоро зиёд овардааст ва ин амал тибқи қоидаи ихтиёроти шоирӣ ҷоиз мебошад:

Ҷуръае, к-он зи хок нест, дареғ,

Бар чу мани хокие чарост ҳаром.
- v - - / v - v - / v v -
- - v - - / v - v - / v v -

Чунонки ба мушоҳида мерасад, дар қолаби мазбур ҳиҷои “бар” беш аз қолаб ва ҳарфи “т” дар ҳиҷои “рост” (аз калимаи “чарост”) аз тақтеъ соқит аст.

XXII. Вазн: мустафъилотун мустафъилотун
- - v - - / - - v - -

Баҳр: рачази мураббаъи мураффал

Мисол:

Эй хуштар аз ҷон, охир, куҷоӣ?
Кай рӯйи хубат бо мо намоӣ?

Басомад: надорад.

Ҳоло ба ҷойе расидем, ки бояд ҳамаи авзонро дар доираи гунҷоишашон ба баҳрҳои арӯзӣ ба ҳам биоварем. Барои анҷоми ин кор тартиби ҷойгузинии суннатии баҳрҳои аслию фаръиро интихоб мекунем:

1. Баҳри **ҳазаҷ**:

1.1. Ҳазаҷи мусаммани солим: v - - - / v - - - / v - - - / v - - - (21 ғазал).

1.2. Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф: - - v / v - - v / v - - v / v - - (17 ғазал).

1.3. Ҳазаҷи мусаммани ахраб: - - v / v - - - / - - v / v - - - (10 ғазал).

1.4. Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф: - - v / v - v - / v - - (46 ғазал).

1.5. Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф: v - - - / v - - - / v - - (38 ғазал).

2. Баҳри **Рамал**:

2.1. Рамали мусаммани маҳфуз: - v - - / - v - - / - v - - / - v – (12 ғазал).

2.2. Рамали мусаммани махбуни маҳзуф: v v - - / v v - - / v v - - / v v – (4 ғазал).

2.3. Рамали мусаммани махбуни аслам: - v - - / v v - - / v v - - / - - (5 ғазал).

2.4. Рамали мусаммани машкул: v v - v / - v - - / v v - v / - v - - (5 ғазал).

2.5. Рамали мусаддаси маҳзуф: - v - - / - v - - / - v - (31 ғазал).

2.6. Рамали мусаддаси махбуни маҳзуф: - v - - / v v - - / v v – (2 ғазал).

2.7. Рамали мусаддаси махбуни аслам: - v - - / v v - - / - - (2 ғазал).

3. Баҳри **рачаз**:

3.1. Рачази мусаммани матвии махбун: - v v - / v - v - / - v v - / v - v (7 ғазал).

3.2. Рачази мураббаъи мураффал: - - v - - / - - v - - (1 ғазал).

4. Баҳри **музореъ**:

4.1. Музореи мусаммани ахраб: - - v / - v - - / - - v / - v - - (15 ғазал).

4.2. Музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф: - - v / - v - v / v - - v / - v – (10 ғазал).

5. Баҳри **хафиф**:

5.1. Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф: - v - - / v - v - / v v – (10 ғазал).

5.2. Хафифи мусаддаси махбуни аслам: - v - - / v - v - / - - (28 ғазал).

6. Баҳри **муҷтас**:

6.1. Муҷтаси мусаммани махбуни маҳзуф: v - v - / v v - - / v - v - / v v – (7 ғазал).

6.2. Муҷтаси мусаммани махбуни аслам: v - v - / v v - - / v - v - / - - (26 ғазал).

6.3. Муҷтаси мусаммани махбун: v - v - / v v - - / v - v - / v v - - (3 ғазал).

7. Баҳри **мунсареҳ**:

7.1. Мунсареҳи мусаммани матвии макшуф (максуф) - v v - / - v - / - v v - / - v – (3 ғазал).

Хулоса, қабл аз натиҷагирӣ аз ин ҷустор бояд арз шавад, ки ба ҷуз аз баъзе тағйирот, ки бо таваҷҷуҳ ба равиши интихоб кардаи мо дар мутолиоти арӯзии ғазалиёти Шайх Ироқӣ дар таъйини миқдори буҳур ва авзон ба амал омадаанду ҳамаашон ба масъалаи шаклшиносӣ гиреҳ мехуранд, боқӣ мо дар ҳама маврид бо хулосаҳои профессор Б.Мақсудов мувофиқ ҳастем. Ихтилофи назар миёни мо, чунонки дар оғоз таъкид шуда буд, аз равиши суннатӣ ва ҷадиди мутолиоти арӯзӣ бармеояд.

Ҳамин тавр, мувофиқи мутолиаи арӯзие, ки мо анҷом додем, теъдоди баҳрҳо дар ғазалиёти шоир ба 7 баробар аст, яъне дар муқоиса якто камтар мебошад. Баҳри сареъро, ки тибқи нишондоди Б.Мақсудов 4 ғазал дар як вазни он суруда шудааст, мо пайдо накардем. Теъдоди авзон ҳам дар баҳрҳои ҳазаҷ, рачаз ва мунсареҳ яктоӣ камтар аст. Ихтилофи дигар дар навъи вазн мушоҳида мешавад: миқдори вазн дар баҳри муҷтас дар ҳар ду баррасӣ ҳамгун, аммо вазни муҷтаси мусаддаси махбуни ахаз: v - v - / v v - - / v - дар баррасии мо ҷой надорад, ба ивази он муҷтаси мусаммани

махбун: v - v - / v v - - / v - v - / v v - - шинохта шудааст. Ниҳоят, аз гуногунхониҳое мебояд ёд кард, ки дар натиҷаи чигунагии ба ҳисоб гирифтани ҳиҷои охир ба миён омадаанд.

Аз теъдоди умумии ғазалиёти Шайх Ироқӣ 145 ғазал дар қолаби мусамман ва 157 ғазал дар чаҳорчӯби мусаддас эҷод шудааст. Чунин басомадро, ки аз ҳамдигар чандон тафовути зиёд надоранд, нишонаи риояти ҳадди эътидол меҳисобем. Ин нишондиҳанда чунин маънӣ ҳам дорад, ки кулли авзони ғазалиёти шоир ба равиши умумии андеша ва чаҳонбинии ӯ дар таносубу тавозун қарор доранд.

Дар мизони арӯзии ғазалиёти Шайх Ироқӣ вазнҳое истифода шудаанд, ки аз лиҳози мусиқоии калом боиси тақвияти ҷанбаи хушоҳангии ғазалҳо гардидаанд. Дар ин росто, пеш аз ҳама таваҷҷуҳи Шайх Ироқӣ ба хушоҳангии калом дар ашъори зубаҳрайн қобили мушоҳида аст. Ғазалҳои дар авзони зерин сурудаи шоирро ба вазни дигар ҳам метавон хонду тақтеъ кард:

а) Музореъи мусаммани ахраб: - - v / - v - - / - - v / - v - -, ки вазни дигари он чунин аст: мунсареҳи мусаммани махбуни макшуф: - - v - / v - - / - - v - / v - -;

б) Рачази мусаммани матвии махбун: - v v - / v - v - / - v v - / v - v -, ки вазни дигари он чунин аст: хафифи мусаммани махбун: - v - - / v - v - / - v - - / v - v -.

Авзони даврӣ низ дар тақвияти ҷанбаи мусиқоӣ дар шеър нақши муҳим доранд. Дар низоми арӯзии ғазалиёти Шайх Ироқӣ қолабҳои зерин аз ҷумлаи авзони даврӣ ба ҳисоб меоянд:

а) Ҳазаҷи мусаммани ахраб: - - v / v - - - / - - v / v - - -;

б) Мунсареҳи мусаммани матвии макшуф (максуф) - v v - / - v - / - v v - / - v -;

в) Рачази мусаммани матвии махбун: - v v - / v - v - / - v v - / v - v -.

Шайх Ироқӣ дар масъалаи истифода аз ихтиёроти шоирӣ дасти тамом дорад: кулли ихтиёроти маъмули шоирӣ дар авзони ашъори ӯ қобил мушоҳида аст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки шоир аз имконоти савтии забон ва ҷанбаи мусиқоии калом огоҳона истифода кардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Арӯзи Сайфӣ ва қофияи Ҷомӣ: ба тасҳеҳи Блохман, ба эҳтимоми Муҳаммади Фишоракӣ. - Теҳрон, 1372. - 101 с.
2. Шайх Фахруддин Ироқӣ. Девон (шомили ғазалҳо, тарҷеоту таркибот, қасоид, мусалласот ва қитъаот). / Шайх Фахруддин Ироқӣ; бо кӯшиши Б.Мақсудов. - Душанбе, 2014.
3. Мақсудов Бадриддин. Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва осори Ироқӣ / Бадриддин Мақсудов. - Душанбе: Пайванд, 2009. - 555 с.
4. Нарзиқул Мисбоҳиддин. Муқаддимаи шеършиносӣ (вазни шеър) / Мисбоҳиддин Нарзиқул. - Душанбе: Сино, 2004. - 80 с.
5. Насириддини Тӯсӣ. Меъёр-ул-ашъор / Насириддини Тӯсӣ; таҳияи Урватуллои Тоир ва дигарон. - Душанбе: Ориёно, 1992. - 152 с.
6. Парвиз Нотили Хонларӣ. Вазни шеъри форсӣ / Парвиз Нотили Хонларӣ. - Теҳрон, 1367. - 303 с.
7. Урватуллои Тоир. Таҳқиқ ва таълими арӯз / Урватуллои Тоир. - Душанбе: Дониш, 1995. - 194 с.
8. Шамси Қайси Розӣ. ал-Муъҷам / Шамси Қайси Розӣ; муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп Урватулло Тоиров. - Душанбе: Адиб, 1991. - 464 с.

ЧАСТОТНОСТЬ И ЭСТЕТИЧНОСТЬ МЕТРИКИ ГАЗЕЛЕЙ ШАЙХА ИРАКИ

В данной статье на основе новых методов изучения проблемы познания метрики персидско-таджикского стиха рассматриваются частотность и эстетичность метрики газелей Шейха Ираки.

Если обратим внимание на газели Шейх Фахруддина Ибрагима ибн Бузургмеҳра ибн Абдулгаффора Джуволики Хамадани (1213-1289), известного как Ираки или Шейх Ираки, с точки зрения частотности метрики и эстетичности аруза, то наблюдаем красоту, доблесть и предел самовольных действий поэта в рамках персидско-таджикского аруза. Согласно исследованиям автора этих строк, число и размер в газелях поэта равно 7. Из общего количества газелей 145 написано в размере мусамман и 157 в размере мусаддас метрики хазадж, рамал, раджаз, музоре', хафиф, муджтас и мунсарех. Метрическое изучение газелей Шейха Ираки показывает, что он, прежде всего, использовал те размеры, которые стали причиной ритмичности и эстетичности газелей, а также высокую степень музыкальности газелей поэта.

Ключевые слова: Шайх Ираки, газель, размер, метрика, двухразмерный, кольцевой размер, мелодия, частотность, эстетика.

FREQUENCY METRICS AND AESTHETICS OF SHEIKH IRAQI'S GAZELLES (A SHORT LYRIC POEM)

This article deliberates frequency and aesthetics metrics of Sheikh Iraqi's verses (gazelles) on the base of new method of studying problem of cognition Persian - Tajik poems' metrics. If you pay attention to Sheikh Fakhruddin Ibragim ibn Buzurgmehr ibn Abdulghafor Juvoliki Hamadoni's verses (gazelles)(1213-1289), as well as Iraqi or Sheikh Iraqi, with a point of view of frequency metrics and aesthetics aruza, you can viewpoint beauty, courage and limit unauthorized actions of the poet within the Persian – Tajik aruza. According to the research of mentioned authors poetries quantity and dimension equal to 7. In total, 145 poems have written in the size of mussaman and 157 in the size of musadas metric of khazaj, ramal, rajaz, muzore, khafif, mujtas and munsareh.

Sheikh Iraqi's verses (gazelles) metric learning showed that, first of all, he used that dimensions which became the reason of variety and aesthetics of poetries, also high level of musicality in poet's poetries.

Key words: Shaikh Iraqi, Gazelle, size, metric, dvukhyadernyj, ring size, ring tone, frequency, and aesthetics.

Сведения об авторе: ***М. Нарзикул*** – доктор филологических наук, профессор, декан факультета Таджикской филологии Таджикского национального университета

ОИДИ ТАЪРИХ ВА ВИЖАГИҲОИ «ЧИҲИЛ ҲАДИС»-ҲОИ МАНСУРИ ФОРСӢ

Ф.А. Камолов
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хӯҷанд

«Чиҳил ҳадис»-ҳои форсӣ навъи дувуми тарзи ифодаи забонии кутуби «Чиҳил ҳадис» дар адабиёти форсу тоҷик ба шумор меравад.

Аввалин «Чиҳил ҳадис»-и форсӣ ба тариқи наср аз қониби Абдуллоҳи Ансорӣ (соли ваф. 481/1088) ба қалам омада, пас аз ӯ адибону мутафаккирони зиёд, аз ҷумла Абӯҳафси Насафӣ (461–537/1068–1142), Абулфазли Майбудӣ (дар асри 6ҳ./12м. зиндагӣ кардааст), Муҳаммади Фаровӣ (соли ваф. 530/1135), Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Аҳмади Халифаи Нишопурӣ, Саъдуддини Тафтозонӣ (1313-1389), Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (1314–1386), Шаҳобуддин ибни Шамсуддин ибни Умари Давлатободӣ (соли ваф.848/1442), Ҳусайн Воизи Кошифӣ (соли ваф. 1505) ва дигарон анъанаи чиҳилҳадиснависии форсиро ривоҷ бахшидаанд.

Дар «Чиҳил ҳадис»-ҳои форсӣ ҷанбаҳои ахлоқӣ, ирфонӣ, адабӣ ва фалсафиро метавон ёдовар шуд.

Илова бар ин, «Чиҳил ҳадис»-ҳои форсӣ бо сабкҳои гунонгуни насрӣ ба қалам оварда шудаанд.

Дар таърихи чиҳилҳадиснависии форсу тоҷик зикри мақоми «Чиҳил ҳадис»-и Абдуллоҳи Ансорӣ махсус аст, ки дар наср иншо гардида, таркиби онро чиҳил ҳадиси салавот ташкил медиҳад. Яке аз вижагиҳои асосии ин асар дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф тамоми манобеи ривояти аҳодисро сабт мекунад. Ба таъбири дигар, дар зимни бозгӯйии аҳодис номи ровии он низ зикр шудааст. Ин китоб шомили муқаддима, чиҳил ҳадис дар мавзӯи фиристодани салавот ба Расули акрам (с) ва фазилатҳои он мебошад. Абдуллоҳи Ансорӣ дар муқаддима зикр карда, бахши панҷуми китоби «Маорич-ун-нубувват»-ро маъхази асосии китоби хеш қарор додааст. Муаллиф дар муқаддима пайравии хешро ба ҳадиси ҳифзи чиҳил ҳадис баён мекунад.

Қобили тазаккур аст, ки шайх Абдуллоҳи Ансорӣ аз мутасаввифини машҳури тариқат дар қуруни вусто ба шумор рафта, бо осори зиёде дар таърихи фарҳанги исломии форсу тоҷик ҷойгоҳи арзандае пайдо кардааст. Китоби мазкураш низ дар заминаи аҳодиси набавӣ низ фарогири завқу ҷаҳонбинии муаллиф маҳсуб шуда, масоил ва мушкилоти умдаи ҳаёти мазҳабиро таҷассум менамояд. Матолибе, ки дар ин асар шарҳу тафсир ёфтаанд, як нуктаи муҳимми таълимоти исломиро дарбар мегирад. Муаллиф ба маъхази ҳар як матолиби ироакардаи хеш таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд. Аз ҷумла, дар тамоми масоил бештар ба китоби «Маорич-ун-нубувват» такя мекунад, ки мавзӯи он дар фазоили салавот бар ҳазрати Муҳаммад (с) муқаррар шудааст. Ҳадиси аввал дар эҳсони масобеҳ аст, ки аз Расули акрам (с) чунин омадааст:

من صلى علي صلاة واحدة صلى الله عليه عشر صلوات وحطت عنه عشر خطيئات ورفعت له عشر درجات.

«Хоҷаи олам салаллоҳу алайҳи васаллам чунин фармудаанд, ки ҳар ки бар ман як бор дуруд фиристад, Ҳақ таоло раҳмат фиристад ва аз даҳ гуноҳ барӣ созад ва дараҷаашро даҳчанд боло бардорад» [1, 4].

Академик Носирҷон Салимов дар китоби хеш оиди сабки насри мурсалро чунин муаррифӣ кардаанд: «Дар зеҳни мутарҷиме, ки бо китоби арабӣ сарукор дошт, низоми ҷумла ва таркиботи арабӣ таъсир боқӣ мегузошт. Аз назари сохти ҷумла мушобаҳат бо арабӣ бештар дар кӯтаҳии ҷумлаҳои сода ва бо пайвандаки «ва» мусалсал кардани онҳо дар ҷумлаи мураккаб ба зуҳур омадааст» [8, 32].

Ҳамин тариқ, ин асар дар шинохти аркони одобу ахлоқи мазҳабӣ арзишу аҳамияти хосаеро касб намуда, аз насри мазҳабӣ ва мурсал шаҳодат медиҳад. Китобати он дар Бухоро анҷом шудааст (соли китобат ва котиб маълум нест - Ф.К.), ки имрӯз дар захираи китобҳои нодири шуъбаи дастхатҳои Китобхонаи миллии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ таҳти рақами 1274 маҳфуз аст.

Абӯҳафс Наҷмиддин ибни Умар ибни Муҳаммад ибни Аҳмади Насафӣ (461–537/1068–1142) аз ҷумлаи муҳаддисони асрҳои XI–XII шаш адад кутуби «Чиҳил ҳадис»-и мансурро ба забони форсӣ дар як китоб таълиф кардааст. Муаллиф дар аввал муқаддима ва «Чиҳил қисса»-ро, ки ба рақами 40 иртибот доранд, мавриди ифода қарор дода, дар муқаддима ҳадиси ҳифзи чиҳил ҳадисро чун санад барои таъкид кардани рақами 40, ки аҳодис аз он на каму беш бошанд, овардааст [5, 3].

«Чиҳил ҳадис»-и аввали Насафӣ дар мавзӯоти қиссаҳо, масоили фиқҳӣ, ҷуғрофӣ, тиббӣ, фалсафӣ ва ғайра иншо гардидааст [5]. Қиссаҳо дар «Чиҳил ҳадис»-и мазкур вобаста ба мавзӯъҳо дар нуздаҳ қисм омадаанд:

Қиссаи Одами Сафӣ (а), ки Худованд қолаби ӯро дар чиҳил рӯз бино ниҳода буд; оид ба қиссаи Нӯҳ, ки вақти таҳқиқи дуои Нӯҳ то омадани тӯфон чиҳил сол буд; дар мавзӯи қиссаи ҷудо шудани Яъқуб аз Юсуф ба муддати чиҳил сол; қиссаи чиҳил шабу рӯз дар шиками моҳӣ зиндагӣ кардани Юнус; қиссаи омадани Таврот ва шунидани каломи Ҳақ азза ва ҷалла аз ҷониби Мусои Калимуллоҳ дар муддати чиҳил шабонарӯз; воқеъ гардидани Банӣ Исроил дар тиҳ ба муддати чиҳил сол; қиссаи Довуд ва Урмиё, ки он дар муддати чиҳил шабонарӯз воқеъ шуда буд. Ҳамин тариқ, қиссаҳои Сулаймон, Ҳавориёни Исо, Муҳаммади Мустафо (с), Абӯбакри Сиддиқ, Умар, Усмон, Алӣ ва ғайра низ омадаанд [5, 3-6].

Масъалаи бистум оид ба хислати муваҳҳидон, аз масоили 21-ум то масоили 25-ум роҷеъ ба нисоб, ки вобаста ба рақами 40 дар мисоли ба чиҳил гов рост омадани хаққи нисоб ба як гови дусола, ба 40 уштур як уштури дусола, ба 40 гӯсфанд, як гӯсфанд ва ғайра. Масъалаи 26 перомуни ҳукми шаръӣ, ки он ҷазоест, дар чиҳил тозиёна зада шудани марди қазфкунанда. Масъалаи 27-ум оид ба воқеъ будани чоҳи Ҷарим дар биёбони «Чиҳил Газист», масъалаҳои аз 28 то 32 оид ба масоили дар шиками модар ҷойгир шудани кӯдак, масъалаҳои аз 33 то 35 оид ба аҳкоми шаръӣ ва дуоҳо ва боқимонда масъалаҳо то адади 40 дар мавзӯи охират баён шудаанд [5, 17].

Насафӣ дар баёни масъалаи сиву нуҳум ва чиҳилум ҳадисеро бо ривояти Муҳаммад ибни Алии Ҳакими Тирмизӣ аз китоби «Илал-уш-шароеъ» овардааст: «Даромадани дарвешони муъмин дар биҳишт ба чиҳил сол пеш аз тавонгари уммат бувад ва даромадани дарвешони кофир ба дӯзах ба чиҳил сол пас аз тавонгарони кофир» [5, 18].

Ҳамин тариқ, «Чиҳил ҳадис»-и Насафӣ дорои чиҳил масъала, ки 19-тои онҳо ба қиссаҳо ихтисос ёфта, дар бахши боқимондаи он мавзӯоти мухталиф баҳс мекунанд, аммо 38 масъалаи мазкур аз аҳодис истифода нашуда, маъхази онҳо Қуръони карим, таърих, ҷуғрофия, илми тиб ва дар баёни масъалаи 39 ва 40 аз ҳадиси фавқуззикр шарҳе тавзеҳ ёфтааст.

Салмони Форсӣ аз Расули акрам(с) нақл мекунад, ки дар он чиҳил масоили асосии динӣ ифода шудааст ва Абӯҳафси Насафӣ он ҳадисро ба чиҳил мавзӯъ тақсим намуда, чун асари мустақили анъанаи чиҳилҳадиснависӣ дар маҷмӯаи хеш таълиф кардааст [5].

Насафӣ ҳадиси бисёрҷанбаро бо забони арабӣ оварда, баъдан, тарҷумаи онро ба забони форсӣ дар чиҳил қисм ифода менамояд. Ӯ худ ин қавлро таъкид кардааст: «Ин ҳадиси ҷомеъ аст мар бештар усулу фурӯи динро ва мо дар ҳар асле ва фаръе ёд кардем ва дар ҳар хабар аҳкоми ҷудогона бо аснод биёрем ва онро шарҳ кунем ва бар адади чиҳил тахриҷ кунем, то асҳобро аз мо фавоид бувад ва савоби он баъд аз гузаштагон акрон боқӣ монад» [5, 42].

Аз ин ҷо пайдост, ки Абӯҳафси Насафӣ дар баён ва тарҷумаи аҳодис дар ин «Арбаин» насри мурсалро ба кор гирифтааст.

«Чиҳил ҳадис бо ривояти Салмон» дар шакли асари алоҳида, таҳти шумораи 1153 дар хазинаи дастнависҳои Пажӯҳишгоҳи шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ нигаҳдорӣ мешавад, аммо муаллифи ин асар дар ин нусха зикр нашудааст.

Абӯҳафси Насафӣ «Чиҳил ҳадис»-и савумро дар мавзӯи эътиқод ва илми калом аз ҳадиси Паёмбар (с) бо ривояти Абӯмуҳаммади Таннухӣ аз Ибни Умар нақл карда, онро низ дар чиҳил қисмат ифода кардааст. Ҳадиси мазкур аввал бо забони арабӣ баъд бо забони форсӣ мавриди шарҳ қарор гирифта буд.

Насафӣ «Чиҳил хадис»-и чаҳорум ва панҷумро ба мавзӯи илми фиқҳ ва «Чиҳил ҳадис»-и шашуми Насафӣ ба мавзӯи ахлоқи мазҳабӣ бахшида шуда, дар «Чиҳил ҳадис»-и ахлоқӣ ҳадисҳо барои баёни наҳйи хислатҳои разила ба таври мустанад омадаанд.

Ҳамин тариқ, Абӯҳафси Насафӣ дар таълифи шаш «Чиҳил ҳадис» корҳои зеринро иҷро кардааст:

а) дар якчанд мавзӯъ баён кардани шаш кутуби «Чиҳил ҳадис»;

б) ба кор гирифтани усулҳои мухталифи баён;

в) муҳаққиқона эҷод кардан ва мураттаб сохтани аҳодис дар «Чиҳил ҳадис»-ҳо.

Баёни мавзӯот дар осори мазкур мухталиф ва бисёрсоҳавӣ буда, нависандаи онҳо ҳангоми таълифи маҷмӯа аз усули қиссапардозии мансур, зикри панду ҳикмати мазҳабӣ ва ғайра истифода кардааст. Насафӣ зарурати истифодаи рақами 40-ро ба риштаи таҳқиқ кашида, санадҳои гуногунро аз Қуръону ҳадис, таъриху фанҳои дигар ҷамъоварӣ кард.

«Чиҳил ҳадис»-ҳои Абӯҳафси Насафиро соли 1429 котибе бо номи Шайх Муҳаммад ибни Мавлон ибни Омирулҳофизи Самарқандӣ китобат кардааст. Асари мазкур иборат аз 57 саҳифа, таҳти шумораи 1359/1 дар захираи дастхатҳои Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ нигаҳдорӣ мешавад (5).

Адиби дигари охири асри XI ва ибтидои қарни XII Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Алии Фаровӣ чиҳил ҳадисро ба номи «Табиб-ул-қулуб» дар соли 500/1104 таълиф кардааст.

Фаровӣ дар муқаддима чунин менигорад: «Ин китоб аст, ки ҷамъ карда бандаи ниёзманд ба афви Худои субҳонаҳу ва таоло Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Алии Фаровии Ҳаримӣ аҳсаналлоҳу авоқибаҳу на аз баҳри тамаъ ё ҷазб кардани ҷоҳе ва моле, балки барои Ҳақ дӯстии қадим, ки дар миён буд ба амири аъзам ва чун дидам, ки ӯро дар суҳбати аҳли хайр рағбате буд содиқ ва анфоси бузургони динро ҷӯянда ва толиби хақиқӣ шуда буд, ки Эзиди таоло вайро бад-ин дараҷа расонида ва ниёзе, ки ба рӯзгори ин тоифа медошт ва давлат, ки субҳи он аз машриқи дин барояд, поянда бошад иншоаллоҳи таоло ва китобро бар чиҳил ахбори Мустафо саллаллоҳу алайҳи васаллам ниҳодам ва ҳар хабареро муаккад кардам ба ояте аз Қуръони каломуллоҳи ғайри махлуқ, ки шифои дардҳо ва тарёки заҳрҳост ва калиди ганҷҳост ва бо ҳар ояте ҳикояте аз ҳикоёти машоих қаддасаллоҳу арвоҳаҳум (ки) лоиқи он бошад, ҷамъ кардам, то ҳар ки аз ин китоб фасле мешунавад, синаи азизи ӯ ободон мешавад ва Ҳақ субҳонаҳу ва таолоро фаромӯш накунад, ки аз ҳама олам гузир аст ва аз Худои олам ногузир аст» [4, 97-108].

Муллиф андаке поёнтар перомуни номи ин асар сухан мекунад:

«Ва номи ин китоб «Табиб-ул-қулуб» ниҳодам, зеро ки ба ҳақиқат дардҳои дили азизонро табиб аст ва ин китоб дар он таърих, ки «Миръот-ул-мулук» сохта будам» ва он дар санаи хамсумиа иттифоқ афтода буд…» [4, 97-108].

Услуби баёни Фаровӣ хале равон буда, бо сабки хуросонӣ, яъне ба тариқи насри мурсал таълиф кардааст.

Нусхаи ин асар дар китобхонаи «Нури усмония»-и Истамбул таҳти шумораи 957 маҳфуз мебошад, ки олими турк Абдулқодири Қуррахон роҷеъ ба мавҷудияти «Табиб-ул-қулуб» дар маҷаллаи илмии «Адабиёт ва улуми инсонӣ» иттилоъ додааст.

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик намунаҳои дигари кутуби арбаиноти форсӣ низ ҷойгоҳи хоссе доранд, ки аз ҷумлаи онҳо «Арбаин»-и Абулфазли Майбадӣ мебошад. Фахриддин Насриддинов перомуни «Кашф-ул-асрор»-и Абулфазли Майбадӣ кори таҳқиқотӣ ба анҷом расонида, чунин меорад, ки «Абулфазли Майбадӣ донандаи илми ҳадис буд. Вай бо таъсири раҳнамоии ҳадиси машҳур китоби «Арбаин»-ро таълиф карда, ҳамагӣ як маротиба дар китоби тафсири хеш дар тафсири ояти «авалам ярав анно наътил арза нанқусуҳо мин атрофиҳо» ёдовар шудааст… Вай баъди тафсири ояти мазкур чунин менависад: «… мо тафсири васеи ояти мазкурро дар китоби «Арбаин» овардем ва ба ҳар касе, ки лозим шавад, бояд ба ин китоб таваҷҷуҳ кунад» [6, 12].

Абулфазли Майбудӣ тафсири Қуръони маҷидро бо забони форсӣ ба анҷом расонида, дар шарҳи ояти фавқуззикр таъкид кардааст, ки талабгорон метавонанд тафсири васеи ояти мазкурро дар китоби «Арбаин» дарёфт кунанд. Аз ин рӯ, бо такя ба ин қавл метавон қайд кард, ки «Арбаин»-и мазкур ба забони форсии дарӣ таълиф шудааст.

Дар ганҷинаи дастхатҳои АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди муайяни арбаинот нигаҳдорӣ мешавад. Дар феҳристи нусхаҳои хаттии он силсилаи мутаддиди кутубе марбут ба аҳодиси набавӣ – тақрибан зиёда аз 40 нусхаи шарҳу тафсири қавлу фармудаҳои ҳазрати Расули акрам (с) қайд шудаанд, ки бархе аз онҳо то асри XV, то замони зиндагӣ ва ҳаёти Абдурраҳмони Ҷомӣ таҳия ва тасниф гардиданд. Онҳоро аз рӯйи шумора ва сифату хусусияташон ба чанд навъ метавон тақсим кард: аввалан, осоре дар маҷмӯи умумии фарогирии шарҳу тафсири аҳодис; сониян, осори марбут ба чиҳил ҳадиси набавӣ, ки бо номҳои умумии «Чиҳил ҳадис», «Арбаинот», «Аҳодис», «Тарҷумаи аҳодис», «Тарҷумаи арбаин» ва ғайра маълуму машҳуранд; солисан, осоре дар шарҳу тафсири аҳодис, ки ҳарчанд номи «Чиҳил ҳадис»-ро надоранд, таҳти таъсири «Чиҳил ҳадис»-ҳои адабиёти форсу тоҷик тасниф шуда, ҷойгоҳи чунин осорро дар адабиёт қавӣ мегардонанд.

«Чиҳил ҳадис»-и Халифаи Нишопурӣ шомили чиҳил ҳадиси набавӣ бо матни арабӣ ва тарҷумаи мансур буда, дар асри XIV (тақрибан соли 730/1329) ба қалам омадааст. Муҳаммад ибни Ҳусайн китобати ин асарро дар хонақоҳи Нишопур асри XV дар ҳаҷми 4 саҳифа бо хатти насх дар коғази моваруннаҳрии сабзранги зарби турунҷдор ба анҷом расонидааст. Муаллиф дар муқаддима маъхази аҳодиси баргузидаашро махсусан қайд карда, барои гузиниши аҳодис ба ин муаллиф бештар китоби «Машориқ-ул-анвор»-и Носирмуҳаммад Ҳасан ибни Муҳаммади Саффонӣ хидмат кардааст. Ин асар зери шумораи 2079/6 дар хазинаи дастхатҳои Пажӯҳишгоҳи шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ нигаҳдорӣ мешавад [7].

«Чиҳил ҳадис»-и Шаҳобуддин ибни Шамсуддин ибни Умари Давлатободӣ (соли ваф.848/1442) дар шуъбаи дастхатҳои Китобхонаи миллии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ таҳти рақами 1066 қарор дорад, ки ин асар ба тариқи насри маснӯъ навишта шудааст. Муаллиф дар муқаддима перомуни «Чиҳил ҳадис»-и хеш сухан карда, чунин менависад:

«Ин муқаддимаи «Чиҳил ҳадис» бо тарҷумаи мураттаб ва табаррукан ибтидоан бо ёддоштҳо ба масоилу ҳикояти мураккаб ба даҳ боб мубаввоб карда омад, то ҳар кӣ бихонад ва бидонад ба муҷиби он кор кунад…» [2, 3].

«ар-Рисолат-ул-алийя фӣ аҳодис-ин-набавия» аз ҷумлаи асаре дар ин анъана маҳсуб меёбад, ки дар авохири асри XV, аниқтараш дар соли 855/1480 аз ҷониби Ҳусайн Воизи Кошифӣ (соли ваф. 910/1504) анҷом ёфта, нусхаҳои он дар манотиқи гуногуни дунё маҳфуз мондаанд, ки яке аз онҳо дар шуъбаи дастхатҳои Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии АУ ҶТ таҳти шумораи 1603 қарор гирифта, аз 132 варақ (264 саҳифа) иборат мебошад.

Китобати нусхаи мазкурро Дарвеш Илёс ибни Дарвеш Аббос баъди намози асри рӯзи шанбеи моҳи сафари соли 1080/1669 ба интиҳо расонидааст. Дигар аз нусхаи ин асар дар китобхонаи Маръашии Ҷумҳурии исломии Эрон таҳти рақами 893 маҳфуз мебошад (3). Он аз муқаддима, ҳашт асл ва хотима иборат буда, ҳар як асл панҷ васлро дарбар мегирад. Кошифӣ дар муқаддимаи китоб оид ба ҳифзи 40 ҳадис аз Расули акрам (с) иқтибос оварда, ҳадиси ҳифзи чиҳил ҳадисро ҳарчанд ба тариқаҳои гуногун ривоят шудааст, саҳеҳ мешуморад:

«Аммо баъд ба маънои ин ҳадиси шарифи муътабар, ба мазмуни ин хабари саҳеҳуласар, ки бо асониди саҳеҳ он ба туруқи шатто (бо тариқаҳои мухталиф.-Ф.К.) ворид шуда, ки:

"من حفظ على أمّتي أربعين حديثًا من أمر دينها حشره الله يوم القيامة فقيهاً عالماً.

Дар идома муаллиф перомуни чиҳилҳадиснависии ниёгон дар мавзӯоти мухталиф ишора мекунад:

«Аксари он фузалои ҳар даҳиву муҳаддисони ҳар асрӣ бо истихроҷи арбаинот иштиғол намудаанд ва ҷамъи он бар анҳои мутанаввиа ва анвои мухталифа фармуда, дар ин навбат бо ин фақири бебизоат ва ҳақири қалилулиститоат Ҳусайн ибни Алӣ ал-Воиз ал-Байҳақӣ алмуддаӣ бил-Кошифӣ аз мулҳами ғайбӣ ва ишорати ло райбӣ нофид шуд, ки «Чиҳил ҳадис», ки ҷомеи аксари усули ибодот ва мутаҷаммии айшии макорими ахлоқ ва маҳосини ибодот бошад, ҷамъ кунад дар ҳашт асл» [3, 3].

Баъдан, мутафаккир сохтори асари хешро аз ҳашт аслу 40 васл, ки бар ҳар як асл панҷ васл рост меояд ва номи китобро эълом мекунад:

«Ҳар асле муштамил бар панҷ васл ва ҳар васле мунтавӣ бар ҳадису нуктаи чанд ва муайяди ҳар ҳадисе ояте бо зиёдатии он калом дар аввал эрод кунад ва аҳодиси дигар бо истишҳод биёварад ва аз абёт ва амсолу ҳикоят ва осору ҳақоиқу дақоиқ ва он чӣ муносиби вақт ва замон бошад, бар минассаи зуҳур ҷилва диҳад ва ҷиҳати татмими фавоид ва такмили авоиди маонии аҳодис ба форсӣ баён кунад, чӣ нафъи он атам ва хатти он ашмал ва аам аст ва онро туҳфаи маҷлиси олӣ ва ҳадяи муснади волӣ ҳазрати нақобатпаноҳ…, номгузорӣ шуда ба «ар-Рисолат-ул-алийя фӣ аҳодис-ин-набавийя»…» [3, 4].

Доираи фарогирии мавзӯоти асар пурвуъсат буда, дар он масъалаҳои тавҳид, имон, ислом, наът, сифатҳои шахсиятҳои бузург ва авлиё, ибодот ва он чӣ мутааллиқ ба он, фазоили Қуръон, давот, азкор, макорими ахлоқ, фазоили инсон, авсофи радиа, разоили ахлоқ, одоби аҳли салтанат ва аморот ва арбоби сарват, он чӣ тааллуқ ба азмина, амкина, албиса, атъима, ашриба ва ғайра шарҳу тавзеҳ ёфтанд [3, 3].

Мувофиқи маълумоти Кошифӣ ҳар як васл аз мавзӯи як ҳадис иборат буда, баъд тарҷума ва шарҳи мансур, чанд нукта, ҳикоя, намунаҳо аз ашъори шуаро, шеърҳои арабиву форсии худи шоир, ояте аз Қуръони карим ва аҳодиси дигар вобаста ба мавзӯи ҳадис оварда ва ғайра зикр шудааст.

Ин китоб дар асл асари мансур буда, абёт ва ашъори истифодашудаи шуаро ва худи Кошифӣ ҷолиби диққат мебошад. Нависандаи асар сареҳан соли таълифи онро 885/1480 ва мақсади таълифашро дар шакли назм равшанӣ андохтааст:

…Зи ҳаштсад фузун буд панҷоҳу панҷ,
Ки киштем аз ин нақд ганҷинасанҷ.
Ба бозори лутфаш, ки дорулвафост,
Қабулӣ агар ёфт иқболи мост.
Биё, Кошифӣ, худнамоӣ макун,
Бикун бар дуо ихтисори сахун… [3, 263]

Ҳамин тариқ, «Чиҳил ҳадис»-и Кошифӣ дар баёни мавзӯоти тавҳид, имон, ислом, ахлоқ, фазилатҳо, наъти Расули акрам (с), зикри авлиё, ибодот (намоз, рӯза, закот, ҳаҷ) зикру тасобеҳ, дуо, меҳрубониву раҳмдилӣ, адолат ва ғайра ба қалам омада, ба унвони яке аз осори муътабар дар қаламрави чиҳил ҳадиснависии форсу тоҷик шинохта шудааст. Асари ӯ аз сарчашмаҳои пурбори адабиёти форсу тоҷик ва фарҳанги исломӣ, бахусус оёту аҳодис, қиссаҳову ҳикояҳои ирфонӣ маншаъ гирифта, муаллиф ҳам ба тариқи наср ва ҳам ба тариқи назм мавзӯи ҳадисро шарҳу тафсир кардааст.

Дар маҷмӯъ, мавҷудияти нусхаҳои фаровони кутуби «Чиҳил ҳадис» дар китобхонаҳои ватаниву хориҷӣ ва истифода шудани сабкҳои мухталифи баён маонии аҳодис шаҳодат бар он медиҳад, ки анъанаи чиҳилҳадиснависӣ воқеан, дар қаламрави адабиёти форсу тоҷик ривоҷу равнақ дошта, дар ин замина адибони форсизабон барои таблиғи ғояҳои тамаддуни мазҳабиву фарҳанги миллӣ ба қаломи ҷаззоби адибона бо ривоҷдиҳии сабкҳои мурсал ва маснӯъ хидматҳои шоёне ба сомон расонидаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ансорӣ Абдуллоҳ. «Чиҳил ҳадис» / Абдуллоҳ Ансорӣ // Нусхаи шуъбаи дастхатҳои Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - №1274.
2. Давлатободӣ Шаҳобуддин Аҳмад ибни Умар. Чиҳил ҳадис / Давлатободӣ Шаҳобуддин Аҳмад ибни Умар // Нусхаи шуъбаи дастхатҳои Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - №1066.
3. Кошифӣ Ҳусайн. ар-Рисолат-ул-алийя фӣ аҳодис-ин-нававийя / Кошифӣ Ҳусайн // Нусхаи шуъбаи дастхатҳои Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии АИ ҶТ. - № 1601. – 204 с.
4. Қуррахон Абдулқодир. Чиҳил ҳадиснависӣ дар адабиёти форсӣ ва таъсири он ба адабиёти турк ба тариқи тарҷумаи ин осор / Қуррахон Абдулқодир // Маҷаллаи илмии Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ. – Теҳрон, 1967. - №1. – С.97-108.
5. Насафӣ Абӯҳафси Наҷмиддин Умар ибни Аҳмад. Маҷмӯаи «Чиҳил ҳадис» / Насафӣ Абӯҳафси Наҷмиддин Умар ибни Аҳмад // Котиб Шайх Муҳаммад ибни Мавлоно Омир-ул-ҳофизи Самарқандӣ. Нусхаи шуъбаи дастхатҳои Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии АИ ҶТ, 833/1429. - №1/1359. - 56 с.
6. Насриддинов Ф. «Кашф-ул-асрор»-и Абулфазли Майбудӣ ва арзиши адабии он / Ф. Насриддинов. – Хуҷанд: АКД, 2004. - 22 с.
7. Нишопурӣ Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Аҳмади Халифа. «Чиҳил ҳадис» / Нишопурӣ Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Аҳмади Халифа // Нусхаи шуъбаи дастхатҳои Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии АИ ҶТ. - №6/2079. - 4 с.
8. Салимов Н.Ю. Марҳилаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои XI-XIII) / Н.Ю Салимов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2002. - 400 с.

ОБ ИСТОРИИ И ОСОБЕННОСТЯХ ПЕРСИДСКИХ ПРОЗАИЧЕСКИХ «СОРОК ХАДИС»-ОВ

В данной статье рассматривается история таджикско-персидских прозаических «Чихил хадис»-ов. В процессе исследования стало ясно, что первый «Чихил хадис (сорок хадисов)» был комментирован Ходжей Абдуллахом Ансори, а затем, после него следующие «Чихил хадис»-ы были комментированы таджикским языком такими литераторами как Абухафс Насафи, Абулфазл Майбуди, Мухаммад Фарови, Халифа Нишапури, Саъдуддун Тафтозони, Мирсайид Али Хамадони, Хусайн Воиз Кошифи и другими.

Кроме этого, определено, что религиозная проза была выражена с использованием видов стилистики как «мурсал» и «маснуъ» в книгах «Чихил хадис».

Ключевие слова: мыслители, традиция, сорок хадисов, персы, использование, комментировать, стилистические особенности.

ABOUT THE HISTORY AND THE FEATURES OF PERSIAN'S "FORTY HADITH" PROSE FORM

This paper studies the history of writing of Persian's "Forty hadith" in prose form and its features. It reveals that the first writer of Forty hadith in Persian's prose form was Khoja Abulloh Ansory, and later Abuhafs Nasafy, Abulfazl Maibudy, Muhammad Farovy, Khalifa Nishopury, Sa'duddin Taftozony, Mirsayid Ali Hamadony, Husain Woiz Koshify and others continued this tradition.

Besides, the study shows that the books were written in "Mursal" and "Masnu'" styles prose form.

Key words: scientists, tradition, forty hadith, the Persions, to comment, style features.

Сведения об авторе: ***Ф.А. Камолов*** **–** кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры иностранных языков ИЭТ ТГУК. Телефон: **928-47-86-16. E-mail: Foteh122010@gmail.com**

ТАСВИРИ СИМОИ ЗАН ДАР РОМАНҲОИ КАМЛЕШВАР

М.А. Нурова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Масъалаи зан ва оиладорӣ, мақоми зан дар оила, гуфторҳои муҳаққиқон ва андешаҳо роҷеь ба ҳуқуқ, мақом ва мартабаи зан дар ҷомеа дар тамоми замонҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Адибон дар симои зан ва оила яке аз қувваҳои асосӣ ҷомеаро, ки ҳамеша ба ҳаракат ва изтироби ҷамъият такон мебахшад, пайдо намудааст. Адибони давр дар тасвири ҳусну латофати занону модарон андешаҳои гузаштагони худро тарафдорӣ намуда, ба гуфтори гузаштагон такя мекунанд. Ҳангоми тасвири симои зоҳирӣ ва олами ботинии қаҳрамонзанҳо камолоту ҳусну латофати беназири занону модарон васф мешавад» [6, 1].

Дар ҷомеаи имрӯза ҳам масъалаи зан яке аз проблемаҳои асосӣ ба шумор рафта, он на танҳо диққати донишмандонро ба худ ҷалб кардааст, балки ҳамчун як проблемаи бузурги тендерӣ дониста шуда, таваҷҷуҳи муассисаҳои бонуфузи давлатию ғайридавлатиро низ ба худ ҷалб намудааст. Мо низ тасмим гирифтем, ки дар ин мақола симои занон-модарони ҳиндуро дар эҷодиёти яке аз адибони шинохтаи адабиёти ҳиндии даврони соҳибистиқлолии Ҳиндустон Камлешвар (1932-2007) мавриди таҳлил қарор диҳем.

Агар пештар дар шароити феодалии Шарқ, ки зан аз аксари ҳуқуқҳо ва имтиёзҳо маҳрум буд, имрӯз зани ҳинду на танҳо бо мардон баробарҳуқуқ дониста шудаанд, балки дар вазифаҳои давлатӣ низ мавқеи хосеро интихоб намудаанд.

Адибони Ҳинд дар тасвири зиндагии занҳо маҳорати хубе доранд. Аз замонҳои қадим то ба имрӯз садҳо занҳо ҳамчун қаҳрамони асосии асарҳои бадеӣ маълум мешаванд. Баъзе аз ин занҳо шахсиятҳои воқеии таърихӣ мебошанд, баъзеашон маҳсули бофтаи адибонанд. Маъмулан занҳои тасвиршуда, хусусан дар нақшҳои асосӣ қаҳрамонҳои мусбат мебошанд.

Камлешвар дар романҳои худ занҳои гуногунсимороро бо муҳаббат ва эҳтироми зиёде нишон медиҳад. Вай на танҳо тасвири симои зани ҳиндуро дод, балки кӯшиши нишон додани паҳлӯҳои ҳаёти онҳоро низ кардааст. Дар романҳои ӯ бештари занҳо босавод ва соҳибмаърифат ҳастанд, ки баъзан босаводии худро исбот ҳам мекунанд. Малтии романи «Гирдбод» («Кали андҳӣ»), қаҳрамонзани «Одами сеюм» («Тисра адмӣ»), Самлаи «Покистонҳо» («Китне Пакистан»), Тараи «Одами дар баҳр гумшуда» («Самудра мен кҳоя ҳуа адмӣ») аз қабили чунин симоҳо мебошанд.

Ҷагдиш Варма шавҳари Малтӣ барои ба сиёсат ворид шудани ҳамсараш дар аввал кӯмак кардааст. Ӯ чунин меҳисобад, ки «Дар сохтори мамлакат занҳо низ бояд саҳмгузор бошанд. То он вақте ки занҳо, яъне нисфи аҳолии мамлакат дар ин сохтор дасти моро нагиранд, ҳар кори хайри мо нотамом мемонад… Ин ниҳоят зарур аст, ки занҳои хонадони мо ба пеш қадам гузоранд ва дар ҳар кор дасти мардонро гиранд…» [1,5], вале баъдтар чун ба вазифаи давлатӣ мерасад, назди хонандаи худ Малтии тамоман дигар пеш меояд. Ӯ бисёр худбину худпараст шуда, хусусияти образи манфиро мегирад. Барои Малтӣ бартараф намудани монеаҳо кори душвор бошад ҳам, вай онҳоро мушкил гуфта шикоят намекунад. Вай бо тамоми ҳастиаш кӯшиш мекунад ҳамаи воситаҳоро истифода бурда, он монеаҳоро бартараф намояд, чунки сухан дар бораи манфиати шахсии худи ӯ меравад.

Чунин кӯшишҳо барои қонеъ намудани талаботи Зайнаб,-қаҳрамони романи «Ман гунаҳкорам»-и Ҷалол Икромӣ низ мансубанд. Зайнаб аз пайи дилдодааш Мухтор роҳ сӯйи деҳа пеш мегирад. Зайнаб бо ёрии дӯсташ, ки сардори шуъбаи маориф дар пойтахт буд, ба ҳайси намояндаи инспектори маорифи шаҳрӣ ба деҳаи Лолазор сафарбар карда мешавад, дақиқтараш Зайнаб бо хоҳиши худ он ҷо равона шуд. Вале ҳадафи Зайнаб танҳо ба даст овардани ишқу муҳаббати маҳбубаш Мухтор буд, на аз ин беш. Манфиати шахсии Зайнаб дар паҳлӯи дилдодааш будан асту бас. Аммо мансабпарастии Малтӣ («Гирдбод»-и Камлешвар) ҳадафи дигареро дошт:

Малтӣ торафт соҳиби обрӯю эътибори зиёди ҳамфикрон мешавад ва ба вазифаҳои баланди давлатӣ сазовор шудан мегирад. Баробари ин, торафт равшантар мегардад, ки Малтӣ манфиати худро на танҳо аз манфиати дигарон болотар медонад, балки аз манфиати оилавӣ низ афзалтар медонад. Камлешвар дар чунин ҳолат нисбат ба оила, аз ҷумла ба фарзанду шавҳараш ҳам то рафт бегонатар шудани зани худпарастро тасвир кардааст. Эҳсоси худпарастӣ ҳатто модар буданро ҳам аз хотир мебарорад. Адиб бисёр равшан ва бо донистани масъала нишон медиҳад, ки худпарастии Малтӣ ба андозаи аз ҳад берун боиси талху тунд шудани муносибатҳои ӯ бо шавҳараш Ҷагибабу ва духтараш Лилӣ шудааст. Ҳамаи кӯшишҳои Малтӣ дар

ҷалб намудани шавҳараш ба корҳои шахсии худ, ки аслан дар ҷомеа мақоми олӣ ҳосил кардан буд, бенатиҷа мемонанд. Ин боиси боз ҳам бегонатар шудани зану шавҳар мегардад.

Малтӣ модари тамоми халқ шуданист, дар ҳолате ки модари як оилаи худ шуда натавонист. Роман ба масъалаҳои сиёсӣ дахлдор бошад ҳам, масъалаи ахлоқ дар асар мавқеи хосе дорад.

Қаҳрамони романи «Одами сеюм»-и Камлешвар Читра зани босавод аст. Вақти тӯй шудан падари Нареш дар бораи келини худ ба модари Нареш чунин мегӯяд: «Модари Нареш, Читра духтари босавод аст, ӯ ба кору бори ту дастёр нахоҳад шуд» [2, 162]. Вале модари Нареш ӯро чунин духтар намеҳисобад ва ин собит ҳам мешавад. Дар баробари босавод буданаш Читра ба кори хона машғул аст. Мутахассиси забону адабиёт шуда ӯ мусаҳҳеҳӣ ҳам мекард. Вай ақидаҳои нисбат ба занҳо хато баёнкардаро бо тамасхур танқид мекард. Нареш Читраро дар Деҳлӣ танҳо партофта меравад. Дар ин ҳолат ҳам Читра ба таҳлука намеафтад. Ӯ ба ҳайси муаллима ба донишкада ба кор медарояд ва ду фарзанди худро нигоҳубин мекунад. Вақте ки Нареш хатои худро ислоҳ карданӣ мешаваду назди ҳамсараш бармегардад, Читра ӯро намебахшад ва ба Нареш чунин ҷавоб медиҳад: «Ту ҳамин хел зиндагӣ карда метавонӣ, ман не… Чӣ тавре ки набошад, ман он қадар бечора нестам, то он дараҷае ки шумо ҳисоб мекунед» [2, 173].

Занҳои босаводу бомаърифати ҳинду нисбат ба дину мазҳаб ҳам нигоҳи худро дигар карданд. Самлаи романи «Покистонҳо» ба баъзе масоили атрофи дин ва ё мазҳаб ҷорибуда дигар бовар намекунад. Ӯ инсониятро аз ҳама муносибатҳо бештар меҳисобад. Самла зани мусулмон буд ва бо марди ҳинду оила барпо мекунад. Маҳз ҳамин ҷавонмард ӯро аз таъқиби марди мусалмон, ки фикри таҷовуз ба номуси ӯро дошт, халос кард. Пас аз тақсимшавии Ҳиндустон ба ду давлати соҳибҳуқуқ, Самла роҳ сӯйи Покистон дошт. Вақте ки як ҷавони ҳинду ӯро бо меҳри зиёд ва ғамхорию дилсӯзӣ аз таъқиби ҷавони мусалмон раҳо карда дар хонааш ҷой медиҳад, Самла мебинад, ки ин ҷавони ҳинду барои бадном нашудани ӯ ҳатто хонаашро ба ихтиёраш мегузорад ва худ дар хонаи ёру дӯстон сарпаноҳ меёбад. Оҳиста-оҳиста муносибати онҳо самимӣ мешавад ва Самларо назди аҳли деҳа ҳамсари худ эълон мекунад.

Симои Тара - қаҳрамони романи «Одами дар баҳр гумшуда»-и Камлешвар низ хеле ҷолиб аст. Оилаи онҳо деҳаи худро тарк карда, бо умеди беҳтар намудани зиндагии худ ба шаҳр меоянд. Вале бо тезӣ мефаҳманд, ки дар маҷрои шаҳр чунин оилаҳои камбизоат ҳатто ҳастии худро гум мекунанд. Ба сарвари оила Шямлал бо сабаби солхӯрда буданаш ҷойи кор ёфтан мушкил буд. Дар ин маврид ба Тара муяссар мешавад, ки бар ивази чил рупияи моҳона дар меҳмонхонаи «Пайтарн ҳаус», ки хӯҷаинаш Ҳарбанс ном марде буд, ба ҳайси хизматгор ба кор шурӯъ кунад ва бо ин роҳ мушкилоти иқтисодии оилаи худро каме ҳал мекунад. «Гӯё талаботи хона танҳо ба моҳонаи чил рупия бошад… Ҳамин тариқ, бо сабаби кам будани пул тамоми хонадон ба нестӣ мерасид» [4, 11]. Тара дар баробари нигаҳдории хона харҷи хониши бародару хоҳарашро низ ба уҳда мегирад. Ӯ хоҳарашро ба курси ҳамшираҳои тиббӣ раҳнамоӣ мекунад: «Имрӯзҳо ба ҳамшираҳои тиббӣ талабот зиёд аст. Пас аз хатм кардан, дар ҳар ҷо кор пайдо карда метавонӣ» [4, 40]. Тара мехост, ки хоҳару додараш ба по хезанд. Ин духтари меҳнатдӯст ва ғамхор на танҳо оиларо нигоҳубин мекард, ӯ бо ҷавони ҳамсоли худ Ҳарбанс дил бохта, бидуни маҳр (ҷиҳозе, ки ба падари домод дода мешавад) бо ӯ хонадор мешавад. Вай ҳамчун духтар маҳрпулӣ надодааст. Ӯ аз аввал то охири зиндагӣ дастёри шавҳараш мешавад.

Камлешвар дар романҳояш нуқтаи назари худро нисбат ба занҳои босавод ва озод баён карда, соҳибҳуқуқии онҳоро тавсиф кардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Камлешвар. Кали андҳӣ (Гирдбод) / Камлешвар. – Деҳлӣ: Раҷпал енд санс, 2003. – 120 с.
2. Камлешвар. Самагра упаняс (Маҷмӯаи романҳо) / Камлешвар. - Деҳлӣ. - 625 с.
3. Камлешвар. Китне Пакистан (Покистонҳо) / Камлешвар. – Деҳлӣ: Раҷпал енд санс, 2004. - 363 с.
4. Камлешвар. Самудра мен кҳоя ҳуа адмӣ (Одами дар баҳр гумшуда) / Камлешвар. -Деҳлӣ, 1984. - 210 с.
5. Камлешвар. Қаҳрамонҳои ҳикояи нав (Камлешвар. Наӣ каҳанӣ ке наяк) / Камлешвар; муҳаррир Ачаря Сартҳӣ «Румӣ». – Деҳлӣ: Ману Пракашн. - 296 с.
6. Шофакирова Р.М. Образ женщины-матери в "Шахнаме" Фирдоуси: дис…канд.филол.наук / Р.М. Шофакирова. - Душанбе, 2004. - 160 с.

ОПИСАНИЕ ОБРАЗА ЖЕНЩИН В РОМАНАХ КАМЛЕШВАРА

В современном обществе вопрос женщины считается одной из главных проблем, который привлекает внимание не только ученых, но и является большой гендерной проблемой, привлекшее внимание государственных и негосударственных учреждений.

Женщины выступают в роли главных героинь произведений писателей хинди с древних времен и до наших дней.

Один из знаменитых писателей современной литературы хинди Камлешвар в своих романах с нежностью рассказывая об индийской женщине, также старается описать их жизнь с различных сторон. В его романах в главной роли выступают грамотные и просвещенные женщины, такие как Малти героиня романа «Смерчь» («Кали андхи»), героиня романа «Третий человек» («Тисра адми»), Самла - «Пакистаны» («Китне Пакистан»), Тара - «Человек, затерявшийся в океане» («Самудра мен кхоя хуа адми»).

Ключевые слова: женщина, образ, литература, хинди, роман, грамотная, общество, современный, писатель.

DESCRIPTION OF THE IMAGE OF WOMEN IN THE NOVELS KAMLESHVAR

In the modern society, the question woman is considered one of the main problems, which attracts not only scientists, but also a big gender issue that has attracted the attention of state and non-state institutions.

Women act as the main heroines of works by writers from Hindi since ancient times till present day.

One of the most famous writers of modern Hindi literature were Kamleshvar in his novels fondly talking about Indian woman, also tries to describe their life on different sides. In his novels starring act educated and wise women such as Multi heroine of the novel " Death", the heroine of the novel "The Third Man" Samlah novel "Pakistan", Tara - "Man, lost in the ocean".

Key words: woman, image, literature, Hindi, novel, literate society, modern, writer.

Сведения об авторе: ***М.А. Нурова*** – кандидат филологических наук, доцент, заведующая кафедрой индийской филологии ТНУ

МУҚОИСАИ СОХТОРИИ ДОСТОНҲОИ «ИСКАНДАРНОМА»-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ ВА «ХИРАДНОМАИ ИСКАНДАРӢ»-И АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

С. Дурманова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Искандар дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ яке аз симоҳои барҷастаи таърихсоз ба ҳисоб меравад. Дар бораи корнамоию ҷаҳонгардӣ ва муборизаю қаҳрамониҳои ин симои таърихӣ адибони зиёде асарҳо офаридаанд. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ низ дар пайравии гузаштагони худ чун «Искандарнома»-и Низомӣ ва «Оинаи Искандарӣ»-и Амир ХусравиДеҳлавӣдостони «Хирадномаи Искандарӣ» таълиф кардааст, ки мутобиқан бо онҳо панҷумин достони «Ҳафт авранг» мебошад. Аз ин устодони гузашта ба некӣ ёд намуда, Ҷомӣ дар фасли даҳуми «Хирадномаи Искандарӣ» чунин менависад:

Низомӣ, ки устоди ин фан вай аст,
Дар ин базмгаҳ шамъи равшан вай аст.
Зи вайронаи Ганҷа шуд ганҷсанҷ,
Расонид ганҷи гуҳарро ба панҷ.
Чу Хусрав ба он панҷа ҳампанҷа шуд
В-аз он бозуи фикрataш ранҷа шуд,
Кафаш буд аз он гуна гавҳар тиҳӣ,
Диҳиш сохт, лек аз зари даҳдаҳӣ.
Зар аз сим агарчанд бартар бувад,
Басе камтар аз дурру гавҳар бувад…
Чу ин чор шуд табъи ман комёб,
Кунун оварам рӯ ба панҷум китоб.
Ба як силк хоҳам, ки гавҳар кашид,
Хирадномаҳо, к-аз Сикандар расид [2, 245-246].

Чунонки дида мешавад, таваҷҷуҳи Ҷомӣ ба Низомӣ бештар буда ва Амир Хусравро эътироф карда бошад ҳам, «Хамса»-и ӯро «басе камтар аз дурру гавҳар»-и Низомӣ донистааст.

Вазни достони «Хирадномаи Искандарӣ» ҳам чун анъана бар баҳри Мутақориби мусаммани мақсур / маҳзуф аст, ки арконаш ба фаъӯлун, фаъӯлун, фаъӯлун, фаъӯл/ фаъал баробар мебошад.

Бо вуҷуди он ки «Хирадномаи Искандарӣ»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ дар пайравии достони Низомӣ ва Амир Хусрав навишта шуда ва муаллиф дар мавзӯъ, вазн ва шакли достонсароӣ /маснавӣ/ ба талаботи назирасароӣ риоя кардааст, асари ӯ тамоман дигар мебошад.

Аз ин рӯ, хусусиятҳои сохтории ин маснавиҳоро ба таври муқоисавӣ аз назар мегузаронем.

Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки достони «Хирадномаи Искандарӣ» нисбат ба достони «Искандарнома»-и Низомӣ ҳаҷман хеле хурд буда, он вусъати амалиёт ва нақли воқеаҳо, ки дар «Искандарнома» ҳаст, дар достони Ҷомӣ ба назар намерасад. Агар дар «Искандарнома» амалиёти Искандар ва саргузашти ӯ муфассал нақл ёфта ва асоси достонро ташкил карда бошад, дар «Хирадномаи Искандарӣ» ин тафсилот ҷой надошта ва образи Искандар танҳо чун воситае барои ифодаи афкори тарбиявӣ-ахлоқӣ ва фалсафии Ҷомӣ хизмат кардааст.

Табиатан, Абдурраҳмони Ҷомӣ ашъори панду ахлоқӣ ва ҳикматомезро писандида ва ба қиссаву «афсонахонӣ» майл надоштааст. Ба исботи ин даъвӣ чунин далеле овардан мумкин аст, ки Ҷомӣ маснавии «Ҳафт пайкар»-и Низомиро, ки саршори қиссаву афсонаҳост, ҷавоб нагуфта ва ба ҷойи он маснавии ахлоқӣ-фалсафии «Субҳат-ул-аброр»-ро сурудааст. Аз ин хусус худи Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Хирадномаи Искандарӣ» чунин менависад:

…Хираднома з-он ихтиёри ман аст,
Ки афсонахонӣ на кори ман аст.
Зи асрори ҳикмат сухан рондан,
Беҳ аз қиссаҳои куҳан хондан.
Зи Баҳроми Гӯраш нарондам сухун,
Накиштам ба боғи худ он сарвбун.
Чу меъмории умр шуд хоктӯд,
Зи меъмории «Ҳафт пайкар» чӣ суд?!..
Шудам аз дигар баҳр гавҳарфишон
В-аз он кардам аброрро сабҳахон…[2, 246-247].

Албатта, ин хусусияти фардияти эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ ба сохти композитсияи достонҳои ӯ, аз ҷумла ба маснавии «Хирадномаи Искандарӣ» бетаъсир намондааст.

Маснавии «Искандарнома»-и Низомӣ аз ду қисмат-«Шарафнома» ва «Иқболнома»-иборат буда, тахминан 10520 байтро дар бар мегирад. «Хирадномаи Искандарӣ»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бошад ҳамагӣ 2 315 байт дорад.

Миқдори бобҳои муқаддимавии анъанавӣ, ки хоси шакли достонсароии адабиёти классикии форсу тоҷик буда, дар оғози достонҳои «Искандарнома» ва «Хирадномаи Искандарӣ» ҳам омадаанд, хеле гуногун буда, аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Дар қисмати аввали достони «Искандарнома» - «Шарафнома» баъд аз бобҳои анъанавии тавҳид, муноҷот, наът ва меъроҷи пайғамбар бобе дар собиқаи назми китоб омадааст, ки бо ҳикояти тамсилие ба охир мерасад. Дар оғози ҳар фасл соқинома ва андарз ҷой дода шудааст.

Ин ҷо бояд қайд кард, дар қисмати дувум–«Иқболнома» низ бобҳои тавҳид, муноҷот, наът ва мадҳ ҳам оварда шудаанд. Дар ин қисмат ба ҷойи соқинома муғаннинома ва ба ҷойи андарз афсона омадааст.

Дар боби дигар Низомӣ аз хубиҳои айёми ҷавонӣ ёд карда ва аз азоби пирию аҳволи вазнини худ шикоят намудааст. Ин гуна фикрҳо дар «Хирадномаи Искандарӣ» ҷой дошта бошанд ҳам, Ҷомӣ ба онҳо боби алоҳидае набахшидааст.

Дар ду боби баъдина Низомӣ аз аҳамияти махсуси «Искандарнома», бартарии он аз дигар достонҳояш ва таълими Хизр, ки гӯё маҳз ба навиштани ҳамин достон талқин карда бошад, сухан меронад.

Маро Хизр таълимгар буд дӯш,
Ба розе, ки н-омад пазирои гӯш.
Ки «эй ҷомагихори тадбири ман,
Зи ҷоми сухан чошнигири ман..
Ту гавҳар кан аз кони искандарӣ,
Сикандар худ ояд ба гавҳархарӣ». [7, 60-61].

Пас аз мадҳи Нусратуддин Абӯбакр /1191-1200/, ки мамдӯҳи Низомӣ аст, дар ду боби баъдина шоир таърихи ҷаҳонгирӣ ва корномаҳои Искандарро барои осонтар аз худ кардани мазмуни достон [7, 64-66] дар боби алоҳидае мухтасар баён месозад. Боби дигар боз дар сабаби назми китоб буда, дар он шоир ҳамаи достонҳояшро баён кардааст. Ба ин мазмун, Ҷомӣ дар боби даҳуми достони худ сухан рондааст.

Бояд қайд кард, ки мадҳи малик Изудуддин Масъуд ибни Арслон дар қисмати дуюми достон «Иқболнома» дар охири достон, пеш аз фасли «Анҷомиши «Иқболнома» омадааст. Бо ҳамин бобҳои муқаддимавии «Шарафнома» ба охир расида ва асли достон оғоз меёбад.

Бобҳои муқаддимавии маснавии «Хирадномаи Искандарӣ» нисбатан дигар хел таркиб ёфтаанд.

Пас аз бобҳои тавҳид, муноҷот ва меъроҷ мадҳи хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор ва Султон Ҳусейни Бойқаро омадааст [1, 917-920]. Дар боби баъдина Ҷомӣ ба саволи чаро дуои аксари мазлумон бечавоб мемонад, чунин ҷавоб медиҳад: фақат дуои ҳамон кас мустаҷоб аст, ки худ ситам бар касе ё чизе раво надида бошад, вале дар амал чунин шахсон хеле кам вомехӯранд. Ин боб бо муроҷиат ба соқию мутриб ба охир мерасад. Якҷоя омадани муроҷиат ба соқию мутриб дар достонҳои Амир Хусрав ва Ҷомӣ ба он далолат мекунад, ки онҳо достонҳои худро пайванди ҳарду қисмати маснавии Низомӣ ҳисобидаанд. Дар достони Низомӣ Дар қисмати аввал соқинома ва дар қисмати дувум муғаннинома

Боби баъдинаи «Хирадномаи Искандарӣ» дар насиҳати фарзанд омадааст. Дар «Искандарнома» бошад, боби насиҳати фарзанд дар охири китоби «Шарафнома» оварда шудааст.

Дар боби таваккул вобаста ба таълимоти фалсафаи нақшбандӣ Ҷомӣ менависад, ки инсон набояд ба умеди худо шуда аз ҷустуҷӯйи ризқи худ даст кашад. Вале талаби рӯзӣ инчунин набояд мақсади асосии ҳаёти инсонро ташкил кунад. Дар ҳикояти тамсилии баъди аз боб овардашуда нақл карда мешавад, ки чӣ тавр шахсе аз корвон ҷудо шуда, ба саҳрое меафтад ва дар он ҷо пиразанеро дучор меояд, ки ғизояш калтакалосу мори хушкида буд. Ба саволи он ки чаро ӯ майли шаҳр намекунад, пиразан чунин ҷавоб медиҳад:

Бигуфто, ки ҳар ҷо ки шаҳру деҳ аст,
Яке сифла бар халқ фармондеҳ аст.
Қаноат намудан ба нокому ком,
Бад ин ногувор обу нохуш таом.
Аз он беҳ, ки баҳри шикам бихраде,
Бувад зери фармони ҳамчун худӣ [1, 925].

Дар боби баъдӣ, ки ба сабаби назми китоб бахшида шудааст, Ҷомӣ ба эҷодиёти гузаштагони худ- Низомии Ганҷавӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ баҳои баланд дода, дар пайравии онҳо эҷод кардани маснавиёти худро зикр мекунад:

Кунун кардаам пушти ҳиммат қавӣ,
Диҳам маснавиро либоси навӣ.
Куҳан маснавиҳои пирони кор,
Ки мондаст аз он рафтагон ёдгор.
Агарчи равонбахшу ҷонпарвар аст,
Дар ашъори нав лаззати дигар аст.
Ба чандин ҳунар пир оростаст,
Вале на чу хубони навхостаст.
Дили навниёзони кӯйи умед,
Хати сабз хоҳад, на мӯйи сафед [5, 245].

Дар ҳикояти тамсилии дар анҷоми ин боб омада гуфта мешавад, ки набояд ба умеди нася шуда, чизи нақдро аз даст дод.

Бо ҳамин қисмати муқаддимавии «Хирадномаи Искандарӣ» ба охир расида, асли достон сар мешавад.

Як хусусияти фарқкунандаи шакли достонҳо дар сохти бобҳои ҷудогона зоҳир мешавад. Дар қисмати аввал – «Шарафнома» бобҳо номи муайян надоранд, чунки дар чопҳои гуногуни ин асар онҳо аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд. Гуфтан мумкин аст, ин сарлавҳаҳо аз тарафи котибони баъдина гузошта шудаанд. Дар қисмати дуюм, яъне «Иқболнома» бошад, афсонаҳои овардашуда унвонгузорӣ шудаанд. Ба монанди «Афсонагӯйии шубон», «Афсонаи Аршимедис бо канизаки чинӣ», «Афсонаи Морияи Қибтия», «Афсонаи хуросонӣ ва фиреб додани халифа», «Афсонаи нонвои бенаво ва тавонгарии вай ба толеи писар»ва ғайра [8, 551-556].

Дар «Хирадномаи Искандарӣ» сарлавҳаи бобҳо бо забони содаву равшан навишта шуда, аз онҳо маънои мухтасари ҳар бобро пай бурдан мумкин аст. Ин хусусият бештар дар сарлавҳаи ҳикоятҳои тамсилӣ ба назар мерасад. Чунончи: «Ҳикояти он ход, ки гӯш ба афсонаи ғук ниҳода ва накд ба умеди нася аз даст дод», «Муоразаи ҳаким ва лаиме, ки сурати ин чун сирати он ороста буд ва сурати он чун сирати ин пироста», «Ҳикояти он шутур, ки ба машварати рӯбоҳ дар об хусбид ва ба охир бори вай гаронтар гардид» [5, 247-252, 263] ва ғайра.

Ҳар боби маснавии Низомӣ ба чунин қисматҳо тақсим мешавад:

1) соқинома (дар қисми дуюм-муғаниннома);
2) қисмати муқаддимавӣ, ки бештар характери пандуахлоқӣ дорад;
3) қисмати асосӣ, ки аз саргузашти Искандар нақл мекунад;

4) дар қисмати хотимавӣ нолидани Искандарус ба марги падар, анҷоми рӯзгори ҳакимон, анҷоми рӯзгори Низомӣ омадааст.

Сохти бобҳои ҷудогонаи «Хирадномаи Искандарӣ» ба тариқи зайл аст:

1) сарлавҳаи боб, ки маънои мухтасари онро ифода мекунад;

2) қисмати асосӣ, ки лаҳзае аз ҳаёти Искандарро дар бар мегирад;

3) ҳикояти тамсилӣ, ки аксар ба тақвияти байтҳои охири боб омадааст;

4) муроҷиат ба соқию мутриб;

5)дар қисмати хотимавӣ нудбаи даҳ ҳаким ба баъди марги Искандар ва таъзияи гуфтани панҷ ҳаким модарашро, узр хостани модари Искандар аз ҳакимон ва таъзияномаи Арасту ба модари Искандару ҷавоби модар ба Арасту овада шудааст.

Низомӣ дар «Искандарнома» баъзан, аз ҳикоятҳои тамсилӣ истифода намудааст, ки ба тасдиқи ин ё он фикр омадаанд. Вале дар достон нақшаи муайяне дар истифодаи ин ҳикоятҳо вуҷуд надошта ва онҳо ягон хусусияти шаклсозиро иҷро накардаанд. Дар маснавиҳои Амир Хусрав ва Ҷомӣ бошад ҳикоятҳои тамсилӣ узви ҳатми ҳар боб ба шумор рафта, нақши муайяне дар барқарор шудани шакли он бозидаанд. Ҳикоятҳои тамсилӣ дар «Хирадномаи Искандарӣ» дар анҷоми хирадномаҳои ҳакимон ҳам, ки ба саргузашти Искандар алоқаи бевосита надоранд, оварда шудаанд.

Агар дар манзумаи Низомӣ равияи достонсароии Фирдавсӣ давом ёфта ва оҳанги қаҳрамонӣ пурқувват бошад, дар достони Ҷомӣ диққати асосӣ ба гуфтаҳои ҳикматомези ҳакимон-ба хирадномаҳо равона карда шудааст.

Дар қисмати дуюми «Искандарнома»-и Низомӣ хирадномаҳои Арасту, Афлотун ва Суқрот оварда шудааст, вале дар достони Ҷомӣ ба онҳо хирадномаҳои Буқрот, Файсоғурас, Асқалибус, Ҳармис, Искандар ҳамроҳ карда шудааст, ки масъалаҳои зиёди пандуахлоқиро оид ба тарзи мамлакатдорӣ, одобу рафтори инсон дар ҷамъият, сифатҳои шоҳи одил, масъалаҳои маргу зиндагӣ, офариниши олам ва ғайра дар бар гирифтаанд. Аз ин қиёс метавон мактубҳои модари Искандар, Арасту, суҳбати шогирдони Арасту, мубоҳисаи бараҳманҳои ҳинд, ҷавобҳои мардумони покизарӯзгор, насиҳатҳои фариштаи кӯҳи Қоф ва нудбаи ҳакимонро дар марги Искандар ба ҳамин гурӯҳ дохил намуд.

Як хусусияти фарқкунандаи достонҳо дар тасвири образҳои бадеӣ зоҳир мешавад. Низомӣ образи Искандарро мувофиқи идеалҳои иҷтимоию инсондӯстии худ дар се нақша: Искандар - кишваркушо, Искандар - ҳаким ва Искандар – пайғамбар офаридааст. Алоқамандона бо ин мақсаду вазифаҳо маснавии Низомӣ ба се қисмат тақсим мешавад.

Дар достони Ҷомӣ консепсияи умумии Низомӣ оид ба Искандар риоя шуда бошад ҳам, он се қисмати маснавии ӯ дида намешавад. Дар хусуси даврaҳои ҳаёти Искандар бошад, мо на аз гуфтаҳои бевоситаи Ҷомӣ, балки аз оҳанги баёни ӯ хабардор мешавем.

Забони маснавии Ҷомӣ ҳам восита ба системаи муайяни ақидаҳояш, ба нақшу вазифаи забони адабӣ дар ҷамъият доштааш, аз забони достони Низомӣ фарқ мекунад. Бар хилофи забону услуби душворфаҳми «Искандарнома»-и Низомӣ, ки аз калимаҳову иборoти арабӣ ва истилоҳоти илмии фаровон истифода намудааст, достони Ҷомӣ хеле равону сода аст.

Ниҳоят, ба суханони Е.Э Бертелс метавон гуфт, ки «назираро тақлид гуфта, тасаввур кардан чи тавр нодуруст аст, чунки моҳияти асосии ин ҳодиса дар тақлид набуда, балки ба он навоварӣ вобаста аст, ки шоир ба мавзӯъ дохил мекунад. Ба замми ин, ин тағйирот комилан ва аксар вақт ба дигаргун шудани тамоми консепсия гирифта мебарад» [6, 363].

Табиатан адиби навовар будани Абдурраҳмони Ҷомиро таъкид намуда, Абдунабӣ Сатторов, донишманди варзида ва муҳаққиқи осори шоир дар ин бора чунин менависад: «Навоварии ӯ (Абдурраҳмони Ҷомӣ) ҳам дар маънӣ ва мазмунҳои тозаву неки осори гаронбаҳои адабӣ ва ҳам дар шакли муносибу зебои онҳо зуҳур кардааст» [3, 88]. Дурустии ин мулоҳиза дар мисоли маснавии «Хирадномаи Искандарӣ» ба куллӣ тақвият меёбад.

Ҳамаи ин хусусиятҳои шакливу бадеии достони «Хирадномаи Искандарӣ» нишон медиҳад, ки Абдурраҳмони Ҷомӣ дар эҷоди маснавии мазкур дар банди тақлиди пешгузаштагони худ намонда, суннатҳои достонсароиро эҷодкорона аз худ кардааст ва чӣ дар шакл ва чӣ дар мазмун навовариҳо намудааст.

Бар хилофи маснавии «Искандарнома», ки оҳанги пурқуввати қаҳрамонӣ дорад, фикрҳои пандуахлоқӣ дар «Хирадномаи Искандарӣ» мавқеи ғолибиятро соҳибанд, оид ба корҳои мамлакатдорӣ, муомилаву рафтор, аҳамияти хирад, бо дониш боз шудани мушкилоти инсонӣ, аз муҳити одамони бад дур будан, ба

дармондагон кӯмак расондан, зидди ситамкорӣ, аҳамияти адлу дод, ба ҳалли ҳар кор бо аҳли он қадам ниҳодан, зидди ҳирс, тамаъ ва ғайра як миқдор пандҳои ҳикматомез дида мешавад. Ин махсусиятҳо аз ҷаҳонбинӣ, истеъдод ва табъи мустақилу навҷӯйии Абдурраҳмони Ҷомӣ гувоҳӣ медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Маснавиҳои «Ҳафт авранг» / Абдурраҳмони Ҷомӣ; тасҳеҳи Муртазо Мударриси Гелонӣ. – Теҳрон, 1385. - 1049 с.
2. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор / Абдурраҳмони Ҷомӣ. - Душанбе: Ирфон, 1964. - Ҷ. 5. – 358 с.
3. Абдунабӣ Сатторзода. Афкори адабӣ ва эстетикии Абдурраҳмони Ҷомӣ / Абдунабӣ Сатторзода. - Душанбе, 1975.
4. Афсаҳзод А. Рӯзгор ва осори Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Афсаҳзод. - Д.: Дониш, 1981.
5. Афсаҳзод А. Ҷомӣ – адиб ва мутафаккир / А. Афсаҳзод. - Душанбе: Ирфон, 1989.
6. Бертельс Е.Э. Низами и Фузули / Е.Э. Бертельс // Изб. Труды. - Москва, 1962. - 533 с.
7. Бертельс Е.Э. Роман об Александре и его главной версии на Востоке / Е.Э.Бертельс // Изб. Труды. Навои и Джами. - М., 1965. - С.363.
8. Низомии Ганҷавӣ. Куллиёт / Низомии Ганҷавӣ. - Душанбе: Ирфон, 1984. - Ҷ.4. – 495 с.
9. Низомии Ганҷавӣ. Хамса / Низомии Ганҷавӣ: таҳияи матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ва Мубашшир Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2012. – 672 с.

СТРУКТУРНОЕ СРАВНЕНИЕ ПОЭМ «ИСКАНДАРНАМЕ» НИЗАМИ ГЯНДЖЕВИ И «ХИРАДНАМЕ ИСКАНДАРИ»АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ

«Искандер-наме» гениального азербайджанского поэта Низами Гянджеви наиболее крупное произведение поэта и его наиболее значительный вклад в сокровищницу мировой литературы. В ней нашли самое полное и яркое выражение общественные и философские взгляды поэта, его блестящее поэтическое мастерство. 'Искендер-наме' является одним из непревзойденных произведений мировой литературы.

В своей поэме «Хирадname Искандари» Джами рассматривает мудрое царствование и идеи мудрого шаха. Мудрое правление характеризуется Джами как основание для всестороннего воспитания царенаследника, умелого подбора чиновников на основе их деловых качеств, всемерной заботе о народе, защита малоимущих, проведение политики служения интересам подданным.

Ключевые слова: «Искандер-наме» Гянджеви, «Хирадname Искандари» Джами, совершенный человек, справедливость, благородство, великодушие, снисходительность.

STRUCTURAL COMPARISON OF POEMS "ISKANDARANI" NIZAMI GANJAVI AND HERDNAME ISKANDARI"ABDURRAHMAN JAMI

"Iskander-nameh" genius Azerbaijani poet Nizami Ganjavi the major work of the poet and his most significant contribution to the Treasury of world literature. It found the most complete and vivid expression of social and philosophical views of the poet, his brilliant poetic skill. 'Iskender-name' is one of the unsurpassed works of world literature.

In his poem "Herdname Iskandari" Jami considers wise reign and ideas wise Shah. Wise leadership is characterized by Jami as the basis for a comprehensive education of catenalenta, skillful selection of officials on the basis of their merit, comprehensive care for people, protection of the poor, the policies serve the interests of the subjects.

Kev words: Iskander-nameh" Ganjavi, "Herdname Iskandari" Jami, a perfect man, justice, nobility, generosity, Forbearance.

Сведения об авторе: ***С. Дурманова*** – соискатель Таджикского национального университета

РӮҲИЯИ ИРФОНИИ ШЕЪРИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

К. Қодиров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Барҷастатарин васоил ва авомили ирфон шеър аст, ки мавриди таваҷҷуҳи бузургони ирфон қарор гирифтааст. Пешвоёни ирфон ба мавзӯи муҳаббат ва ишқ пардохтанд ва шеърро дар ривоҷи он ба дараҷаи комил расониданд. Вақте ки орифон ба мавзӯи муҳаббат ва ишқ пардохтанд, шеър нақши муҳимтареро дар ин мавзӯъ гирифт ва ирфон такомул ёфт. Ирфон дар таҳаввулот ва такомули шеър низ нақши муҳим доштааст.

Орифи аҳли дил ва соҳибзавқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ пайваста дар фазои хаёлот ва эҳсосот шеъри хешро тавонист бо беҳтарин зебоӣ эҷод кунад. Шеъри ирфонии ӯ бо шӯру шавқ асбоби муҳим дар пешрафти ирфон гашт. Дар ашъори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ миёни шеър ва ирфон робитаи муштараки маънавӣ ба миён омад.

Дар ин робита, дар шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мафҳум, истилоҳоту луғатҳо ба вуҷуд омаданд. Истилоҳоти истифодакардаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳар кадом маънои ирфонӣ дошта, ба маънии махсус истифода карда шудаанд, зеро ӯ он мафҳумҳои зебои ирфониро, ки манзури ӯ буд, ба мардум ошно

сохт. Худи ӯ низ мақсаду манзураш аз он луғат ва истилоҳот хирадмандона сухан гуфтан буд, то ин ки дар гуфтаҳои хеш калимоти маъмули толибон ва соликонро қарор диҳад:

Ҳар он ҷон, к-аз ғамаш бар вай рақам нест,
Надимаш дар ду олам ҷуз надам нест.
Диле, к-аз дарди ӯ дармон насозад,
Вуҷуди ӯ ба маънӣ ҷуз адам нест.
Саре, к-аз сирри маънӣ бохабар шуд,
Дар ӯ ғунҷоиши шодию ғам нест.
Ҷаҳон аз акси рӯяш гашта равшан,
Агар он гаҳ набинад, ҳеҷ ғам нест,
Ту марҳам нестӣ маҳрум аз онӣ,
Раҳи номаҳрамон андар ҳарам нест.
Ҳиҷоби туст ин ҳастии мавҳум,
Ки ҳаргиз нур бо зулмот ба ҳам нест.
Чу дар дарёи ваҳдат гум нагаштӣ,
Аз онат дурри ирфон дар шикам нест.
Агар фонӣ шавӣ дар баҳри тавҳид,
Аён бинӣ, ки он ҷо кайфу кам нест…
Ба ҷуз ҳиммат наёбад роҳи мақсуд,
Ҳумон ҳиммати онҷо муттаҳам нест.
Алӣ, чун ҳиммати олӣ надорӣ,
Туро коме зи кӯяш лоҷарам нест [1].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ рӯҳияи ирфониро дар шеър рушд дод, ки баъдҳо пайравони ӯ мисли Ҳайдари Бадахшӣ, Мавлоно Ҷаъфари Бадахшӣ, Қивомуддини Бадахшӣ, Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ, Хоҷа Ҳусайни Хатлонӣ ва дигарон таронаҳо ба манзур ва усули ирфонӣ эҷод карданд ва орифоне ҳастанд, ки назариёти худро ба суруди ишқу муҳаббати илоҳӣ суруданд.

Шогирдон ва пайравони Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барои мо ашъор ва таронаҳое гуфтанд, ки танҳо дар Қуръону ҳадисҳое, ки дар онҳо ниёзу муноҷот мавриди таваҷҷуҳ буд. Шеъри онҳо ба баёни онҳо дар муноҷот ба даргоҳи худованд ба сурати ғазал ва тарона аҳволи обидон ва зоҳидонро тараннум кардааст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ чунин мегӯяд:

Эй зи хубон ҳамагӣ орази моҳат асбаҳ,
Зи намакдони лабат ҳусни накӫён амлаҳ.
Чист қавсайни ду абрӯи ту? Меҳроби суҷуд,
Маҳи ид аст, ки ҳам гашта ва ё қавси кӯзаҳ?
Мусҳафи рӯйи ту аз сархати эъҷоз саҳеҳ,
Сафҳаи синаат аз нашраҳи оёт асаҳ.
Дили ҳар мондадилеро зи хаёли ту сурур,
Дами мотамзадаро ёди висоли ту фараҳ.
Ба маҷомеъ шумор хулқи ҷамилат мазкур,
Адади хулқи ту дар ҳалқаи малкут сабаҳ.
Ями илмат ки муҳитест саросар амвоҷ,
Ба лаби ташналабон қатрае з-он карда рашаҳ.
Набувад дар сафи маҳшар, чу нагирӣ моро,
Дигаре ҳамчу ман андар амалу чеҳра фатаҳ.
Падару модари ақлу ҷасаду рӯҳи равон,
Ба фидои қадамат ноқасвори абтаҳ.
Синаи Ҳоҷӣ, ки барбаста чу матнест матин,
Шореҳи садр туйӣ қул рабби ё садр уш-шараҳ.

Намунаи бисёреро аз ин гуна ашъори ирфонии Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлониро метавон мушоҳида кард, ки маърифати илоҳиро тасвир кардааст ва ҳар қадар ба ваҳдати вуҷуд наздик гардидааст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ сабки хоси ирфонӣ дорад, ки ба худ машҳур аст ва ҳадафу мақсадаш ишқу муҳаббат ба Худоаст. Дар ашъори ӯ агар кӯҳу дашту даман, гиряи абр ва хандаи гул, осмон ва хуршед ва моҳу ситора ишора шуда, ё рӯйи зебои маҳваш ситоиш ёфта бошад, онҳо ишороти ирфонианд,- онҳо вориди қалбанд ва бояд, ба ботини онҳо таваҷҷуҳ кард.

Ғазал ва рубоиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ лутф ва зебоӣ, маънӣ ва вижагиҳо дорад, аз амиқтарин ашъори орифона аст. Дар чилу як ғазал ва нуҳ рубоӣ чун аз худ боқӣ гузоштааст, ба илми ирфон ва завқ ба Худо навишта шудаанд. Дар ин маҳсули ашъори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ истилоҳоти ирфонӣ фаслу шарҳ дода шудаанд:

Арбоби завқ дар ғами ӯ орамидаанд
В-аз шодиву наими ду олам рамидаанд.
Ҳурони хулдро ба пашизе намехаранд,
То аз мисоли ҳусни ту рамзе шунидаанд.
Полудаи шиканҷаи ишқанд, аз он сабаб
З-олудагӣ ҷифаи дунё буридаанд,
Мурғони ишқро ба ду қавн илтифот нест
Чун дар фазои шавқи ту рӯзе паридаанд.
Аз завқи хонақоҳи сувар, хирқаи вуҷуд
Бар торуми ҳазоири қудсӣ кашидаанд.
Аз нози ёру меҳнати ағёр фориғанд,
Чун дар сародикоти ҷалолат расидаанд.
Дар маҷлиси шуҳуд нишаста мулуквор,
Завқе зи ҷоми унс ба сад ҷон харидаанд.
Бар бӯйи меҳри туст, Алоӣ, раҳини ғам,
К-ин давлат аз ғазал ба гилаш дардамидаанд.

Ғазалиёт ва рубоиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ адёни равшангарӣ ва пурмаънӣ дар бар доранд, ҷаҳд ва шӯри ғаноӣ доранд. Шеъри ғаноии ӯ маҳмили бехтар барои эҳсоси ирфонӣ аст. Дар шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мавзӯи ваҳдати вуҷуд, вуҷуди Ҳақ мавқеи хос дорад:

Қиблаи дил офтоби рӯи ӯст,
Каъбаи ҷон хоки роҳи кӯи ӯст.
Чун зи зулфаш ғашт олам мушкбӯй,
Дӯстии ину он бар бӯйи ӯст.
Куфру дину нури зулмот дар ҷаҳон,
Аз рухи моҳи шаби гесӯи ӯст...

Таносуби ваҳдату касрат, пайдоиши маротиби вуҷуд аз зоти воҳид, ки пероҳани нафиси шеъри Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аст, мавзӯи табдили ваҳдатро ба касрат ифода кардааст ва касратро аксу сояи ваҳдат мепиндорад:

Аз нафаҳоти қидам ҳазрати асмо кушуд
В-аз насимоти карам сурати ашё намуд.
Меҳри муҳаббат наҳод бар дили аҳли яқин,
Доғи иродат кашид бар рухи габру ҷуҳуд.
Хоки сари кӯйи ӯ шоҳу гадову амир,
Оинаи рӯйи ӯ қавну макони вуҷуд…

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ зимни баёни падидаи мушкилписанди таҷаллӣ, мавзӯи бозгашт аз касрат ба ваҳдат ва шинохту васлрро тарҳрезӣ мекунад. Дар тайи ин раҳи гуногунмақом мавзӯи асосӣ раҳоии руҳиётро аз моддиёт медонад ва дар ғазали «Водии асрор» навиштааст:

Гар насими водии асрор хоҳӣ, тан гудоз
В-ар таҷаллии ҷамоли ёр хоҳӣ, ҷон бибоз.
Тан-т зиндон асту ҷонат банди роҳи ҷони ҷон,
Ҷони ҷон гар боядат, бо банду бо зиндон масоз.
Ҳар чи ғайри ӯст душман дон ту андар роҳи ӯ,
Дар ҳузури душманон, бо дӯст натвон гуфт роз.
Шеваи риндони ин даргоҳ ҷонбозӣ бувад,
Чун ту ин бозӣ надорӣ, дар раҳи ӯ каҷ мабоз.
Пеши борони балои дӯст ҳар к-ӯ сар ниҳод,
Бар фарози торами улвӣ кунандаш сарфароз.
Тоату зуҳду риёиро бар он дар қадр нест,
Туҳфае он ҷо наёбад кас беҳ аз сӯзу гудоз.
Бо ғами ишқаш ту аз лаззоти ҷисмонӣ магӯй,
Бо вуҷуди равзаи ризвон ту аз гулхан маноз.
Файзе аз руҳалқудус гар хоҳӣ андар сирри ҷон,
Маркаби ҳирсу ҳаворо дар пайи ғулон матоз.
Чатри рифъат бар сари кайвон Алоӣ баркашӣ,
Чашми ҳиммат гар аз ин дунон ту бардӯзӣ чу боз.

Дар шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, чизе ки ҳамеша талошу таҷзияу муқовимат мекунад, ишқ аст. Ишқи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ гиёҳест, ки таъсири шомили он ба зебоӣ ва ҳақиқат якдаста шудааст ва маҳзури Ҳақ аст. Ишқ фарогири ҷазбу рушд ва тавлиди ҳама таҷаллиёти гуногун ашақа аст:

Дарди ишқат, ки давои дили шӯридаи мост,
Як сари мӯй аз он ҳар ду ҷаҳон ними баҳост.

Аз сафои ғами ту бебасаронро чӣ хабар?
Қадри ин туҳфа касе донад, к-ӯ аҳли сафост...

Дар ашъори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мавзӯи дарёфту шинохти Ҳақ ғолибан, бо забону ифодаҳои ирфонӣ баён мегарданд. Дар шеъри ӯ истилоҳоти ишқ, ошиқон, кӯй, зулф, ҳусн, оташи ҷон, домони ҳиммат, тири ниёз, тири ишқ, абри ҷон, пойи рифъат, бӯйи ғам ифодаи ишқи ирфонианд. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар пайравии Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ навиштааст:

Аз канори хеш меёбам дамодам бӯйи ёр,
З-он басе гирам ба ҳар дам хештанро дар канор.
Чун миёнашро каноре нест, з-он дар ҳайратам,
К-ончунон нозукмиёне нест доим дар канор.
Не миёнашро каноре, не канорамро миён
В-аз миёни оташи ишқаш намеёбам канор.
Бар канор аст, он ки савдои миёнаш дар сар аст,
Аз миёни он хӯрад, ҳар к-ӯ бад-ӯ шуд бар канор.
Нест касро аз миёнаш ҷуз канор андар ду қавн,
Аз миёни инчунин давлат касе чӯяд канор.
Аз каноре гар Алӣ будӣ, миёнаш ёфтӣ,
Дар хаёли он миён аз хеш гаштӣ боканор.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ишқро ҷамоли Худо медонад ва ҳар он чизе, ки дар олам зоҳири зебоист, партавгузори он Худост ва пайвандаш бо Худо ҳамчунин пайванди нури офтоб бо офтоб аст. Ишқ яке аз усули иттиҳод ва фаност. Ин ишқ ба манзалаи мабдаи ҳаёт аст. Ишқ ба манзалаи шавқ ва толиби ҷовидонагӣ дар мушкилоти гуногун аз тариқи тавлиду офаринишҳо ба фано расидани бақо аст:

Биё, дар ишқ маҳрам бош, зеро
Раҳи номаҳрамон андар ҳарам нест.
Ту ҳамчун қатра аз дарё ҷудоӣ,
Аз онат дурри ирфон дар шикам нест.
Намеёрӣ ба баҳр андохт худро,
Туро дарёи гавҳар лоҷарам нест.
Ба дарёи фано андоз худро,
Ки он ҷо сурати лову наам нест.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки барои шинохти Ҳақ ба ақл назари эътиқод дорад ва ақлро ҳамчун дурахши зиндагӣ, нерӯи олии ҷазб ва беҳтарин асли рушангарӣ медонад. Ишқ ба манзалаи нерӯи кайҳонӣ ва таъсири шомили он ақл ва ба манзалаи ҳаракате ба сӯйи зебоӣ, ки бо хайру ҳақиқат як даста шудааст, маҳзури камол ва висоли олист. Ишқ ба манзалаи майли зоти фард ба ҷовидонагӣ аст. Ишқ дар назари Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ фарогирӣ, ҷазб, рушд ва тавлиди ҳама таҷаллиёт аст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мафҳуми ишқро бо забони дигар баён мекунад. Ӯ мегӯяд, ки ҷамоли тамоми ишқ ёди Худост ва ҳар он чизе ки дар олами зоҳир зебоист, танҳо партавгузорӣ аз ҷамоли ёди Худост ва пайвандаш бо Худо ҳамчун пайванди нури офтоб аст ва бо офтоб аст. Ҷон дар сӯзи ишқи ӯ манзил мекунад ва кӯр аз дидани ҷалолу ҷамолаш бино мешавад. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ғазали «Оинаи ҷамол» менависад:

Сайри ҳумони ишқаш боло бувад ҳамеша,
Зилли ҷалоли ҳукмаш бар мо бувад ҳамеша.
Чун маснади ҷалолаш дилҳои бедилон аст,
Бас шоҳбози ҳуснаш бо мо бувад ҳамеша.
Бӯе зи хоки кӯяш бар ҷони ҳар ки ояд,
Анфоси мушкбораш бӯё бувад ҳамеша
В-он ки амои ғафлат пӯшид чашми сирраш,
Хатти вай аз мусаммо асмо бувад ҳамеша.
Оинаи ҷамолаш чун нури маърифат шуд,
Сирри сафои ориф зебо бувад ҳамеша.
Ҷоне, ки сӯзи ишқаш манзил кунад замоне,
Лаззоти ҷовидонӣ он ҷо бувад ҳамеша.
Ҳар к-ӯ надид рӯяш, кури ду олам омад
В-онро, ки дида шуд ӯ, бино бувад ҳамеша.
Савдоии висолаш шайдон анҷуман шуд,
Дар офтоб зарра пайдо бувад ҳамеша.
Бар даргаҳаш Алоӣ аз мову ман гузар кун,
Зеро ки базми айшаш бе мо бувад ҳамеша.

Ишқи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ як навъи биниши олам ва маншаю мабдаи ҳаёт аст. Ин ишқ ба манзалаи шавқу талаби ҷовидонагӣ дар мушкилоти гуногун, мисли тавлиду офаринишҳо, фикру амали шуҷоатона, ҳидояту саодати мақбулону масъудон аст:

Зи акси рӯйи ту ёбанд мақбулон ҳидоятҳо,
Зи хоки кӯйи ту бинанд масъудон саодатҳо.
Ту он анфоси раҳмонӣ, ки ҷонҳо аз дамат ёбанд,
Ту он дарёи ғуфронӣ, ки мешӯяд хиҷолатҳо.
Қабоҳатҳои феъли мо, ки саг з-он шарм медорад,
Ба ғайр аз пардаи авфат, ки пӯшад он қабоҳатҳо.
Иноятҳои беиллат, ки бо ҳар муфлисе дорӣ,
Тасалло медиҳад дилро умеди он иноятҳо.
Ҳимоятҳои фазл овард ҷонро аз адам берун,
Дигар раҳ чашм медорад фазилат аз ҳимоятҳо.
Ҳумои лутф агар як дам назар бар ҳолам андозад,
Сари ҳар мӯйи ман ёбад аз он давлат кароматҳо.
Зи ҳуснат ҳар касе ҳар дам ҳадисе дигар оғозад,
Рухат гар ҷилвае созад, намонад ин ҳикоятҳо.
Уқули қудсиён чун шуд, ки андар ҳар хами зулфат,
Зи муште хокиён он ҷо чӣ санҷад ин мақолатҳо.
Алоӣ домани ҳиммат агар аз худ барафшонӣ,
Расӣ дар оламе, к-он ҷо набошад ин малолатҳо.

Ашъори ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки мавзӯаш ишқ ба Ҳақ, тавсифи ҷамол ва ҷалоли холиқ аст, бо луғоти хат, хол, чашм, зулф, май ва маъшуқ размри ирфониро баён медорад ва ҷаззобу ваҷҳовар, пурмаънӣ, шӯрангез, оромбахш, мояи таолӣ, рӯҳ ва сайри солик дар саҳрои ҷон ва илми маънию ҳақиқат аст:

Ҳар саҳаргоҳ бӯйи лутфаш ҷон ба боло мекашад,
Сурати мавҳумро хат дар ману мо мекашад.
Соя дар хуршед гум мегардад, эй симурғи фазл,
Золи зорафтодаро аз ту ба савдо мекашад.
Ҷон хиромон мешавад дар ҳавдаҷи ғайби яқин,
Ҳотифи иззат дил аз чоҳи таманно мекашад.
Чун ҳиҷоби мосиво аз дидаи дил дур шуд,
Шабнам аз саҳрои касрат сӯйи дарё мекашад.
Ҷузви кулҷӯёни хокӣ кӯйи он олимақом,
Ҳар ки ёбад накҳате азмаш ба акси мекашад.
Ҳар кӣ дар кӯйи ваҳдат ҷони худро сохт завқ,
Рояти иззу шараф то бар сурайё мекашад.
Абри рӯяш чун нисори файзи раҳмат мекунад,
Хокиёни хастаро дар саффи аъло мекашад.
Зубдаи асрори қавну нақди меъёри вуҷуд
Дар ниҳоди пайкари хокӣ аз он ҷо мекашад.
Чун Алоӣ сайди анқои ҷалолаш гашт аз он,
Бар замираш доғи ашколи муаммо мекашад.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар рисолаи «Машориб-ул-азвоқ» завқи баланди шеъри ирфониро масти баландтар аз фаҳмиши инсонӣ медонад ва дар пораи шеърие ба байти Ҳофизи Шерозӣ «Шароби талх мехоҳам, ки мардафкан бувад зӯраш» майи ваҳдатро сабабгори беҳушии ориф медонад:

Эй соқӣ, аз он май, ки дилу дини ман аст,
Беҳушам кун, ки мастӣ эмини ман аст.
Нафрини ту хуштар аз дуои дигарон,
Зеро ки дуои ғайр нафрини ман аст.

Шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ шахсро ба худшиносию худошиносӣ даъват менамояд ва таъкид мекунад, ки ҳар диле, ки тоқати ғунҷоиши ишқи илоҳиро дорад, дар худ маслаку роёи ростро ҷой медиҳад:

Он дил, ки ёфт як дам аз кӯйи ту нишоне,,
Гардад нисори роҳаш дар ҳар нафаснишонӣ.
Рӯҳониёни улвӣ дар рашку ҳайрат уфтанд,
Чун бедиле нишинад бо ёди ту замоне...

Шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мутмаин ба Қуръон аст, онро роҳнамои худ дар зиндагӣ ва эҷод гирифтааст. Аз ҷумла дар як ғазали маъруф мегӯяд:

Дар ишқи рӯйи ӯ ҳудусу қидам мабин.

Гар солики раҳи ту, вуҷуду адам мабин.
Мардона бигзар аз аҷалу аз абад тамом,
Сирри азал бихону ту лавҳу қалам мабин.
Аз партави ҷамоли ҳақиқӣ бисӯз пок,
Гум гард дар фанову дигар бешу кам мабин.
Ҳар ҳусн як рақам зи китоби ҷамоли ӯст,
Дар дафтари ҷамол ту гум шав, рақам мабин.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ меъёрот ва дастурҳои шеъри ирфониро арзёбӣ мекунад, аз имон ва бовар моя гирифта, аз дили зинда ба ёди Худо нишот кардааст. Ҳама шеъри ирфонии ӯ ёд ва зикри хидмати Худоро инъикос медиҳад:

Субҳи васлам дамад аз машриқи рӯят рӯзе,
Ҷон зи баҳрат шавад андар сари мӯят рӯзе.
Нури хуршеди умедам, ки фурӯ шуд ба ғамат,
Ҳам баромад зи раҳам матлаби рӯят рӯзе...

Шеъри ирфонии ӯ паёми возеҳ дорад, ҳадаф ва ҷиҳатан собит ва равшан аст. Шеъраш дар водии ҳасрат саргардон набуда, бо зиндагӣ, амали инсон сару кор дорад. Аслан, ки ӯ сӯфии покдилу покбоз аст, дар шеъри ирфонии хеш ҷуз мақсади ислоҳталабона ва роҳнамои дигар накардааст. Шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ сарфи хаёлпардозиҳо набуда, дар самти пуразиши мушаххас аст ва дар маҳалли маърифат фуруд омадааст. Ӯ салтанати қоимро дар маърифат медонад:

Ҳаст доим салтанат дар маърифат,
Ҷаҳд кун, то ҳосил ояд ин сифат.
Ҳар кӣ масти олами ирфон бувад,
Бар ҳама халқи ҷаҳон султон бувад.

Дар ашъори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ истилоҳоти субҳи васл, кӯйи шавқ, хоки дар, теғи ишқ, банди фармон, ғамзаи маст, роҳи ишқ, чашми умед, камони абрӯ, дари лутф, шамъи дил ва монанди инҳо мавриди истифода қарор ёфтаанд, ки маънии ирфонӣ доранд. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ин вожаҳои ирфониро ба истифодаи Қуръон ва аҳодиси набавӣ ишора кардааст:

Дил баргирифта аз ин хокдон чу Хизр,
То раҳ ба сӯйи чашмаи ҳайвон ҳамебаранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Ғазалиёт / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Дастхати Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, рақами 546, варақи 373б, 369а-369б, 370б, 377б, 378а, 372б, 376а-376б, 377а, 374а-374б.
2. Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ. Куллиёт / Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ: виростор ва сомондиҳандаи матн Чиллазодаи Теҳрайӣ ва Амирхуҷа Абдураҳимӣ. – Душанбе: «Ирфон», 1988. - С.99.
3. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. «Ҳакимияи Алии Ҳамадонӣ». Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд; таҳия, тасҳеҳ, луғат ва тавзеҳоту сарсухани Моҳирхуҷаи Султонзода / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. - Душанбе: «Ирфон», 1995. – Ҷ.1. - С.37.
4. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. «Рубоиёт ва қитъаот». Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. - Ҷ.1. - С.112.
5. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. «Чиҳил асрор» / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. – Теҳрон, 1997. - С.86.
6. Ҳамон ҷо: - С.53.
7. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. «Машориб-ул-азвоқ». Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. (таҳия, тасҳеҳ, муқобала, ва тавзеҳоту сарсухани Моҳирхуҷаи Султонзода) / Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. – Душанбе: «Ирфон». 1995. - Ҷ.2. - С.141.
8. Насиҳатномаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ / муҳаррири масъул ва муаллифи сарсухан Р.Асозода. – Кӯлоб, 1993. - С.33.
9. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Чиҳил Асрор / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. - Кашмир, 1987.

МИСТИЧЕСКОЕ СОСТАВЛЯЮЩЕЕ ПОЭЗИИ МИР САИДА АЛИ ХАМАДОНИ

В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению мистическое составляющее поэзии великого таджикско-персидского мыслителя Мир Саида Али Хамадони, которое относится к духовным ценностям человека, его поведения и развития. В поэзии Мир Саида Али Хамадони существует духовная взаимосвязь между стихом и мистикой.

Ключевые слова: Мир Саид Али Хамадони, мистика, нравственность, мистическая поэзия, духовная взаимосвязь стих и мистика.

MYSTIC OF THE POETRY OF MIR SAID ALI HAMADONI

In this article, the author reviewed and the study of the mystical poetry of the great Taiik-Persian thinker Mir said Ali Hamadoni, which refers to the spiritual values of man, his behavior and development. In the poetry of Mir said Ali Hamadoni there is a spiritual relationship between poetry and mysticism.

Kev words: Mir said Ali Hamadoni, mysticism, morality, mystical poetry, spiritual relationship verse and mysticism.

Сведения об авторе: ***К. Кодиров*** - доктор педагогических наук, профессор, заведующий общеуниверситетской кафедрой педагогики Таджикского национального университета

ШАРҲИ АҲВОЛИ СИРОҶУДДИНИ ҚУМРӢ

М. Насриддин
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавлоно Сироҷуддини Қумрӣ яке аз адибони хушсалиқаи соҳибдевони охири асри XII ва ибтидои қарни XIII форсу тоҷик ба шумор меравад, вале, мутаассифона, то ҳол ношинохта боқӣ мондааст. Тазкиранависи барҷастаи форсу тоҷик Давлатшоҳи Самарқандӣ аз ӯ ба ҳайси «шоири хуштабъу латифагӯй ва суханшинос…» [2, 176] ном бурдааст. Ҳарчанд зиндагонӣ ва эҷодиёти ин адиб то ҳол ба таври ҷиддӣ ва батафсил мавриди таҳқиқи муҳаққиқон қарор нагирифтааст, аммо дар сарчашмаҳо Сироҷуддини Қумриро аз устодони чирадасти шеъри форсӣ ном бурдаанд. Ҳамзамононаш бо ишора ба ҳунари шоирии Сироҷуддини Қумрӣ навиштаанд, ки ӯ бо сабку шеваи хоси хеш тавонистааст ба адабиёти индавраинаи форсу тоҷик саҳми муайяне гузорад.

Аммо, шоири мазкур дар чи Эрон, чи дар Тоҷикистон ва чи дар шарқшиносии аҳди шӯравӣ таҳқиқ нашуда мондааст. Дар китобҳои таърихи адабиёти тоҷик, ки дар Тоҷикистон нашр шудаанд, роҷеъ ба Сироҷуддини Қумрӣ ҳеҷ маълумоте нест. Шояд, сабаби чунин ҳол дар он бошад, ки то солҳои наздик девони шоир дар нуқоти зикршуда чоп нашуда буд. Нусхаҳои дастнависи девони Сироҷуддини Қумрӣ дар Тоҷикистон мавҷуд нест. Фақат чанд нусха дар китобхонаҳои Донишгоҳи Теҳрон ва Китобхонаи Остони Қудси Разавии Машҳад ба тозагӣ ба даст омадааст.

Бо вуҷуди ин дар бораи шоири мазкур дар Энсиклопедияи советии тоҷик ва Энсиклопедияи адабиёту санъати тоҷик маълумоти хеле ночизе дарҷ шудааст. Дар адабиётшиносии муосири тоҷик доир ба рӯзгору осори адиби мавриди таҳқиқи мо кори назаррасе анҷом нагирифтааст. Бинобар ин, мо дар назди худ мақсад гузоштем, ки зиндагонии Сироҷуддини Қумриро бо такя бар сарчашмаҳои мавҷуд ва дастрас, ки аксаран ба сарчашмаҳои асримиёнагӣ тааллуқ доранд, таҳқиқ намуда, шарҳи ҳоли нисбатан муфассалу илмии ӯро ба вуҷуд орем.

Дар мавриди номи шоир миёни манбаъҳо ихтилоф ба назар намерасад. Аксари маъхазҳо исмашро Сироҷуддин гуфтаанд: «… исмаш Сироҷуддин ва дар асли мавлудаш хилоф кардаанд…» [3, 904-909], Сироҷиддин номаш низ буда …» [5, 181-182]. Ғайр аз ин дар ду нусхаи девони вай, ки яке соли 712 ва дигаре соли 996 ҳиҷрӣ чоп гардидаанд, ин гуфтаҳо тасдиқи худро ёфтаанд. Ҳамин тартиб номи мукаммали ба мо маълуми шоири мазкур Сироҷуддин Қумрии Омулӣ мебошад.

Доир ба тахаллуси шоирии Сироҷуддин миёни тазкиранависон гуногунназарӣ дида мешавад. Тахаллуси шоирро дар ҷое «Қумрӣ» ва дар ҷойи дигар «Қамарӣ» ном бурдаанд. Вале бо далелҳои қатъӣ аз ашъори худи шоир, бо боварии комил метавон гуфт, ки тахаллуси шоирии ӯ Қумрист.

Чунин гуногунфикрии манбаъҳо маҳз дар навишти якхела доштани ин калимаҳо ба вуҷуд омадааст, яъне «Қумрӣ» ва «Қамарӣ» дар хатти арабиасоси форсӣ як хел навишта мешаванд. Аллома Муҳаммади Қазвинӣ «Қумрӣ» тахаллус гирифтани шоирро тасдиқ карда, дар ҷое чунин меорад: «Сироҷуддини Қумрӣ на «Қамарӣ» чунонки баъзе мехонанд…» [1, 95]. Новобаста ба ин, пас аз мутолиаи ашъори шоир бо назардошти санъати таносуби сухан дар ин мисраъҳо метавон пай бурд, ки истифодаи калимаи «Қамарӣ» аз доираи мантиқ берун аст:

Ин ҳам аз сардии айём бувад, к-аз сармо,
Зоғ бошад ба нишот андару Қумрӣ ба азоб [6, 82].
Тавқи меҳри ту лозим Қумрӣ,
Ҳамчу тавқи кабӯтар уфтодаст [6, 112].
Чӣ ғам ар ба тири ғамза дили Қумри-т бидӯзӣ,
Дили мурғи куштаро худ ғам бо бизан набошад [6, 345].
Эй, дар мардӣ чу боз, дар кина уқоб,

Анқо ба табахтарию тутӣ ба хитоб.
Аз бода буте фурсат мар Қумриро,
Чун чашми хурӯс дар шабе ҳамчу ғароб [6, 581].

Ҳамчунин, тавре ки дида мешавад, лафзи «қамарӣ» дар вазни абёти дар боло зикршуда намеғунҷад.

Муаллифи пешгуфтори девони Сироҷуддин Қумрӣ Идуллоҳи Шакурӣ дар ин хусус чунин навиштааст: «аммо гоҳ «Сироҷи Қумрӣ» ва «Сироҷ» ҳам тахаллус мекардааст ва маворидиаи ин ду навъ тахаллус дар саросари девони шоир аз шумори ангуштони ду даст дар намегузарад» [6:34]. Пас, маълум мешавад, ки Қумрӣ тахаллуси ягонаи шоир набудааст, ҳарчанд «Сироҷи Қумрӣ» ва «Сироҷ» дар ашъори шоир хеле кам истифода гардидааст:

Бикун тафқиди ҳудҳуд Сироҷи Қумриро,
Ки аз сабои улват хабар диҳад ба яқин [6, 248].
Бандаи камтари Сироҷи Қумрӣ ин-к гарданаш
Чун кабӯтар ёфт тавқи хидмати ин боргоҳ [6, 273].
Сироҷи Қумрӣ дар боби хештандорӣ,
Ба ҷони ту, ки агар мисли хештан дорад [6, 342].
Эй он ки зи рӯйи чун чароғат,
Аҳволи Сироҷ сӯхт, некӯст [6, 490].

Он гуфтае, ки Муҳаммад Музаффари Ҳусайн дар тазкираи хеш овардааст, «Қумрӣ Сироҷуддини Мозандаронӣ, аввалан Сироҷӣ тахаллус мекард…» [4, 664], комилан беасос аст ва ба қавлӣ Идуллоҳи Шакурӣ, эҳтимол, Сироҷуддини Қумриро бо Сироҷии Сагзӣ иштибоҳ карда бошад ва инро ҳам бояд гуфт, ки дар девони шоир байте ба назар намерасад, ки бо ин тахаллус гуфта шуда бошад.

Зодгоҳи шоир ба ишораи аксари муаллифони манбаъҳои адабӣ ва далоили қотее аз ашъори худи ӯ шаҳри Омул будааст. Баъзе тазкиранависон аз қабили Давлатшоҳи Самарқандӣ ва Муҳаммадулло Мударриси Табрезӣ, ки ӯро зодаи Қазвин ва бархе дигар назири Шералихони Лӯдӣ шоирро аз Мовароуннаҳр донистаанд, ба ғалат роҳ додаанд. Аз мутолиаи девони шоир маълум мегардад, ки ӯ ба Лорҷон ё Лориҷони имрӯза тааллуқ дошта, вале зодгоҳаш шаҳри Омул будааст:

Аз қалъаи Лорҷон чӣ пурсӣ,
К-он мавзеъ агарчи ҳаст машҳур…
Гар банда ба хидматат кам оям,
Узраш бишунав, ки ҳаст маъзур.
Чун ман хокаму ту осмонӣ,
Нашгуфт гар аз барат бувам дур.
Донӣ ту, ки хокро набошад,
Рафтан ба сӯйи сипеҳри мақдур [6, 196-197].
Дар Омул агарчи шоду хандонам ман,
Лекин ба яке ҷуръа гаравгонам ман.
Май ҷони ману як ман аз ӯ динорест,
Бинед, ки то чӣ ҳад гаронҷонам ман ? [6, 615]

Доир ба замони дақиқи таваллуди Сироҷуддини Қумрӣ маълумоте дарёфт накардем. Дар ин хусус миёни тазкиранависон баҳсу гуногунфикрӣ ба назар мерасад. Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» шоирро ҳамасри Убайди Зоконию Салмони Совачӣ ба қалам додааст. Ин тазкиранавис бо баёни як муошираи миёни ин се тан адибони номбурда чунин қисса мекунад: «…ва Сироҷиддини Қумриро ба Убайди Зоконӣ ва Хоҷа Салмони Совачӣ мушоира ва муораза аст ва ба ҷиҳати як рубоӣ миёни Салмон ва Сироҷуддини Қумрӣ таассуби бисёр воқеъ шуда ва фузало ҳеҷ якро бар дигаре фазл нанҳоданд…» [2, 177].

Мавлоно Фахруддин Алии Сафӣ дар «Латоиф-ут-тавоиф», Муҳаммадулло Мударриси Табрезӣ дар «Райҳонат-ул-адаб» ва Шералихони Лудӣ дар «Миръот-ул-хаёл» бо Давлатшоҳи Самарқандӣ ҳамфикранд ва гуфтаҳои ӯро тасдиқ намудаанд.

Ғайр аз ин, муҳаққиқи муосири эронӣ Саид Нафисӣ низ бо такя ба ин маълумот дар китобаш «Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ» Сироҷуддини Қумриро дар зумраи адибони асри VIII ҳичрӣ (XIV милодӣ) оварда, қайд кардааст, ки дар дарбори Султон Абӯсаиди Элхонӣ хидмат кардааст. Аз маълумоти пешниҳодкардаи Саид Нафисӣ маълум мегардад, ки муҳаққиқ маъхазҳои зиёд ва сареҳе дар даст надоштааст, зеро ин маълумот аз ҷониби муҳаққиқони зиёде бо далелҳои қотеъ инкор шудааст.

Яке аз аввалин муаллифоне, ки иттилои болоро рад менамояд Тақиуддин Муҳаммад Ҳусайни Кошонист. Ӯ дар тазкираи хеш «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул афкор» бо овардани далелҳо маълумоти комилтаре пешниҳод намудааст:

«Лекин суханон билитмом маснӯъ аст ва асле надорад ва аз ҷумлаи ғалатҳои сареҳи он китоб аст. Ва Хоҷа Салмон Сироҷуддинро надида ва айёми ҳаёти Сироҷуддин низ ба замони Хоҷа нарасида, зеро ки зуҳури вай дар замони Хоразмшоҳиён аст ва ӯ маддоҳи султон Ғиёсуддин Маликшоҳ ибни Султон Текеши Хоразмшоҳӣ аст, ки Имом Фахруддини Розӣ китоби «Латоиф-ул-ғиёсӣ» ба исми вай навиштааст ва аз замони вай то замони султон Абӯсаиди Чингизӣ ва Хоҷа Салмони Совачӣ зиёда аз саду панҷоҳ сол аст ва ин ки Хоҷа Салмон ҷавоби шеъри Сироҷиддин гуфта, лозим намеояд, ки муосир бошанд ва ҳикояти Фиқрот Хотун, ки аз соҳиби «Назҳат-ул-қулуб» мазкур аст, шояд ки Сироҷ ном шахсе дигар бошад ва ташоруки исме муҷиби ғалати соҳиби «Нузҳа» ва сабаби саҳви ҷаноби Давлатшоҳ шуда бошад….» [7, 399-402].

Ҳамин тариқ, Тақиуддини Кошонӣ замони зиндагии Сироҷуддини Қумриро якуним қарн пеш аз Салмони Совачӣ дониста, онро дар давраи Хоразмшоҳиён гуфта, дар идома ӯро ҳамзамон бо Имоди Шаҳриёрӣ, Рафеуддин Лунбонӣ ва Камолуддин Исмоили Исфаҳонӣ шумурдааст.

Озари Бекдилӣ низ дар «Оташкада» суханони Тақиуддини Кошониро тасдиқ менамояд ва навиштаҳои Давлатшоҳи Самарқандиро дар бораи дар дарбори Султон Абӯсаид хизмат карданаш инкор мекунад:

«…дар шоирӣ аз ақрони Камоли Исмоил ва Рафеуддин Лунбонӣ ва Имоди Шаҳриёрӣ чи аз қасоиди ҳамагии эшон ашъори машъур бар ойини матолиби мулоҳизашуда, ки мадҳи якдигар карданд ва гӯё машраби ҳазлаш бар зуҳд ва тақво ғолиб будааст ва дар шурби хамр ғулув дошта ва қитъаот ва рубоиёт дар ин матолиб дорад ва маддоҳи Султон Ғиёсуддин Маликшоҳи Хоразмшоҳӣ аст, ки устодаш Фахри Розӣ «Латоифи Ғиёсӣ»-ро ба номи ӯ навишта ва ин ки Давлатшоҳи Самарқандӣ ӯро қазвинӣ ва маддоҳи Султон Абӯсаиди Чингизӣ дониста, нақле ҳам ки аз ӯ карда….иштибоҳ аст, эҳтимол ки Сироҷуддини дигар буда бошад, чаро ки аз замони давлати Султон Ғиёсуддини Хоразмшоҳӣ то Султон Абӯсаиди Чингизӣ 150 сол тахминан фосила мебошад….» [3, 904-909].

Бар замми ин, муаллифи пешгуфтори девони шоир бо овардани баъзе далелҳо тахмин кардааст, ки «замони тавлиди вай агар аз 550 то 560 ҳичрӣ фаротар набошад инсӯтар нест» [3, 35-36]. Далели аввали Идуллоҳи Шакурӣ ин аст, ки дар чанд маъхази муътабар доир ба шогирди Фахруддини Розӣ(ки соли вафоташ ба 606-и ҳичрӣ рост меояд) будани Сироҷуддини Қумрӣ хабар дода мешавад. Муҳаққиқ менигорад, ки: «Сироҷи Қумрӣ дар ҳикмату фалсафа шогирди Имом Фахруддини Розӣ буда ва он бузург дар ҳаққи ин шогирд таваҷҷуҳу иноятҳои хос доштааст. Ба фарзи сиҳҳату қабули ин назар касе, ки ба шоистагӣ дарки маҳзури чунон устодеро дар ҳикмат таҳсил мекунад ва мақбулу манзури устод низ воқеъ шавад, одатан набояд ҷавон ва мубтадӣ бошад ва ақаллан бояд аз илму син ва аҳлияте бархурдор бошад» [6, 35-36].

Идуллоҳи Шакурӣ дигар далеле, ки барои тасдиқи фикри хеш овардааст, ин аст, ки «шоир дар оғози даҳаи савуми қарни ҳафтум дар қасидае, ки дар ситоиши Сайфуддин Боҷурзӣ (ваф.629ҳ.) суруда, худро пири шастсола муаррифӣ кардааст:

Ё раб, манам расида, умрам ба шоми дунё,

Баъди шаб хонӣ чун субҳи пир расво.
Гум шуд шаби шубобам дар субҳгоҳи пирӣ,
То рӯз шуд шаби ман рӯзам шаб аст ялдо.
Бар тобаам чу моҳӣ з-ин умри шастсола,
Хаста-ст ҳалқи ҷонам з-ин шасти моҳиосо.
Зулфам, ки хӯшае буд зӣ ангурҳои майгун,
Фарқаш накардам имрӯз аз хӯшаи сурайё.
Моно, ки рӯзи пирӣ бо мурдан аст яксон,
К-айём дар ҳунутам кофур кард умдо [6, 44–45]».

Савумин далел ин аст, ки чанд мавриди ишораи худи шоирро доир ба сапедии мӯйи сару риш, қомати хамида ва «ба лаби гӯр расидан»-и пояш оварда, изҳор доштааст: «бо таваҷҷуҳ ба соли вафоти шоир, ки 625-и ҳичрӣ аст ва мулоҳизаи қароини фавқ таърихи валодати вайро аз замони тақрибие, ки тахмин зада шуд, инсӯтар наметавон гирифт».

Мори сиёҳи мӯям моҳии шим гашта
В-аз мавҷ-мавҷи меҳнат каф бар сарам чу дарё…
Гӯӣ, ки бар сари ман ҳаст осиёи гардон,
Пурорд шуд сари ман, шуд реза-реза аъзо.
Пиндорам осмон гаҷ кӯбад барои гӯрам, (?)
Чун бар сари сапедам захме занад тавоно [6, 44].
Хоки сиёҳи гӯр ба риши сапеди хеш,
Хоҳам, ки аз пайи ту бирӯбам ҳазор бор [6, 178].

Дар манбаъҳои мавриди назар дар бораи хонавода, падару модар, ном ва асли онҳо ягон маълумот мавҷуд нест. Ягона чизе доир ба соҳиби хонавода будани Сироҷуддин хабар медиҳад, ашъори худи шоир аст. Пас аз хондани он ашъоре, ки дар хусуси аҳли оилааш навиштааст, ба хулосае омадан мумкин аст, ки шоирро дурӣ аз зану фарзанд озор медиҳад. «Нокомиҳои ҳаёту ҳаводиси айём чун ӯро талхком месозад, бар номуродиҳои аҳди хонаи худ ҳасрат мехӯрад»:

Зи пеши ҳазрати ту гар иҷозате ёбад,
Зи ҳасби ҳолати худ банда як сухан дорад.
Хулосаи суханаш, ин ки аз навоиби даҳр,
Заифҳол шуду вом карду зан дорад [6, 343].

Аз фарзандони Сироҷуддини Қумрӣ танҳо доир ба як писаре бо номи Ҳасан маълумот ҳасту халос. Зеро номи ин фарзандаш дар маснавии «Корнома»-и шоир зикр шудааст. Эҳтимол пеш аз ин ва ё баъди ин писараш фарзанде ҳам дошта бошад, вале, мутаасифона, дар хусуси ҳолу аҳволи онҳо то давраи мо иттилое нарасидааст.

Дар тӯли ҳаёти хеш Сироҷуддини Қумрӣ ба шаҳрҳои Нишопуру Рай ва баъзе шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хоразм сафар кардааст. Маълумоте, ки дар «Дор-ул-ахбор» омадааст, дар Нишопур будани Сироҷуддини Қумриро тасдиқ мекунад: «Хоҷа Насир дар овони ҷавонӣ аз Тӯс ба Нишопур омада ва дар ҳалқаи дарси Имом Сироҷуддини Қумрӣ иғтирофи фазоил кардааст...» Бо ишора ба ин иттилоъ Идуллоҳи Шакурӣ хулоса кардааст, ки аввалин сафари шоир берун аз зодгоҳаш ба Нишопур рост меояд: «…ин сафар шавоҳиди аввалин мусофирати Сироҷ ба хориҷ аз Мозандарон дар адвори миёнаи ҳаёти ӯ бошад» [6, 38].

Ва охирин сафаре, ки дар умри худ Сироҷуддини Қумрӣ анҷом додааст, ба Табрез мебошад. Сафари мазкур ба охири ҳаёти шоир рост меояд, зеро вай маҳз дар шаҳри Табрез вафот кардааст.

Дар мавриди таърихи вафоту оромгоҳи шоир миёни тазкираҳо ва манбаъҳое, ки доир ба аҳволу рӯзгори Сироҷуддини Қумрӣ иттилоъ додаанд, танҳо дар «Хулосат-уш-шуаро»-и Тақиуддини Кошонӣ маълумот дода шудаасту халос. Ба андешаи ин муаллиф: «вафоташ дар шаҳри Табрез иттифоқ уфтода, дар шаҳривари санаи хамс ва ширину ситтаммиа ва дар Чарандоб мадфун аст». То кадом андоза ин қавл ҳақиқат дорад, аз гуфтаҳои муҳаққиқи дигар Идуллоҳи Шакурӣ маълум мегардад. Ҷаноби

Шакурӣ бо овардани баъзе далелҳо бар он андеша аст, ки ин гуфтаҳо комилан дурустанд. Барои тасдиқи фикри хеш муҳаққиқ қитъаеро мисол овардааст, ки ба воқеаи қатли Изуддини Ҳусайн ном шахсе гуфта шудааст. Дар ин қитъа моддаи таърих аст, ки ба соли 622 ҳичрӣ баробар аст ва ин зинда будани шоирро дар ин сол тасдиқ мекунад. Он қитъа ин аст:

Дар рӯзи иди фитри санаи «хеву беву коф»,
Қурбон шуд аз ҷафои фалак Юзиддин Ҳусайн.
Ид аз балои ҳодиса ошур бувад, аз он-к
Хуни Ҳусайн тоза шуд аз хуни ин Ҳусайн [6, 554].

Дигар, чунон ки гузашт, шоир дар қасидае, ки дар ситоиши Сайфуддин Бохарзӣ (ваф. 629 ҳ.) суруда, ба шастсолагӣ ва пирию сапедии муйи сар ва рӯйи худ ишора кардааст. Бо ин қароин ва муқаддамот пазируфтани соли 625-и ҳичрӣ ба унвони таърихи вафоти шоир комилан дурусту маъқул ва мантиқӣ мебошад.

Хулосаи таҳқиқи мо роҷеъ ба зиндагонии шоир он аст, ки ӯ, яъне Сироҷуддини Қумрӣ аз шоирони номдор ва касбии замони худ будааст ва дар давраи хеле нобасомон, яъне дар аҳди ҳукмронии муғулон зиндагии ошуфтае доштааст. Соҳиби зану фарзанд будааст. Азбаски шоири қасидасаро буд, дар дарборҳои ҳокимони хурду бузург барои дарёфти мояи зиндагӣ хидмат намудаву онҳоро ситоиш кардааст. Чун шоири хушқареҳае буд, албатта, қосидону душманон низ доштааст. Шояд нобасомониҳои рӯзгори шоир ба он сабаб шуда бошад, ки нимаи аввали умри худро лоуболона ба сар бурдааст. Аммо нимаи дуюми зиндагониаш бо зуҳду тақво гузаштааст.

Шоир ба пирӣ расидааст ва дар бораи пирӣ шеърҳои ҷолиб ва тозамазмуне сурудааст. Пас аз гаштугузорҳои тӯлонӣ охири умри худро дар Табрез, ки он вақт ин шаҳр доруссалтанаи давлати Элхониёни муғул буд, гузаронида ва дар ҳамон ҷо ин дунёи фониро падруд гуфтааст.

Аҳамияти асосии кори анҷомдодаи мо аз он иборат аст, ки зиндагиномаи илмии як шоири касбии ғиногӯйи асри XIII форсу тоҷик, ки Сироҷуддини Қумрӣ ном дошт, барқарор карда шуд. Акнун ин мемонад, ки эҷодиёти пурмуҳтавои ин шоири соҳибзавқ ба таври густурдаву мукаммал ва дар заминаи назариёти илмии адабиётшиносии муосир таҳқиқ карда шавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аллома Муҳаммади Қазвинӣ. Ёддоштҳои Қазвинӣ / Аллома Муҳаммади Қазвинӣ. - Теҳрон: Асотир, 1336ҳ.ш. - Ҷ.5. – С.95.
2. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро / Давлатшоҳи Самарқандӣ; ба эҳтимоми Муҳаммади Рамазонӣ. - Теҳрон: Амири Кабир, 1338. – 431 с.
3. Лутфалибеки Озари Бекдилӣ. Оташкада / Лутфалибеки Озари Бекдилӣ; тасҳеҳ ва таҳияи Ҳасан Содоти Носирӣ. - Теҳрон: Амири Кабир, 1337-1338. Иборат аз 3ҷилд. - Ҷ.2. – С.35, 36, 904, 909.
4. Мавлавӣ Муҳаммад Музаффари Ҳусайни Сабо. Тазкираи Рӯзи Равшан / Мавлавӣ Муҳаммад Музаффари Ҳусайни Сабо; бо тасҳеҳ ва таҳияи Муҳаммад Ҳусайни Рукнзодаи Одамият. - Теҳрон: Интишороти китобхонаи Розӣ, 1343. - 976 с.
5. Муҳаммадулло Мударриси Табрезӣ. Райҳонат-ул-адаб / Муҳаммадулло Мударриси Табрезӣ. - Теҳрон, 1327. - Ҷ.2. – С.181, 182.
6. Сироҷуддин Қумрии Омулӣ. Девон / Сироҷуддин Қумрии Омулӣ; ба эҳтимоми доктор Идуллоҳи Шакурӣ. - Теҳрон: Муин, 1348. - 671 с.
7. Тақиуддин Муҳаммад Ҳусайни Кошонӣ. Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор / Тақиуддин Муҳаммад Ҳусайни Кошонӣ. - Нусхаи хаттии китобхонаи Фахруддин Насирии Амирӣ, зери шумораи 341/12. – С.399, 402.

ЖИЗНЕОПИСАНИЕ СИРОДЖУДДИНА КУМРИ

Мавляна Сироджуддин Кумри является одним из плодотворных поэтов персидско-таджикской литературы конца XII и начала XIII вв.но к сожалению до сих пор не известен широкому кругу почитателей персидско-таджикской литературы. По свидетельству его современников, с указанием на его поэтическое мастерство, Сироджуддин Кумри имел свою манеру и стиль сочинения. В данной статье автором сделана попытка к изучению жизни и поэтического творчества Мавляна Сироджуддина Кумри.

Ключевые слова: Мавляна Сироджуддин Кумри, персидско-таджикская литература конца XII и начала XIII вв., жизнь и поэтическое творчество Мавляна Сироджуддина Кумри.

BIOGRAPHY OF SIRAJUDDIN KUMRI

Mawlana Siraiuddin Kumri is one of the prolific poets of Persian-Taiik literature of the late twelfth and early thirteenth centuries. but unfortunatelv still not known to a wide circle of admirers of Persian-Taiik literature. According to the testimony of his contemporaries, indicating his poetic skill, Siraiuddin Kumri had the manner and stvle of composing. In this article, the author made an attempt to study the life and poetry of Mawlana of Sirajuddin Kumri.

Kev words: Mawlana Siraiuddin Kumri. Persian-Taiik literature of the late twelfth and early thirteenth centuries, the life and poetry of Mawlana of Sirajuddin Kumri.

Сведения об авторе: ***М. Насриддин*** – аспирант дневного отделения кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета. Телефон: **934-03-70-35**

МИРЗО ТОҲИРИ НАСРОБОДӢ МУАЛЛИФИ МУҲИМТАРИН ТАЗКИРАИ АДАБИЁТИ АСРИ XVII

М. Муслимифар
Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ

То ба имрӯз шарҳи ҳоли дақиқи ин шоир ва тазкиранавис навишта нашудааст. Аввал касе, ки дар ин замина маълумоти мухтасареро дар ихтиёри хонандагон гузошта, Суҳайлии Хонсорӣ мебошад. Ин донишманд зимни мақолае аввалин бор дар заминаи сарчашмаҳои дастрас саҳнаҳое аз зиндагиномаи Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насроболиро маълум ва мушаххас месозад. Ҳамин тариқ, бо такя ба маълумоти тарҷумаиҳолии худи Насроболӣ, сарчашмаҳо, адабиёти илмӣ ва осори манзум ва мансури ӯ дар зиндагиномаи соҳиби «Тазкираи Насроболӣ» баъзе нуктаҳоро метавон афзуд.

«Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насроболӣ дар соли 1027-и қамарии ҳичрӣ дар деҳкадаи Насробод, ки аз деҳистони Морвин аст, ба дунё омада ва дар соли 1083, ки оғози таълифи тазкираи ӯст, панҷоҳу шаш сол дошта ва агар мутобиқи ҳарфи Суҳайлӣ то авохири моҳи ёздаҳум, ки авохири салтанати шоҳ Сулаймон аст зинда бошад, дар ҳудуди ҳафтоду се сол умр кардааст» [3, ҷ]. Муҳаббат ва дилбастагии ӯро ба зодгоҳаш аз сатрҳои зерини ӯ метавон дарк кард: «Муваллид ва маншаи камина мавзеи Насробод мин аъмоли Исфаҳон аст, ки ба сабаби фазои рӯҳфизоаш ҷанноти арбаъа хамса шуда, балки нисбат ба он ба тариқи хамсаи мустариқа номе аз онҳо монда» [3, 457].

Аз ёддоштҳое, ки Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насроболӣ дар хотимаи тазкирааш меоварад, маълум мешавад, ки дар синни ҳафтдаҳсолагӣ аз падар ятим монда будааст. Падараш дорои «камолоти суварӣ ва маънавии меросӣ буда» [3, ҷ], дар соли 1044 аз дунё даргузаштааст. Волидааш низ «аз камолоти суварӣ ва маънавӣ баҳраманд» [8, 458] будааст ва «дар зоҳир ва ботин камоли шикастагӣ ва оромӣ» [8, 458] доштаанд ва ба сабаби парешонӣ ба аҳволи фарзандашон расида натавонистаанд. Ба сабаби бесаробон мондан Мирзо Муҳаммад Тоҳир тавфиқи таҳсили комил наёфта, рӯзгори ҷавониаш беҳуда гузаштааст. Пас аз сипарӣ кардани рӯзгори ҷавонӣ аз кори худ пушаймон мешавад ва ба ҳукми завқи табиӣ суҳбати арбоби завқу адаб ва фозилонро дармеёбад. Маҳалли аввалини омӯзиши ҷиддии ӯ қаҳвахона будааст, ки шоирону донишмандон он ҷо ҷамъ мешудаанд ва ӯ аз файзи суҳбати онҳо баҳра бурда, дарси камол андӯхта ба касби адаб, ҳунар ва шеъру шоирӣ пардохта будааст.

Маоши зиндагии Мирзо Муҳаммад аз ҳисоби боғи меросии падар буда, ки дар Насробод доштааст. Вай зиёдатталабӣ надошта ва бо ин ки «аҷдод ва аъмоли вай ҳама дорои машоғили девонӣ будаанд, вай мулки хурсандӣ ва қаноатро аз даст надода, дар гӯшаи инзиво ба хидмати адабӣ машғул ва дар назари бузургони аср мухтарам ва дар назди умаро ва муқарраboни даргоҳи шоҳӣ муаззаз буда, ҳар гоҳ шоҳ Сулаймони Сафавӣ ба Насробод мерафта, дар хонаи вай, ки акнун ҳам асаре аз иморати зариф ва шоиронаи он боқист, манзилгузин мешудааст» [3, ҷ].

Абдулҳусайни Зарринкӯб дар боби маҳорати наққодии Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насроболӣ сухан карда, ӯро марде содадил ва камтаҷриба медонад ва таъкид мекунад, ки «тарбияти завқӣ ва адабии кофӣ надоштааст» [1, 265]. Зарринкӯб фақат дар заминаи як хулосаи Мирзо Муҳаммад Тоҳир дар боби ҳунари шоирии Мир Ҳумом ба чунин натиҷа расидааст, ки мунсифона наменамояд. Дар асл Мирзо Муҳаммад Тоҳир дорои завқи сариҳ ва табъи равон будааст ва ба сабки асри Сафавӣ ва дар пайравии Соиб ва Калим шеър мегуфтааст.

Тибқи гузориши Мирзо Муҳаммад гузаштаи ӯ аз умаро ва фузалои давр будаанд. Ҳамчунонки таъкид меварзад, обо ва аҷдодаш «дар замони салотини

Сафавия ва подшоҳони собиқ камоли эътибор доштаанд. Дар замони подшоҳи қадрдон шоҳ Аббоси мозӣ» яке аз авлодонаш «вазири дорулибода» будааст ва яке дигар «вазири Лоҳиҷон».

Хоҷа Садриддини Алӣ ҷадди аълои Мирзо Муҳаммад Тоҳир дар замони султон Муҳаммади Курагон ҳокими Исфаҳон буда, дар Насробод мадраса бино карда, ки ҳоло ҳам сардарии нимаободи вай боқӣ ва гувоҳи азамат ва маҳорати меъморони қадим будааст.

Ҷадди Мирзо Муҳаммад Тоҳир ин мадрасаро дар ҷое бино кардааст, ки хонақоҳи шайх Абулқосим ҳам ба мадраса иттисол ёфта ва агар Муҳаммад Тоҳир аз бинои мадраса дар тазкираи худ хабар намедод, акнун ҳар кас медид гумон мекард, ки ин сардарӣ барои хонақоҳ сохта шудааст [3, б].

Аз Муҳаммад Тоҳир як фарзанд боқӣ монда ба исми Тоҷмир ва лақабаш Бадеуззамон будааст. Писари ӯ аз завҷи падар баҳраманд гашта будааст ва дар «Тазкираи Насрободӣ» аз ашъори вай як миқдор нақл шудааст.

Мирзо Муҳаммад Тоҳир дар сафи панҷуми тазкирааш таҳти унвони «Дар зикри ашъори ақвоми камина ва фақири бевуҷуд» намунаи ашъори хешу табори падарӣ ва модариашро сабт кардааст, ки далели нуфузи маънавӣ ва ҳунарии ин хонадон дар Эрони асри Сафавӣ мебошад. Воқеан ҳам дар байни қарибонаш касоне ҳам будаанд, ки завқ ва қариҳаи шоирӣ доштаанд.

Аз ҷумла, аз рӯйи маълумоти ӯ Мирзо Ҳасаналӣ, ки намунаҳои шеъраш дар тазкира оварда шудааст, ҳамширазодаи падараш буда ва дар «авоили син вазири Аликулихони Шомлу, эшикоқосӣ, девонбегӣ ва вазири Язд низ будааст. Одами росткор ва ҳақталош будааст. Баъди аз вазифаҳо маъзул шудан бар ӯ зулмро раво мебинанд. Ӯ зулмро шоеъ сохта [3, 452], рубоии зерро мегӯяд ва «ба хидмати подшоҳи одил» мефиристад. Подшоҳ ӯро маъзул месозад:

Рубоӣ: Шоҳо, аҳволи Язд бад мегузарад,
Зулми ҳоким бурун зи ҳад мегузарад.
Аз шашсад ҳам пурсиши шашмоҳа гузашт,
Дар маҷлиси шоҳ ҳарфи сад мегузарад [3, 452].

Дар миёни хешу табораш шоироне чун Мирзо Солеҳ, машҳур ба Мино буда, ба сабаби камолоти суварӣ ва маънавӣ дар Ҳинд алам [3, 452] будааст, Мирзо Муъмин, Мирзо Амин, Мирзо Исмоил валади Мирзо Муҳаммад, Мирзо Муҳаммад валади Мирзо Асади Насрободӣ низ будаанд, ки табъашон холӣ аз лутфе набудааст. Назар ба маълумоти Ваҳиди Дастгардӣ «бақоёи силсилаи Тоҷмир ҳанӯз ҳам дар Насробод боқӣ» [3, ҷ] ва «донишманди муҳтарам, оқои Аббоси Тоҷмир бузурги ин силсила ба шумор» [3, ҷ] мерафтааст.

Ваҳиди Дастгардӣ пас аз муроҷиат ба Аббоси Тоҷмир ва ёрии бевоситаи ӯ маҳалли дафни Мирзо Тоҳирро муайян мекунад, ки дар ҷанубӣ сардарии мадрасаи Насробод воқеъ будааст, ки «акнун асаре беш аз он боқӣ намондааст» [3, ҷ].

Ваҳиди Дастгардӣ қабри Муҳаммад Тоҳирро зиёрат карда, ҳолати онро чунин тавсиф кардааст: «Дар мақбараи қӯчаке, ки акнун маъруф ба мақбараи Мирзоҳо мебошад ва ба зоҳир мадфани або ва аҷдоди вай ҳам буда, наздики сардарии мадрасаи Насробод аст, воқеъ шуда.

Санги бузурге бар рӯи қабр устувор аст ва атрофи он низ сангҳои дигар дошта, ки чанд сол пеш аҳолии Насробод аз роҳи надонистагӣ сангҳоро бардошта ва ҳамон наздик ба масрафи пул расонидаанд. Ин пул бар фарози наҳри бузурги маъруф ба Модӣ Қамиш, ки дар васати Насробод ҷараён дорад, воқеъ шуда, сангҳоро ҳам бо хутут, ки нисфи он зери об бувад аз дур мулоҳиза карда, вале натавонистам бихонам ва аз оқои Аббоси Тоҷмир ва соири аҳолии Насробод хоҳиш кардам, ки сангҳоро бардошта ба маҳалли аслӣ авдат диҳанд ва он гоҳ хутутро ба диққат истинсох карда, барои мо бифиристанд. Вале то кунун хабаре аз ин боб нарасидааст». Яъне, ин иттилои Дастгардӣ марбут мешавад ба соли нашри аввали «Тазкираи Насрободӣ», ки худи ӯ анҷом додааст.

Мирзо Тоҳир зиндагии хоксорона ва бетамаъе доштааст. Ҳеҷ гоҳ талоши мансабе накардааст. Вале «дар назари пояшиносони қадрдон кам аз соҳибони мансаб арҷманд набуда» [3, 462].

Дар бораи шахсияти инсонӣ ва ҳунарии Мирзо Тоҳир суханони шаҳодати Мирзобадеъ Малеҳои Самарқандӣ ҳуҷҷати қотеъ аст. Малеҳо дар ҳайати сафорати хонии Бухоро аз тарафи Абдулазизхон дар соли 1088 ба дарбори Эрон омада ва дар муддати се соли иқомати худ дар Исфаҳон борҳо бо Мирзо Тоҳири Насрободӣ суҳбат дошта ва Мирзо Тоҳир шарҳи ҳол ва осори шуарои Моваруннаҳрро аз вай гирифтааст. Малеҳо зиндагии муқаррарии Мирзо Тоҳирро чунин тасвир кардааст: «Ҳар рӯз аз сарманзили хеш дар қаҳвахонаи худбинокарда, дар ҷавори масҷиди

Ланбон, ки аксар айиммаи асноашара дар он ҷо намоз кардаанд ва ба тоати Худованд машғул будаанд, меомад. Мудом ба тариқи давом тарзи зиндагонии мушоруилайҳ ин аст, ки аммо азизулқадре аз ҷумлаи шуарои қадим ва фузалои воҷибуттаъзими он диёр аст ва файзи суҳбати Мируллоҳ ва Қозӣ Нурии Сифоҳонӣ ва ғайра аз шуарои мо тақаддумро ёфта» [2, 336].

Малеҳо дар боби сифатҳои инсонии Мирзо Тоҳир чунин шаҳодат додааст: «… он қадар ки дар тазкираи худ холиқулмаонии сонӣ хитоб дода ва осори зиракӣ ва атвори нозуке аз тарзи мулоқот ва аз тариқи ҳолоташ пайдост ва ба ҳар кас сулуки мушфиқона ва воҳӯрди дӯстона дорад. Ба ошно ва бегона дар суҳбат ва улфат якранг ва якоҳанг аст» [2, 336].

Аз Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ он чи то ба мо расидааст, ҳамин тазкираи ӯст, ки порае аз ашъорашро низ дар бар мегирад. Малеҳои Самарқандӣ чунонки дар боло ишора шуд, дар «Музокир-ул-асҳоб» аз соҳибдевон будани ӯ хабар дода, ёддошт медиҳад, ки «… девони тамоми ҳудро мумаииллайҳ ба ман дода буд. Дар риҷъат ба сӯйи ватани маълуф дар лаби дарёи Омӯ дар об рафт» [2, 338]. Малеҳо дар тазкирааш намунаҳои шеъри Мирзо Тоҳирро аз он чи дар хотирааш зимни мушоира монда будааст, меоварад.

Мутаассифона, ҳамчунонки Ваҳиди Дастгардӣ мегӯяд «девони вай чандонки ҷустуҷӯ шуда, пайдо нагардида ва аз ашъори вай беш аз он чи худаш дар тазкира нигошта дар даст нест» [3, ҷ].

Мирзо Тоҳир ҳанӯз дар замони зиндагиаш миёни аҳли фазл ва доираҳои адабӣ ҳамчун шоир ва тазкиранигор шуҳрат доштааст. Малеҳои Самарқандӣ ба писандидагии афъол ва санҷидагии аҳволи мушоруилайҳ, яъне Мирзо Тоҳир дар Моваруннаҳр гувоҳӣ медиҳад. Аз нақли ӯ маълум мешавад, ки вай ин адиброғоибона мешинохта ва дар Моваруннаҳр аз аҳволу осори ӯ воқиф гардида будааст [3, 189].

Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ зиндагии худро дар як байт хулоса карда, бо ифтихор мегӯяд.

Агар зоғ, агар саъва нотавонам,
Ҳамин бас, ки дар ҷиргаи булбулонам [3, 457].

Ҳарчанд, Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ, чунонки худ мегӯяд, ба рӯзгори ҷавонӣ маҷоле ҷиҳати касби маърифат наёфт, пас аз гузаштани рӯзгори ҷавонӣ ба василаи завқи фитрӣ ва муошират аҳли завқ дар «ҷиргаи булбулон» ба касби ҳунар рағбат кард [1, 265].

Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ баъд «аз ғафлатниҳодони каҷандеша канора» [3, 460] ҷустан, «дар ҳалқаи дурусткешони ростоин даромада ва дар қаҳвахона[1] иқомат» [3, 860] меандохтааст. Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ мегӯяд, ки «қаҳвахона водии Мӯсо ва маънӣ дар хотирашон мақоринаи хуршед ва Масеҳо, баъзе ба назми ашъор гӯши ҷонро ба гӯшвори лаъле обдор музайян месохтанд ва қавме дар тартиби муаммо зулфи хубонро дар печу тоб меандохтанд. Суръати назмашон ба мартабае, ки то номи байт бурда будӣ, меъмори хотирашон ба дастёрии сутуни хома ба иморати он мепардохт, аз нури раъяшон шамъи дилҳо рӯшан ва аз риёзи хотирашон сомеъаи рашки гулшан мешуд. Аз файзи суҳбаташон, ки кимиёи саодат аст, миси қалби камина ҳамсанги тилло гардид ва ситораи Шаърои огоҳӣ аз шаби тираи ҷаҳл дамида, гоҳе ба таҳрики таҳсили суҳбати муаммо қалби шикаста таскин ва такмил меёфт» [3, 460].

Ин давраи ҳаёти Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ, ба ифодаи худаш дар инзиво гузаштааст, инзивое, ки диққати ӯро ба фазлу адаб ҷалб карда, ниҳоят «дар ҷиргаи булбулон» биншондааст.

Назар ба ёддошти худаш ҳар чи ки ӯ омӯхтааст аз суҳбатҳо ва маҳфилҳо будааст. Вале, дар шеър ва гуфтани муаммо Оқо Ҳусайни Хонсориро, ки «ҷамоли шоҳиди илми ақлӣ ва нақлӣ ба гулгунаи имтиёзаш ороста», ба ӯ ҳаққи устодӣ доштааст.

Тазкира, ашъори аз ӯ меросмонда ва моддаи таърихҳое, ки ӯ гуфтааст, гувоҳи завқ ва камоли тадриҷии соҳибашон аст. Бахусус, маълумоти гуногуне, ки дар тазкирааш дар бораи шоирон, хаттотон, умарою фузалои ҳавзаҳои адаби форсӣ меоварад, гувоҳи самоҷат ва фидокории ӯ дар роҳи омӯзиш ва таълиму тарбияти фардӣ мебошад.

[1] Қаҳвахона дар аҳди Сафавия ҷойгоҳи аҳли фазл, дониш, адаб, шеър ва мусиқӣ буда, вале ҳама кас ба он роҳ надоштааст. Ҳатто шоҳ Аббос гаҳ –гоҳ ба он ҷо мерафтааст ва дар суҳбати аҳли фазл ширкат мекардааст.

Дар боби алоқамандиаш бо дарбор ҳамин қадар метавон гуфт, ки ба шоҳ Сулаймон ихлосу иродате доштааст. Қасидае бо номи «Қасида дар мадҳи подшоҳи диндор шоҳ Сулаймон» аз ӯ мерос мондааст, ки таъсири осори муҳаббати шоҳ ба ӯ эҳсос мешавад. Чунончи, дар ин чанд байт зоҳир аст:

Он Сулаймони замон к- аз асари диндореш,
Бигрезад зи Сулаймонӣ аз ин пас зуннор.
Подшоҳе, ки Алӣ ибни Абетолиб баст,
Камари шоҳӣ аз дасти вилоятосор.
Чун занад мавҷ ба ҳангоми сахо баҳри кафаш,
Орзуи ҷаҳонро чу хас орад ба канор.
Зинат аз номи баландаш набарад гар зару сим,
Сикка чун мавҷ занад ларза ба рӯи динор.
Накунад моҳ зи бадрӣ ба ҳилолӣ риҷъат,
Гар шавад ҷоми вай аз бодаи лутфаш саршор…[3, 462].

Чунончи худаш мегӯяд, «бо вуҷуди қобилият ба ибром ва самоҷат таҳсили мансабе» [3, 462] накарда будааст. Аммо, дар назари «пояшиносони қадрдон кам аз соҳибони мансаб арҷманд» [3, 462] набудааст. Чунончи «умаро ва муқаррабони подшоҳ ниҳоят эъзоз ва эҳтиром»-аш мекардаанд. Ҳарчанд ӯ қитъаоти таърихи иморати «Ҳашт биҳишт»-ро гуфтааст, «вале аз камтолеъӣ ба таваҷҷуҳе ва иноятe сарафроз нашуда» [3, 462] будааст.

Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ дар зиндагиаш сафарҳое низ доштааст, ки дар ин бора худаш чунин шаҳодат медиҳад: «чанд сол қабл аз ин ба шарафи зиёрати равзаи имом мушарраф гардида, баъд аз он равонаи сафари Ҳиҷоз шуда аз ҳамалоти ҳамладорони Наҷафӣ, ки ба ғазаби шоҳи Наҷаф дароянд, анвои ҷароҳат ба хотири шикаста расид. Аммо тавофи Маккаи муаззама ва зиёрати турбати расул салаллоҳи алайҳи ва олиҳӣ ва боқӣ ҳазароти айиммаи Бақеъ марҳами он ҷароҳат шуд» [3, 463].

Баъди ин сафар, ба шаҳодати худаш чанд соли дигар «ба қаҳвахона ба хидмати дӯстони собиқ ва лоҳиқи ишратгузин» [8, 463] буда, дар синни ҳафтоду сесолагӣ ин ҷаҳони фониро тарк гуфтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Нақди адабӣ. Ҷустуҷӯ дар усул ва равишҳо ва мабоҳиси наққодӣ бо баррасӣ дар таърихи нақд ва наққодон / Абдулҳусайн Зарринкӯб. - Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири Кабир,1354. - 404 с.
2. Малеҳо Муҳаммадбадеъ. Музаккир-ул-асҳоб. Матни интиқодӣ бар асоси чаҳор нусхаи муҳим / Муҳаммадбадеъ Малеҳо; ба эҳтимоми Камолиддин Садриддинҳоҷаи Айнӣ. - Душанбе: Пайванд, 1385. - 689 с.
3. Тазкираи Насрободӣ // Таълифи Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ. Муштамил бар шарҳи ҳол ва осори қариб ҳазор шоири асри Сафавӣ; бо тасҳеҳ ва муқобилаи устоди фақид Ваҳиди Дастгардӣ. - Теҳрон, 1361. - 575 с.

МИРЗО ТАХИР НАСРОБОДИ АВТОР АНТОЛОГИИ ПО ПЕРСИДСКО – ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В статье анализуется жизнь и творческое наследие одного из крупных знатоков истории литературы XVII века - автора «Тазкире Насроболи» (Антология литературы XVII века) Мирзо Тохира Насроболи, творчество которого в таджикском литературоведении до сих пор не исследовано.

Ключевые слова: литература, тазкире (антология), Мирзо Тохир Насроболи.

MIRZO TAHIRI NASROBODI AUTHOR ANTHOLOGY IN THE TAJIK-PERSIAN LITERATURE

The article analysis the life and creative activity of one of the major experts in the history of literature of the 17th century - the author of "tazkira Nasrobodi" (Anthology of 17th-century literature) Mirzo Tokhiri Nasrobodi which Tajik literary criticism have not been vsestronnomu study.

Key words: literature, tazkira (anthology), Mirzo Tokhiri Nasrobodi.

Сведения об авторе: ***М. Муслимифар***- соискатель Института гуманитарных наук АН РТ.
Телефон: **(+992) 900-98-79-87**

ҒАЗАЛ - ГУНАИ ФАРОГИР

Х. Фурӯғ
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Имрӯз менигарем, ки ғазал дар сарзамини мо ва дар сарзаминҳои ҳамзабони мо Эрон, Тоҷикистон ва ҷойҳои дигар суруда мешавад. Агарчи дар миёни иддае аз пардохтан ба ғазал низ сӯйистифода сурат мегирад ва ин сӯйистифода гоҳе дар тақлид аз дигарон ва гоҳе дар дастбурд аз шеърҳои дигар сурат мегирад, аммо ин

сухан ба ин маъно нест, ки ғазал дигар суруда нашавад. Ғазал суруда мешавад ва дар дунёи шеър ва адабиёт ҳукм кардан наметавонад мақоме дошта бошад.

Ғазал гунае фарогир аст. Ҳамон гуна, ки гуфта шуд дар ҳавзаҳои мухталифи забони форсӣ ба ғазал пардохта мешавад ва дағдағаи бархе шоирон, ғазалсароӣ аст.

Дар Афғонистон шоироне, ки ба ғазалсароӣ мепардозанд, ду гурӯҳанд, яке ононе ки танҳо ғазал месароиданд ва дувум, ононе ки ҳам ғазал месароиданд, ҳам дар қолабҳои озоди имрӯзӣ ба сурудан мепардозанд. Мисли Ҳайдарӣ, Вуҷудӣ ҳамеша ва танҳо ғазал сурудааст ва ба номи шоири ғазалсаро маъруф аст. Ӯ дар ғазал дунёеро бозтоб медиҳад, ки инсонаш гумшудае дорад ва бештарине дар ҷустуҷӯи ҳамон гумшудааш аст. Бисёре аз шоирон имрӯз, ки бештаринаш ҷавононанд, низ ғазал месароиданд ва ҷилваҳои ошиқона аз қомати ғазалҳои онҳо нигариста мешаванд. Ин шоирон ба гунаҳои дигари шеър намепардозанд. Аммо, гурӯҳи дувум шоироне ҳастанд, ки ҳам ғазал месароиданд ва ҳам шеъри нимоӣ ва шеъри сафедро таҷриба кардаанд. Яке аз шоироне, ки ҳам ғазалсаро буд ва ҳам дар роҳи дигар гом мениҳод, Қаҳҳори Осӣ аст.

Қаҳҳори Осӣ, агарчи шоири ғазалсаро буд, аммо корҳои бисёре дар шеъри нимоӣ низ дошт, ки гоҳ навпардозиҳояш дар ғазал бар шеъри озодаш, ки бештаринаш ҳамон нимоӣ буд, таъсир мегузошт ва гоҳе ҳолу ҳавои шеърҳои озодаш бар ғазалҳояш ҷараён меёфт. Аз шоироне, ки чунин вижагии коре дар арсаи сароиш доранд яке ҳам Сайид Ризо Муҳаммадӣ аст. Ӯ низ бештар ғазалҳое месароид, ки навпардозӣ дар онҳо ҳузур меёбад. Ин гуна ғазалҳо ба хонанда ҳисси отифии жарфе медиҳанд.

Эй гул, тамоми боғ ба бор омаду ту на,
Эй, бо баҳори дӯст баҳор омаду ту на.
Эй, хотири гирифтаи ҳам нақшу ҳам нигор,
Айёми пур зи нақшу нигор омаду ту на.
Паскӯчаҳову панҷараҳо ҷо ба ҷо шуданд,
Аз шишаҳои шаҳр ғубор омаду ту на.
Ҳиссу умед сар ба сари ҳам гузоштаанд,
Хуршеду абру бод канор омаду ту на.
Сабза, дарахт, санг, пурнида, гиёҳ, бод,
Кулли замин ба гаштугузор омаду ту на.
Гуфтӣ: агар баҳор биёяд ту мерасӣ,
Ин ҳам баҳор чанд баҳор омаду ту на.

Ин шоирон, ҳам гурӯҳи аввал ва ҳам дувум, коркардҳои хубе дар арсаи ғазал доранд. Масоили гуногунро дар ғазалҳои хеш ворид мекунанд. Ишқ, ки меҳвари сурудан аст, дар ин ғазалҳо нигариста мешавад. Сипас зиндагӣ, ҷомеа, сиёсат, табиат ва инсон мавзӯъҳое ҳастанд, ки дар ғазали ин шоирон ҷараён доранд.

Ба ин ду байт аз як ғазали Қаҳҳор Осӣ менигарем:

Кадом барг, ки номи туро намедонад,
Ту ҷангалитар аз оне, ки боғ мехонад.
Паём ханҷараи рӯ ба арши ноҷӯйӣ,
Табари балои қадатро шикаста натавонад [3,27].

Ё ба ин ғазали ӯ, ки дар он аносири табиат ҳузур доранд менигарем, ки фазои ошиқона бо падидаҳои табиат омехта шудаанд:

Ман он дарахти ошиқам, ки соҳил аст ҷойи ман,
Садои рӯдхонае нишаста дар ҳавои ман.
Зи абрҳои қибла ҳам таматтӯе намебарам,
Маро баҳор мекунад ҳузури ошнои ман.
Зи обу хок оташи қадду қиём кардаам,
Замини ошиқонае гирифтааст пойи ман.
Ба барг-барги ман диле аз интизор метапад,
Ба шоха-шоха медавад ҷунуни решаҳои ман.
Ҳазор бори дигарам сар шугуфа кардан аст,
Аз ин замин аз ин ҳаво, агар расад навои ман [3, 22].

Дар ин ғазал, Осӣ худро дар қолаби дарахте тасвир мекунад ва ҳолати дарахтеро дар пайванд ба ҳолати хештан ҳикоят мекунад. Ҳамон гуна, ки зикр шуд, дар ин ғазал бештар аз вожаҳое, ки падидаҳои табиатанд истифода шудааст. Дарахт, соҳил, рӯдхона, абр, баҳор, барг, шоха, реша, шугуфа ва ғайра.

Дарахт падидае аз табиат аст, ки вожаи меҳварии ин ғазалро сохтааст.

Бояд гуфт, ки корбурди чунин вожаҳо дар вопасин солҳои даҳаи шаст ва пас аз он, яъне оғози солҳои даҳаи ҳафтод барои нахустин бор буд, ин гуна ба кор бурда мешуданд.

Ҳоло ба намунаҳое аз ғазали муосири Эрон ва Тоҷикистон нигоҳ меафканем:

Ин ғазал аз Алӣ Баҳманӣ аст. Шоире, ки имрӯз дар арсаи ғазалсаройӣ номе ошност:

Дар ин замонаи беҳоиву ҳуии лолпараст,
Ҳушо ба ҳоли калоғони қилуқолпараст.
Чигуна шарҳ диҳам лаҳза- лаҳзаи худро,
Барои ин ҳама нобовари хаёлпараст.
Ба шабнишинии харчангҳои мурдобӣ,
Чи гуна рақс кунад моҳии зулолпараст.
Расидаҳо чӣ ғарибу начида меафтанд,
Ба пойи ҳарзаалафҳои боғи колпараст.
Расидаам ба камоле, ки ҷуз Аналҳақ нест
Камолдор барои мани камолпараст.
Ҳанӯз зиндааму зинда буданам хорест,
Ба чашмтангии номардуми заволпараст [5, 142].

Дар ин ғазал диди шоир дар ҳолае аз ғам ва таъсир қарор дорад, ки бештари ғазалҳои имрӯз дар ҳар се сарзамини ҳамзабон ва ҳамфарҳанг ба вижа дар Эрон ва Афғонистон бо чунин дид ҳамроҳанд. Ин гуна ғазалҳо иҷтимоъро ва зиндагиро тасвир мекунанд. Дар ин ғазал, шоир аз нигоҳи шакл, идомадиҳандаи ҳамон ғазали суннатӣ аст, аммо ҳавои имрӯзиро дар байтҳое аз ин ғазал метавон ҳис кард.

Дар мисраи аввали ин байт чунин ҳавое ҷараён дорад:

Расидаҳо чӣ ғарибу начида меафтанд,
Ба пойи ҳарзаалафҳои боғи колпараст.

Дар ин ҷо дигар аз вожаҳои таркибии ғазалҳои суннатӣ хабаре нест. Шоир, равон, аммо амиқ, вожаҳоро дар канори якдигар меовард. Шоир аз рӯзгоре месароид, ки дар он расидаҳо ғарибанд ва онҳоро касе намечинад ва саранҷом худ меафтанд.

Дар ин мисраъ низ бо таркиби тоза аз нигоҳи шаклӣ ва муҳтавоӣ бармехӯрем:

Ҳанӯз зиндааму зинда буданам хорест.

Зинда буданам хорест, таркиби тоза аст. Аммо, дар дигар байтҳои ин ғазал, бавижа дар қисмати қофия ва радиф, таркибҳои аз нигоҳи шакл суннатӣ, аммо аз назари баён тоза вуҷуд доранд, монанди калоғон, қилуқолпараст, шабнишинии харчангҳо, харчангҳои мурдобӣ, моҳии зулолпараст, боғи колпараст, номардуми заволпараст. Ҳамчунин дар ин байт ба тасвири модерн бармехӯрем:

Ба шабнишинии харчангҳои мурдобӣ
Чи гуна рақс кунад моҳии зулолпараст.

Абдуҷаббор Кокоӣ низ аз шоирони шинохташудаи имрӯзи Эрон аст. Ғазале аз ин шоирро менигарем:

Ба шавқ хилвате дигар, ки рӯ ба роҳ кардаӣ,
Тамоми ҳастии маро шиканҷагоҳ кардаӣ.
Маҳалламон ба Яман рафтани ту рӯсафед шуд,
Либоси аҳли хонаро, вале сиёҳ кардаӣ.
Чӣ рӯзҳо, ки аз ғамат ба шукӯҳ лаб гушудаам,
Ва ноумед гуфтаам, ки иштибоҳ кардаӣ.
Чӣ борҳо, ки гуфтаам ба қоби акси куҳнаат,
Дили маро шикастаӣ, бубин гуноҳ кардаӣ.
Вале, ту боз бесадо даруни қоби акси худ,
Фақат сукут кардаӣ, фақат нигоҳ кардаӣ [5, 227].

Аз ин ғазал, то ҷое бӯйи шеъри Фурӯғи Фаррухзод ба машом меояд. Ин ғазал, ошиқона оғоз меёбад, сипас ранги сиёсӣ ба худ мегирад. Ва дар ду байти охири ғазал, баёни равоӣ вуҷуд дорад. Ва ин аз вижагиҳои ғазали муосир аст. Ҳамчунин дар ҳамин ду байти охир, тасвири ошиқона, ки тозагиро дар худ дорад, нигариста мешавад. Аммо, аз сукут кардан ва бесадо будани касе дар як байт чаҳор бор сухан гуфта шудааст. Бесадо, даруни қоб акси худ, сукут, нигоҳ. / Вале ту боз бесадо даруни қоб акси худ/ Фақат сукут кардаӣ, фақат нигоҳ кардаӣ/, ки дар ҳамин байт, ки вопасин байти ғазал аст, ба ҳашв рӯ ба рӯ мешавем.

Бояд гуфт, ки шеъри Тоҷикистон дар марҳалае қарор дорад, ки забон ва баён дар он ба сурати табиӣ ҷараён меёбанд ва таркибҳо ва ташбеҳоти сода, аммо самимӣ дар он нигариста мешаванд. Дар ғазали Тоҷикистон низ чунин вижагӣ дида мешавад, ҳам дар шеваи баён ва ҳам дар гузиниши вожаҳо ва корбурди таркибҳо ва гоҳе ҳам дар тасвирпардозӣ.

Ба ин ғазал менигарем, ки сарояндааш Низом Қосим, яке аз шоирони матраҳи Тоҷикистон аст:

Ба ҷуз ишқат намеварзад дилам, эй ёри Варзобӣ,
Ба ҷуз рӯят намехоҳад дилам ин шоми маҳтобӣ.
Беҳин дам он даме бошад, туро кобам туро ёбам,
Беҳин дам он даме бошад, маро кобӣ маро ёбӣ.
Ба сад печӣ, ба сад тобӣ ту пешам норавон бошӣ,
Вале, дарё равон бошад, ба сад печӣ ба сад тобӣ.
Нагирам чашм аз чашмони обии ту то ҷовид.
Кунам андӯҳу ҳасратҳои дунёро ҳама обӣ.
Ту худ чун бахт бедорӣ шунав дарё чӣ мегӯяд,
Бихобад ҷовидон бахтат, агар имшаб даме хобӣ.
Бубин, ман ёфтам шӯри диламро дар канори ту,
Ту эй дарё, чӣ меҷӯйӣ, ту эй дарё, чӣ мекобӣ?
Шавам обу адо нозу адоҳои баландатро,
Аё эй ёри Варзобӣ, аё эй ёри Варзобӣ [4, 336].

Ин ғазал бо забони сода ва ширин суруда шудааст. Дар ин ғазал бозиҳои забонӣ мавриди таваҷҷуҳ сурат гирифтааст. Дар байти аввал менигарем, ки феъли варзидан дар пайванд бо исми Варзоб, ки дараи хушобуҳавое дар наздикии шаҳри Душанбест, мавриди истифода қарор гирифтааст. Шоир дар ин байт таносуби зебоиро риоят кардааст: Ба ҷуз ишқат намеварзад дилам, эй ёри Варзобӣ/ Ба ҷуз рӯят намехоҳад дилам ин шоми маҳтобӣ/ ишқ, дил ва варзидан, рӯй ва маҳтоб, дил ва хостан бо ҳам таносуби маъноии хубе доранд. Бозии забонии ҷолибе ҳам дар ҳамин байт дида мешавад: варзидан ва Варзоб. Ҳамчунин дар байти дувум ковидан, ки ба шакли кобидан омадааст ва аз вожаҳои пуркорбурди мардуми Тоҷикистон ба ҷойи пойидан ё ҷустуҷӯ кардан аст, истифода шудааст. Туро кобам туро ёбам, маро кобӣ маро ёбӣ. Дар байти чаҳоруми ин ғазал вожаи обӣ ба маънои ранги обӣ ва вожаи обӣ, ки омехтааст бои-и накара ба маънои об, боз ҳам чунон бозии забонӣ корбурд пайдо кардааст. Ва боз ҳам дар вопасин байт, корбурди сухане монанди ёри Варзобӣ ба ин бозӣ афзудааст.

Рафтаам аз ёдҳо бегонаи бегонагӣ,
Бастаам бар рӯйи муштоқон дари ҷононагӣ.
Ҳасрати парвоз дорам қудрати парвоз на,
Мекашам бори пару болам чу мурғи хонагӣ.
Осмон дилрӯйи оқилро ба ҷоҳил додааст,
Чораи бечорагии зан буд мардонагӣ.
Ҳар киро санге ба чанг афтад маро гирад нишон,
Зинда бодо пайкари обод дар вайронагӣ.

Ин чанд байт аз як ғазали Гулрухсор, шоири матраҳи Тоҷикистон аст. Дар ин ғазал низ садоқати шоир мавҷ мезанад. Шоир аз чораи» бечорагии зан сухан мегӯяд. Ва ҳамин таркиби «чораи бечорагӣ» ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки таноқузнамо ҳам шудааст. Дар байти дигар низ таркибе аз ин даст шакл ёфтааст монанди «пайкари обод дар вайронагӣ» [1, 31].

Дар ғазали дигар аз ҳамин шоир менигарем, ки сухан аз танҳоӣ мегӯяд ва дар ҳар байти ғазал тасвирҳои чашм, ҳис ва ҳоли хонандаро фаро мегиранд. Ин тасвирҳо аз вуҷуди таркибҳо зода мешаванд. Монанди пушти дари танҳоӣ, субҳи гирён, ховари танҳоӣ, хокистари танҳоӣ, ҳамсари танҳоӣ, базми сарҷамъони танҳоӣ ва ғайра...

Дар ин ғазал парадокс ҳам чеҳра менамояд: Менигарем: оташи барф, дарди ширин, гулафшони хазон.Аз ҳар мисраи ин ғазал дарди амиқ эҳсос мешавад:

Шаб ба поён мерасад пушти дари танҳоиям,
Субҳи гирён медамад аз ховари танҳоиям.
Ҳар азизе дарди ширини маро бахшиду рафт,
Талхии умр аст андар соғари танҳоиям.
Анҷуманро сардии эҳсоси ман озурдааст,
Оташи барф аст дар хокистари танҳоиям.
Ҳеҷ ҷуфтеро накардам тоқ аз озу нифоқ,
Бо сари танҳоӣ танҳо ҳамсари танҳоиям…
То гулафшони хизон дар шеъри ман созад фиғон,
Як чаман хонанда хонад дафтари танҳоиям.
Базми сарҷамъони танҳо мотами бегонагист,
Ман гувоҳи бепаноҳи маҳшари танҳоиям.
Рақси ман ҷон кандани танҳост байни анҷуман,
Модари миллат наям ман, модари танҳоиям [2, 265].

Гулрухсор шоире аст, ки дар канори дигар вижагиҳо, баъзе шеърҳояш аз таркибҳои породукси баҳраманданд. Мисол дар ин байтҳо аз ғазалҳои ӯ, бишикастан нашикастан ва зулмоти нур, парадоксанд.

Санг аз бишикастану нашикастанам дар ҳайрат аст,
Сангро бо шиша бишикаста, саломат мондаам [2, 264].
Хешро гум карданам ҳаққ буд дар зулмоти нур,
Ки Худоро байни кайҳону замин гум кардаам [2, 251].

Ин чанд байт аз як ғазал шоири матраҳи дигари Тоҷикистон Муҳаммадалии Аҷамӣ аст, ки бо назардошти фазои адабии Тоҷикистон, ҳолу ҳавои тоза дар онҳо эҳсос мешавад:

Ва бе хатти нигоҳат роҳро аз ёд мебурдам,
Агар меҳрат набудӣ, моҳро аз ёд мебурдам.
«Шабе таб доштам рафтиву қурси моҳ овардӣ»
Ки бе лутфи ту рӯзу моҳро аз ёд мебурдам.
Садои ошноӣ мевазад аз қоби тасвират,
Бидуни чашмҳоят оҳро аз ёд мебурдам.
Тамоми саргузаштам мешавад такрор дар чашмат,
Ва бе хатти нигоҳат роҳро аз ёд мебурдам [5, 361].

Яке аз шоирони дигари Тоҷикистон, ки ба ғазал низ гироиш дорад, Камол Насрулло аст. Дар ғазали ин шоир нуктаҳои дилангез дида мешаванд, ки хонандаро ба диранг во медоранд. Ин чанд байт аз як ғазали Камол Насрулло намоёнгари кори ӯ дар арсаи ғазал аст:

Сукути сангу моҳ шом овои ниҳон доранд,
Ҳама аҷноси бечон дар ҷаҳони худ ҷаҳон доранд.
Гумон кардӣ дарахтон, сабзаҳо, гулҳо ҳама лоланд,
Ки гӯё турбаи ҳар барг аз забони мо забон доранд.
Забони ин табиатро касе донад, ки медонад,
Ки инҳо розҳову рамзҳо дар осмон доранд.
Ҳама ин ғайрату зӯру виқори одам аз ишқ аст,
Вагарна одамон дар чӯби ҷисми худ чӣ чон доранд...[6, 208].

Пас, бояд чунин гуфт, ки ғазал дар сарзаминҳои мухталиф суруда мешавад ва дар ҳар кишвар назар ба ҳолу фазои ҳамон ҷо ба дарёфтҳои тоза, ҳам аз нигоҳи забон ва таркибҳо, ҳам аз нигоҳи баён ва тасвирпардозиҳо ва ғайра даст меёбад.

Аз ин, ки ғазал яке аз қолабҳои пуртарафдор аст ва дар рӯзгорони мухталиф суруда шудааст, дар ҳар давра дар ҷо намондааст ва мутаҳаввил шудааст, имрӯз ҳайсияту ҳуввияти шеъри мо ва ҳуввияти забони моро дорад.

Чаро ки ғазал ҳам аз назари қадим буданаш ва ҳам аз нигоҳи нав буданаш арзиш дорад. Ҳамчунин аз нуқтаи фарогир буданаш қобили таваҷҷуҳ аст. Ончунон ки дар се кишвари ҳамзабон Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон ғазал ин гунае фарогир аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Сафӣ Гулрухсор. Ашки тӯфон / Гулрухсор Сафӣ. - Теҳрон, Интишороти Дабирхонаи Шӯрои густариши забон ва адабиёти форсӣ, 1378. - 315 с.
2. Сафӣ Гулрухсор. Танҳотар аз танҳоӣ / Гулрухсор Сафӣ. Интишороти байналмилали Алҳудо. - Теҳрон, 1388. - 400 с.
3. Осӣ Қаҳҳор. Лолоӣ барои муаллима / Қаҳҳор Осӣ. – Кобул: Интишороти раёсати нашриёти Вазорати иттилоот ва култур, 1368. - 246 с.
4. Қосим Низом. Кӯҳи садо / Низом Қосим. - 336 с.
5. Муҳаммадхонӣ Алиасғар. Боғи бисёрдарахт. Гузидаи шеъри муосири форсии Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон ва Ӯзбакистон / Алиасғар Муҳаммадхонӣ. – Теҳрон, Навбат, 1383. - 350 с.
6. Насруллоҳ Камол. Гулхани гул. (баргузидаи ашъор) / Камол Насруллоҳ. – Душанбе, Чопхонаи Пайванд, 1391. - 230 с.

ГАЗЕЛЬ - ВСЕОБЪЕМЛЮЩИЙ ЖАНР

Газель является наиболее распространённым поэтическим жанром в персидско - таджикской литературе. В Афганистане поэты, сочиняющие газели, делились на тех, кто увлекался сочинением только газелей, и тех, кто наряду с газелями создавал поэтические произведения и в других общеизвестных жанрах.

Ключевые слова: газель, поэзия, персидско - таджикская литература.

GAZELLE - A COMPREHENSIVE GENRE

Gazelle is the most common genre of poetry in Persian - Tajik literature. In Afghanistan, the poets who wrote gazelle were divided into those who are fond of writing only gazelles, and those along with gazelles created poetry and other well-known genres.

Key words: gazelle, poetry, Persian - Tajik literature.

Сведения об авторе: ***Х. Фуруг*** - аспирантка Таджикского государственного Института языков им. С. Улугзода. Телефон: (**+992) 919-69-10-07**

«МИРРАТ – УЛ - АРӮС» АЗ НАХУСТРОМАНИ УРДУ

Ҷ. Холов
Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент

Мавлавӣ Назир Аҳмад бо таълифи ин асар ба урдузабонҳои Ҳиндустон, махсусан, занони аҳли савод муроҷиат карда мегӯяд, ки асоси пешрафти рӯзгори онҳо дар дасти ҳар як духтар аст ва ин, албатта, ба доираи фаҳмиш, ҷаҳонбинӣ ва шуури аҳли оилаи онҳо вобастагӣ дорад. Аз ин нуқтаи назар, адиб дар миёни аҳли маориф ва фарҳанг, чи гузашта ва чи имрӯза хеле нигоҳи тозае дошт. Ба ақидаи ӯ истифода аз мӯдҳои куҳна ва нав масъалаи асосӣ нест, зеро пӯшидани ачкан ва ё поҷома, ё ин ки як ҷуфт шоли кашмирӣ дар гардан ва ё ҳама гуна либоси дигари ҳиндӣ, аҳамият надорад, зеро либос барои гузаронидани ҳаёти рӯзмарра мебошад. Чунин ақидаро ӯ, ҳатто, дар суханрониҳояш миёни мардум ҳамеша иброз медошт. Аннимери Шиммел доир ба мавқеи ин асар чунин овардааст: “Маълум аст, ки «Миррат–ул-арӯс» дар насри бадеӣ доир ба аҳамияти саводнокии занон дар Ҳиндустон мавқеи аввалро ишғол менамояд” [2, 232].

Ба навиштаҳои Н. Аҳмад нависандагони зиёде пайравӣ намудаанд, вале ҳеҷ адибе мисли ӯ дар ин ҷода муваффақ нагаштааст. «Миррат-ул-арӯс»-и Н. Аҳмад дар адабиёти урду аз нахустроманҳои майлони ҳақиқатнигоридошта шинохта шудааст ва то ба имрӯз аз беҳтарин романҳо шуморида мешавад [3, 40].

Назир Аҳмад бо ҷасорат собит намуд, ки дар рӯзгори мардуми одӣ ҳама ҳодисоти сангин ва дар зиндагии табақоти боло воқеоти рангин рух медиҳад. Ва ин нобаробариро дар асарҳояш моҳирона ифшо намудааст. Дар баробари ин нависанда ҳайсияти қаҳрамонҳояшро новобаста аз мансубияти табақавӣ кушода додааст ва камбудиҳои зершуурии онҳоро нишон дода, калиди даркушоии монеаҳо ва душвориҳоро ба ин гуна одамон тарҳрезӣ намудааст. Дар он давр диди воқеии нависанда маҳдуд бо мавҷудияти синфӣ миёнаи мусулмонмазҳабон буд. Ва талаб кардан аз адиб амали иловагиеро ғайриимкон буд. Портретҳои офаридаи Н. Аҳмад мукаммал набошанд ҳам, дар қадамҳои аввалини офариниши жанри роман мустаҳкам ва қавӣ буданд. Танҳо тасвири ҳаёти табақаҳои гуногуни Ҳиндустони Шимолӣ дар «Миррат–ул–арӯс» (Зеркало невесты), «Бинат–ун-наъш» (Созвездие Большой Медведицы), «Тавбат–ун–Нусуҳ» (Раскаяние Нусуха) ва «Фасонаи Мубтало» (Повесть о Мубтале) пас аз шӯриш барои хонанда ва муаррихин як хазинаи бебаҳоест аз зиндагии воқеии даврони нависанда.

Нависанда ҳаёти ҳиндустониёнро то омадани мағрибиён ҳаёти дастнахӯрда ва табиӣ медонад. Фарҳанги мағрибиён ба соҳоти мухталифи ҷомеаи Ҳинд ва ҳатто, ба дурдасттарин гӯшаҳои он бетаъсир намондааст.

Дар ҷомеае, ки тасвири онро мо дар «Миррат–ул–арӯс» дармеёбем, (даврони пас аз шӯриши солҳои 1857–1859) мардум он қадар хуб зиндагӣ надоштанд. Оилаҳое, ки то имрӯз аз молу мулки шахсиашон аробаи зиндагиашонро худ мекашиданд, акнун барои фарзандонашон ҷойи кор меҷустанд. Дар байни ҷавонону наврасоне ба мисли Мубтало, Калим, Аскар ва Камил мутаҳайирӣ ва парешонхотирӣ ба назар мерасад. Ҳарчанд ки насли куҳансол кӯшиш мекард, ки ин масъаларо нодида гирад ва виқору азамати хешро нигоҳ дорад. Эҳсоси муҳаббат, бетарафӣ, фарз ва қарзи инсонӣ риоя карда мешуд. Умуман, ба таври кӯтоҳ метавон гуфт, ки ҷамъият ва фарҳанге, ки дар асоси он «Миррат–ул–арӯс» ва «Тавбат–ун–Нусуҳ» инъикос ёфтааст, ҷамъияти бемору пухтарасидае буд, ки даврааи пӯсишро аз сар мегузаронид.

Назир Аҳмад тавонист, ки камбудиҳои ин ҷомеаро аз роҳи таблиғу тасвири одитарин усулҳои ахлоқӣ ва инсонпарварӣ ифшо намояд ва аҳли ҷомеаро ба роҳи дуруст раҳнамун созад. Дар таълифоти ӯ хӯрдагирӣ ба ин ё он режим дида намешавад. Нависанда на аз қудратмандони ҳиндӣ ва на аз мустамликадорон ҳимоят мекард, балки танҳо ҳикояти занону мардонеро ба тасвир кашидааст, ки бо ҳақиқати талхи замона рӯ ба рӯ гаштаанд ва такягоҳи комиле дар ҷомеа намеёфтаанд.

Таълифи «Миррат–ул–арӯс» дар солҳои ҳафтодуми асри XIX тағйироти босуръате дар ҳаёти иҷтимоии Ҳинд ба вуҷуд овард ва ин ҳам танҳо як ҷанбаи шуҳрати нависанда аст. Бузургии ӯ ҳамчун романнигор ба ақидаи Суҳравардӣ «дар характерофарии аъло ва устодонаи ӯ (Назир Аҳмад–Ҷ.Х.) зуҳур меёбад. Метавон зикр кард, ки «қаҳрамонҳо»-и ӯ то ба ҳол зиндаанд. Онҳо зиндаанд, нафас мекашанд,

онҳо занону мардони воқеиянд; мо онҳоро медонем, бо онҳо вомехӯрем, бо онҳо ҳар рӯз рӯ ба рӯ мезанем, онҳо ҳамеша зиндаанд ва онҳо ба тамоми қавму миллатҳо мансубанд» [3, 41]. Суҳравардӣ дар таъйиди чунин ақида ба назари мо то дараҷае ҳақ дорад. Зеро, Назир Аҳмад дар романи урду бори нахуст портрети чандин қаҳрамонҳоеро ба монанди Асғарӣ, Акбан, Комил, Оқил, Маҳмуда, Ҳусноро, Наҷмо, Калим, Рамула, Салим, Фаҳмида, Нусуҳ, Мубтало, Ғайратбегим ва дигаронро ворид кард, ки дар симои онҳо тарафҳои гуногуни рӯзгори инсонҳо таҷассуми асил ёфтааст, на беш аз ин.

Зимни таҳлили характерҳои офаридаи Назир Аҳмад рӯшан мегардад, ки нависанда таваҷҷуҳи хешро на танҳо дар тасвири қаҳрамонҳои асосии романҳояш равона кардааст, балки ӯ дар офариниш ва мавқеъофарии қаҳрамонҳои лаҳзавӣ ва ё худ дувумдараҷаи осораш низ заҳмат кашидааст. Ин гуна қаҳрамонҳои Н. Аҳмад ҳарчанд як ва ё чанд лаҳзае зуҳур ёбанд ҳам, дар ин муддати кӯтоҳ ба раванди сужети асар тапиши эҳсосшаванда ва фаромӯшнашавандае медиҳанд. Ин яке аз вижагиҳои сабки нигориши нависанда аст. Аз ҷумла, чун пресонажҳои лаҳзаи хотирмон метавон аз қаҳрамонҳое чун Фазилат ва Зулфон, Барибиро аз «Фасонаи Мубтало», Мавлавӣ Муҳаммад Фозил, Дурандеш Хон, Тамошо Хонумро аз «Тавбат–ун–Нусуҳ» ном бурд.

Ин гуна қаҳрамонҳо гоҳо ишора мешаванду дар бораи шахсияташон тафсилоте дода намешавад. Вале, аз ҳамин чанд сатр хонанда метавонад нақши калидии онҳоро дарк намояд. Масалан, дар бораи сардор Комил ҳамагӣ чанд сатр оварда шудааст. Вале, аз ҳамон маълумоти ночиз мо метавонем ба осонӣ усули кори ӯ, шаҳомати ӯ, зердастпарварии ӯ ва таҳаммулпазирии ӯро эҳсос намоем. Ва ин ҳама ба як гурӯҳ кормандони идоравии солҳои ҳафтодум ва ҳаштодуми айёми зиндагии нависанда хос мебошад.

Ва ё симои дувумдараҷаи дигар Тамошо Хонум аст. Тамошо Хонум низ хеле кам дар асар ба чашм мерасад. Бо вуҷуди ин тасаввуроти мутаассире ба хонанда мегузорад. Тамошо Хонум забони баде дораду дили бараҳме. Дар кори худ бошад ҳамто надошт. Номи Тамошо Хонум дар асар вақте ба миён меояд, ки Аскарӣ ба ӯ хоҳиши издивоҷ мекунаду масъалаи маҳр, яъне ҷиҳозро пурсон мешавад. Дар ҳамин маврид ҳам ӯ бо дили дарёаш Аскариро тасалло медиҳад, ки ошуфта набошад, худованд мушкили моро ҳал мекунад. Дар симои ин духтар нависанда як зани ҳозиразамоне, ки абрӯвонашро чида, лабонашро ранг карда, ба намуди зоҳирии хеш таваҷҷуҳи хосса дорад, тасвир кардааст.

Қаҳрамони дигар Дурандеш, аз насли тоҷирони Ҳиндустони ҳамонрӯза мебошад, ки дар савдо муваффақ гаштаасту мехоҳад кору борашро боз ҳам равнақ бахшад. Ва хотири ӯ банди вазифаву мавқеъ миёни табақаи сарватмандон аст.

Дар «Миррат–ул–арӯс» ҳар як шахсиятро метавон ба як санги хурде ташбеҳ дод. Шоҳзамони Бегим, Султона Бегим, Ҳаким Соҳиб, модари Акбар ва дигарон аз зумраи қаҳрамонҳои ҷолиб ва лоиқи таъриф мебошанд. Ин гуна персонажҳо ба тарзи хосаву муносиб ба хонанда арзёбӣ карда шудаанд. Масалан, дар тасвири ду «персонаж»-и асосӣ Акбарӣ ва Асғарӣ муаллифи асар қудратмандӣ ва тавоноии характерофариниашро пурра истифода кардааст. Яъне, Н. Аҳмад чунон ин ду қаҳрамон - Акбарӣ ва Асғариро ба хонандаи адабиёти урду пешкаш менамояд, ки онҳо на ҳамчун қаҳрамони асар, балки чун симоҳои маъруфи ҳаётӣ ва зинда падид меоянд. Мардум дар бисёр ҳолатҳои зиндагӣ аз ибораву мақолаҳои «Миррат–ул–арӯс» ва «Бинат–ун-наъш» васеъ истифода мебаранд. Ва модарон ба духтаронашон рӯ оварда мегуфтанд, ки мисли Ҳусноро набошанд ва ё хурсанд аз он мешуданд, ки агар онҳоро ба Асғарӣ баробар мекарданд.

Агар аз нуқтаи назари имрӯза ба симои Акбарӣ назар афканем, характери ӯ хеле аҷоиб ва ҷолиб ба назар мерасад. Замони таълифи ин асар чунин духтарон дар ҷомеаи онвақта он қадар обрӯ надоштанд. Қаҳрамоне ба мисли Акбарӣ дар нигоҳубини хона зани хубе набуд. Ба нисбати синну солаш мустақил набуд, яъне ба монанди ҷавонзанони аврупоӣ худкораву озодфикр набуд. Зани зудбоваре буду бо ҳама атрофиён тез унс мегирифт. Дар маҷмӯъ, дар симои ӯ зани хонабону кадбонуи хуб дида намешуд. Аз дидани хӯроки пухтаи ӯ иштиҳо якбора гум мешуд. Бастани дарро фаромӯш мекард. Ба ҳама масоили зиндагӣ бепарвоёна нигоҳ мекард. Ҳама чизҳо дигаргун мешуданду дар рафтори занон низ табодул дида мешуд, вале Акбарӣ ҳамоно бомаром ва мунтазам кори худро идома медод. Дили гарму дӯстдоштание дошт Акбарӣ ва ба ҳамин хотир симои ӯро Н. Аҳмад ба нисбати Асғарӣ содаву равон офаридааст. Мушкилоти Акбарӣ бештар аз ҳамин содагиаш бармехест. Ӯ дарро ба хотири он қуфл намекард, ки мафҳуми даромадани шахси ғайр ба хона ва ё дуздидани асбобу анҷоми рӯзгор барояш бегона буд. Акбарӣ ҳатто аз дуздзан ва

ғоратгар будани Биҳаққан гумон ҳам бурда наметавонист. Ҳанӯз мисли кӯдакон зудбовар ва ғаправ буд. Биҳаққани танҳову ғамгинро дида бо дилсӯзиву дӯстдорӣ ӯро ба наздаш даъват менамояд. Акбарӣ худ ба худ бовар карданӣ мешуд, ки дӯсти хубу ғамгусоре пайдо намудааст ва бе ҳеҷ ваҷҳ чизе аз ӯ пӯшида надошт. Биҳаққан дар навбати худ Акбариро фиреб дода, тамоми ҷавоҳироти ӯро бо нархи тамоман арзон бо баҳонаи «тоза намудан» харидорӣ намуда, пас аз «тоза» кардан нусхаи нақлии онро дубора ба Акбарӣ бо нархи гарон мефурӯшад. Ва Акбарии сода аз ин савдои «қулай» хурсандона ба шавҳараш мегӯяд: «Ҷонам, ман чи хел доноям! Ман ҷавоҳиротамро арзонакак аз нав тоза карда гирифтам» [2, 121].

Н. Аҳмад барои Акбарӣ ягон муҷозоте пеш намеорад, вале ӯро ҳақ ҳам баровардан нест. Ӯ характери офаридаашро танҳо нишондиҳандаи содалавҳӣ ва беандешагии занони замонаш медонад. Чи хеле ки қайд кардем, Н. Аҳмад нависандаи романтик набуда, балки пайрави методи реалистист ва саъй кардааст воқеияти зиндагиро тавре ки ҳаст ба қалам диҳад ва хулосабарориро ба дӯши хонанда вогузор мекунад ва ба хотири ҳақиқатнигориаш дар зиндагӣ ҳамеша чизеро ҷуброн мекард. Муҳим он аст, ки адиб қаҳрамонашро моҳирона тасвир кардааст, ба ӯ бовар дорад, ӯро на муҳокима менамояд, на таърифу танқид менамояд ва бо Акбарӣ ҳамчун инсони воқеӣ муомила мекунад.

Вижагии дигари симои офаридаи Н. Аҳмад Асғарӣ бошад, тақассуми тамоми мардуми хушкирдору инсонпарвар мебошад. Дар симои ӯ нависанда занони ҳунарвару кадбонуи беҳтаринро тасвир намудааст, ки онҳо ба ҳама гуна кору бори оила ва хонадорӣ қодиранд. Асғарӣ гӯё ҳиссиёти худододе дошт, ки то хурдтарин ҷузъиёти хонаро медонист ва мавриди истифода онро ба таври инстинктивӣ корбаст мекард. Вале ин маънои онро надошт, ки Асғарӣ дар ҳама маврид муваффақ буд. Дар зиндагии ӯ ҳолатҳои вазнину сахте низ буданд, ки баҳри рафъашон кӯшидааст ва роҳи ҳалли оқилонаву бамавридеро дарёфтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Bukhari Suhail. Navalnigarii Urdu, ta’rikhu tanqid / Suhail Bukhari. – Lahor: Meri laybrari, 1966. - 254 c.
2. Nazir Ahmad. Mirrat–ul–arus / Ahmad Nazir. - Dehli: Sangam books ltd, 2001. - 157 c.
3. Schimmel Annemarie. Classical Urdu literature from the beginning to Iqbal, ed. Jan Gonda, VIII:3. / Annemarie Schimmel. - Wiesbaden, 1975. - P.232.
4. Suhrawardy Shaista Akhtar Banu (Begum Ikramullah). A Critical Survey of the Development of the Urdu Novel and Short Story / Banu Akhtar Shaista Suhrawardy. - London: Longmans, Green and Co., 1945.
5. Zikriyo Shagufta. Urdu nasr ka irtiqa aghaz se 1857 tak / Shagufta Zikriyo. - Lahor, 2004. - 85 c.
6. Сухочев А.С. От дастана к роману: из истории художественной прозы урду XIX века / А.С. Сухочев. - М: Наука, 1971. - 245 с.

«МИРРАТ–УЛ–АРУС»-ПЕРВЫЙ РОМАН НА ЯЗЫКЕ УРДУ

Статья в целом исследует развитие романа Назир Ахмада на урду. Автор уделяет внимание главным образом на место и роль Назира Ахмада, потому что Назир Ахмад впервые понимает формы и цель романа и смесь идеализма и реализма с индийской темой, изложение вопросов и мировоззрения в западной форме. Он не только обогащает его своим ценным вкладом, но также обеспечивает литературную форму, определенным направлением и ростом. Таким образом, Назир Ахмад считается одним из самых почитаемых фигур в романистике урду.

Ключевые слова: Назир Ахмад, роман, развитие прозы, рассказ, литературная деятельность, прогрессивное движение, Акбари, Асгари.

“MIRRAT–UL–ARUS” ONE OF THE FIRST URDU NOVEL

The article as a whole examines the development of Urdu novel by Nazir Ahmad. The author pays attention mostly on the place and role of Nazir Ahmad, because Nazir Ahmad for the first time understands the form and purpose of the novel and blends idealism and realism with the Indian themes, issues and worldview in this western form. He not only enriches it by his valuable contribution but also provides the literary form a specific direction and growth. Thus Nazir Ahmad is considered one of the most revered figures in the field of Urdu novel.

Key words: Nazir Ahmad, novels, prose development, story, literary activity, progressive movement, Akbari, Asgari.

Сведения об авторе: ***Дж.Ш. Холов*** - доцент кафедры таджикской филологии Таджикского педагогического института в городе Пенджикент. Телефон: **(+992) 920-97-88-08, 927-59-54-74. E-mail:** javeed@bk.ru

МАҚОМИ ЖАНРИ ДУБАЙТӢ ДАР АШЪОРИ ФАРЗОНА

Г.Б. Шералишоева
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Дар байни суханварони насли нави муосири тоҷик, ки пас аз солҳои 80-ум ба арсаи адабиёт қадам гузоштаанд, эҷодиёти Фарзона мақоми махсусеро соҳиб мебошад, зеро муҳимтарин хусусияти эҷодиёти шоира таҳким бахшидани пайванди байни шеъри гузашта ва имрӯз аст. Ба ин маънӣ, шоира қариб дар тамоми анвои шеърии адабиёти классикӣ қаламфарсоӣ намуда, барои ба вуҷуд овардани мазмун ва тасвирҳои наву бадеъ саҳми муҳим гузоштааст. Анқариб дар тамоми маҷмӯаҳои шеърии шоира метавон ба олами тасвирҳои тоза, мазмунҳо ва образҳои бикру обнорасида ошно шуд, зеро Фарзона ба ҳаёт нигоҳи вижа дорад.

Ашъори шоира Фарзона то имрӯз ду маротиба дар кишвари Эрон бо номҳои «Паёми ниёгон» (1997) ва «Сӯзи нотамом» (1385 ҳ.) мунташир гардида, мавриди таваҷҷуҳи суханварон ва муҳаққиқони эронӣ қарор ёфтаанд. Бори аввал Алиасғари Шеърдӯст Фарзонаро ҳамчун шоираи дилбастаи кишвари Эрон ба хонандагони эронӣ муаррифӣ намуда**,** баъдан дар китоби «Чашмандози шеъри муосири тоҷик» [6] ба эҷодиёти Фарзона ҳамчун пешгомтарин шоираи тоҷик баҳои сазовор додааст. Мураттиб ва муаллифи сарсухани китоби «Сӯзи нотамом» [3] низ дар пешгуфтори маҷмӯа муҳимтарин хасоиси шеъри Фарзонаро барои хонандаи эронӣ бозгӯ кардааст. Муҳаққиқи дигари эронӣ Алиризо Қазва дар китоби «Хуршедҳои гумшуда» ва ҳамчунин дар пешгуфтори ба китоби «Садбарги ғазал»-и Фарзона навиштааш ба ашъори ин шоираи хушкалом таваҷҷуҳ намудааст [5]. Мавсуф, инчунин дар мақолаи «Гироишҳои тасаввуфӣ дар шеъри имрӯзи Тоҷикистон» (6) доир ба ҷанбаҳои ирфонии каломи Фарзона изҳори назар кардааст.

Агар бигӯем, ки Фарзона дар дигаргун шудани шеъри тоҷик нақши боризе дорад, иштибоҳ нахоҳад шуд. Аз оғоз Фарзона ба гуфтани шаклҳои суннатии шеър чун ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ, достону манзума муваффақ буда, дар шеъри ҷадид низ яке аз аввалинҳо ва муваффақтарин шоирони тоҷик ба ҳисоб меравад. Ба назар меояд, ки Фарзона ҳангоми офариниши шеър дар мавриди чигунагии қолаби шеър намеандешад, ашъори шоира чи дар заминаи шеъри ҷадид ва чи дар заминаи шеъри суннатии классикӣ дорои тасвирҳои дилписанд, маъниҳои бикр, алфози дилнишин ва назокати хосе ҳастанд, ки зуд ба дили хонанда роҳ меёбанд. Вақте ки шоира дар заминаи шеъри суннатии гузаштаамон шеър мегӯяд, чеҳраи ҳунарии ӯ ҳамчун вориси суханварони баноми адабиёти классики тоҷик зуҳур мекунад, аммо замоне ки дар қолабҳои нав шеър эҷод мекунад, хонанда чеҳраи ӯро ҳарчи бештар ҳамқадами замон эҳсос мекунад.

Дубайтӣ низ чун ғазалу рубоӣ ва қасида аз қадимтарин намудҳои шеър аст, ки талабот дар ин навъи шеърӣ андар сухани кам ҷо додани мазомини густарда будааст. Дубайтиҳои Фарзона, ки анқариб дар ҳар китоби ӯ интишор шудаанд, фарогири мавзӯоти фарорафта ва замонавӣ аст. Дар ҳама намуди шеъри ин шоираи мумтоз тозаю замонавӣ будани мазмун яке аз хасоиси шеърӣ ба ҳисоб меравад ва дубайтиҳояш низ аз ин хусусият мустасно нестанд. Дар шаклҳои шеърии рубоӣ ва дубайтӣ бештар баррасии андешаҳои фалсафӣ, панду андарзӣ ва эҳсосу отифати рӯҳи шоир ба назар мерасад.

Дубайтиҳои Фарзона фарогири андешаҳои фалсафӣ ва ирфонӣ буда, махсусияташ дар печидану ба ҳам омадани мазмуни олӣ ва бадеият аст. Дар мавриди пажӯҳиши дубайтиҳои Фарзона, чун дигар ашколи адабии ашъори ӯ, бозёфтҳои шоирона ва баррасии мавзӯъ ва мундариҷаи онро лозим медонем. Дар маҷмӯаи ашъори Фарзона «Муҳри гули мино» дубайтиҳои шоира дар боби «Саҳарнам» гирдиҳам омадааст ва дар китоби «Себарга» бошад, таҳти унвони «Чорзарби дил» интишор ёфтааст, ки мо ҳамин дубайтиҳоро мавриди нақду таҳлил қарор хоҳем дод.

Бояд гуфт, ки Фарзона дар сароиши дубайтӣ ҳам, чун анвои дигари шеъраш, ба масоили накӯҳиши ахлоқи аҳримании инсон, шикоят аз замон, тарғиби ватандӯстӣ ва сулҳу салоҳ, раҳнамоӣ ба сӯйи фарҳангу маърифат, баёни ҳолатҳои рӯҳӣ ва ташхиси ботинии инсонҳо дахл кардааст. Аз мутолиаи рубоӣ ва дубайтиҳои Фарзона маълум мешавад, ки ӯ рубоиёти Абӯабдуллоҳи Рудакӣ, Бобо Тоҳири Урён, Умари Хайём ва Бедилу Иқболи Лоҳуриро мавриди мутолиа қарор додаву шефтагӣ бар он доштааст, ки гоҳо нохудогоҳ аз ин бузургони сухан таъсир пазируфтааст:

Лаҷанзодӣ, уруҷат ҳам ба паст аст,

Фақат дар сарнавишти ту шикаст аст.
Касонро хасму маҷробанд хонӣ,
Вале санги дилат роҳи ту бастаст [1, 373].

Дар пешниҳоди мазмуну муҳтавои дубайтӣ Фарзона мухтасарсуханию густурдамазмуниро риоят кардааст. Дар дубайтии зерин дар баробари хасисаи мазкур, инчунин ташбеҳи «ба охур баста чун навбаст будан» ташбехи тозаи шоирона аст:

Бигӯ, то кай зиёфат маст будан,
Ба охур баста чун навбаст будан.
Дили бечуръатат зери шикам монд,
Назад як бор табли ҳаст будан [1, 387].

Ин маънӣ раҳоӣ аз ҳирсу оз ва қаноатпешагиро талқин мекунад, ки дар оёти мукаррами Қуръон ва дар ашъори классикон ба таври фаровону ба такрор дучор мешавем, аммо Фарзона онро бо тарзи худ гуфтааст. Дар зарфи танги дубайтӣ пос доштани хотири бадеъият, суварнигорӣ ва дар айни замон фаромӯш накардани пешниҳоди мавзӯи тозаву судманд аз муҳимтарин хусусиятҳои дубайтисаройии Фарзона аст:

Ҳакиқат гарчи хуршеди аён аст,
Гаҳе дар меъдаи аждар ниҳон аст.
Дили ман, муршидат дар осмон аст,
Сулукат то ҳақиқат ҷовидон аст [1, 386].

Дар ин дубайтӣ «аждар» киноя аз одамони бад аст, «дар меъдаи аждар пинҳон будани офтоби ҳақиқат» бозёфти аз ҷиҳати таносуб мувофиқ ва зебову шоирона аст.

Дар дубайтии зерин бошад, хиёнат накардан ба моли мардум, пок будану қаноатманд будан ва муҷозоти амали бадро фаромӯш накардан баён шудааст. Шоира таъкид мекунад, ки дуздиву таррорӣ яке аз бадтарин хислатҳои ботинии инсонҳои бастаи ҳирсу оз аст, ки ба дигарон зарар меоварад. Шахси гирифтори ин хислати бад намедонад, ки на танҳо ба мардум, балки ба хеш низ бадӣ раво дидааст, ки оташи дӯзах сазои ин амали ӯст:

Мадузд арзан, ки сад хирман кунӣ гум,
Дирамро бурдаву махзан кунӣ гум.
Чу дуздона ба равзанҳо даронӣ,
Гаҳи берун шудан равзан кунӣ гум [1, 386].

Дар ин дубайтӣ, инчунин дар зимни мафҳумҳои арзан, хирман, махзан ва равзан як навъ хушоҳангии калимот низ нуҳуфта аст.

Чунонки гуфтем, Фарзона дар ҳамаи навъҳои шеър, дар баробари офаридани мазмунҳои тозаву ноб, бадеияти нотакрору бесобиқаро ба тасвир кашидааст, ки бо ин хусусият ашъори ӯ маҳбуби дилҳо ва нишаста дар садри дилҳост. Дар зер намунаҳоеро аз чанд дубайтии шоира зикр мекунем, ки далели ҳамин даъвоянд:

Дар накуҳиши бадгӯён:

Ба шабнам номи тардоман ту додӣ,
Ба Ҳурмуз исми Аҳреман ту додӣ.
Риёро ҳар кӣ аз дил пеш мекард,
Даруни қалби худ маъман ту додӣ.

Тарғиби некӣ кардан:

Накӯӣ кун, ки исботи ту ин аст,
Дили осӣ муноҷоти ту ин аст.
Дар ин дунё ҳам оинномаи туст,
Ба машҳар хам ҳисоботи ту ин аст.

<u>Накуҳиши хурофот:</u>

Бирав ,эй фолбини фолгардон,
Ки ман дорам худои ҳолгардон.
Ҳисоботи диламро мепазирад,
Ба рӯзи ҳашр он аъмолгардон.

<u>Носозгории замон:</u>

Бишуд хармӯҳра хасми гавҳари ноб,
Дурахшон гашт мисли кирми шабтоб.
Чу натвонист моҳи осмон шуд,
Ба зулмат ғӯта зад моҳии мурдоб [1, 373 – 390].

Ҳамин тариқ, баррасиҳои фавқ дар заминаи рубоӣ ва дубайтисаройии Фарзона нишон медиҳад, ки дар ин ашколи шеърӣ низ мавзуъ ва мундариҷаи афкори ӯ

густурда аст. Зеро, қариб дар ҳар мисрае аз чаҳорпораҳои шоира таркиботи тозаву дилнишин ба чашм мерасад. Таркиботу вожахои худсохти шоира, аз қабили «фалаки беихтисос», «маҷрокушо», «маҷробанд», «шафақпартав», «шаъшааи пиндор», «соати сурх», «имзои мунаввари Худо», «шаҳодатномаи милод», «мавҷпайванд», «авҷпайванд», «даршумор», «лолаи урдубиҳиштӣ», «курсисаворон», «шакархоб», «сабристон», «абристон», «фархундаиршод», «маҳбаси чилсола», «исисалобат» ва ғайра, ки анқариб дар ҳар як офаридаи шоира ба назар мерасанд, баёнгари маҳорат ва ҳунари баланди суханварӣ ва нерӯи муъҷизасони истеъдоди Фарзона мебошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Фарзона. Мӯҳри гули мино / Фарзона. - Хуҷанд: Ношир, 2009. - 400 с.
2. Фарзона. Як ғунча роз / Фарзона. - Хуҷанд: Ношир, 2009. - 112 с.
3. Фарзона.Сӯзи нотамом(маҷмӯаи шеър) / Фарзона. - Теҳрон: Расониш, 1385. - 143 с.
4. Фарзона. Себарга / Фарзона. - Хуҷанд: Ношир, 2011. – 488 с.
5. Фарзона. Садбарги ғазал / Фарзона. - Хуҷанд: Ношир, 2011. – 110 с.
6. Шеърдӯст А. Чашмандози шеъри имрӯзи Тоҷикистон / А. Шеърдӯст. -Теҳрон: Ал-ҳудо, 1376. -326 с.
7. Қазва Алиризо. «Гироишҳои тасаввуфӣ дар шеъри имрӯзи Тоҷикистон» / Алиризо Қазва // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, 2011. - №2 (26). – С.3-12.

МЕСТО ЖАНРА ЧЕТВЕРОСТИШИЯ В ПОЭЗИИ ФАРЗОНЫ

В данной статье автором подвергнута изучению и рассмотрению стихотворная форма четверостишия в творчестве одной из известных таджикских поэтесс Фарзоны Худжанди. Автор статьи с приведением примеров из поэтических сочинений Фарзоны указывает на то, что поэтесса наряду с другими таджикскими писателями внесла огромный вклад в развитие жанра четверостишия в таджикской поэзии.

Ключевые слова: творчество Фарзоны, традиционные формы поэзии, поэтическое мастерство, поэтическое изображение, искусство сочинения, поэтический взгляд.

THE PLACE OF GENRE QUATRAINS IN THE POETRY FARSONY

In this article, the author subjected to study and discuss the poetic form of quatrains in the works of one of the famous Tajik poets of Forsony Khujandi. The author of the article and give examples of the poetic works of Forsony indicates that the poet along with other Tajik writers made a huge contribution to the development of the genre of the quatrains in the Tajik poetry.

Key words: creativity Farsani, traditional forms of poetry, poetic skill, poetic images, art works, poetic look.

Сведения об авторе: ***Г.Б. Шералишоева*** - соискатель ТГУПБП. Телефон: **925-64-23-71**

МАЗОМИНИ ҚУРЪОНӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

Ш. Саидалиев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар паҳнои адабиёту фарҳанги классикии форсӣ-тоҷикӣ шояд шоиреро натавон пайдо намуд, ки зимни офариниши ашъори хеш зери таъсири Қуръони Карим ва аҳодису ривоёти мазҳабӣ қарор нагирифта бошад. Аксари шоирони бузурги мо аз матолиби ин китоби осмонӣ ва аҳодису қиссаҳои қуръонӣ фаровон истифода намудаанд.

Вале дар ин миён ҷойгоҳи Лисонулғайб Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ҷудогона аст. Ҳатто мурури кӯтоҳе бар ғазалиёти Ҳофиз нишон медиҳад, ки шеъри ӯ беш аз ҳар сарчашмаи дигаре аз Қуръону қиссаҳои қуръонӣ мутаассир аст ва ин беиллат нест, ки шарҳаш баъдан зикр мегардад.

Тавре ки маълум аст, бо вуҷуди он ки Ҳофизи Шерозӣ ҳанӯз дар замони қайди ҳаёт буданаш шуҳраи офоқ гардида буд, вале мутаассифона, перомуни зиндагиномаи ӯ, саҳнаҳои рӯзгори фардияш иттилооти хеле кам дар даст дорем. Ҳангоме ки сухан аз корнома ва ҷараёни рӯзгори ҳунарманду адибе ба миён меояд, пажуҳандагон ба шеваву тариқи донишандӯзӣ, мактабу устодони шоири мавриди назар таваҷҷуҳи хосса медоранд. Зеро иттилооти мавриди назар дар таъйини ҷойгоҳи шоир, арзёбии дидгоҳҳо ва ҷаҳоннигарии вай судманд аст. Вале мутаассифона ин гӯшаи зиндагии Ҳофиз ҳам норавшан аст. Муҳаққиқон то ба имрӯз санаду иттилооти дақиқе аз мактабу мадрасаи Ҳофиз дар даст надоранд.

Иттилооту ишороте, ки дар иртибот бо ин мавзуъ дар тазкираҳову сарчашмаҳо мавҷуд аст, хеле кӯтоҳ ва бештар такрори якдигаранд.

Аллома Шиблии Нуъмонӣ дар «Шеърулаҷам ё таърихи шеъру адабиёти Эрон» андешаи фавқро таъкид намуда, дар зимн бо такя ба маълумоти «Тазкираи майхона»-и Абдулнабӣ Фароруззамонӣ (таълиф 1036) чунин изҳор медорад: «дар мактабхонае, ки дар маҳаллааш доир буд, таълим гирифтааст». Лекин аз калимоташ

маълум мешавад, ки риштаҳои улуми дарсияро мустақилона таҳсил карда буд. Дар аксари ғазалҳо мисраъҳои арабиро ба таври барҷастае оварда, метавон заминаи хубе аз арабияти вай ба даст овард. Ӯ ҷумлаҳои арабиро ба қадре қашанг пайванд мекунад, ки гӯйӣ нигинро дар ҳалқаи ангуштарӣ нишондаанд. Ба Қуръони Маҷиду тафсири он алоқаи махсусе дошта ва дар дебочаи девон мастур аст, ки ӯ ҳошияе ҳам бар тафсири Кашшоф навишта. Худи ӯ мефармояд:

Зи ҳофизони ҷаҳон кас чу банда ҷамъ накард,
Латоифи ҳукамо бо китоби қуръонӣ» [4, 178-179].

Муҳаққиқи олмонӣ Аннеморе Шамил низ дар иртибот бо ошноии Ҳофиз бо улуми қуръонӣ навиштаи ҷолибе дорад. Мазкур бар мабнои пажӯҳишҳое, ки дар шинохти шеъри Ҳофиз ва корномаи ӯ анҷом дода, ба ин нукта ишора менамояд, ки Ҳофизи Шерозӣ муддате барои имрори маош ба тадвину тасҳеҳи китобҳо машғул будааст. Номбурда барои таъйиди ин гуфтаи худ аз як нусхаи «Хамса»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ ёдовар мешавад, ки бо хатти ӯст ва дар китобхонаи Тошканд маҳфуз аст. А. Шамил дар мақолаи худ чунин изҳор медорад: «Маулвасф Ҳофиз дар улуми қуръонӣ саромад буд, то он ҷо ки ба Ҳофиз шуҳрат меёбад. Забони арабии вай дар ҳадди олӣ буда ва дар айёми мутааххири умраш низ дар Шероз ба омӯхтани фанни тафсиру соири манобеи исломӣ пардохт. Тибқи ҳамон муқаддима (манзур муқаддимаи девони Ҳофиз, ки соли 1940 тавассути Қосим Ғанӣ тадвину мунташир шудааст-Ш.С.). Ҳофиз «Кашшоф»-и Замахшарӣ ва «Мифтоҳ»-и Сококӣ ва чанд асари дигари арабиро мавриди мутолиа қарор дод [3, 27].

Миёни таълифоти пажуҳандагони адабиёти форсӣ дидгоҳҳои дигареро низ метавон пайдо намуд, ки аз пайванди танготанги Ҳофиз ба забони арабӣ ва улуми қуръонӣ дарак медиҳад.

Тибқи ахборе, ки дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» омадааст, Ҳофизи Шерозӣ шогирди Мавлоно Шамсиддин Абдуллоҳи Шерозӣ ва дар мадрасаи махсуси худ машғули таълиму тадрис будааст [3, 35].

Ба навиштаи Аҳмадиён Ахтар, донишманди покистонӣ, Ҳофиз дар ватанаш, дар мадрасае, ки тавассути Ҳоҷи Қавомиддин Ҳасан вазири хазонадории шоҳ Шайх бано шуда буд, аз фиқҳу тафсири Қуръон тадрис менамуд [3, 95].

Аз дидгоҳи муҳаққиқи ёдшуда куҳантарин манбае, ки аз тасарруфу устодии Ҳофиз дар забони арабӣ ба ҷо мондааст, муқаддимаи девони ӯст, ки ба воситаи дӯсташ Гуландом иншо шудааст. Зимни нақли порае, Гуландом сабки навиштаи Ҳофизро намунаи зебои насри форсӣ мехонад, ки ёдгори қарни ҳаштуми ҳичрӣ аст. Ба навиштаи Гуландом «вале муҳофизати дарси Қуръон ва мулозимати шуғли Султон ва ташҳияи «Кашшоф» ва «Мисбоҳ»-у «Матолеъу Мифтоҳ» ва таҳсили қавонини адаб ва таҷассуси давовини араб аз ҷамъи абёт ва ғазалиёташро монеъ омадӣ» [3, 95].

Гап дар ин аст, ки худи шоир низ дар ғазалиёти хеш ба доираи ошноӣ ва тасаллути худ бар улуми қуръонӣ ишорат мекунад:

Ишқат расад ба фарёд, аз худ ба сони Ҳофиз,
Қуръон зи бар бихонӣ бо чордаҳ ривоят [8, 202].

ё ин ки:

Надидам хуштар аз шеъри ту Ҳофиз,
Ба Қуръоне, ки андар сина дорӣ [8, 892].

Рӯшан аст, ки дар атрофи байти аввал навиштаҳову дидгоҳҳои зиёде мавҷуд аст, ки мавзӯи дигарест, вале дар робита ба мавзӯи мавриди назари мо муносиб аст ба дидгоҳи яке аз ҳофизшиносони маъруфи муосир Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ ручӯъ шавад. Мазкур дар китоби арзишманди «Ҳофизнома» шарҳи мабсуте роҷеъ ба ин байт менависад ва аз ҷумла чунин мегӯяд: «Ин ки Ҳофиз Қуръонро ба чордаҳ ривоят аз бар дошта, ба ин маънӣ аст, ки дар ҳар сура, калимот ва таобир ҳар ояеро, ки дорои ихтилофи қироат буда, бар тибқи ривоёти чаҳордаҳгонаи истондорт, ки баршумурдам, бозмешинохта ва филмасал медонистааст, ки Ҳафс (як навъи ривоят Ш.С.) ровӣ Осим ва ба ривоят аз ӯ дар ояйи сездаҳум аз сураи Аҳзоб «لا مقام لكم»-ро ба замми мим хондааст ва бақия, яъне, 13 ровӣ ва 6 қории дигар ба фатҳи мим хондаанд. Табъан дар ҳамаи Қуръонҳои чопии мавҷуд ҳам, ки ривояти Ҳафс аз Осимро мабно қарор додаанд, тибқи ривояти ӯ забт шудааст» [6, 447].

Зиндаёд Ғулом Ҳусайни Юсуфӣ низ дар мақолаи арзишманди «Коргаҳи кавну макон» ба чаҳони андеша ва ҳадди қуръоншиносии Ҳофиз ишораи ҷолибе мекунад. Ҳарчанд самти матлаби ӯ ба мавзӯи дигаре нисбат дорад, вале зикри онро муносиб медонем: «Ҳофиз ки мероси фарҳанги Эрони давраи исломиро дар зеҳну Қуръонро

дар сина дошт, омӯхта буд: وَ اِلٰهُ کُم اِلهٌ واحدٌ аз ин рӯ, бо дили гарму пурмеҳри шоири жарфнигар мегуфт:

Ҳама кас толиби ёранд чи ҳушёр чи маст,
Ҳама ҷо хонаи ишқ аст, чи масҷид чи куништ.
Ноумедам макун аз собиқаи лутфи азал,
Ту паси парда чӣ донӣ, ки кӣ хуб асту кӣ зишт [7, 265].

Акнун мепардозем ба яке аз масоили ҷовидонии ҳастии башарӣ, ки ба замону ғанимат будани умр ихтисос дорад. Ҳаёт барои инсонҳо муҳибати илоҳист. Фурсатест муғтанам, ки бояд бо камоли диққату ҷиддият аз зебоиҳои он истифода шавад. Ғанимат шумурдани замон, фурсате, ки дар ихтиёри мост, ҳамвора дар китоби Қуръони Маҷид таъкид шудааст.

Қабл аз он ки мисоле аз Ҳофиз нақл шавад, ба бархе аз сураҳои Қуръон ишора мегардад, ки шоир бешак аз онҳо таъсиргузор будааст. Дар сураи 3-юм, ояи 153-ум чунин омадааст:

لِکَیلا تَحزَنُوا عَلی ما فاتَکُم وَلا ما اَصابَکُم [5]

Тарҷума: то на бар он чи аз дасти Шумо рафт андуҳгин шавед ва на бар он чи ба Шумо расид.

Дар сураи 31-уми ояи 34 омада:

وَ مَا تَدرِی نَفسٌ مَاذَا تَکسِبُ غَداً [5]

Тарҷума: ва касе намедонад, ки фардо чӣ хоҳад шуд.

Дар миёни ғазалиёти Ҳофиз шавоҳиди зиёдеро метавон пайдо намуд, ки аз ояҳои мазкур маншаъ ва сарчашма гирифтаанд.

Аёми гул чу умр ба рафтан шитоб кард,
Соқӣ ба даври бодаи гулгун шитоб кун [8, 709].
Ба маъмане раву фурсат шумар ғанимати вақт
Ки дар камингаҳи умранд қотеъони тариқ [8, 680].

Дар девони Ҳофизи Шерозӣ шавоҳиде, ки таъйидкунандаи ин мавзуъ аст, пуршумор аст. Шоир ба арзиши замон, қиммати умри инсон, лаззат бурдан аз неъмати ҳаёт, зебоиҳои зиндагӣ таъкид меварзад. Гоҳо тааммуқ дар як ғазал, ҳатто дар як байти Ҳофиз касро ба ин натиҷа мерасонад, ки чӣ гуна дар чаҳорчӯбаи як байт ё ғазал мазомину арзишҳои мавҷуди он ранг иваз мекунанд ва аз паси як ҷаҳон ҷаҳони дигаре боз мешавад.

Ба навиштаи Ғулом Ҳусайни Юсуфӣ дар навиштаҳои Ҳофиз «арзиши бисёре аз чизҳои пурҷилва ва дурахшандае, ки назарҳо ва ҳиммathҳоро ба сӯйи худ мекашад, мутазилзил мешавад ва ба ҷойи онҳо арзишҳо ва меъёрҳои дигаре қарор мегирад: шарафи суҳбати ҷонон, иғтиноми неъмати ҳаёт ва дамро қадр донистан. Сухани Ҳофиз нафйи талошу кӯшиш нест, балки мунодии ишқ ба зиндагӣ аст, мунтаҳо бо диде жарфу ҳокимона» [7, 266].

Яке аз мавзӯоти дигаре, ки дар сураҳои мухталифи Қуръони Маҷид перомуни авоқиби нохушоянди он сухан рафта, масъалаи бухлу ҳасад аст. Дар ояи 179-уми сураи 3-юми китоби осмонӣ перомуни мардуме, ки дар дил нисбати дигарон бухлу ҳасад меварзанд, чунин омадааст:

وَ لا تَحسَبَنَّ اَلَّذینَ یَبخَلُونَ بِما آتاهُمُ اللهُ مِن فَضلِهِ هُوَ خَیراً لَهُم بَل هُوَ شَرٌّلَهُم سَیُطَوَّقُونَ ما بَخِلُوا بِهِ یومَ القِیامهٔ [5]

Тарҷума: ва гумон мебаранд он касон, ки бухл мекунанд он чиро, ки Худо аз фазли худ ба эшон дода, барояшон беҳтар аст. На балки он (бухл) барояшон шаре аст, ба зудӣ он чиро бухл варзиданд тавқе шавад дар рӯзи қиёмат (бар гарданашон)

Дар сураи 3-юм ояи 37-ум бошад, чунин мехонем:

اَلَّذینَ یَبخَلِونَ وَ یَأمُرونَ النّاسَ بِالبُخلِ وَ یَکتُمُونَ ما آتاهُمُ اللهُ مِن فَضلِهِ وَ اَعتَدنا لِلکافِرینَ عَذاباً مُهیناً [5]

Тарҷума: касоне, ки бухл меварзанд ва мардумро ба бухл амр мекунанд ва он чиро Худо аз фазли худ ба онҳо додааст, пинҳон мекунанд ва мо барои кофирон ғазои хоркунанда омода кардаем…

Дар ояи 100-уми сураи 17-ум бошад таъкид шуда:

کانَ الاِنسانُ قَتُوراً[5]

Тарҷума: Инсон бахил аст [598].

Дар ғазалиёти Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ мо ба ҷанбаҳои гуногуни ин мавзуъ рӯ ба рӯ мешавем. Шоир дар ҷое беҳудагӣ, бесамарии кори ононеро, ки дар сина нисбати дигарон бухлу ҳасодат меварзанд, таъкид мекунад.

Аз таънаи ҳасуд нагардад аёри ман,
Чун зар агар баранд маро дар даҳони гоз [8, 527].

Ҳофиз бо тарзу тариқи гуногун, бо зикри намунаҳои боризу хотирмон аз саҳнаҳои рангоранги зиндагии инсонӣ ба мазаммату интиқоди ҳасудон мепардозад.

Гоҳо андешаҳои шоир ёдовари масалу зарбулмасалҳои халқӣ мегарданд. Дар байте шоир бар ин андеша аст, ки Худованд ҳар касро дар домани ҳастӣ тибқи нияту хулусаш мартабаву ҷойгоҳ медиҳад.

Дар ғазали дигар Ҳофиз иброз медорад, ки бадбахтии мардуми бахил дар он аст, ки бӯю атри Худоро намешунаванд, ба дигар сухан худофаромӯшанд.

Бахил бӯйи Худоро нашнавад, биё Ҳофиз,
Пиёла гиру карам варз ваззамонуалай [8, 860].

Аз дидгоҳи Хоҷа мушкилии бузурги мардуми бахил дар он зоҳир мегардад, ки мояи ранҷу азобаш, нигарониҳову изтиробаш ботини худи ӯст.

Тавонам он ки наёзорам аз дарун касе,
Ҳасудро чӣ кунам к-ӯ зи худ ба ранҷ дар аст.

Зимни тааммулу андеша дар атрофи зиндагиву маишати ҳасудон Ҳофиз ба ин натиҷа мерасад, ки танҳо марг метавонад ин тоифаро аз ин азобу машаққат бираҳонад:

Бимир, то бираҳӣ, эй ҳасуд, к-ин ранҷест,
Ки аз машаққати он ҷуз ба марг натвон раст.

Дар мавориди дигар шоир бар ин назар аст, ки аслан дар зиндагӣ набояд ба гуфтору кирдори ҳасудон таваҷҷуҳ намуд. Барои сухани ҳасуд ранҷидану малул гаштан кори хирадмандон нест. Инсони бохирад бояд ҳасадро ҳеҷ шуморад, онро мисли хок зери по кунад.

Дило, зи таъни ҳасудон маранҷу восиқ бош,
Ки бад ба хотири умедвори мо нарасад [8, 320].
Ғамнок набояд буд аз таъни ҳасуд, эй дил,
Шояд, ки чу вобини хайри ту дар ин бошад [8, 331].

Ҷаҳоне, ки мо дар домани он зиндагӣ мекунем, саршор аз падидаҳову рухдодҳост. Иттифоқоте, ки бо ҳам иртиботи танготанг доранд ва дар навбати худ ҳузури онҳо моро талқин мекунад, ки аз банду басти онҳо, аз раванду ҷараёни онҳо дарсҳо бардорем.

Зиндагӣ сохтану зиндагӣ карданро ибрат бигирем. Марбут ба ин, ҷойи таъкид аст, ки яке аз масъалаҳои ҷолиб дар Қуръони Карим мавзӯи ибрат аст, дар мавриди зиёде ба он ишора шудааст.

Барои мисол нахуст аз чанд сураи китоби азимушшаън ояҳое нақл мекунем ва баъдан тарҳи онҳоро дар ғазалиёти Ҳофиз мебинем.

Дар сураи 11-ум ояи 46-ум чунин баён шудааст:

اِنّی اَعِظُکَ اَن تَکُونَ مِنَ الجاهِلینَ .[5]

Тарҷума: Ба ростӣ ман туро панд медиҳам, ки аз нодонон набошӣ. Дар сураи 28-ум ояи 43-юм зикр гардида:

بَصآئِرُ لِلنّاسِ وَ هُدیً وَ رَحمَةً لَعَلَّهُم یَتَذَکَّرُونَ [5]

Тарҷума: Барои мардум ибрату ҳидоят ва раҳмате ҳаст то магар эшон панд гиранд.

Ва ниҳоят дар сураи 30-юми ояи 9-ум мавзӯи мазкур муфассал баён гардидааст:

اَوَلَم یَسیرُوا فِی الأَرضِ فَیَنظُرُوا کَیفَ کانَ عاقِبَةُ الَّذینَ مِن قَبلِهِم کانُوآ اَشَدَّ مِنهُم قُوَّةً و آثارُوا الاَرضَ وَ عَمَرُوها اَکثَرَ مِمّا عَمَرُوها وَ جاءَتهُم رُسُلُهُم بالبَیِّناتِ فَما کانَ اللهُ لِیَظلِمَهُم وَلکِن کانُوا اَنفُسَهُم یَظلِمُونَ .[5]

Тарҷума: Оё дар замин сайр накарданд, то бингаранд чӣ гуна бувад саранҷоми он касон, ки пеш аз эшон буданд (ва онон) сахттар аз эшон буданд ба нерӯ ва заминро баргардонанд ва онро обод карданд бештар аз он чи (ин кофирон обод карданд ва паёмбарон онҳоро бо муъҷизот ба сӯйи эшон омаданд. Пас Худо (бар он) набуд, ки бар онҳо ситам кунад, валекин (онҳо) бар худашон ситам мекарданд.

Хоҷаи Шероз ба масъалаи ибрату пандомӯзӣ аз зовияҳои гуногун бо ироаи мисолу шавоҳиди таъсирбахш менигарад.

Шоир дар тарбияту камоли мардум дар ҷомеа нақши носеҳону пиронро муассир медонад:

Дар дӯстон музойиқа аз умру мол нест,
Сад ҷон фидойи ёри насиҳатгуш кун [8, 796].
Пирон сухан ба тачриба гӯянду гуфтамат,
Ҳон, эй писар, ки пир шавӣ панд гӯш кун [8, 796].

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки ҷанбаи омӯзандагии шеъри Ҳофиз дар ин замина ниҳоят нерӯманд аст. Шоир нақшу ҷойгоҳи пиру носеҳонро дар зиндагӣ ниҳоят муҳим медонад. Бояд гуфт, ки дар ин миён таваҷҷуҳи Хоҷа бар рӯйи ҷавонон аст. Ӯ ҷавононро мухотаб қарор дода, ҳушдор медиҳад, ки аз панди пирон сар матобанд:

Ҷавоно, сар матоб аз панди пирон,
Ки ройи пир аз бахти ҷавон беҳ [8, 838].

ё ки:

Чанги хамидақомат мехонамат ба ишрат,
Бишнав, ки панди пирон ҳеҷат зиён надорад [8, 260].

Шоир дар раванди зиндагии инсонӣ нақши панду андарзро, ибрат гирифтан аз падидаҳои зиндагиро ниҳоят муассиру корсоз медонад. Ба андешаи ӯ зиндагии инсонӣ бе вуҷуди ин рукн комил нест.

Насиҳате кунамат ёд гиру дар амал ор,
Ки ин ҳадис зи пири тариқатам ёд аст [8, 90].
Насиҳате кунамат бишнаву баҳона магир,
Ҳар он чи носеҳи мушфиқ бигӯядат, бипазир [8, 518].

Бар мабнои матолиби мундариҷ дар Қуръони Карим фасод, фисқу фуҷур натиҷаи аъмоли одамист, ки дар баҳру бар падид меояд ва барои худи инсон авоқиби нохушоянде дорад.

Тавре ки дар сураи 30-юм, ояи 41-ум дарҷ шудааст:

ظَهَرَ الفَسادُ فِی البَرِّ وَ البَحرِ بِما کَسَبَت اَیدِی النّاسِ لِیُذیقَهُم بَعضَ الَّذی عَمِلُوا لَعَلَّهُم یَرجِعُون [5]

Тарҷума: фасод дар хушкиву дарё падид омад, ба сабаби он чи мардум ба дасти худ карданд, то (ҷазои) пораи (аз) аъмолашонро ба онҳо бичашонад, ки онон (аз кирдори худ) баргарданд.

Дар иртибот ба ин дар девони Хоҷа ба абёти пуршуморе бармехӯрем, ки дар онҳо шоир ба аҳамияту арҷи таҷрибаи рӯзгор, сабақ бардоштан аз иттифоқоти ҷаҳони ҳастӣ ишора мекунад. Ӯ ҷонибдори зиндагии шоиста аст. Зиндагие, ки инсонро ба домани адабиёту ҷовидонагӣ мекашонад. Инсон бояд барои гом бардоштан дар марзҳои оянда дирӯзи хешро ба дидаи таҳқиқ бингарад, барандоз намояд.

Тавре ки равшан аст, яке аз аркони калидии ирфони форсӣ масъалаи пайванду зистан бо Худо ва номи ӯст. Муҳаққиқ Пурон Шаҷеӣ дар робита бо ин мавзуъ иқтибосе аз гуфтори «Айнулқузот» меорад, ки ниҳоят ибратомӯз аст: «басират чашме аст, дар даруни инсон, ки одамӣ ба василаи он умури илоҳиро дарк мекунад ва мавзӯи басират олами азалӣ аст. Ҳар гоҳ солик бихоҳад аз нури басират баҳраманд гардад, бар ӯ воҷиб аст, ки майлу пайвастагии худро аз дунёву хостаниҳояш қатъ кунад. Касе, ки гумон мекунад метавонад ба олами азалӣ бирасад дар ҳоле, ки гирифтори дунёст, сахт дар иштибоҳ аст. Аз тарафе мумкин аст инсон ботини худро аз ахлоқи нописанд покиза кунад ва майли худро аз тааллуқи дунё ва хостаниҳояш қатъ намояд ва бо ин ҳама чашми басирataш гушуда нашавад. Чун, то замоне ки иродаи ӯ ғайри ҳақу ҳақиқат чизи дигаре мехоҳад, ҳаргиз олами азалӣ бар ӯ ҳувайдову ошкор намегардад. Дар ин сурат яке дигар аз шурути боз шудани чашми басират тарбияти ирода аст. Касоне, ки ботини худро аз ахлоқи нописанд пок кардаанд. Ин гурӯҳ шомили алтофи Ҳақтаъолӣ мегарданд, то ба он ҷо ки дар миён намеғунҷад» [2, 89].

А Д А Б И Ё Т

1. Қуръони Маҷид. - Теҳрон, 1388.
2. Доктор Шаҷеӣ Пурон. Мусофири саргашта / Доктор Шаҷеӣ Пурон. - Теҳрон, 1378. – С.89
3. Доктор Яъқуб Ожанд. Ҳофиз дар ғурбат / Доктор Яъқуб Ожанд. - Теҳрон, 1374. – С.27, 35, 95.
4. аллома Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-аҷам ё таърихи шеъру адабиёти Эрон / аллома Шиблии Нуъмонӣ. - Теҳрон, 1368. - Ҷ.1-2-3. – С.178-179.
5. Саҷҷодӣ Саид Абдулҳамид Ҳайрат. Гузидае аз таъсири Қуръон бар назми форсӣ / Саҷҷодӣ Саид Абдулҳамид Ҳайрат. - Теҳрон, 1371.
6. Хуррамшоҳӣ Баҳоуддин. Ҳофизнома. (2 ҷилд) / Баҳоуддин Хуррамшоҳӣ. - Теҳрон, 1378. - С.447.
7. Юсуфӣ Ғуломҳусайн. Чашмаи равшан / Ғуломҳусайн Юсуфӣ. - Теҳрон, 1369. – С.265, 266.
8. Ҳофиз Хоҷа Шамсиддин Муҳаммад. Девон / Шамсиддин Муҳаммад Хоҷа Ҳофиз; бо тасҳеҳ ва тавзеҳи П. Н. Хонларӣ. - Теҳрон, 1359. – С.90, 202, 260, 320, 331, 518, 527, 680, 709, 796, 838, 860, 892.
9. Ҷашнномаи Ҳофиз (маҷмӯаи мақолот). - Душанбе, 1971.

КАРАНИЧЕСКИЕ ТЕМЫ В ГАЗЕЛЯХ ХАФИЗА ШИРАЗИ

О влиянии Священного Карана, каранических темах и легендах в персидской литературе написаны десятки книг. Почти все поэты классической литературы в своём творчестве использовали каранические темы, хадисы и религиозные легенды. Данная статья посвящена сопоставительному анализу некоторых каранических тем в творчестве великого поэта XIV века Хафиза Ширази.

Ключевые слова: Каран, каранические легенды, Хафиз, газель, литература, литературоведение.

THE QURAN TOPICS IN THE HAFIZ SHIRAS'S GHAZALS

There dosed of books written about the Holly Quran's influence, Quran topics and legends in Persian literature. Almost all the classical literature poets made the use of the Quran topics, hadean these and religious legends in their creativity. The given article id devoted to the comparison analyses of some of the Quran topics in the XIV century well-known poet Hafez Shiraz's creativity.

Key words: The Quran, The Quran legends, Hafiz, ghazal, literature works.

Сведения об авторе: ***Ш.А. Саидалиев*** – аспирант ТНУ. Телефон: **918-85-00-30.**
E-mail: osafiabdullo@mail.ru

АЙНӢ, МУНЗИМ ВА МАКТАБИ ОНҲО

Л.Х. Бобоёрова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Айнӣ дар якҷоягӣ бо яке аз маорифпарварони пешқадами Бухорои аввали қарни XX Абдулвоҳид Мунзим корҳои зиёди равшангаройиро анҷом додаанд. Ҳар ду бо мақсади татбиқи орзуҳои хеш дар таъсиси ҷамъиятҳои пешқадам, ташкили мактабҳои нав, хондани талабагон, барои таҳсил фиристодани хонандагони болаёқат ба шаҳрҳои дигар саҳми бештаре гузоштаанд. Онҳо роҳи халосии ҷомеаро аз ғафлат ва торикӣ дар маърифати ҷомеа ва афкори тоза пайдо кардан медонистанд. Дар мактаби таъсиснамудаи худ касби омӯзгорӣ карда, ба фарзандони халқ саводу дониш меомӯхтанд.

Онҳо усули таълими мактаби Шакуриро дида, дар пайравии он 10- уми моҳи шавволи соли 1326- и ҳиҷрӣ (октябри соли 1908) дар гузари Саллоҳхонаи шаҳри Бухоро, дар ҳавлии Абдулвоҳиди Мунзим мактаби нави худро кушоданд.

Вазифаи муаллимии мактабро таъсискунандагон ба дӯши худи Мунзим гузошта буданд. Чунки аз рӯйи гуфтаи Айнӣ «Интихоби Мирзо Абдулвоҳид ба муаллимӣ ба чанд ваҷҳ буд:

1. Муаллими атфол, табиӣ, машаққатҳои бисёр дорад. Мирзои мазкур аз байни мо муттаҳалимтар ва душворписандтар буд.
2. Асоси ин усул нависондану хондан аст. Мирзои Абдулвоҳид аз байни мо соҳиби ҳусни хат буд.
3. Ва ваҷҳи бузург ин буд, ки Мирзо Абдулвоҳид чанд сол пеш аз ин воқеа, ба иқтизои як ҳисси қаблалвуқӯъ, як хизматгори худро хононда менависонд ва даъво мекард, ки агар ба ҳамин тавр давомат намоям, хату саводашро баробар мебарорам» [1, 38].

Аз ин гуфтаҳои Айнӣ маълум мешавад, ки Мунзим шахси ҳалиму бурдбор ва соҳиби хати зебо будааст. Инчунин дар тарбияи атфол заминаи кори омӯзгорӣ низ доштааст. Таъсискунандагони мактаб ҳамаи ин паҳлӯҳои корро ба назар гирифта, аз интихоби Мунзим дар вазифаи муаллим хато накарда буданд. Ин гуна дурандешии таъсискунандагон сабаби дар муддати кӯтоҳ ба муваффақиятҳо ноил гардидани мактаб шуд.

Бартарияти мактаби Мунзим аз мактаби Шакурӣ ва мактабҳои дигар дар он буд, ки дар ин мактаб ба ҳамаи толибилмон бо забони форсӣ дарс мегузаштанд. Ин барои хуб омӯхтани дарсҳо ба онҳо кӯмак мерасонид.

Мактаби Мунзим на танҳо макони таблиғи андешаҳои нав ва таълими усули нави тадрис барои Айнӣ буд, инчунин яке аз сабабҳои таълифи китобҳои нави ӯ гардид. Ин мактаб ва фаъолияти корӣ дар ин мактаб сабаб шуд, ки Айнӣ китобҳои «Тартил-ул-Қуръон», «Таҳзиб-ус-сибён» ва «Заруриёти диния»- ро нашр кунад. Ин китобҳо маҳсули тарҷумаҳо ва эҷоди ҳамонвақтаи Айнӣ буданд. Дар хусуси ин тарҷумаҳо ва пешравиҳо дар кори худ Айнӣ менависад: «Рӯзи мо он рӯз буд, айём он айём буд» [3, 24-10,42].

Айнӣ чанд муддат дар мактаби Абдурраҳмон Сайидии тотор ба сифати тарҷумон кор карда, дарсҳои ҳаррӯзаро барои толибилмони бухороӣ ба забони форсӣ тарҷума мекард. Ба ҳамин восита, ӯ дар айни замон хизмати бузурге барои мактаби Мунзим мекард, чунки маводеро, ки тарҷума мекард, ба мактаби Мунзим меовард ва толибилмони ин мактаб низ аз онҳо баҳравар мешуданд. Инчунин, Айнӣ равиши таълим ва тақсими вазифаҳоро дар байни муаллимон дар мактаби Абдурраҳмон Сайидӣ дида, дар мактаби Мунзим ҷорӣ намуд, ки ин барои онҳо фоидаи калон овард. Бо ин кор Айнӣ барои ба равиши муайян даровардани ҷадвали дарс ва тақсимоти вазифаҳо дар байни коркунони мактаб хизмати бузург мекард.

Мактаби Мирзо Абдулвоҳид дере нагузашта дар байни мардум бо фаъолияти пурсамари худ ва мадади домулло Икром, Айнӣ, Абдурраҳмон Сайидӣ маваффақият пайдо кард. Ин мактаб қадамҳои ҷиддии маорифпарварон ба сӯйи дунёи маърифат буд. Бо мақсади он ки аҳамияти ин мактабро ба дигарон фаҳмонанд ва исбот карда тавонанд, ки таълимгоҳи беҳтарини замонавӣ аст, инчунин барои таълими дурусти онро нишон додан, дар байни таъсискунандагони мактаб ва ҳокимон қарор шуд, ки санҷиши саводи талабагони мактаб гузаронида шавад. Айнӣ бомуваффақият

анҷомидани имтиҳони дар ин мактаб гузаронидашуда ва фаъолияти пурсамари Мунзим дар саводнок гардонидани шогирдонро ёдовар шуда менависад: «Хулоса, маҷлиси имтиҳон хеле хуб гузашт, саъю кӯшиши муассисони мактаб, хусусан ғайрати чандинмоҳаи Мирзо Абдулвоҳид ва истеъдоди бачагони бухорой чунон таъсире бахшид, ки аз ҳамон вақт дар байни мардуми Бухоро фикри инқилоби илмӣ пайдо шуд» [2, 49].

Айнӣ маҳз баъди имтиҳон бештар гардидани обрӯи Мунзим дар байни халқ, аз пештара дида зиёдтар ба худ талабгор пайдо кардани мактаби ӯро қайд мекунад. Ҳатто, қозикалон Бақохоҷа баъди шоҳид шудан ба муваффақиятҳои мактаби Мунзим, тарафдори мактаби нав шуда буд, ки суханҳояш дар ҳузури муқобилони мактаб тақвияти ин гуфтаҳоянд. Ӯ мегӯяд: «Шогирдони мактаби нав булбулони боғи ҷаннат мешудаанд. Дар ин кор ман ҳеҷ амри хилофи шаръ намебинам, балки ба ин равиш танзим ёфтани мактаби исломияро лозим ва воҷиб медонам» [1, 65].

Ба ҳамин тариқ, обрӯи мактаби Мунзим дар байни халқ рӯз то рӯз меафзуд ва дар баробари ин, сафи бадбинони кору амали таъсискунандагони он зиёд мегардид. Инро дида, Айнӣ ва Мунзим ба қароре омаданд, ки роҳи беҳтари фаъолиятро пайдо намоянд, то ки аз зиддиятҳои тарафи муқобил дар канор монанд ва зиёне ба кори мактабу муаллим нарасад. Аз ин ҷиҳат, се роҳи беҳтаринро интихоб намуданд. *Якум*- оҳиста-оҳиста талаба ҷамъ овардан ба мактаб. Бо ин роҳ онҳо метавонистанд дидаю санҷида талабгорони ҳақиқиро ба мактаб ҷалб намоянд; *дуюм*- фавоид ва бартарии мактабро нишон додан ба аҳолӣ. Бо ин роҳ усулҳои пешқадами таълимро ҷустуҷӯ менамуданд. Кӯшиш мекарданд, ки дар муддати кӯтоҳ талабагонро хатнавису хатшинос кунанд; *сеюм*- муқобилони мактабро бо мулоиматӣ ором кардан. Ҳамаи ин амалҳо аз таъсискунандагон заҳматҳои фаровон талаб мекард. Вале онҳо ба душвориҳо нигоҳ накарда, бо ин роҳҳо пурсамар фаъолият мекарданд.

Баъди баста шудани мактаби Мунзим саъю кӯшиши кушодани мактаби нав дар байни халқ зиёд гардид. Сабаби зиёд гардидани ин гуна кӯшишҳо имтиҳони ташкилнамудаи мутасаддиёни мактаби зикршуда дар арафаи баста шудани он буд. Онҳо оқилона дарёфта буданд, ки бе гузаронидани имтиҳон бастани мактаб ба кори равшангаройии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Айнӣ таассуроти хуби мардумро баъди имтиҳон дар бораи мактаби нав дида менависад, ки «касе, ки он ҳолати аҳолии Бухороро мушоҳида мекард, яқин менамуд, ки то як соли дигар атфоли Бухоро аз уфунати мактабҳои куҳна ва аз зарбу лати бераҳмонаи мактабдорони беилму тарбия халос хоҳанд шуд» [1, 14].

Фаъолияти пурсамари мактаби Мунзим дар муддати кӯтоҳ боварии халқро ба худ пайдо карда буд. Ин мактабро метавон бо мактаби аввалини мусулмонони Русия, ки Исмоилбек Ғаспаронии қримӣ таъсис карда буд, баробар донист. Зеро, ин ду мактаб аввалин мактабҳои усули савтия, яке барои мусулмонони муқими Русия ва дигаре барои ҷомеаи Бухоро буд. Аз ҷиҳати таълиму тадрис низ бо ҳам баробар буданд. Агар толибилмони мактаби Исмоилбек Ғаспаронӣ дар муддати 45- рӯз хатшиносу хатнавис шуда бошанд, Мунзим ҳам дар давоми 40-45- рӯз ба шогирдон хондану навиштанро омӯхт [2, 42]. Муаллимон низ дар ин ду мактаб маорифпарварони бузурги давр буданд. Бахусус, дар мактаби Мунзим Айнӣ, ки баъдҳо маорифпарвар ва мутафаккири бузург гашт, фаъолият мекард.

Барои ин ки мактаби Мунзим фаъолияташро давом диҳад, Айнӣ чораҳо меҷуст. Аз рӯзҳои аввали кушода шудани мактаб ба хонаи муллои бонуфузи дараҷаи аввали Бухоро Ғиёс- махдуми Аълам рафта, аз муҳассаноти мактаби нав ҳисобот медод [2, 55]. Дар рӯзҳои пеш аз баста шудани мактаб низ ба назди Аълам рафта даркор будани онро ба ҷомеаи Бухоро гуфта хоҳиш карда буд, ки мактабро тарафдорӣ кунад. Вале ин мулло низ чун муллоҳои мутаассиби дигар тарафдори мактаби нав набуд.

Ҳангоме ки байни уламои равшанфикри Бухоро ва ҷонибдорони усули нави таълим суҳбат сари мавзӯи фароҳам овардани шароити мусоид барои мактабҳои нав мерафт, дар баъзе ҷойҳо, бахусус дар хонаи Бурҳониддини раис ва дар ҳавлии муфтӣ Абдурразоқ уламои мутаассиб ҷамъ омада, барои баста шудани мактабҳо чораҷӯиҳо мекарданд, ки зикрашон дар боло рафт.

Ба ҳамаи зиддиятҳо нигоҳ накарда, аз муваффақияти мактаби Айнӣ ва Мунзим илҳом гирифта, рӯз ба рӯз афкори халқ дар Осиёи Миёна ва гирду атрофи Бухоро кушода шуда, огоҳии онҳо бештар мегардид.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. Куллиёт / С Айнӣ. - Душанбе: Матбуот, 2005. - Ҷ. 14. – 270 с.
2. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро / С. Айнӣ. - Душанбе: Адиб, 1978. – 240 с.

3. Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро / С. Айнӣ. - Теҳрон: Суруш, 1381. - 208 с.

АЙНИ, МУНЗИМ И ИХ ШКОЛА

Данная статья дает краткие сведения относительно педагогических заслуг великих представителей таджикской литературы и науки Садриддина Айни и Мунзима. Таким образом в статье речь идёт о преимуществах и достижениях школ Садриддина Айни и Мунзима, несмотря на возникшие в тот период жесткие сопротивления по отношению к ним.

Ключевые слова: Садриддин Айни, Мунзим, педагогические заслуги, школа Садриддина Айни и Мунзима, преимущества и достижения.

AINI. MUNSON AND THEIR SCHOOL

This article gives a brief information about the pedagogical merit of the great representatives of Taiik literature and science Sadriddin Aini and Musima. Thus. in the article we are talking about the benefits and achievements of schools Sadriddin Aini and Musema, notwithstanding that the period of tough resistance against them.

Kev words: Sadriddin Ayni, Munson, educational services, school Sadriddin Aini and Musema, benefits and achievements.

Сведения об авторе: ***Л.Х. Бобоёрова*** – кандидат филологических наук, преподаватель кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы ТНУ

НАқДИ АДАБӢ ВА АРЗИШҲОИ ОН АЗ НИГОҲИ ЗАРРИНКӮБ

И. Игамова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Нақди адабӣ, ки онро метавон ба илми сухансанҷӣ ва суханшиносӣ низ иртиботнок донист, аз шинохти арзишу баҳои осори адабӣ ва шарҳу тафсири адабиёти бадеист. Ин масъала дар даврањои гуногун диққати олимони ватаниву хориҷиро ба худ ҷалб кардааст. Доир ба шарҳи мазмуни калимаи «нақд» луғатдонони соҳибқареҳа андешаҳои худро рӯйи коғаз овардаанд. Аллома Алиакбари Деҳхудо доир ба мазмуни ин вожа чунин ангоштааст: «баҳои мол, ки вақти қимати харидан адо шуд» ё «ҳар чизи ҳозир» ва ё «…шумурдани хубӣ ва бадӣ». Муҳаммад Ғиёсиддини Ромпурӣ дар «Ғиёс-ул-луғот»-и хеш ба маънии симу зари маскук, омода кардан, додан ва сара кардани дираму динор таъбир кардааст [6, 350]. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» низ «нақд» ба мазмуни «пули мавҷуда», «холис, сара», «ҷудо кардани сара аз носара» [9, 843-844]. Ба ҳамин мазмун Ҳамид Маликӣ дар «Фарҳанги форсии фарҳехта» [10, 1367], Ғуломҳусайни Садри Афшор дар «Фарҳанги муосири форсӣ» [3, 1265], Дуктур Ҳасани Анварӣ дар «Фарҳанги фишурдаи сухан» [12, 2463] доир ба маънои калимаи «нақд» андешаронӣ намудаанд. Аксари онҳо дар якҷоя шахсеро, ки бо нақд сару кор дорад, мунаққид ва ё наққод гуфтаанд. Дар маҷмӯъ мо гуфта метавонем, ки саъй ва кӯшишест, ки орӣ аз олудагии ғаразҳои гуногун ва манфиатҳое, ки беҳтарин чизе дар дунё дониста шудааст ва ё ба андешаи инсон ҷой гирифтааст шинохта гардад ва шиносонида ояд. Аксари фарҳангнигорони мазкур дар якҷоя шахсеро, ки бо нақд сару кор дорад, мунаққид ва ё наққод гуфтаанд. Нақди адабӣ аз мунаққид дониши амиқи адабӣ талаб мекунад. Абдулҳусайни Зарринкӯб дар китоби «Ошноӣ бо нақди адабӣ» дар мавриди мунаққид чунин гуфтааст: « … Аз ин рӯ, басо, ки газофагӯйӣ ва таассуб ба харҷ диҳад ва неку бадро ба мизони дигар бисанҷад, чунончи агар худ шоиру адиб суханофарин аст, тариқа ва шеваи худро бар шеваҳо, тариқаҳои дигар тарҷеҳ бидиҳад ва агар худ шоиру суханофарин нест, басо ки он шӯру шавқу ҷозиба ва илҳомро, ки дар сухани шоиру нависанда ҳаст, идрок накунад ва оричу баҳои воқеии нубуғ ва қареҳаи маъниро ночизу андак бишморад» (2, 34).

Воқеан, яке аз чунин шахсиятҳое, ки дар ибтидои садаи XX ба арсаи адабиёти форсу тоҷик ворид гардид, Абдулҳусайни Зарринкӯб мебошад. Зарринкӯб яке аз нависандаҳоест, ки саҳми фаровоне дар шукуфоии насри муосир доштааст ва ҳоло низ дорад. Заминаи тадқиқоти ӯ бисёр паҳно аст: ҳавзаи нақди адабӣ, таърих, ирфон, фалсафаи таърих ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Ҷудо аз осор ҳозир, ки ба баррасии усули назарии нақди адабӣ ихтисос дорад, доктор Зарринкӯбро бояд, яке аз пуркортарин нависандагон дар заминаи нақди амалӣ ба ҳисоб оварда. Мақолоти вай дар ин замина, ки аз солҳои ҷавонӣ дар маҷаллаҳои адабии давронаш ҳамчун «Сухан», «Яғмо» «Роҳнамои китоб» ва ғайраҳо ба чоп мерасид, чунон маъруфияте доштанд, ки мавриди баҳси бузургоне чун Маликушшуаро Баҳор ва Аллома Муҳаммади Қазвинӣ қарор гирифтанд ва онгуна, ки марҳум Ҳабиб Яғмоӣ гуфтааст: Маликушшуаро Баҳор чун маҷаллаи «Яғмо» ба дасташ мерасид, нахуст мақолаи

вайро мехонд ва ба ман супориш мекард, ки дар ҳар шумора аз Зарринкӯб мақолоте дода бошам» [, Нақл аз Армуғонӣ барои Зарринкӯб].

Зарринкӯб дар солҳои донишҷӯйӣ ба нақд гаравида буд ва нахустин асараш низ фарогири мавзӯоти нақди шеър буд.

Ҳангоме ки «Фалсафаи шеър ё торихи таҳаввули шеъру шоирӣ дар Эрон» ном китоби Зарринкӯб нашр мешавад, изофа аз ҳаштод саҳфа берун набуд, аммо мазмуну мундариҷаи он таваҷҷуҳи Хонлариро ба худ мекашад ва ба ин асари хурд баҳои баланд медиҳад. Хонларӣ, замоне ки Зарринкӯб он дафтарро нашр кард, давраи доктории адабиёти форсиро ба поён расонида буд. Рисолаи докториаш марбут ба мабоҳиси шеър буд, пас дар бораи навиштаи Зарринкӯб андешаи худро чунин баён кард: « Китоби фалсафаи шеър шомили мабоҳиси тозае аст, ки дар адабиёти қадими мо набуда. Пайдост, ки аз адабиёти хориҷӣ иқтибос шудааст…»

Зарринкӯб дар он айём дар марҳилаи донишҷӯйӣ буд ва Хонларӣ дар мартабати устоди донишгоҳӣ. Маҳз он мақолае, ки Хонларӣ дар хусуси китоби Зарринкӯб навишта буд, метавонад ҷавҳари истеъдоди Зарринкӯбро ошкор кунад. Он нақд боиси фахри Зарринкӯб гардид. Зарринкӯб аз он нақд ҳам нуктаҳо омӯхт ва ҳам дар навиштан ҷасорат пайдо кард. Ӯ аз ҳамон оғози донишҷӯйӣ ба навиштани мақолаҳои мустаҳкаму дилписанду хонданӣ пардохт. Агарчи Хонларӣ яке аз устодони расмии Зарринкӯб дар донишгоҳ буд, ҳамчунин нахустин касе буд, ки қобилияти адабии Зарринкӯбро намоён сохт.

Зарринкӯб худ чун китобхон ва бисёрхон ва китобшиносу китобҷӯ буда, камтар аз дарсҳои донишгоҳ баҳравар мешудааст. Аз баъзе устодони худ бештару хубтар огоҳӣ дошт дар шинохти адаб. Мақолаҳое, ки аз Зарринкӯб дар ҳамон айёми таҳсилаш нашр мешудааст, пурмоятар буда назар аз баъзе муаллимони донишгоҳ.

Доктор Зарринкӯб пухта ва санҷида менавишт ва суханаш орӣ аз ҳар гуна ғалат буд. Мувофиқи зикри аксари адабиётшиносони ҳамзамонаш, гуфтор ва навишторааш ба ҳам наздик буд ва ончиро дар зеҳн дошт, гӯё бе ҳеҷ гуна тағйирот бар коғаз меовард. Каломаш балеғ ва зарофатро ба ҳам дошт ва гоҳо ба зарурат санъати бадеиро ба устодӣ ба кор мебурдааст . Барои намуна дар бораи амирии Фирӯзи Кӯҳӣ менависад: « …ё он ки аз ҳар айбе холӣ нест, воҷиди ҳеҷ лутфу камоле ҳам нест» [11, 545].

Будаанд касоне, ки насри Зарринкӯбро намеписандиданд ва мегуфтаанд, ки калимоту луғоти муғлақ ва истилоҳоти хоси худро корбаст кардааст. Воқеъан ҳам, навиштаҳои вай дараҷаи фаҳми шахсони осонёб нест. Насри Зарринкӯб андеша ва тафаккури ӯст, ки пайваста сухани тоза барои гуфтан дошт ва барои баёни андешаи хеш тамоми захираҳои зеҳниашро ба ёрӣ металабид. Яке аз сабабҳое, ки насри Зарринкӯб аз осори дигар мунаққидон фарқ мекунад ин донистани забон ва таъриху адаби ғарб мебошад. Баҳрагирии вай аз ғарбиён дониши ӯро боз ҳам мукаммал карда, боиси офаридани асарҳое гардид, ки зарурияти бештар дар нақду сухансанҷӣ доранд. Равиши корро низ бисёрӣ аз онон омӯхта буд. Дар тӯли мутолиоти тӯлонӣ ва пайвастаи худ аз нозукиҳои таъриху адаб огоҳии комил пайдо кард. Муҳаққиқони Эрон Зарринкӯбро ба унвони пешгоми нақди адабӣ ёд мекунанд. Дар Эрон нақди адабӣ ҳанӯз илми навбунёд ба ҳисоб меравад. Дар солҳои 1330-1340 шамсӣ ду асари арзишманде доир ба нақди адабӣ нашр мешавад, ки яке «Сухансанҷӣ дар солҳои 1333»-и Лутфалии Суратгар ва дигар «Нақди адабӣ»-и Абдулҳусайни Зарринкӯб мебошад. «Нақди адабӣ» ҳосили таҳқиқи 15 сола ва номи нахустин китоби гаронқадр аст, ки дар бораи таърихи дақиқи нақди адабӣ таълиф шудааст.

«Нақди адабӣ» дар ду бахш таълиф шуда, бахши аввал шомили баҳси масъалаҳои нақди адабӣ ва таҳқиқ дар таърихи таҳаввули шеваҳо ва роҳҳои наққодӣ дар Юнону Рум ва Эрону Араб ва инчунин нақди муосир мебошад. Бахши дуввум баҳс дар бораи таърихи нақди адабӣ дар Аврупо ва баёни мазҳабҳову мактабҳои адабии он мебошад.

Асари мавриди баҳс дар атрофи ҳашт фасл аст:

1. Муқаддима ва таърифҳо фарогири баҳсҳои таърифи нақди адабӣ, адабиёти наққодӣ дар осори адабӣ, арзишу фоидаи нақд, завқу таъсири нақд.

2. Баҳсҳо дар атрофи нақди ахлоқӣ, нақди иҷтимоӣ, нақди равоншиносӣ, ҷозиба, илҳом, нақди лафз ва нақди маънӣ.

3. Баҳсҳо дар атрофи тасҳеҳи мутун, сарқот (шеърдуздӣ) ва таворуд (кор фармудани айни як мазмун дар шеъри ду шоири мухталиф), масъалаи нуфуз ва таъсир ва адабиёти татбиқӣ.

4. Таърихи нақди адабӣ дар Юнону Рим.

5. Таърихи нақди адабӣ дар Араб ва Ислом.

6. Аз гузаштаи адаби Эрон.

7. Адабиёти ҷадиди Эрон.
8. Феҳрасту таълиқот.

Аз феҳрасти китоб маълум мегардад, ки муаллиф барои навиштани асари пуразриши худ аз 270 китобу рисола бо забони форсиву арабӣ ва аврупоӣ истифода бурдааст.

Зиндаёд доктор Абдулҳусайни Зарринкӯб тааллуқ ба гурӯҳе аз донишварони фарҳанги Эрон дошт, ки фаҳми насли имрӯзинро парвариш доду ниҳоли адабиёти форсиро дар шумори бузургмардони дигаре, ҳамчун Алиакбари Деххудо, Бадеуззамони Фурӯзонфар, Муҳаммад Қазвинӣ, Аббоси Иқболи Оштиёнӣ, Маликушшуарои Баҳор, Муҳаммад Муин ва ғайраҳо бо нигоҳи мунтақидонаву олимона, рӯ ба фарҳангу ҳунари Эрон намуда, гавҳари адабии порсиро аз дастраси вайронӣ наҷот бахшиданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Дафтари айём / Зарринкӯб Абдулҳусайн. – Теҳрон: 1365. - Ҷ. 1-3. – С.1375.
2. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Ошноӣ бо нақди адабӣ / Зарринкӯб Абдулҳусайн. – Теҳрон: Сухан, 1374. – С.34.
3. Ғуломҳусайни Садри Афшор. Фарҳанги муосири форсӣ / Ғуломҳусайни Садри Афшор. – Теҳрон, 1382. – С.1354.
4. Алии Даҳбошӣ. Доктор Абдулҳусайни Зарринкӯб ва наҳзати навини фарҳангии Эрон / Алии Даҳбошӣ // Маҷаллаи Бухоро. - 1391.
5. Муҳаммад Алиасғар. Дарахти маърифат. (ҷашнномаи А. Зарринкуб) / Алиасғар Муҳаммад. - Теҳрон: Сухан, 1384.
6. Муҳаммад Ғиёсиддини Ромпурӣ. Ғиёс-ул-луғот. Иборат аз се ҷилд / Муҳаммад Ғиёсиддини Ромпурӣ. – Душанбе: Адиб: 1988. – С.350.
7. Ҳушанг Иттиҳод. Пажӯҳишгарони муосири Эрон / Иттиҳод Ҳушанг. - Теҳрон. - 1387.
8. Саидмуҳаммадалии Доилислом. Фарҳанги низоми форсӣ ба форсӣ / Саидмуҳаммадалии Доилислом. - Теҳрон, 1364. - Ҷ.5. - 365 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – Москва, 1969. - Ҷ.1-2. – С.843-844.
10. Ҳабиби Баржиён. Доктор Абдулҳусайни Зарринкӯб «Аз гузаштаи адабии Эрон» / Баржиён Ҳабиб. - Теҳрон, Интишороти байналмиллалии Алҳадӣ. 1375. – С.1367.
11. Ҳамид Маликӣ. Фарҳанги форсии фарҳехта / Ҳамид Маликӣ. - Теҳрон. 1387. – С.545.
12. Ҳасан Анварӣ. Фарҳанги фишурдаи сухан / Анварӣ Ҳасан. - Теҳрон: Сухан, 1382. - 2479 с.

ЛИТЕРАТУРНАЯ КРИТИКА И ЕЕ ЦЕННОСТИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ЗАРРИНКУБА

Данная статья посвящена изучению творчества известного исследователя персидской литературы, истории ислама и его философских традиций Абдоль-Хосейну Зарринкубу, который вышел на арену персидско-таджикской литературы в начале XX столетия Иранские исследователи по праву считают Зарринкуба зачинателем литературной критики в Иране. Литературная критика является новым явлением в иранской литературе. Книга Зарринкуба под названием «Литературная критика» является первой книгой в которой подробно описана история литературной критики. Профессия накладывает на критика существенные моральные обязательства, предполагает принципиальную честность аргументации, понимание и такт по отношению к писателю.

Ключевые слова: Абдоль-Хосейн Зарринкуб, история литературной критики, иранская литература, зачинатель литературной критики в Иране.

LITERARY CRITICISM AND ITS VALUE FROM THE POINT OF VIEW OF ZARRINKUB

This article is devoted to the study of creativity known researcher Persian literature, Islamic history and its philosophical traditions Abdol-Hossein Zarrinkub, which arrived on the scene of Persian-Tajik literature in the early twentieth century Iranian researchers rightly considered Zarrinkub a pioneer of literary criticism in Iran. Literary criticism is a new phenomenon in Iranian literature. The book of Zarrinkub called "Literary criticism" is the first book which details the history of literary criticism. Profession imposes on criticism substantial moral obligation implies the fundamental fairness of reasoning, understanding and tact towards the writer.

Kev words: Abdol-Hossein Zarrinkub, history of literary criticism, Iranian literature, a pioneer of literary criticism in Iran.

Сведения об авторе: ***И. Игамова*** – аспирантка Худжандского государственного университета им.Б. Гафурова. Телефон: **927-01-34-80**

СИТОИШИ МОДАР ДАР ЭҶОДИЁТИ ҲАБИБУЛЛО ФАЙЗУЛЛО

Н.С. Шамсов
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Мавзӯи модар дар эҷодиёти адибони муосири тоҷик аз мавзӯъҳои фароху пурвусъат ва доманадор буда, бо рӯҳи зебову дилпазир ва садоқати бепоён тараннум гардидааст. Тасвири бузургию саховатмандӣ, меҳрпарварию раҳмдилӣ, ҷилои ҷавҳари поку тинати оинасон софи модар тавъам бо симои азизу муқаддас ва нотакрори ӯ диққати аксари адибонро ба худ кашида, ҳар яке аз онон бо эҳсоси масъулияти баланду садоқати беҳамтои фарзандӣ дар ин мавзӯъ асарҳо офаридаанд.

Ҳанӯз устод М. Турсунзода дар давраи аввали эҷодиёти худ шеърҳои «Ба модарам» (1933), «Хайр, модари азиз» (1941) ва «Ризои модар» (1941)-ро ба ин мавзӯи муқаддас бахшида, дар давраҳои минбаъдаи фаъолияти эҷодии хеш дар ситоиши модар шеърҳои «Модарам», «Дасти модар», «Дили модар», «За нагар оташ намешуд» ва амсоли инҳоро иншо намудааст, ки то имрӯзҳо дар миёни хонандагони тоҷик маҳбубияти хосеро доро мебошанд. Дар ин шеърҳо модари тоҷик бо тамоми бузургиву шаҳомат, бурдбориву таҳаммул ва ҳусни табииву боигарии маънавӣ ёфтааст. Тавре ки профессор А. Кӯчаров таъкид месозад, «мавзӯи модар дар назми муосири тоҷик мавқеи марказӣ дорад. Шоире нест, ки ба ин вуҷуди муқаддас шеър набахшида ва сарчашмаи ҳаёти музаффарро васф нанамуда бошад. Ин мавзӯъ, махсусан дар эҷодиёти устод М. Турсунзода ва зиндаёд Лоиқ Шералӣ, ба пояҳои баланди ғоявию бадеӣ расидааст» [6, 46].

Дар шеъри «Модарам» устод М. Турсунзода бо муҳаббати беканор аз модар – ин олиҳаи садоқату назокат ва покиву муқаддасот ёдоварӣ намуда, муҷассамаи ёдгории ӯро дар тасвироти рангину мондагор ҷовидонӣ гардонидааст:

Шеър гӯям, ояд аз шеърам садои модарам,
Деҳа гӯям, бар сарам ояд ҳавои модарам.
Солхӯрда гар зане рӯзе дучор ояд ба ман,
Гӯямаш, ки бош, то ҳастам, ба ҷои модарам [11, 277].

Дар ашъори устод М. Қаноат шеърҳои зиёде, аз қабили «Ба модари Либия», «Модар дод болаш», «Меҳри модар», «Зани тоҷик», «Хоби модари Олмон», «Лафзи модар» ба мавзӯи бузургии модар бахшида шудаанд. Дар онҳо адиб бо камоли ҳунармандӣ сабку услуби мушаххаси нигориш ва навовариҳои муваффақона дар шаклу мундариҷаи ашъор симои бузургу нотакрор ва чун хуршед нурбору ҳароратбахши зиндагии одамӣ – модарро ситоиш намудааст. Дар достони «Сурӯши Сталинград» нақши модар пуртаъсиру ҳаяҷонбахш, ҳамчун рамзи офаридгори ҳаёт ва насли одамӣ, сарчашмаи эҳсосоти баланду наҷиби ҳомии бани башар ва ғамхору ғамгусори фарзандон тасвир гардида, ҳақиқати бузурги ҳаёт дар рафтору гуфтори модарон инъикос ёфтааст. Чунонки адабиётшинос, академик Х. Отахонова иброз намудааст, «Ҳар қадар, ки симои модар дар достон мушаххастар мешавад, ҳамон қадар фоҷиаи бемислу монанде, ки ҷанг ба сари инсон оварда буд, амиқу таъсирноктар эҳсос шуда, хонандаро бештар ба ҳаяҷон меоварад. Овози қаҳрамони ғиноӣ – шоир , муроҷиатҳои дардомез ва пур аз шӯру эҳтироси ӯ таъсири ҳар сухани тасвиркунандаи модарро як бар чанд афзун мегардонад» [9, 207]. М. Қаноат дар боби «Сурӯши модарон»-и достонаш бо мухотаби «Аё модар» нидои пурэҳсосу сертуғёни саршор аз меҳру муҳаббати фарзандро нисбат ба модарон ба самъу зеҳни хонанда мерасонад:

Аё модар,
Адои мӯйи ҳамчун ширу рӯмоли сиёҳат ман,
Фидои ашкҳои ҳамчу тифли бегуноҳат ман.
Ба зери лаб чӣ мегӯйӣ, чӣ меҷӯйӣ?
Гули худро намеёбӣ миёни буттаю гулҳои худрӯйӣ? [7, 41].

Бозор Собир низ модарро чун мазҳари пуразишу бебаҳо ва ҷовидонӣ, тимсоли барҷастаи халлоқият, мунистарин азизу пайванди фарзандон васф намуда, дар сӯгвории хеш ҳам аз одигию самимият, хоксориву заминӣ будан ва қудсияти азалии модар ҳикоят мекунад:

Дарахти садда шуд дар пушта модар,
Ба тифлонаш баромад бар баландӣ.
Чу мардум куҳнапӯшаш дида буданд,
Мазори модарам шуд латтабандӣ [10 , 39].

Дар ин хусус, адабиётшиноси эронӣ А. Шеърдӯст чунин қайд мекунад: «Дар шеъри Тоҷикистон зан бештар дар ҳайати як модар чеҳра менамояд. Камтар

маҷмӯаи шеъре метавон ёфт, ки дар он шеър ё шеърҳое ба модар ихтисос наёфта бошад. Бозор Собир низ вақте дар сӯги модар забон ба марсия мекушояд, шеъре бо тасвирҳои кӯдакӣ шакл мегирад. Дарвоқеъ, шоир барои ду азизи аздастрафта – модар ва кӯдак сурудмӯя сар медиҳад:

Ҳамон як тарҳи сездаҳсолаи ман
Ба ранги соя мегардад ба ҳар дар,
Ба лаб табхолаву хасмола дар даст,
Ба гардан риштаи тӯмори модар…» [13, 93].

Лоиқ Шералӣ низ аз қадамҳои аввалини эҷодии худ ба мавзӯи модар таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, махсусан, тавассути шеъри «Ба модарам» шуҳрати аввалини шоириро ба даст овардааст. Баъдан, ин мавзӯъ дар тамоми эҷодиёти шоир мавқеи нахустдараҷа пайдо мекунад. Шеърҳои ба ин мавзӯи муқаддас бахшидаи ӯ – «Модар», «Суруди модар», «Қарз», «Қасидаи модар», «Ҷомаи гадоӣ», «Чордард», «Ту монанди замин танҳоӣ, модар», «Дар сари гӯр», «Ҳасрат», «Муноҷот ба модар» ва чандин рубоиву дубайтиҳояш ба тасвири хусусиятҳои миллии модари тоҷик, ботини поку беолоиш ва ҷаҳони орзуву ҳавасҳои модари рустоӣ пардохтааст. Ба қавли профессорон А. Кӯчаров ва Х. Асозода: «Дар «Модарнома»-и Лоиқ, ҳатто устод, пир, қиблагоҳ барин тавсифҳо ва унвонҳои ба падар ва мард тааллуқдор ба модар нисбат дода мешавад:

Қиблагоҳам! Модари олампаноҳам!
Рафтаӣ гарчи зи дунёи дудар
Дар сарат қарси сафед,
Дар рухат нури умед,
Дастҳо дар пеши бар
Дар пеши дар истодаӣ.

Ҳамчунин, дар тасвири симои муқаддаси модари Шарқ устод Лоиқ, эҳтимолан, бори аввал дар адабиёти даврони шӯравии тоҷик аз калимаҳои Худо, Қуръон, оят, пайғамбар, Ҳафтяк истифода кардааст, ки ин аз ҷасорати адабии шоир дар он айём гувоҳӣ медиҳад» [2, 307].

Мавзӯи зан-модар дар эҷодиёти Гулрухсор бо ҷилою тобиш ва рангомезии навин ба ҷилва омада, ин олиҳаи зиндагиофар бо ҳама розу ниёз, сӯзу гудоз ва зебоиҳову ҷаҳони пурасрораш ситоиш карда шудааст. Нерӯмандӣ, тавоноӣ ва қудрати зан-модарро шоира дар рӯҳи баланду муқтадир, сеҳри сухан, шодии зистан, зебоиофарию зебоипарастии ӯ дида, сари баланду ғурури ботафохур ва мардонагии занонаро тараннум ва васф менамояд. Ба ҳамин паҳлӯи мавзӯи ашъори Гулрухсор адабиётшинос Матлубаи Мирзоюнус чунин баҳогузорӣ намудааст: «Гулрухсор, чунонки аз ашъораш пайдост, дар ин ҷода ибтикороте ба зуҳур овардааст ва дар ситоишу накӯҳиш ва дифову мазаммати ҳамҷинсон бо чашмандозе густурдатар, хаёлоте бориктар ва вуруде жарфтару огоҳие комилтар хома рондааст. Ба шахсият, рӯҳу равон ва кайфияти зан, андешидан, кайҳони рӯҳу ормонҳои ӯро шинохтан, аз вижагиҳои сабки Гулрухсор аст, ки на танҳо дар ашъор, балки дар насраш низ падид омадааст» [8, 125].

Шоира бар он ақида муътақид аст, ки Худованд баъд аз худ дар олам ба Зан-Модар боварию эътимоди бештар дошта, аъмоли нигоҳдошту афзун намудани насли одамиро дар рӯйи Замин ба дӯши ӯ вогузор намудааст:

Модаре сафархоҳ аст, раҳкушои ду роҳ аст,
Дар талоши ду ҷон аст, ҳарду ҷон сари оҳ аст.
Наъра мекашад аждар, сӯи кӯдаку модар.
Марди мардро бингар, музтару тамошогар [8, 135].

Ин шеър, ки «Зодани инсон» ном дорад, лаҳзаи ба дунё омадани тифл, талоши зан бо марг, дифоъ аз ҷони худу ҷони тифли навтавлид, тамошогари нотавон будани мард дар чунин ҳолати ҳассос ва дар паноҳи зан қарор доштани мардонро тафсиргар мебошад. Оид ба ҳамин ҷанбаи ҷолиби ашъори Гулрухсор адабиётшиноси эронӣ А. Шеърдӯст низ чунин ишораҳои воқеӣ дорад: «Афзун ба модарӣ, зан ба унвони як «зан» ҳам, мавзӯи ашъори бисёриҳост.

Дар ин шеърҳо зан бештар аз нигоҳи ҷинсият мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Осори хонум Гулрухсор ба унвони яке аз бузургтарин шоирони он диёр метавонад дар шинохти чеҳраи зани муосири тоҷик ва масоилу мушкилоти ӯ моро ёригар бошад» [13, 95].

Дар эҷодиёти Ҳабибулло Файзулло низ тараннум ва ситоиши модар ҳанӯз аз давраҳои аввали қалам ба каф гирифтани адиб оғоз ёфта, то ба охир ба ин мавзӯи ҷовидонӣ шеърҳои зиёде бахшидааст. Аввалин шеъре, ки Ҳ. Файзулло дар назди устодаш Сотим Улуғзода қироат намуда, аз эшон маслиҳатҳои муфиду роҳкушо

гирифта буд [5], шеъри «Модар» мебошад, ки дар 15-солагии шоир таълиф гардидааст. Дар ин шеър ҳарорати қалби кӯчаки ҷавони навқалам дар омезиш бо муҳаббату самимияти беинтиҳо ифшо гардида, меҳри модар мисоли рӯдҳои кӯҳистон пур аз ҷӯшу хурӯш тасвир ёфтааст:

Ин қадар дар васфи ту бисёр мебошад суруд,
Ин қадар ҳам меҳри ту пурҷӯш бошад мисли рӯд.
Ин қадар дар васфи ту гуфтанд одамҳо дуруд,
Чунки бе ту зиндагонӣ олами афсона буд [12, 68].

Шеъри «Шири модар» низ маҳсули давраҳои аввали эҷодиёти шоир (1961) буда, бо тасвироти рангин ва ташбеҳҳои дилнишини шоирона ороиш ёфтааст.

Дар маркази тасвир қарор гирифтани он лаҳзае, ки тифли навзод аз лаззати шири модар - ноёбтарин ғизои одамӣ завқу ҳаловат бурда, бо дидагони шуълабор ва чеҳраи «чун гули садбарг хандон» бо «ғум-ғум»-и худ ба модар арзи миннатдорӣ менамояд, ҷолибияти шеърро афзун менамояд. Мушоҳидаи ҳассосонаи адиб шеърро басо табииву воқеӣ ва муассир гардонидааст:

Кӯдаки навзод комак мезанад,
Синаи модар гирифта бар даҳон,
Завқ карда гоҳ чак-чак мезанад,
Гоҳ ғум-ғум карда бо нӯги забон.
Сӯйи модар мекунад ҳар дам нигоҳ,
Чун гули садбарг хандон мешавад.
Аз дили он тифл меояд садо:
-Шири модар, ваҳ, чӣ сон ширин бувад! [12, 111].

Аз зиндагиномаи шоир бармеояд, ки ӯ аз падар барвақт ятим монда, таҳти тарбияву сарпарастӣ ва ғамхориҳои модари танҳояш ба воя мерасад. Модар бо мақсади тарбияи дурусти фарзандон ва солеҳу соҳибмаълумот гардидани онҳо умри ҷавони худро дареғ надошта, тамоми мушкилиҳои зиндагиро мардонавор ба дӯш мегирад ва ононро ба сӯйи манзили мақсуд раҳнамоӣ месозад. Шоир дар шеъри «Армони модар» ҳамин маъниро бо таассуф ва ҳасрати бепоён тасвир намуда, иброз медорад, ки аз гармию ҳарорати беинтиҳои дили пурормони модар имрӯз рӯйи қабри ӯ сабзаву гулҳои худрӯй қад кашида хандон шудаанд. Аммо пояи туғи мазораш рамзи дасти аз хок берунгаштаи модар аст, ки аз чархи қаҳрафтор домангир мебошад. Модар умед дошт, ки тӯйи домодии фарзандонро бубинад, ба хона келин оварда армон шиканад, дасти наберагонро гирифта, ба сайругашти деҳа барояд. Ӯ сари худро дар «болини чӯбин»-и гаҳвора гузошта, то ба субҳ бедорхобӣ кашидааст, ранҷу машаққатҳои зиёдеро паси сар намудааст, вале «навмеду армон ношикаста» аз «дунёи бетавфиқ» реҳлат кардааст. Бо вуҷуди ҳамаи ин, рӯҳи бузурги модар шикастнопазир аст, хаёлан бо дуои худ фарзандонро ба сӯйи бурдбориҳо, ба кӯи умеду орзуҳо раҳнамун месозад:

Ту, эй фарзанди ман, дар рӯзи васлу тӯи домодӣ,
Бичин як дастаи гул аз ҳамин гулҳои худрӯӣ,
Бидеҳ бар дасти келинам,
К-аз онҳо бӯйи ман, бӯйи умеду орзуи ман,
Расад, чун бӯ кунад боре,
Ки ман ҳам дастагул будам,
Аз ин дунё ҷавон рафтам…[12, 246].

Таъкидҳои зерини адабиётшинос А. Давронов нисбат ба ашъори Бозор Собир ба эҷодиёти ҳамқаламони ӯ, аз ҷумла ба Ҳабибулло Файзулло низ тааллуқ дорад: «Образи модар ва образи зан шеъри шоирро он қадар ҳусн, тароват ва шукуҳ бахшидаанд, ки шоир дигар натавонистааст аз чунин олам ва ҳалқаи таассурот берун равад ва шеъре бигӯяд, ки мавҳум бошад. Ин муддао бархоста аз муҳтавои тасвир ва ифода дар ашё ва дар шеъри худи шоир мебошад» [4, 220].

Воқеан ҳам, дар тасвироти Ҳабибулло Файзулло зан-модар ҳамчун намунаи барҷастаи некройиву олиҳиммат, нерӯи бешикаст, махзани ҷуръату шуҷоат ва вафову садоқат ба назар расида, шаъну шукуҳ ва бузургии худро модар дар номуси баланду ифтихори боғурураш намоиш медиҳад.

Шоир дар шеъри «Сурати падар» ба симои падари нуроniаш нигариста, аз овони кӯдакиву ятимиҳо, мушкилию ранҷҳои он айём ёд намуда, ранҷу заҳматҳои мардонавори модари танҳояшро бо пуртоқатию сабру таҳаммул ва баландии рӯҳаш рӯйи сафҳа меорад. Дар ин шеър бунёди мушоҳида ва нияту армонҳои шоир аз поя ва пораҳои хотира вусъат гирифта, ба шоир илҳоми баланди қадршиносиву эҳтиромро талқин намудаанд, ки аз шири модару обу ғизои модар сарманшаъ гирифта ба онҳо саҳеҳан тавъам будаанд:

Лекин наравад зи ёди мо ҳеҷ,
Он лаҳза, ки кард ишора модар.
Ҳарфе ба саволи мо нагуфта,
Аз он дили пора-пора модар.
Аз модари меҳрубон бимонда,
Некию вафою бурдборӣ.
Лекин зи падар ба мо нишонест.
Ин сурати куҳна ёдгорӣ [12, 248].

Дар куллиёти Ҳ. Файзулло шеъре бо номи «Ғуссаи модар» ҷой дорад, ки ба модари шоири ҷавонмарги рус Борис Корнилов эҳдо гардидааст. Дар ин шеър модар ба зиёрати ҳайкали писараш ташриф оварда, ба ӯ чун бо «ҳайкали зиндашуда» чашм медӯзад ва аз шеърҳои аввалини писараш, ки маҳз ба модари азиз бахшида шуда буданд, ёд меорад. Акнун мисраъҳои парешон рӯйи дафтар чун «ҷӯякҳои деҳқонӣ» ва байтҳои бесоҳибмонда мисли «хатҳои пешонӣ» ба «андешаҳои худ ғарқ» буда, муаллифи худро ҷӯёянд. Ҳикмати таҳаммул ва қудрати бардошти модар дар шеър ба ҳаддест, ки ӯ дар рӯ ба рӯйи ҳайкали фарзанди ҷавонмаргаш ҳама ашъори ӯро зери лаб такрор мекунад ва бо эҳсосоти баланду муҳаббати беандозаи модарӣ таппиши қалби писарашро «аз дили санг» мешунавад. Ташбеҳу таъбироти «дар дили ҳайкал ҳезуми тар сӯхтан», «чун сатри рӯи дафтар ханда дар лабони нарм нақш бастан», «чашми ҳайкал бино гардидан» ва амсоли инҳо ба зуҳуроти махсусияти тасвир ва ифодаи мушаххасоти ашё, бунёди ифодаи эҳсоси баланди зеҳнӣ мусоидат намудаанд. Дар се банди шеър паиҳам омадани силсилаи таъбирҳо, ташбеҳот ва тасвирот таносуби мисраъ ба мисраи бандҳо ва таассуроту ифодаҳои шоирро басо ғаниву пурратар намудаанд:

Зери лабҳо бинамояд такрор,
Ҳама ашъори писар модари пир,
Дарди ҳичрони худ изҳор кунад,
Ба писар бори дигар модари пир.
Қатра-қатра шуда ашкаш ҷорӣ
Раваду ҳайкалаш оғӯш кунад.
Дар дили санг магар модари пир,
Задани қалби писар гӯш кунад? [12, 249].

Модар дар шеърҳои Ҳабибулло Файзулло ҳамчун рамзи ҷовидонаи некӣ ва накӯкорӣ, меҳру шафқат ва бузургӣ тасвир гардида, абадияти қуввaҳои нек ва ростию покӣ маҳз тавассути қалби поки Модар дар ҳаёт тантана ва музаффарият доранд. Чунин ба назар мерасад, ки тавассути олами пандомӯзу пурҳикмати модар ва олами зебои орзуву ҳавасҳои модарона шоир ба хонанда фурӯ рафтан ба ҷаҳони ботинии модар, варо самимона дарк намудан ва муқаддас шумурданро таъкид месозад. Дар чунин шеърҳо андеша ва муҳокимаҳои қаҳрамони ғиноӣ бештар бо зиндагии оддию воқеии модар, тасвири муҳимтарин ҷузъиёти ҳаёти ӯ тавъам бо ҳиссиёту идроки баланд, дар омезиш бо урфу одатҳои миллӣ, расму ойинҳои равшанибахши ҳаёти мардум баён гардида, хонандаро ба роҳи накӯкорӣ ва бахтофаринӣ ҳидоят месозанд.

Як хусусияти муҳимми ин шеърҳо тавассути монолог-мухотаб иброз намудани андеша ва эҳсосоти қаҳрамони ғиноӣ мебошад. Дар ин бора адабиётшинос Ю. Акбаров чунин андеша дорад: «Дигар навъи тозаи назми мо шеъри монолог мебошад, ки намунаҳои онро бештар дар эҷодиёти М. Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир, Ш. Ёдгорӣ, Ҳ. Файзулло, С. Маъмур мебинем. Дар онҳо модар дар фироқи фарзандони шаҳид, ҷигаргӯшаҳои худ нолаи ҷонсӯзе мекунад, дар вуҷуди ӯ як олам хашму ғазаб ва нафрат зидди ҷангҷӯёни ҷаҳон ва душманони инсоният нуҳуфтааст. Ин услуби адабӣ барои ҳаматарафа кушодани асрори дили инсон ва умуман хислати қаҳрамонон имконияти тоза фароҳам оварда» [1, 43].

Шеъри «Шаби модар»-и Ҳ. Файзулло аз ҳамин гуна хусусият бархӯрдор мебошад. Он дар мавзӯи байналхалқӣ навишта шуда, ба модарони Ветнами Ҷанубӣ эҳдо гардидааст. Чунонки аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ватандӯстони ветнамӣ 13 сол бо истилогарони амрикоӣ ҷангида истиқлолият ба даст оварданд. Шоир дар образи қаҳрамони ғиноӣ–модари пири ветнамӣ шабу рӯз интизорӣ кашидану ба ғалаба умедвор будан ва хаёлоти печ дар печи ӯро аз даҳшату офати майдони ҷанг ба тасвир оварда, қотилони бани башар-ҷангҷӯёнро маломат ва маҳкум месозад. Модар ба осмон муроҷиат намуда, фарзанди азизу ягонаи худро ҷӯё мешавад ва осудагиву амн, саломатии ӯро дар муҳорибаҳо орзу мекунад. Дар банди охирини шеър шоир хаёлан модари пирро дилбардорӣ намуда, тасалло мебахшад ва таъкид месозад, ки, албатта, ҳар шахси дар ҳифзи диёру обу хоки худ разманда ба пирӯзиву зафар ва

сарбаландиҳо муваффақ мегардад. Истифода гардидани ташбеҳи «чун муҳра зи риштаи гусаста», тавсифҳои «тири захрогини адӯ», «ҷангали сард», «оҳи ҳасрат» ва амсоли инҳо бунёди шеърро таровату муассирии бештаре бахшида, моҳияти башардӯстии онро тақвияти тоза додаанд:

Шояд, ки ниҳоли умри ӯро,
Ҳаҳрогини тирҳо шикаста.
Ё гашта ҷудо зи ҳамсафонаш,
Чун муҳра зи риштаи гусаста.
Ошуфта мабош, модари пир,
Фарзанди ту байни корзор аст.
Дар ҳифзи диёру ҳифзи ин хок,
Пирӯзӣ варо ҳамеша ёр аст [12, 73].

Ҳабибулло Файзулло бо як ҳиссиёти баланду наҷиб, эҳтирому самимияти беандоза, дар шеъри «Кампирҳо» ба пиразанҳои деҳаи худ муроҷиат намуда, таъкид месозад, ки дар подоши ин қадар бузургии беандозаи модарон таърих дар пеши пои онҳо сари таъзим фуруд меоварад. Мазмуни баланди шеър, ки ифодакунандаи меҳру муҳаббати хоси модарон, бедорхобию ранҷ, шафқату меҳрубонӣ, қалби нарму ботараҳҳум, некхӯйиву некройӣ, ҳолату авзоъ ва табиати модарон дар лаҳзаҳои гуногуни умр мебошад, хонандаро ба ҳаяҷон меорад ва нерӯи басо пурқуввати шеър симои хосу муқаддаси модаронро пеши дидагони хонанда ба ҷилва меорад:

Висоли ёру доғи тифл дидед,
Сари гаҳвораву тобут будед.
Бишуд мӯтон сафед аз дудаи ҷанг,
Дили худро дар оташ озмудед [12, 49].

Шоир кӯшидааст, ки бо мушоҳидаҳои амиқ ва таъбирҳои образноку таъсирбахш умри пурбаракати кампирони тоҷикро нишон диҳад. Ҳаёти онҳо дар пайроҳаҳои дарози рӯзгорон бо гуселу пешвози зиндагӣ, ноободиҳоро обод сохтан, дудаи ҷанги хонумонсӯзро « ба мӯҳои худ интиқол доданҳо», қалбҳои худро дар оташи ғам гудохтанҳо, ба ёди шаҳидони хуфта дуои нек хондаҳо, кадбонуву саркори маъракаи шодмониҳову саровози фиғони мотам буданҳо сипарӣ шуда истодааст:

Шумо аз моми миллат ёдгоред,
Шумо з-аҷдодҳои мо нишонед.
Шумо, кампирҳои деҳаи ман,
Ҷавонеду ҷавони ҷовидонед [12 , 50].

Ҳамин тариқ, шеърҳои дар васфи модар эҷоднамудаи Ҳабибулло Файзулло чун дигар шоирони шинохтаи тоҷик аз меҳру муҳаббати беолоиш ва беканори ӯ нисбат ба ин симои муқаддас ва ҷовидонӣ ибтидо гирифтааст. Шоир дар чунин ашъор таъкид месозад, ки тавассути мавҷудияти мубораку қудсии зан-модар покию сафо, некию накӯкорӣ, бузургиву ҳашамат, бурдбориву таҳаммул ва ҳусни табииву боигарии пурғановати маънавии инсонӣ ҷовидонӣ мебошад. Ҳамин хислатҳои воло ва муқаддаси модар дар ашъори шоир бо сидқу ихлоси бепоён тараннум гардидааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Акбаров Ю. Рӯҳи граждании шеър / Ю. Акбаров // Шеъри эҳсос ва тафаккур. - Душанбе: Ирфон, 1985. - С.7-40.
2. Асозода Х. Адабиёти тоҷик (давраи нав). Китоби дарсӣ барои синфи 11 / Х. Асозода, А. Кӯчаров. - Душанбе: Тайфун-Менеҷмент, 2007. - 400 с.
3. Гулрухсор. Занони Сабзбаҳор / Гулрухсор. - Душанбе: Адиб, 1990.
4. Давронов А. Шеър ва ашё дар шеър / А Давронов //Адабиёт ва маърифати инсон. - Душанбе: Статус, 2006. - С.220-239.
5. Ёдгорӣ Ш. Зи нав зинда шавем / Ш Ёдгорӣ // Дӯстон, ёди шумо базм марост. - Душанбе: Шарқи озод, 2005. - С.166-174.
6. Кӯчаров А. Модарномаҳои устод Турсунзода ва Лоиқ Шералӣ / А Кӯчаров //Турсунзода // Маҳорат ва садоқат. - Душанбе: З. Камолиддин, 2011. - 192 с.
7. Қаноат М. Сурӯши Сталинград. Тоҷикистон-исми ман. Достонҳо / М Қаноат. - Душанбе: Ирфон, 1979. - 246 с.
8. Мирзоюнус М. Ҳамзоди тӯфон / М Мирзоюнус. - Душанбе: Адиб, 2007. - 256 с.
9. Отахонова Х. Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик / Х. Отахонова. - Душанбе: Дониш, 1983. - 264 с.
10. Собир Б. Аз «Гули хор» то «Симхор» / Б. Собир. - М.: Интрасдорнаука, 2003. - 256 с.
11. Турсунзода М. Куллиёт / М. Турсунзода. - Душанбе: Ирфон, 1971. - Ҷ.1. - 328 с.
12. Файзулло Ҳ. Куллиёт / Ҳ. Файзулло. - Душанбе: Бухоро, 2011. - 512 с.
13. Шеърдӯст А. Дарунмояи шеър / А Шеърдӯст // Чашмандозе ба шеъри имрӯзи тоҷик. - Душанбе: Адиб, 1997. - С.71-125.

ВОСПЕВАНИЕ МАТЕРИ В ТВОРЧЕСТВЕ ХАБИБУЛЛО ФАЙЗУЛЛО

Статья посвящена изучению темы матери в творчестве Х. Файзулло. Исследование охватывает тематику воспевания матери как священной личности, в лице которой отражаются чистота и величие женщины – матери. В стихотворениях поэта воспевается образ матери, который останется в жизни навечно.

Ключевые слова: тема, стихотворение, мать, красота, величие, вечность, любовь, верность.

DISCRIBING OF MOTHER IN CREATIVE WORK OF HABIBULLO FAIZULLO

The article devoted to the learning of mother theme in creative work of Habibullo Faizullo. The researeh work keeps the mother describing thematic as a holly person, in which reflected the purity and grandeurity of womeh-mothers. In poems of poet are singing the image of mothers, which are stayed in our life for evermore.

Key words: theme, poem, mother, beauty, grandeur, eternity, love, faithfulness.

Сведения об авторе: ***Н.С. Шамсов*** – соискатель кафедры таджикской литературы ТГПУ им. С. Айни. Телефон:**918-38-94-05**

ДАСТХАТҲОИ «ЮСУФ ВА ЗУЛАЙХО» ДАР АСРҲОИ X-XV

В. Элбоев
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ба шакли достони алоҳида нигошта шудани сюжети қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ аз асаре, ки то ҳол ба Абулқосим Фирдавсӣ мансуб медонанд, шурӯъ гардида, дар ин мавзӯъ силсилаи достонҳо то ибтидои асри XX-и мелодӣ дар вазнҳои гуногуни шеърӣ навишта шудаанд, ки ҳар яке ҷойгоҳу мавқеи худро доранд. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо ва нишондоди пажӯҳишҳои илмӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ беш аз ҳаштод шоир дар ин мавзӯъ достон эҷод кардаанд, ки нусхаҳои мухталифи ин осори ноб дар китобхона ва марказҳои гуногуни олам нигоҳдорӣ мешаванд.

Дар давоми асрҳои X-XУ достонҳое аз тарафи шоирон-Абулмуайяди Балхӣ, Бахтиёрӣ, Амъақи Бухорӣ, Авҳадии Балаёнӣ, Ҷавҳари Табрезӣ, Шаҳоби Туршезӣ, Масъуди Ҳиравӣ, Шоҳини Шерозӣ, Масъуди Деҳлавӣ, Озарии Тӯсӣ, Масъуди Қумӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон нигошта шудаанд, ки то замони мо на ҳамаи ин асарҳо боқӣ мондаанд. Аз ин миён нусхаҳои матни достонҳои мансуб ба Абулқосим Фирдавсӣ, Шоҳини Шерозӣ, Масъуди Қумӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ то рӯзгори мо расидаанд, ки дар мақола ин нусхаҳо ва чигунагии ҳолати онҳоро баррасӣ менамоем.

1. Нусхаҳои «Юсуф ва Зулайхо» -и мансуб ба Абулқосим Фирдавсӣ. Аз матни достони «Юсуф ва Зулайхо»-и мансуб ба Абулқосими Фирдавсӣ нусхаҳои гуногун дар китобхонаҳои олам маҳфуз аст, ки дар замонҳои мухталиф китобат шудаанд.

Дар «Феҳристи нусхаҳои хаттии форсӣ»-и Аҳмади Мунзавӣ [1, 118], ҷилди 4, 14 нусхаи «Юсуф ва Зулайхо»-и мансуб ба Абулқосими Фирдавсӣ, ки дар китобхонаҳои гуногуни олам нигаҳдорӣ мешаванд, оварда шудааст, ки ҳамагӣ шинохта шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Исломии Эрон 5 нусха аз ин достон маҳфуз аст: дар Китобхонаи Донишгоҳи Теҳрон нусхаи №5063/1, ки соли китобаташ 1207 ҳ. ш., дар Китобхонаи Маҷлиси Миллӣ нусхаи №22, ки соли китобаташ 1207 ҳ.ш. дар Китобхонаи Маҷлиси Миллӣ нусхаи №22, ки соли китобаташ 1242 ҳ. ш., ва нусхаи №2699, ки соли китобати он 1262 ҳ. ш., дар Китобхонаи Мулк нусхаи №5279/2, ки соли китобаташ 1250 ҳ. ш. аст ва нусхаи №2749, бидуни таърих, ки дар Китобхонаи Миллии шаҳри Табрез нигаҳдорӣ мешаванд.

Се нусхаи «Юсуф ва Зулайхо»-и мансуб ба Абулқосими Фирдавсӣ дар Англия маҳфуз аст, ки дар Музейи Британия нигаҳдорӣ мешаванд. Ин нусхаҳо-нусхаи №6964 Or, соли китобат 1025 ҳ. ш, №24093 Add, соли китобат 1055 ҳ. ш. ва №2930 Or, соли китобат 1266 ҳ. ш. мебошад.

Ду нусхаи ин достон дар Ҳиндустон дар шаҳри Банкипур таҳти рақамҳои №12, соли китобат 1240 ҳ. ш. ва №13, соли китобат 1278 ҳ. ш. нигаҳдорӣ мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Исломии Покистон низ ду нусхаи ин достон, яке дар шаҳри Лоҳур, № 4027/970, соли китобаташ 1273 ҳ. ш. ва дигаре дар шаҳри Панҷоб, №2 У1/Spi – 4016 соли китобат 1267 ҳ. ш. нигаҳдорӣ мешаванд.

Дар шаҳри Наҷафи Ироқ дар Китобхонаи Амиралмуъминин нусхае аз ин достон бо №1343, ки соли китобати он 1287 ҳ. ш. мебошад, маҳфуз аст.

Як нусхаи ин достон таҳти рақами №170, ки соли китобати он зикр нагардидааст, дар Китобхонаи Ашётаки Бангола нигаҳдорӣ мешавад.

Чарлз Рё дар феҳристи худ ду нусхаи «Юсуф ва Зулайхо»-и мансуб ба Фирдавсиро, ки дар Музеи Британия (Лондон) таҳти рақамҳои №200 ва №545 нигаҳдорӣ мешаванд, номбар кардааст [2, 149].

Дар «Феҳристи захираи дастхатҳои шарқии Академияи Улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҷилди 1 ду нусхаи достони мансуб ба Фирдавсӣ, таҳти рақамҳои №195 ва ПНС №277 оварда шудааст [3, 97]. Дар нусхаи №195 унвони асар ва матни он бо хати настаълиқ навишта шудааст. Ин нусха тахминан нимаи дуюми асри Х1Х китобат шуда, исми китоб ва ҷои китобат қайд нашудааст. Нусха аз 231 варақ иборат аст. Андозаи саҳифаҳо 15х25 см. мебошад.

Дар нусхаи ПНС № 277 унвони достон омадааст. Дар дохили матни нусха 65 минётури хурд оварда шуда, муқоваи нусха чармӣ аст. Нусха аз 285 варақ иборат буда, андозаи саҳифаҳо 13х25 см аст.

Ҳамаи нусхаҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и мансуб ба Фирдавсӣ бо байтҳои зерин шурӯъ мешаванд:

Ба номи Худованди ҳарду сарой,
Ки ҷовид бошад, ба ҳарду сарой.
Яке фарди Ҷаббору ҳайю Самад,
На шибҳу на ҳамто, на ҷуфту валад.

Ин достон борҳо нашр шудааст.

2.Нусхаҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Шоҳини Шерозӣ. Аз достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Шоҳини Шерозӣ нусхаҳои хеле кам боқӣ мондаанд. Дар «Феҳристи захираи дастхатҳои шарқии Академияи Улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҷилди 2 нусхае таҳти рақами №1729 нигаҳдорӣ мешавад. Инчунин, Н. Муллоқандов - мураттиби «Юсуф ва Зулайхо»-и Шоҳини Шерозӣ аз як нусхаи шахсии худ хабар додааст, ки достони Шоҳини Шерозӣ мебошанд. Нусхаи №1729 ва нусхаи шахсии Н. Муллоқандов ба байтҳои зерин шурӯъ мешаванд:

Калимуллоҳ амини ҳазрати роз,
Расули додгар, шабҳо ба парвоз.
Амину муқтадои халқи олам,
Чароғи дудаи авлоди олам.

Дигар феҳристҳо аз мавҷудияти нусхаҳои ин достон хабар надодаанд.

Нусхаи №1729 нусхаи серғалат буда, дар ҳошияҳо иловаҳову навиштаҳои зиёд дорад, ки шояд иловаҳои котибон бошад. Нусха аз 409 варақ иборат буда, андозаи саҳифаҳо 13х25 см. мебошад.

«Юсуф ва Зулайхо»- и Шерозӣ то ҳоло нашр нагардидааст, вале пораҳо аз ин асар дар маҷаллаи «Шарқи сурх» [4, 101-113] чоп шудаанд.

3.Нусхаҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Масъуди Қумӣ. Ҳарчанд тазкираҳои зиёд аз мавҷудияти «Юсуф ва Зулайхо»-и Масъуди Қумӣ хабар додаанд, то имрӯз нусхаи ягонаи он таҳти рақами № 5929 дар Китобхонаи Маҷлиси Шӯрои Ҷумҳурии Исломии Эрон нигаҳдорӣ мешавад. Ин нусха бо хати настаълиқи зебо навишта шуда, миқдори умумии байтҳо ба 3900 мерасад.

Аз ин нусха саҳифаи аввалу охир афтодааст ва соли хатми нусха нишон дода нашудааст ва мо аз пажӯҳиши қиёсӣ ва абёти достон ба натиҷа расидем, ки ин асар дар ибтидои соли 1483 мелодӣ ба анҷом расидааст. Ин нусха бо байтҳои зерин оғоз мешавад:

Не, не ки ҳанӯз Одами пок,
Омехта буд, бо гилу хок.
К-он лаҳза ба ҳар баланду пастӣ,
Будӣ ту набӣ чунин, ки ҳастӣ.

Матни достони «Юсуф ва Зулайхо»- и Масъуди Қумӣ соли 1369 ҳ.ш. (1991м.) дар Ҷумҳурии Исломии Эрон бо эҳтимоми Сайидалӣ Оли Довуд нашр шуда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хати кириллӣ аз ҷониби роҳими сутур ба чоп расидааст [5].

4.Нусхаҳои «Юсуф ва Зулайхо» -и Абдурраҳмони Ҷомӣ. Аз достони «Юсуф ва Зулайхо» -и Абдурраҳмони Ҷомӣ нусхаҳои хеле зиёд боқӣ мондаанд, ки тибқи нишондоди феҳристҳо дар китобхонаҳои гуногуни олам, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, Туркия, Покистон ва ғайра нигаҳдорӣ мешаванд.

Аҳмади Мунзавӣ дар «Феҳристи нусхаҳои форсӣ», ҷилдҳои 3-4 рӯйхати 199 нусхаи хаттии «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомиро оварда, тавсифи ҳар кадоми нусхаҳоро нишон додааст. Аз миёни нусхаҳои номбурдаи Аҳмади Мунзавӣ нусхаҳои № 3312, ки соли 889 ҳ.ш. китобат шудааст ва № 36721, ки гӯё бо қалами Султоналии Машҳадӣ китобат шуда, ҳардуи ин нусха дар Теҳрон дар китобхонаи Маҷлис нигаҳдорӣ мешаванду аз нусхаҳои қадимтарин мебошанд, арзиши баландро қойиланд.

Нусхаи дигар, ки зери рақами № 36718 дар китобхонаи Академияи Улуми Собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (ш. Москва) нигаҳдорӣ мешавад, боарзиштарин нусхаи хаттии «Юсуф ва Зулайхо»- и Ҷомӣ мебошад, чунки тибқи нишондоди феҳристҳо ин нусхаро

худи Ҷомӣ китобат кардааст. Микрофилми ҳамин нусха таҳти рақами №1042 дар Донишгоҳи Теҳрон маҳфуз аст.

Ҳамин тавр, дар «Феҳристи нусхаҳои хаттии форсӣ»-и Аҳмади Мунзавӣ аз саҳифаҳои 3330 то 3340 аз рақами № 36715 то 36913- 198 нусха, бо иловаи нусхаи № 3312, дар маҷмӯъ 199 нусхаи хаттии «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ оварда шудааст, ки нусхаҳои мухталиф буда, арзиши баланди илмӣ-бадеӣ доранд.

Дар «Феҳристи захираи дастхатҳои шарқии Академияи Улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон» [6, 2Б, 232-238] ҷилди 2, 14 нусхаи дастнависҳои матни «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ оварда шудаанд, ки вижагиҳои ин нусхаҳоро дар асоси нишондоди ин феҳрист ин ҷо меоварем.

1.Дастхати № 1872. Матни дастхат дар ду сутун бо хати настаълиқи оби тилло зебо навишта шудааст. Коғазаш шарқӣ буда, бо ранги сурх ва сабз хатҳо кашида шудааст. Сарлавҳаҳо бо хати хоно, алоҳида навишта шудааст. Матн бо унвони достон шурӯъ мешавад. Дар матн 8 минётур оварда шудааст (варақҳои 56А, 58Б, 61Б, 62А, 96Б, 97А, 120Б, 121А). Матн дар асри 16 китобат шудааст. Муқоваааш Осиёи Миёнагӣ, рангаш сабзи ҷигарӣ. Андозаи саҳифаҳо 14х22,5 см. мебошад.

2.Дастхати № 1452. Ин дастхат нисфи достонро фаро мегирад. Матн дар ду сутун бо хати настаълиқи зебо, дар коғази шарқӣ, дар чаҳорчӯбаи кабуди тиллогин навишта шудааст. Номи сарлавҳаҳо бо хати сулс нигошта шудааст. Дар дастнавис 8 минётур, дар саҳифаҳои 1А, 2Б, 7Б, 15Б, 25Б, 37Б, 53Б, 57Б ҷой доранд, вале баъзе қисмҳои минётурҳо нобуд шудаанд. Дастхат охири асри ХУ ва аввали асри ХУ1 аз ҷониби хаттотони Ҳиротӣ китобат шудааст. Матн аз 85 саҳифа иборат аст. Андозаи саҳифаҳо 14х22,5 см. аст.

3.Дастхати № 161/1. Матни ин дастнавис дар ду сутун бо хати зебои настаълиқ дар коғази зардчатоби шарқӣ дар чаҳорчӯбае, ки бо хатҳои тиллоӣ ва кабуд хатҳо кашида шудааст, навишта шудааст. Замони китобат 20 зулҳиҷҷаи 973 ҳ.ш. (8 июли 1566 м.) мебошад. Коғази ин достон қӯқандӣ аст. Ба назар мерасад, ки ин матни барқароршуда аст. Котиби дастхат Абӯтуроб Алҳусайнӣ ан-Насафӣ мебошад. Матн аз 140 варақ иборат аст. Андозаи саҳифаҳо 11,5х21,5 см. аст.

4.Дастхати № 1004/1. Дастнавис бо хати зебо ва ороишот ороёфта буда, матни он дар 3 сутун бо хати настаълиқи зебо навишта шудааст. Сарлавҳаҳо бо рангҳои гуногун гулкорӣ карда шудаанд. Замони китобат 1220 ҳ.ш (1805 м.) аст. Номи котиб Муҳаммад бинни Мирзо Аҳмад аст. Ин нусха дар Кашмир китобат шудааст ва аз 164 варақ иборат аст. Муқоваааш Кашмирӣ буда, андозаи саҳифаҳо 14х23 см. мебошад. Дар муқаддима ашъори парокандаи тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ҷой доранд.

5.Дастхати № 1870. Матни дастхат дар ду сутун бо хати резаи настаълиқ дар коғази шарқӣ сабт шуда, дар бисёр саҳифаҳо сарлавҳаҳо то охир навишта нашудаанд. Дастхат дар аввали асри ХУ111 китобат шудааст. Аз 125 саҳифа иборат аст. Саҳифаҳои 55-109 афтодаанд. Муқоваааш Шарқӣ буда, аз чарм аст ва андозаи саҳифаҳо 11х19,5 см. мебошанд.

6.Дастхати № 1991/111. Дастнавис дар ду сутуни коғази қӯқандӣ бо хати зебои настаълиқ навишта шудааст. Сарлавҳаҳо бо киновар (навъе аз рангу моддаи ороишӣ) нигошта шудаанд. Унвони сарлавҳаҳо то охир навишта нашудаанд. Дар ҳошияи варақҳо пораҳо аз «Бӯстон»-и Саъдӣ навишта шудаанд. Ҳошияи баъзе саҳифаҳо бо мақсади барқарор кардан бо коғази дигар ширеш карда шудааст. Санаи китобат 1249 ҳ.ш. (1834 м.) буда, номи котиб Мирзо Файзуллоҳ бинни Мирзо Абдуллоҳи Бухорӣ аст. Макони китобат Бухоро аст. Дастхат аз 120 варақ иборат буда, муқоваааш Осиёи Миёнагӣ ва рангаш зарди сабзтоб аст. Дар муқоваи дастхат исми муқовагар Муҳаммади Сарроф ва санаи китобат 1250 ҳ. ш. (1834-1835 м.) қайд гардидааст. Андозаи саҳифаҳо 14,5х24,5 см. мебошад.

7.Дастхати № 466. Матни дастхат дар ду сутуни коғази қӯқандӣ бо рангҳои тиллоӣ ва сурх бо хати зебои настаълиқ навишта шудааст. Унвони сарлавҳаҳо бо киновар навишта шудааст. Дар дастнавис 12 минеатур ҷой дода шудаанд [. 24А, 35А, 47Б, 58Б, 61Б, 65А, 94Б, 102Б, 108А, 121Б, 134Б, 145Б]. Дар дастнавис якчанд намуди муҳр ба назар мерасад, ки дар онҳо номи Сайид Мир Сиддиқ бинни Сайид Амир Музаффар ба соли 1296 ҳ. ш. (1879 м.) омадааст. Ҳамин тавр, равшан мегардад, ки дастхат дар китобхонаи шахсии адиби машҳури Бухорӣ Сиддиқи Ҳашмат мавҷуд будааст. Ба Сиддиқи Ҳашмат тақризи хубе, ки дар муқаддимаи дастхат оварда шудааст, мансуб аст, ки соли 1890 навишта шудааст. Тахмин кардан мумкин аст, ки дастхат аз ҷониби Сиддиқи Ҳашмат нусхабардорӣ шуда, минётурҳоро низ ӯ кашидааст. Матн аз 154 саҳифа иборат аст. Номи муқовагар Мулло Муҳаммади Умар ва соли муқова кардан 1266 ҳ. ш. (1850 м.) аст. Андозаи саҳифаҳо 12х21 см. аст.

8.Дастхати № 459/1. Матн дар ду сутун бо хати шикастаи настаълиқ дар коғази қӯқандӣ навишта шудааст. Номи сарлавҳаҳо бо хати хонои зебои настаълиқ навишта шудааст. Замони хатми китобат 1261ҳ.ш. (1845 мелодӣ) аст. Котиби нусха Мулло Қобил бинни Мулло Авазбадали Арабхонагӣ мебошад. Дастхат барои Қорӣ Ҳоҷӣ ном шахс китобат шудааст ва он аз 140 саҳифа иборат аст. Муқоваш Осиёи Миёнагии рангаш сурхи ҷигарӣ ва номи муқовагар Мир Одил аст. Андозаи саҳифаҳо 12,7х20,8 см. мебошад.

9.Дастхати № 265/1. Матн дар ду сутун бо хати настаълиқи шикаста, дар коғази қӯқандӣ, дар чаҳорчӯбае бо рангҳои тиллоии ранга ҷойгир карда шудааст. Сарлавҳаҳо бо киновар навишта шудаанд. Замони хатми китобат 1268 ҳ.ш. (1851м.) ва котиби нусха Мир Исомиддин аст. Нусха аз 136 саҳифа иборат аст. Андозаи саҳифаҳо 16х27 см. аст.

10.Дастхати № 2224/ХХ. Ин нусха нисфи достонро фаро гирифта, боқимондаи он афтодааст. Дар ибтидои асри Х1Х китобат шуда, аз 22 саҳифа иборат аст. Андозаи саҳифаҳо 11х24 см. аст.

11.Дастхати № 1875. Матни нусха дар ду сутуни коғази қӯқандӣ бо хати зебои настаълиқ навишта шудааст, ки бо хатҳои сурх зеб дода шудаанд. Сарлавҳаҳо бо киновар навишта шудаанд. Замони китобат 1266 ҳ.ш. (1850 м.) ва исми котиб Мулло Муҳаммадлатифи Заҳрошом бинни Домулло Холмуҳаммади Самарқандӣ мебошад. Андозаи саҳифаҳо 14х25,5 см. аст.

12.Дастхати № 1874. Матн дар ду сутун бо хати зебои настаълиқи шикаста дар коғази қӯқандӣ навишта шудааст. Сарлавҳаҳо бо киновар навишта шудаанд. Аввали матн афтодааст. Саҳифаи 62-и дастхат аз намнокӣ зарар дидааст ва ҳарфҳо хонда намешаванд. Замони китобат 1258 ҳ.ш. (1842 м.) ва исми котиб Муҳаммад Тоҳир бинни Мулло Тангрибердӣ буда, андозаи саҳифаҳо 13х20,5 см. аст.

13.Дастхати № 1724. Матни бисёр зарардида ва барқароркардашуда аст. Қисми асосии дастхат бо хати хурди настаълиқ бо унсурҳои насху шикаста нигошта шудааст. Сарлавҳаҳо бо киновар навишта шудаанд. Қисмҳои барқароршудаи аввал, мобайн ва охири варақҳо бо хати настаълиқи зебои ранги бунафш дар коғази ҳозиразамон нигошта шудаанд. Замони китобати қисми асосии дастнавис асри ХУ111 мебошад ва қисми барқароршуда замони саҳеҳи китобат дорад, ки соли 1355 ҳ.ш. (1936 м.) буда, нусха аз 152 саҳифа иборат аст. Андозаи саҳифаҳо 12х19,5 см. мебошад.

14.Дастхати № 8/1. Матни нусха дар ду сутун ва ҳошияи варақҳо бо настаълиқи унсури шикаста доштаи коғази қӯқандӣ навишта шудааст. Сарлавҳаҳо бо киновар навишта шудааст. Замони хатми китобат 1262 ҳ.ш. (1846 м.) буда, номи котиб Муҳаммад Насриддин Додхоҳ бинни Муҳаммад Ёдгорбойи Девонбегӣ аст. Нусха аз 155 саҳифа иборат аст ва андозаи саҳифаҳо 14х23,5 см. мебошад.

Дар «Феҳристи Чарлз Рё» [2, 119] шаш нусхаи «Юсуф ва Зулайхо»- и Ҷомӣ таҳти рақамҳои: № 645 а 3, № 646 а, № 648 в, № 649 в, № 877 в, № 289-94 нишон дода шудаанд.

Ҳамин тавр, аз байни достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-е, ки дар давраи асрҳои Х-ХУ навишта шудаанд ва матнашон дастрасанд, аз ҳама бештар нусхаҳои «Юсуф ва Зулайхо» -и Абдурраҳмони Ҷомӣ боқӣ мондаанд ва аз дигар достонҳо нусхаҳои кам то замони мо расидаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳмади Мунзавӣ. Феҳристи нусхаҳои хаттии форсӣ / Мунзавӣ Аҳмад. -Теҳрон, 1349 ҳ.ш. -Ҷ.4. -324 с.
2. Rieu Ch. Supplement to the catalogue of the Persian manuscripts in the British museum / Ch. Rieu. - London: The British library, 1977. - 308 p.
3. Феҳристи захираи дастхатҳои шарқии АУ ҶТ. -Душанбе: Дониш, 1968. -Ҷ.1. -426 с.
4. Шоҳини Шерозӣ. Намунаҳо аз «Юсуф ва Зулайхо» / Шерозӣ Шоҳин; ба чоп тайёркунанда М.Раҳимӣ // Шарқи сурх. 1964. - №2. - С.101-113.
5. Масъуди Қумӣ. «Юсуфу Зулайхо». (матни илмӣ-оммавӣ) / Қумӣ Масъуд; таҳия ва тадвини В.Элбоев. - Душанбе: Адиб, 2014. - 256 с.
6. Феҳристи захираи дастхатҳои шарқии АИ ҶТ. -Душанбе: Дониш, 1969. -Ҷ.2. -522 с.

РУКОПИСИ «ЮСУФ И ЗУЛАЙХО» В Х-ХУ В

На протяжении Х-ХУ вв. написано много поэм «Юсуф и Зулайхо», но не все тексты этих поэм дошли до наших дней. Среди этих поэм по сей день сохранились тексты «Юсуф и Зулайхо» переписываемый А.Фирдавси, а также Ш.Шерози, М.Куми и А.Джами. Автор статьи перечислил рукописи и состояние данных рукописей, которые хранятся в библиотеках разных стран.

Ключевые слова: источники, рукописи, поэма, библиотека, текст, анализ.

MANUSKRIPT «YUSUF AND ZULAIKHO» OF X-XV CENTURIES

Many poems of «Yusuf and Zulaikho» have been written in the course of X-XV centures and not all their texts have come to our days. The texts of «Yusuf and Zulaikho» overwriting by Firdawsi, and also Sh. Sherozi,

M.Qumi and A.Jomi have been retained up to present time, and the author analyzed manuscripts and condition of the mentioned poems which retained in the libraries of the various countries.

Key words: source, manuscript, poem, library, text, analyze.

Сведения об авторе: ***В. Элбоев*** - доцент кафедры таджикской литературы ТГПУ им. С.Айни.
Телефон: **(92)935-31-44-08**

«ИСКАНДАРНОМА» ДАР ТАҲҚИҚИ ЗАБЕҲУЛЛО САФО

Р.Қ. Восиева
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода

Дар робита ба симои ҷовидонаи таърихӣ-Искандар ва ҷаҳонгирии ӯ дар адабиёти шифоҳиву қаламии мардумони мухталифзабону гуногункеши ҷаҳон нақлу ривоятҳои зиёде мавҷуд аст. Ҳамзамон мутафаккирони илму адаби Шарқу Ғарб аз овони кӯдакиву наврасӣ ва ҷавонии Искандар сар карда то анҷоми умраш чандин асарҳои илмию бадеие таълиф намудаанд, ки дар онҳо сафарҳову лашкаркашиҳои ӯ тасвир ёфтаанд. Зеро замони вуқӯи ин ҳаводис гузаштаи дури таърихӣ буда, ҳар нафар адибу олим вобаста ба талаботи мафкуравии даврони худ ба ин қисса чизеро илова ва ё худ ихтисор намудаанд. То замони мо силсилаи асарҳои бахшидашуда ба Искандару кишваркушоиҳои ӯ бо вариантҳои мухталиф омада расидаанд.

Нусхаҳои зиёди дастнавису чопии «Искандарнома»-и насрӣ дар китобхонаҳои Тоҷикистону дигар ҷумҳуриҳо ва Маскаву Ленинград маҳфузанд. Вале матни «Искандарнома»-и мансури маҷҳулулмуаллифи мансуб ба насри ривоятӣ то кунун дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва кишвари мо ба табъ нарасидааст. Аммо, дар хориҷи кишварамон кор нисбати "Искандарнома"-и насрӣ ба ранги дигар аст.

Тавассути таълифоти шарқшиноси маъруфи англис Теодор Нёлдеке "Ҳамосаи миллии Эрон" [3], ки онро Бузург Алавӣ ба забони форсӣ гардонидааст, маълум мегардад, ки рисолае дар бораи таърихи "Искандарнома" бо тасҳеҳу тарҷумаи англисии матни суриёнии он соли 1889 дар Кембриҷ бо кӯшиши Волес Боҷ ба табъ расида будааст. Худи ин муаллиф низ тарҷумаи англисии «Искандарнома»-ро нашр менамояд.

То ҷое ки ба мо маълум аст, матни мукаммали форсии "Искандарнома»-и қадимаи насрӣ танҳо дар Эрон соли 1964 мутобиқи санаи 1343 ш. бо саъю кӯшиши донишманди эронӣ Эраҷи Афшор ба табъ расидааст. Бояд эътироф кард, ки асари мазкур бештар дар Эрон мавриди муҳокима ва тадқиқу таҳлили адабиётшиносони забардасти он қарор гирифтааст [2].

Дар мақолаи мазкур мо кӯшиш намудем, ки назари донишманди маъруф Забеҳулло Сафоро дар мавриди "Искандарнома" баррасӣ намоем.

Бояд тазаккур дод, нахустин нафаре, ки дар адабиёти форсӣ роҷеъ ба Искандар "Ахбори Искандарӣ" ва "Искандарнома" изҳори ақида намудааст, суханшиноси маъруфи эронӣ Забеҳулло Сафо мебошад. Забеҳулло Сафо устоди шуҳратманди адабиёти Эрон маҳсуб меёбад. Ба қалами ӯ асарҳои зиёди таҳқиқотӣ марбут ба таърихи адабиёти форсӣ тааллуқ дорад, ки тайи 50 сол дар матбуоти Эрон ва берун аз он пайваста интишор ёфтаанд.

Вай дар асари худ "Ҳамосасаройӣ дар Эрон" дар мавридҳои гуногун маълумоти сарчашмаю маъхазҳои мавҷудаи ниёгонамонро нисбати ному амалиёт ва таърихи лашкаркашиҳои Искандар, сабабу натиҷаҳои бавуҷудойии қиссаю достонҳо дар бораи ӯ хотирнишон сохта, андешаҳои худро низ перомуни ин масъалаҳо изҳор менамояд. Ӯ аввал дар қисмати "Кутуби мазҳабии паҳлавӣ ва ҳифзи ривоёти қадим дар онҳо, зимни осори паҳлавии "Ардовирафнома" доир ба «Искандар» чунин мегӯяд: "Муҳимтарин ишораи таърихии он достон ҳамлаи Искандар аст аз ҷониби Аҳриман ба Эрон ва барандохтани оини маздоясно...[4, 54].

Баъдан, дар боби сонии фасли савум “Осори мактуб", дар бораи "Ахбори Искандар" таваққуф намуда, изҳор менамояд, ки ин китоб аз афсонаҳои юнонӣ иборат буда, дар он ривоятҳои сипоҳиёни Сикандар, ки дар бозгашт ба Юнон ахбори ӯро дар он сарзамин нашр карда буданду муҷиби ба миён омадани достону қиссаҳо дар бораи Искандар гардидааст ва аз матни онҳо достоне эҷод шуда, ки нависандааш онро дар ҳудуди асри III-милодӣ дар Миср гирд оварда, ба юнонӣ нигошт ва ба Каллисфен ном муаррихи муосири Искандар мансуб донистааст. Ин китоб аввал ба забони паҳлавӣ тарҷума шуда, сипас, гӯё матолиби он тавассути суриёниён бо иддае иловаҳо ба адабиёти араб роҳ ёфт ва бо ривоёти мансуб ба Зулқарнайн омехта

гардидааст. Чунон ки мебинем ин асар аз арабҳо то ба тамоми мусулмонон, аз он ҷумла эрониён, расидааст.

Гузашта аз ин Сафо таъкид мекунад, ки саргузаштҳои Искандар ба забони форсӣ ба номи "Сикандарнома" ё "Ахбори Искандар" машҳур аст, ки онро Фирдавсӣ манзум сохту Низомии Ганҷавӣ кори ӯро идома бахшида, мукаммал намуд. Маълумоти пуразиши ин қисмати китоб дар мавриди «Искандарнома»-и насрӣ дар зерфасле зери унвони «Ахбори Искандар" ба ин тариқа омадааст: "Назди оқои Саид Нафисӣ, устоди донишгоҳ, китобе дар "Ахбори Искандар" мутааллиқ ба қарни V ҳичрӣ дидам, ки иншои зебову фасеҳ дорад, аммо чун чанд саҳифа аз оғози он афтодааст, наметавон ному нишони нависанда ва соли таълифи китобро ба дурустӣ маълум кард. Мунтаҳо чун дар он аз Султон Маҳмуд ҳама ҷо ба номи "амири мозӣ" ёд мешавад ва низ бинобар қароини дигар, гӯё пас аз марги ӯ ва наздик ба подшоҳии вай нигошта шуда бошад. Ин китоб, алалзоҳир аз рӯйи "Ахбори Искандар" ва матолиби он махлутест аз ҳақоиқи таърихӣ ва бархе ризоёти суриёнӣ ва афсонаҳои эронӣ, ки баъзе аз аносири таърихии давраи исломӣ ҳам дар он нуфуз кардааст" [4, 546].

Ҷойи дигар, дар қисмати "Асолати ривоёт ва амонати Фирдавсӣ" муаллиф дар хусуси сарчашмаҳои истифодакардаи шоир барои тасвири достони "Искандар" ва ҳолатҳои бо ҳам мухолифи он дар "Шоҳнома" андешаронӣ карда, бо чанд далел гуфтаҳои худро тақвият мебахшад.

Пайваста ба ҳамин мавзӯъ Забеҳулло Сафо дар фасли савуми китоб «Ҳамосаҳои таърихӣ», боби алоҳидае таҳти унвони «Искандарнома»-ҳо, ки дар он оид ба назм даровардани қиссаи Искандар аз ҷониби Низомӣ ва муқаллидони ӯ аз Амир Хусрав сар карда, то Бадриддин Абдусалом ибни Иброҳим Ҳусайни Кашмирӣ маълумот медиҳад, таваққуф мекунад.

Билохира дар фасли аввали гуфтори чаҳоруми бунёди достонҳои миллии "Шоҳон" дар боби «Каён» дар хусуси Искандар чунин изҳори андеша мекунад:

«Дар маъхазҳои пешазисломию давраи исломӣ доир ба Искандар ду нуқтаи назар мавҷуд будааст. Дар матнҳои паҳлавӣ ин подшоҳ аксар вақт ба сифати малъун /«гуҷастак»/ ёд шуда ва маншаи ӯ кишвари Арум /Рум/ аст. Калимаи Арум дар адабиёти Юнон маъмулан ба ҷойи Юнон кор фармуда мешавад» [4, 90].

Дар китоби "Бундаҳишн" чунин ёд шудааст: "Пас, андар подшоҳии Дорои Дороён Искандар қайсар /қайсар/ аз Арvм ба Эроншаҳр битохт ва Дорошоҳро бикушт ва ҳамаи дудаи подшоҳӣ ва муғмардон ва пайдоёни /номбардорони/ Эроншаҳрро бипароганд ва басе аз оташҳоро хомӯш ва дили маздояснон хор кард ва «Занд»-ро ба Рум фиристод ва "Авасто"-ро бисӯхт ва Эроншаҳрро ба 90-кадхудоӣ /подшоҳӣ/ қисмат кард, то дар ҳамон ҳазора /ҳазораи IV-ум/ Р.В./ Ардтахштри /Ардашер/ Попакон ошкор шуд ва он кадхудоёнро бикушт ва подшоҳии Эрон зинда кард"[4, 546].

Дар китоби дигари худ Забеҳулло Сафо «Таърихи адабиёт дар Эрон» (5) дар қисмати «Осори машҳури порсӣ ва нависандагони онҳо" доир ба "Искандарнома" мухтасаран, гуфтаҳои дар "Ҳамосасаройӣ дар Эрон" сабткардаашро иҷмолан ёдрас менамояд. Аммо илова мекунад, ки дар ин асар калимоту таркиботи зиёди куҳнаи порсӣ, ки боиси равонию содагӣ ва дилангезии он гардидааст, ба чашм мехӯрад.

Ҳамчунин, Забеҳулло Сафо маълумотро оид ба «Искандарнома»-ҳо дар китоби дигари худ бо унвони «Ганҷинаи сухан» низ баён мекунад [6, 250].

Ин ҷо зарур медонем, ки ба таърихи пайдоиши ривояти форсии «Искандарномаи қадим» ё худ «Каллисфени дурӯғин» назари иҷмолӣ намоем. Аслан дар илми собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ нахустин касе, ки ба ин мавзӯъ назарандозӣ кард, мусташриқи рус Е.Э. Бертелс аст. Ин донишманди маъруф тамоми сарчашмаҳои шарқиву ғарбиро омӯхта, дар охири солҳои чилуми асри гузашта таҳқиқоти пуразишро зимни унвони «Роман дар бораи Искандар ва ривояти асосии он дар Шарқ» ба табъ расонид. Ӯ марбут ба ривоятҳои Искандар чунин таъкид мекунад: “Дар таърихи офариниши романи Искандар ду ҷараёни умдаи мухолиф маҳфуз аст. Яке зиндагиномаи воқеии Искандар аст, ки баъди вафоташ аз ҷониби наздиконаш: Клитарх ва Онесикрит тартиб ёфта буд. Ин мавод баъдтар асоси китоби тарҷумаҳолии офаридаи Плутарх низ гардидааст. Ҷараёни сонӣ бошад, бар асоси ривоятҳову қиссаҳоест, ки ба ҳақиқати таърихӣ чандон мувофиқат надоранд. Дар ин мавриди ҳақиқати маҳз ин аст, ки чунин “Искандарнома”-ҳоро сарбозони Искандар дар миёни халқҳои мутеъгардида тартиб менамуданд” [1, 342].

Чунон ки мебинем, дар шинохти Искандар ду нуқтаи назар–яке ҳақиқати воқеӣ ва дигаре хаёлоти бофтаву сохтаи қаламкашон вуҷуд дорад. Албатта, табиист, ки воқеияти таърихӣ ба он ҳашамату ҷалоли тақозодоштаи Искандар ҷавобгӯй набуд.

Ба ин маънӣ, ҷонибдорони нуқтаи назари дуюм ба симои Искандар нақлу ривоятҳо ва афсонаву қиссаҳои хаёлиро ба кор андохтаанд. Яъне, дар баробари ба миён омадани нақлу ривоятҳо ва достонҳо дар заминаи воқеияти таърихӣ, қиссаҳои илҳоқии дигаре аз ҷониби ҳаводорони Искандар ба мардум пешкаш мегардид, ки ба асноду далоили таърих мувофиқат надоштанд.

Муҳтавои чунин қиссаву достонҳо ба санъати давлатдорӣ, лашкаркашӣ, ба таърихи мамолики дуру наздики Шарқу Ғарб нигаронида шудааст. Ба ақидаи муаллифон амалиёти Искандар зарбаи сахте ба ҳукуматдорони Шарқ, махсусан Мисру Эрон буд, зеро дар ин ҷойҳо ҳокимият меросӣ буда, аз даст додани он ин назарияро инкор мекард. Рӯҳониён, ки нигоҳдорандаи асосии назарияи мазкур, яъне "фарраи шоҳӣ," меросӣ будани тахту тоҷ буданд, ин хавф ба шарафу шуҳрати онҳо таҳдид менамуд. Бинобар ин, барои ҳатман ҳуқуқҳои худро пайдо кардан ва мавқеъро аз даст надодан, маҳз дар Шарқ ба навиштани аввалин романҳои ривоятии махсус, ки симои Искандарро дигар кунад, шурӯъ намуданд. Чунин асарҳо дар ҳудуди асри яки мелодӣ падид омад. Дар натиҷа романе дар бораи Искандари Мақдунӣ ба вуҷуд омад, ба эътимоди Е.Э. Бертелс аз ҷониби табиби дарбораш Каллисфен ва ба гуфти Ф. Шахермайр хешованди Аристотел–муаррих Каллисфен рӯнавис гардида, муддатҳои зиёд ба номи ӯ шуҳрат доштааст [1, 286]; [7, 342]. Ин ҳамон Каллисфенест, ки миёни солҳои 360 то 327 пеш аз милод зиндагӣ карда, муаллифи ривояти Искандар будааст ва гуфтаанд, ки вай таърихи Юнонро аз соли 387 то 357 пеш аз милод навишта, дар идомаи он дар бораи фатҳи Искандар маълумот додааст. Ба қавли таърихнигори австриягӣ Ф. Шахермайр, ки марбут ба Искандар се китоби худро таълиф кардааст, Каллисфен дар Ҳиндустон ба фармони Искандар зиндонӣ гардида, оқибат дар занҷир оламро падруд гуфтааст [7, 233]. Китобе, ки ба қалами Каллисфен навишта шуда буд, аз миён рафт. Дар қарни дувуми мелодӣ қиссапардозе аз мардуми Миср, вале таълиму тарбияи юнонидошта тамоми ахбореро, ки дар бораи Искандар шунида буд, ҷамъоварӣ кард ва онро ба шакли маҷмӯае фароҳам овард. Аз ин пас, ин асар маншаи тамоми достонҳо ва қиссаҳои Искандар шуд, ки дар забонҳои гуногун мавҷуд аст ва он бо номи «Каллисфени дурӯғин» маъруф мебошад. Муаллифи мисрӣ китоби мазкурро ба забони юнонӣ таълиф карда будааст. Дар солҳои 330 мелодӣ нависандае бо номи Юлий Валерий ин асарро аз забони юнонӣ ба забони лотинӣ тарҷума мекунад ва онро дар се боб тақсим мекунад: таваллуд, фаъолият ва марг. Яъне ривояте, ки ин марди мисрӣ интишор дод, ҷойи китоби Каллисфени ҳақиқиро гирифт ва таҳти номи «Искандарнома» достонҳо офарида шуданд, ки ба забонҳои юнонӣ, лотинӣ, паҳлавӣ, ибрӣ, арабӣ, суриёнӣ, арманӣ, ҳабашӣ, форсӣ ва дигарҳо интишор шуданд. Аз ин нигоҳ, агар ба таҳлилу тафсири ривоятҳои мухталифи он пардозем, сухан ба дарозӣ хоҳад кашид. Бинобар ин. аз таҳлили ҳамаҷонибаи ривоятҳову қиссаҳои он худдорӣ намуда, танҳо ба ибрози фишурдаи ривоёти форсии он таваққуф менамоем.

Шарқшиноси маъруфи англис Теодор Нёлдеке, ки тарҷумаи «Искандарнома»-ро дар Англия ба чоп расонидааст, муътақид бар он аст, ки дар охирҳои аҳди сосонӣ, аниқтараш дар қарни панҷуми мелодӣ ин асар ба забони паҳлавӣ ва тахмин дар қарни шашум тавассути настуриён ба суриёнӣ тарҷума шудааст. Баъдан онро ба забони арабӣ ва сипас ба забони форсӣ низ баргардондаанд.

Дар асоси мазмуни ин вариант Искандар писари Филиппи Румӣ набуда, балки падари аслиаш Нектаниби мисрист, ки аз Миср гурехта ба Юнон меравад ва дили Олимпи-зани Филиппро ба даст оварда, аз ӯ ком бармедорад. Ин андеша ба ривоятҳои арабӣ ва ҳабашӣ асос ёфтааст. Ҳикоят ин аст, ки чун Нектонибус (дар ривояти ҳабашӣ номи ӯ Bektanis) бар асари лашкаркашии шоҳи форс аз подшоҳии Миср сарнагун гардида, барои кӯмак ба Мақдуния рафт ва ба ҷодуӣ ба ҳарами подшоҳи Мақдуния роҳ ёфту ҳамбистари Олимпи гардид, ки аз ӯ Искандар ба дунё омад. Муаллифи китоби "Роман дар бораи Александр ва ривояти асосии он дар Шарқ" Е. Э. Бертелс ба ин маънӣ менависад: "Ин фиръавн (Нектанибус–В. Р.)-и дуюм аст, ки дар соли 358 қабл аз мелод ба дасти эрониён мағлуб шуд. Биноан, Искандар писари Нектаниб аст. Чун Нектаниб ба сулолаи шоҳони бостонии Миср мутааллиқ асту дар вуҷудаш хуни фиръавнҳои ин мамлакати бостонӣ ҷорист, табиист, ки барои ин марзу бум ӯ шоҳи ғосиби бегона нест, балки шахсиятест соҳибҳуқуқу соҳибватан, ки баҳри тахту ҷоҳи гузаштагонаш муборизаи мебарад. Ин асар ба даҳ қисм тақсим мешавад: 1. Гурехтани Нектаниб аз Миср ва якҷояшавии ӯ бо Олимпи; 2. Мавлуди Искандар; 3. Тохтани Африқо ва тарҳрезии Миср; 4. Ҷанги Искандар дар Сурия; 5.Ба сифати сафир ба мулки Доро омадани Искандар ва тасхири Эрон; 6. Ҷанг бо Пором–подшоҳи Ҳинд; 7. Мулоқоти Искандар бо

бираҳманону ҳокимони зоҳид; 8. Искандар ва шаҳбону Кандак; 9. Искандар дар мамлакати саворазанон; 10. Марги Искандар дар Бобулистон” [1, 289].

Нусхаи ин асар дар китобхонаи Саид Нафисӣ нигоҳдорӣ мешавад. Эраҷи Афшор дар машварат бо Эҳсони Ершотир матни пурраи «Искандарнома»-и қадимаи насриро таҳия намуда, соли 1964 дар Эрон ба табъ мерасонад. Яъне, дар адабиётшиносии Эрон нахустин касе ки ба омӯзиши “Искандарнома” пардохта, матни онро дастраси мардум гардонид, Эраҷи Афшор мебошад. Эраҷи Афшор дар баробари омода сохтану ба нашр расонидани ин асар муқаддимаашро бар шинохти Искандарномаҳо навиштааст. Ҷиҳати илмии ин муқаддима дар он аст, ки муаллиф ба сарчашмаҳову тадқиқотҳои муътамад такя мекунад [2, 9-37]. Ривояти форсии “Искандарнома” ё “Каллисфени дурӯғин”, ки аз ҷониби муҳаққиқи эронӣ Эраҷи Афшор таҳия шудааст, аз 698 саҳифа, 60 достон иборат мебошад. Дар он Искандар ҳамчун шоҳи муқтадири кишваркушову адолатхоҳ баҳри ба халқҳои мамлакатҳои дуру наздик ёрӣ расонидан тасвир гардидааст.

Хулоса, муҳаққиқи шуҳратманди адабиёти Эрон-Забеҳулло Сафо андешаҳои пуразиши худро дар мавриди «Искандарнома»-ҳои насрӣ дар асарҳои «Ҳамосасароӣ дар Эрон», «Таърихи адабиёти форсӣ», «Ганҷи сухан» ва «Ганҷинаи сухан» баён намуда, ӯ муътақид бар он аст, ки тамоми Искандарномаҳои манзуму мансури мавҷудбудаи адабиёти гаронбаҳои форсу тоҷик маҳз аз «Искандарномаи қадим» маншаъ гирифтаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бертельс Е.Э. Роман об Александре и его главные версии на Востоке: Навои и Джами / Е.Э. Бертельс. - М.: Наука, 1965. - 499 с.
2. Искандарнома. Ривояти форсии Каллисфени дурӯғин. Пардохтаи миёни қуруни 6-8 хиҷрӣ / ба кӯшиши Эраҷи Афшор. – Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1343. - 795 с.
3. Нёлдеке Теодор. Ҳамосаи миллии Эрон / Теодор Нёлдеке; тарҷумаи Бузург Алавӣ. –Теҳрон, 1327. - 467 с.
4. Сафо Забеҳулло. Ҳамосасароӣ дар Эрон / Забеҳулло Сафо. - Теҳрон: Амири Кабир, 1369. - 675 с.
5. Сафо Забеҳулло. Таърихи адабиёти Эрон / Забеҳулло Сафо. - Теҳрон, 1339. - Ҷ.2. - 937 с.
6. Сафо Забеҳулло. Ганҷинаи сухан (порсинависони бузург ва мунтахаби осори онон) / Забеҳулло Сафо. - Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1350. - Ҷ.2. - 250 с.
7. Шахермайр Ф. Александр Македонский / Ф Шахермайр; пер. с нем. М. Н. Ботвинника. – М.: Наука, 1986. - 383 с.

«ИСКАНДАРНАМЕ» В ИССЛЕДОВАНИИ ЗАБЕХУЛЛЫ САФА

Забехулла Сафа является гениальным исследователем истории иранской литературы и в связи с ней написал много книг. Данная статья посвящена рассмотрению образа Александра и романа «Искандарнамеи кадим» в исследовании Забехуллы Сафа.

Ключевые слова: Александр, роман, литература, исследование, исследователь, образ, рыцарский роман, Искандарнаме, рукопись, характер, описание, сказание , рыцарь

«ISKANDARNOMA» RESEARCHED BY ZABEHULLA SAFA

Zabehulla Safa is a genius researcher of history of Iranian literature and he wrote many books on this subject.

This paper is dedicated to the character of Alexander the Great and the novel “Iskandarnomai Kadim” (Great Iskandarname) researched by Zabehulla Safa.

Key words: Alexander, novel, literature, research, researcher, character, tale of chivalry, Iskandarnoma, manuscript, temper, description, legend, chevalier.

Сведения об авторе: ***Р.Қ. Восиева***–доцент кафедры теории и истории таджикской литературы ТГИЯ им.Сотима Улугзода. Телефон: **(+992 37) 232-95-65. E-mail: v.rukhshona@mail.ru**

ИНЪИКОСИ ОБРАЗ ВА ХАРАКТЕРҲОИ МИЛЛӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

М. Эшонова

Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Ҳар миллат дар шароити хоси таърихӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва табиӣ зиндагӣ ва тараққӣ мекунад. Махсусияти миллии тоҷикон, пеш аз ҳама дар кутуби адабӣ ва таърихии онҳо инъикос ёфтааст. Дар ин замина муҳаққиқон «Шоҳнома»-и Фирдавсиро достони воқеии зиндагии эронинажодон донистанд, ки ҳуввияти миллии мо бо ҳама хубиҳо, бадиҳо, пирӯзиҳо, шикастҳо ва дигаргуниҳояш дар он таҷассум ёфтааст. Фирдавсии бузург саъй кардааст, то хулқу хӯйи миллати моро аз аъмоқи

тамаддун, таърих ва амалу кирдори шахсиятҳои таърихӣ, бадеӣ ва асотирӣ берун биоварад ва онро дар бархӯрд бо дигар фарҳангҳо ва тамаддунҳо арзёбӣ кунад. Ҳамин диди хирадмандонаи Фирдавсӣ сабаб шудааст, ки мо дар масири достонҳои «Шоҳнома» амалан ба кашфи ҳуввияти тоҷикӣ ва шинохти меъёрҳои он тавфиқ меёбем. Ба ин далел, осори адабӣ василаи муҳимтарини ҳифз ва интишори хӯю хислат ё ҳуввияти миллист. Мирзо Турсунзода парварда ва ҳомили замони фаъолиятмандиҳои иҷтимоӣ буда, ҳамин равиш хусусияти аслии тафаккури бадеии ӯро муайян мекунад. Ӯ навишта буд: «Ҳар гоҳ ки солҳои сахти бачагиам, солҳое, ки халқи ман ҳам фақиру ҳақир ва хору зор буд, ба хотир меояд, дар бораи он фикр мекунам, ки чӣ гуна дар давоми умри як насл тақдири тоҷикон афсонавор дигар шуд» [1]. Ин андеша на фақат диди иҷтимоии шоирро оид ба низоми сиёсию иҷтимоие, ки писанди ӯст, ифода мекунад, балки як навъ тавсифи ҳоли умумии миллат ҳам ҳаст.

Мирзо Турсунзода доир ба вазъи иҷтимоии ҳаёти миллат андеша ронда, хостааст тағйироти хосси миллиро таъкид намояд. Баъдтар ӯ ин дигаргуниҳо, тағйироти ахлоқию маънавии ҷомеъаи тоҷикони даҳсолаҳои аввали садаи бистро бо камоли диққат ва ҳавсала дар осораш таҷассум намуд, ки онро метавон тарсими бадеии симо (образ) ва хулқу хӯйи (характери) миллӣ донист. Устод Айнӣ дар замони нав аз аввалинҳое буд, ки симо ва характери таърихӣ ва фарҳангии тоҷиконро ҳаматарафа тасвир кард ва чеҳраву характерҳои офаридаи ӯ қонуни ахлоқии ҳуввиятсози миллист.

Ҳамин гуна, консепсияи хосси бадеии таҷассуми симо ва характери миллӣ ҳамчун синтези фазилатҳои иҷтимоию рӯҳӣ дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода низ амалӣ гардид, ки равишҳои хоси худро дорад. Вижагии асосии ин равиши эҷодии шоир дар он аст, ки вай ҳанӯз бо симо ва характери чандон ба тағйирот дучор намудаи миллӣ сарукор дошт, дигар ин ки диди хоси миллии ӯ ба «тайника народной жизни» такя дорад. Бинобар ин, ҳам образ ва характери миллиро дар осори Мирзо Турсунзода ҳамчун ҳамосае бояд аз назар гузаронд, ки он образ ва характер аввалан решаи суннатӣ дорад, дигар ин ки дар тағйиру такмили он нақши замон низ назаррас аст. Тааллуқот ва мундариҷаи тафаккури бадеии шоирро дар шинохт ва тафсири бадеии образ ва характери миллӣ, пеш аз ҳама назари синфӣ ва иҷтимоъгароии ӯ муайян мекунад, ки тарафҳои мусбат ва манфӣ дорад. Он чи мусбат аст, реша дар суннатҳо дорад он чӣ манфист фармуда ва тақозои идеологияи ҳоким аст. Бо вуҷуди ин, инсони ормонии Мирзо Турсунзода на фақат «инсони нави советӣ»-ст, балки дар ин шахсият шоир мутаносибан шарофатҳои миллии тоҷикиро низ таҷассум кардааст. Он чи дар ин контекст хилофи ормони шоир аст, «дунёи куҳна», «синфи ҳокими золим», «душмани озодии занон» ва «зулми миллӣ» мебошад, ки шахсиятҳо ва хулқу хӯйи онҳо дар ҳамин равиш арзёбӣ шудаанд.

Дар ин замина унсури муфради ғаноиро низ наметавон нодида гирифт, ки барои ба образи бадеӣ ва феномени эстетикӣ табдил ёфтани типи иҷтимоӣ дар шеъри Мирзо Турсунзода таъсири судманде дорад.

Қаҳрамони пӯёи осори шоир ҳарчанд бо фаъолияти андешаҳои иҷтимоии худ бештар ба идеали инсони замони шӯравӣ гаравида бошад ҳам, вале ба сабаби фаъолиятмандии иҷтимоии шоир ва дар он мақоми муҳим доштани фардияти ӯ чеҳраи мушаххаси миллӣ дорад, ки дар аксар маврид чеҳраи худи Турсунзода аст. Аз ин ҷиҳат, чунин мушоҳидаи Аскар Ҳаким дуруст аст, ки «агар то охири солҳои панҷоҳ муфради шеъри Турсунзода ҳам камтар хусусияти фардӣ дошт, баъдҳо иштиёқ ба ҷаҳони ботинӣ, фурӯ рафтан ба олами маънавист, арзиши асил, қоил шудан ба мабдаи шахсият ӯро бештар фардӣ ва қобили таваҷҷуҳ гардонидаанд, ки дар достони «Ҷони ширин», силсилаи ашъори «Бо чашми ту», шеърҳои «Шоиро», «Таронаи ишқ» ва дигар ашъори ӯ ба назар мерасад» [2]. Дар ин замина ин равиши эҷодии шоир ба ҳифз ва тақвияти хусусиятҳои миллии образ ва характерҳои осори ӯ

низ мусоидат кардааст, ки бунмояи мундариҷаи миллӣ омили аслӣ ва таъсиргузор аст.

Бо таассуф бояд гуфт, ки бештари муҳаққиқоне, ки дар боби хусусиятҳои миллӣ ва интернатсионалистии осори Мирзо Турсунзода сухан кардаанд, ба ҷанбаи умумиинсонии андешаю орои ӯ имтиёз дода, махсусиятҳои образҳо ва характерҳои миллиро дар тасвири шоир бо интернатсионализм дар шакли холис («в чистом виде») [3] ҳамранг дидаанд. Ин тамоюл, бахусус дар нақди осори ба мавзӯи хориҷӣ навиштаи шоир бештар назаррас аст. Ҳол он ки Мирзо Турсунзода хоҳ дар мавзӯи худи асар навишта бошад, хоҳ хориҷӣ дар инъикоси ҳама гуна масоил, аз ҷумла образ ва характерҳо дидгоҳҳояш заминаи сирф миллӣ дошт.

Яке аз сабабҳои асосии марғубӣ ва маҳбубии шеъри шоир ва нуфузи шахсияти инсонӣ ва ҳайсияти ҳунариаш дар зеҳни муосирон дар он аст, ки ӯ бо вуҷуди тарғибгари ғояҳои сиёсию иҷтимоӣ буданаш ҷанбаи таъсиргузории миллӣ дошт ва аз аввалин эҷодҳояш сар карда, симо ва характерҳои миллӣ мабдаи андеша ва орои ӯ буданд. Шоир дар матни воқеияти миллӣ масъалаҳои бузурги сиёсию иҷтимоиро бе таъкиди махсус, балки ҳамчун ҷузъи сарнавишти миллат самимона тасвир мекард.

Бо вуҷуди он ки дасти таҳрири замона бо ахлоқу одот ва хӯю хислати миллат назаррас буд, шоир дар тасвири образҳо ва характерҳои миллӣ омилҳои устувори таърихӣ ва фарҳангиро ба эътибор мегирифт, ҳамчунин дар ин равиш тағйироти ботинӣ ва зоҳирии онро бо ба назар гирифтани тарафҳои гуногун, ки мундариҷаи асосии онро ташкил медод, тарсим мекард. Бо вуҷуди дар заминаи софи миллӣ эҷод шудани аксари осори шоир, мо ҳатто дар намунаҳои таълифоти солҳои сиюми ӯ тағйире дар симо ва характерҳои миллӣ мушоҳида мекунем, ки таъсири омили сиёсӣ, замонӣ ва фардиро дар ин ҷараён наметавон нодида гирифт.

Мирзо Турсунзода дар муҳити деҳаи кӯҳистони тоҷик парвариш ёфта ва мушоҳида ҳам карда буд, ки ахлоқу одот ва хӯю хислати ҳаммиллатонаш то замони дигаргуниҳои азими иҷтимоӣ, даврони шӯравӣ ба кундӣ тағйир меёфт. Вале дар як фосилаи кӯтоҳи замони таърихӣ чунин шуд, ки мабонӣ ва одоти дерине, ки ҳофизаи инсонӣ оғози онҳоро ба ёд меовард, дар баробари дидагонаш дарҳам рехт, гӯё ки одот ва хӯю хислати ғайри асил буданд. Медид, ки таҳаввулоти сиёсӣ бандҳои ахлоқии суннатиро бармекард. Гоҳо манфиатҳои идеологӣ ва табақоти арзишҳои миллиро дар шинохти дин, мавқеи зан ва инсонҳои дигар зери по мекард. Вале шоир мутаваҷҷеҳи инъикоси мавҷи даргузари идеологӣ дар тасвиру талфиқи арзишҳои миллӣ набуд. Баръакс, дидгоҳҳои ӯ сари ин нуқта устувор буд, ки шахсияти миллӣ, пеш аз ҳама таҷассумгари хӯю хислати миллат буда, арзишҳои ҳуввияти миллиро аз замоне ба замоне интиқол медиҳад.

Бинобар ин ҳам дар аввалин таълифоташ дар баробари таваҷҷуҳ ба мавзӯъ ва ё образҳои интернатсионалӣ, ки хости идеологияи давр буд, ба моҳияти миллии шахсиятҳои осораш ва хӯю хислати онҳо эътибори хос медод. Манзумаи «Хазон ва баҳор», баъдтар достони «Ҳасани аробакаш» дар ин замина ҷолиб ба назар меоянд.

Солҳое, ки Мирзо Турсунзода қадамҳои аввалин ва устуворашро дар шинохти сарнавишти тозаи миллат мегузошт ва ба офаридани образҳову характерҳои миллӣ машғул буд, назарияҳои мухталиф дар ин замина шоеъ буд.

Бинобар ин ҳам дар образҳо ва характерҳои миллии офаридаи ӯ фазилатҳои таърихӣ ва суннатии рӯҳия, тасаввурот хасоили анъанавӣ ва навиҳое, ки дар шароити ҷомеаи нави сотсиалистӣ ба вуҷуд омадаанд, унсури созанда мебошанд. Аз ин ҷиҳат дар вақти нақд ва арзёбии ин масъала бояд моҳияти тағйирёбандагии онро мутаносибан бо мавзӯъ ва мундариҷаи он ба назар гирифт. Дар ин замина метавон ба аввалин достони шоир «Хазон ва баҳор» таваҷҷуҳ кард. Дар боби «гуманизми сустбунёд»-и (Х. Шарифов) асар ва «кайфияти шодмонии фармуда»-и он ва баъзе аз таълифоти дигари шоир муҳаққиқон изҳори назар кардаанд [4]. Ин тарзи идроки бадеии воқеият аз марому мақсади зиндагии тоҷикон дар он солҳо бармеомад ва аз воқеияти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии ба сари миллат омада ҷудо набуд. Шоир он

ҳамосаро аз рӯйи ормони худ тасвир мекард. Илова ба ин, ҳамчунон ки Аскар Ҳаким ба мушоҳида гирифтааст, «махсусан аз ҷониби шуарои насли Мирзо Турсунзода, М. Миршакар, ки дар пешрафти ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистон иштирок карда, дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ ба дастовардҳои чашмраси иҷтимоию иқтисодӣ ноил шудани кишварро дидаанд, бо шефтагии ғолибиятҳо бештар тавсияи музаффарият карданашон камтар азобат дорад» [5].

Дар ҳар сурат, дар достони зикршуда, ҳамчунин «Офтоби мамлакат» шоир саҳнаи гуногуни зиндагии миллати тоҷикро дар он рӯзгор тасвир кардааст, ки замонҳои гуногуни таърихию фарҳангиро дар бар мегиранд. Ду асаре, ки қаблан зикр кардем, на фақат ифодагари ҳис ва эътиқоди инсон (шоир низ) аст, балки меъёрҳои назарро оид ба маънӣ ва ҳадафи зиндагии нав инъикос мекунад. Сарнавишти пурфоҷиаи Раъно ва зиндагии «ба муроди дил»-и Уғулой маҳсули низоми ду ҷомеаест, ки яке ба «зулму ситам» дигаре ба озодӣ ва саодати инсон асос ёфтааст. Дар тафаккури бадеии шоир ҷомеаи мутазод ҳамдигарро рад мекунад. Дар матни ин воқеияти иҷтимоӣ шоир хислатҳои розу ниёз, хашму нафрат, нангу кин ва ғайраро, ки ҳомилаш низоми иҷтимоӣ, инъикос мекунад. Дар ин асарҳо ва бисёре аз осори дигари шоир омилҳои арзишӣ ва зидди арзишӣ дар камини ҳастии инсонӣ, таърихӣ ва фарҳангии миллат нишонда шудаанд ва бо ин миллат ва афроди онро ба ҳушёрӣ ва созандагӣ даъват менамояд. Дар мисоли сарнавишти Раъно, Уғулой ва Мамлакат (аз достони Офтоби мамлакат 1936) шоир хислати озодагии ҳаммиллатонашро бар хилофи бандагӣ таъбир мекунад, ки решаи суннатӣ дорад. Дар тасвир ва натиҷагириҳои Мирзо Турсунзода моҳияти иҷтимоии характери Раъно, дилдодаи ӯ, Саттор, Уғулой ва Мамлакат моро ба ин натиҷа меоварад, ки тасаввурот дар бораи характери миллӣ на ҳама вақт бо он чӣ дар зиндагӣ ҳаст, мувофиқат мекунад.

Мирзо Турсунзода дар офаридани симоҳо ва характерҳои осораш ҳам ба суннатҳо ва назарҳои меросӣ такя кардааст, ҳам зери таъсири фаровони назарияи сиёсии ҳоким ва равишҳои созандаи воқеият будааст. Шоир дар ҳамин замина Мамлакат ва Уғулойро ба саҳна мекашад, Ҳасан ва Садафро ба бахту саодат мерасонад. Дар шинохт ва тафсири симо ва характери миллии достони Мирзо Турсунзода «Ҳасани аробакаш» маводи фаровон медиҳад. Воқеан ҳам, ин достон ва «Ҳасан кашфи бадеии тадқиқотии моҳири зиндагии солҳои бистуму сиюм аст. Дар ин асар на танҳо характерноктарин лаҳзаҳои зиндагии ондавраинаи халқи тоҷик тавассути образҳо ва рангу бори миллӣ сурати бадеӣ гирифтааст, балки пастию баландиҳои ин зиндагӣ аз нуқтаи назари як нафар файласуфи дурандеш ва донандаи моҳири ҳаёт ҷамъбаст шудааст» [6]. Ба ин хулосаи адабиётшинос Ҳ. Шодиқулов мо меафзоем, ки ин асар инъикоскунандаи суннатҳои ахлоқ ва хислатҳои миллӣ ва фарогири тағйротҳои усулӣ дар ин замина низ мебошад.

Ҳасан ва Садаф шахсиятҳои асосии достонанд, ки дар заминаи воқеияти сарнавишти тоҷикон дар замони гардишҳои бузурги сиёсию иҷтимоии ибтидои садаи бист эҷод гардидаанд. Адабиётшинос Ю. Бобоев дуруст мушоҳида кардааст, ки «мавзӯи аз нав зинда шудани халқи тоҷикро, ки С. Айнӣ ба воситаи тақдири наслҳо дар наср бо як услуби муҳташами монументалӣ муҷассам карда буд, Мирзо Турсунзода якумин бор дар назми тоҷик ба воситаи образи одами одӣ талқин намуд» [7]. Ин «одами одӣ», пеш аз ҳама шахсияти миллӣ буд ва табиист, ки ҳуввияти миллӣ низ дорад ва хулқу хӯй ва фазилатҳои характери ӯ заминаи таърихию миллӣ ва бардошти замонӣ доранд. Мирзо Турсунзода дар баробари он ки достонро дар заминаи воқеияти миллӣ офарид, муҳити ҷуғрофиёӣ ва табиии миллиро зинда кард, ҳамчунон чеҳраи қаҳрамонашро бо хулқиёт ва хислатҳои хоси миллиашон инъикос намуд.

Тадқиқ ва тасвири характери миллии Ҳасан ва Садаф Мирзо Турсунзодаро ба дарки васеи равонии олами маънавии шахсият меоварад. Дар ин замина шоир муваффақ мешавад, ки мундариҷаи ахлоқии характери миллии қаҳрамононашро

воқеъбинона ошкор созад. Дар ин замина ӯ тавонистааст, тарафҳои устувори хислати шахсиятҳоро, ки бунмояи қавӣ ва солим доранд ва он паҳлӯҳои хислати ононро, ки тағйир ёфта ё зери таъсири таҷрибаи нави иҷтимоӣ ва маънавӣ дигар шудаанд, таҷассум намояд.

Дар мисоли образҳои Ҳасан ва Садаф метавон гуфт, ки ба мундариҷаи характери миллӣ омилҳои гуногуни сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таъсиргузор аст. Характери миллӣ асоси миллӣ дошта, дар шаклгирии он таҷрибаи зиндагии мардум, суннатҳои миллӣ, таассурот, муҳит ва табиат таъсиргузор аст.

Худоӣ Шарифов дуруст пай бурдааст, ки «озодӣ аз зердастӣ ва истиқлол дар рафтору амал барои Ҳасан мояи шодӣ ва хушнудӣ буд». Вале ин озодӣ ва истиқлол тобеъияти сиёсӣ ва иҷтимоии табақотиро ба дунбол дошт, ки тадриҷан боиси тағйирпазирии хулқиёт ва хислатҳои анъанавии миллӣ гардида, фардияти шахсияти миллиро зери суол бурд.

Сохти нав бунмояҳои суннатии хулқиёт ва характери Ҳасанро комилан аз байн набурдааст, балки моҳияти мундариҷаи онро замона тағйир додааст. Саҳеҳтараш таркиби равонию ҳиссии он то ҷое дигаргун шудааст, ки нақши раванди идеологии замон дар он назаррас аст. Ба ин далел, дар симои Ҳасан шоир на фақат «дигаргуниҳои ҳаёти халқу мамлакат», балки тағйироти бунёдиро дар хулқу хӯ ва характери ӯ нишон додааст, ки эҳтиёҷи зистан дар шароити нав зери юғи низоми иҷтимоии сотсиалистӣ хушунату ҳирсро низ ҷузъи хулқ ва характери ӯ сохта буд. Ҳасан ва ҳаммаслаконаш дар мубориза барои ҳаёти нав аз хушунату ҳирс алайҳи намояндагони синфи дигар истифода мекарданд. Сохти нав зиддияти оштинопазири синфиро ба ҳукми қонун даровард, ки қишри асосии ҷомеаро ба хушунат муътод сохт ва тадриҷан ҷомеа маркази сирояти ҳар гуна амрози иҷтимоӣ қарор гирифт, оқибатҳои он маълум аст. Мирзо Турсунзода ин тамоюли ахлоқиро, ки характери Ҳасанро ба итоат даровардааст, дар достон тасвир мекунад. Чунончи вақте дар Сарои Қамар, дар яке аз ноҳияҳои сарҳадӣ бо тоҷири ордфурӯш рӯ ба рӯ мешавад, хушунат ва ҳирсашро, ки зодаи шароити нав аст, пинҳон дошта наметавонад. Паноҳанда будани бой дар кишвари ҳамсоя аламу дарди рӯзҳои аз сар гузаронидаашро дар дилам бедор кард. Шоир дар матн хулоса мекунад:

Давраи нав агар намеомад,
На ароба, на асп дошт Ҳасан.
Дар ғуломию бандагӣ мемурд,
Мурдаи камбағал надошт кафан.
Ҳасани мо аробаи худро,
Аз алам саҳнаи мубориза сохт.
Бойро бо ду даст боло кард,
Бо ҳама қувва бар замин андохт.
Дар ароба ҷуволи орд намонд,
Ҳамаро ӯ ба хоки роҳ афканд.
Пуштро карда бар «Сарои Қамар»,
Ба роҳи дигаре нигоҳ афканд [8].

Албатта, дар матни воқеияти имрӯз хӯю хислати онрӯзаи Ҳасан ва ҳаммаслакони ӯ аҷиб ба назар мерасад, яъне дар замони нав ахлоқ ва зидди ахлоқ ҳарду дучори тӯфон шудааст, ки ба ҷавҳари хӯю хислати суннатии миллӣ таъсири зиёновар низ ба бор овард, ки оқибатҳои он дар ҷомеаи имрӯзи мо чашмрастар мешавад.

Чунон ки ишора рафт, Ҳасан ва Садаф характери сирфан тоҷикӣ буда, муҳити ҷуғрофиёӣ ва унсурҳои рӯҳию маънавии тасвир низ комилан миллист. Симои Садаф, ки ифодакунандаи хостҳои ҷомеа дар шинохти озодии зан аст, низ рангу бори хоси миллӣ ва замонӣ дошта, дар матни воқеияти рӯзгори тоҷикон офарида шудааст.

Сифатҳои ҷавонмардӣ, ҳолшиносӣ ва адлписандии Ҳасан, гардан ниҳодан ба суннати шинохт ва эътирофи ҳаққи зан, ҳаёву хуҷби Садаф, ки Ҳасан далерӣ

мебахшад ва танзимгари солим аст, дилбариҳои ниҳонии Садаф, боиффатии ӯ, ҳама таҷассумгари хӯю хислати шахсиятҳои достони Мирзо Турсунзодаанд, ки ҷанбаи хоси миллӣ доранд. Сарнавишт ва хӯю хислати Ҳасан ва Садаф боз аз он ҷиҳат ҷолиб ва воқеист, ки бисёр паҳлӯҳои зиндагӣ ва хислати миллии моро таҷассум мекунад, ки хубӣ ҳам дораду бадӣ ҳам. Тамоюли ҳазлписанди руҳи қавӣ, гоҳо якравии омехта бо ҷаҳолат ва ғайра маҳсули он муҳите ҳастанд, ки Ҳасан ва ҳаммаслакони ӯ дар он зиндагӣ кардаву мавқеъ ёфтаанд. Шароити нави иҷтимоӣ дар инсон махсусиятҳои хоси равонӣ ва ахлоқиро ташаккул додаанд, ки арзишҳои бунёдии ҳуввияти миллиро инкор намекунанд, балки миллияти онро ғанӣ месозанд.

Ин тамоюли эҷодӣ минбаъд дар осори шоир ривоҷ ёфта, хусусиятҳои хос пайдо кард, ки тамоюли худтаҳлилӣ яке аз он буда, дар таҷассуми симо ва характери миллӣ нақши муҳим доштааст. Шоир дар шеъру достонҳояш ба муаммоҳои ҳаёти дохилӣ ва хориҷӣ рӯ оварда, на танҳо ба мушкилиҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷаҳони муосир рӯ меоварад, балки ба ин васила хислату хӯйи миллиро низ дар сатҳ ва савияти нав таҷассум мекунад. Дар осори солҳои шаст ва баъд таълифкардаи шоир тавассути пурқувват гардидани ҷанбаҳои миллии нақши шахсиятҳои миллӣ, фазои бадеии асарҳо низ дар такя ба тафаккури худшиносӣ ва фарогирии унсурҳои характери миллӣ рангинтар шуда, миллияти осори ӯро афзун сохтаанд. Ин раванд дар таҳкими худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ дар ҳаёти шоир нақши хос дорад.

Ин раванд, бахусус баъди солҳои шаст дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода таҳаввули тоза пайдо карда, миллияти осори ӯро амиқ сохтааст ва дар силсилаи шеърҳои «Бо чашми ту», достони «Чароғи абадӣ» ва «Ҷони ширин» мушаххастар гардид. Дар ин замина афзудани хусусияти фардии муфради шеъри шоир ба тақвияти ҷанбаи миллӣ ва тасвири амиқи симо ва характери миллӣ мусоидат кард. Агар муфради шеъри Мирзо Турсунзодаро «чеҳраи худи Турсунзодаи шоир» ба ҳисоб оварем, пас умқ ва вусъати ин масъала дар эҷодиёти шоир густариш пайдо хоҳад кард. Мо медонем, ки шахсияти Турсунзода дар шеъраш ба ифодаи Л. Ганҷгург «бо тарҳи устувори тарҷумаҳолӣ ва сужавӣ фаро гирифта шуда» аст. Аз ин назар, ҳатто шеърҳои ҷудогонаи ӯ ифодагари тафаккури миллӣ ва характери миллианд. Дар ин равиш шеърҳои «Ба дилбар», «Хандида меояд», «Ба гули боғи тоҷик», «Ба раққоса», «Ба духтари тоҷик» ва ғайра қобили мулоҳиза мебошанд.

Вале, дар ин миён шеъри «Модарам» беҳтарин намунаи дар заминаи тафаккури миллӣ, омилҳои табиию тасвирӣ зинда кардани хусусиятҳои таъмимии хӯю хислати модари тоҷик мебошад. Дар ин шеър дар баробари таъкиди «як контракти иҷтимоӣ» симо ва характери модар дар фони табиат ва воқеияти иҷтимоӣ хеле дилчасп ва миллӣ ба тасвир омадааст. Тасвири махсусиятҳои ҷуғрофиёвӣ ва табиӣ ҳоли қаҳрамони лирикӣ ва муфради ғиноиро, ки худи шоир аст, таҳқиқ менамояд, ки дар матни хулқиёт ва хӯю хислати миллии мост. Ин шеър хислатҳои монеъ ва ҷомеъи ҳамқишлоқиёни дар муҳаббат тоқи шоирро низ равшан ифода мекунад, ки ифодагари моҳияти муфради ғиноӣ, яъне шоир низ ҳаст.

Ин тарзи тасвир дар шеъри дигари шоир «Дили модар» низ тақвият ёфта, беҳтарин фазилатҳо ва хисоли модари тоҷикро таҷассум кардааст. Ба ифодаи дигар «шеъри таассуроти тасвирӣ»-ро Мирзо Турсунзода барои падид овардани симои аслӣ ва хислатҳои суннатии модар истифода кардааст, ки ҷанбаи хоси миллии шеъри ӯро тақвият бахшидааст. Дар шеърҳои зикршуда образ ва характери ҷомеи модар тасвир шудааст, ки заминаи иҷтимоӣ, равонӣ ва маънавӣ дошта, аз фенонизми сирф фосила дорад ва ифодагари тафаккури миллии бадеии шоир дар шинохти чеҳраи ботинӣ ва зоҳирии зан-модари тоҷик аст.

Ҳамчунин ки М. Шакурӣ ёдрас мекунад, «майл ба сӯйи ҷамъбасти бадеии фалсафӣ дар осори даврaҳои охири эҷодиёти шоир хусусияти андарзу ҳикмат» [9] мегирад, ки дар бисёр мавридҳо бар хулқиёт ва хислатҳои писандидаи миллӣ устувор

аст. Шеърҳои «Ошёни баланд», «Нонреза», «Бигзор зан бошад мудом», «Дил барнагашт», «Дасти модар» аз ҷумлаи чунин осори ӯянд.

Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ Мирзо Турсунзода достони «Писари Ватан»-ро (1942) навишт ва дар ин достон бо истинод ба суннатҳои ахлоқии гузаштагони мо симои қаҳрамони ҷанг–Қодир падари ӯ ва дигар шахсиятҳоро офарид. Яке аз ҷанбаҳои пурқуввати миллии ин достон дар заминаи худшиносии миллӣ зинда кардани ҳофизаи таърихӣ мебошад. Шоир дар ин достон барои бедор кардани ҳисси ватанпарварии шахсияти достон ва хонандагонаш ба сарчашмаҳои маънавии мардонагию ҷасорати гузаштагон муроҷиат мекунад ва ба василаи падар аз Фарҳоду Кова ёд мекунад. Ва хислатҳои умдаи гузаштагонро менамояд.

Дар достон шоир хислатҳои неки Қодирро тасвир карда, заминаи миллии ташаккули характери ӯро собит месозад. Ҷанбаи инсонии достон намоёнгари хусусиятҳои хосси хислати миллати тоҷик буда, моҳияти ҳастии таърихӣ ва фарҳангии ӯро нишон медиҳад, ки ранги хоси миллӣ ва умумиинсонӣ дорад.

Дар достони «Писари Ватан» шоир воқеаҳои таърихӣ, ишқ ба ватан, падару модар, фарзанд, шаъну шарафи хонаводагӣ ва пайванди маънавии наслҳоро дар муқобили таарруҷи фашизм ба кор мегирад ва симои ҷомеи тоҷиконро ба хусусиятҳои хоси хислату характери онҳо, ки реша дар суннатҳои ахлоқии миллӣ дорад, таҷассум менамояд.

Достонҳои «Ҷони ширин» ва «Чароғи абадӣ» дар фарогирӣ ва инъикоси хулқиёт ва хислатҳои миллӣ дар адабиёти навини тоҷик ҷойгоҳи хос доранд. Достони аввал ҳомили ғояи истиқлолхоҳӣ аст, ки ҳамаи халқҳову миллатҳо барои дастёбӣ ба он талош доранд, аз ҷумла халқи тоҷик ҳам. Бинобар ин ҳам мундариҷаи достон ва характерҳои он моҳияти миллӣ ва умумиинсонӣ дошта, паҳлӯҳои гуногуни сарнавишт ва хулқиёти қаҳрамони достонро ифода мекунад.

Хонанда дар симои қаҳрамони лирикӣ фарзанди халқи тоҷикро дармеёбад, ки ҳам ватандӯст аст, ҳам муборизи роҳи сулҳу рифоҳи инсоният. Талошҳои сиёсии иҷтимоии ин қаҳрамон ба хислатҳои миллии инсондӯстӣ, собитқадамӣ, садоқатмандии ӯ ранг ва моҳияти умумибашарӣ бахшидааст. Пораи зер сурати ботину зоҳир ва хислатҳои хоси падарро таҷассум кардааст, ки ҷанбаҳои хосси равонӣ ва ахлоқии миллиро дар худ парваридааст:

Ҷони ширин, пас дигар ҷангам макун,
Ин қадар беҳуда дилтангам макун.
Нестам мисли падарҳои дигар,
Дар бари фарзандҳо шому саҳар.
Чор гардад чашми онҳо дар раҳам,
Гум занад дилҳои онҳо дам ба дам.
Ку падар гӯяд агар фарзанди мо,
Менамоӣ ту ба сӯйи дар нигоҳ.
Дар замони пеш аҷдодони мо,
Тарк мекарданд кӯҳистони мо.
Бахт меҷустанд аз бечорагӣ,
Мурда мерафтанд аз оворагӣ
Мо вале аз он ғарибон нестем,
Дар суроғи бахт сарсон нестем.
Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,
Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо [10].

Ин достон ифодагари хислатҳои суннатӣ ва нави зани тоҷик аст.

Консепсияи шинохт ва таҷассуми тафаккури миллӣ ва характери миллиро дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода достони «Чароғи абадӣ» ба тарзи чашмгире тақвият бахшидааст. Мундариҷаи достон ва характерҳои он ҳастии таърихӣ ва фарҳангии миллати тоҷикро дар мисоли шахсияти таърихӣ-Айнӣ таъйид менамояд.

Ин достон зоҳиран хусусияти тарҷумаҳолӣ ва ёддоштӣ дошта, шоир дар бораи соҳиби фарзанд шудани худ ва ҳам истиқболи устод Айнӣ ёд мекунад. Холиқ Мирзозода мегӯяд, ки «аммо моҳияти фалсафии асар амиқтар аст, шоир дар як тараф наслҳои нави халқи худро тасвир мекунад, ки онҳо бо пойи карами некашон ҳаёти ояндаи халқи моро фурӯзон мегардонанд, аз тарафи дигар он баргузидагон халқамонро тасвир менамоянд, ки онҳо бо фаъолияти эҷодӣ ва ҳаётиашон на танҳо симои бузурги худро абадӣ гардонидаанд, балки барои дар ҳаёт мавқеи ба назар намоёнро ишғол намудани халқу миллаташон ёрӣ додаанд. Ин аст, ки ҳам халқ ва ҳам шахси бузург ба мисоли устод Айнӣ ҳамеша ҷовид мебошанд» [11].

Дарки бадеии сарнавишти миллат ва чеҳраҳои фарҳангии он омили муассирест барои афзудани худогоҳӣ ва худшиносии миллат. Мирзо Турсунзода новобаста ба сиёсати замон, ки дар ин замина маҳдудиятҳое низ дошт, эҳтиёҷоти маънавии мардумро дар он солҳо амиқ дарк карда, ҳастии таърихии фарҳангӣ ва иҷтимоии миллат ва шахсиятҳои баргузидаи таърихиро бо камоли маҳорат дар осораш таҷассум намудааст. Хусусияти асосии достони зикршударо истиқлоли табъ ва истиқлоли андеша муайян мекунад, ки арзишҳои хоси миллӣ дорад.

Дар шеъри солҳои шаст ва баъди он афзудани худшиносии таърихии шахс бо ҷустуҷӯҳои Мирзо Турсунзода низ пайванд дошт, ки таъсири ин равиш баъдтар дар эҷодиёти Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва дигарон чашмрас гардид. Достони «Чароғи абадӣ» фақат иборат аз ситоишу накӯҳиш нест, балки таҳқиқи бомуддао дар он нуфуз дорад. Ҷараёни чунин ҷустуҷӯҳоро М. Шакурӣ бо тариқи зер тавсиф кардааст: «акнун шоирон дар бораи таърих, дар бораи мавқеияти шахсияти барҷаста, дар бораи сарнавишти таърихии миллат ба андеша рафтанд, андешамандона ба таҳлили адабӣ пардохтанд. Ин мулоҳизарониву таҳлилҳо гоҳо аз мавқеияти синфиву таҳқиқотӣандаке дур мерафт ва барои расидан ба ҳақиқати воқеӣ (ки ҳақиқати синфӣ як ҷузъи он аст) бештар замина омода месохт» [12].

Достони Мирзо Турсунзода «Чароғи абадӣ» то ҷое равиши ҳамин ҷустуҷӯҳоро инъикос менамояд. Агар ба ин ҳарфи Х. Шарифов–«аз ифтихори миллӣ сухан гуфтан ҳамчун нишонаи адабиёти миллӣ дар адабиёти тоҷик насиби Сотим Улуғзода гардид» бовар кунем, пас Мирзо Турсунзодаро низ бо тасвири симои таърихию фарҳангии устод Айнӣ мебоист ба ҳамин радда нишонд.

Мирзо Турсунзода дар ин достон сарнавишти Айниро аз сарнавишти миллаташ ҷудо намесозад. Дар фони табиат ба тасвир гирифтани чеҳраи ботинию зоҳирии Айнӣ хусусияти хоси тафаккури миллии соҳиби достонро ифода мекунад, муҳаббат ба миллат ва бузургмардони он асоси онро ташкил медиҳад. Шоир «Айниро дар радифи фасли баҳор-айёми ҷавонию бороварии табиат, таваллудхонаю дунёи тифлон- ҳақиқати воқеии бардавомию абадияти умри одамӣ» тасвир карда тоҷикияти ӯро дар таносуб бо табиат таҷассум менамояд.

Достони «Чароғи абадӣ» на фақат шахсияти Айниро таҷассум месозад, балки ҷараёни ташаккули маънавии миллати тоҷикро низ дар шахси Айнӣ фаро мегирад.

Шоир одамонро ҳамчун ҷузъи табиат ба тасвир гирифта, ҷанбаҳои хосси характери миллиро инъикос мекунад. Мирзо Турсунзода дар достон ба сарнавишти Айнӣ–худхосагиҳои шахсияти ӯ мутаваҷҷеҳ гашта, дар заминаи воқеоти сиёсию иҷтимоӣ тағйироти рӯҳии устодро нишон медиҳад. Тасвири зоҳирии Айнӣ низ як паҳлӯи назари миллии шоир ба шахсияти инсонӣ ва фарҳангии ӯ мебошад, ки ифодагари симои миллии ӯст.

Дар достон баъзе лаҳзаҳои зиндагии Айнӣ, ки характери ӯро таҷассум мекунанд, низ тасвир шудааст. Ҷасорат, миллатпарастӣ, садоқат ба ормонҳо аз муҳимтарин шохисаҳои хислати устод таъбир шудааст. Гоҳо тасвирҳо низ ба хислати устод Айнӣ далолат мекунанд аз ҷумла, образи Нур дар достон. Ҳамчунин ки А. Сайфуллоев гумон кардааст: фақат вазифаи иҷтимоӣ надошта, хислати Айниро низ зиндагӣ ифода мекунад.

Ба наздам пирамарди Шарқ дидам,
Ба нур онро саропо ғарқ дидам.

Адиб аз нур давлатманд гашта,
Ба нур аз ҷону дил пайванд гашта.
Ҳамеша равшаниро орзу дошт,
Умед аз бахту аз рӯзи накӯ дошт [13].

Ин шахсияти достон низ ифодакунандаи паҳлӯи манфии характери миллӣ мебошад, ки аз матни зиндагии тоҷикон ҷудо нест. Шоир худро ба марде, ки аз зода шудани духтар ор мекунад, муқобил мегузорад. Тасвири чеҳраи он мард низ зоҳир ва ботини ӯро нишон медиҳад.

Илова ба ин, шоир ба ишораҳои саҳеҳ, чеҳраи инсонӣ ва мушаххасоти хулқиёти Айниро низ тасвир кардааст. Айнӣ дар тасвири шоир соҳиби чунин сифатҳост: пирамарде, адиб, озмуда, замондида, ғаму шодии дунёро чашида, куҳансол, пурумед, роҳаш сафед, машҳури халқҳои Осиё, ба рози дилҳои мардум гушдиҳанда, донандаи Осиё ва маҳбуби Осиё.

Таҳқиқ ва тавсифи масъалаи инъикоси образҳо ва характерҳои миллӣ дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода бе маърифати шахсияти фардӣ ва иҷтимоии зан нотамом хоҳад буд. Вақте ки дар бораи тасвири симо ва характери миллии зан-модар дар осори Мирзо Турсунзода меандешем, пеш аз ҳама лозим аст, ки дар бораи заминаҳои зеҳнии шинохти ҳуввияти зан, модар ва тафаккури миллии шоир сухан кард. Ба мушоҳидаи Худоӣ Шарифов ин шоир дар айёми кӯдакӣ дар муҳити фарҳангӣ ва ҷаҳони қадимии миллӣ зиндагӣ карда, «аз ҳамин иҳота ва русуми зотии фарҳангию адабии суннатӣ ва мардумӣ баҳра гирифта ва бо завқи таҷриба ва тарбияи таърихии халқи худ хӯ гирифта ва парвариш» ёфтааст. Аз ин назар табиист, ки тафаккури миллӣ ва андешаи бадеии шоир низ дар ҳамин замина парвариш ва рушд ёфта, дар тасвир ва шинохти симо ва хӯю хислати зан, модар хусусияти хос дорад.

Дар заминаи осори шоир метавон гуфт, ки Мирзо Турсунзода дар фарогирии ин мавзӯъ ба ду меъёри намунаи бадеии тасвири симои зан, модар таваҷҷуҳ кардааст, ки яке шахсӣ ва маҳрамона буда, як паҳлӯи ҳастии зан-чеҳра ва хӯю хислати фардӣ, шахсӣ ва воқеии онро нишон медиҳад ва дигаре таъмимӣ (типӣ) буда, симо ва хӯю хислати таъмимӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва ормонии зан, модарро таҷассум месозад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобоев Ю. Сипаҳсолори назм / Ю. Бобоев. - Душанбе: Ирфон, 1971. – С.287.
2. Ҳамон ҷо: - С.289.
3. Ломидзе Г. И. О социалистическом содержании и национальной форме литературы наруя СССР / Г. И. Ломидзе. – Москва: Знание, 1952. - С.31.
4. Мирзозода Х. Дар бораи достони «Чароғи абадӣ». Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт / Х. Мирзозода. – Душанбе: Ирфон, 1973. - С.260.
5. Сайфуллоев А. Тафаккур ва образ / А.Сайфуллоев. - Душанбе: Ирфон, 1968. - С.37.
6. Турсунзода М. Гулчини ашъор / М. Турсунзода. - Душанбе: Адиб, 2011. - С.171.
7. Турсунзода М. Осори мунтахаб / М. Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1976. – Ҷ.II. - 171 с.
8. Ҳакимов А. Бозтоби муфради ғиноӣ (дар ашъори нимоии дуюми садаи бист-Мирзо Турсунзода) / А. Ҳакимов // Мирзо Турсунзода ва масоили назарии фарҳангии тоҷикон. - Душанбе, 2011. - С.129.
9. Ҳакимов А. Шеър ва замон / А. Ҳакимов // Масъалаҳои инкишофи нақши муосири тоҷик. - Душанбе: Ирфон, 1978. – С.252.
10. Шакурии Бухороӣ М. Аз пайи фаҳмиши нав. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / Шакурии Бухороӣ М. - Душанбе, 2006. - С.18.
11. Шакурии Бухороӣ М. Як нигоҳи умумӣ ба адабиёти тоҷикии садаи бист. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / М. Шакурии Бухороӣ. - Душанбе, 2006. - С.423.
12. Шарифов Х. Бунёди гуманистии шеъри Мирзо Турсунзода / Х. Шарифов //Суннатҳои адабӣ. - Душанбе, 2007. - С.117.
13. Ҳамон ҷо: - С. 114.
14. Шодиқулов Ҳ. Хусусиятҳои миллӣ ва умумиинсонии назми Турсунзода / Ҳ. Шодиқулов // Ҷашнномаи Мирзо Турсунзода. - Душанбе: Ирфон, 1970. - С.87.
15. Шодиқулов Ҳ. Хусусиятҳои миллӣ ва умумиинсонии назми Турсунзода / Ҳ. Шодиқулов // Ҷашнномаи Мирзо Турсунзода. - Душанбе: Ирфон, 1970. - С.88.

ОТРАЖЕНИЕ ОБРАЗОВ И НАЦИОНАЛЬНОГО ХАРАКТЕРА В ТВОРЧЕСТВЕ МИРЗО ТУРСУНЗАДЕ

Известный поэт Таджикистана, Герой Социалистического Труда Мирзо Турсунзаде, рассуждая относительно общественной жизни нации, предлагал особенные национальные перемены. В дальнейшем его стремление к духовным и поведенческим переменам в жизни таджиков первых деслтилетий XX века отразились в его произведенниях, которые можно считать как литературное отражение образов и национального характера.

Автор статьи смогла донести до читателя основную мысль проблемы через приведение конкретных примеров из творчества поэта в различные творческие периоды его жизни.

Согласно высказываний виднейших личностей страны, поэт с детства вырос в культурной и в старинной национальной среде. Отсюда исходят особенности его национального мышления и его творческие мысли, особенно в отношеннии женского образа и характера, образа матери.

Ключевые слова: М.Турсунзаде, женщина, мать, поэт, отражение, национальная черта характера, герой, метод, стихи, творчество, источник, Айнӣ.

REFLECTION OF IMAGE AND NATIONAL CHARACTER IN CREATIONWORK OF M. TURSUN-ZADE

A well-known Tajik poet, the Hero of Socialist Laboir M. Tursun-zade in his thoughts according social life of nation, offered some changes on national foundation.

In further his intention to spiritual and behavioral changes in the life of Tajiks of the first decade of XX-the ceutury reflect in his literary creation work, which canu regard as literary creations, which canu regard as literary reflection of image and national character.

The author of the article is able to inform the reader the key-note of the problem through showing us an examples from creation work of poet in various periods of time.

According the statements of prominent personalities of our country, from his childhood he was growing in cultural and surroundings with ancicnt national traditions.

Here of emanate peculiarity of his national thinking and his creative thoughts, especially in regarding of women image, mother s image.

Key words: M.Tursun-zade, women, mother, poet, reflection, the national characher, hero, method, rhymes, creation,work Aini.source.

Сведения об авторе: ***М.А. Эшонова*** – аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ. Телефон: **(+992) 93-870-65-65.** E-mail: **eshonova m@mail.ru**

МАВҚЕИ ҒАЗАЛ ДАР ЭҶОДИЁТИ СОМЕИ ОДИНАЗОДА

З.К. Холиқова
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ

Адабиёти тоҷик дар даврони шӯравӣ вобаста ба мавзӯъ ва мундариҷа, ғоя ва пояи баланди бадеият дар манотиқи гуногуни ИҶШС шуҳрат пайдо карда буд. Нигориши нави эҷодӣ, такмил додани жанрҳои гуногуни адабӣ, махсусан, такмили анъанаҳои шеърӣ, тантанавор садо додани ғазалҳо ва муҳтавои даъват алайҳи нобасомониву беадолатиҳо баръало мушоҳида мегардид. Ба мисли «Эй ситамдидагон, эй асирон»-и С. Айнӣ, «Ватан вайрона аз ёр аст, ё агёр, ё ҳарду»-и устод Лоҳутӣ, «Вақти он аст эй қалам»-и Ҳабиб Юсуфӣ ва дигар шеърҳое, ки саршори меҳри Ватан буданд ва инқилоби фикрии ҳар як шахси равшанфикрро бедор менамуданд.

Жанри адабӣ аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносӣ ба шумор меравад, ки дар асоси он тарзи муайяни тасвири инсон дар раванди зиндагӣ, роҳу воситаҳои гуногуни тасвири хислату вазъият ва ҳолатҳои рӯҳии ашхоси мухталифи ҷомеа истодааст. Профессор Худойназар Асозода таърихи қадима доштан ва мудом дар тағйироту инкишоф будани жанрҳои адабиро чунин шарҳ додааст: «Маълум аст, ки жанрҳои бадеӣ фақат дар марҳалаи инкишофи санъати сухан пайдо шуда, сипас баробари адабиёту санъат вусъат меёбад. Онҳо вобаста ба давру замону муҳити адабӣ ҳамеша дар такомуланд ва имкон дорад, ки гоҳе ба дигаре табдил гарданд» [2, 22].

Ғазал ҳамчун жанри бадеӣ силоҳи махсусе дар ин ҷараён маҳсуб меёфт, ки маҳз тавассути он бо нигаҳдошти қолаби он фикрҳои инқилобчигӣ рӯйи коғаз мерехтанд. Аммо, бо такя ба шеъри нави анъанаи чаҳорбандӣ арзи зуҳур намуд, қариб дар эҷодиёти ҳамаи шоирони даврони шӯравӣ ба чашм мерасанд. Ин зуҳурот дар эҷодиёти Сомеъ қариб ба чашм намерасад. Мавзӯъ ин аст, ки анъанаи шеърнигории Сомеъ бо такя ба шеъри классики тоҷик ҳамонгунае, ки буд, то охири умраш боқӣ монд.

Дар эҷодиёти Сомеъ ғазал мавқеи асосӣ пайдо кардааст. Махсусан, мавзӯи ишқу муҳаббат, аз сабаби ҷанбаи пурқуввати ҳаётӣ доштанаш, дар осори шоирони классику муосир нақши муҳимро мебозад.

Ин жанр, ки давраи дуру дарозро аз сар гузаронидааст, як қатор анъанаҳои мундариҷавӣ ва шаклиро соҳиб шудааст, чунончи: 1) мавзӯъ, ки ишқ мебошад; 2) ғоя –садоқат дар муҳаббати поку беғаш ва илҳомбахш; 3) образ, ки маъмулан се навъ аст: а) маҳбуба, б) қаҳрамони лирикӣ, в) рақиб; 4) қофия, ки танҳо як шакл дорад: аа, ба, ва, га… 5) ҳаҷм–одатан аз 7 то 12 байт мешавад; 6) тахаллус [8, 46].

Ғазал яке аз жанрҳои зебои шеърӣ маҳсуб ёфта, қариб шоире нест, ки дар ин жанри шеърӣ қувваозмоӣ накарда бошад.

Анъанаи ғазалсароӣ дар эҷодиёти шоирони асрҳои гуногун, ки мазмуни иҷтимоиро дар ғазал дохил карда буданд, идома ёфтааст. Дар адабиёти муосири тоҷик низ ғазал ва анъанаи он яке аз шаклҳои лозимӣ ва қобили қабул гардид. Шоирон дар қолаби анъанавии ғазал афкори иҷтимоӣ ва сиёсиро баён мекарданд. Маълум аст, ки жанри ғазал барои ифода ёфтани эҳсосоти ишқу ошиқӣ муносибтарин ва дилкаштарин шакли адабӣ ба шумор меравад ва маҳз ғазалро интихоб кардани шоир табиист, ки як навъ идомаи анъанаи суннатии суханварони пешин мебошад.

Ғазал дар луғат ба маънии *ишқбозӣ, қиссаи ишқу ошиқӣ* омадааст. Мавзӯи ғазали истилоҳӣ бештар ишқу ошиқӣ аст ва бинобар онро ғазал номидаанд [12, 198].

Мавриди тазаккур аст, ки Сомеъ дар айни замон дар баёни мавзӯъ, мазмун ва вижагиҳои поэтикӣ вобаста ба дараҷаи идроку маърифат ва завқи зебоиписандии худ обу ранги тозае низ ворид кардааст.

Дар истилоҳи адабӣ ғазал шеъреро мегӯянд, ки бар як вазну қофия навишта мешавад ва байти аввалаш мусарраъ буда, мисраи ҷуфти абёти дигар бо он ҳамқофия меоянд. Ҳаҷми ғазал маъмулан аз панҷ то ҳафт байт аст, лекин миқдори миёнаи абёти ғазал то дувоздаҳ байт мерасад [12, 198–199].

Назар ба ақидаи академик А. Мирзоев дар нимаи аввали асри XI «…барои як шакли хоси назмро қабул кардани ғазал ҳанӯз заминаи мувофиқ ба вуҷуд наомада буд» [6, 69].

И.С.Брагинский дар тақризе, ки ба китоби А. Мирзоев навиштааст, баръакси баъзе фикрҳои муаллиф сухан ронда, изҳор доштааст, ки ғазал дар адабиёти форсу тоҷик таърихи дур дорад ва асоси вай дар фолклор аст. Аз ин рӯ, ғазал ҳанӯз дар адабиёти асри X вуҷуд доштааст ва он дар эҷодиёти Рӯдакӣ истифода шудааст [3, 100].

Сомеи Одиназода анъанаи суннатиеро чун мувашшаҳот, ки ба суфтагии қаламу маърифати ӯ вобастааст, дар ғазал ворид сохтааст.

Дар силсилашеърҳои «Муқаддаснома»-и худ шоир нуҳ ғазал ва як мухаммасро дар шакли мувашшаҳ ба хонандаи худ пешкаш намудааст.

Мувашшаҳро тавшеҳ ва вашшоҳ ҳам мегӯянд, ки маъноаш гарданбанд аст. Дар аввал ё миёнаи абёти шеър ҳарф ё калимаҳоро мураттабан меоранд, ки ҷамъи онҳо исми шахс ё чизеро медиҳанд [12, 160].

Садриддин Айнӣ дар қисми чоруми «Ёддоштҳо» сабаби навиштани як мувашшаҳи худро ба ин тарз шарҳ додааст: «Дар вақте ки нависандаи ин сатрҳо дар сайри Ширбадан сирки русиро аввалин бор дидам ва чунон ки дар достони «Сайри Ширбадан» ёд карда шуд, аз бозигарони сирк Нина ном духтарча диққати ҳамаро ва аз он ҷумла, диққати маро ҷалб намуд, ман пеш аз навиштани достони мазкур дар бораи он духтарча ғазале ба тарзи мувашшаҳ тасвид намуда будам» [12, 161].

Сомеъ низ дар навиштани мувашшаҳ маҳорати баланд дошт. Мувашшаҳоташро ба духтарони зебои Кӯлобӣ: Муқаддас, Хосият, Савронбӣ, Мавлуда, Мавлонбӣ бахшидааст. Мувашшаҳоти шоир хеле дилчаспу самимӣ баромада, ба хотири пинҳон доштани исми онҳо аз бадгӯён ва туҳматҳои навбатӣ ба унвони шоир ба ин қолаби шеърӣ онҳоро сурудааст. Ҳамагӣ дар эҷодиёти Сомеи Одиназода 14 мувашшаҳро дучор омадем.

«Мувашшаҳ,-мегӯяд дотсенти ДДК Гурез Иброҳимов, шакли шеърии дӯстдоштаи Мавлоно Сомеъ маҳсуб меёфт. Дар маҳфилҳои адабии он давра ҷавонони зиёд дар атрофи ӯ ҷамъ омада, бо завқи зиёд ва бо камоли майл мувашшаҳоти ӯро гӯш мекарданд. Ман низ ҳамчун як мухлиси эҷодиёти Мавлоно дар он маҳфил соатҳои дароз, бе хастагӣ шунидани ашъори ноби ӯро аз забони худаш меписандидам».

Санъатҳои бадеӣ дар ашъори Сомеъ ба маҳорати хоссае истифода шудаанд. Асосан, васфи рухи ҷонона, қаду қомати мавзун, ҳусни худодода, хулқу атвори накӯи ӯ, бо усулҳои гуногуни санъатҳои шеърӣ ба қалам дода шудааст. Бо истифода аз санъатҳои тасвиру ташбеҳ дар мувашшаҳи зерин шоир ду рухсори ҷононаро рахшанда аз нури хуршеду моҳ чунон ба тасвир додааст, ки хонандаро беихтиёр мафтун месозад ва ба сайри кишвари зебои шеър мебарад.

Ғазали зерин намунаи барҷастаи мувашшаҳоти Сомеи Одиназода ба шумор меравад:

Мунаввар оразат аз партави шамсу қамар дидам,
Ниҳоли қоматат аз зеби даврон пурсамар дидам.
Умеди зумраи ушшоқ меҳроби ду абрӯят,

Муаттар зулфи мушкини туро бо зебу фар дидам.
Қалам дар васфи дандони ту ёқуту гуҳар бинвишт,
Лабонат дар талаззуз беҳтар аз шаҳду шакар дидам…[10, 166].

Дар ҳақиқат, адиби нозукбаён ашъори ишқиро аз мағзи ҷон ва бо ҳиссиёту ҳаяҷони шадид сурудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Сомеъ фарди бағоят ҳаётдӯст будааст ва ишқи тасвирнамудаи ӯ поку беолоиш аст. Чунончи:

Маро шӯри ғамат бар сар зи тоҷи хусравон беҳтар,
Замоне бо ту суҳбат аз матои ин ҷаҳон беҳтар.
Қалам васфи ҷамолатро ба барги ёсуман бинвишт,
Ба шарҳи хубиат, ҷоно ҳазорон достон беҳтар...[10, 188].

Дар маркази шеъри лирикӣ образи шоир меистад, ки ӯро қаҳрамони лирикӣ низ меноманд. Қаҳрамони лирикии ғазал худи шоир аст ва муносибати шоирро ба маҳбуба, ба воқеият ва ҳодисаҳои он, ба зиндагии шахсӣ ва кайфияти рӯҳии ӯ ифода менамояд. Тазоҳури бештари «ман»-и шоир ва вусъат гирифтани мавзӯи ҳасби ҳол яке аз махсусиятҳои мундариҷаи ғазалиёти Сомеи Одиназода ба шумор меравад.

Шоир дар бораи маъшуқа нисбатан зиёдтар сухан гуфтааст, ки дар натиҷа «ман»-и лирикии ӯ аз шахси ошиқ будани ӯ бештар маълумот медиҳад. «Ман»-и лирикии Сомеи Одиназода образи романтикии шахси ошиқ аст. ки дар ғазалиёти бештари шоирон мушоҳида мешавад. Вай як шахси оддӣ ва инсони муқаррарии рӯзгорист, ки пайваста аз зиндагии худ ва ҳаёти сермаҳсул ба сар бурдааш сухан гуфтааст.

Эҳсосоти латифи инсонӣ, ишқу муҳаббат ва дилбастагию самимияти ошиқ дар ғазалиёти Сомеъ хеле табиӣ, бо калимаю таркибҳои фасеҳу ширин, сода ва ифодаҳои оммафаҳм, ба мисоли: «дӯстони босадоқат», «авҷи иззат», «меҳру шавқат», «бахту саодат», «шаъну шуҳрат» тасвир шудаанд.

Шоир дар ғазалҳояш пайваста шукронаи зиндагӣ мекунад ва ранҷу дарди зиндагиро ширин ҳисобида, аз бартараф кардани мушкилоти зиндагӣ бо матонату ҷавонмардии худ эътимоди қавӣ дорад.

Дар ғазали «Ёди он рӯзҳо…», шоир аз зиндагии гузаронидааш хурсанд буда, қариб ки дар ҳамаи байтҳо бо фараҳу шодиву сурур ҳаёти аз сар рафтаашро тараннум мекунад:

Ёди айёми ҷавониҳо, ки қувват доштам,
Аз барои кардани ҳар кор ғайрат доштам.
Ҳеҷ як коре ба пеши саъйи ман мушкил набуд,
Қуввати бозуву зӯру дасти қудрат доштам [10, 182].

Тасаввур кардан ғайриимкон аст, ки шоири як умр зери фишору таъқиби ҳукуматдорон қарордошта ва лаҳзаҳои ширини умри ҷавонашро дар зиндону лагерҳои сталинӣ гузаронида, муаллифи ин сатрҳо бошад:

Аз тамоми ғурбату озорҳо будам барӣ,
Ҷону тан безаҳмату ҷисми саломат доштам.
Бахту иқболу саодат ёр буд доим ба ман,
Бурҷи толеъро ҳаме субҳи саодат доштам [10, 182].

Сахтии дунёро ҳатто ба назари эътибор намегирифт ва дар пеши зӯри бозӯяш заиф мешумурд:

Сахтии дунё ба пеши ман асоси суст дошт,
Баҳри ҳалли мушкилоти худ матонат доштам [10, 182].

Дар байти зер шоир ҷаҳду талошҳои серҳосилашро баҳри зиндагии осудаҳолона ба қалам дода, бо оҳанги пурсӯз аз рӯзҳои рафта, ки дигарбора пас намегарданд, арзи қаноатмандӣ намудааст:

Баҳри осудию зисту зиндагонӣ доимо,
Кӯшиши пурҳосилиҳоро маҳорат доштам.
Рӯзу шаб хурсандию хушнудию айшу нишот,
Бо бутони моҳпайкар айшу ишрат доштам [10, 182].

Оқибат, дар байти дигари ҳамин ғазал, шоир аз каҷравии гардиши чархи фалак шикоят карда, саодати аз даст рафтаашро на аз дасти касе, балки аз қисмату қазову қадар мебинад:

Каҷравии гардиши чархи ҷафоҷӯю қазо,
Бурд охир ҳар чӣ дар гетӣ саодат доштам [10, 182].

Ҳасби ҳоли Сомеи Одиназода дар ғазали дигари ӯ, ки «Хуррам он рӯзе…» ном дорад, инъикос гардидааст. Шоир дар байтҳои аввали ин ғазал ёд аз рӯзҳои пурнишот кардааст ва бо таркибҳову вожаҳои зебои «бахту саодат», «фароғат»,

«мактабсарои бошараф», «гавҳари мақсуд», «саъю риёзат», «табъи нозук», «қуввати нутқу балоғат» ва ғайраро моҳирона истифода кардааст:

Хуррам он рӯзе, ки ман бахту саодат доштам,
Фориғ аз андӯҳу ғам бо худ фароғат доштам.
Шод он рӯзе, ки дар мактабсарои бошараф,
Пеши устоди азизам истиқомат доштам.
Дар замирам муддаои гавҳари мақсуд буд,
Бо умеди маърифат саъю риёзат доштам…[10, 181.

Сомеи Одиназода аз рӯзҳои ҷавонии аз сар гузаштааш изҳори қаноатмандӣ намуда, аз зеҳни гиро ва балоғати нутқаш мефахрад, хизмати устодашро ба ҷону дил ва меҳру муҳаббат адо мекунад, бо китобҳои аҷиб сайри олами маонӣ карданашро бо санъату маҳорати баланди шоирӣ ба риштаи назм мекашад:

Ёд меояд аз он рӯзе, ки дар аҳли шабоб,
Табъи нозук, қуввати нутқу балоғат доштам.
Хизмати устод мекардам ба ҷону дил мудом,
Аз самими қалб худ меҳру муҳаббат доштам.
Муштағил будам ҳамеша бо кутубҳои аҷиб,
Дар гулистони маонӣ хуш саёҳат доштам [10, 181].

Обрӯву эътиборашро дар миёни дӯстон ва арбоби камолаш васф карда, қадру манзалат ва эътиборашро бо лутф ба ёд меорад ва чунин мегӯяд:

Дар миёни дӯстони хеш будам сарфароз,
Хонумону манзилу молу бизоат доштам.
Пеши арбоби камолам буд қадру эътибор,
Рӯзу шаб дар назди эшон базму суҳбат доштам [10, 181]

Сомеӣ парҳез аз ҳамнишинӣ бо «ситамкорони сангиндил»-ро бо маҳорати хосса ба қалам дода, гӯшаи узлатро аз он авлотар донистааст:

Бо ситамкорони сангиндил набудам ҳамнафас,
Шеваи аҳду вафо дар кунҷи узлат доштам [10, 181]

Мисраъҳои дигари ғазал аз ишқбозӣ ва истироҳати шоир бо маъшуқаи «симинбар» гуворӣ медиҳад:

Ҳар замон бо ёри симинбар ба хилватгоҳи айш,
Хандаву бӯсу канору истироҳат доштам [10, 181].

Сомеъ барои хушбаёнӣ ва тамом шудани фикр, ҷаззобу дилнишин баромадани ғазал чун анъана номи худро дар охири ғазалҳои сурудааш меоварад, ки ин масъала ба таърихи пайдоиши ғазал вобаста аст.

Дар мақтаи ғазали зер гувоҳӣ аз ҳасби ҳоли шоир аст, ки аз азоби рӯҳиву ҷисмонӣ, сӯхтан дар «оташи туҳмати ситамгарон», бидуни гуноҳе дарак медиҳад:

Сӯхтам, Сомеъ, ба нори туҳмати истамгарон,
В-арна аз роҳи ҳақиқат кай ҷиноят доштам [10, 181].

Дар ғазали «Марҳабо», ки шоир бахшида ба шаҳри Кӯлоб ташриф овардани шоирон М. Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Ф. Ниёзӣ ва С. Липкин сурудааст, эҳсоси фараҳу шодӣ, хушбахтии аҳли адабро хеле моҳирона ба қалам додаст. Чунончи:

Марҳабо, эй дӯстони босадоқат, марҳабо!
Марҳабо, эй моҳирони авҷи иззат, марҳабо!
Орзуи дидани рӯи шуморо доштем,
Шуд мушарраф дида бо сад меҳру шафқат, марҳабо!
Партави рӯи шумо монанди хуршеди ҷаҳон,
Сар кашид аз машриқи бахту саодат, марҳабо!...
Дар баҳори бехазони шаҳри мо, эй Сомео,
Инчунин ҷамъомади бо шаъну шавкат, марҳабо! [10, 192].

Шоирро дард шоир мекунад ва шоириро ҳам касе карда метавонад, ки эҳсоси баланди худшиносӣ, назари некбинона ба ҳаёт дошта бошад. Сардиву гармои зиндагиро аз сар гузаронида ва шаҳди талхиву ширинии ҳаётро чашида бошад. Албатта, ҳамаи ин гуфтаҳо кифоят намекунанд барои шоири асил шудан. Сомеи Одиназода бо ғайрати зиёди устодонаш Сайид Зуфархони Ҷавҳарӣ ва Мавлавии Ҳиндустонӣ на фақат сабақ аз Каломи Илоҳӣ гирифтааст, балки санъати шеъргӯйиро низ аз онҳо омӯхтааст. Аз ин ҷост, ки ҳар ду нисбати шогирдашон эҳтироми хосае доштанд ва бо ӯ ифтихор мекарданд.

Ғазали дигари шоир, ки Сомеъ дар васфи шеъру шоирӣ сурудааст, «Шоир аст» номгузорӣ шудааст. Дар ин ғазал Сомеъ шоирро «шоҳбози арсаи мулки фасоҳат», «нур андар дидаи аҳли басорат», «зиннати авроқи дарси пурбалоғат», «хозини ганҷинаи маънӣ», «устоди сухан», «ҷалиси босадоқат», «кошифи сирри ниҳонӣ»,

«шоҳи адолат» ва «дурри қимат» номидааст, ки дарак аз луғатдонӣ ва санъати суханбозиро хуб донистани ӯ медиҳад:

Шоҳбози арсаи мулки фасоҳат шоир аст,
Нур андар дидаи аҳли басорат шоир аст.
Зинда месозад азизони куҳанро бо сухан,
Баҳри эҳёи салаф аз роҳи ҳикмат шоир аст.
Кори ҳар кас нест, ҷоно, суфтани дурри сухан,
Суфтан лафзи гуҳарро бо ракокат шоир аст.
Шаҳду шаккар мечакад аз хомаи ӯ дам ба дам,
Зиннати авроқи дарси пурбалоғат шоир аст.
Хозини ганҷинаи маънию устоди сухан,
Аҳли маъниро ҷалиси босадоқат шоир аст.
Ҳалли алфози дақиқ аз фикри шоир мешавад,
Кошифи сирри ниҳонӣ бо заковат шоир аст.
Дар сарири мулки дониш ҳукмронӣ мекунад,
Дар ақолими хирад шоҳи адолат шоир аст.
Кош, Сомеъ, мешудам аз камтарини шоирон,
З-он ки бозори дурарро дурри қимат шоир аст [10, 196].

Миқдори ғазалиёти Сомеи Одиназода ҳамагӣ, бинобар маълумоти матни илмию интиқодии профессор Абдулҳай Маҳмадаминов- «Дафтари сабз», 47 ададро ташкил медиҳанд. Ғазалҳои шоир аз чорбайтӣ (1 то), панҷбайтӣ (2 то), шаш байтӣ (3 то), ҳафтбайтӣ (7 то), ҳаштбайтӣ (8 то), нуҳбайтӣ (3 то), даҳбайтӣ (9 то), ёздаҳбайтӣ (12 то), сенздаҳбайтӣ (1 то), шонздаҳбайтӣ (1 то) иборат аст. Ҷамъулҷамъ ғазалиёти шоир 846 мисраъро ташкил медиҳанд.

Ғазалҳои Сомеи Одиназода дар мавзӯъҳои ишқу муҳаббат, дӯстиву рафоқат, ватанхоҳӣ, тараннуми фасли баҳору наврӯз ва ғайра бахшида шудаанд.

Ғазалҳои рангину таъсирбахши Сомеи Одиназода бо забони фасеҳу ширин, мазмуни баланд, ангезиши ҳиссиёту ҳаяҷони латифи инсонӣ, тараннуми ишқу муҳаббат, аҳамияти калони маърифатӣ ва ахлоқию тарбиявӣ доштанашон қалбу шуури ҳар як хонандаи соҳибзавқро ба вачд меорад, ба ӯ нерӯи тоза ва шавқу илҳоми беандоза мебахшад.

Зимни таҳлил ва баррасии осори Сомеи Одиназода мавзӯи ғазалиёти шоирро чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

1. Мавзӯи панду ахлоқӣ.
2. Тараннуми ишқу ошиқӣ.
3. Васфи ватану табиати диёр.
4. Даъват ба донишомӯзӣ ва илм.
5. Васфи шеъру шоирӣ ва ҳунару ҳунармандӣ.

Умуман, аз мутолиаи ғазалҳои Сомеъ ҷаҳони маъниро дарёфт кардан, лаззат бурдан аз олами сухан, ошноӣ пайдо кардан бо ҷаҳони шеъри фасеҳу ноб имкон дорад. Ҳамин тариқ, Сомеи Одиназода бо жанрҳо ва мавзӯъҳои интихобнамудаи худ идомадиҳандаи анъанаи суханварони пешин мебошад ва дар айни замон дар баёни мавзӯъ ва мазмун вобаста ба дараҷаи фаҳмиш ва санъати суханварии худ фикрҳои тозае дохил кардааст, ки ин яке аз навовариҳои адиб ба ҳисоб меравад.

Махсусан, ғазал, ки яке аз жанрҳои машҳури лирикаи тоҷик ба шумор меравад, мавзӯъҳои гуногунро дар бар мегирад, аммо мавзӯи асосии ғазал ишқ аст, ки Сомеи Одиназода дар ин жанр маҳорати баланди суханварии худро нишон додаст. Вале, бояд зикр кард, ки Сомеъ дар айни замон дар баёни мавзӯъ, мазмун ва махсусиятҳои поэтикӣ вобаста ба дараҷаи идроку маърифат ва завқи зебоисандии худ обу ранги тозае низ ворид кардааст.

Хулоса, Сомеъ беҳтарин анъанаҳои адабиёти гузаштаамонро нигоҳ дошта, таассуроти айниву зеҳнии худро дар шаклу сурати солим ва маъниҳои ба мақсади хонанда мувофиқ пешкаши ихлосмандони шеър гардонидааст. Сомеи Одиназода ғазалсарои бомаҳорат, донишманду ориф ва шоири шаҳири мардуми тоҷик мебошад. Ӯ бо диди нав ва завқи баланди ғазалсароӣ тавониста, ки шеърашро ба хонанда муаррифӣ намояд ва ҳамчун чеҳраи тобони адабиёти садаи XX худро ҷилвагар созад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоев А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI / А. Абдуллоев. – Душанбе: Дониш, 1979. – 286 с.
2. Асозода Х. Иловаҳо ба шарҳи ҳоли устод Айнӣ: дастури таълимӣ / Х. Асозода. – Душанбе: Девиштич, 2004. – 92 с.

3. Брагинский И.С. О возникновении газели в таджикско-персидской литературе / И.С. Брагинский // Советское востоковедение. – 1958. – №2. – 360 с.
4. Дафтари шеърҳои Сомеи Одиназода.Нусхаи дастнависи китобхонаи шахсии Умар Темуров. – 50 с.
5. Мирзоев А. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV / А. Мирзоев. - Сталинобод: Нашрдавточик, 1957. – 58 с.
6. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт / Р Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336 с.
7. Мусулмонқулов Р. Анъана ва навоварӣ / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе, 1985. – 116 с.
8. Мусулмонқулов Р. Дарахти дӯстӣ биншон / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Адиб, 1987. – 240 с.
9. Сомеи Одиназода. Дафтари сабз / Сомеи Одиназода. – Душанбе: Сино, 2004. – 575 с.
10. Сомеи Одиназода. Дили садпора / Сомеи Одиназода (мачмӯаи шеърҳо): таҳияи Сайид Раҳмон. – Кӯлоб: Сада, 2003. – 88 с.
11. Шарифов Х. Балоғат ва суханварӣ / Х Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 278 с.

МЕСТО ГАЗЕЛИ В ТВОРЧЕСТВЕ СОМЕ ОДИНАЗАДЕ

В данной статье затрагивается тематика газелей Соме Одиназаде, одного из известных поэтов Хатлонского региона страны. Автор статьи отмечает, что при сочинении газелей поэт руководствовался классическими таджикско-персидскими традициями и обычаями. Высоко оценивая роль и место газели в творчестве поэта, автор подчеркивает, что газель является излюбленным поэтическим жанром поэта.

Ключевые слова: место, сунна, обычай, традиции, газель, литературный жанр, проза и поэзия, виды газели, тема любви, лирика, тематика стихов поэта.

PLACE OF GAZELLES IN THE WORKS SOMA DINATALE

This article touches on the subject of gazelles Soma Dinatale, one of the famous poets of Khatlon region. The author notes that when composing ghazals poet was guided by the classical Tajik-Persian traditions and customs. Appreciating the role and place of gazelles in the works of the poet, the author emphasizes that the Gazelle is a popular poetic genre of the poet.

Kev words: place, Sunnah, custom, tradition, Gazelle, literary genre, prose and poetry, ghazal, love theme, the lyrics, the themes of the poems of the poet.

Сведения об авторе: ***З.К Холикова*** – кандидат филологических наук,доцент, заведующая кафедрой таджикской литературы Кулябского государственного университета им.А.Рудаки.
Телефон: **(+992) 918-67-08-50. E-mail: zeinal_bibi@mail.ru**

МАТЬ В ВОСПОМИНАНИЯХ ЛЬВА ТОЛСТОГО

Г. Рустамова
Институт энергетики Таджикистана

«Вспоминаю о матери, которая
осталась для меня светлым идеалом».
Л.Н. Толстой

Слово мама является дорогим как слово Родина, Отчизна. Каждый человек с рождения и до смерти неустанно произносит это слово. Традиционно каждый год почти по всей планете отмечается день матери, подарившей стране ряд государственных, военных и известных деятелей в истории человечества. Хотелось бы рассказать о матери Льва Толстого, о которой у него остались смутные воспоминания, но духовный ее облик по рассказам близких людей писатель бережно хранил всю жизнь. Толстой спрашивал о маме своих родственников, слуг и близких друзей родителей, которые были написаны в записях и воспоминаниях. В статье использованы его дневники, труды исследователей, биография и творчество писателя. Напомним, что Л.Н.Толстой родился **28 августа (9 сентября) 1828 года** в имении Ясная Поляна, которое находится недалеко от российского города Тула. Лев Николаевич принадлежал к знаменитым дворянским фамилиям Толстых (со стороны отца) и Волконских (со стороны матери). Дворянские семьи всегда с особым вниманием относились к воспитанию своих детей. Ведь честь семьи и рода была главным приоритетом в их жизни, и дети должны были сохранить достоинство рода и сберечь традиции своей славной фамилии. Ясная Поляна со всеми своими лесами менялась в продолжении столетий. Говорят, ее называют Ясной потому, что здесь было много ясеней, и в самом деле, недалеко есть деревня Ясенки [4,12]. В большом саду, был затеян дом-дворец с каменными флигелями и с главным корпусом: низ каменный, верх деревянный, оштукатуренный. Каменные флигеля были построены, дом князь Волконский успел вывести только на высоту одного этажа. Дом перешел к его дочке, Марию Николаевне [4, 12].

Мария Николаевна Волконская родилась 10 ноября 1790 г. Родители Марии Николаевны—видный военный деятель Екатерининской эпохи князь Николай Сергеевич Волконский и его законная жена княгиня Екатерина Дмитриевна, урожденная княжна

Трубецкая. Е.Д.Волконская умерла в 1792 г., и отец Марии Николаевны, боевой генерал, оставил до времени малолетнюю дочь в семье родного брата своей покойной жены Ивана Дмитриевича Трубецкого. В известном всей Москве «доме-комоде» Трубецких на Покровке и в их подмосковном имении Знаменское прошло раннее детство Марии Николаевны. В 1799 г. генерал от инфантерии Волконский вышел в отставку и поселился с дочерью в своем имении Ясная Поляна Тульской губернии. Он занялся благоустройством имения и воспитанием единственной дочери, «которую сильно любил, но был к ней строг и требователен». Под руководством «умного, гордого и даровитого» отца учителя и гувернантки обучали Марию Николаевну немецкому, английскому, итальянскому языкам, французским, по ее собственным словам, она с пяти лет владела как родным. После смерти ее отца родственники принимали самое деятельное участие в устройстве судьбы племянницы. Так, в их доме в 1821 году состоялась сговор о свадьбе Марии Николаевны и ее дальнего родственника Н.И. Толстого. Двадцативосьмилетний граф Николай Ильич Толстой после кончины отца в 1821 году остался практически без средств. Хозяйство было полностью расстроено, и поправить положение могла только женитьба на богатой невесте. Выбор сделали родственники. Невеста была постарше и далеко не красавица, но умна, добра, образованна и хорошо воспитана. Расстроенные материальные дела семьи удалось поправить женитьбой на богатой Марии Николаевне Волконской. Она прототип княжны Марьи в романе «Война и мир», которая любит детей, уважает отца, сохраняет честь и достоинство семьи. Приданое в 800 душ в Тульской и Орловской губерниях сыграло не последнюю роль. Сговор состоялся 21 мая, а свадьбу назначили на 9 июля 1821 года [2, 506].

О ней в «Воспоминаниях» сказано: «Мать моя была… очень хорошо образована для своего времени. Она знала, кроме русского, четыре языка: французский, немецкий, английский и итальянский… хорошо играла на фортепьяно, и сверстницы ее рассказывали мне, что она была большая мастерица рассказывать завлекательные сказки, выдумывая их по мере рассказа».

У родителей писателя, Марии Николаевны и Николая Ильича, было 4 сына: Николай, Сергей, Дмитрий, Лев—и дочь Мария. «Раннее детство,- вспоминал писатель,- тот период, в котором всё освещено таким милым утренним светом, в котором все хороши, всех любишь, потому что сам хорош и тебя любят». Однако дети в семье Толстых рано осиротели: Мария Николаевна умерла в **1830 году,** Николай Ильич—**в 1837.** Ему не было тогда еще и двух лет, когда умерла мать. Толстой впоследствии бережно собирал и хранил в памяти всё, что удалось ему узнать о ней от родных. В «Воспоминаниях» он писал: «…всё, что я знаю о ней, всё прекрасно». Мария Николаевна обладала незаурядным творческим даром: была превосходной рассказчицей, сочиняла увлекательные волшебные истории и сказки, отлично музицировала, писала стихи и переводила. Нравственный и интеллектуальный облик родителей, их семейное счастье- вот то, что определяло особую атмосферу Ясной Поляны, где были заложены истоки чистоты нравственного чувства. Лев Николаевич по-разному вспоминал об отце и матери, хотя любил их как будто равно. Взвешивая свою любовь на весах, он окружал поэтическим ореолом мать, которую почти не знал и не видел. Но её нежный образ постоянно освещал его детство–о Марии Николаевне часто вспоминали и домашние, и слуги.

Ранние годы будущего писателя прошли в родовом имении и были вполне безмятежными. В отчасти автобиографической повести «Детство» Толстой писал: «Счастливая, счастливая, невозвратимая пора детства! Как не любить, не лелеять воспоминаний о ней? Воспоминания эти освежают, возвышают мою душу и служат для меня источником лучших наслаждений… Какое время может быть лучше того, когда дне лучшие добродетели–невинная веселость и беспредельная потребность любви–были единственными побуждениями в жизни». В «Детстве» главный герой и повествователь Николенька–добрый, любит мать, привязан к слугам, но в горе над гробом матери думает о том, как выглядит со стороны. Первые воспоминания были начаты 5 мая 1878 года и оставлены. В 1903 году Толстой, помогая Бирюкову, который писал биографию писателя для французского издания сочинений, снова пишет воспоминания детства. Лев Николаевич, возвращаясь в детство, анализирует не только появление сознания, но и трудность повествования: «Чем дальше я подвигаюсь в своих воспоминаниях, тем нерешительнее я становлюсь о том, как писать их. Связно описывать события и свои душевные состояния я не могу потому, что не помню этой связи и последовательности душевных состояний». Для писателя самое важное это связь событий и душевная логика их расположения, но он теряется в жизни и говорит: «Буду продолжать, как придется».

По воспоминаниям Толстого Николай Ильич–человек добрый, но малолитературный, дворянскую культуру в доме представляет Мария Николаевна, а гордость дома является бабушка Пелагея Горчакова. Мария Николаевна была сентиментальна, но решительна: со своими подругами, сестрами-англичанками, не только говорила о нежной дружбе, но и выдала их замуж, дав им приданое–одной пятьдесят тысяч, другой–семьдесят пять рублей. В воспоминаниях Льва Николаевича время детства окружено счастьем, но счастье только что было и прошло. Позже он пишет: «Во всех семьях бывают периоды, когда болезни и смерти еще отсутствуют и члены семьи живут спокойно.. Такой период, как мне думается, переживала мать в семье мужа до своей смерти…Никто не умирал, никто серьезно не болел, расстроенные дела отца поправлялись. Все были здоровы, веселы, дружны. Отец веселил всех своими рассказами и шутками. Я не застал этого времени. Когда я стал помнить себя, уже смерть матери наложила свою печать на жизнь нашей семьи».

Дом Толстых при Марии Николаевне был домом читающим. Она в письмах часто высказывала мысли, говорящие о том, что Руссо и Стерн ей известны и приучили ее к анализу отношений и к умилению перед добром. Но Мария Николаевна отличалась тем, что она делала так, как хотела, и свою доброту превращала в резкие поступки, которые казались другим людям причудами. Толстой писал: "Она представлялась мне таким высоким, чистым, духовным существом, что часто... я молился ее душе, прося ее помочь мне, и эта молитва всегда помогала много".

На мать был очень похож любимый брат Толстого Николенька: "равнодушие к суждениям других людей и скромность, доходящая до того, что они старались скрыть те умственные, образовательные и нравственные преимущества, которые они имели над другими людьми. Они как будто стыдились этих преимуществ". И еще одна удивительная черта привлекала Толстого в этих дорогих существах - они никогда никого не осуждали. Слуги вспоминали что, столкнувшись с несправедливостью, Мария Николаевна, бывало, "вся покраснеет, даже заплачет, но никогда не скажет грубого слова". Толстой любил свою героиню Наташу из романа «Война и мир» и маму прототип Марьи, любил каждую по-своему, хотя, Наташа была ему ближе. Но он им обеим подарил то, что считал самым главным для женщины,—семью. Ведь мечтали они об одном. Они, как все женщины на свете, желали любить и быть любимыми.

Самый дорогой в мире человек—это, конечно, мама. Ведь мама всегда нежна к своему ребенку, всегда внимательная. Кто знает, сколько боли и любви может вместить в себя материнское сердце! Сила материнской любви проявляется в преданности, вере, неразрывной связи со своим ребёнком. Особенно это возникает в переломные моменты жизни не только отдельной семьи, но и страны в целом. Каждый из нас много раз слышал о том, что материнская любовь может творить чудеса, совершать невозможное, преображать мир. Но чаще всего сила материнской любви–это тихое служение, внутренняя самоотдача, не требующая ничего взамен.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Л.Н. Толстой в воспоминаниях современников. В двух томах. - М., 1955. (изд. 2-е. 1960).
2. Руммель В.В. Родословный сборник русских дворянских фамилий / В.В. Руммель, В.В. Голубцов. –С-Петербург: Издание А. С. Суворина, 1887. - Т.2. - 929 с.
3. С.Л. Толстой. Мать и дед Л.Н. Толстого / С.Л. Толстой. - М.: 1928.
4. Шкловский В. Лев Толстой. Жизнь замечательных людей / В. Шкловский. -М.: Молодая гвардия, 1963. - С.12.
5. Л.Н. Толстой. Автобиографическая трилогия / Л.Н. Толстой. - М.: Детство, 1981.

МАТЬ В ВОСПОМИНАНИЯХ ЛЬВА ТОЛСТОГО

Статья посвящена самому дорогому человеку Льва Толстого - маме Марию Николаевне, которая умерла в молодости. Толстой впоследствии бережно собирал и хранил в памяти всё, что удалось ему узнать о ней от родных. Автором использованы дневники писателя, слова родных и близких, нравственный и интеллектуальный облик родителей, их семейное счастье.

Ключевые слова: прототип, Николенька, трилогия, биография, писатель, детство, счастье.

THE MOTHER IN MEMOIRS LEV TOLSTOY

Clause is devoted to the most expensive (dear) man Lev Tolstoy - mum Mariya Nikolaevna, which has died in youth. Tolstoy subsequently carefully collected and stored (kept) in memory, that it was possible to it(him) to learn(find out) about it(her) from native. The author uses diaries of the writer, word native and close, moral and intellectual shape of the parents, their family happiness.

Key words: the prototype, Nikolenka, trilogy, biography, writer, childhood, happiness.

Сведения об авторе:*Р.Г. Рустамова*–кандидат филологических наук, Институт энергетики Таджикистана г. Курган-Тюбе. Телефон: (**+992 372) 880-03-57**

ЗИНДАГИНОМАИ ШОИР МИРЗО ҚАДАМ

Г. Мирзораҳматова
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Ба ҷашни 70-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ бахшида мешавад

Мирзо Қадам аз ҷумлаи он адибонест, ки дар замони худ бо вуҷуди набудани шарту шароит ва имконоти зарурию мусоид барои мукаммал аз худ намудани илму ҳунар, бо ақлу заковат ва истеъдоди фитрӣ ва донишҳои дар назди домуллоҳои деҳотӣ аз бар намуда, тавонистаанд аз шахсони пешқадаму бофарҳанги ҷомеа гарданд. Мусаллам аст, ки чун қоида, аксари мутлақи ин зумра шахсиятҳо дар баробари доштани хату саводи динӣ, инчунин адибони шинохта низ будаанд ва бо асарҳои офаридаи хеш, миёни мардум маълуму машҳур ва соҳибэҳтирому писандида гардидаанд.

Аслан чи дар замони зиндагӣ ва ҳатто баъдҳо ҳам, шеъру ғазалу рубоию дубайтӣ ва дигар офаридаҳои ин адибон тавассути аз тарафи ҳунармандони халқӣ ба риштаи оҳангу мусиқӣ кашида ва сароида шуданҳо дар базму маъракаю ҷашнҳо, то ба имрӯз миёни доираи нисбатан маҳдуди мардум маълуму маҳбубанд. Ва аммо баъдан бо сабабҳои гуногуни маълуму номаълум бо мурури замон номи офарандаи аксари мутлақи онҳо барои доираи васеи наслҳои оянда номаълум монд.

Зиёда аз ин, дар сарчашмаҳои таърихию адабӣ (тазкираҳо), дар бораи ҳаёту фаъолияти адибони номашҳур ё маълумоти хеле ҳам каму ночиз оварда шудааст ё умуман маълумоте дода нашудааст.

Доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Қадам ибни Абдурраҳмон, ки аз зумраи шоирони пешқадаму соҳибдевони Роғи охирҳои асри 19 ва ибтидои асри 20 тоҷик аст, низ солҳои зиёд дар адабиётшиносии имрӯза тадқиқоте пурраю ҷиддӣ бурда нашуда буд. Хушбахтона, профессор Искандар Икромов ба ин кори хайру савоб ва барои илм арзишманд камари ҳиммат баста, дар натиҷаи кӯшишу заҳмати зиёд роҷеъ ба зиндагӣ ва осори Мирзо Қадам бисёр маълумоти пуразрзише дастрас намуданд.

Таърихи ба таҳқиқи ҳаёту фаъолияти эҷодии Мирзо Қадам даст задани И. Икромов қобили зикр аст ва мо онро мухтасаран меорем.

Номи шиорро муҳаққиқ бори аввал зимистони соли 1952 дар деҳаи Бадранг дар тӯйи хонадоршавии писари Шайдуллоҳ Исоев, тағои падари худ, шунида будааст. Дар он маъракаи хурсандӣ Абдушукури Ғафур бо писаронаш ҳофизӣ карда, табъи мардумро шод менамуданд. Махсуми Шакур бештари сурудҳоро бар матни Мирзо Қадам месароидааст. Ин сурудаҳо шавқу завқи Искандар Икромовро ба осори ин шоири номдори Роғ афзун менамояд ва ӯ билохира солҳои 80-уми садаи бист бо даст додани имконияти мусоид ба ин кори хайру муҳим, таълифи китобе дар бораи ҳаёту эҷодиёти Мирзо Қадам ва дигар шоирони Роғ камари ҳиммат мебандад.

Дар ин вақт хешовандону наздикони шоир, ки баъди муҳоҷирати соли 1954 дар колхози «Москва»-и ноҳияи Восеъ (ҳоло хоҷагии ба номи Лангарӣ Лангариев) истиқомат мекарданд ва муҳаққиқ пайи суҳбату ҷустуҷӯ ба онҳо рӯ меоварад. Дар ин кор ба олими ҷавон тағои падараш Ш. Исоев (1912-1999), ки дар деҳаи Навободи хоҷагии номбурда кору зиндагӣ мекард, ёрӣ мерасонад. Ҳамин тавр, дар деҳаҳои Гулобод ва Арпатӯкилдии н. Восеъ фарзандон ва хешу табори зиёди шоирро пайдо мекунанд. Аз Мирзо Қадам се писар – Абдулҳамид (1910-1987), Валӣ (1914-2006), Ҳабиб (1926-2007) ва набераю абераҳо боқӣ монда будаанд. Ба профессор И. Икромов падараш Икром ибни Нурмуҳаммад, ки шоирро шахсан дида будааст, нақл карда, ки рӯзи тӯйи арӯсӣ риштаи умри духтари Мирзо Қадам канда шуда будааст ва шоир дар ин мусибати бар сараш омада ғазале пур аз сӯзу гудоз иншо кардааст.

Зодгоҳи шоир қишлоқи Зордеҳи Роғи Бадахшон буда, то вақтҳои охир соли таваллудаш аниқ набуд. И. Икромов бо такя ба маълумоти писарони калонии Мирзо Қадам-Абдулҳамид ва Валӣ, ки 65 сол умр дидани ӯро ва соли 1935 вафот карданашро таъкид менамоянд, соли таваллуди шоирро 1870 муқаррар кардааст.

Ҳаёти бачагию наврасии шоир то синни 20-солагӣ, яъне то солҳои 1890 дар зодгоҳаш мегузарад. Ӯ аз синни ҳафтсолагӣ ба таҳсил машғул гашта, то понздаҳсолагӣ, аллакай, илмҳои асоситорини замонро аз бар менамояд. Қадам, чуноне ки он давра маъмулӣ буд, мисли аксар ҳамсолону ҳамсабақонаш ба омӯхтани ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камол, Саъдии Шерозӣ ва албатта, девони Мирзо Абдулқодири Бедил машғул мегардад.

Мавриди зикр аст, ки Қадам номи аслии шоир мебошад ва дар эҷодиёт низ ҳамин номро тахаллус намудааст. Ва азбаски шахси бомаърифат, саводнок ва хушнавис буд, мисли бисёр адибони он замон ба номаш Мирзо илова гардид. Ёдовар мешавем, ки номи падари шоир Абдурраҳмон буда, оқсақолии деҳаро бар зимма доштааст.

Аслан дар мавриди кучо будани ватани аслии роғиҳо дар илм ақидаҳо мухталифанд. Вале, бо ақидаи аксар муҳаққиқон тоҷикони Роғи Бадахшон аз зулму золимии ҳокимони афғон ба дод омада, дар солҳои 70-80 садаи XX аз соҳили чапи дарёи Панҷ ба соҳили рости он фирор намуданд [1].

Дар китоби пуразриши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки донандаи хуби таърихи халқи тоҷик аст, низ ба ҳамин нукта махсус ишора гаштааст: «Авастошиносон Рогро ба Райи Эрон нисбат додаанд, ки тамоман нодуруст мебошад. Рог асосан ҳамин Роғи Афғонистони кунунӣ аст» [2].

Ҳамин тариқ, бо амри тақдир ва тақозои рӯзгор мисли бисёриҳо аҳли хонадони Абдурраҳмон–падари шоир–низ аз ҷабру зулму золимии ҳокимони афғон, камии замини киштбоб тарки ватани аслии хеш менамояд. Воқеан, шояд таъсири ҳамин ноҳақию носозгориҳои чи дар он тарафи дарёи Панҷ ва чи дар ин тарафи он бо чашми сар дидаи Қадам буда, ки дар ашъори баъдинаи худ зулму золимиро маҳкум намуда, муътақид бар он аст, ки поёни шаби сияҳ сафед аст.

Ҳар чи дидӣ, эй Қадам, з-ин ҳоли гардун ғам махӯр,
З-он ки охир хонаи зулмро фано мебинам.

Дар ин тарафи дарёи Панҷ ҳаёту таҳсил ва эҷодиёти Мирзо Қадам, асосан дар деҳаи Аҳмади поёни ноҳияи Шӯрообод ҷараён мегирад. Чун шоири ҷавон дар илмомӯзӣ шавқу завқи беандоза дошт, дар деҳаи Аҳмади поён назди охуни Саид ба сабақгирӣ мепардозад. Баъдан, чанд муддати дигар дар мадрасаи деҳаи Сари Намаки ноҳияи Шӯрообод таҳсилро идома медиҳад.

Ҳамин шавқу завқи беандоза ба илму дониш, кӯшишу ғайрат ва истеъдоди фитрӣ буд, ки Мирзо Қадам дар натиҷаи таҳсил ва худомӯзӣ дониши васеъ ва ҳаматарафа ҳосил намуда, дар илми фалсафа, ҳикмат, таърих, тасаввуф, адабиёт ба қадри имкон муваффақ мегардад.

Пешаи асосии Мирзо Қадам деҳқонӣ ва боғдорӣ будааст, вале барои таъмини эҳтиёҷоти рӯзгор ба мардикорӣ низ даст зада, чанд муддат дар итоати ҳокими Хован (Афғонистон) ба тиллокобӣ машғул шудааст. Албатта, ин кор аз ноилоҷӣ буд, зеро кори деҳқониаш ба мисли дигар меҳнаткашони оддӣ чандон омад намекард ва қасд кардагӣ барин, ҳамон ҳосили бо заҳматҳо рӯёндаашро доимо сари вақт ҷамъоварӣ карда наметавонисту он аз номусоидии боду ҳаво талаф меёфт. Шоир ин ҳолати вазнину сангини худ ва дигар деҳқононро дар «Хирманкӯбӣ» ном шеъраш устокорона ба қалам додааст.

Чунин аҳволи вазнин ва зиндагии пурмушкила Мирзо Қадам барин шахси бомаърифату адиби миёни мардум маълуму номдорро низ маҷбур месозад аз давлатманде якчанд танга қарз гирад. Аммо ҳини адои он ҳамагӣ як тангааш намерасад ва Маҳмадрасул–ҳамон қарзхоҳи мумсик, дар ҳама ҷо шоирро айб кунонда адои қарзро талаб мекунад. Ва Мирзо Қадам дар чанд ҷойи ашъораш, бахусус, дар яке аз шеърҳояш, ки ҳаҷман калон аст, дар мисоли ҳамон бойи деҳа хасисиву мумсикии сармоядорони замона, масъалаи қарзу қарздориро маҳкуму мазаммат менамояд.

Аз мутолиаи ашъори Мирзо Қадам бармеояд, ки ӯ дар баробари бомаърифатӣ «шахси меҳнатӣ, хоксору оддӣ, хушсуҳбат, зиндадилу ҳаётдӯст, ҳозирҷавоб ва маҳфилоро буда, назар ба маълумоти писарону хешовандон ва дӯстонаш бадеҳатан шеър мегуфтааст» [3].

Чун Мирзо Қадам шоири дарборӣ набуд ва дар зодгоҳаш Зордеҳи Бадахшону ҷойи баъдинаи истиқомати доимиаш деҳаи Аҳмади поёни ноҳияи Шӯрообод умр ба сар бурдаву таҳсилу эҷод намудааст, мисли дигар адибони ҳамқисмати худ бисёр паҳлӯҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсии замона ва мардумро дар чакидаҳои хомааш беҳтару хубтар ва бе дурӯғу риёкорӣ ва дурӯягӣ ба риштаи назм кашидааст.

Масалан, дар яке аз ғазалҳои девони ашъори Мирзо Қадам, ки бо саъю кӯшиши профессор И. Икромов рӯйи чопро дида, ба дасти хонандаи имрӯз расидааст, чунин баён гардидааст:

Бишнав ғазале, ки соли ҳирмон омад,
Айёми баҳору барфу борон омад.
Айёми баҳору сайри гулҳои чаман,
Чукрӣ бигзашт, вақти торон омад.

Мебуд сана ҳазору сесад чилучор,
Соли Бақару Паланг пас аз он омад
Ногоҳ малаке зи осмон кард нузул,
Бо амри илоҳӣ наҳси гӯён омад…
Мардум ҳама дар ба дар шуд аз бенонӣ,
Бо шоҳу гадо ҳоли парешон омад…
Соҳибҳунарон ба навъе карданд гузарон,
Ба беҳунарон ҳалокати ҷон омад…
Ҳар рӯз гадо бар дару боми касон,
Бо оҳи ҳазину чашми гирён омад…

Ин ғазали калонҳаҷми шоир ба гуруснагии солҳои 1925-1926, ки ба сари мардуми нодору бенаво омада буд, бахшида шудааст ва адиб нонро беҳтарин неъмати дунё ва асоси зиндагӣ ҳисобида, ин ғазали калонҳаҷмро бо байти зерин:

Ёдовари халқи ин ҷаҳон гуфт Қадам,
Сармояи айш ҷумла аз нон омад.

ба итмом мерасонад.

Чун Мирзо Қадам худ деҳқон буд ва ризқу рӯзии рӯзгорро аз ҳамин пеша дармеёфт, ба қавли И. Икромов ӯ «саногӯйи марди деҳқон аст» ва «мисли Носири Хисрав дар васфи деҳқонон ва меҳнати кишоварзон беҳтарин ва гуворотарин шеър иншо кардааст»:

Ба номи холиқе ҳамчун бародар ҳар кӣ деҳқон аст,
Дилаш пок аз кудуратҳо, ба рӯяш нури имон аст.
Камоли баҳри тавфиқаш бад-ин олам намеғунҷад,
Зи дасти пурҷафои ӯ ҳазорон хайру эҳсон аст…
Ҳама шоҳу гадоёнро бидидам бар дару бомаш,
Ҳама шайхону олимҳо дуогӯяндаи он аст…
Шунидам ман зи устодам, ки он аз пири худ бишнид,
Ки нуре бар сари деҳқон шабонарӯз ҷӯён аст.
Ба давлатхонаи деҳқон ҳазорон гар шавад меҳмон,
Дилаш ғунҷоише дорад, ба ҳар як рӯ хандон аст.
Илоҳо, бар мани мискин бибахшо роҳи деҳқонӣ,
Ки шояд дарбиёбам ман аз он ганҷе ба деҳқон аст.
Қадам дар васфи деҳқонон чӣ лоиқ дур сухан гуфтан,
Ки деҳқонро худо додаст, чандин ганҷ пинҳон аст[4].

Мирзо Қадам, ки таҳсили илмро асосан назди домуллоҳои босавод ва мадраса кардааст ва марди хеле ҳам ботақво будааст, наметавонист дар эҷодиёти хеш ба мисли ҳама адибони адабиёти тоҷику форс ба мавзӯоти панду ахлоқӣ рӯй наоварад.

Ба гуфти худи шоир:

Ҳар байти Қадам бувад насиҳат,
Гар гӯш надорӣ, хуш набошад.

Ва махсус қайд бояд кард, ки дар эҷодиёти шоир тарғибу ташвиқи зарурати маърифатнокӣ, илмомӯзӣ, хушахлоқӣ, касбу ҳунареро аз худ кардан мавқеи хоса дорад.

Аз Мирзо Қадам се девони дастнавис боқӣ мондааст. Яке аз ин нусхаҳо дастнависи худи ӯ мебошад. Шоир дар охири умр ба бемории фалаҷ гирифтор шуда, бо вуҷуди дуруст кор накардани дасту по ба мураттабсозии девони ашъори худ шурӯъ менамояд. Сабаби дар девони хеш дар вазну қофия ба як қатор беэътиноиҳо роҳ додани Мирзо Қадамро профессор И. Икромов маҳз дар ҳамин беморӣ ва шитобкории муаллиф мебинад. Нусхаи мазкур, ки бо хатти хоною зебо мураттаб гардидааст, чандин сол дар дасти писари Мирзо Қадам Абдулҳамид будааст, айни замон дар дасти яке аз набераҳои ӯст. Писари дуюми шоир Валӣ маҳз аз рӯйи ҳамин нусхаи асл барои худ дафтаре иборат аз 96 варақ тартиб дода будааст.

Нусхаи дигари девони ашъори шоир, ки низ аз рӯйи дастнависи худи Мирзо Қадам аксбардорӣ шудааст, дар дасти профессор И. Икромов мебошад. Муҳаққиқ ин нусхаҳоро муқоиса намуда, ба хулосае меояд, ки байни онҳо чандон тафовуте нест. «Девони ашъори Мирзо Қадам аз шаклҳои шеърии ғазалу қитъа ва рубоӣ иборат буда, дар якҷоягӣ 1747 байтро ташкил медиҳад. Муаллиф дар зимни ин як қатор қисса ва ривоятҳои диниро низ ба назм даровардааст. Вале на ҳама шеърҳои Мирзо Қадам ба девони ӯ дохил шудаанд» [5].

Аз ин хотир, муҳаққиқ профессор И. Икромов тадқиқотро сари мавзӯи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Мирзо Қадам ва гирд овардани мероси адабии ӯ ҷиддан идома медиҳад ва муваффақ ҳам мешавад. Ӯ тирамоҳи соли 2007 дар як маъракаи

хешовандон дар деҳаи Хоҷағалтони ноҳияи Шӯрообод аз ҳоҷӣ Талаб мефаҳмад, ки дастнависи мунтахаби ашъори Мирзо Қадамро дар даст дорад. Аз рӯйи нақли ҳоҷӣ Талаб аслан шодравон Мирзо Арбобов ном шахс, ки ба кори савдо машғул будааст ва бо ҳоҷӣ хешутабор будааст, ният доштааст, ки осори Мирзо Қадамро аз ҳисоби худаш омода ва чоп намояд. Мавсуф бо ин мақсад ба қадри имкон осори шоирро ҷамъоварӣ ва бо кӯмаки шахси то ҳол номаълум дар шакли мунтахаб мураттаб сохтааст. Вале ӯ мақсадашро амалӣ нокарда, соли нооромии 1992 ба таври фоҷиавӣ кушта мешавад.

Ҳамин тавр, бо тақозои тақдир ин мунтахаби ёдрасгаштаи шоир аз хонаи Мирзо Арбобов дар шаҳри Кӯлоб ба дасти ҳоҷӣ Талаб меафтад. Вале, аз боиси камбизоатӣ ҳоҷӣ низ онро чоп карда наметавонад ва бо нияту умеди нек мунтахаби ашъори Мирзо Қадамро ба муҳаққиқ И. Икромов тақдим менамояд.

Хулоса, муҳаққиқ аз чунин ранг гирифтани кор хурсанд шуда, ба омӯзиш ва муқоисаи мунтахаб бо нусхаи дастнависи девони шоир машғул мешавад. Маълум мешавад, ки дар мунтахаб баъзе шеърҳо нодуруст рӯйбардор шуда, дар вазну забони онҳо камбудиҳо роҳ ёфтаанд. Бо вуҷуди он ки аксари шеърҳои дар мунтахаб овардашуда дар нусхаи асли девони шоир мавҷуд буданд, чанд муаммо, чистонҳо, як номаи манзум ва чор рубоии тозае пайдо гардид, ки дар девони дастнависи шоир мавҷуд набудаанд.

Профессор Искандар Икромов дар натиҷаи кӯшишу заҳмати зиёд барои адабиёт хизмати арзандае карда, тавре худ иброз медоранд, бо кӯмаки Шерхон Ватанов ва Аҳмад Ализода девони ашъори Мирзо Қадамро ба алифбои имрӯза баргардонид ва бо теъдоди 500 нусха рӯйи чоп оварда, пешкаши аҳли илму адаб ва ҳаводорони адабиёти оламшумули тоҷик гардонид.

Мирзо Қадам дар қатори Муҷрим, Мухлис ва Мисраъ аз ҷумлаи он шоирони ҳамдавронаш мебошад, ки соҳибдевон буданд. Вале, сермаҳсулии Мирзо Қадамро он чи далолат медиҳад, ки ба ғайр аз девони ашъор доштан китоби насрии «Қасас-ул-анбиё»-ро, ки таърихи ҳаёти пайғамбаронро аз давраи қадим то пайдоиши пайғамбари ислом Муҳаммад (с) дар бар мегирад, ба риштаи назм кашидааст. Хушбахтона, аз «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам се нусха ба мо омада расидааст, ки яке аз онҳо нусхаи асл буда, дар дасти писари шоир Валӣ будааст. Алҳол ин нусхаи нодир ва пуразриш дар дасти писари Валӣ Муслим маҳфуз буда, бо вуҷуди пурра дастрас нашудан, ҳаҷман хеле калон аст ва тақрибан чаҳор ҳазор байтро дар бар гирифтааст.

Шоир ҳангоми ба назм даровардани «Қасас-ул-анбиё»-и мансур, ки борҳо нашр шудааст, ҳамчун як шахси бомаърифат ва рӯзгордида бисёр ақидаҳои тарбиявӣ-ахлоқиро дар хусуси тарғиби некию накӯкорӣ, ростӣ, адлу инсоф ва раъиятпарастию инсондӯстӣ, мазаммати бадию мунофиқӣ, зарари шаробу бадмастӣ, зулму золимӣ, савобияти бахшиши гуноҳ ва амсоли инҳоро ба қиссаю ривоятҳо ворид сохтааст.

Ин асари нодир бо кӯшишу заҳматҳои беандозаи устодони Донишгоҳи давлатии Кӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав профессор Искандар Икромов ва саромӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ Шерхон Ватанов аз нусхаи асл ба хатти сириллик соли 2010 бо теъдоди 500 нусха тариқи КВД табъу нашри «Кишоварз» ба табъ расида, пешкаши мухлисони назми классики форсу тоҷик гардид.

Тавре ишора шуд, Мирзо Қадам ҳамагӣ 65 сол умр дида, дар соли 1935 бар асари беморӣ аз олам даргузаштааст. Маднабӣ, писари калони шодравон Абдулҳамид (1910-1987) дар суҳбат бо муҳаққиқи ҳаёту эҷодиёти шоир И. Икромов гувоҳӣ додааст, ки қабри бобояш дар қисмати чапи деҳаи Аҳмади Поён, дар ҷойи хушманзаре воқеъ гардидааст. Ҳамсари шоир Тоифамо соли 1952 вафот кардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Богорад Ю.И. Рогские говоры таджикского языка. АКД / Ю.И. Богорад. - Л., 1953. - С.6.
2. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум (аз Ориён то Сомониён) / Э.Ш. Раҳмонов. - Лондон, 1999. - С.40.
3. Икромов Искандар. Шоирони Роғи охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX тоҷик. Бахши аввал / Искандар Икромов. - Душанбе, 2008. - С.17.
4. Ганҷҳои нуҳуфта / мураттиб Искандар Икромов. - Душанбе: Кишоварз, 2006. - 105 с.
5. Ҳамон ҷо: - С.29.
6. Ҳамон ҷо:- С.34.
7. Абибов А. Доираи адабии Бухорои шарқӣ (асри 19 ва ибтидои 20) / А. Абибов. - Душанбе: Дониш, 1984.
8. Абибов А. Ганҷи парешон / А. Абибов. - Душанбе: Ирфон, 1984. - 239 с.
9. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри 18 ва аввали асри 19, қисми дуюм / зери таҳрири Расул Ҳодизода. – Душанбе: Дониш, 1989.
10. Ганҷи парешон / тадқиқоти А.Ҳабибов. - Душанбе: Ирфон, 1984.
11. Қасас-ул-анбиё (мансур). - Душанбе: Ориёно,1991. - 400 с.

12. Девони Мирзо Қадам / мураттиб Искандар Икромов. - Душанбе: Кишоварз, 2009. - 184 с.
13. Мероси адабии шоирони Роғи охирҳои асри 20 / мураттиб: Икромов Искандар. - Душанбе: Кишоварз, 2010. - 336 с.

БИОГРАФИЯ ПОЭТА МИРЗО КАДАМА

Статья посвящена краткой биографии представителя литературного круга области Рога Мирзо Кадам, чья жизнь и творческая работа все еще достаточно не изучены.

Ключевые слова: жизнь, жестокость, школа-медресе, исследование, создание, судьба, выбранная, Диван (обзор стихов), родина, семья, тема

BIOGRAPHY OF POET MIRZO KADAM

The article is devoted to the Curriculum Vitae of the representative of Rogh Region's Literature circle Mirzo Kadam, whose life and creative work is not still learned enough.

Key words: life, cruelty, madrasa, study, Creation, destiny, chosen, devon (the digest of poems), motherland, family, theme.

Сведения об авторе: ***Г.Мирзорахматова*** - ассистентка кафедры методика обучения таджикского языка и литературы Кулябского государственного университета им.А. Рудаки

МЕРОСИ ГАРОНБАҲОИ АДАБИИ СӮҲРАВАРДӢ

М. Исмоилова
Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар шаҳри Хӯҷанд

Аз Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ теъдоде аз осори ирфонӣ ва фалсафӣ ба ёдгор мондааст, ки дар онҳо муҳимтарин масоили ирфонӣ, хосса аркон ва ақволу афкори ҳикмати ишроқ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳарчанд ки на ҳамаи ин осор то замони мо расидаанд ва аз бархеи онҳо танҳо дар феҳрастҳо ном бурда шудааст, аммо ҳамин ишороти асомии кутуб таъкид бар он мекунад, ки новобаста аз фосилаи кӯтоҳи умр Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ ба офаридани мероси гаронбаҳои ирфонӣ ва фалсафӣ муваффақ гардидааст, ки номи ӯро дар саҳифаҳои абадият рақам задаанд. Бештари осори Сӯҳравардӣ фарогири он ақоиде ҳастанд, ки дар давоми зиндагонии худ баён дошт ва мавриди тардиду гумонҳои ашхос дар мавриди пайванд ба ақоиди мазоҳиби тоисломӣ қарор гирифта, мунтаҳо кушта шуд. Аммо, вуҷуди ин осор чеҳраи Сӯҳравардиро на танҳо ҳамчун ориф, балки як нависандаи соҳибноме муаррифӣ мекунанд, ки дар густариши насри ирфонӣ ва фалсафӣ бо забонҳои форсӣ ва арабӣ нақши муассир гузоштааст. Шумораи куллии осори вай дар феҳристҳо 50 адад зикр шудааст. Нигоштаҳои Шаҳобиддини Сӯҳравардиро аз лиҳози мазмуну муҳтаво ва вижагиҳои дигар метавон ба панҷ бахш қисмат намуд:

1. Осори таълимӣ ва назарӣ, ки ба ин гурӯҳ чаҳор китоби ӯ шомил ҳастанд. Ин чаҳор китоб асосан ба забони арабӣ нигошта шуда, иборатанд аз: «Талвеҳот», «Муқовимат», «Мутореҳот» ва «Ҳикмати ишроқ». Дар ин осор асосан афкори фалсафии Сӯҳравардӣ шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Нахуст он ақоиде ҷой доранд, ки вай дар шарҳи фалсафаи машшоъ нигошта буд. Ҳамчунин дар се асари аввалӣ маҷмӯи тағироте низ ҷой доранд, ки ба фалсафаи Арасту ворид намудааст. Дар китоби «Ҳикмати ишроқ», ки маъруфтарин асари Сӯҳравардӣ ба шумор меравад, асосан шарҳу тавзеҳи ҳикмати Ишроқ ва таълимоти мактаби ишроқия ҷой доранд, ки худи Сӯҳравардӣ бунёдгузори ин мактаби ирфонӣ ба шумор меояд.

2. Рисолаҳои кӯтоҳе ба забонҳои форсӣ ва арабӣ, ки дар онҳо маводи чор китоби қаблан мазкуршуда ба сурати мухтасар ва забони содаву равон тавзеҳ шудаанд. Расоили мазкур инҳоянд: «Ҳаёкил-ун-нур», «ал-Алвоҳ ул- маъодия», ки ба Имомуддин эҳдо шудааст. Ин ду рисола ҳам ба забони арабӣ ва ҳам ба форсӣ навишта шудаанд. Рисолаҳои дигари мансуб ба ин гурӯҳ «Партавнома», «Фи эътиқод ул-ҳукамо», «ал-Ламаҳот», «Яздоншинохт», «Бӯстон-ул-қулуб» мебошанд. Дар мавриди ду рисолаи охир тардид ҷой дорад, аксари муҳаққиқон онҳоро ба Айнулқуззоти Ҳамадонӣ ва Саид Шарифи Ҷурҷонӣ мансуб медонанд. Адабиётшиноси тоҷик Носирҷон Салимов ҳам онро ба Айнулқуззот тааллуқ медиҳад, аммо муҳаққиқи рӯзгору осори Сӯҳравардӣ Абдурафеи Ҳақиқат бо такя ба манобеи муҳим тахмин мезанад, ки эҳтимоли бештар он аст, ки аз худи Сӯҳравардӣ бошад. Аммо дар феҳристе, ки Шаҳрӯзӣ ва Ҳилмут Риттер осори Сӯҳравардиро зикр кардаанд, рисолаи «Бӯстон-ул-қулуб» зери рақами 10 омадааст, вале зикри «Яздоншинохт» ба назар намерасад. Пас, ба эҳтимоли қавӣ ва бо такя ба ин иттилоот метавон аз ин назар истиқбол намуд, ки ин рисола ба Сӯҳравардӣ тааллуқ надошта, балки ба Айнулқуззот мансуб аст. Чун Шаҳрӯзӣ аз шогирдони худи

Сӯҳравардӣ аст, ки ин иттолоотро бо такя ба замони зиндагонии вай мазкур сохтааст.

3. Ҳикоёте рамзӣ ва асрорӣ, ки онҳоро достонҳое низ шуморидаанд, ки дар онҳо аз сафари нафас дар маротиби вуҷуд ва расидан ба растагорӣ ва ишроқ сухан рафтааст. Тамомии расоили шомил ба ин гурӯҳ ба забони форсӣ ба қалам омадаанд ва баъзеро худи Сӯҳравардӣ дар айёми зиндагониаш ба арабӣ низ тарҷума кардааст. Ин осорро метавон чунин зикр намуд:

«Ақли сурх», «Овози пари Ҷабраил», «ал- Ғурбат ул- ғарбия», «Луғати мӯрон», «Рисолаи фи ҳолат ит-туфулиятӣ», «Рӯзе бо ҷамоати сӯфиён», «Рисола фӣ меъроҷ», «Сафири симурғ».

4. Таҳриру тарҷума ва шарҳу тафсирҳое, ки Сӯҳравардӣ ба кутуби фалсафии қадимтар, китоби муқаддаси Қуръон ва аҳодиси паёмбар навиштааст. Ба ин гурӯҳ осори зайл шомиланд:

«Тарҷумаи форси «Рисолат-ат-тайр»-и Абӯалӣ ибни Сино

«Шарҳе бар «Ишорот»-и Сино»

«Рисолаи фи ишқ», ки бар асоси рисолаи «Фи Ишқ»-и Абӯалӣ ибни Сино навишта шудааст.

«Тафсирҳое бар чанд оят аз Қуръони Маҷид ва аҳодиси паёмбар».

5. Дуоҳо ва муноҷотномаҳое ба забони арабӣ, ки Сӯҳравардӣ онҳоро «ал-Воридот ват-тақдисот» номидааст.

Ҳамин гуна, аз ин матолиб равшан мегардад, ки осори фаровоне аз Сӯҳравардӣ дар ду забон боқӣ мондааст, ки бештар масоили фалсафӣ ва ирфонӣ дар онҳо таҷассум шудаанд. Ҳарчанд осори Сӯҳравардиро 50 адад зикр намудаанд, аммо Шаҳрӯзӣ шогирди худи шайхи Ишроқ дар феҳристе, ки дар китобаш овардааст, 44 адад аз ин кутубро бо шарҳи мухтасар зикр намудааст, ки Ҳилмут Риттер бо афзудани се китоби дигар онро ба 47 расонидааст. Бо такя ба ин ки Шаҳрӯзӣ бахше аз ин ашъори мутафарриқаи арабӣ, қасоид, номаҳо ва суханони манзуму мансури Сӯҳравардиро аз феҳристи худ берун донистааст, метавон ба ин назар расид, ки шояд дар ҳақиқат теъдоди осори Сӯҳравардӣ ҳамон ба панҷоҳ бирасад. Агар ки Шаҳрӯзӣ дар феҳристи худ 44 ададро зикр карда, Риттер бар асоси ҳамин нигоштаҳои берун аз феҳристи Шаҳрӯзӣ ба он се китоби дигар афзудааст ва бо такя ба ҳамин равиши кори Риттер метавонем мо ҳам биафзоем, ки шояд осори ба феҳристи куллии мероси Сӯҳравардӣ шомил нагардида, бо ҳам мавҷуд бошад.

Ҳамин гуна, бар асоси феҳристҳои мазкур, ки ба замони зиндагонии Сӯҳравардӣ пайванд мегиранд, феҳристи мукаммали осори Сӯҳравардиро бо тартиб ва шарҳи зайл метавон оварда:

1. «ал- Машореъ-вал-мутореҳон», дар мантиқ,табиият, илоҳиёт.

2. «ал-Талвеҳот».

3. «Ҳикмат-ул-ишроқ». Дар ду бахш навишта шудааст. Қисмати аввал дар се мақола роҷеъ ба мантиқ, бахши дувум дар илоҳиёт дар мақола. Тавре мазкур шуд, ин китоб муҳимтарин таълифи Сӯҳравардӣ мебошад ва мазҳабу масолики фалсафии ӯро ба хубӣ равшан менамояд. Китоби номбурда тавассути донишманди маъруфи эронӣ Доктор Саид Ҷаъфари Саҷҷодӣ ба забони форсӣ тарҷума шуда, бори аввал соли 1355 тавассути интишороти Донишгоҳи Техрон ба дасти чоп расид.

4. «ал-Ламаҳот», китоби мухтасарест, ки роҷеъ ба се фан аз ҳикмат: табиият, илоҳиёт ва мантиқ баҳс мекунад. Ҷанбаҳои илмӣ дар насри ин китоб қавӣ буда, бештар онро ба намунаи осори мансури насри фалсафӣ шомил месозад.

5. «ал-Алвоҳ-ул-маъод». Рисолае аст, ки дар бораи донишҳои ҳикмат ва истилоҳоти фалсафаи баҳс мекунад.

6. «ал-Ҳаёкил-ун-нурия ё Ҳаёкил-ун-нур». Китоби мазкур фарогири андешаву афкор ва назарияҳои фалсафӣ маҳсуб меёбад, ки дар меҳвари онҳо таълимоти маслаки ишроқӣ қарор доранд. Нахустин бор китобро Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ ба забони арабӣ ба қалам оварда, пасон худаш ба забони форсӣ ин китобро тарҷума намуд.

7. «ал- Муқовимат». Рисолаи мухтасаре мебошад, ки Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ онро Мулҳақоте бар китоби дигаре аз худ «ат-Талвеҳот» номгузорӣ кардааст.

8. «ар-Рамз ул-мумӣ» (рамзи мумӣ) Унвони ин китоб танҳо дар феҳристи Шаҳрӯзӣ омадааст ва дар пажӯҳишоти баъдии марбут ба Сӯҳравардӣ номе аз китоби мазкур бурда нашудааст. Маълум мешавад, ки мукаммалан матни ин китоб то замони мо нарасидааст ва аз мавҷудияти чунин китоб ва тааллуқи он ба Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ, танҳо аз рӯйи ҳамин феҳристи шогирди вай-Шаҳрӯзӣ иттилоъ ба даст метавон оварда.

9. «ал- Мабдаъ в-ал-маъод». Ин китоб бо забони форсӣ навишта шудааст ва дар мавриди он низ танҳо аз феҳристи Шаҳрӯзӣ маълумот ба даст овардан мумкин аст. Равшан мешавад, ки матне аз ин асар низ дастрас намебошад.

10. «Бӯстон-ул-қулуб». Ин китоб ба сурати мухтасар дар мавриди ҳикмат ба қалам омада, Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ онро барои гурӯҳе аз пайравон ва ёрони тобеъи мактаби худ ба забони форсӣ ҳангоми сукунаташ дар Исфаҳон ба қалам овардааст.

11. «Туроқ-ул-анвор». Китоби мазкур низ асосан дар феҳристи Шаҳрӯзӣ мазкур аст, аммо дар феҳристи Ҳилмут Риттер ба ин китоб ишорат нарафтааст. Маълум мегардад, ки ин асар ҳам то замони мо нарасидааст ва ба шумори осори мафқуди Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ шомил аст.

12. «ат-Танқеҳот фи усул». Китоби номбурда ҳам, асосан дар феҳристи Шаҳрӯзӣ омадааст, вале Ҳилмут Риттер низ аз ин асар ёд накардааст ва ин китоб ҳам то замони мо комилан нарасидааст.

13. «Калимат-ут-тасаввуф». Шаҳрӯзӣ дар феҳристи хеш китоби мазкури Сӯҳравардиро бо ҳамин ном овардааст, аммо Ҳилмут Риттер аз он бо номи «Мақомот ул-сӯфия» ёд мекунад. Аз осори муътабари Шайхи Ишроқ дар баёни афкори ирфонӣ маҳсуб мешавад.

14. «ал-Бориқот-ул-илоҳият». Дар феҳристи Шаҳрӯзӣ ҳамчун асари Сӯҳравардӣ ёд шудааст, аммо дар кутуби баъдӣ хабаре аз он мавҷуд набошад ва Риттер ҳам аз бурдани номи китоб иҷтиноб варзидааст.

15. «ан-Нафаҳот-ус-самовия». Ин китоб ҳам дар феҳристи Шаҳрӯзӣ ҷой дорад, аммо Ҳилмут Риттер дар феҳристи хеш аз ин китоб зикр накардааст ва маълум мешавад, ки осоре аз ин рисолаи Сӯҳравардӣ ҷуз номи он то замони мо нарасидааст.

16. «Лавомеъ-ул-анвор».

17. «ар-Рақам-ул-қудсӣ».

18. «Иътиқод ул-ҳукамо».

19. «Китоб-ус-сабр». Исми ҳар чаҳоре аз ин кутуби мазкур дар феҳристи Шаҳрӯзӣ омадааст, аммо дар феҳристҳои минбаъда дида намешаванд.

20. «Рисолат-ул-ишқ». Дар феҳристи Шаҳрӯзӣ номи китоби мазкур ба ҳамин шакл омадааст, аммо Ҳилмут Риттер онро бо номи «Мунис ул-ушшоқ» ёд кардааст, ки ба забони форсӣ таълиф шудааст. Дар кутуби баъдӣ ҳам бо ҳамин ном маъруфият дорад ва ҳатто шарҳҳое ҳам ки бар ин китоб навишта шудаанд, ҳам асаре бо номи «Мунис-ул-ушшоқ»-и Сӯҳравардӣ нигошта шудаанд.

21. «Рисола дар ҳолати туфулият». Аз расоили форсии Сӯҳравардӣ мебошад, ки Шаҳрӯзӣ аз он ёд кардааст ва аммо дар феҳристи Ҳилмут Риттер аз ин китоб ном бурда нашудааст.

22. «Рисолат-ул-меъроҷ». Ин рисола ҳам ба забони форсӣ ба қалам омадаст ва асосан дар феҳристи Шаҳрӯзӣ зикр шудааст.

23. «Рисолаи рӯзе бо ҷамоати сӯфиён». Яке аз расоили форсии Сӯҳравардӣ буда, асосан Шаҳрӯзӣ исми онро ном бурдааст. Дар Риттер аз ин китоб ёд нашудааст.

24. «Рисолаи ақл». Ба забони форсӣ ба қалам омадааст ва аз рӯйи феҳристи Шаҳрӯзӣ мавҷудияти чунин китобе ба қалами Сӯҳравардӣ собит мешавад.

25. Шарҳи рисолаи «Овози пари Ҷабраил» Рисолае ба забони форсӣ мебошад, ки намунаҳое аз он то замони мо расидааст.

26. «Рисолаи партавнома». Ба забони форсӣ дар боби ҳикмат навишта шудааст. Дар ин рисолаи мухтасар Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ шарҳу тавзеҳи бархе аз истилоҳоти фалсафиро ҷой додааст, ки ин машруҳот ба қалами худи вай тааллуқ доранд.

27. Рисолаи «Луғати мурон». Фарогири маҷмӯаи достонҳои рамзӣ мебошад, ки Сӯҳравардӣ ба забони форсӣ нигошта, дар он масоили ирфонӣ ва фалсафӣ баррасӣ шудаанд.

28. Рисолаи «Ғурбат-ул-ғарибият». Дар феҳристи Шаҳрӯзӣ рисолаи мазкур ба ҳамин ном омадааст, аммо Ҳилмут Риттер андаке дигартар ба сурати ал-Ғурбат ул-ғарибият овардааст. Рисола фарогири достоне мебошад, ки бо забони арабӣ, бо забони рамзу роз ба қалам омада, сарчашмаи таълифи он рисолаи «Ҳай ибни Яқзон»-и Абӯалӣ ибни Сино маҳсуб меёбад. Ба ҳамин хотир аст, ки шеваи нигориши ҳар ду асар ба ҳамдигар шабоҳат пайдо кардаанд.

29. «Рисолаи сафири мурғон», ки бо забони форсӣ ба қалам омадааст.

30. «Рисолат-ат-тайр». Дар феҳристи Шаҳрӯзӣ номи ин асари Сӯҳравардӣ ба ҳамин шакл омадааст, аммо Ҳилмут Риттер шояд бо такя ба муҳтаво ва мазмуни китоб онро «Тарҷумаи рисолат ат-тайр»-и Абуали ибни Сино зикр намудааст. Аз ин

иттилоъ равшан мегардад, ки ин рисола тарҷумаи форсии Рисолат ат-тайри ибни Сино будааст, ки ин корро Сӯҳравардӣ шахсан ба анҷом расонидааст.

31. Рисолаи «Тафсири оёт мин китобуллоҳ ва хабари ан Расулуллоҳ». Ин рисоларо Шаҳрӯзӣ ёдовар шудааст ва аммо дар феҳристи Ҳилмут Риттер аз он ном нест.

32. «Ат-тасбеҳот ва даъавот ул-кавокиб». Дар феҳристи Шаҳрӯзӣ зикри китоб рафтааст.

33. «Адъияти мутафарриқа». Аз рӯйи феҳристи Шаҳрӯзӣ мавҷудияти ин асар мушаххас мешавад.

34. «ад-Даъват-уш-шамсият». Дар феҳристи Шаҳрӯзӣ номи ин китоб омадааст.

35. «Асрор-ул-ваҳҳоб». Ҳарчанд ин китобро Шаҳрӯзӣ дар феҳристи хеш овардааст, аммо ба мансубияти куллии вай ба қалами Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ тардид дорад. Ӯ таъкид кардааст, ки дурусттар он аст, ки ин китоб аз ӯ набошад.

36. «ал-Воридот-ул-батҳирот ул-кавокиб ва тасбеҳотуҳо». Ин китоб танҳо дар феҳристи Шаҳрӯзӣ зикр ёфтааст.

37. «Мукотибот ил ал-мулук ва л-машоих». Ин китобро низ Шаҳрӯзӣ ном бурдааст.

38. «Китоб фил симиниё». Ҳарчанд ки Шаҳрӯзӣ ин китобро ном бурдааст, аммо ба Сӯҳравардӣ мансуб будани онро зери тардид гузоштааст. Ба ин хотир, ин китоб ба гурӯҳи кутубе шомил аст, ки ба Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ мансуб дониста шудаанд.

39. «ал-Алвоҳ». Аз сабаби он ки китоби мазкур ҳам ба забони арабӣ ва ҳам форсӣ ба қалам омадааст, Шаҳрӯзӣ дар феҳристи хеш онро ду маротиба ном бурдааст, аввал зери рақами 5 нусхаи арабии он ва баъдан дар шумораи 39, ки ин ҷо тавзеҳ ба он дода шуд. Тахмин меравад, ки нахуст ба яке аз забонҳо онро Сӯҳравардӣ нигошта, баъдан онро тарҷума намудааст, аммо мушаххас наметавон кард, ки онро аввал бо кадом забон навиштааст.

40. «Тасбеҳот-ул-уқул ва-н-нуфус ва л- аносир». Номи китоби мазкур ҳам танҳо дар китоби Шаҳрӯзӣ омадааст.

41. «ал-Ҳаёкил». Шаҳрӯзӣ дар феҳристи худ номи ин китобро як маротиба бо номе, ки қаблан ба сурати «Ҳаёкил уннур» рафтааст, оварда, пасон тазаккур додааст, ки ин асар ба забони арабӣ аст. Баъдан бошад бори дигар бо номи мавриди назар овардааст ва таъкид доштааст, ки ба забони форсӣ мебошад. Пас, аз ин ҷо равшан мешавад, ки китоби нахуст зикршуда бо забони арабӣ навишта шуда, нусхаи дувуми он сурати форсии рисолаи Сӯҳравардӣ мебошад.

42. «Шарҳ ул-ишорот». Ба забони форсӣ навишта шудааст. Номи китоб танҳо дар феҳристи Шаҳрӯзӣ омадааст. Маълум аст, ки он ба шарҳу тавзеҳоте аз китоби Ишороти Абӯалӣ ибни Сино бахшида шудааст.

43. «Кашф-ул-ғатоъ ул-ихфон ус-сафо». Ин китоб дар феҳристи Ҳилмут Риттер омадааст, аммо дар феҳристи Шаҳрӯзӣ аз он зикр нашудааст.

44. «ал-Каламот уз- завқият ва-н-нукот уш-шавқия» ё «Рисолат ул-иброх». Мансубияти ин китоб ба Сӯҳравардӣ танҳо тавассути Риттер муқаррар гардидааст.

45. Рисола. Дар феҳристи Риттер ба ҳамин шакл омадааст, аммо маълум мешавад, ки унвон надорад. Риттер дар тавзеҳи ин рисола нигоштааст, ки мавзӯоте, ки дар ин рисола аз онҳо баҳс шуда иборатанд аз :ҷисм, ҳаракат, рубубияти илоҳӣ, маод, ваҳй ва илҳом.

46. Мухтасари кӯчаке дар ҳикмат. Шаҳрӯзӣ китоби мазкурро дар феҳристи худ наовардааст, аммо Ҳилмут Риттер дар феҳристи худ овардааст, ки Сӯҳравардӣ ин рисоларо аз фунуни сегонаи ҳикмат, яъне мантиқ, табииёт ва илоҳиёт ба вуҷуд овардааст.

47. Ҳам Шаҳрӯзӣ ва ҳам Ҳилмут Риттер теъдоде аз манзумаҳои кӯтоҳу баландро дар забони арабӣ аз Сӯҳравардӣ зикр намуданд, ки онҳо дар мавзӯоти фалсафӣ, ахлоқӣ ва ирфонӣ ба қалам омаданд. Аммо Шаҳрӯзӣ дар канори ин баҳс собит кардааст, ки аз Сӯҳравардӣ ашъоре ба форсӣ ҳам боқӣ мондааст. Муаллифи тазкираи маъруфи «Риёз-ул-орифин» Ризоқулихони Ҳидоят ин рубоиро, ки ба қалами Сӯҳравардӣ нисбат дода мешавад, дар тазкираи худ аз номи вай нақл кардааст:

Ҳон, то сари ришгаи хирад гум накунӣ,
Худро зи барои неку бад гум накунӣ.
Раҳрав туиву роҳ туӣ манзил ту,
Ҳушдор, ки роҳро ба худ гум накунӣ.

Дар расоили форсии Сӯҳравардӣ ҳам гоҳе ба ҳар муносибат ашъореро нақл кардааст, ки аз рӯйи мухтаво ва таъкидоти шоир метавон муқаррар намуд, ки онҳо ба худи ӯ тааллуқ доранд ва ҳамин далоил кофӣ аст, бигӯем, ки Сӯҳравардӣ на танҳо

дар насри ирфонӣ, балки дар сурудани ашъори тасаввуфӣ ҳам дар форсӣ ва ҳам дар арабӣ мумтоз будааст.

Ҳамин тавр, мушаххас мегардад, ки сарчашмаи асосии муқаррар намудани теъдод ва мансубияти куллии осори арабӣ ва форсии Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ феҳристи шогирди вай Шаҳрӯзӣ будааст. Аммо ин ки чаро Ҳилмут Риттер теъдоде аз осори мазкури ин феҳристро дар ҷараёни муқаррар наовардааст, вобаста ба он аст, ки агарчӣ ба мавҷудияти чунин осор дар замони худи Сӯҳравардӣ ишороте ҳаст, вале бо мурури айём бахше аз ин кутуб аз миён рафтаанд ва дар даст набудани матни комили осор Ҳилмут Риттер ва дигар пажӯҳишгаронро ба натиҷае расонидааст, ки дар бораи мавқуд будани чунин осор сухан кунанд ё ҳатто аз онҳо ёд накунанд. Ба ҳар оин, аҳамият ва арзиши феҳристи Шаҳрӯзӣ дар шинохти мероси Сӯҳравардӣ арзиш ва аҳамияти муҳиммеро соҳиб аст, зеро тавассути ин феҳрист роҷеъ ба теъдоди куллияи осори вай маълумот ба даст хоҳем овард. Аз сӯйи дигар, бо истифода аз ин феҳрист метавонем маводеро ҳам соҳиб шавем, ки дар он роҷеъ осори мавқуди Сӯҳравардӣ сухан рафта, ин маълумот барои такмили мероси комили нависанда кӯмак мерасонад.

Аз муҳимтарин вижагии осори Сӯҳравардӣ метавон онро зикр намуд, ки вай бештари расоили худро дар тарҷума, тафсир ва истиқбол аз кутубу расоили Абӯалӣ ибни Сино навиштааст ин шеваи кори ӯ бозгӯ аз он ҳам мебошад, ки Сӯҳравардӣ на танҳо дар андеша, балки дар сабки таълифи осори насрӣ ҳам пайрави Абӯалӣ ибни Сино буд ва бо ин роҳ дар тарғибу тавзеҳи осори Абӯалӣ ибни Сино хизмати бузурге ба сомон расонидааст. Аз ин рӯ, ӯ ҳамчун нависанда намояндаи насри фалсафӣ ва ҳам ирфонӣ мебошад, ки дар нигоштаҳояш масоили ҳикмат, фалсафа, ирфон дар зевари рамзу роз шарҳу тавсиф шудаанд. Бо назардошти ҳамин махсусияти услуби нигориши Сӯҳравардӣ, адабиётшиноси тоҷик Носирҷон Салимов бештари осори мансури Сӯҳравардиро дар бахши насри фалсафӣ мавриди барраси қарор додааст.

Дар маҷмӯъ, бо натиҷагирӣ аз баррасии куллӣ осори Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ муқарар мегардад, ки агарчӣ маъруфтарин китоби ӯ «Ҳикмати ишроқ» дар тафсири фалсафии мактаби ишроқ ба қалам омадааст, аммо вай соҳиби кутуб ва расоиле дар фалсафа ва ирфон аст, ки аксарият дар таърихи насри ирфонӣ ва фалсафӣ аз ҷойгоҳи муҳим бархурдор ҳастанд.

Маҷмӯаи осори форсии ӯ дар Теҳрон чоп шудааст, ки дар ин китоб 13 рисола ҷамъ оварда шудааст, ки аз байни онҳо «Бӯстон-ул-қулуб» («Равзат-ул-қулуб») ва «Яздоншинохт», бидуни ҳеҷ шакку тардид, мансуб ба Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ дониста шудаанд. Қисме аз ин расоил мавзӯъ ва гузориши достонӣ доранд, яъне ҳомили сужет ва воқеъоти пайвастаи муттасил мебошанд. Лекин сухани Сӯҳравардӣ чунон зебо, нафис, саршори завқ ва андешаҳои амиқ аст, ки ҳатто ашхоси дур аз мабоҳиси фалсафӣ низ онро бо рағбати тамом мутолиа мекунанд. Андешаи гӯянда бо равонию соддагии ҳайратангезе имтиёз мекунад ва фикри ҷӯяндаву пешрави ӯ хонандаро бо худ ба сайди маъниҳои фалсафӣ ҳидоят менамояд. Шерозаи ин андешаҳои бикр гоҳ-гоҳе бо абёти бағоят нафис музайян гардидааст. Чунончи:

Солҳо бояд, ки то як санги асле з-офтоб,
Лаъл гардад дар Бадахшон ё ақиқ андар Яман (291).

Мураттиби маҷмӯаи осори форсии Шайхи ишроқ дастаи дувуми расоили ин маҷмӯаро «ирфонӣ» хондааст. Қобили тазаккур аст, ки дар осори ирфонии Сӯҳравардӣ низ асари тафаккури фалсафаи ишроқия ва партави афкори ин мактаби бузурги фалсафӣ мақоми шоиста дорад. Аз ин нигоҳ, омезиши ҷанбаҳои ирфонию фалсафӣ дар афкори ин ҳаким ва файласуфи тавоно ба вуқӯъ пайвастааст, ки аз тозакориҳои фикриву зеҳнии ӯ дар баёни матолиби фалсафию ирфонӣ дар насри форсӣ шаҳодат медиҳад. Ба таъбири дигар, Сӯҳравардӣ бо имтизоҷи тафаккури фалсафию ирфонӣ муваффақ шуд, ки намунаи осори мансури фалсафию ирфониро бо сабку салиқаи хосса ба вуҷуд оварад. Дар осори мансури Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ, бо вуҷуди зоҳири адабӣ ва ё ирфонӣ, асли матлаб фалсафаи ишроқ мебошад. Тааллуқоти осори мазкур ба фалсафаю ирфон ё дугонагии як асли онҳо аз пайвастагӣ ва умумияти ирфону фалсафаи ишроқия ё ҳикмат ул-машриқин бармеояд. Пайравони ин маслак дар даъвии маърифат ва расидан ба асли ҳақиқат бидуни васоили тааққулӣ ва мафоҳими бурҳонӣ муттафиқ мебошанд.

Рисолаҳои мансуб ба бахши ирфонии Сӯҳравардӣ аз «Рисолат-ут-тайр», «Овози пари Ҷабраил», «Ақли сурх», «Рӯзе бо ҷамоати сӯфиён», «Фи ҳолат ут-туфулият», «Фи ҳақиқат ул-ишқ» ё «Мунис-ул-ушшоқ», «Луғати мӯрон» ва «Сафари Симурғ» фароҳам омадаанд. Бо номи баъзе аз ин расоил ва нақшҳои тасвирӣ аз асарҳои Ибни Сино ва дигарон шинос ҳастем, ба монанди рисолаи тайр, тасвири Ҷабраил, рисолаи ишқ, тасвири Симурғ, ки аз таълифоти Ибни Сино, Аҳмади Ғаззолӣ ва дигарон

сарчашма гирифтаанд. Бинобар ин, Сӯҳравардиро на фақат аз пайравони ҳикмати машшоияи Ибни Сино, балки ҳакиме бояд шинохт, ки равиши насри фалсафии тамсилиро такомул бахшид. Асарҳои мансури Ибни Сино ва Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ падидаи нодири адабиёти форсӣ ва ба наҳве адабиёти ҷаҳонӣ маҳсуб меёбанд. Омӯзиш ва таҳқиқи ҷудогонаи ин навъи насри фалсафӣ амре воҷиб ва зарур мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурафеи Ҳақиқат. Суҳравардӣ шаҳиди фарҳанги миллӣ / Абдурафеи Ҳақиқат. - Теҳрон, интишороти Кумиш, 1378.
2. Аҳмад Тамимдарӣ. История персидской литературы / Тамимдарӣ Аҳмад. - Санкт-Петербург, 2007.
3. Маҷмӯаи мусаннифоти форсии Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ. Дар се ҷилд / тасҳеҳ ва таҳияи Саид Ҳусайни Наср. - Теҳрон, 1378. - С.244.
4. Саид Ҳусайни Наср. Шаҳобуддин Суҳравардии мақтул / Саид Ҳусайни Наср; Муҳаммади Шариф. Таърихи фалсафа дар ислом / Муҳаммади Шариф. - Теҳрон, 1374. - С.373.
5. Сӯҳравардӣ Шаҳобуддин. Қиссаҳои Шайхи Ишроқ. Вироиши Ҷаъфар Муддариси Содиқӣ / Шаҳобуддин Сӯҳравардӣ. - Теҳрон: нашри Марказ, 1375. - С.110.
6. Сӯҳравардӣ Шаҳобуддин. Ақли сурх / Шаҳобуддин Сӯҳравардӣ; ба кӯшиши Ҳусайни Муфид аз рӯйи нусхаи Муҳаммади Ҷоҷармӣ. - Теҳрон, 1384.
7. Ян Ричанд Неттон. Бунёди навафлотунии фалсафаи ишроқи Сӯҳравардӣ. Фалсафа дар маҳоми тасаввуф / Ян Ричанд Неттон. - Теҳрон, нашри Марказ, 1384. - С.427.

ЛИТЕРАТУРНОЕ НАСЛЕДИЕ ШАХАБУДДИНА СУХРАВАРДИ

Статья посвящена исследованию литературного наследия известного представителя персидско-таджикской литературы Шахабуддина Сухраварди и анализу его трактатов.

Ключевые слова: Сухраварди, символ, сюжет, разум, сказание, мистика, мистический, воззрение, литература, суфий.

LITERARY HERITAGE OF SHAHABUDDIN SUHRAVARDI

The article is an exploration of literary heritage belonging to Shahabuddin Suhravardi, the well-known representative of the Persian-Tajik Sufiy literature and expounded by him in his treatises.

Key words: Suhravardi, symbol, plot, intellect , tale, outlook, literature, literary, Heritage, sufiy

Сведения об авторе: ***М.О. Исмоилова***-ассистент кафедры иностранных языков Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции

АФКОРИ ТАРАҚҚИПАРВАРОНА ДАР «ШАБЕ ДАР ЛОНДОН»-И С. ЗОҲИР

Ҷ.Ш. Холов
Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент

Яке аз асарҳои Саҷҷод Зоҳир, ки то ҳол, ба фикри мо, мавриди таваҷҷуҳи хосса ва таҳлили ҷиддӣ қарор нагирифтааст, романи «Шабе дар Лондон» мебошад. «Шабе дар Лондон» аз нахустроманҳоест, ки бевосита дар зери таъсири ҷараёни тараққипарвар таълиф гаштааст. Дар ин роман С. Зоҳир меъёри фикрронӣ ва фаҳмиш, кашмакашҳои зоҳирӣ ва ботинии донишҷӯёни ҳиндиро тасвир намудааст. Қобили зикр аст, ки романи мазкур ба насли нави романнигорон, аз ҷумла, К. Чандар, А. Азиз, И. Чиғатоӣ, Қ. Ҳайдар барин адибон таъсири зиёде расонидааст. Ин асари нависанда кӯшиши ҷиддӣ ва аз иқдомҳои ҷасурона дар тасвири таърихи ташаккули гурӯҳҳои мубориз дар хориҷи кишвар ва беадолатиҳои замони фармонравоии англисҳо дар сарзамини Ҳинд ва авҷи мавҷҳои озодихоҳона буд. Роман қиссаи якшабинаест, ки миёни гурӯҳи ҷавонписарону ҷавондухтарон ҳикоят мешавад. Донишҷӯёни ҷавоне, ки дар роман ҳамчун қаҳрамон ширкат меварзанд, аз манотиқи гуногуни Ҳиндустон намояндагӣ мекунанд. Дар роман муҳити маҳалли хосаи донишҷӯёни Лондон тасвир гаштааст. Ва ин ҳикояти якшаба тамоми авзои сиёсиву иҷтимоии ин даврароро дар худ таҷассум кардааст.

Романи «Шабе дар Лондон» бо ҳикояти маҳалли зебои Лондон оғоз мешавад. Дар ин маҳалла миёни Аъзам ва Ҷейн муҳаббати ҳамешагӣ зуҳур меёбад. Аъзам Ҷейнро хеле дӯст медошт ва онҳо вохӯрии нахустинро дар роҳи зери заминӣ қарор медиҳанд. Аъзам барвақттар ба он ҷо мерасад ва бесаброна мунтазири омадани Ҷейн меистад. Ин дам дар лифт Рао намудор мешавад. Рао яке аз дӯстони наздики Аъзам буд. Рао бошад, касеро дӯст намедошт. Танҳо бо чанд тан аз духтарон ошноӣ дошт ва аз ҳаёти ҳаррӯза лаззат мебурд.

Онҳо то дер доир ба вазъи мавҷудаи Ҳиндустон суҳбат доштанду вискӣ менӯшиданд. Дар назди мизи ҳамсоя ду нафар мардони маҳаллӣ–Том ва Ҷем низ вискӣ нӯшида, доир ба вазъияти Ҳиндустон бо тамасхур ҳарф мезаданд. Чунин тарзи

суҳбат ба Аъзам ва Рао хуш намеояд. Миёни суҳбат Ҷейн ҳам расида омад. Ӯ духтари ахлоқан тарбиятёфтаи мағрибӣ буд. Ва мафҳуми муҳаббат барояш маънои эҳсосоти дувумдараҷаро дошт. Доимо масруфи кору бори давлатӣ буду ба модари бемораш нигоҳубин мекард.

Искусство тамсила в газелях Соиба занимает центральное место, и потому Соиб признан как непревзойденный мастер этого средства художественной изобразительности. Соиб не только внес неоценимую лепту в дальнейшее развитие и совершенствование изобразительного искусства тамсила, но более того, превратил это средство в основной стержень смыслового здания своих газелей.

Ключевые слова: газель, метафора, Соиб, сравнение, уподобление

PLACE OF COMPARISON AND IT'S LITERARY SIGNIFICANCE IN THE POETRY OF SOHIB TABRIZY

The art of comparison in the poems of Sohib occupies an important place and there fore Sohib is recognized as a unique master of this mean of painting art. Sohib had made remarkable contribution not only into the further development and perfection of the painting art's comparison, but moreover he changed this mean into the main base of meaning of his poems.

Key words: poem, metaphor , Sohib, similarity.

Сведения об авторе:*О.Ш. Саидджафаров* - докторант Таджикского национального университета

СОХТ ВА ТАРКИБИ «ТАЗКИРАИ НАСРОБОДӢ»

М. Муслимифар
Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ

Ба эътирофи муҳаққиқон муҳимтарин ва судмандтарин осоре, ки аз Мирзо Тоҳир боқӣ мондааст, ҳамоно тазкираи ӯст, ки бо номи «Тазкираи Насрободӣ» шуҳрат дорад.

Мирзо Тоҳир ин тазкираро дар солҳои 1083-1090 ба номи шоҳ Сулаймони Сафавӣ навиштааст. Дар сабаби таълифи китоб худаш навиштааст:

«Ғараз аз тасвиби ин авроқ ин ки сухансанҷон мисли Муҳаммад Авфӣ, муаллифи «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» ба тасвиби тазкирае мавсум ба «Лубоб-ул-албоб» пардохта муштамил бар ашъори салотин ва шуарои мутақаддимин ва маъаҳум Мир Алишер дар «Маҷолис-ун-нафоис» ва наввоби шоҳзодагӣ Соммирзо дар «Тазкираи Сомӣ» ва Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» ва Мулло Муҳаммадсӯфӣ дар тазкираи мавсум ба «Майхона» ва «Бутхона» он чи лозим ба санҷидагӣ ва ҳуқуқи баргузидагист, дар таҳқиқи ҳолоти аҳли назм ба зуҳур расонидаанд ва баъд аз эшон Мир Тақии Кошӣ ба нигориши тазкира пардохта ва алҳақ доди саъй дода, ки бар он мазиде мутасаввир нест.

Дар таърихи шуҳури санаи 1083 дорунӯши базми номуродӣ Муҳаммад Тоҳири Насрободиро ба шавқи ташаббуҳ ба он табақаи олия бо ин ки хазони ташвиши беш аз пеш ниҳоли ҳоламро бе баргу наво сохта ва духяи муродамро сарсари бетамизӣ ва муомиланошиносии абнои даҳр аз пой андохта, шеър:

Чу мавҷи соғар аз сад ваҷҳ дорам чини пешонӣ,
Чу дуди миҷмар аз сад раҳгузар дорам парешонӣ.

Ба хотир расид, ки мухтасаре аз ашъори муосирини худ, ки баъзе соҳибдевон ва ҷамъе гоҳе мутаваҷҷеҳи тартиби назме шудаанд, пардозад ва баъзе аз аъизза фармуданд, ки дар ин муддат аз муаммо ва луғз интихобе нашуда, агар аз муаммо ва таърих ва луғзи мутақаддимин ва мутаахирин интихобе шуда дохил шавад, шоҳиди

таълифро ҳусне дигар ба ҳам расад. Бинобар итоат, ки жабъии камина аст, аз каммоягӣ ва қилти татаббӯъ андеша накарда, ба зикри матолиб пардохта ва онро василаи ду асли давлати наввоб зулиллоҳӣ сохт» [4, 5-6].

Мирзо Тоҳир тазкираашро то соли 1090 ҳиҷрӣ дар дасти таълиф дошта ва пас аз фароғат аснодеро то соли 1100 сабт карда ва то ин таърих, ки ҳаштоду ҳашт сол аз умри вай мегузарад, барҳаёт будани худро нишон додаст [2, 399-400].

Вай хеле пештар аз таърихи зикршуда бар фикри таълифи тазкираи шоирони аҳди Сафавӣ будааст. Ҷустуҷӯҳои мудаввоми ӯро дар мулоқот бо Малеҳои Самарқандӣ «таҳқиқи аҳволи шуаро ва зурафои Моваруннаҳр, хусусан Самарқандро» [3, 338] карданаш собит мекунад. «Вай дар бораи шоирони Моваруннаҳр аз Малеҳо маълумот гирифта, ба қавли Малеҳо яқин карда навишт» [3, 338]. Шояд яке аз сабабҳои дер кашидани таҳияи тазкира ҷараёни душвори маълумотҷамъкунии ӯ будааст. Дар қаҳвахонаҳо ҷамъ омадани шоирон ва мушоҳидаи тарзи муошират ва ахлоқу адаби онон ва фароҳам овардани ин маълумот дар тазкира гувоҳи меҳнати тӯлонӣ ва бобаракати соҳиби тазкира мебошад.

Мирзо Тоҳир бо чунин усули кор ва бардошт, бо вуҷуди мушкилоти роҳ ва дурии шаҳрҳо ва душвории дарёфти иттилоот тавонистааст, ки на танҳо дар бораи шоирони Эронзамин маълумоти кофӣ ҷамъ кунад, балки дар тазкирааш аз аҳвол ва ашъори шоирони Тӯронзамину Ҳиндустон, Моваруннаҳру шибҳи қораи Ҳинд маълумоти кофӣ ҷамъ оварад.

Аз маълумоте, ки Мирзо Тоҳир дар тазкирааш доир ба хислатҳои шахсӣ ва ахлоқу одоби шоирон нақл мекунад, маълум мешавад, ки вай дар суҳбату ҳамнишиниҳо аз тарзи муошират ва гуфтору кирдори шоирон огоҳии комил ёфта, натиҷаи мушоҳидаҳояшро дар тазкирааш сабт кардааст. Бинобар ин ҳам, ин тазкира шомили маълумоти шуарои муосири муаллиф аст, ки худ аз онон бевосита ё бавосита гирифтааст.

Насрободӣ тазкираашро ба номи худаш гузошта ва ин китоб бо ҳамин унвон номвар шудааст. Муаллиф тазкираро ба номи Сафӣ Мирзо, маъруф ба шоҳ Сулаймони Сафавӣ фарзанди шоҳ Аббоси Сонӣ, навишта ва он аз як дебоча, панҷ саф ва поёнаи шомили ду дафъа иборат мебошад.

Дебоча дар зикри ашъори шоҳон ва шоҳзодагони Сафавӣ аст, ки ё шоир ё ба шоирӣ мансуб будаанд.

Сафи аввал дар зикри умаро ва хавонин ва соири мулозимони подшоҳ буда, ба се фирқа тақсим шудааст:

Фирқаи аввал дар зикри муқаррабон ва умарои Эрон;

Фирқаи дуюм дар зикри умаро ва хавонини Ҳиндустон;

Фирқаи сеюм дар зикри вузаро ва муставфиён ва куттоби дафтархонаи ҳумоюн.

Сафи дуюм дар бораи содот, нуҷабо ва соири ҷамоат будааст.

Сафи сеюм дар бораи уламо, фузало буда, аз се фирқа иборат мебошад ва фирқаи аввал дар зикри уламо ва фузало, фирқаи дуюм дар зикри хушнависон, фирқаи сеюм дар зикри фуқаро ва дарвешон.

Сафи чаҳорум дар зикри шуаро ва иборат бар се фирқа: фирқаи аввал дар зикри шуарои Ироқ ва Хуросон, фирқаи дувум дар зикри шуарои Моваруннаҳр ва фирқаи савум дар зикри шуарои Ҳиндустон.

Сафи панҷум дар зикри ақвоми камина ва ин фақири бевуҷуд ва хотима дар зикри таворих, луғз ва муаммои мутақаддимин ва мутааххирин ва он иборат аст аз ду дафъа: дафъаи аввал дар зикри таворих, луғз ва муаммоҳое, ки исми гӯянда мушаххас аст ва он иборат аст бар се ҳарф:

Ҳарфи аввал дар зикри таворих;

Ҳарфи дувум дар зикри луғз;

Ҳарфи савум дар зикри муаммо.

Дафъаи дувум иборат аст дар зикри таворих, луғз ва муаммоҳое, ки қоил мушаххас нест ва муштамил бар се ҳарф аст:

Ҳарфи аввал дар зикри таворих;

Ҳарфи дувум дар зикри луғз;

Ҳарфи савум дар муаммо [4, 7-8; 2, 397-399].

Аз маълумоте, ки Насрободӣ дар тазкирааш меоварад, маълум мешавад, ки вай маводи асарро аз соли 1077 то 1090-и қамарӣ дар даст доштааст.

Аввалин нашри тозаи муқоисавии ин асар дар солҳои 1315-1317-и шамсӣ аз тарафи Ваҳиди Дастгардӣ анҷом ёфтааст. Дастгардӣ ин корро бо дар даст доштани ду нусха (нусхаи ҷомеъи Ҳусайн Оқо Малик ва Муҳаммадалии Тарбият) анҷом додааст.

Ба шаҳодати Аҳмад Гулчини Маъонӣ нусхаҳои хаттии ин тазкира дар китобхонаҳои Эрон ва кишварҳои дигар мавҷуд ва он чи бештар «дархӯри эътино ва эътимод» будааст, «яке нусхаи шумораи (3342) китобхонаи марказии Донишгоҳ аст, ки зайле ҳам замима дорад; дигар нусхаи китобхонаи Вазири Язд аст, ки дар соли 1091 навишта шуда ва ба ислоҳ ва имзои Насрободӣ ҳам расида ва тарҷумаи чандин шоир дар он мазкур аст, ки дар нусхаи чопӣ нест» [2, 401].

Аҳмад Гулчини Маъонӣ чопи Ваҳиди Дастгардиро, ки дар заминаи ду нусхаи дар боло зикршуда ба чоп расидааст «бисёр мағлут» [2, 401] ва дорои иштибоҳоти фаровон дониста, чопи муҷаддади ин китобро бо истифода аз нусхаҳои муътабари мавҷуд» [2, 401] хостор шуда буд.

Чунонки ишора ҳам шуд, ин тазкира асрӣ ва шомили шоирони муосири муаллиф буда, Мирзо Тоҳир аз ҳол ва эҳоди онҳо бевосита ё бавосита огоҳ будааст. Ин тазкира асрӣ бошад ҳам, аммо муаллиф дар нигориши бархе саргузаштҳо аз «Хулосат-ул-ашъор» ва «Арафот-ул-ошиқин» баҳра бурдааст. Ин баҳрабардории ӯро муқоисаи саргузашти Фориғи Табрезӣ собит мекунад. Аз ин ҷиҳат, ин тазкира шомили маълумоти бисёр муҳим оид ба адабиёти асри Сафавӣ низ мебошад.

«Тазкираи Насрободӣ» дар таърихи адаби форсӣ, пеш аз ҳама бо зинда нигоҳ доштани ному нишон ва намунаи ашъори анқариб ҳазор суханвари аҳди Сафавӣ пуразиш ва мондагор аст. Ҳарчанд, маълумоти тазкираи Мирзо Тоҳир дар бораи шоирон нисбат ба баъзе тазкираҳои дигар, аз ҷумла тазкираи Малеҳо «Музаккир-ул-асҳоб» мухтасар аст, вале тартиби тазкиранигории ӯ аз имтиёзоти хоссе бархӯрдор аст, ки муҳимтарини он диди хосси адабӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ ба воқеияти давраш мебошад.

Дар идомаи ин бахш барои дар бораи ин тазкира ва ҳадафҳои эҳодии Мирзо Тоҳир тасаввуроти ҷомеъ ҳосил кардан, лозим донистем, ки сохтор ва мундариҷаи асарро тавсиф кунем.

Аввалин тазкираи адабиёти форсии тоҷикӣ «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфӣ, дар таърихи адабиётшиносии мо ифодагари назария ва маводи таърихи адабиёт буд. Ин тазкира маводи лозимиро дар бораи китобшиносӣ, сарчашмашиносӣ, матншиносӣ ва ғайра низ дар бар мегирифт.

Тазкира аз замони пайдоиш то имрӯз дар ҷараёни тавлид ва ташаккули хеш роҳи таърихиро тай намудааст. Бинобар ин ҳам, табиист, ки ҳамаи тазкиранигорон дар ҷараёни эҳод аз таҷрибаи пешиниёни худ ба қадри завқ ва тавоноии худ истифода кардаанд, ки дар ин равиш «Тазкираи Насрободӣ» низ истисно нест.

Мирзо Муҳаммад Тоҳир дар оғози тазкира бо як муқаддимаи кӯтоҳ ҳадафи эҳодии худро аз таълифи тазкира мушаххас намуда, сохтори онро низ муайян мекунад. Вай дар муқаддимаи тазкира аз мақоми назму наср дар ҷомеаи инсонӣ ёд карда, дар ин замина бо андаке дигаргунӣ, аксаран суханони Муҳаммад Авфиро нақл мекунад ва дар таъйиди мақоми сухани мавзун аз пораҳои шеърии гузаштагон, аз ҷумла Низомӣ, Заҳири Форёбӣ ва Хоқониро овардааст.

Дар муқаддима Мирзо Тоҳир ашъори подшоҳон ва подшоҳзодагонро бе ягон тавзеҳу тавсифи иловагӣ меоварад. Муқаддимаи тазкираашро ба ин мавзӯъ ихтисос додани ӯ заминаи таърихию фарҳангӣ дошта, то ҷое тобеъияти ӯро ба суннатҳои тазкиранависии гузаштагон нишон медиҳад. Ҳарчанд, ӯ мисли Муҳаммад Авфӣ дар бораи нақш ва ҷойгоҳи салотин дар инкишофи адабиёт ба таври алоҳида сухан нагуфта бошад ҳам [1, 16-18], зикри шарҳи ҳол ва осори подшоҳон ва подшоҳзодагони шоир худ аз худ дар таъйиди ҳамин назар аст. Дар ин замина, вай то ҷое ба анъанаи ҳифзи мавқеияти табақаи олии ҷомеа, яъне шоҳону шоҳзодагон содиқ будааст ва дар ин равиш ба тарзи нигориши Муҳаммад Авфӣ назар доштааст. Чунин роҳро пеш гирифтани соҳиби тазкира, аввалан риояи суннат бошад, сониян «ба ҷаҳонбинии муаллиф алоқаманд буда, иборат аз ошкор сохтани муносибати зоҳирии шакл ва мундариҷа, амалӣ сохтани андешаҳо» [5, 7].

Вале, Мирзо Тоҳир дар бораи шоҳон ва шоҳзодагони шоир сухан оғоз карда, дар бораи онон ва шеърашон ҳарфи ҷиддӣ намегӯяд [4, 8-15]. Ба назар чунин мерасад, ки ӯ танҳо ба хотири расмият ба ин қисмати тазкира ин мавзӯъро ворид кардааст. Суханаш дар тасвири завқ ва истеъдоди подшоҳон ва подшоҳзодагони шоир якранг ва бебар буда, фақат гоҳ гоҳе дар сифати подшоҳ ё худ подшоҳзодаи ба истилоҳ шоире ифодаи «табъаш камоли лутф дошт» [4, 10]-ро ба кор бурдааст.

Муқаддимаи тазкираро ба подшоҳон ва подшоҳзодагон бахшидани муаллиф анъанаҳои қадима дошта, ба вазъи афкори адабии танқидии форсиву арабӣ такя дорад ва то ҷое арзиши таърихию адабӣ ва таърихиву фарҳангӣ дорад.

Бо навиштани шарҳи ҳол ва фаъолияти сиёсию ҷамъиятии табақаи болои ҷомеа Мирзо Муҳаммади Тоҳир бисёр масъалаҳои муҳимми таърихӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии

аҳди Сафавиро ба миён мегузорад, ҳарчанд ки зикри ин масоил вазифаи ӯ намебошад. Ин қисмати тазкира, ба назари мо беҳуда муқаддима номгузорӣ нашудааст. Чунин таассурот пайдо мешавад, ки ин қисмати асар ҳамчун сухани ифтитоҳӣ барои вуруд ба қисми асосии тазкира хидмат карда, ба наҳве тавсифи замони таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангии аҳди Сафавия ва муаллиф мебошад. Дар ҳар сурат он чи дар ин муқаддима омадааст, таҷассумгари нақш ва ҷойгоҳи ҳокимон ва пайгирони онҳо дар ҷараёни адабии давр мебошад. Ҳарчанд, ашъори дар ин қисмат омада аз назари мазмуну мундариҷа ва тобеият чандон муҳим нестанд, бо вуҷуди ин, маводи фароҳамомада доир ба муҳити дарбори Сафавиёни мозию сонӣ ва ҷараёнҳои адабиёти ин аҳд тасаввуроти муайян медиҳанд. Он чизи муҳимме, ки Насрободӣ хабар медиҳад, ин будааст, ки ҳуккоми замон бо ҷараёни инкишофи адабиёт ҳамгом будаанд. Беш аз ин, Мирзо Тоҳир ғолибан ба ҷузъиёти зиндагии шоҳон ва шоҳзодагони шоире таваҷҷуҳ кардааст, ки аз назари ахлоқ муҳим будааст, ки вазъи иҷтимоӣ ва моҳияти равобити қавми ҳокимро таҷассум мекунад. Дар ин замина, нақли ӯ дар бораи Абулқосим Мирзо ҷолиб аст, ки иқтибос мекунем:

«Халафи наввоб Мирзо Муҳсини Разавии Мутаваллӣ ва сабиязодаи шоҳи ҷаннатмакон, шоҳ Аббоси мозӣ аст. Ҷавони қобили баҳиммате буда, дар камоли ором ва озарм. Дар айёми шоҳ Софӣ чашми эшон ҳам аз ҳулияи нур орӣ монд. Дар ҳадосати син буд, ки ба ҷавори раҳмати эзидӣ пайваста ва фарзанде аз ӯ намонд. Гоҳе фикри шеъре мекард ва шеъраш ин аст:

Субҳ шуд субҳ, ки то нур ба дилҳо бахшад,
Ишқи ҷонон ба ману нишот ба саҳбо бахшад.
Шӯри Маҷнун зи парешонии зулфи Лайлӣ аст,
Чӣ шавад гар асаре з-он ба дили мо бахшад.

Ин рубоиро дар вақте ки чашми ӯ ноқис шуда буд ва ба Машҳади муқаддас мерафт, дар яке аз работҳои роҳи Машҳади муқаддас ба хатти худ ба девор навишта ва дар ҳангоме ки банда (Мирзо Тоҳир- М.М.) ба Машҳади муқаддас мерафтам, он рубоиро дида мусаввада бардоштам:

Озурда зи нодидани рӯйи падарам,
В-арна ба Худо, ки ин замон шодтарам.
Қатъи назар аз мардуми чашмам кардам,
То миннати мардумон набошад ба сарам» [4, 12].

Дар ҳамин қисмат муаллифи тазкира зимни шарҳи ҳоли подшоҳон ва подшоҳзодагон аз алоқамандии онон ба шеъру шоирӣ, қадршиносиашон аз шоирони ҷудогона низ хабар мерасонад. Дар маҷмӯъ мо аз ин муқаддима оид ба шарҳи ҳол ва намунаи осори даҳ шоири шоҳ ва шоҳзодаи шоир огоҳӣ пайдо мекунем.

Дар фирқаи аввали сафи аввал муаллиф шарҳи ҳол ва намунаи осори 64 нафар умаро ва хавонини Эрон ва соири мулозимонро меоварад, ки баёнгари мақоми ҳунарӣ ва иҷтимоии ин табақа дар ҳаёти ҷомеаи Сафавӣ мебошад. Зимни сабти шарҳи ҳоли ин табақа, муаллиф аввалан ба шаҷараи авлодӣ, дувум ба робита бо силсилаи шоҳони Сафавӣ, дараҷоти илмӣ, ахлоқу одоб ва ниҳоят ҳунару ҳирфаи эшон диққат додааст. Аз ҷумла, дар бораи Ҳаким Туфайлӣ менависад: «Ҳаким Туфайлӣ аз вилояти Лоҳиҷон аст. Табиби ҳозиқе буд. Дар силки аттибои подшоҳӣ мунсалик. Дар тартиби иншо ниҳоят қудрат дошта, баъзе аз муншаоти ӯ ба назар расида, ниҳоят латофат дошт. Абёташ ин аст:

Таровиши ҷигарам тоза сохт доғи маро,
Дигар ба хуни ман афрӯхт ғам чароғи маро.

Ё:

Ғайрати ағёр дар кӯи ту моро банд дошт,
В-арна мо оворагиро аз Худо мехостем» [4, 50-51].

Дар фирқаи дувуми ин саф Мирзо Тоҳир дар зикри умаро ва хавонини Ҳиндустон ва ғайра сухан мегӯяд ва шарҳи ҳолу намунаи осори бисту ҳафт нафарро меоварад. Интихоби тазкиранавис дар ин замина низ бе ҳадаф набуда, чанд нуктаро ба асос гирифтааст:

а) сарнавишти ин ё он умаро ва хавонин дар пайванд бо замони таърихӣ шарҳу тафсир шуда, нақш ва ҷойгоҳи онҳо дар ҳавзаи адаби форсӣ таъйин шудааст;

б) мақоми иҷтимоӣ ва ҳунарии ин афрод меъёри назар будааст;

в) зикри аслу насаб ва робитаи маънавии онҳо бо Эрон бо мақсади таъкиди ҳамбастагиҳои дарунии адабу фарҳанги Эрон будааст.

Зикри шарҳи ҳол ва намунаи осори Алиакбар ном аз умарои Ҳиндустон ҷанбаи дигари таваҷҷуҳи Мирзо Тоҳирро мебошад, ки иборат аст аз интихоби ин зумра бо дар назар гирифтани ҳамбастагиҳои маънавиашон бо Эрон ва худи муаллифи тазкира. Бинобар ин ҳам, интихоби ӯ дар ин замина дар матни ягонаи замони

таърихӣ ва фарҳангӣ сурат гирифтааст, ки ҳадафаш ишораи сареҳ ба паҳнои тамаддуни эронист. Мирзо Тоҳир дар бораи Алиакбар менависад: «Алиакбар ваҷҳе таҳаллуси валади Муҳаммад Солеҳбек ғуломи хосса аст. Бародари Ҳасан Алибек тобеини Эътимодуддавла. Мушоруилайҳ бисёр содалавҳ буд. Чунончи эътиқоде ба дарвешон дошт ва аз эшон таълими аврод мегирифт ва арбаъин медошт. Ба эътиқоди худаш пеши шахсе ошиқ буд ва он шахс ба иттифоқи Дарвеш Юсуф ва соири азизон ба Насробод ба хонаи банда буданд ва чанд рӯз монданд. Алиакбарбек ғазале гуфта ва шикоят аз маъшуқи хаёлӣ карда ва порае киноя ба фақир ва ёрон гуфта. Мисраъи сонии матлаъро хуб гуфта ва он ин аст:

Ҳарфи ошиқ дилнишини хотират хоҳад шудан,
Ботине дорад муҳаббат зоҳират хоҳад шудан.
Мунзавӣ хоҳад шудан дар кунҷи Насробод дил,
Дидаам олам ба коми Тоҳират хоҳад шудан» [4, 52].

Зимнан бояд ишора кард, ки Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ дар ин қисмат манбаи иттилооташро аз умаро ва хавонини Ҳиндустон ва ғайра агар онҳоро намешинохта бошад, сареҳан ба манбаъ ишора мекунад, ки мустанад будани тазкираи ӯро собит мекунад. Аз ҷумла, дар бораи Муҳаммад Ризо чунин нақл мекунад: «Муҳаммад Ризо подшоҳи Табрезӣ аз бани аъмоми марҳум Муҳаммад Ҳусайни Чалабӣ аст, ки дар авоили ҷавонӣ ҳамроҳи падари худ ба Рум рафта, ба ҳасби қобилият ва қисмат подшоҳи Миср шуда. Аз аҳолии Миср нуқсони бисёре ба ӯ расида, чаро ки ҳукумати он вилоят ба иҷора дода мешавад… баъд аз он подшоҳи Ҳабаша ҳам шуд ва аз он ҷо ба Маккаи муаззама рафта, мутаваттин буд, то фавт шуд. Шахсе ӯро ба Маккаи муаззама дида буд, ин нақл аз он. Қитъа:

Эй фалак, мо асири банди туем,
Фикри моро аз ин накӯтар кун.
Ду рафиқем мухталифавзоъ,
Вазъи моро ба ҳам баробар кун.
Ё биёмӯз мардумӣ ӯро,
Ё маро низ мисли ӯ хар кун» [4, 69].

Фирқаи дувуми ин саф дар бораи он вузаро, муставфиён ва куттоби дафтархона маълумот медиҳад, ки «дар тартиби назм қудрате» [4, 80] доштаанд. Ва дар ин саф аз Мирзо Муҳаммад Боқир, Мирзо Ҳодӣ, Мирзо Муҳаммад Шафеъ, Мирзо Зайнулобидин, Сафӣ Қулибек, Мирзо Ҷаъфар ва чиҳил нафари дигар маълумоти ҷолиб меоварад.

Дар фирқаи ин саф низ усули нигориши ӯ ба асноди тарҷумаиҳолӣ такя дошта, бештар ба забти ҳайсияти инсонӣ ва равобити ҷамъиятии афроди мавриди назараш диққат додааст. Чунончи, дар бораи Мирзо Раҳим чунин менигорад: «Мирзо Раҳим писари кӯчаки Хоҷа Шуъайб вазири Аромана. Ҷавони оростае буд. Ба ҳусни сират ва сурат маъруф ва ба малоҳати сухан ва шӯхии табъ мавсуф. Муддате дар дартархонаи ҳумоюн ба таҳрир машғул буд ва баъд аз он мумайизӣ ва тасаддии баъзе алвасоти хосса бад-ӯ марҷӯъ шуд. Дар фанни шеър табъаш холӣ аз лутфе набуд. Кофӣ таҳаллус мекард, аммо ноком дар айни шубоб ба олами бақо хиромид. Ин байт аз ӯ ба фақир расида. Шеъри ӯро баъзе аз ёрон доранд ва намедиҳанд:

Хешони ман чу мардуми бегона мераманд,
Охир гули ғарибии ман дар Ватан шукуфт» [4, 94].

Дар сафи дувуми тазкира, ки бе фирқа аст, муаллиф шарҳи ҳол ва намунаи осори 112 нафар «содоти олидараҷот ва нуҷабои соири ҷамоати аъизза»-ро меоварад, ки аксари онҳо «гоҳе шеъре мегӯянд» [4, 97] ва табъашон «холӣ аз лутф набуда» [4, 98].

Дар ин саф муаллиф дар баёни шарҳи ҳоли содот ва нуҷабои шоир ҷузъиётеро зикр кардааст, ки вазъи ахлоқии ҳоким дар муҳити давлатдории Сафавия ва рӯзгори муаллифро фош месозад. Аз ҷумла, он чи дар бораи Мирзо Шамсиддин Муҳаммад навиштааст, дар таъйиди ин назар аст: «Мирзо Шамсиддин Муҳаммад валади Мирзо Муҳаммадризои Шаҳристонӣ. Аз ҷониби падар наводаи марҳум Мир Иноятуллоҳи Шаҳристонӣ аст ва аз ҷониби волида сабиязодаи наввоб Мирзо Рафеъи Садр. Одамиравишест дар ниҳояти ором ва озарм. Аммо рӯзгор бо ӯ созгорӣ надорад. Чунончи баъд аз харҷ ва саъйи бисёр тасаддии мавқуфоти Озарбойҷонро гирифта, ҳанӯз нарафта буд, ки маблағе ба қимати он мансаб муштарии дигар афзуда ӯ маъзул шуд. Тасаддии маҳалли қадимии мулуки Морбини Исфаҳонро ба ӯ руҷӯъ намуданд, аз он ҳам маъзул шуд. Табъаш холӣ аз лутфе нест. Шеъраш ин аст:

Намедонам, ки медонӣ чи бо аҳли вафо кардӣ,
Ту то он ғунчаи лаб аз насими ханда во кардӣ.
Шукӯҳи ҳуснро кӯҳ аз гаронӣ бар намедорад,

Дар ин фикрам, ки чун дар хилвати оина ҷо кардӣ» [4, 100].

Мисли ҳамин пора Мирзо Тоҳир дар бисёре аз шарҳи ҳолҳои «содот ва нуҷабо» ба масъалаҳои ахлоқии ҷомеаи Сафавия дахл карда, фасоди ахлоқии онҳоро фош месозад, ки аксаран монеъии нашру нумӯъи одамони қобилу кордон будааст.

Сафи савуми тазкира, ки аз се фирқа иборат аст, шарҳи ҳол ва намунаи осори уламову фузалоро фаро мегирад. Муаллифи тазкира дар фирқаи аввали ин саф шарҳи ҳол ва намунаи осори уламо ва фузалоеро, ки табъи шоирӣ доштаанд ва «гоҳе мутаваҷҷеҳи тартиби назм» [4, 149] шудаанд, нақл мекунад. Мушаххасоти нақли ӯ иборат аст аз:

а) зикри шаҷараи авлодӣ;
б) тааллуқоти насабиаш бо айиммаи аъзам;
в) пешгузаштагони ашрафи ӯ;
г) маслак, ҷойгоҳаш дар муҳити рӯҳоният;
ғ) робитааш бо шоҳони сафавӣ;
д) маҳалли фавт;
е) таснифот, ҳирфа ва таваҷҷуҳаш ба шеъру шоирӣ;
ё) сифоти фардии инсонӣ ва робитааш бо ҷомеа.

Дар фирқаи аввали ин саф мо аз ҳаёт ва фаъолияти 101 нафар аз уламо ва фузалое, ки ба шеъру шоирӣ таваҷҷуҳ доштаанд ва ё «гоҳе мутаваҷҷеҳи тартиби назм» [4, 173] будаанд, маълумот пайдо мекунем. Ин маълумот сифатҳои инсонӣ, тамоюлоти мазҳабиву маслакӣ, савияи ҳунарӣ ва илмии ин афродро дар бар мегирад. Маълумоте, ки тазкиранавис меоварад, барои муайян намудани вазъи уламову фузало дар асри Сафавия ва замони муаллифи тазкира ниҳоят пураҳамият аст.

Дар фирқаи дувуми ин саф муаллиф дар бораи шаш нафар хушнависоне, ки завқ ва қариҳаи шоирӣ доштаанд, маълумоти шарҳиҳолӣ оварда, намунаи шеърашонро низ иқтибос мекунад. Маълумоти дар ин боб овардаи муаллифи тазкира, пеш аз ҳама марбут мешавад ба зикри шаҷараи авлодӣ, ватани аслӣ ва ҳиҷрат ба манотиқи дигар, маълумот ва дараҷоти илмӣ, устодиаш дар намудҳои хат, равобити касбӣ ва ҳунариаш бо дарбори шоҳони сафавӣ, зикри осори таърихие, ки ин ё он хушнавис ҳаккокӣ кардааст, иштироки ӯ дар ҷабҳа ва ғайра.

Масалан, Мирзо Тоҳир дар бораи яке аз чунин хушнависон меоварад: «Мулло Абдулбоқӣ аслаш аз Табрез аст. Аммо дар Бағдод таваттун дошт ва дар мавлавихона бо марҳум Мустафо марбут буда, дар фунуни фазоили ҳикмат ва арабият монанд надошт. Аммо аз изҳораш забон кӯтоҳ дошт. Хатти сулси ӯ насх бар хутути устодон кашида. Шоҳ Аббоси мозӣ ҷиҳати китобати масҷиди ҷомеи Муҳаммад Ҳусайни Ҷалабиро фиристод, ки ӯро биёварад. Ӯ ибо намуда, баъд аз фатҳи Қандаҳор ӯро ба Исфаҳон оварда, китобати камари бузурги васфаи рӯ ба қибла ва тоқ дар масҷид ба хатти ӯст. Фақир (муаллифи тазкира-М.М.) ҳам машқ аз ӯ гирифтаам, вале дастам он қадар ноқобил аст, ки баракати таълими ӯ хатти маро сурат надод. Ҷомӣ гӯяд,

Ҳар киро рӯй ба беҳбуд надошт,
Дидани рӯйи буте суд надошт.

Бисёр халиқ ва меҳрубон буд. Як сол баъд аз фавти шоҳ Аббос фавт шуд. Боқӣ тахаллус мекард. Шеъраш ин аст:

Боқӣ ба абас ту заҳмати хеш макаш,
Пайваста таъаб зи суҳбати хеш макаш.
Тағйири қазо чу нест дар дасти касе,
Беҳуда зи ҷаҳл миннати хеш макаш» [4, 206-207].

Фирқаи савуми сафи савум дар зикри ашъори дарвешон буда††, дар бораи шаш нафар шоири дарвеш маълумот медиҳад. Маълумоти шарҳиҳолии ӯ тамоюли маслакӣ, ватани аслӣ, ҷазбаи сулукӣ, дараҷаи силсилавӣ, устодаш дар ин замина, хидматаш дар тарбияи муридон, сифати инсонӣ ва сулукиаш ва равобиташро бо шеъру шоирӣ дар бар мегирад. Маълумоти ин фасли тазкира фақат арзиши адабӣ надошта, дар бораи равияҳои маслакии аҳди сафавӣ ахбори саҳеҳ ва муфид медиҳанд, ки барои ҷомеашиносон ниҳоят муҳим аст.

Сафи чаҳоруми тазкира бар се фирқа асос ёфта, муаллиф дар фирқаи аввал дар бораи шуарои Ироқ ва Хуросон, дар фирқаи дувум оид ба шуарои Мовароуннаҳр ва дар фирқаи савум доир ба шуарои Ҳиндустон маълумот медиҳад. Тафсилоти бештар оид ба ин саф ва фирқаҳои он дар мақолаи дигар хоҳад омад. Ин ҷо танҳо зикр карданием, ки Мирзо Тоҳир дар фирқаи аввали ин саф доир ба 420 нафар шоири

†† Дар муқаддима ин фирқа «Дар зикри фуқаро ва дарвешон» номгузорӣ шудааст.

Ироқу Хуросон, 54 шоири Моваройуннаҳр, хусусан Бухорову Балх ва 17 нафар шоири Ҳинустон иттилоъи шарҳиҳолӣ оварда, намунаи шеърашонро сабт кардааст.

Ниҳоят, дар сафи панҷуми тазкира муаллиф шарҳи ҳол ва намунаи осори ақвоми худашро меоварад, ки дар он аз Мирзо Ҳасаналӣ сар карда, то фарзандаш-Бадеъуззамонро дар бар мегирад ва дар маҷмӯъ дар мавриди ҳафт нафар хешу табори шоираш маълумот сабт намудааст.

Баъди ин қисмат дар тазкира таҳти унвони «Камина Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ» шарҳи ҳол ва осори муаллифи тазкира омадааст, ки дар муқаддима ва мундариҷаи муаллиф тартибдода наёмадааст.

Хотима яке аз қисматҳои муҳимми тазкира буда, муаллиф дар зикри «таворих ва луғз ва муаммои мутақаддимин ва мутаахирин» дар ду **дафъа** сухан мегӯяд. Дар қисмати дафъаи аввал дар боби «таворих ва луғз ва муаммое, ки исми қойил мушаххас аст, маълумот меоварад, ки он муштамил бар се ҳарф аст.

Дафъаи дувум низ дар зикри таворих ва луғз ва муаммо буда, иборат бар се ҳарф аст ва қойилаш мушаххас нест.

Дар қисмати ҳарфи аввали дафъаи аввал аз моддаи таърихи шоирони ҳавзаҳои гуногуни адаби форсӣ намунаҳо зикр шудааст. Масалан, муаллиф аз Мулло Мунири Бухоройӣ, Мавлоно Баҳоуддини Ҷомӣ, Хондамир, Мавлоно Юсуфи Балхӣ, дар маҷмӯъ аз 68 шоир аз манотиқи гуногуни форсигӯ намунаҳои моддаи таърих овардааст. Дар хотимаи ин қисмат намунаи таърихҳои муаллифи тазкира низ зикр шудаанд, ки аз 65 байт иборат мебошанд.

Дар бобби «Луғаз ва соири ашъори мавзуна» (дар мундариҷа «Дар зикри луғаз» омадааст) аз 16 шоири ҳавзаҳои гуногуни адабиёти форсӣ намунаҳои луғз омадааст. Ҳамчунон дар ҳарфи савум, ки дар зикри муаммост, намунаи муаммоҳои 56 шоир оварда шудаанд, ки дар байни онҳо мисли Мулло Ҷомӣ, Мулло Бадахшӣ, Фузулии Бағдодӣ, Рукнии Нишопурӣ ва дигарон ҳастанд. Дар ин қисмат муаллифи тазкира илова ба он ки аз шоире чандин муаммо меоварад, дар бораи муаллиф ва алоқамандии ӯ ба ин намуди шеър сухан мегӯяд ва ҷавоби муамморо низ зикр мекунад, ки як навъ дарси муаммоомӯзӣ ва муаммошиносӣ низ ҳаст.

Дар қисмати охири тазкира зикри дафъаи сонӣ (дар мундариҷа дафъаи дувум омада) омадааст, ки гӯяндаи муаммо, таърих ва луғз мушаххас нест.

Ҳамин тариқ, ин қисмати тазкира низ бо фарогирии моддаи таъриху луғз ва муаммо дорои арзиши муҳимми адабӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ буда, он барои таърихшиносон ва ҳунаршиносон оид ба таърихи ҳунарҳои меъморӣ, санаҳои муҳимми таърихии замони Сафавия, боғҳову тоқҳои таърихие, ки намунаи олии меъмории аҳди Сафавӣ буда, имрӯз қисме аз байн рафтаанд, маълумоти арзишманд ба даст медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Авфӣ Саидаддин Муҳаммад. Лубоб-ул-албоб / Авфӣ Садидаддин Муҳаммад; аз рӯйи чопи Браун, бо муқаддима ва таълиқоти аллома Муҳаммад Қазвинӣ ва таҳқиқоти Саид Нафисӣ; тарҷумаи дебочаи англисӣ ба форсӣ бо қалами Муҳаммад Аббосӣ. – Теҳрон: Китобфурӯшии Фахри Розӣ, 1341. -626 с.
2. Гулчини Маонӣ Аҳмад. Таърихи тазкираҳои форсӣ. Чопи дувум / Гулчини Маонӣ Аҳмад. - Теҳрон, 1363. - Ҷ1. – 765 с.
3. Малеҳо Муҳаммадбадеъ. Музаккир-ул-асҳоб: матни интиқодӣ бар асоси чаҳор нусхаи муҳим. /Малеҳо Муҳаммадбадеъ: ба эҳтимоми Камолиддин Садриддинхоҷаи Айнӣ. - Душанбе: Пайванд, 1385. – 689 с.
4. Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ. Тазкираи Насрободӣ / Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ; бо тасҳеҳ ва муқобилаи устоди фақид Ваҳиди Дастгардӣ. - Теҳрон, 1361. – 575 с.
5. Футӯҳӣ Маҳмуд. Балоғати тасвир / Футӯҳӣ Маҳмуд. - Теҳрон: Сухан, 1385. – 464 с.

СТУКТУРА И СОДЕРЖАНИЕ «ТАЗКИРЕ НАСРОБОДИ»

В статье анализируется структура одного из оригиналных тазкире персидско-таджикской литературы, которая по содержанию и объёму охватывает многие проблемы литературы XVII в.

Ключевые слова: Мирзо Тохир Насрободи, тазкира (антология), поэты, литература, индийский стиль.

STRUCTURE OF CONTENT AND "TAZKIRA NASROBODI"

The article analyzes the structure of one of originalnyh tazkira Tajik-Persian literature on the content and scope of the problems of the literature ohvativaemye their period.

Key words: Mirzo Tokhiri Nasrobodi, tazkira (anthology), poets, literature, Indian style.

Сведения об авторе: ***М. Муслимифар*** - соискатель Института гуманитарных наук АН РТ.
Телефон: **(+992) 900-98-79-87**

ВАТАН ВА ВАТАНХОҲӢ ДАР НАЗМИ ШОҲМУЗАФФАР ЁДГОРӢ

А. Қурбонов, З. Каримова
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ба қавли мунаққиди барҷастаи тоҷик С.Табаров: «Назми солҳои шастуму ҳафтодуми тоҷик дар натиҷаи афзоиши маҳорати эҷодии шоирону омӯзиши анъанаҳои беҳтарини санъаткорони бузурги гузаштаву имрӯзаи тоҷик, дар натиҷаи аз худ кардани таҷрибаҳои эҷодии ҷолиби диққати адибони маъруфи олам дар роҳи аз худ кардани услубу равияҳои нави адабӣ, офаринишҳои образҳои нави шеърӣ ва махсусан кашфи жанру намудҳои адабии навоварона ба комёбиҳои ба назар намоёне ноил гардидааст» [7, 192].

Дар ин ҷустуҷӯ ва таҳқиқоти навоваронаи назми солҳои шастуму ҳафтодуми асри ХХ, нақши шоири зиндаёди тоҷик Шоҳмузаффар Ёдгорӣ низ муассир аст. Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ба майдони назми муосири тоҷики солҳои шастуму ҳафтодум, аслан ба мавзӯи Ватану ватанхоҳӣ ворид гардид. Дар нақди шеър низ мунаққидон нахуст паҳлӯҳои шеърҳои ватанхоҳии ӯро мавриди тадқиқ қарор додаанд.

Мунаққид Ю.Акбаров дар китоби «Қисмати инсон ва қисмати шеър», ки ба масъалаҳои лирикаи муосири тоҷик бахшида шудааст, дар мавриди ашъори ватанхоҳии Шоҳмузаффар Ёдгорӣ чунин қайд кардааст: «Дар шеърҳои Шоҳмузаффар Ёдгорӣ «Ҳайкал», силсилаи шеърҳои «Ба номи Ватан» ҳайкалҳо, муҷассамаҳо, дарахтону замин, девору деҳаҳо ба гап даромадаанд, ба ҷавонон васият гуфтаанд.

Чунончи, ҳайкал дар шеъри Ш.Ёдгорӣ «Ҳайкал» ба духтаре, ки ҳар пагоҳ барои роз гуфтан ба назди он муҷассама меомад, чунин гуфтааст:

Маҷӯ дигар маро аз ман,
Маро аз гиряҳои талхи модар ҷӯй,
Маро аз ҳасрату аз доғи хоҳар ҷӯй,
Маро аз интиқоми тиру ханҷар ҷӯй,
Маро аз сарбаландиҳои кишвар ҷӯй,
Ки то обод бошад, боз,
Ки то озод бошад, боз.
Ба роҳаш сар напечидам,
«Ватан» гуфтам,
Ҷавониро фидо кардам,
Варо аз теғи душман ман раҳо кардам…

Ҳайкал ба духтар гуфтааст, ки имрӯз ӯ бо чашмони дил нигарад, нек нигарад, ки ӯ ҳам замоне дар дил шӯру шавқе дошт, мисли имрӯзиён хушбахтона зистан мехост.

Дар силсилаи «Бо номи Ватан» низ ҳайкал ба гап даромадааст. Шеъри аввали ин силсила «Ҷанговар» ном дорад. Ҷанговар даҳшату воҳимаи майдони ҷангро тасвир мекунад. Ӯ ба майдони корзор рафта, зидди душманони малъун ҷангида, барои Ватан ҷон додааст, бо ҷони худ ширу модарҳову ҳусни духтарҳоро харидааст. Барои хотири авлодони худ, фарзандони арҷманди Ватан, илтимос мекунад, ки ӯро аз он муҷассама бурун ованд, ба ҳайкал ҷон ато кунанд» [1, 134].

Силсилаи шеърҳои Ватану ватанхоҳӣ дар тамоми маҷмӯаҳои шоир, аз ҷумла «Соҳили бахт» (1977), «Даргоҳи деҳқон» (1980), «Фарзандон» (1982), «Симои халқ» (1984), «Ҳар тори мӯ вафоям» (1987), «Ишқи мо пирӣ надорад» (1993) ба таври барҷаста инъиқоси худро ёфтааст. Бояд қайд кард, ки ашъори ватанхоҳонаи Шоҳмузаффар Ёдгорӣ аз ашъори шоирони дигар фарқияте дорад. Дар эҷодиёти Шоҳмузаффар Ёдгорӣ умумигӯйӣ ба назари хонанда намерасад ва ҳар шеъри ба Ватан бахшидааш мушаххасоти шеъриро дар бар гирифтааст.

Дар ҳамин қабил шеърҳои ватанхоҳӣ мафҳуми Ватан идеали асосии ӯст, яъне асос ин аст, ки Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ватанхоҳиро таъкид ва тарғиб кардан мехоҳад. Масалан, дар шеъри «Фарзанд» аз забони падар ба фарзанд чунин мегӯяд:

Ҳамин аст орзӯи ман,
Барои ҳифзи ному нанг,
Ту фарзанди Ватан бошӣ,
Ба дасти дӯст гул гардӣ,
Ба душман нешзан бошӣ,
Шавӣ бедору бо ёрон
Шиносу хеши «ман» гӯйӣ
Кушои дил, кушои чашм:

Ватан гӯйӣ, Ватан гӯйӣ,
Садоят кӯҳсоронро
Биларзонад, биларзонад.
Дили меҳанпарастонро
Бишӯронад, бишӯронад.
Нидои худшиносият
Дили пиру ҷавон гирад,
«Ватан» гӯйӣ,
Садои ту
Замину осмон гирад [3, 5-6].

Ҳамин қабил шеърҳои хеле самимӣ, пурсадоқат, бо меҳру муҳаббат қисмати шоир ва қаҳрамони лирикии ӯро нисбат ба Ватан нишон медиҳад. Хусусияти барҷастаи назми ватанхоҳии шоирони солҳои шастум ва ҳаштодуми асри ХХ-и тоҷик дар он аст,ки мафҳуми ватанхоҳиро дар ашъори хеш аз мафҳумҳои деҳа, зодгоҳ, пуштаю кӯҳҳо, дар маҷмӯъ аз ҳар пора ҷисми Ватан оғоз намудаанд.

Масалан, дар ҳамин маврид шоири шаҳири тоҷик Мирсаид Миршакар қайд мекунад, ки: «Росташро гӯям барои ман ибтидои Ватани бузургам аз деҳаи хурдам сар мешавад, ки дар он ҷо нахустин бор чашм кушодан, гап задан, роҳ гаштан, ба кӯча баромада бо ҳамсолонам бозӣ кардан, хубро аз бад фарқ кардан, ба ғаму шодии дӯстонам шарик будан, дӯст доштан ва бад диданро ёд гирифта будам» [4, 3].

Дар силсилаи шеърҳои «Насими баҳр» Шоҳмузаффар Ёдгорӣ дур аз канори Тоҷикистон, ватанхоҳии хешро бо ёдномаҳои замони кӯдакӣ, хонаву дар, шаҳри муқаддаси Душанбе, талу теппаҳои зодгоҳаш тасвир намудааст:

Хаёлам меравад бар Тоҷикистон,
Душанбе мешавад бар чашм пайдо,
Ҳамон хона,
Ҳамон даргоҳ к-аз он ҷо,
Ба роҳи ман ҳама чашманд, ҳоло.
Хаёлам меравад бар Тоҷикистон,
Ба сайри теппаҳои Хоҷасартез.
Ҷавонию даводавҳои сарҳӯй,
(Аз ин овон нагаштам сер ҳаргиз) [4, 11].

Ватанхоҳии Шоҳмузаффар Ёдгорӣ аз хонадони падараш, аз зодгоҳаш, аз ҳамон муҳаббат ба талу теппаҳои диёраш оғоз гардида, тамоми паҳнои Тоҷикистони азизашро фаро гирифтааст. Зеро, ба қавли муҳаққиқи назми тоҷик Ю.Акбаров: «Парастидани зодгоҳ як навъ ватанпарастист ва ибтидои ватандӯстӣ ҳам аз ҳамин аст. Шоир ва умуман шахсе, ки хона, деҳ ва зодгоҳи худро аз дилу ҷон дӯст намедорад, тамоми Ватанро дӯст дошта наметавонад [2, 103].

Вижагии ашъори ватанхоҳи Шоҳмузаффар Ёдгорӣ дар он аст, ки аз қадамҳои аввалинаш дар майдони назм то вопасин нафас дар офаридани симои Ватан ва баёни ватанхоҳии қаҳрамони лирикии хеш, роҳу васоити нави образофариро ҷӯстуҷӯ ва корбаст намудааст. Шеърҳои ватанхоҳии Шоҳмузаффар Ёдгорӣ дар радифи шеърҳои ҳамсолонаш Лоиқу Бозор, Ғоиб Сафарзода, Ҳабибуллоҳ Файзуллоҳу Гулназар ва дигарон, аз замони нашрашон то ин замон дар рушди ватанхоҳии афроди ҷомеа хидмати шоистаеро ба ҷой овардаанд. Ба ақидаи мунаққид А. Сатторзода: « Чопи шеър маънои эътирофи он ҳамчун асари санъат, маънои боварӣ ба муаллифи он ҳамчун каси эҷодкор, боварӣ ба он, ки дар оянда барои адабиёт хизмате хоҳад кардро дорад [6, 107].

Шоҳмузаффар Ёдгорӣ бо чопи шеърҳои ватанхоҳии хеш барои адабиёти тоҷик хидмати барҷастае кардааст. Барҷастагии ӯ дар симои шоиронааш, дар ифодаи Ватану ватанхоҳии ӯст ва поку муқаддас пос доштани хоки Ватанаш-Тоҷикистони азиз аст, ки дар шеъри «Симои халқам» хеле барҷаста ифода намудааст ва дафтари шеърии худро аз номи ҳамин шеър номгузорӣ кардааст:

Хоке, ки бар ӯ қадам гузорам,
Хоке, ки аз ӯ падар шараф дид,
Хоке, ки аз ӯст хонаи ман,
Хоке, ки маро нишот бахшид.
Ин хоки диёри кӯҳсор аст,
Гаҳвораи шеъри шоирон аст,
Гулгашти паривашони дунёст,
Маъвои пирони нуктадон аст.
З-ин хок бичид модарам гул,

З-ин гул ба дилаш муҳаббат афрӯхт,
Дардод чароғи умрам ин ҷо,
Ин ҷо ба ман ӯ рафоқат омӯхт.
Хоке, ки бар ӯ қадам гузорам,
Бар вай падарам қадам ниҳодаст,
Хоке, ки бар ӯ қадам гузорам,
Халқам қадам аз адам ниҳодаст [4, 71].

Дар назми муосири тоҷик ҳарчанд ифодаи «хок» ё «хоки муқаддас» фикри тозае нест, аммо Шоҳмузаффар Ёдгорӣ хоки муқаддаси Ватанро хеле самимӣ ва бо ҳиссиёти хеле баланд ифода намудааст. Ба назари мо, беҳтарин ва самимитарину муассиртарин шеъре, ки Шоҳмузаффар Ёдгорӣ «хок»-ро тасвир кардааст, дар байни шеърҳои ватанҳоҳияш, ҳамон шеъри «Симои халқам» мебошад. Бояд қайд кард, ки Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ба хонандаи ашъораш назарияи Ватану ватандорӣ, таносуби пайванди Ватану фарзандонро бо забони шеър пешниҳод намудааст. Масалан, руҷӯи шеъри « **Падар**»:

Падар мегуфт:
-Фарзандам,
Тӯӣ, бахтам, ҷигарбандам,
Самар аз умр агар хоҳӣ,
Нишин пешам, шунав пандам.
Ҳамин аст, орзӯи ман,
Ту фахри Тоҷикистон шав.
Ту баъди ман дар ин кишвар
Нигаҳбон шав, нигаҳбон шав [3, 5].

Руҷӯи шеъри «**Фарзанд**»:

Ту оташи инқилоб будӣ,
Ту умр ба халқ сарф кардӣ,
Мо умри туро ҷавоб ҳастем.
Хоки Ватан аз ту меҳрхез аст,
Бо панди ту халқ сарбаланд аст.
Бегонаписанд нест,
Чун ту
Тоҷик баномусу бананг аст [3, 6].

Аз таҳлили ашъори ватанхоҳии Шоҳмузаффар Ёдгорӣ бармеояд, ки шоир дар ифодаи образ, услуб ва шаклҳои шеърӣ ҷусторҳои наверо корбаст намуда, ба инъикоси амиқи Ватану ватанхоҳӣ диққати махсусе дода, муҳокимаронии фалсафӣ ва таҳлилии тасвири бадеияти шеърро дар ҳангоми ифодаи Ватан ва ватанхоҳӣ, пешаи шоирии хеш қарор додааст, зеро Ватану ватанхоҳӣ дар шеърият сухани хушк ва беобу рангро намепарварад. Дар шеърҳои Ватану ватанхоҳӣ шоир ҳамеша маъниҳои барҷаста, тасвирҳои оддӣ ва дар назар олиро корбаст намояд, ки ба дили ҳассоси хонанда ворид гардида тавонад.

Ба қавли мунаққиди барҷастаи рус А. Белинский: «Одами бузург, ҳамчун халқи худаш, ҳамавақт миллист, зеро ӯ маҳз барои он бузург аст, ки дар худ халқи худро таҷассум мекунад» [2, 134]. Шоирон ҳам инсонҳои бузурганд, зеро дар худ халқи хеш, Ватани хешро таҷассум менамоянд. Қаҳрамони лирикии шеърҳои ватанхоҳии Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, бешак худи халқи шоир аст, ки дар синаашон Ватанро ҷой додаанд ва ҳар коре, ки мекунанду ҳар сухане, ки мегӯянд, оғозу анҷомаш бо номи Ватан пайванд аст:

Мо мардуми покем,
Ба дил кина надорем.
Раҳгумзадаеро ба раҳ ҳайрон нагузорем,
Ҳар кас, ки чу дӯст омаду чун дӯст зи мо рафт,
Гӯем, ки ҷон омаду ҷон аз бари мо рафт [3, 8].

Вақте, ки ба коргоҳи шеъру шоирии Шоҳмузаффар Ёдгорӣ аз канора менигарем, мебинем, ки истеъдоди шоирии Шоҳмузаффар Ёдгорӣ дар мавриди ситоиши Ватану ватанхоҳӣ беохир аст ва дар деҳот аз чорбайту достону қиссаҳои суннатии мардумӣ оғоз гардида то паҳнои адабиёти асил густурда гардидааст.

Ба андешаи мунаққид Ю.Акбаров: «Табиист, ки шоирони нисбатан хушбахту умедбахши мо Муъмин Қаноат, Қутби Киром, Лоиқ Шералӣ, Убайд Раҷаб, Мастон Шералӣ, Бозор Собир, Ҳабибулло Файзулло, Гулрухсор Сафиева, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ….ва дигарон низ ҳар кадоме аз ягон ҷиҳат дар назми мо рӯҳи нав, ҷӯшу хурӯш, нерӯи тоза ва аз ҳама муҳимтар мавзӯи худро оварданд [1, 56].

Аз ин ҷост, ки мавзӯи Ватан ва ватанхоҳӣ дар назми Шоҳмузаффар Ёдгорӣ аз меҳру муҳаббати самимона ба Ватан ба таври воқеӣ, мушаххас ва дақиқу шоирона садо додааст, ки ҷусторҳои илмиро тақозо менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Акбаров Ю. Қисмати инсон ва қисмати шеър / Ю Акбаров. – Душанбе: Дониш, 1980. - С.197.
2. Белинский А.Пол.собр. соч / А Белинский. - М-Л. - Т.10. - 1956.
3.Ёдгорӣ Ш. Фарзандон: Шеърҳо ва достонҳо / Ш. Ёдгорӣ. - Душанбе: Ирфон, 1982. - С.176.
4.Ёдгорӣ Ш. Симои халқ. (Шеър ва достонҳо) / Ш. Ёдгорӣ. - Душанбе: Ирфон, 1984. - С.416.
5.Миршакар М. Айёми ҷавонӣ / М Миршакар. – Душанбе: Ирфон, 1972.
6. Сатторов А. Нуктаи пайванд. Баъзе масъалаҳои инкишофи шеър ва танқиди адабӣ / А. Сатторов. - Душанбе: Ирфон, 1982. - С.240.
7.Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм / С Табаров. - Душанбе: Ирфон, 1978. - С.224.

ЛЮБОВЬ К РОДИНЕ В ПОЭЗИИ ШОХМУЗАФФАРА ЁДГОРИ

В данной статье автором подвергнута изучению и рассмотрению тема любви к Родине в поэтическом наследии Шохмузаффара Ёдгори, а также выражение образов, поэтических методов и форм в философском изречении. Также подвергнута анализу художественность изображения в выражении любви к Родине в творчестве поэта.

Ключевые слова: Родина, любовь к Родине, стих, лирика, поэт, литература, образ, выражение, поэтическое изображение.

LOVE FOR THE MOTHERLAND IN THE POETRY OF SHOMUZAFFAROV EDGARI

In this article, the author subjected to study and discuss the theme of love for the Motherland in the poetic heritage of Shomuzaffarov edgari, as well as the expression of images, poetic techniques and forms in the philosophical dictum. Also analyzed the image artistry in the expression of love for the Motherland in the works of the poet.

Key words: home, love of country, poem, poetry, poet, literature, image, expression, poetic image.

Сведения об авторах: ***А. Ќурбонов*** – доцент кафедры таджикской литературы ТГПУ им.С. Айни
З. Каримова-аспирантка кафедры таджикской литературы ТГПУ им.С. Айни. Телефон: **985-54-49-07**

ПЕРЕВОДЫ ПРОИЗВЕДЕНИЙ И.А. БУНИНА НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

Дж.А. Бобокулов
Кулябский государственный университет им. А. Рудаки

Общеизвестно, что художественные произведения, созданные одним народом, привлекают внимание других народов и становятся достоянием мировой культуры. Отсюда возникает проблема перевода данного произведения на другие языки. Благодаря переводу вообще, художественному переводу в частности, читатель познает мир, знакомится с достижениями мировой культуры. Все это порождает необходимость специального изучения функционального аспекта межязыковых соответствий.

В последние годы многие произведения русских и зарубежных литераторов стали доступными для таджикского читателя. Особенно в 50-60-е годы XX века таджикский читатель, благодаря таким таджикским переводчикам, как Хабибу Ахрори, Шамси Собиру, Э.Муллокандову и многим другим, получил возможность познакомиться с уникальными произведениями русского и других народов мира.

Отрадно, что, в свою очередь, произведения таджикских писателей, как классических, так и современных, благодаря переводу, перешагнули национальные рамки и стали доступны миллионам читателей мира. И мы гордимся тем, что творения Рудаки, Фирдоуси, Саади, Хафиза, Хайяма, Джами и многих других наших писателей и поэтов входят в составную часть сокровищницы мировой культуры.

Одновременно можно утверждать, что хотя уже достаточно много переведено произведений на таджикский язык и с таджикского языка на другие языки, однако до сих пор отсутствуют серьёзные теоретические работы о качестве этих переводов.

Пожалуй, говорить подробно о значении художественного перевода в культурной жизни того или иного народа нет необходимости, так как об этом много писалось и говорилось. Нам хочется лишь напомнить ещё раз суждение выдающегося писателя-переводчика К.И. Чуковского: "Перевод-это окно в другой мир" [1, 301] и согласиться с его трактовкой. Действительно, в наше время, особенно, когда в мире происходят глубокие политические, экономические, культурные и научные изменения и ощущается острая необходимость сотрудничества, взаимодействия между народами, перевод приобретает особую роль. Народы, которые до недавних времён находились в рамках тоталитарного режима, приобрели свою независимость и самостоятельность. Их

просветительские, гуманистические, общечеловеческие идеи перешагнули рамки национального и стали весьма значимыми в масштабе мировой культуры и никакие формально-географические разграничения не могут препятствовать развитию связей и отношений в деле сотрудничества различных стран. Для свободного плодотворного взаимодействия недостаточно взаимопонимания лишь между государственными лицами.

Помимо этого читатели узнают о жизни других народов посредством художественных произведений. В этом смысле художественный перевод продолжает оставаться высшей формой переводческой деятельности.

В связи с этим нужно внести ясность в один момент. Имеется ввиду вопрос о том, что главное в переводе? Перевод-работа языковая или литературная? Не следует отрицать, что художественный перевод-работа творческая и чтобы заниматься художественным переводом, нужно иметь писательские способности. И, конечно, в художественном переводе, главное суметь сохранить идейное содержание, в точности передать образы, изображённые в текстах оригинала. Вместе с тем следует признать и то, что перевод - это огромная работа над языком как оригинального текста, так и языка перевода. Иногда в процессе перевода переводчик "воюет" с чужим языком, а чтобы без насилия устранить эти языковые барьеры, переводчику необходима достаточная языковая подготовка, языковое чутьё. Отсюда напрашивается простая аналогия: если в переводе литературу назвать "содержанием", то язык-это "форма". А форма и содержание как парные категории диалектики не могут существовать друг без друга. Для полноценности перевода необходимо соответствие содержания перевода к определённой форме, т.е. любое содержание-не автономно и выражается определёнными средствами-как в оригинале, так и в переводе. С этой точки зрения уместно будет констатировать существующую ныне тенденцию, относящую теорию и практику перевода к общей филологической дисциплине, и согласиться с этой позицией. В конкретных случаях, конечно, речь может идти, исходя из целей и задач исследования, только о господствующем характере одного из аспектов.

Как отмечалось выше, в многочисленных исследованиях по теории и практике перевода, наибольшему анализу подвергалось именно "Содержание" переведённого материала. А специальные монографии, затрагивающие вопрос о том, каким образом, посредством каких конкретных языковых элементов выражено то или иное содержание в оригинале и какие средства выражения может потребовать это же содержание в языке перевода, до последнего времени отсутствуют.

У разных народов можно легко обнаружить схожие мысли, суждения, умозаключения-всё то, что составляет содержание. А каковы при такой схожести содержания соответствия языковых единиц? Отсюда переводческие материалы "обоснованно используются для лингвистических исследований" и выступают наглядным примером для выявления общих и специфических особенностей языков, в данном случае-таджикского и русского.

Только после победы Октябрьской революции таджикский народ получил возможность систематического и более полного ознакомления с духовным наследием друг друга. Достоянием таджикского читателя сделалось творчество титанов русской литературы: Пушкина, Толстого, Достоевского, Тургенева, Чехова, Горького, Есенина, Бунина и других. Отдельные переводы произведений русских писателей, в том числе и И.С. Бунина, стали периодически появляться в таджикской периодике, начиная с 60-х годов прошлого века. Видные таджикские писатели и поэты Рахим Джалил, Джалол Икрами, Лоик Шерали, Гулрухсор Сафиева и другие внесли свой вклад в дело ознакомления таджикских читателей с творчеством русских писателей и поэтов.

История таджикского художественного перевода и в связи с ней проблемы взаимосвязи, взаимодействия и взаимообогащения родственных литератур, в нашем случае-многовековые контакты между таджикской и русской литературой-до настоящего времени малоисследованная проблема в таджикской литературе. Таджикское литературоведение располагает большим количеством трудов, в которых данная проблема рассматривалась на примере творчества отдельного поэта или писателя и перевода его произведений в разрезе историко-сопоставительного анализа одной работы, хотя и здесь пробелов еще немало, не достигнут все еще уровень изучения вопроса в комплексе, например, по этапам возникновения, становления, совершенствования и обновления контактов в контексте общественно-политического развития, происходящих перемен и преобразований в обществе и самой природе литературных взаимоотношений. По всей видимости, к таким поискам в литературе пока не приступили по причине отсутствия надлежащей научной базы. Наука все ещё остается во власти синхронного изучения истории

художественно-эстетических связей, занята локальными проблемами, что вполне закономерно.

Историко-типологическое сопоставление культур охватывает бесчисленные проблемы, начиная от общности мифов и кончая различными новейшими жанрами письменной литературы. Раскрытие, например, роли перевода и его влияния на формирование новых жанров и форм в той или иной литературе, выработка новых стилей в ходе сложнейших переплетений проблем-дело нелегкое. Несмотря на то, что уяснена общая методология историко-типологического сопоставления культур, однако точное определение в этом пространстве места перевода вообще и роли художественного перевода, в частности, требует скрупулезного анализа огромного материала.

Хотя здесь и будет повторена известная истина о том, что художественный перевод является важнейшим способом осуществления духовно-эстетических контактов, способствующих прогрессу каждого народа и всего человечества, важным фактором взаимообогащения литератур и культур в целом. В связи с распадом Советского Союза и вместе с этим ослаблением былых, довольно плодотворных контактов между народами мира, переводческая практика пережила в начале 90-х годов более чем пятилетний застой. В этот период некоторым деятелям, в т.ч. и в суверенном Таджикистане, показалось, что монокультура, замыкание в рамках своих традиций приведет к желанным результатам развития национального менталитета. Следует отметить, что многие выдающиеся государственные и политические деятели вовремя поняли, что диалог культур-диалог цивилизаций-неотъемлемая часть общечеловеческого прогресса, в связи с чем перевод и стремление к взаимообмену эстетическим опытом вновь набирает былые обороты.

Налаживанию дел в этом аспекте способствует продолжение работ по синхронному исследованию проблемы на примере выдающихся творческих личностей, художественный опыт которых оставил заметный след в формировании и развитии реалистического искусства. Один из выдающихся представителей русского реалистического искусства слова XX века, являющийся лауреатом Нобелевской премии, Иван Алексеевич Бунин (1870—1953) в этом плане не составляет исключения. В его творчестве своеобразно отразилась круто ломавшаяся жизнь России в пору тех огромных потрясений, которые несла миру революция.

Исследования истории переводов произведений И.А. Бунина на таджикский язык, вопросов плодотворного влияния его опыта на таджикскую литературу, своеобразия путей распространения его наследия в нашей республике, этапов и принципов творческого освоения опыта русского писателя таджикскими переводчиками представляет большую научно-теоретическую и практическую значимость.

Многое, если иметь ввиду формирование и становление реализма, а потом и реалистического искусства в целом, в русской литературе связано с именем И.А. Бунина.

Русский писатель соединяет в своем искусстве грозную истину с жизнью. « Реализм Бунина в буквальном смысле слова набате» и не знает себе равных во всей мировой литературе. За ним утвердилась репутация художника слова, у которого смех заменяет положительного автора.

Особо ощущается непроходящее значение классики в наше время грандиозных преобразований, когда на первое место у всех народов, идущих по пути углубления самопознания и самосознания в духе диалога цивилизаций, выдвигается ее национальный и инонациональный характер. Русская классика XX века, одну из величайших фигур которой представляет И.А. Бунин-это проникновение в судьбы не только русского человека, но и всего человечества, хотя каждое время обладает своими представлениями о человеке и человечестве. Однако, думая о нём, мы ставим перед собой задачу воспринять и понять его как единственного, занятого собою также, как занят он и сейчас всеми нами, художника слова.

Такого И.А. Бунина узнал таджикский народ, переводя его наследие, изучая его образы, проникая в суть его общечеловеческих открытий в художественном слове, начиная с первого десятилетия XX века.

В творчестве этого писателя можно видеть человека, который красной нитью проходит через все его творчество, поистине поражает своей актуальностью. Нетрудно будет судить об этом, если глубоко вчитаться в нижеследующие слова великого писателя:

Человека нельзя ограничить другим человеком; на следующий год окажется, надо ограничить до того, который приставлен для ограничения, и тогда

ограничениям не будет конца. Нужно оказать доверие и к благородству человека, а без того не будет вовсе благородства».

Художественный мир И.А. Бунина стал своеобразным явлением в истории русской и мировой литературы. Глубокое проникновение в сущность социальных явлений, во внутренний мир человека, высокая художественная убедительность, масштабность творческих обобщений, проникнутые взволнованным авторским восприятием действительности, открыли иную-в сравнении с изображаемым-духовную и социальную перспективу полнокровного развития жизни, раскрытия духовных возможностей человека. И вместе с тем это не уменьшило силу критицизма художественных шедевров писателя. Как верно отмечает К.Рехо, «Многие писатели прошлого уже забыты, они представляют сегодня лишь исторический интерес. Однако Бунин И.А.-остро современный поэт и писатель. Характер Бунина И.А. обусловлен тем, что творчество гениального писателя не исчерпывается российской действительностью того времени. В своих произведениях он ставил острейшие проблемы философского, общественного и психологического содержания, волнующие и современное человечество. Благодаря этому, творчество Бунина И.А. выходит за национальные и временные рамки, становясь животворной традицией для современной мировой литературы».

Вполне очевидна значительная роль И.А. Бунина в развитии мировой литературы. Школой Бунина И.А. был, как обычно утверждают многие, прежде всего, реализм, но большой притягательной силой обладали и черты его творчества. С этим феноменом связана и неиссякаемая любовь народов мира к его гению.

Знакомство таджикской литературной общественности с творчеством великого русского писателя началось в 60-70 годы XX века. Первым значительным шагом в изучении и ознакомлении с творчеством Бунина И.А. стал перевод повести «Деревня» таджикским писателем Шамси Собир, представителем плеяды таджикской демократической интеллигенции XX в. За ним последовали другие переложения, выполненные уже в советское время. Это повести «Натали», «Бернар», «Книга», «Три желания», «Родина», «Молодость и староста», «Антоновские яблоки», «Над городом, «Новая дорога», «В августе» и др…

Несмотря на то, что в таджикской критике и литературоведении история переводов и принципы влияния И.А.Бунина на таджикскую прозу и получили некоторое освещение, они не стало объектом скрупулёзного, отдельного анализа. Можно сказать, в этом отношении почти ничего не сделано.

Более 70 лет, начиная со второй половины 30-х годов прошлого века, говорится и пишется о достижениях таджикской литературы в области художественного перевода. Начиная со второго съезда писателей страны, не было ни одного съезда, где бы в основных докладах или специальных выступлениях делегатов съезда не звучали голоса одобрения о состоянии художественного перевода в стране и популяризации литератур, благодаря которым сокровищница таджикской литературы обогатилась новыми художественными произведениями, что есть правда. Переводу обязаны рождение и становление новых родов литературы, таких как публицистика, новых жанров и форм, перечислить которые здесь нет возможности. Вопросам перевода и необходимости научного обобщения таджикского опыта перевода посвящены специальные пленумы Союза писателей, научно-теоретические конференции и круглые столы, многочисленные дискуссии и статьи. Однако, как об этом не раз говорилось и писалось, «достигнутые таджикской школой художественного перевода успехи до настоящего времени не стали объектом комплексных научных исследований, посвященных обобщению этого богатейшего, уникального для таджикского литературного процесса опыта. Наша литературная критика всерьёз не занимается вопросами перевода; она, к сожалению, не поднялась выше уровня рецензии».

Эти слова принадлежат выдающемуся профессиональному переводчику Хабибу Ахрори, которые были написаны почти четверть века тому назад в его статье «Творческая работа или просто обычное ремесло?». Спустя столько лет, вновь можно подтвердить, что изучение истории и теории перевода не так уж сильно сдвинулось с мертвой точки. За исключением ряда работ, выполненных на примере переводов отдельных произведений С.Айни, М.Турсун-заде, А.Лахути, Дж.Икрами, Ф.Мухаммадиева на русский и А.С.Пушкина, М.Ю.Лермонтова, Л.Н.Толстого, А.П.Чехова, М.Горького, М.Шолохова, В.В.Маяковского на таджикский язык. А, вообще, этот вопрос всё ёще остается открытым. И.А. Бунин-второй по величине писатель современного русского реализма после А.М.Горького, которой остается в том же кругу неизученных творцов, и не постигнув его роли и вклада, трудно

представить формирование реализма в мировой литературе, в том числе, в таджикской литературе.

Тем более, история и процесс переводов произведений И.А. Бунина на таджикский язык, их качество и влияние на принципы творческого освоения его опыта, не говоря о принципиальных вопросах реализма, намного отличаются от многих других явлений взаимодействия и взаимообогащения литератур.

Первый перевод из творчества И.А. Бунина на таджикский язык появился 24 декабря 1965 года в газете «Комсомоли Точикистон». Этот перевод повести « Про обезьяну» был осуществлен Б.Муртазоевым.

Переводы стихотворений русского поэта И.А.Бунина «Три ночий», «Полями пахнет–свежий трав», « Свежим мокрым зеленым пахнут поля», «За окном» сделаны таджикским поэтом Хакназаром Гоибом, которому созвучно творчество Ивана Бунина.

В честь 100-летия со дня рождения И.А.Бунина в газете «Маориф ва маданият» выходит статья о жизни и творчестве И.Бунина, а также переводы повести «Три желания» со стороны таджикского переводчика Уктама Холикова.

В 1987 году в газете «Комсомоли Точикистон» вышли два рассказа Ивана Бунина «Бернар» и «Книга» в переводе Масрура Абдуллоева на таджикский язык.

Во-первых, И.А.Бунин второй после А.М.Горького, произведения которого были переведены на таджикский язык и частично вошли в программу таджикских школ еще в начале XX века, как на первом Всесоюзном съезде советских писателей был провозглашен призыв о систематическом переводе литератур в стране Советов.

Во-вторых, за исключением двух моментов, о чем будет сказано чуть ниже, перевод произведений И.А.Бунина почти что не носил юбилейного характера и не являлся результатом кампанейского подхода. И первый перевод «Про обезьяну», сделанный Б.Муртазоевым 24 декабря 1965 года, и перевод «Деревня», выполненный Шамси Собир соответственно в 1991 году, и переложение Масрура Абдуллоева двух рассказов «Бернар» и «Книга» в 1987 и прекрасное переложение лирического цикла стихотворения «Три ночи» в исполнении Хакназарам Гоибам в 1987 году, вышедшее из печати два года спустя (1989), никакого отношения к юбилейным датам не имеют.

Относительную связь со 100-летием со дня рождения, отмеченным в 1970 году, имеет перевод У.Холиковам рассказа «Три желания».

Другие работы, среди которых новые переводы стихотворения «Три ночи», «Полями пахнет–свежий трав», «Свежим, мокрым, зеленым пахнут поля», «За окном», сделанные таджикским поэтом Хакназаром Гоибом, и сборник рассказов русского писателя «Деревня», куда вошли почти что все переведенные до этого времени произведения И.А.Бунина, явились знаменательными событиями в истории таджикско-русских литературных взаимоотношений, что достойно изучения.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Арбузов А.Н. Особенности перевода художественного текста / А.Н. Арбузов. - М.: Наука, 1982.
2. Чуковский К.И. Характер перевода / К.И. Чуковский. - М.: Высшая школа, 1997.
3. Шарипов М. Перевод таджикской литературы на русский язык / М. Шарипов. - Душанбе: Ирфон, 2011.

ПЕРЕВОДЫ ПРОИЗВЕДЕНИЙ И.А.БУНИНА НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

В статье автор показывает переводы произведений великого русского поэта Ивана Бунина на таджикский язык. Автор на основе обширного материала исследует творчество И.Бунина, а также переводы его произведений на таджикский язык.

Ключевые слова: перевод, творчество, поэт, текст, язык, литература, культура

TRANSLATIONS OF WORKS OF И.А.БУНИНА INTO TADJIK LANGUAGE

In the article an author shows translating of works of the great Russian poet Ivan Бунина into the Tadjik language. An author on the basis of vast material investigates work of И.Бунина, and also translating of his work into the Tadjik language.

Key words: translation, work, poet, text, language, literature, culture

Сведения об авторе ***Д.А. Бобокулов*** - декан факультета русского языка и литературы Кулябского государственного университета им. А.Рудаки.Телефон: **938-79-23-91**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

МАТБУОТИ МУОСИР ҲАМЧУН ЯК НАМУДИ БИЗНЕС

М. Муқимов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Имрӯз матбуот ба ғайр аз воситаи иттилоърасонӣ ва тарғиботӣ боз бизнеси хуб ҳам ҳаст, ки дар натиҷаи менеҷменти дуруст метавонад ба муассисаш фоидаи зиёд орад. Даромади матбуот аслан аз фурӯши нашрия, чопи реклама ва хизматрасониҳои дигар ба муштариён ба даст меояд. Таносуби ин нишондиҳандаҳо дар ҳар як кишвар вобаста аз шароити иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ гуногун аст. Масалан, то буҳрони ҷаҳонии молиявии соли 2008-ум даромади расонаҳо аз реклама рӯ ба афзоиш дошт. Аз ҷумла, дар ВАО-и Русия ва ИМА то соли 2008-ум даромад аз реклама босуръат зиёд мешуд. Вале бо гирифтории истеҳсолкунандагони маҳсулоту хизматрасонӣ ба буҳрони молиявӣ ҳаҷми реклама дар ВАО ба якборагӣ кам шуд ва даромад аз ин ҳисоб коҳиш ёфт. Таъсири буҳрони молиявӣ то ба ҳол аз байн нарафтааст. Масалан, баъди соли 2008 *вазъи молиявии рӯзномаи фаромиллии ИМА «*USA Today» низ ногувор гардид. Соли *2010 вай ҳамагӣ 300 саҳифаи рекламавӣ фурӯхт, ки нисбати соли 2005-ум 50 фоиз кам аст. Ҳамзамон даромади нашрия аз 650 млн. доллари соли 2005-ум соли 2010 ба 380 млн. доллар фаромад. Мушкилоти молиявӣ идораи газетаро маҷбур кард, ки теъдоди кормандонашро ихтисор намояд. Агар то соли 2004 дар редаксияи «*USA Today» 1800 нафар кор мекарданд, пас соли 2004-ум шумораи онҳо то 1400 нафар кам карда шуданд, соли 2010-ум боз 130 нафари дигар ихтисор гардиданд [1]. Ба қавли ноширн газета **Дейв Хунк** коҳиш додани хароҷот имкон дод, ки редаксия соли 2010 каме фоида ба даст орад.

Бино ба иттилои Ассотсиатсияи оҷонсиҳои иртиботии Россия аз рӯи натиҷаи соли 2011 даромади матбуот аз реклама 40,8 млрд рубл (тақрибан 1,316 миллиард доллар)-ро ташкил дод ва он нисбати соли 2010 ҳамагӣ 6 фоиз афзуда аз рӯи нишондиҳандаҳои мутлақ бори аввал аз Интернет ақиб монд. Дар ҳамин ҳол даромади Интернет аз реклама нисбати соли 2010 56 фоиз афзуда, 41,8 миллиард рубл (тақрибан 1,349 миллиард доллар)-ро ташкил дод [2].

Мувофиқи моддаи 12-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» (2003) дар матбуоти даврии давлатӣ, ки барои ахбор ва маводи хусусияти рекламавӣ дошта махсус гардонида нашудаанд, реклама набояд аз 25 фоизи ҳаҷми як шумораи нашрияи матбуоти даврӣ ва дар матбуоти даврии ғайриҳукуматӣ ин ҳаҷм набояд аз 40 фоиз зиёд бошад. Мутаассифона, ноширони тоҷик на ҳамеша аз ин ҳуқуқи худ истифода мекунанд. Аз нашрияҳои давлатӣ танҳо газетаи «Ҷумҳурият» қариб дар ҳар як шумораш 25 фоизи маводи умуми нашрия эълону реклама чоп мекунад. Аз нашрияҳои хусусӣ танҳо газетаи «Asia-Plus» дар ҳар шумораш то 40 фоизи ҳаҷми умумӣ аз эълону реклама истифода мебарад.

Агар дар хориҷа фаъолияти нашрияҳо асосан аз ҳисоби даромад аз реклама сурат гирад, дар Тоҷикистон фаъолияти нашрияҳо ба фурӯши чаканаи тираж вобаста аст. Зеро даромади газетаҳо аслан аз фурӯши нашрия ба даст меояд. Танҳо чанд рӯзнома аз қабили «Asia-Plus», «Тоҷикистон», «Ҷумҳурият» аз реклама даромади бештар мегиранд. Нашрияҳои дигари хусусиву давлатӣ аҳён-аҳён реклама чоп мекунанд ва маблағи он дар даромади газета ҳиссаи ночизро ташкил мекунад. Дар ҳамин ҳол нархи рӯзномаҳо дар муқоиса бо маоши хонандаҳо нисбати дигар кишварҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон гарон аст. Масалан, обунаи солонаи газетаи «Ҷумҳурият» -144 сомонӣ буда, нархи чаканаи рӯзномаҳо дар шаҳри Душанбе аз 1 сомону 70 дирам то 2 сомонӣ ва дар навоҳии дур аз пойтахт аз ин ҳам гаронтар мебошад. Нархи мазкур дар муқоиса бо дигар кишварҳо хеле гарон аст. Масалан, нархи обунаи солонаи газета дар Ҳиндустон ба 5 доллар баробар буда, як шумораи он ба 7 сент (34 дирам) фурӯхта мешавад.

Ноширони тоҷик мегӯянд, ки агар тиражи нашрия аз 3 ҳазор нусха зиёд бошад, вай фоиданок аст. Ҳамин аст, аксари ноширон барои чопи эълону реклама, ки бозораш аллакай аз ҷониби чанд расона инҳисор гардидааст, чандон талош намекунанд.

Асомиддин Суннатӣ, муассиси нашрияи «Муҳаббат ва оила», ки бо тиражи 4 ҳазор нусха чоп мешавад, мегӯяд, ки намехоҳад аз касе вобаста бошад. Ӯ барои чопи нашрияҳои худ аз касе ё созмоне маблағ (бурс) нагирифтааст ва намехоҳад ба даромади реклама вобаста бошад. Аз ин рӯ, вай аслан дар нашрияҳои худ реклама чоп намекунад ва даромади нашрияҳояш аз фурӯши тиражи газета ба даст меояд.

Дар ИМА 88 фоизи тиражи нашрияҳо аз тариқи обуна ва 12 фоиз аз тариқи фурӯши чакана паҳн карда мешаванд [3].

Бояд гуфт, ки дар ИМА харҷи интиқоли газета тавассути почта ба обуначиён аз ҳисоби маблағи нашрияҳо сурат гирифта, ба манфиати муштариён аст. Масалан, нархи обунаи як шумораи газетаи «The Washington Post» дар ИМА тақрибан 35 сент мешавад. Нархи мазкур албатта, нисбати маоши америкоиён хеле арзон аст. Дар Русия ва Тоҷикистон бошад, почта барои ба муштариён расонидани нашрияҳо ба нархи редаксия хизматонаи худро зам мекунад ва дар натиҷа қимати обуна меафзояд. Масалан, нархи як шумораи «Аргументы и Факты» дар Русия барои обуна 70 сент дар ИМА 5,79 доллар аст. Дар Тоҷикистон низ нархи обунаи газетаҳо гарон аст. Масалан, нархи обунаи як шумораи газетаи «Нигоҳ» тақрибан 25 сент аст. Бояд гуфт, ки дар ИМА тарифи интиқоли нашрияҳо аз тариқи почта таҳти назорати қатъии ҳукумат аст ва ин як навъ механизми мусоидат ба ноширон мебошад.

Чӣ тавре ки гуфтем, даромади асосии нашрияҳо дар хориҷа аз реклама аст ва тиражи ин нишондиҳанда барои ҷалби реклама мебошад. Ҳамин аст, ки дар ду давлати Аврупо - Ирландия ва Люксембург теъдоди рӯзномаҳои ройгони якшанбегӣ, ки даромадашон аз реклама ба даст меояд, аз рӯзномаҳои пулакӣ афзуд. Дар Македония, Италия ва Португалия ин нишондиҳанда 40 фоиз ба 50 фоиз аст [4].

Дар 18 мамлакат ҳаҷми бозори газетаҳои ройгон 20 фоизро ташкил медиҳад. Дар Чилӣ ин нишондиҳанда 30 фоиз ва дар Доминикан 50 фоиз аст. Тиражи аз ҳама зиёди газетаҳои ройгон дар ИМА ва Канада мутаносибан рӯзе 2,4 миллион ва 1,5 миллион нусхаро ташкил медиҳанд.

Аз рӯйи пажӯҳиши сотсиологӣ қариб 51 фоизи аҳолии калонсоли ИМА пайваста газета мутолиа мекунанд. Солҳои охир ба афзоиши Интернет ҷавонон бештар ба он рӯ меоранд. Ҷавонони америкоии то 30-сола 59% (соли 2007- 34%) иттилоъро бештар аз Интернет мегиранд. Ҳамин аст, ки тиражи газетаҳо рӯ ба кам шудан доранд. Вале шумораи онҳое, ки рӯзномаро аз Интернет мехонанд, афзуда истодааст. Аз ҷумла, аз ҳар панҷ нафаре, ки вуруди Интернет мешавад, ҳатман яке аз он ҷо газета мехонад. Ин нуктаро ба эътибор гирифта, ҳоло беш аз 2200 газетаи америкоӣ сайти худро дар Интернет боз кардаанд. Аз рӯи пажӯҳиши Оҷонсии Pew Research Center, ки аввали соли 2011-ум гузаронидааст, 46 фоизи сокинони ИМА ҳафтае камаш се маротиба ахборро аз Интернет мутолиа мекунанд. Муштариёни рӯзномаву маҷаллаҳои коғазӣ бошанд, ба 40 фоиз мерасанд.

Нишондиҳандаи мазкур дар Россия нисбатан камтар аст ва матбуоти чопӣ афзалият дорад. Ба иттилои роҳбари Оҷонсии федералии матбуот ва иртиботи оммаи Россия Михаил Сеславинский 24 фоизи шаҳрвандони ин кишвар дар соли 2011 Интернетро манбаи асосии дастрасӣ ба иттилоот донистаанд.

Ба иттилои Бюрои аудити тираж (Audit Bureau of Circulations, ABC) рӯзномаи «The Wall Street Journal» бо тиражи миёнаи ҳаррӯзаи 2,1 миллион нусха сертеъдодтарин нашрияи ИМА дар соли 2011-ум дониста шудааст [5]. Дар рейтинги мазкур бо тиражи якрӯзаи 1,78 миллион нусха ҷои дуюмро рӯзномаи «USA Today» соҳиб гардид. Рӯзномаи «The New York Times» бо нишондиҳандаи 1,15 миллион нусха газета дар як рӯз дар ҷои сеюм аст. Албатта, ин нишондиҳанда нисбат ба солҳои пешин кам аст. Масалан, газетаи «USA Today» соли 2008-ум бо тиражи 2

миллиону 250 ҳазор нусха чоп шуда, дар ИМА аз сертеъдодтарин рӯзнома маҳсуб мешуд. Рӯзномаи «The New York Times» бошад, соли 2005-ум дар рӯзҳои муқаррарӣ бо тиражи 1 миллиону 131 ҳазор нусха ва рӯзҳои якшанбе бо теъдоди 1 миллиону 681 ҳазор нусха ба табъ мерасид.

Бюрои аудити тираж нашрияҳои маъруфи электрониро низ муайян кард. Ба иттилои он сомонаи рӯзномаи «The Wall Street Journal», ки қисман пулакӣ аст, дар ҷои аввал меистад. Сомонаи мазкур 537,4 ҳазор нафар обуначӣ дорад. Дар байни газетаҳои интернетӣ сомонаи «The New York Times» бо 380 ҳазор обуначӣ дар ҷои дуюм қарор дорад. Дар рейтинг сомонаи газетаи «The New York Daily News», ки 165,4 ҳазор обуначӣ дорад, ҷои сеюмро гирифтааст.

Бояд гуфт, ки буҳрони ҷаҳонии молиявии соли 2008-ум, ки ҳоло ҳам оқибатҳояш рафъ нашудаанд, ба матбуоти ИМА таъсири манфӣ расонид. Аз як ҷониб, тиражи рӯзномаву маҷаллаҳо кам шуда бошанд, аз ҷониби дигар, ҳаҷми реклама коҳиш ёфт. Ин ҳама водор кард, ки ноширон фаъолияташонро камхарҷ карда, аз паи ҷустуҷӯи роҳҳои нави дарёфти маблағ шаванд. Роҳандозии технологияҳои нави иттилоотӣ имконияти наверо барои матбуоти электронӣ ба вуҷуд оварданд. Аз ҷумла, соли 2010 замимаҳои нави чопи рақамӣ барои матбуоти даврӣ ба вуҷуд омаданд. Ҳоло аксари рӯзномаву маҷаллаҳои машҳур қаринаи худро барои планшетҳои iPhon ва iPad омода мекунанд. Ба иттилои рӯзномаи «The Financial Times» газетаи маъруфи британии «The Daily Telegraph» моҳи майи соли 2011 барои планшети iPad замимаи пулакиро роҳандозӣ кардааст. Арзиши як шумораи газета барои iPad 1,19 фунт стерлинг буда, обунаи ҳафтаина 9,99 фунт стерлинг қимат дорад [6].

Ҳамчунин аксари нашрияҳои ИМА қаринаи электронии газетаашонро пулакӣ карданд, то аз ин ҳисоб низ маблағе ба даст оранд. Ин ҳамаро метавон дар фаъолияти рӯзномаи «The New York Times» мушоҳида кард.

Ҳанӯз дар нимаи солҳои 2000-ум рӯзномаи «New York Times» дастрасӣ ба сомонаашро пулакӣ карда буд, вале баъди чанд вақт бинобар бесамар буданаш аз ин иқдом даст кашид. Баъдан хароҷоти сомонаи рӯзнома аслан аз маблағи реклама пӯшонида мешуд. Моҳи ноябри соли 2010 маъмурияти газетаи «The New York Times» якҷоя кардани редаксияи интернетӣ ва чопии рӯзномаро эълон намуд [7]. Шуъбаҳои сомона бо шӯъбаҳои худи редаксияи газета якҷоя карда шуданд. Ин имконият дод, ки нерӯи эҷодӣ самаранок истифода карда шаванд. То ин вақт сомонаи газетаи «The New York Times» аз редаксияи алоҳида иборат буд. Яке аз сабабҳои асосии ба ин амал даст задании маъмурият, коҳиш додани хароҷоти аслӣ мебошад. Масалан, дар семоҳаи чаҳоруми соли 2010 танҳо болоравии нархи коғаз хароҷоти газетаро нисбати ҳамин давраи соли 2009 13 миллион доллар зиёд кард. Барои пӯшонидани хароҷот ширкати «The New York Times Company» аз 28 марти соли 2011 дастрасӣ ба сомонаи рӯзномаро пулакӣ кард [8]. Ҳоло барои маҷмӯи обуна барои қаринаи электронӣ ва замима барои коммуникатор моҳе 15 доллар пардохтан лозим аст. Ҳамин маҷмӯа бо замима барои планшет моҳе 20 доллар ва ҳамаи маҷмӯи хизматрасониҳои онлайн 35 доллар қимат дорад. Обунаи чопии солонаи газета бошад, 770 доллар аст.

Дар ҳамин ҳол даромади «The New York Times Company», ки ба ғайр аз рӯзномаи «The New York Times» боз газетаҳои «The Boston Globe» ва «The International Herald Tribune»-ро чоп мекунад, дар семоҳаи дуюми соли 2011 нисбат ба ҳамин давраи соли 2011 2,2 фоиз кам шуда, 576,7 миллион долларро ташкил дод. Қисми асосии даромади ширкат аз реклама - 302, 2 миллиона доллар ба даст омада, маблағи боқимондаро фурӯши тиражи газета овардааст. Фоидаи софи ширкат дар ҳамин давра 32 миллион доллар буда, зиёни соф - 119,7 миллион долларро ташкил додаст.

Қобили зикр аст, ки даромади қаринаи онлайнии газетаи «The Washington Post», ки аз реклама ба даст меояд, дар 9 моҳи соли 2010 14 фоиз ё ин ки то 77,8

миллион доллар афзуд. Дар ҳамин ҳол аз соли 2011 обуна ба қаринаи электронии «The Washington Post» пулакӣ гардида, он моҳе ба 9,95 доллар баробар аст. Албатта, ин ягона чораи дарёфти маблағ нест. Редаксияи газетаи «Washington Post» барои дарёфти даромад аз роҳу усулҳои нав истифода мекунад [9].

Фиристодани номаҳои электронӣ аз рӯйи дархости муштариён низ метавонад даромад орад. «The Washington Post» барои хонандаҳо беш аз 50 намуди хизматрасонии электрониро ба роҳ мондааст, ки баъзеи онҳо ҳаррӯза ва ё ҳарҳафтаина мебошанд. Асосан муҳтавои ин хизматрасонӣ аз мундариҷаи «The Washington Post» гирифта шуда, вобаста ба завқу табъи муштариён саҳифабандӣ шудаанд. Барои обуначиён паёмҳои мазкур ройгон буда, сарпарастону рекламадиҳандагон маблағи онро мепардозанд. Дар паёмҳо албатта, ҳиссаи реклама маҳдуд карда шудааст.

«The Washington Post» хизмати ба телефонҳои мобилӣ ва планшетҳои компютерӣ фиристодани ахборро низ анҷом медиҳад.

Соли 2011 «The Washington Post» ду лоиҳаи навро барои дарёфти даромад роҳандозӣ кард. Аз ҷумла, моҳи феврали соли 2011 лоиҳаи Social Code (коди иҷтимоӣ) шурӯъ шуд. Он ба муштариён хизматрасонии машваратиро пешниҳод мекунад. Баҳори соли 2011 рӯзномаи «The Washington Post» навоварии дигареро ҷорӣ карда, платформаи маҷмӯи хабарҳоро дар мавзӯъҳои гуногун (Trove) таъсис дод. Ин имконият медиҳад, ки муштарӣ хабарҳои мароқангезро аз рӯи мавзӯи дархостшуда бе реклама пулакӣ дастрас намояд.

Роҳбарияти газетаи «The Washington Post» барои кам кардани хароҷот соли 2009 3 бунгоҳи охирини хабариашро дар ИМА, ки дар шаҳрҳои Лос-Анҷелес, Ню-Йорк ва Чикаго буд, баст [10]. Соли 2008 «The Washington Post» 192,7 миллион доллар зиён дид. Ҳол он ки соли 2007 нашрия 66,4 миллион доллар фоида гирифта буд. Сабаби зиёновар шудани нашрия ба кам шудани реклама ва коҳиш ёфтани тиражи газета иртибот мегирад. Барои кам кардани хароҷот нашрия маҷбур шуд кормандонашро низ ихтисор кунад. Ин амал имкон дод, ки «The Washington Post» дар соли 2009 даромадашро то 70 фоиз зиёд кунад, вале дар ҳамин ҳол ҳам нашрия зиёновар боқӣ монд.

Қобили тазаккур аст, ки феълан дар Русия маводи аксари газетаҳои интернетӣ ройгон аст ва расонаҳо аз ҳисоби ҷойгир кардани реклама дар сомонаашон даромад ба даст меоранд. Дар ҳамин ҳол газетаи «Ведомости» аз 30 майи соли 2011 дастрасӣ ба қаринаи онлайни худро маҳдуд кард ва акнун маводро пурра дар Интернет шахсоне, ки сабти ном шудаанд ва онҳое, ки ба маҷмӯи хизмати обунаашон қаринаи электронӣ шомил аст, мутолиа карда метавонанд. Навоварии дигари рӯзнома он аст, ки дастрасӣ ба бойгонии рӯзнома пулакӣ мебошад. Воқеан, рӯзномаи «КоммерсантЪ» низ дастрасӣ ба бойгониашро пулакӣ кардааст, вале худи сомонаи газета ройгон аст.

Дар Тоҷикистон низ аксари рӯзномаҳои маъруф сомонаи худро доранд ва дар он маводашонро ройгон мегузоранд.

Оҷонсии eMarketer дар оянда боз ҳам коҳиш ёфтани рекламаро дар матбуот пешгӯӣ мекунад. Ба маълумоти оҷонсӣ дар ИМА соли 2016-ум хароҷот барои реклама дар Интернет ба 62 миллиард доллар мерасад [11]. Пешгӯйии мазкур расонаҳои чопиро маҷбур мекунад, ки барои касод нашудан роҳҳои нави гирифтани даромадро пайдо бикунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. USA Today теряет тиражи / И. Лисов. [Электронный ресурс] // *planetasmi.ru* - Режим доступа: http://www.planetasmi.ru/blogi/comments/6550.html (Дата обращения: 10.09.2014).
2. Соболев С. Реклама запечатана в прошлом: // Коммерсант.ru. 2012. 22.02. [Электронный ресурс] - Режим доступа: http://www.kommersant.ru/doc/1878484 (Дата обращения: 10.09.2014).
3. Оськин А.В. Проблемы и тенденции на рынке печатных СМИ России: [Электронный ресурс] // slideshare.net. 2010. 04.06. - Режим доступа: http://www.slideshare.net/FUTUREPRESSA/ss-4064058 (Дата обращения: 10.09.2014).

4. Рынок платных и бесплатных газет в США и Европе: // Медиа сервис «Сделка». 2011. 11.02. [Электронный ресурс] Режим доступа: http://mssdelka.ru/news/rynok_platnykh_i_besplatnykh_gazet_v_ssha_i_evrope/2011-02-11-2069 (Дата обращения: 10.09.2014).
5. The Wall Street Journal названа крупнейшей в США ежедневной газетой: [Электронный ресурс] // lenta.ru. 2011. 02.11.- Режим доступа: http://lenta.ru/news/2011/11/02/biggest/ (Дата обращения: 10.09.2014).
6. The Daily Telegraph запустила платное приложение для iPad: [Электронный ресурс] // lenta.ru. 2011. 0505. – Режим доступа: http://lenta.ru/news/2011/05/05/telegraph/ (Дата обращения: 10.09.2014).
7. [Электронный ресурс] New York Times объединяет газетную и интернет редакции: // newmedialine. 2010. 18. 11. – Режим доступа: http://newmedialine.blogspot.com/2010/11/new-york-times.html (Дата обращения: 10.09.2014).
8. New York Times обозначила параметры платного доступа к сайту: [Электронный ресурс] // media-day.ru 2010. 08.12 – Режим доступа: http://media-day.ru/topnews/5044/ (Дата обращения: 10.09.2014).
9. Новые способы заработка издателя: //Редакторский портал. 2011. 16.08. – Режим доступа: http://www.redactor.in.ua/strategy/1809.html (Дата обращения: 10.09.2014).
10. Газета The Washington Post закроет корпункты на территории США: [Электронный ресурс] // lenta.ru 2009 25.11. – Режим доступа: http://lenta.ru/news/2009/11/25/wpost/ (Дата обращения: 10.09.2014).
11. Интернет-СМИ в США впервые обгонят печатную прессу по рекламным доходам: // Ассоциация распространителей печатной продукции. [Электронный ресурс] 2012. 23.01.- Режим доступа: http://arpp.ru/2009-01-28-14-47-20/262704-internet-smi-v-ssha-vpervye-obgonyat-pechatnuyu-pressu-po-reklamnym-doxodam.html (Дата обращения: 10.09.2014).

СОВРЕМЕННАЯ ПЕЧАТЬ КАК ОДИН ИЗ ВИДОВ БИЗНЕСА

В статье на примерах газет «USA Today», «The Washington Post», «The New York Times», «The Wall Street Journal», «The Boston Globe», «The International Herald Tribune» и таджикских газет анализируются доходы изданий от рекламы. Многие издания после финансового кризиса 2008 года были вынуждены сокращать количество персонала и найти новые путы получения доходов. К примеру, редакция газеты «The Washington Post» ввела новые виды платных услуг. Автор приходит к выводу, что после финансового кризиса доходы от рекламы в газетах США уменьшились и наоборот увеличились доходы от рекламы на сайтах и от продажи электронных версий газет.

Ключевые слова: журналистика, газета, «USA Today», «The Washington Post», «The New York Times»,«The Wall Street Journal», «The Boston Globe», «The International Herald Tribune», реклама.

MODERN NEWSPAPER AS ONE TYPE OF BUSINESS

In the article the examples of newspapers «USA Today», «The Washington Post», «The New York Times», «The Wall Street Journal», «The Boston Globe», «The International Herald Tribune» Tajik newspapers and publications analyzed income from advertising. Many publications after the 2008 financial crisis have been forced to reduce the number of staff and find new tie-up revenue. For example, the newspaper «The Washington Post» introduced new types of paid services. The author comes to the conclusion that after the financial crisis advertising revenues in newspapers USA decreased and vice versa increased advertising revenue sites and sales of electronic versions of newspapers.

Key words: journalism, newspaper, «The Washington Post», «The New York Times», «The Wall Street Journal», «The Boston Globe», «The International Herald Tribune», advertising.

Сведения об авторе: ***М. Мукимов*** - доктор филологических наук, профессор кафедры международной журналистики Таджикского национального университета. **E–mail: jovidm@mail.ru**

ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР ШИНОХТИ МУҲАММАДҶОН ШАКУРӢ

Т. Каримова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Худшиносӣ мафҳуми хеле фароху доманадор аст ва онро дар таълифоту осори адибону публитсистон, муҳаққиқону олимон ва рӯзноманигорон зиёд дидан мумкин аст, ки ҳар яки онҳо ин вожаро дар таълифоташон ба таври худ ба кор мебаранд. Аз ҷумла, шарҳ, тавзеҳ ва баррасии ин масъала дар осори М. Шакурӣ, хосса публитсистикаи ӯ хусусияту мавқеи хосса дорад.

Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ моҳи феврали соли 1925 дар шаҳри Бухоро дар оилаи зиёӣ ба дунё омада, 16 сентябри соли 2012 бо марги нобаҳангоми сактаи дил дар Душанбе аз олам гузашт. Падараш Шарифҷон Махдуми Садри Зиё,, охирин қозикалони аморати Бухоро ва модараш Мусаббиҳа Шукурова ном зане, ки баъди бо шавҳараш зиндонӣ шудан ба бемории сил гирифтор шуда дар синни 37-солагӣ аз олам мегузарад.

Муҳаммадҷон Шакурӣ дар тӯли фаъолияти эҷодияш 45 китобу 500 мақола таълиф намудааст. Бархе аз китобҳои ӯ «Хуросон аст ин ҷо» (1997), «Истиқлол ва худшиносии иҷтимоъиву маънавӣ» (1999), «Фитнаи инқилоб дар Бухоро. Аббос Алиев» (2010), «Анъана, халқият ва маҳорат» (1964), «Мактаби одамият» (1991),

«Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ» (1987), «Забони миллӣ ва ҷаҳонгаройӣ» (2010), «Забони мо ҳастии мост» (1991) мебошанд. Гуфтан мумкин аст, ки аз ҳар як асари ӯ мазмуни худшиносии миллӣ эҳсос мешавад. Аммо мо дар ин мақола кӯшиш менамоем, ки дар заминаи танҳо як асари Муҳаммадҷон Шукуров назари ӯро ба масъалаи худшиносии миллӣ, шинохт, баррасӣ ва таҳлили он муайян созем.

Ин асар «Истиқлол ва худшиносии иҷтимоъиву маънавӣ» унвон дошта, соли 1999 дар ҳаҷми 160 саҳифа чоп шудааст, ки ҳам хусусияти илмӣ ва ҳам публитсистӣ дорад. Аммо, ҷанбаи публитсистии он бештар аст. Бино ба таъкиди профессор Мурод Муродов: «Асари «Истиқлол ва худшиносии иҷтимоъиву маънавӣ»-ро низ метавон як навъ идомаи масъалаи маънавиёт ва худшиносии иҷтимоӣ номид…дар он проблемаҳои ҷомеаи имрӯза дар расидан ба худшиносии миллӣ маҳаки асосии муаллиф қарор гирифтааст. Мақолаҳое, ки дар ин маҷмӯа гирд оварда шудааст, нигоштаҳоеанд, ки қаблан дар матбуоти даврӣ интишор шудаанд. Аз ин рӯ, ҷанбаи публитсистӣ–тафсилии фикр дар онҳо пурқувваттар аст» [6, 207]. Аз ин лиҳоз, ин асар сар то по инъикосгари ҳисси ватандӯстиву худшиносии иҷтимоиву маънавӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ мебошад.

Зимнан худшиносӣ роҳи асосии ба маънавият расидани инсон ва ҷомеа мебошад. Инсони андешапарвар дар тамоми таърихи устувор кардани инсонияти худ гаштаву баргашта чунин хулоса баровардааст, ки мақсади асосии бозҷустҳои маънавӣ худшиносист. Дар китоби «Панҷсад ҳадис», ки таҳиякунандааш Рустами Ваҳҳоб мебошад, ҳадисе омадааст, ки: «Ақл се қисмат аст, ҳар ки ҳамаро дорад, ақлаш комил ва ҳар ки ҳеҷ якро надорад, бехирад аст: худро дуруст шинохтан, хуб итоат кардан, сабри неку дар анҷоми вазифа» [4, 56]. Чунонки мебинем, пайғомбари ислом худшиносиро якумин нишонаи ақл донистааст. Аз ин рӯ, шинохти худ дар ислом, аз ҷумла дар тасаввуф, дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ мавқеи бузургеро соҳиб аст. Имрӯз мардуми тоҷик ба истиқлоли сиёсӣ расиданд, соҳибихтиёрии миллӣ ба даст оварданд. Ба ин мақсад М. Шукурӣ барҳақ қайд мекунад: «Акнун лозим аст, ки миллат сарнавишти худро ба дасти худ бигирад, барои расидан ба умри дубора, барои эҳёи маънавӣ замина омода созад. Аввало зарур аст, ки худбехабар ва худобехабар набошад, худ ва худои худро бишносад, аз ҷодаи худфаромӯшӣ пой берун кашида ба роҳи худогоҳӣ бидарояд, ба хубӣ бидонад, ки аз куҷо меояд ва куҷо меравад. Худшиносӣ аз шартҳои асосии ҳаёти огоҳонаи таърихӣ ва муборизаи роҳи сарнавиштсозист» [8, 5]. Воқеан ҳам муаллиф ҳақ аст ва барои эҳдои худшиносии миллӣ ва эҳсоси воло моро лозим аст, то худбохабару худогоҳ бошем, инчунин аз миллату тамаддун, фарҳанги қадимаи худ маълумоти саҳеҳ дошта бошем. Дар баробари ин, тамоми арзишҳои миллӣ аз ҷумла ватан, давлат, фарҳанг ва забону таърихи тоҷикро ба хубӣ қадр намоем ва инҳоро аз ҳама чизи дунё азиз бидонем.

Худшиносии миллӣ дар шинохти М. Шакурӣ тобиши гуногун дорад. Ба назари ӯ фаъол кардан ва боло бурдани соҳаи маорифи кишвар, зиёд кардани сафи зиёиёну равшанфикрон, омӯхтани илми одамият, огаҳии пурра доштан аз таърихи қадима, дар соҳаҳои иқтисоду сиёсат нақши асосӣ гузоштани маънавиёт, ягонагии шуури миллӣ, робитаҳои дину давлат аз таркиботи ҷудогонаи худшиносии миллӣ мебошанд, ки як ҳадаф доранд.

Аз даврони истиқлол марҳилаи нави худшиносии миллии тоҷикон оғоз ёфт. Ба таъбири М. Шакурӣ «Истиқлол барои амиқрафти шуури иҷтимоъиву маънавӣ такони ҷиддие дод. Паҳлӯҳои тозаи шинохти иҷтимоии худ ошкор гардид, баъзе паҳлӯҳои масъала беш аз пеш аҳамият пайдо кард. Тағйири вазъи иҷтимоиву сиёсӣ, ҷанги дохилӣ ва буҳрони ҳамагонии миллӣ, ки пайомадҳои ғайричашмдошт ва харобкори замони истиқлол буд, барои инкишофи муътадили шуури иҷтимоӣ ва хештаншиносӣ монеаҳои зиёде эҷод намуд, ҷомеаро аз рушди маънавӣ боздошт, масъалаҳои зиёде ба миён овард, ки то ҳол мавриди баррасии аҳли андеша қарор наёфта буданд» [8, 7]. Мутаассифона, истиқлоли мо ба монеаҳо рӯ ба рӯ шуд. Ҷанги хонумонсӯзи дохила аксари мардуми тоҷикро қариб, ки ба нестӣ ва нобудӣ овард. Ва дар баробари ин ба шуури маънавии мардум зарар расонд. Халқро ба бадрафторию бесаводӣ ва маҳкумии маънавиёт рӯ ба рӯ сохт.

Қайд кардан бамаврид аст, ки он чи мо имрӯз дар кишвар эҳёи миллии тоҷикон меномем, аз аҳди Сомониён маншаъ мегирад. Аз ин рӯ, вақте М. Шакурӣ аз боби рисолати давлатдорӣ, ҳамчун омили худшиносии миллӣ ва пайдоиши аввалин пояҳои ҳастии миллат сухан ронда, ба ин давраи давлатдории тоҷикон рӯ меорад, меафзояд: «Дар даврони Сомониён устуворӣ бахшидан ба пояҳои ҳастии миллат муяссар гардид. Он муносибатҳои анъанавии истеҳсолӣ, низоми иртиботи иҷтимоъӣ

ва созмондиҳии ҷомеа ва ғайра, он вижагиҳои фарҳанги сиёсӣ, ки дар аҳди хонадони Сомонӣ миллатро ба эҳё расонид, дар замони мо гоҳ қисман ва гоҳ куллан ба шаклҳои тозаи замонӣ барои барпо кардани ҷомеаи маънавибунёд аҳамият хоҳад дошт. Имрӯз дар сохтмони давлати тозабунёди тоҷикон ҳатман бояд таҷрибаи ҳазорсолаи кишвардорӣ истифода шавад, имрӯзу фардои мо бояд аз дирӯзу парирӯз дур наравад ва идомаи он бошад» [8, 139]. Дар ин хусус муҳаққиқони дигар низ таваҷҷуҳ намудаанд. Чунончи муҳаққиқ Сайдулло Абдуллоев менависад: «Исмоили Сомониро на танҳо як шахсияти сиёсӣ ва лашкаркаше, балки як марди маънавӣ донистан лозим аст. Зеро давлати Сомониён сараввал истиқлоли маънавӣ, мафкуравӣ ва фарҳангӣ ба даст овард, ки таҷаллии эҷоди як давлати абарқудрат ва мутамаркази миллӣ маҳсуб мешавад…Сомониён дар заминаи андӯхтаҳо арзишҳои исломӣ ва тоисломии қавмҳои ориёиро эҳё намуданд, забон, тафаккур, маънавият ва русуми аҷдодиро маҳфуз доштанд ва бад-ин васила пояҳои истиқлоли рӯҳонӣ ва ҳуввияти миллии давлати хешро фароҳам оварданд» [1, 14-15]. Маҳз бо ташаккулу шарофати эҳёи ин давлати қадимаи тоҷикон мо то имрӯз байни дигар давлатҳо бо расму оин ва тафаккури маънавии худ фарқ мекунем. Бинобар ин, худшиносии миллӣ ва маънавиёти иҷтимоии халқи тоҷик аз даврони ҳукмронии аҳди Сомониён шурӯъ гардидааст, ки имрӯзу фардо он анъанаҳои миллиро мардум идома медиҳанд. Ҳамчунин, дар таълифоти мазкур муаллиф ба масъалаҳои равобити дину давлат, таъсири манфӣ расонидани фарҳанги Ғарб, миллатгароёну маҳалгароён ва давлати миллӣ будани кишвар бо диди махсус назар афкандааст. Масалан, доир ба таъсири манфии фарҳанги ғарбиён тавассути пахши филмҳо (ҷангу ҷидол, одамкӯшию ғорат, фаҳшу фуҷур ва амсоли инҳо) сухан ронда, бо таассуф қайд мекунад, ки бинанда аз тамошои чунин филмҳо эҳсоси бешафқатӣ, дилсахтӣ, бешармӣ, дуруштӣ пайдо мекунад, ки ин кирдорҳо ба тафаккури маънавии шахс бетаъсир буда наметавонад. Аз ин рӯ, фаромӯш набояд кард, ки тоҷикон аз қадим ба гурӯҳи мардумоне шомил буданд, ки дорои маданияти баланд, хулқу атвори накӯ ва боақлу хушахлоқ мебошанд. Бинобар ин, месазад, ки аз чунин фарҳанги ғарбиёна дурӣ ҷӯему фарҳанги волои худро поймол насозем. Омили дигаре, ки нигоранда дар асараш ба он таваҷҷуҳ намудааст, масъалаи тафаккури китобии халқи тоҷик аст. Дар ин бора ӯ борҳо менависад: «Асрҳои аср бефосила давом кардани анъанаҳои устувори ҷустуҷӯҳои маънавии равшанфикрон имкон дод, ки мардум тафаккури китобӣ пайдо кунанд ва онро инкишоф диҳанд. Бисёре аз ақидаҳову тасаввуроти мардуми мо асоси китобӣ дошт. На танҳо дар бораи аҳкоми дин ва асосҳои мазҳабии зиндагии инсон, оид ба илмҳои гуногуни замон ва фалсафаи ҳаёт, балки аз бобати ахлоқу одоб ва тартибу қоидаҳои зисту маишат китобҳои бисёре навишта шуда буданд…Халқи мо ба китоб ва сухани китобӣ бовар дошт, ҳама зиндагиашро аз рӯйи китоб тартиб медод, шинохти моҳияти худ, шинохти мавқеи худ дар дунё, ҷаҳонбинии ӯ бо ёрии китоб сурат мегирифт» [8,18-19]. Ин андешаи муаллиф аз он шаҳодат медиҳад, ки мардуми мо аз азал аҳли китоб буда, дар ҷодаи илму адаб пешқадам будаанд. Яъне, китоб низ яке аз сарчашмаҳои ба вуҷуд овардани худшиносист, ки оид ба ҳастии башарият, дину давлат ва умуман таърихи инсоният маълумоти саҳеҳ медиҳад. Аз ин бармеояд, ки инсон вақте ба арсаи амиқи худшиносӣ ворид шудан хоҳад, ӯро зарур аст то ба китоб рӯй оварад.

«Худшиносии миллӣ, худшиносии таърихии фарҳангӣ сарчашмаи қувваю иқтидори маънавии шахс ва халқ аст, шахс ва халқро ба арсаи таърих мебарорад, ба онҳо қудрати таърихофаринӣ ато мекунад, онҳоро ба офариниши дороиҳои фарҳангиву маънавӣ сафарбар менамояд.

Чунин шинохти худ шахсу миллатро ба пояи худогоҳӣ мерасонад. Худогоҳӣ пояи баландтарини худшиносист. Худогоҳии миллӣ чун муҳимтарин омиле ҳастии маънавии шахс ва халқро устувор карда, ифтихори инсонро баланд мебардорад, бозҷустҳои маънавию ахлоқии шахс ва ҷомеаро амиқ месозад, миллатро ба пешрафт сафарбар менамояд. Ин аст, ки худогоҳии миллӣ чузъи муҳимми маънавият аст ва ҳастии пурарзиши инсониро бидуни он тасаввур наметавон кард» [8,13]. Барои он ки шахс худшинос бошад, аввал худогоҳ буданаш лозим аст. Ҳангоме ки шахс аз худ огаҳии пурра дорад, яъне чӣ гуна будани феълу рафтор, ахлоқу одоб ва маънавиёташро медонад, пас он гоҳ метавонад худшинос бошад. Зеро, ӯ аллакай аз кӣ будани худ бохабар аст ва дар ӯ ҳисси худшиносӣ эҳсос мегардад. Ҳамчунин, мавқеи худро дар ҷомеа медонад дар ин ҳол метавонад пуштибони давлати миллии худ бошад. Асоси шинохти худшиносии иҷтимоӣ, ин миллатгаройӣ мебошад ва бар замми ин зидди ин вожа истилоҳи дигаре низ ҳаст, ки маҳалгаройӣ ном дорад. Ин вожа ояндаи миллату давлатро ба нестӣ мебарад ва ҷамъиятро несту нобуд мекунад. М. Шакурӣ ба ин зуҳурот оштипазир нест, ки менависад: «Чун ба мафҳуми

маҳалгаройӣ расидем, нахуст бояд бигӯем, ки худшиносии маҳаллӣ ҷузъи муҳимме дар сохтори шуури миллӣ, аммо маҳалгаройӣ рӯйдоде комилан манфӣ дар ҳаёти миллат аст. Аз ин рӯ, маҳалгароӣ аз ҳиссиёти паст пайдо мешавад. Ҳуввиятҷӯйии маҳаллӣ, худогоҳии вилоятӣ, меҳри зодгоҳу меҳани кӯчак ҳам, эҳсосоти наҷибанд, ки поя бар одамияту маънавият доранд. Аммо маҳалгаройӣ худбинии иҷтимоист, худро аз ҳамнавъон, аз атрофиён боло донистан, манфиатҳои худро ба манфиатҳои дигарон, ба манфиатҳои миллат зид гузоштан аст» [8, 48]. Чун аз иқтибос бармеояд, нигоранда аз маҳалгаройии ҳаммиллатон ба қавле мегиряд ва асоси инро дар паст будани фаҳмишу маданият ва коста будани бесаводии онҳо мебинад. Тафовути нозуки ду унсур (худшиносии маҳаллӣ) ва (маҳалгароӣ)-ро муқоиса карда, якеро шомили хусусияти мусбат ва дигаре манфӣ медонад. Ба назари муаллиф худшиносии маҳаллӣ яке аз омили мустаҳкам кардани пояи худшиносии миллист, аммо маҳалгаройӣ бошад, несту нобуд сохтани худшиносии миллиро ба вуҷуд меорад. Мутаассифона, дар ҷомеаи имрӯз шахсоне низ ҳастанд, ки дар вуҷудашон ҳисси бади маҳалгаройӣ ҷой гирифтааст. Ба ин мисол шуда метавонад, ҳамон хислати мо, ки ҳангоми бо ягон нафар ошно шудану ҳамсуҳбат гардидан, аввал куҷоӣ будани ӯро пурсон мешавем. Гарчанде ки ин одати мо як кори муқаррарӣ шуда бошад ҳам, вале фаромӯш набояд кард, ки бо ҳамин гуна хислатҳои худ дар вуҷуди хеш шуълаи маҳалгаройиро афзун мекунем. Чӣ фарқ дорад, ки мо аз куҷоему куҷоием, асос ин ки ҳамаи мо тоҷикзодаему тоҷикистонием. Бинобар ин, ба пурсидани он ки ту аз куҷоӣ, аз кадом минтақа, деҳ, шаҳр ҳастӣ, ҳоҷат нест. Дар ин хусус, шоир Лоиқ Шералӣ дар шеъри «Алорағми маҳалгароён» мегӯяд:

Гоҳ-гоҳе маҳалгароёне,
«Аз куҷоӣ?» - суол меоранд.
Бо суоли маҳалгароишон,
Баҳри миллат завол меоранд.
Фарқ набвад аз ҷанубӣ ё шимол,
Фарқ бошад ту ҳаромӣ ё ҳалол.
Фарқ набвад аз шимолӣ ё ҷануб,
Фарқ он бошад, ки зиштӣ ё ки хуб.
Шаҳманиш будан барояш каҳкашист,
Хештаннашносии ӯ худкушист.
Пеш рафтанҳош вопас рафтан аст,
Аз пайи як зумра нокас рафтан аст [11].

Аз ин хотир, кӯшиш бояд кард, ки то ҳадди имкон ҳар яки мо садди роҳи маҳалгаройӣ бошем. Зеро, «маҳалгаройӣ яке аз омилҳои пурзӯри миллатзудоист ва онро бо силоҳи миллатпарварӣ, бо меҳру муҳаббати халқу Ватан аз пой афтондан муяссар хоҳад шуд. Миллатпарастӣ айб нест, балки вазифаи шаҳрвандии ҳар шахс, бавижа ҳама қувваҳои сиёсии ҷомеа, ҳама сиёсатгузорон, мансабдорон аст. Инҳо ҳама вазифадор ҳастанд, ки миллатпарвар бошанд ва миллатпарварӣ омӯзанд. Ба шарти тан додан ба хидмати миллат ҳар шахс ҳақ пайдо мекунад, ки шаҳрванд дониста шавад, ба унвони намояндаи як нерӯи сиёсӣ, ба унвони сиёсатгузор ва ё амалдор шинохта шавад» [8, 62].

Муҳаққиқ, профессор Масрури Абдуллоҳ менависад: «Миллати мутамаддин дар шаҳрҳои бузург ташаккул меёбад, маҳз миллати шаҳрнишин соҳиби таърихи миллист» [3, 12]. Ин ҷо сухан сари саҳми шаҳрнишинон ба ташаккули худшиносии миллӣ меравад ва барои дарки худшиносии он месазад, то ҳисси миллӣ, шуури миллӣ, ки як ҷузъи муҳимми худшиносии маънавии шахс ба ҳисоб равад, эҳсос карда шавад. Инчунин, барои огоҳ шудан аз таърихи миллии худ, бояд давлат, шаҳр доштан зарур ва агар шаҳри бузургро доро бошем, пас он гоҳ бо шарофати шаҳрдорӣ мо метавонем таърихи миллии худро бидонем.

Масъалаи дигаре, ки М. Шакурӣ ба он махсус таваққуф намудааст, қазияи дину давлат мебошад. Дар шинохти ӯ «яке аз муҳимтарин масъалаҳои давлатдорӣ масъалаи муносибати давлату дин ба якдигар аст. Динпарварӣ аз маънавиятпарастист. Дин нерӯи бузурге дар ҷомеа буда, қувваи азими рӯҳи инсонро ифода менамояд ва барои озодии рӯҳ аз гирифториҳо, барои озодии иҷтимоии инсон ва миллатҳо омили пурзӯрест. Аз ин рӯ, масъалаи дину ойин яке аз бахшҳои асосии масъалаи миллист» [8, 94-95]. Ба ин масъала ҳамчунин сиёсатшиноси тоҷик Абдуғанӣ Маҳмадазимов дахолат намуда, исломро яке аз муҳимтарин омилҳои ташаккули фарҳанги сиёсӣ дониста, таъкид кардааст, ки «ислом танҳо омӯзаи диние нест, балки маҷмӯаи омӯзаҳои сиёсиву ҳуқуқӣ, меъёрҳои ахлоқӣ, арзишҳои фарҳангӣ, бадеӣ ва ғайра буда, барои ҳалли масъалаҳои муҳимми ҷомеаи анъанавии исломӣ посух ва илоҷномаҳо (яъне, роҳи ҳалли масъалаҳоро) медиҳад» [5, 87-88]. Ҷиҳати масъалаи

мазкур ин ду муҳаққиқ назари ҳамсон доранд. Ҳар ду ба он назаранд, ки давлат бе дин ва дин бе давлат пеш рафта наметавонад. Ҳамчунин, таъкид мегардад, ки ислом на ҳамчун илми динӣ, балки фарогири масъалаҳои ҳуқуқу сиёсат, оину фарҳанг, ахлоқу одоб мебошад ва ҳамаи ин ҷанбаҳо барои давлат низ зарур аст. Чунки, агар дар давлат ашхоси беодобу бадахлоқ ва бефарҳанг зиёд гардад, рушду такомули давлат ояндаи зиёде намепояд, зуд аз байн меравад, ки ин худшиносии миллиро нобуд месозад. Хуллас, «дину давлат дар рисолати иҷтимоӣ моҳиятан яканд, як рисолати маънавию ахлоқӣ доранд ва агарчи василаҳо ва шаклҳои амалии онҳо аз ҳам фарқ мекунад, асли мақсадашон як аст, суст кардани пояи зиштиҳо дар ҷомеа ва сиришти инсон, устувор кардани некиҳост» [8, 98].

Шинохти худшиносии миллӣ дар таълифоти муҳаққиқ хеле орифона, бо шарҳу тафсилҳои маърифатшуда баррасӣ мешавад. Чунончи М. Муродов менависад: «Академик М. Шакурӣ масъалаи худшиносии миллиро дар паҳлӯҳои гуногун ва бо назари фароху мубоҳисаҳои доманадор чунон ба риштаи таҳқиқ мекашад, ки ҳадафи маърифатӣ дар ҷои аввал мебарояд. Бавижа ташреҳ, тафсир ва таҳлили моҳияти фарҳанги маънавӣ, фаҳмиши моҳияти зиндагӣ, моҳияти маънавии ҳастии инсон, умумияти фарҳангҳо, таъсири байниҳамии онҳо, қобилияти истифода бурдан аз фарҳанги халқҳои дигар, падидаҳои маънавиёт ва решаҳои ҳастии миллат дар зиндагии мардуми тоҷик, ташаккули тафаккури китобӣ, пайванди наслҳо, пайвастагии фарҳангиву забонӣ, меросбарии маънавӣ, идеалҳои иҷтимоиву маънавии шахс ва ғайра дар силсиламақолаҳои фарогирандаи масъалаи мавриди назар мавқеи муҳим дорад» [6, 206]. Дар ин радиф масъалаи ватандориву имондорӣ, нангу номуси миллӣ дар асари мавриди назар мавқеи муҳим дорад. Ба таъбири муаллиф: «Мо Ватан дорем, Миллати сарбаланд дорем, Имон дорем. Қадри ин неъмат бояд донист. Бояд дар ёд дошт, ки Миллат, Ватан, Имон ивазнопазир аст. Меҳан, Миллат, Дину Диёнат мафҳумҳои муқаддасанд, ки ба чизе, ба волотарин арзише наметавон иваз кард. Зарур аст, ки бар сари инҳо побарҷо ва устувор биистем!» [8, 137]. Воқеан барои устувор нигаҳ доштани худшиносии миллӣ бояд, ки ба қадри ҳама неъматҳои дохили давлати худ бирасем ва ҳамаи онро аз ҳама чизи дунё авлотар донем, пас он гоҳ метавон гуфт, ки мо худогоҳ ва худшиноси миллат ҳастем!

Хулоса, худшиносии миллӣ дар шинохти муҳаққиқ М. Шукуров хеле фарох ва доманадор буда, муаллиф дар асараш «Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ» қариб ба ҳамаи мавзӯоти ҷанбаи миллидошта дахолат намуда, масъалагузорӣ намудааст. Ҳарчанд, дар публитсистикаи муҳаққиқ фикру идея нақши муҳим бозад, вале ҷо-ҷо факту рақамҳоро низ истифода мебарад. Умуман, масъалаи худшиносии миллӣ дар шинохти М. Шакурӣ хусусияти хос дошта, маърифат ва тафсили масъала бо диди илмӣ ва оҳанги публитсистӣ баррасӣ шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоев С. Амир Исмоили Сомонӣ / С. Абдуллоев. – Хуҷанд, 1998. – 165 с.
2. Абдуллаев М. Идеи национального самосознания в таджикской публицистике эпохи просветительства / М. Абдуллаев. – Душанбе, 2010. - 111 с.
3. Абдуллоев М. Эҳёи решаҳои миллӣ / М. Абдуллоев // Адабиёт ва санъат. - 1991. – 7 ноябр.
4. Ваҳҳобов Р. Панҷсад ҳадис / Р. Ваҳҳобов. – Душанбе, 1991. - 60 с.
5. Маҳмадазимов А. Новый Таджикистан / А. Маҳмадазимов. – Душанбе, 1993. – 154 с.
6. Муродов М. Аз замон то замон / М. Муродов. – Душанбе, 2010. - 147 с.
7. Шакурӣ М. Фитнаи инқилоб дар Бухоро / М. Шакурӣ. – Душанбе, 2010. - 140 с.
8. Шакурӣ М. Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ / М. Шакурӣ. – Душанбе, 1999. - 160 с.
9. Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо / М. Шакурӣ. – Душанбе, 1997. - 290 с.
10. Шакурӣ М. Душанбе бояд шаҳри ашрофӣ бошад / М. Шакурӣ // Истиқбол, - 2011. - № 4. - 6.
11. Шералӣ Л. Алорағми маҳалгароён / Л Шералӣ // Фараж, - 2014. 21. 05. - № 21.

НАЦИОНАЛЬНОЕ САМОСОЗНАНИЕ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ МУХАММАДДЖОНА ШАКУРИ

Статья анализирует вопрос национального самосознания с точки зрения М. Шакури. На примере его произведения «Независимость и социально-культурное самосознание» автор рассуждает об актуальности данного вопроса с точки зрения идеологии, культуры и вопросов национального самосознания.

С целью возрождения таджикского кинематографа, в 2006 году Правительством Таджикистана была принята Программа развития таджикского кино. С этого времени на создание фильмов государством начали выделяться финансовые средства, и количество создаваемых фильмов стало ежегодно возрастать.

С 2004 года каждые два года в Душанбе проводится Международный кинофестиваль «Дидор», на котором представляют свои фильмы кинематографисты из Центральной Азии, России и персоязычных стран [7].

Значительные изменения произошли и в музыкальной культуре Таджикистана в 1990-е годы. Музыкальное наследие народа стало главным формообразующим фактором в создании произведений. Несмотря на сложность ситуации в республике в первое десятилетие независимости, композиторы продолжали работать, ориентируясь на конкретного исполнителя, поскольку произошел большой отток квалифицированных кадров из оперного театра, симфонического оркестра, музыкальных учебных заведений. Уехали многие музыканты-исполнители, солисты и рядовые артисты оперы и балета. В результате распались филармонические коллективы симфонического и камерного оркестров. Из двух симфонических оркестров страны сохранился лишь небольшой состав в оперном театре, в котором имеется острая нехватка исполнителей.

В этот период, в основном, создавались произведения для камерного оркестра и отдельных инструментов. Немало интересных сочинений в таджикской оперной и симфонической музыке представлено в творчестве Д. Дустмухамедова, А. Одинаева, Т. Шахиди, Т. Саттарова, З. Миршакар, К. Хикматова и др.

Объектом пристального изучения и возрождения стала таджикская традиционная музыка. Огромным стимулом для этого явилось присвоение государственного статуса ансамблям Шашмаком и Фалак.

Академией Макома был выпущен альбом «Незримый лик возлюбленной», который в 2006 году был номинирован на самую почетную американскую премию в области музыкальной индустрии «Грэмми» в номинации «Лучший альбом мировой традиционной музыки». В 2001 году в Ходженте музыкантом-дутаристом Худойбердиевым С. был открыт центр «Хунар», цель которого–возрождение традиционного исполнительского

искусства макома. В 2007 году народным артистом РТ Д.Холовым в Душанбе и Кулябе были открыты школы Фалака.

Важным культурным событием в республике явилось образование в 2003 году Таджикской Национальной консерватории[1] на базе музыкального факультета Таджикского Государственного института искусств им. М.Турсун-заде, на которую возложены большие надежды в деле воспитания музыкальных кадров. В Большом зале консерватории проходят сольные концерты камерной и симфонической музыки, а также различные фестивали и конкурсы. С 2007 года здесь регулярно проводится Международный фестиваль камерных оркестров «Бахористон».

Большим событием в культурной жизни республики стало проведение в 2002 году Фестиваля таджикского искусства «Аржанг».

Подъем демократического движения оказал огромное влияние и на развитие изобразительного искусства. На смену социалистическому реализму пришло новое искусство с национальной тематикой и современными задачами. Начинается активная интерпретация национальных традиций: в творчестве мастеров становится характерным глубокое изучение национального быта, народных типов и образов. Посредством приемов различных постмодернистских течений, авангарда ведется поиск новых выразительных средств, стремление к декоративности своего художественного языка. В это же время появляются новые направления, жанры, техники, темы, иное понятие о содержании и форме произведения, создается новое художественное пространство. Невзирая на социальные и экономические трудности, художественное искусство Таджикистана постепенно обретает свободу творческого выражения.

Значительное влияние на развитие изобразительного искусства Таджикистана оказывают такие известные художники, как: С. Курбанов, С. Шарипов, З. Хабибуллаев, Б. Исматов, А.Миршакар, Ф. Ходжаев, М. Холов и другие. Историческое развитие общества определяют типы, образы, художественный строй архитектурных сооружений. Политическая нестабильность послужила причиной оттока квалифицированных кадров проектного и строительного дела. Глубокий кризис в строительном деле продолжался в течение первого десятилетия независимости. С середины 1990-х гг. ведущие роли по созданию архитектурных проектов были отведены таким специалистам, как: Зухритдинов Б., Зухритдинов С., Юсупов Б., Примкулов Э., Акбаров А., Махмадалиев К., Каримов Р. и другие. Именно они диктуют новейшие тенденции градостроительства в республике. В архитектуре постсоветского периода одновременно развиваются несколько направлений. В проектировании ведется активный поиск национальной самобытности, параллельно наблюдается интерес архитекторов к неомодернизму. Характерными примерами архитектурных сооружений в период суверенитета являются: Мемориальный комплекс «Вахдат», Дворец нации, Культурный центр исмаилитов, здания Национальной библиотеки и Национального музея, многоэтажный жилой комплекс «Пойтахт», гостиницы «Хайят», «Душанбе-Сирена» и другие.

Таким образом, освещение подобных мероприятий в СМИ является одним из важнейших моментов, так как деятельность культурно-просветительских учреждений и развитие искусства являются важным показателем состояния культуры общества в целом. Поддержка культурно-просветительских учреждений должна осуществляться через совершенствование механизмов их функционирования, укрепление материально-технической базы и внедрение новых организационных форм деятельности. Дальнейшее развитие профессионального искусства реализовывается путем стимулирования процессов творчества и гарантий социальной защиты творческих работников, также большое значение имеет внедрение в сферу искусства современных форм менеджмента и адаптация сферы культуры к современным рыночным условиям. Эти проблемы неоднократно обсуждались в СМИ, которые способствовали решению многих проблем, связанных с культурой и искусством современного таджикского общества.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Рахмонов Э. Таджики в зеркале истории / Э. Рахмонов. – Душанбе, 1996. – С.30.
2. Текущий архив Института истории, археологии этнографии им. А.Дониша. - 2001, - 2003.
3. Текущий архив Института истории, археологии этнографии им. А.Дониша. - 2006.
4. [Электронный ресурс]. – www.asiaplus.tj
5. Дайджест. – 1999, 19 ноября.
6. Вечерний Душанбе. – 2000, 23 июня.
7. Вечерний Душанбе. – 2008, 13 сентября.

[1] В 2007 г консерватории присвоено имя Талабхуджи Сатторова.

ОСОБЕННОСТИ ОСВЕЩЕНИЯ ВОПРОСОВ КУЛЬТУРЫ И ИСКУССТВА В СРЕДСТВАХ МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ

В статье описывается деятельность государственных и независимых СМИ в освещении вопросов культуры и искусства. Отмечается нарастающая тенденция освещения вопросов искусства в СМИ и условий журналистской деятельности, обуславливающих динамику культуры и одновременно являющихся ее продуктом.

Ключевые слова: СМИ, информация, журналистика, искусство, общество, культура.

FEATURES MEDIA COVERAGE OF QUESTIONS OF CULTURE AND THE ARTS

The article describes the activities of state and independent media in covering issues of culture and art. An increasing trend of coverage of issues in the media arts, journalism and the conditions causing the dynamics of culture and at the same time being its product.

Key words: mass-media, information, journalism, art, society, culture.

Сведения об авторе: ***Т.Н. Ниязова*** - аспирантка кафедры литературы и журналистики Волгоградского государственного университета, Российская Федерация. Телефон: **(+992) 918-39-07-14.**
E-mail: nt_star77@bk.ru

ИНТЕРНЕТ – НОВОЕ НАПРАВЛЕНИЕ В ЖУРНАЛИСТИКЕ ИЛИ СОВРЕМЕННОЕ СРЕДСТВО КОММУНИКАЦИИ

Ш.Ш. Хидоятова
Российско-Таджикский (славянский) университет

Что такое Интернет-технологии и как они применяются в журналистике? Можно ли назвать Интернет средством массовой информации? Что такое медиа и какова роль мультимедиа в современной журналистике? В данной статье мы попытаемся ответить на эти и многие другие вопросы.

Еще в конце двадцатого века слово Интернет не входило в обыденный лексикон журналиста. Журналистика обходилась традиционными средствами передачи информации, такими как: журналы, газеты, радио, телевидение. Сегодня невозможно представить современную редакцию, не имеющую доступ в Интернет. Что изменилось в журналистике с появлением Интернета? Стали создаваться он-лайн версии печатных изданий, информационные агентства постепенно перешли в Интернет, появились сайты телепередач, телеканалов и радиопрограмм. С распространением подобного рода Интернет-ресурсов, возникла необходимость как-то обозначить всю эту деятельность. Таким образом, зародились новые термины в журналистике–Интернет-издание, Интернет-СМИ. Википедия дает следующее пояснение данным терминам: «Интернет-издание, Интернет-СМИ–веб-сайты, ставящие своей задачей выполнять функцию средства массовой информации в сети Интернет» [3].

Яндекс-словарь определяет Интернет как медиа-среду, аналогичную телевидению, радио и прессе. В Интернете существуют свои средства массовой информации, общие и отраслевые. Некоторые из них зарегистрированы как обычные СМИ, но это пока скорее исключение, чем правило. Под Интернет-СМИ понимаются регулярно обновляемые информационные сайты, пользующиеся определенной популярностью и авторитетом (имеющие свою постоянную аудиторию). Большинство Интернет-СМИ обновляются ежедневно или даже непрерывно в течение дня. Благодаря этой оперативности Интернет-СМИ часто используются в качестве источников информации для «оффлайновых» СМИ [4].

Это определение дает четкое понимание того, что интернет сам по себе не является средством массовой информации, но он содержит в себе СМИ так же, как, например, телевидение. Иными словами, Интернет–это средство коммуникации, позволяющее СМИ функционировать на его базе.

Однако, мнения по этому поводу у специалистов расходятся. Является ли Интернет средством массовой информации или нет–все еще спорный вопрос. Попытаемся разобраться в этом. Итак, что такое СМИ? Согласно закону Республики Таджикистан «О печати и других средствах массовой информации» средствами массовой информации являются газеты, журналы, бюллетени и другие периодические издания, предназначенные для публичного распространения и выходящие не реже одного раза в три месяца, а также телевизионные и радиопередачи, кинохроника, сообщения информационных агентств, аудио и аудиовизуальные записи, программы [1]. Если исходить из данного определения, получается, что и Интернет можно причислить к СМИ. Все, что можно найти на

просторах Интернета, предназначено для публичного распространения, выходит с разнообразной периодичностью, включает в себя, как аудио, так и аудиовизуальные записи. Однако, это лишь некоторая часть того, что включает в себя Интернет.

Да, существуют Интернет-СМИ, но они входят в глобальную сеть. Сам по себе Интернет не может быть средством массовой информации или журналистикой в чистом виде. Для этого необходимо всю глобальную сеть объединить под единое издание, выдать ему лицензию СМИ, а всех, кто наполняет контент в Интернете назвать корреспондентами.

В статье, опубликованной на сайте «Российской газеты» в разделе «Юридическая консультация», говорится о том, что по общему правилу Интернет-сайт не является средством массовой информации. Но в то же время закон (Российской Федерации) не запрещает и не ограничивает возможность добровольной регистрации Интернет-сайта как средства массовой информации по заявлению его владельца [5].

Сегодня традиционные СМИ уже перестают существовать только в том виде, в котором они зародились изначально: газета–письменность, радио–голос, телевидение–изображение. Однако, это не означает, что традиционные СМИ отжили свое, и пришло время уступать место новым СМИ. Новые направления в журналистике как раз и основываются на уже устоявшихся типах и жанрах журналистики. С появлением подвидов журналистики, таких как: мультимедийная, Интернет-журналистика, гражданская журналистика и многое другое, возникают новые жанровые особенности каждого типа СМИ и, соответственно, рождаются новые термины. Последние годы в таджикской журналистике появились такие термины, как «мультимедиа» и «конвергенция». Однако, даже многие специалисты затрудняются дать точное определение этим понятиям.

Илья Кирия в своей публикации о конвергентной журналистике пишет, что само по себе слово «медиа» означает «способ коммуникации», то есть процесс передачи информации. Существует общее заблуждение, что слово «медиа» переводится, как СМИ. В действительности же, это не так. Медиа–это гораздо более широкий термин, включающий в себя различные способы коммуникации и способы передачи информации. А это значит, что к медиа относятся речь, мимика и жесты, музыка, книги, кино, газеты, журналы и т.д [2, 13].

И. Кирия выделяет пять способов коммуникации, каждому из которых свойственен свой исторический период возникновения и активного использования:

1. Жест (появился раньше всех в эпоху первых родовых общин и первых совместных поселений человека) кодирует информацию конкретную и относящуюся к данному моменту.
2. Речь (появилась позднее для активных коммуникаций внутри родовых сообществ) кодирует информацию, в том числе абстрактную (переживания, воспоминания и т.д.).
3. Изображение (появилось с первыми наскальными рисунками) представляло собой попытку зафиксировать для последующих поколений информацию. Это первый материальный носитель информации.
4. Музыка (появляется почти одновременно с речью) в свое время кодировала информацию, то есть ритуальные танцы, гимны и т.д. представляла собой способ коммуникации. Сегодня музыка в значительной степени утратила способ коммуникации и используется в первую очередь как способ получения эстетического наслаждения, а не информации.
5. Письменность (появляется, по сути, с образованием первых централизованных государств Древнего мира) дала начало культуре, так как позволяет сохранять информацию для потомков и накапливать ее [2, 14].

Таким образом, понятие «медиа» имеет глубокую историю. Слово «мультимедиа» также могло существовать в контексте медиа, однако, как термин оно сформировалось с развитием Интернет-технологий. Именно тогда, когда были созданы различного рода электронные носители информации, появилась возможность внутри одного носителя объединять разные способы коммуникации, то есть медиа. Стало намного легче получать доступ к информации–тексту, аудио, видео. Объединение всех этих способов передачи информации и рождает мультимедийную журналистику. Интернет в данном случае выступает в качестве платформы, на которой удобнее всего размещать такого рода тексты. Таким образом, получается, что Интернет–это медиа, поскольку является каналом передачи информации. А вот Интернет-СМИ, представленное в сети в виде сайта, может стать мультимедийным. Однако, стоит понимать, что мультимедийным является не сам

контент, а журналистика. То есть это не содержание материала, а его форма подачи, вернее, много форм подачи.

Иными словами, медиа–это форма передачи информации. А что может быть формой? Это то, о чем мы уже упоминали выше–речь, мимика, жесты, книги, журналы и другая печатная продукция, электронные носители такие, как диски и прочее. И если мультимедиа–это слияние различных форм подачи информации, то существуют мультимедийные устройства, мультимедийная журналистика. А вот существование мультимедийного текста подвергается нами сомнению. Почему? Дело в том, что текст–самостоятельная универсальная единица журналистского творчества. И речь в данном случае не идет о жанровом разнообразии текстов, речь о тексте, как таковом. Все типы СМИ содержат текст, это основа любого журналистского материала, это содержание материала. А формой является то устройство, с помощью которого передается данный текст. Это могут быть печатные, электронные издания или Интернет-издания, то есть медиа. В силу вступают понятия формы и содержания: медиа–это форма, текст–содержание.

Процесс превращения Интернет-издания в мультимедийное СМИ начал происходить в тот момент, когда журналисты стали объединять различные выразительные средства для передачи информации в один канал. Теперь это уже не калька печатной версии издания в Интернете, это самостоятельное мультимедийное издание. На сайтах радиостанций к выдержкам из эфира стали примыкать тексты, фотографии и видео. Газетный текст начал совмещать в себе ссылки на другие публикации, к нему примкнули видео и аудио ряд.

В условиях мультимедиатизации журналисты становятся «ближе» к аудитории. Теперь пользователь, читатель может не только прочитать текст, но и услышать голос, увидеть лицо корреспондента. Вместе с этим приходит осознание того, что Интернет-СМИ–это особая среда со своей стилистикой, языком и жанровыми особенностями.

Мультимедийная журналистика, как самостоятельный раздел журналистики появляется в начале 21 века. Именно с развитием и распространением Интернета и информационных технологий, у журналистов появляется возможность, используя различные способы передачи информации, готовить материалы. Газета, радио и телевидение по отдельности–это медиа, а вместе–мультимедиа. А Интернет-сайты–платформа, на которой создаются эти самые мультимедиа. Таким образом, можно сказать, что медиа–это современные технологии, которые способствуют созданию такой разновидности журналистики, как мультимедийная журналистика. К данным технологиям относятся Интернет, компьютерные технологии, различные портативные устройства и в целом современные информационные технологии.

В российских СМИ процесс зарождения мультимедийной журналистики пришелся к началу 2000-х годов. Во многом становлению мультимедиа способствовали новые технологии, появившиеся к тому моменту. Для того, чтобы загрузить на сайт материал, содержащий не только текст, но и аудио и видео контент, необходимо Интернет-соединение с высокой скоростью передачи данных. А быстро развивающиеся технологии позволяют этого добиться.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. О печати и других средствах массовой информации [Текст]: Закон РТ № 38 от 10 мая 2002 г // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2002. -№4. – Ч.1. – Ст.269. – (Актуальный закон).
2. Журналистика и конвергенция: почему и как традиционные СМИ превращаются в мультимедийные [Текст] / А.Г.Качкаева, И.В.Кирия, К.Г. Коломеец [и др.]; под ред. А.Г. Качкаевой. – М., 2010. – 200 с.
3. Словарь Википедия [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://ru.wikipedia.org/wiki
4. Словарь Яндекс [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://slovari.yandex.ru
5. Является ли Интернет средством массовой информации [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.rg.ru/2008/08/25/internet.html

ИНТЕРНЕТ – НОВОЕ НАПРАВЛЕНИЕ В ЖУРНАЛИСТИКЕ ИЛИ СОВРЕМЕННОЕ СРЕДСТВО КОММУНИКАЦИИ

В современном мире информационные технологии играют большую роль во многих сферах деятельности человека. Влияние информационных технологий на журналистику в данном контексте растет с каждым годом. Расширяются журналистские возможности, создаются новые типы изданий, рождаются новые жанры. В данной статье автор говорит об особенностях Интернет-СМИ, о роли медиа в современном обществе, рассматривает проблемы мультимедиатизации журналистики.

Ключевые слова: Интернет-СМИ, медиа, мультимедиа, конвергенция, информационные технологии, современная журналистика.

INTERNET - A NEW TREND IN JOURNALISM OR THE MODERN COMMUNICATION TOOL

In the modern world, information technology plays a major role in many spheres of human activity. Impact of information technology on journalism in this context is growing every year. journalistic opportunities is expand,

new types of media are create, new genres are born. In this article, the author talks about the features of Internet media, about the role of media in modern society, considers problems of multimedia journalism.
Key words: Internet media, media, media convergence, information technologies, modern journalism.

Сведения об авторе: ***Ш.Ш. Хидоятова*** – аспирантка Российско-Таджикского (славянского) университета. Телефон: **918-87-91-67.** E-mail: **shoira.khidoyatova@gmail.com**

ХУСУСИЯТИ ТАШКИЛОТЧИГИИ ТЕЛЕВИЗИОН ВА ТАЪСИРИ ОН БА АФКОРИ УМУМ

И. Ҳамидов, Б. Абдураҳимов, Г. Бобокалон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода

Пешрафти техникаю технологияи телевизионӣ фосилаи фазо, вақт ва макону замонро кӯтоҳ карда, чун қосиди ҷаҳонишавӣ аз бурду бохти иқтисоду сиёсат, илму фарҳанг, техникаву технологияи муосир ва соири риштаҳои дигари фаъолияти башарият маълумот мерасонад.

Имрӯз дар ҷаҳон талабот ба иттилоот меафзояд. Бо вуҷуди пайдо гардидани воситаҳои муосиртарини иттилоърасонӣ, дар миёни воситаҳои гуногуни электронии ахбор ҷойи телевизионро чизе иваз карда натавонист.

Маҳз қавӣ гардидани шабакаҳои давлатии телевизионӣ имкон медиҳад, ки мо фазои иттилоотиро аз барномаҳои солиму пурмуҳтаво ғанитар гардонида, шабакаҳои ғайридавлатиро водор созем, то сабку услуб ва тарзи пешниҳоди барномаҳояшонро шаклан ва мазмунан беҳтар намоянд. Телевизион нерӯи бузург аст, ки ба таҳкими ваҳдати миллӣ, пешрафти нақшаҳои бузурги созандагӣ ва амалӣ гардидани ормонҳои бунёди як кишвари соҳибистиқлолу озодаи демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат мекунад.

Телевизион оинаи воқеият аст, ки ба он нигоҳ карда, тамошобин таассуроти худро оид ба олам шакл медиҳад. Телевизион на танҳо воқеиятро нишон медиҳад, балки онро бунёд низ месозад: ҷараёнҳое, ки дар телевизион сурат мегиранд, бо ҷараёнҳои ҳаёти рӯзмарраи мо иртиботи бевосита доранд. Аз як ҷониб, телевизион ба ин ҷараёнҳо иртибот дошта, аз ҷониби дигар онҳоро инъикос мекунад.

Дар телевизион дастовардҳои инкишофи технологӣ, журналистика ва санъат мутаносиб васл шудаанд. Моҳиятан вай эҳсосӣ, ломакон ва дар ҳама ҷо буда, бадоҳатӣ ва табиӣ ба он хос мебошанд. Махсусияташро сифатҳои жанрӣ, шаклҳо ва методҳои кор ташкил медиҳанд.

Телевизион қисми ҷудонопазири ҳаёти мо, ё ба ибораи дигар, институти ҳаёти иҷтимоӣ гардидааст. Кишвари мо давлати иҷтимоӣ эълон гардида, уҳдадор шудааст, ки барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам оварад. Дар асоси принсипи иҷтимоӣ будани давлат муносибати комилан нави шаҳрванд ва давлат ба миён омадааст, ки ҳадафи он зина ба зина баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар мебошад. Аз ин рӯ, ҳаллу фасли тадриҷии масъалаҳои ҳаёти иҷтимоии кишвар яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии давлат аст. Дар ин замина, ҷиҳати инъикоси саривақтӣ ва таъсирноки ин ҳадаф, шабакаҳои давлатии телевизион нақши бағоят муҳим дорад. Фаъолмандии онҳо дар ин самт, махсусан, дар давраи ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ баръало мушоҳида гардид. Телевизион минбари таблиғи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавии ҷомеа шуд. Бо назардошти созмон додани инфрасохтори ҳозиразамони иҷтимоӣ, ҳамаи шабакаҳои телевизионӣ тӯли солҳои гуногун дар назди худ инъикоси пайвастаи ин ғояро ҳадаф гузоштанд.

Телевизионҳои ҷумҳурӣ аз нахустин марҳилаи ташаккулёбии истиқлоли миллӣ ба нерӯҳои ақлонии мамлакат таваҷҷуҳи хос зоҳир намуд. Аксарияти барномаҳо, ки моҳиятан аз дастуру супориш ва ҳидоятҳои роҳбари давлат маншаъ мегирифт, аҳли адаб, қувваҳои солими зеҳниро хазинаи тиллоии миллат номида, дар ҳама кору пайкор, ҳолатҳои тақдирсозу душвор, ниятҳои наву таърихӣ ва ҳалли муҳимтарин масоили ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва илмию фарҳангӣ аз фикру ақоид, хулосаҳои илмӣ, донишу таҷриба ва таклифу пешниҳодоти онҳо самаранок истифода менамуд.

Ба андешаи муҳаққиқон А.Саъдуллоев ва М.Шоев [6, 11], телевизион бо усули кори хеш, бо тарзу тариқи фарохонди ҳаёт ба система шабоҳат дорад. Усули кори барномавӣ имкон медиҳад, ки тамоми мавзӯот ва дар ҳамаи соҳаҳо фаро гирифташуда, аҳолӣ вобаста ба талабот ва муҳимияти мавзуъ зина ба зина огоҳ карда шавад.

Барои он ки телевизион фавран оид ба ҳодисаи қаблан номаълум ба тамошобинони худ иттилоъ диҳад, таъминоти олии техникӣ ва фаъолияти дақиқи рӯзноманигорон зарур аст. Баъзан шабакаҳои хурди телевизионӣ ба ширкатҳои калон ҷиҳати дастрасӣ ба мавзӯъ ва ё макони воқеа мусоидат менамоянд, аммо телевизионҳои ҷаҳонӣ мехоҳанд дар ҷойи ҳодиса рӯзноманигори худиро бубинанд, ки манфиати ин шабакаро беҳтару бештар муаррифӣ намоянд. Ин ҷо масъала тобиши амниятӣ мегирад, яъне дар чунин ҳол амнияти фазои иттилоотӣ барои ҳар кишвар, на камтар аз амнияти сиёсию иҷтимоӣ аҳамият дорад. Агар муҳити солим барои фаъолияти ВАО вуҷуд надошта бошад ва ё баръакс, идеологияи ҳар кишваре дар онҳо бемамониат таблиғ шавад, дар ҳар ду сурат манофеи миллӣ зери хатар меафтад. Зеро, дар сурати аввал, расона моҳияти иттилоърасонии худро гум карда, ба як дастгоҳи сирф таблиғотӣ табдил меёбад, дар сурати дувум, фазои иттилоърасонӣ монеи ташаккулёбии фарҳанг ва ҳуввияти миллӣ дар ҷомеа мегардад. Дар ин бора муҳаққиқони соҳа Д.Давронов ва Ҷ.Раҳмонова дуруст таъкид мекунанд: «Дар фаъолияти ВАО пеш аз ҳама бояд низоми мукаммал баҳри тарбияи худшиносии миллӣ, ватанпарастӣ, тарғиби анъанаю суннатҳои асили фарҳанги миллӣ бо назардошти талаботи давру замон ба роҳ монда, амалӣ гардонида шавад» [1, 109].

ВАО иттилоотро ба воситаи расонаҳои худ ба шуури мо ҷой дода, маънавиёт, фарҳанг ва иҷтимоиёти ҳар яки моро идора мекунанд, ба воқеаҳо, шахсиятҳо ва идеяҳои алоҳида амнияти аввалиндараҷа медиҳанд, ҳамаи он чизе ки ба канали иттилоотӣ намеафтад, барои ҷомеа низ камаҳамият ва дуюмдараҷа мегардад. Бинобар ин, бисёре аз нафарони бомаърифат дар Ғарб ба ВАО бовар намекунанд ва чунин мешуморанд, ки иттилооти ҳаррӯзаи воситаҳои ахбори омма барои сиёсати давлат ва сармоягузорони дигар хизмат менамоянд.

Телевизион бо маҷрои иттилооташ моро беихтиёр ба маънавиёт ё фарҳанг мепайвандад. Мо ба воқеӣ ё дуруст будани иттилооти телевизионӣ боварӣ дорем. Ҳар амале, ки дар эфир аз ҷониби баранда сурат мегирад (имову ишора, либоспӯшӣ, сухангӯйӣ, ҳаракат дар саҳна ва ғ.) барои тамошобин манбаи тақлид мегардад. Мо ҳамзамон бо ин, ба нафаре нафрат пайдо мекунем, ки ӯро барномаи хабарии телевизион манфӣ муаррифӣ кардааст.

Аз ин ҷо бармеояд, ки ба корманди барномаи ахбори телевизион саросемакорӣ хос нест, зеро агар дар радио шунаванд, дар телевизион натиҷабарорӣ баъд аз дидан сурат мегирад. Баъзан сирату либоспӯшии ровиёни барномаҳои хабарӣ дар мо эҳсосоти ҷудогонаи манфӣ ё мусбат тавлид мекунад. Аммо беҳтар ин вазифаро намоиши чорабиниҳои фарҳангӣ, аз қабили консерту спектаклҳо, филмҳо, мулоқотҳои ашхоси фарҳангию сиёсӣ бо ҷомеа иҷро мекунад.

Бо пахши намоиши театрӣ телевизион бинандагонро бо арзишҳои фарҳангӣ шинос мекунад. Он имкон дорад, ки тамошобинро ба дилхоҳ кунҷи олам бубарад. Намунаи олиро мо метавонем дар филми 13-сериягии Би-би-си «Тулӯи одам» [2, 305] мушоҳида намоем. Муаллифи он профессор Я.Броновский мегӯяд: «Вақте дар ҷойи ҳодиса қарор доред ва сангҳои азиму шикастаро, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо хуну нишоти зиёд дидаанд, даст мерасонед, сухан худ тавлид мешавад ва бешак, он аз ҳарфи эҷодшудаи дохили студия комилан тафовут дорад» [2].

Масъалаи анъана ва ахлоқ дар маҷмӯъ аз мавзӯъҳои анъанавии телевизиони Тоҷикистон аст. Масалан, ҳанӯз соли 1996 (1 январ) идораи адабӣ-драмавии телевизион бо ҳамкории ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» барномаи «Чойхонаи Мушфиқӣ»-ро роҳандозӣ карданд. Асосгузорони ин барномаи рангин Додохон Эгамзод, Изатулло Самадов, ҳунарпешаҳо ва ширинкорон Амиршо Ибронов, Ҳоҷибой Тоҷибоев, Почохон Ашӯров, Нуриддин Насриддинов, Фатҳуллоҳ Абдуллоев кӯшиш доштанд, ки таомулҳои фаромӯшшудаи меҳмондориро ба ёд оварда, ба онҳо умри дубора бахшанд. Бояд гуфт, ки ин ташаббус кор дод.

Аввал дар барномаи «Шаби ҳаҷв» (ҳунарпешаҳо Маҳкам Ҳоҷикулов, Саидмурод Мардонов, Қиёмиддин Чақалов, Амонуллоҳ Қодиров, Фотима Ғуломова ва Шодӣ Солеҳов) ва сониян бо спектаклҳои «Эҷодкор» (муаллиф Ҳоҷӣ Содиқ, коргардон Соҷида Ғуломова) ва «Зангирии Чақабой» (муаллиф Мирзо Давлат, коргардон Соҷида Ғуломова), тавассути маҳорати касбии Убайдулло Раҷабов, Раҷабгул Қосимова ва Саидмурод Мардонов тавонистанд гӯшрас намоянд, ки мардуми тоҷик аз қадим суннатҳои бобоиро эҳтиром медорад ва барои эҳёи онҳо аз ҳар гуна часпу талош даст намекашад [3].

Замони истиқлолият замони таъсиргузории телевизион дар Тоҷикистон мебошад. Телевизион барои нигоҳдории тартиботи ҷамъиятӣ ва устуворсозии заминаҳои давлатдорӣ кӯмак мерасонад, яъне дар соатҳои муайян дар назди оинаи

нилгун одамони зиёдро ҷамъ мекунад. В. Свик менависад: «Шабакаҳои давлатии телевизион ба воситаи барномаҳои худ ба ақидаи одамон таъсир мерасонад» [5, 164]. Мисоли ватанӣ. Ҳанӯз соли 1996 бо пахши силсилаи намоишҳо оид ба супоридани аслиҳа ба ҳукумат аз ҷониби гурӯҳе аз мухолифини силоҳбадаст ва бо ин васила барқарору мустаҳкам намудани сулҳу салоҳ ва оромиву осоиштагӣ, дар тафаккури тамошобинон нерӯи пуриқтидор будани телевизионро ворид сохт.

Г.Кузнетсов ва А.Юровский бар онанд, ки телевизион мардумро ба иҷрои корҳои умумидавлатӣ сафарбар мекунад [7, 49]. Ҳамаи мо мисоли рӯшани солҳои охирро хуб дар ёд дорем, ки чӣ гуна дар натиҷаи тарғиботи пайвастаи телевизиони давлатӣ харидории саҳмияҳои НБО «Роғун» ба «маъракаи миллӣ» табдил шуда буд. Аз боғча то вазорату кумитаҳои давлатӣ ва муассисаҳои хусусӣ ҳама барои ба даст овардани саҳмияҳои Роғун «камари ҳиммат» баста буданд. Ҳарчанд ин тадбир гоҳе ихтиёрӣ ва гоҳ маҷбурӣ сурат мегирифт, вале тавассути телевизион ба мо намоиш медоданд, ки аҳолӣ бо хоҳиши худ ва «бо дарки баланди масъулияти шаҳрвандӣ» [4] аз саҳмияҳои НБО «Роғун» харидорӣ мекунанд.

Ё мисоли дигар маълум аст, ки тавассути телевизион аҳолиро ба дави миллӣ ва ё марафони умумишаҳрӣ даъват мекарданд, яъне бо ин роҳ таъмини иҷрои корҳои давлатӣ сурат мегирифт, ки телевизион дар он нақши марказиро бозӣ мекунад.

Хулоса, дар ин асно телевизион мекӯшад, ки табақаҳои иҷтимоӣ, динӣ, синнусолии бинандагонро ба инобат гирифта, вобаста ба он барномаҳо таҳия намояд ва бо ин мардумро идора намуда, барои пеш бурдани ҳадафҳои сиёсӣ-иҷтимоии худ ба ҳамкорӣ даъват созад.

А Д А Б И Ё Т

1. Давронов Д. Ҷаҳони муосир: мавқеи симо ва садо / Д. Давронов, Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе, 2012.
2. Броновский Я. Тулӯи одам / Я. Броновский. – Лондон, 2002.
3. Мирзоев И. Рукни чорум / И Мирзоев. – Душанбе, 2006; Хоҷазод С. Таърихи телевизиони Тоҷикистон / С Хоҷазод. – Душанбе, 2007.
4. Аз «Ахбори»-и Шабакаи якуми ТВТ ва «Навид»-и телевизиони «Сафина». - 2010. – 26 ноябр.
5. Цвик В. Телевизионная журналистика: история, теория, практика / В. Цвик. – М., 2004.
6. Саъдуллоев А. Асосҳои журналистикаи телевизион / А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе, 2005.
7. Телевизионная журналистика; переработанное и дополненное: Классический университетский учебник. – М., 2005. - 5-е издание.

ОРГАНИЗАЦИОННАЯ СПЕЦИФИКА ТЕЛЕВИДЕНИЯ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ОБЩЕСТВЕННОЕ МНЕНИЕ

Статья анализирует организационную специфику телевизионной журналистики по материалам отечественного телевидения. По мнению авторов, данная специфика зависит от функций, теории и практики использования знаний журналистов, работающих на ТВ.

Ключевые слова: Таджикистан, телевидение, специфика, сотрудничество, передачи.

ORGANIZATIONAL SPECIFICS OF TELEVISION AND INFLUENCE ON PUBLIC OPINION

Article analyzes organizational specifics of television journalism on materials of domestic television. According to authors, this specific depends on functions, the theory and practice of use of knowledge of the journalists working at TV.

Key words: Tajikistan, television, specifics, cooperation, programs.

Сведение об авторах: ***И.Хамидов*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры ТВ и радиовещания факультета журналистики ТНУ
Б. Абдурахимов – соискатель кафедры ТВ и радиовещания факультета журналистики ТНУ
Гулнозаи Бобокалон – аспирант ТГИИ им. М.Турсунзаде. Телефон: **919-70-81-70**

МЕЪЁРҲОИ АХЛОҚИ КАСБӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВИИ АРЗИШҲО

Х.У. Раҳимҷонов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷаҳонишавӣ ё ба истилоҳ глобализатсия яке аз равандҳои ногузири замони муосир аст, ки бидуни хостаҳои мо вобаста ба вазъу рӯҳи замон падид омада, фарогири тамоми соҳаҳои ҳаёти башар мебошад. Дуруст аст, ки ҳар як зуҳуроти падидомада аз ду ҷиҳат мавриди баррасӣ қарор мегирад; ин ҷиҳатҳо паҳлӯҳои мусбат ва манфӣ ҳастанд. Бо назардошти ин, тазаккур додан ба маврид аст, ки ҷаҳонишавӣ низ аз ҳамин дидгоҳ арзёбӣ мегардад; он дар журналистика метавонад барои боло рафтани сатҳи рушд мусоидат кунад, техникаву технологияи навтаринро дастраси журналистон гардонад, онҳоро бо охирин дастовардҳои илмиву соҳавӣ ошно намояд ва шаклу услуби пешниҳоди журналистонро беҳтар гардонад.

Дар ин баробар, ҷаҳонишавӣ метавонад дар устувориву посдории арзишҳои миллӣ садде бошад; ба таври умумӣ баррасӣ гардидани масъалаҳо, вобаста ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ муносибат намудан ба проблемаҳо як навъ рӯйнамойии зоҳирӣ хоҳад буд, ки ин сарфи назар намудани ҷузъиётҳоро тақозо мекунад ва мутаассифона, дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаҳои миллӣ, манфиатҳои миллӣ ба сифати ҷузъиёт шинохта мешаванд.

Маҳз дар ҳамин вазъияти ҳассос муҳиммияти меъёрҳои ахлоқи касбӣ эҳсос мегардад, ҳарчанд, новобаста аз бархӯрдҳои мухталиф ба санади созмони ҷамъиятии Шӯрои воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон-«Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон», баррасии журналистикаи кишварҳои ба истилоҳ, рушдкардаи демократӣ нишон медиҳад, ки онҳо низ ба масъалаи меъёрҳои ахлоқи касбии журналист бетаваҷҷуҳ нестанд ва аҳамиятнок будани онро таъкид мекунанд.

Ёдовар шудани ин нукта танҳо ба хотири он аст, ки бояд меъёрҳои ахлоқи касбиро чун василаи нигоҳдории рисолати касбӣ қабул намуда, ин воқеиятро дарк намоем. Мо мехоҳем ва ё на, ҷаҳонишавӣ ногузир таъсири манфии худро мерасонад. Профессор Иброҳим Усмонов дар «Назарияи публитсистика» менависад, ки «фаҳмиши неку бад низ яксон нест; дар ҷомеаҳои гуногун ин фаҳмишҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Масалан, замоне дар филмҳо бӯсиданро нишон додан бад буд, ин амали ғайриахлоқӣ маҳсуб меёфт, вале имрӯз бӯсаро дар филмҳои телевизионӣ беҳтарин лаҳзаи ахлоқӣ меҳисобанд. Имрӯз матбуот, телевизион ва радио дар хусуси шаклҳои манфуртарини қатли одам бо тафсили ҷузъиёташ нақл мекунанд. Имрӯз мегӯянд, ки ин амалҳо хубанд, зеро бо дидани порнография чашм ба зиндагӣ кушода шуда, бадахлоқӣ камтар мешавад, бо дидани куштору зӯрӣ одам худро ба худҳимоя омода менамояд» [4, 70].

Мутаассифона, ин фаҳмишҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳамчун меъёрҳои нав пешниҳод гардида, боиси костагии ахлоқи ҷомеа мешаванд. Ба ин хотир, рисолати касбӣ журналистонро водор менамояд, ки ҷомеаро аз ин варта раҳо кунанд. Дар ҳоле ки журналистон худ бо меъёрҳои ахлоқӣ мушкилӣ доранд, пас чӣ гуна метавонанд, ин рисолатро анҷом диҳанд?

Ин суолест, ки посухи он боз ҳам ногузирии меъёрҳои ахлоқи касбиро таъкид мекунад. Ва боз ҳам таъкид мешавад, ки барои ба вартаи нобудӣ нарафтани асолати миллӣ, арзишҳои миллӣ журналистон бояд зарурати меъёрҳои ахлоқиро чун роҳи наҷот пазироӣ намоянд, зеро ҷаҳонишавӣ якрангӣ, фазои умумии бечилоеро ба вуҷуд меорад ва ин нишони фурӯ рафтан ба коми анкабут аст.

Санади Шӯрои ВАО 16 меъёрро муайян мекунад. Ба гунаи мисол, як–ду меъёрро тазаккур медиҳем, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳамияти дучандро касб мекунанд: «Иффати миллӣ ва эҳтироми фарҳанги ғайр. ВАО ва журналист бояд иффат ва фарҳанги миллиро ҳангоми инъикоси ҳамагуна матолиб пос доранд. Аз тарғиби фисқу фуҷур, ки боиси косташавии иффати миллӣ мегардад, худдорӣ кунанд. Дар нигоштаҳо ба фарҳанги ғайр эҳтиромро риоя кунанд» [2,банди 5].

Ҳарчанд, ифодаи иффати миллӣ ба назари мо, чандон дуруст нест, вале бо вуҷуди ин, аз он мазмуне, ки зери ин мафҳум нуҳуфтааст, дарёфтан мумкин аст, ки журналистон бояд фарҳанги миллиро пос доранд ва аз тарғиби фисқу фуҷур, ки боиси косташавии ахлоқ мегардад, худдорӣ намоянд. Дар нигоштаҳо ба фарҳангҳои дигар эҳтиром гузоранд, аз паст задани қавму миллат, дину мазҳаб ва нажод худдорӣ намуда, ҷаҳонбинӣ ва суннату анъанаҳои дигаронро эҳтиром кунанд.

Журналистика барои инкишофи фарҳанги миллӣ бояд мусоидат кунад. Фарҳанги миллии мо ҳамон фарҳангест, ки дар сарзамини ҳақиқии ниёгони мо– Осиёи Миёна пайдо шуда, инкишоф ёфтааст. Ҳар фарҳанге, ки берун аз ин чорчӯба ба вуҷуд омадааст, бегона, қабулшуда ё боршуда аст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи фарҳанги миллӣ боз ҳам ҳассостар мегардад. Боз як ҳассосияте, ки ба анъанаву суннатҳои миллӣ тааллуқ дорад, он аст, ки масъалаи муносибат бо дин дар кишварҳои демократӣ ва рушдкардаву мутараққӣ ошкоро ва мутаассифона, дар аксар ҳолат бо дағалона вайрон намудани меъёрҳои ахлоқи касбӣ сурат мегирад, вале дар ҷомеаи мо чунин муносибат нозукиву эҳтиёткориро тақозо дорад. Нохун задан ба эҳсосот, нодида гирифтан ва ё беэҳтиромӣ ба муқаддасоти мардум оқибатҳои хушунатбореро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, муҳиммияти меъёрҳои ахлоқӣ низ дар он ифода меёбад, ки онҳо журналистонро ба худдорӣ аз чунин амалҳо ташвиқ мекунанд.

Дар ҳама санадҳои байналмилалии марбут ба этикаи касбии журналист роҳ надодан ба табъиз (дискриминатсия) таъкид мегардад. Аз ҷумла, дар “Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон” низ таъкид мегардад: “Поймол

намудани ҳуқуқи шахс вобаста ба мансубияти нажодӣ, миллӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҷинсӣ дар ВАО раво нест” [2. банди 9].

Ҳарчанд “дар ҳамаи ВАО-и кишварҳои олам меъёрҳои этикаи касбии журналист ба тавре ки мебояд, риоя ва амалӣ намешаванд” [1, 7], вале имрӯз “боло рафтани нақши ВАО дар ҳамаи кишварҳо, пайдоиши имкониятҳои нав дар дастрасӣ ба иттилоъ, марзнописандии иттилоъ ва монанди ин, дар баробари меъёрҳои ҳуқуқиву касбӣ меъёр ва принсипҳои ахлоқиро низ хеле муҳим гардонидааст” [1, 3]. Ба назари мо низ, ҳамин марзнописандии иттилоъ дар ояндаи наздик воситаҳои ахбори оммаро водор месозад, ки муҳиммияти меъёрҳои ахлоқи касбиро ба таври мушаххас эҳсос намоянд, зеро натиҷаҳои ғайриинтизор, аксуламали дигарро ба вуҷуд овардани матлабҳо чунин фаҳмишҳои нодурустро аз миён мебарад. Аслан, ҳамин ҷиҳат низ ба ҷаҳонишавӣ иртибот дорад; роҳ додан ба табъиз амалӣ гардонидани ғояҳои ниҳонии абаркудратҳо тавассути ВАО аст, ки ҳамчун зуҳуроти манфӣ ва ғайрикасбӣ дониста мешавад. Ҳарос аз густариши ислом ва бо ҳар роҳ бад нишон додани чеҳраи мусулмон хоси воситаҳои ахбори Ғарб гардидааст, “ҳол он ки мувофиқи таҳқиқотҳо ҳамагӣ камтар аз 4 фоизи амалҳои ҷиноятқоронае, ки дар онҳо мусулмонҳо гунаҳкор дониста мешаванд, аз ҷониби пайравони ислом содир шудааст” [1, 8]. Инро низ ногузир чун зуҳуроти дигаргунаи ҷаҳонишавӣ донистан даркор аст.

Имрӯз дар арсаи байналмилалӣ чандин санаде пазируфта шудааст, ки бо мақсади собит намудани зарурати риояи меъёрҳои ахлоқи касбии журналист таҳия гардидааст. Ба назари мо, боз ҳамин раванди ҷаҳонишавӣ журналистонро маҷбур менамояд, ки ин санадҳоро моҳиятан дарк ва иҷро намоянд. Ба гунаи мисол, талаботи яке аз чунин аснодро тазаккур медиҳем: «Изҳороти байналхалқӣ дар бораи принсипҳои рафтори рӯзноманигорон», ки Конгресси Федератсияи байналмилалии рӯзноманигорон қабул намудааст, ба сифати намунаи рафтори касбии рӯзноманигороне, ки ба гирд овардан, мавриди коркард қарор додан, интишор ва тафсир додани ахбор ва маълумот бо мақсади инъикоси ҳодисаҳо машғуланд, эълон мегардад.

1.Эҳтироми ҳақиқат ва таъмини ҳуқуқи ҷомеа барои фаҳмидани он вазифаи аввалини рӯзноманигор аст.

2.Тибқи ин вазифа рӯзноманигор дар ҳамаи давраҳо уҳдадор аст, ки принсипҳои озодиии гирд овардан ва чопи воқеии ахбор, ҳамчунин ҳуқуқи беғаразонаи шарҳу эзоҳ ва танқидро ҳимоя намояд.

3.Ҳодисаҳоро тавзеҳ дода, рӯзноманигор уҳдадор аст, танҳо ба далелҳои воқеие, ки аз ҷониби худаш муайян шудаанд, истинод варзад.

4.Рӯзноманигор уҳдадор аст, ки танҳо усулҳои арзандаю сазовори дарёфт намудани хабарҳо, маводи фотографӣ ва ҳуҷҷатҳоро мавриди истифода қарор диҳад.

5.Рӯзноманигор уҳдадор аст, ҳама имкониятҳояшро барои ислоҳ ва ё рад намудани маълумоте, ки ба ҳақиқат рост намеояд, ба кор барад.

6.Рӯзноманигор уҳдадор аст, сарчашмаи маълумотро, ки ба таври махфӣ ба даст овардааст, сирри касбӣ ҳисобад.

7.Рӯзноманигор уҳдадор аст, хатари маҳдудкунии ҳуқуқро , ки нисбат ба ягон шахс дар натиҷаи фаъолияти ВАО ба миён меояд, ба назар гирад. Рӯзноманигор бояд, ба маҳдудшавии ҳуқуқҳо вобаста ба наҷод, ҷинс, дин, эътиқодоти сиёсӣ ва монанди ин ва инчунин баромади иҷтимоӣ роҳ надиҳад.

8.Рӯзноманигор уҳдадор аст, халалпазирии ахлоқи касбиро дар ин ҳолатҳо эътироф кунад:

-асардуздӣ;

-шарҳу эзоҳи нодурусту барқасдона;

-суханҳои бофта, туҳмат, гунаҳгоркунии бардурӯғ;

-ришвагирӣ.

Ба вуҷуд омадани интернет ва зуд ҷаҳонӣ гардидани он раванди ҷаҳонишавиро ташаккул дод. “Инкишофи интернет аз як тараф, дастрасӣ ба иттилоотро осон намуд, вале аз ҷониби дигар, муносибати иттилоотиро тезонид. Истифода кардани матни дигарон, пахши иттилооти нодуруст, таҳқирҳои беимзо ва амсоли ин аз чунин мушкилот ба шумор меравад. Ин аст, ки на ҳама маводи интернетиро ба ВАО нисбат медиҳанд. Чунончи муҳаққиқи амрикоӣ Д. Мэррила менависад: “Алоқаи компютерӣ ва муносибати одамон бо интернет журналистӣ нест ва ба ВАО муносибат надорад, балки муносибатест, ки гӯё одам бо ҳамсояи худ дар паси девор муошират мекунад” [3, 26].

Вале имрӯз фаъолияти журналистиро бидуни интернет тасаввур намудан ғайриимкон аст. Ин иқтибосро тавре қабул намудан мумкин аст, ки бо интернет низ

муносибати журналистӣ бояд дошт, на он ки аз имкониятҳои фаровони он бо ҳадафҳои дигар истифода кард ва ҳимояи арзишҳоро фаромӯш намуд.

Бахши дигаре, ки ба арзишҳои миллӣ рабт дорад, муносибат бо оила аст. Барои журналистикаи ғарб оила аҳамият надорад, вале мо (тоҷикон, мусулмонон) бо назардошти анъана ва суннатҳоямон оиларо муқаддас медонем. Имрӯз дар шароити ҷаҳонишавӣ, дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт тиҷорат мавқеи асосиро ишғол мекунад ва мутаассифона, имрӯз журналистикаи тиҷоратӣ низ ба вуҷуд омадааст ва ба хотири бозоргир гардидани мавод ҷиҳатҳои муҳим сарфи назар мешаванд. Албатта, матбуоти ҳар кишвар мубаллиғи маданият, фарҳанг ва ҳуввияти миллии ҳамон халқ ва ҳамон кишвар аст. Пас, бояд аз ҳар чизи баде, ки метавонад ба миллат ва иффати миллӣ таъсири манфӣ расонад, худдорӣ кунад. Дар оғоз гуфтан зарур аст, ки танқиди ин ё он зуҳуроти ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маданӣ, шахсӣ мутлақо беэҳтиромӣ ба миллат нест, балки кашф кардан, фош кардан ва инъикоси онҳо вазифаи ҷонӣ ва касбии ҳар як рӯзноманигор ва ВАО аст ва дар ҳеҷ ҳолат ҳимояи иффати миллӣ боиси рӯпӯш кардани камбудиҳо набояд шавад. Вале кашф кардани камбудиҳо, тасвири ахлоқи ҳамватанон ба ин шевае, ки дар «матбуоти зард» – и мо ҳаст, тамоман қобили қабул нест. “Матбуоти зард” муқаддас будани оиларо аз миён бурдан мехоҳад.

Паҳлӯи дигари ҳамин қисмати масъала ба эҳтироми зан, модар рабт пайдо мекунад, ки таъсири раванди ҷаҳонишавиро дар ин бобат низ равшан мушоҳида кардан имкон дорад. Нодуруст фаҳмидан ва муносибат намудан бо муқаррароти қонун доир ба баробарҳуқуқии зану мард ва симои занро ҳаргуна ба намоиш гузоштан қобили пазирӣ нест. Ҳатто, дар кишварҳои ба истилоҳ, мутараққӣ ҳамин муқаррароти эъломия ва санадҳои байналмилалӣ сӯйистифода мегардад; симои зан он гунае муаррифӣ мегардад, ки гӯё ӯ на шахсият ва инсони комилҳуқуқ, балки як василае барои баровардани эҳтиёҷоти ҷисмонӣ ва ё ба таври дигар, воситаи дилхушӣ аст. Дар асл, баробарҳуқуқӣ ба маънои эҳтироми ҳуқуқи ҳамдигар ҳамчун инсон, муносибати дурусту воқеӣ аст.

Дар маҷмӯъ, муҳиммияти меъёрҳои ахлоқиро мо дар он мебинем, ки сарфи назар намудани принсипҳо, махсусан дар шароити ҷаҳонишавии арзишҳо, оқибат ба пушаймонӣ меорад. Мавзӯи мо фарогири умум аст, аз ин рӯ, боз ҳам таъкидан изҳор медорем, дар ҳама ҳолат танҳо риояи ахлоқ раҳобахш буда метавонад. Ба назари мо, маҳз ахлоқ, фитрати азалии инсон ӯро ба худшиносиву худогоҳӣ талқин мекунад. Нигоҳ дошта тавонистани арзишҳои миллӣ, ҳифзи онҳо дар шароити вуруд ва таҷоҳуми унсурҳои бегона рисолати бузургест, ки аз ҳама наслҳо тақозо мегардад. Маънии ҳаёти инсон дар истиқлолияти воқеии андешаву афкор зуҳур мекунад. Дар ҳоли аз миён рафтани арзишҳои аҷдодии миллӣ заминае барои касби истиқлол намемонад ва тафаккури ғуломона маънии ҳастии инсонро аз миён мебарад.

А Д А Б И Ё Т

1. Журналистикаи байналхалқӣ. – Душанбе, 2014. - Қ.VI. - 144 с.
2. Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2009.
3. Муродов М. Сотсиологияи журналистика / М. Муродов. - Душанбе, 2009. - 100 с.
4. Усмонов И. Назарияи публитсистика / И. Усмонов. - Душанбе, 1999.

НОРМЫ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО НРАВА В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ ЦЕННОСТЕЙ

В статье уделяется внимание на один из важных сторон деятельности журналиста - отношение с нормами профессионального нрава в условиях глобализации ценностей. Принимая во внимание, что глобализация является одним из сторон необходимого процесса совремнного общества, подчеркивается, что соблюдение нравстенных профессионаьных норм журналиста очень важна в условии глобализации. Автор подчеркивает относительные и положительные стороны глобализации и выражает, что в направлении защиты национальных ценностей нравственные нормы играют большую роль. Также, он подчеркивает, что свобода мнения и взгляда журналиста являются основным фундаментом защиты национальных ценностей.

Ключевые слова: журналистика, журналист, СМИ, национальные ценности, глобализация, свобода мнения, профессиональные этические нормы, профессиональная ответственность, целеустремлёные отношения.

STANDARDS OF PROFESSIONAL TEMPER IN THE CONDITIONS OF GLOBALIZATION OF VALUES

In article the attention to one of important aspects of activity of the journalist - the relation with standards of professional temper in the conditions of globalization of values is paid. In view of that globalization is one of the parties of necessary process of sovremnny society, is emphasized that observance the nravstennykh the professionanykh of norms of the journalist is very important in a globalization condition. The author emphasizes relative and positive sides of globalization and expresses that in the direction of protection of national values ethical standards play large role. Also, he emphasizes that freedom of opinion and a look of the journalist are the main base of protection of national values.

Key words: journalism; journalist; mass media; national values, globalization, freedom of opinion, professional ethical standards, professional responsibility, purposeful relations.

Сведения об авторе: ***Х.У. Рахимджонов*** - аспирант ТНУ. Телефон**: 934-89-26-56.**
E-mail: khushdil_09@list.ru

МАҚОМИ САФАРНОМА ДАР МАТБУОТИ ТОҶИК (2013 с.)

Н. Бозоров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истиқлолият ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пайдоиши матбуоти озод ё мустақил ва инкишофи матбуоти тоҷик шароиту заминаҳои мусоид фароҳам оварда. Дар матбуоти муосир таҳаввулоти бештар маҳз дар матбуоти ғайрирасмӣ ба чашм мерасад. Таҳаввулот ҳам дар инъикоси ҳодисаю воқеа, ҳам дар пешниҳоди мавод ва ҳам таҳаввулоти жанрӣ. Ба назар чунин мерасад, ки матбуоти мустақил дар баррасии масъалаҳои доғи рӯз пешдастӣ дорад. Ҷасорат дар ифшои камбудиву норасоиҳо ва ё гӯшзади ноадолатиҳои ашхосу мақомоти гуногун. Дар пешниҳоди иттилоот ҳам тарзу усулҳои гуногуну мувофиқ истифода мешаванд. Дар жанрҳои маъмулӣ ё классикӣ ҳам дигаргуниҳо ба чашм мерасанд. Гарчанде баъзе жанрҳои анъанавӣ риоя шаванд ҳам, дар аксар маврид мавод бо роҳу усулҳои гуногун пешниҳод карда мешавад. Яъне, қолабшиканиҳо ба чашм мерасанд.

Мақсади мо дар ин нигошта таҳлили умумии матбуоти даврӣ набуда, балки мавқею мақоми жанри сафарномаро дар тӯли соли сипаригардида, яъне соли 2013 баррасӣ ва муайян намудан мебошад.

Сафарнома ҳамчун жанри қадимаю фаъоли журналистика воқеаву ҳодисаҳои гуногунро инъикос намуда, хонандаро бо беҳтарин ва волотарин лаҳазоти сафар ошно месозад. Аз ин нигоҳ, имконияти жанри сафарнома хеле бузург аст. Дар сафарнома тасвир ва инъикоси ҳаматарафаи ҳодисаю воқеа маҳдуд нест, зеро интихоби мавзӯю лаҳзаҳои ҷолибу пураҳамияти ҳодисаю воқеаҳо ба муаллифи сафарнома ё сайёҳ вобаста аст.

Теъдоди сафарнома дар матбуоти даврӣ, хусусан ҳафтаномаҳо дар тӯли соли 2013 хеле зиёд гаштааст. Агар аз ин нигоҳ ба нашрияҳо муроҷиат намоем, мебинем, ки ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» дар ҷойи аввал аст. Аз ҷиҳати теъдод ҷойи дуюм ба ҳафтаномаи «СССР» насиб мегардад, ҷойи сеюмро нашрияҳои «Фараж» ва «Тоҷикистон» ишғол мекунанд. Дигар нашрияҳо мутаносибан ҷойҳои минбаъдаро соҳиб гардидаанд.

Мо сафарномаҳоеро, ки дар ин муддат рӯйи чоп омадаанд, мутаносибан дар солҳои 2010 ва 2013 дар муқоиса меорем, ки ин муайянкунандаи мақоми онҳо дар матбуоти даврии тоҷик ба ҳисоб меравад.Ниг.: ба таблитса.

№	Номи нашрия	2010	2013
1	«Ҷавонони Тоҷикистон»	6	12
2	«СССР»	12	10
3	Фараж	7	9
4	«Тоҷикистон»	**5**	9
5	«Рӯзгор»	-	5
6	«Нигоҳ»	1	4
7	«Адабиёт ва санъат»	2	3
8	«Озодагон»	3	3
9	«Миллат»	4	1
10	«Минбари халқ»	-	1

Аз омӯзиши нашрияҳо аён гардид, ки дар тӯли соли 2013 ҳафтаномаҳои **«Ҷавонони Тоҷикистон»** (12), **«СССР»** (10), **“Фараж”** (9) ва **«Тоҷикистон»** (9) се ҷойи аввалро ишғол кардаанд.

Ин гуна омӯзишро дар муқоиса ба соли 2010 бигирем, мақоми нашрияҳо мутаносибан чунин аст: ҷойи якум–**«СССР» (10),** ҷойи дуюм–**«Фараж» (**7), ҷойи сеюм-**«Пайкон»** ва **«Ҷавонони Тоҷикистон»** (6).

Аз нашрияҳое, ки бештар сафарнома чоп кардаанд, ҳафтаномаи «СССР» дар дусе соли охир пешсаф аст. Ба андешаи мо, ин аз он аст, ки масъулини нашрия барои инъикоси ҳодисаю воқеа, вазъу ҳолат ва мушкилоту муаммоҳо кормандони хешро ба сафарҳои хидматӣ мефиристанд. Ин гуфтаи моро он чиз ҳам собит месозад, ки аксар

сафарномаҳои ин нашрия таҳти рубрика ё унвони «Редаксия супориш дод: ба … рав!» чоп шудаанд. Яъне, сафар бо супориши махсус. Ин хусусият дар дигар нашрияҳо дида намешавад. Ба ибораи дигар бигӯем, сафарномаҳои дигар нашрияҳо хусусияти фармоишӣ надоранд. Онҳо маъмулан аз сафарҳои бо мақсадҳои гуногун анҷомёфта навишта шудаанд. Намунаи чунин сафарномаҳо «Намасте ё канор гиред, ки Ҳинд меояд!!!» [10], «Редаксия супориш дод: Мастчоҳ рав!» [2], «Редаксия супориш дод: Қирғизистон рав!» [3] маҳсуб меёбанд.

Қариб дар ҳамаи сафарномаҳои матбуоти даврӣ хусусиятҳои жанрии сафарнома то андозае риоя гардидааст. Қироати онҳо ба хонандаи тоҷик як ҷаҳон маърифат мебахшад ва диққати онҳоро ба ҷойҳои таърихӣ, мавзею макон, масоили гуногун ва паҳлӯҳои дигари сафар мекашад. Масалан, сафарномаи «Амрико «Зомбистон» [13]-ро аз назар мегузаронем. Ин сафарнома аз сафари ИМА навишта шудааст. Панҷ нафар журналистон–ғолибони Барномаи «Ҷаҳони боз» (барнома аз ҷониби Ҳукумати ИМА маблағгузорӣ мешавад) бо мақсади «Тадқиқоти журналистӣ» дар расонаҳои Балтимор, пойтахти иёлоти Мериленди ИМА ба ин кишвар сафар мекунанд. Рӯзноманигорони тоҷик бо фаъолияти нашрияҳо, радио ва телевизионҳои маҳаллӣ ошно гардида, нисбат ба ВАО-и Тоҷикистон фарқияти ҷиддӣ намебинанд. «Вале, дар ИМА ҳокимият ё мақомоти қудратӣ ба расонаҳо бевосита коре надоранд, фишор нест», таъқиб барои танқид нест, - меорад муаллифи сафарнома Фаридуни Раҳнавард. Аммо расонаҳо дар дасти сарватмандонанд, ки дар ҳукумат нуфуз доранд. Ф. Раҳнавард зикр мекунад: «Барои мо, ки бори аввал дар ин кишвар будем, хеле аҷиб буд, ки пеш аз интихобот чанд сомона баста шуд, чанд журналистро говсуд карданд, чанд сиёсатмадор ҳабс ё латукӯб шуданд, нест» [13]. Ҳамчунин зикр мешавад, ки корманди БДА-ро намебинед, роҳбандӣ нест, гурӯҳ-гурӯҳ ба театр мераванд, дар китобхона (Китобхонаи Конгресси ИМА) навбат меистанд, мардум чойи гарм наменӯшанд, об ё афшураи сардро бо илова кардани ях пеш ва баъд аз хӯрок менӯшанд, қонунро сахт эҳтиром мекунанд, ҳар ҷойе ки кашидани сигор манъ аст, ин корро намекунанд. Зиёӣ чист, намедонанд. Ин гуна муносибат сайёҳони моро ба ҳайрат гузоштааст, ки менависанд: «Аҷаб мардум. Ман ин мамлакат ва ин мардумро намефаҳмам. Мо 21 сол боз баҳс дорем, ки зиёӣ кист, инҳо 200 сол боз безиёӣ зиндагӣ мекунанд. Чӣ хел онҳо ба ин кор даст ёфтаанд, маълум накарданд. Тасаввур кунед, агар мо зиёӣ надошта бошем…» [13]. Дар фуроварди сафарнома Раҳнавард менигорад: «Баъд аз сафари даҳрӯза ба Иёлоти муттаҳидаи Амрико ба хулоса омадам, ки ман дар ин кишвар хушбахт зиндагӣ карда наметавонам. Ба назарам, ҳар тоҷике агар гӯяд, ки ин ҷо хушбахт аст, як андоза дурӯғ мегӯяд» [13].

Ин сафарнома, то андозае хонандаи тоҷикро ба ҳаёти воқеии ИМА ошно месозад. Нигоҳи муаллиф ҳам тоза аст. Ҳар он чизе ки меорад, барои хонандаи тоҷик ҷолиб, хотирмон ва нав аст.

Рубрикаи маводи мазкур «Сафардида» мебошад.

Сафарномае, ки дар ҳафтаномаи «Озодагон» ба табъ расидааст, «Таҳсил дар Ҳиндустон аз Тоҷикистон фарқ дорад» [7] унвон дорад. Муаллифи сафарнома Нилуфари Карим зикр мекунад, ки аз як донишгоҳи Ҳиндустон барои таҳсили чормоҳа даъватнома гирифтам ва озими ин кишвари афсонавӣ шудам. Ӯ аввал ба Алма-ато (пойтахти Қазоқистон) ва аз он ҷо ба Ню-Деҳлии Ҳиндустон парвоз мекунад. Ба муаллиф насиб мегардад, ки дар давоми таҳсил ба чор шаҳри машҳури Ҳиндустон – Орча, Дехрадун, Агра ва Ҷайпур сафар намуда, беҳтарин ва волотарин мавзеъҳои дилфиреби ин шаҳрҳоро бубинад. Ба ӯ тамошои Тоҷмаҳал (дар шаҳри Агра), вохӯрӣ бо 20 нафар донишҷӯёни тоҷик дар коллеҷи ҳарбӣ (дар Деҳрадун) таассуроти амиқ мегузорад. Нилуфар ёдовар мешавад, ки дар Донишгоҳи хабарнигорӣ ба дарсҳои амалӣ бештар диққат медиҳанд. Мувофиқи нигоштаи ӯ, баъзе дарсҳо дар мактабу донишгоҳҳои мо таълим дода намешаванд. «Дар ин таълимгоҳ,-менависад вай,-дарсҳое буданд, ки дар макотиби миёна ва олии Тоҷикистон ба мушоҳида намерасанд ва зарур ҳам шумурда намешаванд, ба мисли ҳунари омодасозии муаррифӣ, баромад назди мардум дар шароити гуногун, барқарорсозии саломатӣ аснои мондашавӣ ва ғайра» [7]. Чуноне муаллиф таъкид мекунад, дар тӯли чор моҳ ба ғайр аз вазифаҳои хонагии ҳаррӯза, барномаи вижаи радиоӣ ва телевизионӣ, инчунин як маҷалла ҳам омода кардааст. Дар охир намояндаи ҳар кишвар мамлакаташро муаррифӣ намудааст. 12-уми апрел «Рӯзи муаррифии Тоҷикистон» эълон шудааст. Барои хубу хотирмон ва аз дигарон фарқкунанда гузаронидани ин рӯз Нилуфар аз Душанбе барои ҳамаи ҳамсабақонаш токии тоҷикӣ дархост мекунад ва худаш дар бораи Тоҷикистон матолиби ҷолиб омода месозад. Дипломатҳои тоҷикистонӣ синфхонаҳоро бо сӯзанию гулдӯзиҳои миллӣ, рамзу

байрақ ва нишони давлатӣ ороиш медиҳанд. Дар натиҷаи чунин заҳматҳо муаррифии ватанамон олиҷаноб мегузарад.

Сафарнома таҳти рубрикаи «Раҳоварди ҳафта» пешкаши хонандагон шудааст.

Қироати сафарномаҳои зикршуда ба хонандагони тоҷик маълумоти наву хотирмон медиҳад, онҳоро бо мавзеъҳои ноошно шинос мегардонад. Ин аст, рисолати жанрии сафарнома.

Дар мавриди доираи ҷуғрофии сафарномаҳо ҳамин нуктаро қайд кардан лозим меояд, ки сафарномаҳо аз дохили ҷумҳурӣ-«Моҷаро дар Тангдара» [1], «Мурғоб он қадар ҳам дур нест» [5], «Бадахшон: Роҳ сӯи диёри домани гардун» [17], аз хориҷаи наздик – «Фавворaҳои пурхурӯш чун рамзе аз дӯстӣ» [8], «Зиёрати қадамҷои А.С. Пушкин» [12], «Муаррифии осоишгоҳҳо дар Туркманистон» [14], «Андешаҳои сабз»-и ҷавонон дар соҳили Иссиққӯл» [15], хориҷаи дур – «Аксҳое, ки бар Кобул ҳукумат мекунанд» [9], «Дар Амрико чӣ мегӯянд?» [6], «Навбаҳори Шероз» [11], «Тоҷикистон бо Амрико муқоисанашаванда аст, аммо…» [16], «Асрори «Муъҷизаи Чин» [18], «Китоби Теҳрону гулоби Кошон» [19] эҷод шудаанд.

Агар дар мавриди рубрикаҳои сафарномаҳо бигӯем, онҳо хеле рангорангу гуногунмазмунанд. Масалан, сафарнома, сафардида, сафаргуфта, сафароварда, қайдҳои сафар, раҳовард, маҳсули сафар, очерки сафарӣ, ҷаҳонгардӣ, саёҳат, муҳоҷират, фотосафарнома, таҳлил, мавзӯи рӯз ва ғайра. Аксар ҳафтаномаҳо маъмулан зери рубрикаи «Сафарнома», «Сафардида», «Сафаргуфта», «Раҳовард» ё «Раҳоварди сафар», «Қайдҳои сафар» ва ғайра маводи маҳсули сафарро чоп кардаанд, ки ин ба мазмуну муҳтавои мавод ҳам мувофиқ аст.

Ба ҳамин тариқ, аз нигоҳи мухтасари матбуоти тоҷик дар тӯли соли 2013 ба назар мерасад, ки сафарнома ҳамчун жанри публитсистика кайҳо мақоми арзандаро касб кардааст ва ҳар сари вақт дар саҳифаҳои матбуоти тоҷик пайдо мешавад ва хонандаи тоҷикро бо арзишмандтарин лаҳазоти сафар ошно месозад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳмадзода А. Моҷаро дар Тангдара / А. Аҳмадзода // Тоҷикистон. – 2013. – 6 июн.
2. Ашроф Р. Редаксия супориш дод: Мастчоҳ рав! / Р. Ашроф // СССР. – 2010. – 20 май.
3. Ашроф Р. Редаксия супориш дод: Қирғизистон рав! / Р. Ашроф // СССР. – 2010. – 24 июн.
4. Давлат Р. Аксҳое, ки бар Кобул ҳукумат мекунанд / Р. Давлат // Миллат. – 2013. - 18 декабр.
5. Диловар С. Мурғоб он қадар ҳам дур нест / С. Диловар // Адабиёт ва санъат. – 2013. – 12 декабр.
6. Идизод И. Дар Амрико чӣ мегӯянд? / И. Идизод // Тоҷикистон. – 2013. – 28 ноябр.
7. Карим Н. Таҳсил дар Ҳиндустон аз Тоҷикистон фарқ дорад / Н. Карим // Озодагон. – 2013. – 8 май.
8. Қурбонов Н. Фавворaҳои пурхурӯш чун рамзе аз дӯстӣ / Н. Қурбонов // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2013. – 18 июн.
9. Латифов Ҷ. Аксҳое, ки бар Кобул ҳукумат мекунанд / Ҷ. Латифов // Миллат. – 2013. - 18 декабр.
10. Мизроб С. Намасте ё канор гиред, ки Ҳинд меояд!!! / С. Мизроб // СССР. – 2013. – 5 сентябр.
11. Озарахш Толиб Карим. Навбаҳори Шероз / Озарахш Толиб Карим // Адабиёт ва санъат. – 2013. – 11 июл.
12. Раҳим Х. Зиёрати қадамҷои А.С. Пушкин / Х. Раҳим // Адабиёт ва санъат. – 2013, 14 феврал, 30 май.
13. Раҳнавард Ф. Амрико – «Зомбистон» / Ф. Раҳнавард // Нигоҳ. – 013. – 29 май.
14. Саидмурод М.Муаррифии осоишгоҳҳо дар Туркманистон / М. Саидмурод, Ҳ. Азизов // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2013. – 10 октябр.
15. Тӯйчизода Н. «Андешаҳои сабз»-и ҷавонон дар соҳили Иссиққӯл / Н. Тӯйчизода // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2013. – 6 ноябр.
16. Хуҷаста Н. Тоҷикистон бо Амрико муқоисанашаванда аст, аммо… / Н. Хуҷаста // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2013. – 28 феврал.
17. Ҳамдампур Ш. Бадахшон: Роҳ сӯйи диёри домани гардун / Ш. Ҳамдампур // Тоҷикистон. – 2013. – 20 июн.
18. Ҷумъа Қ. Асрори «Муъҷизаи Чин» / Қ. Ҷумъа // Минбари халқ. – 2013. – 13 июн.
19. Юсуфӣ Ю. Китоби Теҳрону гулоби Кошон / Ю. Юсуфӣ // Озодагон. – 2013. – 19 июн.

РОЛЬ САФАРНАМЕ (ПУТЕВЫХ ЗАМЕТОК) В ТАДЖИКСКОЙ ПРЕССЕ (2013)

Сафарнаме (путевые заметки) как журналистский жанр имеет исторические корни, и достиг в наше время наивысшего развития. С точки зрения таджикской печати в 2013 путевые заметки как публицистический жанр нашли свое место на страницах таджикской печати и знакомят читателей с самыми привлекательными моментами путешествий.

Ключевые слова: пресса; газета; еженедельник; публицистика; жанр; странствования; путевые заметки.

THE ROLE OF “SAFARNOMA” (TRAVEL NOTES) IN TAJIK PRESS (2013)

Safarnoma (travel notes) as a journalistic genre has historical roots and reached our time in completely and arranged form. After independence of Tajikistan, this genre speedily developed. This demonstrates safarnoma’s published notes in the pages of the press. In the article materials showed the travel’s value published in 2013 on the newspapers and these weeklies place has been simplified.

Key words: press; newspaper; weekly; publistics; genre; travel; travel notes.

Сведения об авторе: ***Н. Бозоров*** – кандидат филологических наук, доцент Таджикского национального университета. Телефон: **909-15-15-16**

НАҚШИ М. ВОҲИДОВ ДАР ГУСТАРИШИ ГУФТОРҲОИ ДРАМАВИИ РАДИОИ ТОҶИКИСТОН

О. Матхолов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Силсилагуфторҳои адабии радиотеатр ва театр дар назди микрофон аз қабили он гуфторҳое аст, ки як қисми таркибии барномаҳои адабии радиои шӯравии тоҷикро фаро мегирифт. Ин аст, ки имрӯз як бахши ғании хазинаи тиллоии радиои Тоҷикистонро гуфторҳо ташкил медиҳанд.

Бояд гуфт, ки хазинаи аудиоии (овозӣ) радио як хазинаи маъмулӣ набуда, балки хазинаи маънавии миллати тоҷик, хазинаи театрҳои мамлакат ва намунаи бозтоби олии ҳунари ҳазорон ҳунарманд аст. Ин бартарият, пеш аз ҳама дар он асос меёбад, ки маводи бахши «радиотеатр» ва «театр дар назди микрофон»-и радио аксаран айёми авҷи рушди театри тоҷик сабт гардидааст. Ин аст ки дар аксари намоишномаҳои радио сабти овоз ва лаҳзаҳои бозингарии он ҳунармандоне маҳфуз аст, ки ҳоло дар қайди ҳаёт нестанд, вале бо иҷрои ҳунари нотакрори худ дар ташаккули театри миллӣ саҳми босазо гузоштаанд.

Аз тарафи дигар, як хизмати радиотеатрҳо дар он аст, ки театрро ба мардум ва мардумро ба театр наздик кардаанд ва дар натиҷа, дар ташаккули тафаккури эстетикӣ, барои ҷаҳонбинии васеъ ва ҷаҳоншиносии шунавандагони тоҷик низ саҳми босазо гузоштаанд. Инчунин аҳамияти таърихии радиотеатрҳо дар он асос меёбад, ки замоне ки ҳанӯз тарбияи кадрҳои соҳаи театр дар Тоҷикистон сурат намегирифт, ин гуфторҳои радио, аллакай заминаи соҳаро фароҳам кард ва баъди огоҳи аз дунёи театру ҳунарварӣ сафи довталабони курсҳои соҳавӣ дар донишкадаҳо афзуд.

Гуфторҳои драмавӣ дар радио асосан, ба 2 шакл пахш мешаванд:-«радиотеатр», ки бевосита дар худи радио сабт мегардад ва «театр дар назди микрофон», ки аз саҳнаи театр сабт шуда, баъди коркарди радиоӣ пахш мегардад. Барномаи драмавии радио асосан, асарҳои саҳнавиест, ки барои театр таҳия гардидааст. Он асари саҳнавиро ба пахши радиоӣ мувофиқ намудан буда, ба жанрҳои бадеӣ дохил мешавад. Дар баъзе мавридҳо ба намоишномаҳои дар театр сабтшуда садои барандаро танзим менамоянд ва ӯ рӯйдодҳои саҳна ва ҳаракати актёронро ба шунавада шарҳ медиҳад. Яъне, баранда ба иштирокдори спектакл табдил ёфта, мазмуну мундариҷаи асарро бо луқмаҳои хусусияти ахборидошта ба сомеъ мерасонад. Образи бадеӣ дар инсенировкаи радио тариқи ифодаи ба ин ниҳод хос ва мусиқӣ ташаккул меёбад ва таъсирашро афзун мекунад. Баъзан барои бо ҳадафи васеъ инъикос кардани муҳтавои асари бадеӣ матн ё саҳнаҳои нав илова мешаванд, ки ин ҷо маҳорати муаллиф ва коргардон нақш мебозад. Муҳаққиқи театри тоҷик Н. Нурҷонов дар заминаи мавзӯъ чунин назар дорад, ки «радиотеатр баъди андак таҷриба овардани нахустин театри миллӣ, сабзидани актёрҳои он ба вуҷуд омад. Ҳунарпешагон ашъори шоирони тоҷик ва русро қироат менамуданд. Баъзе намоишҳои хуб (масалан, «Макр ва муҳаббат», «Оршин мол олон») аз тариқи радио мустақиман пахш мешуд. Баъдтар беҳтарин намоишҳо андак ихтисор ёфта, дар лента сабт гардидаанд [1]. Баъзе ҳикоя, достон ва қисса махсус барои шунавандагон таҳия гардидааст. Инчунин, ин мухаққиқ андеша дорад, ки радио нисбат ба театр, кино ва телевизион имкониятҳои васеъ ва рангубори ғанӣ дорад. Он маҳорати актёрро дар каломи бадеъ сайқал медиҳад, ба сабзиши ӯ кӯмак мекунад, ҳунарманди хубро машҳур мегардонад [2]. Масалан, то имрӯз (то соли 2000-ум) Аслӣ Бурҳонов, София Туйбоева, Ҳоҷиқул Раҳматуллоев, Тӯти Ғаффорова, Муҳаммадҷон Қосимов, Абуҳомид Нурматов, Зоҳир Дӯстматов, Ҳалима Насибулина, Муҳаммадҷон Ҳалимов, Наим Ғиёсов, Алиназар Хӯҷаев, Борис Наматиев, Гулчеҳра Бақоева, Салимов Усмон, Абдулхайр Қосимов, Маҳкам Ҳоҷиқулов, Ҳомид Саидаҳмадов, Хайрӣ Назарова, Мукаррама Шамсуллоева, Маҳмуд Тоҳирӣ, Оиша Ҳаётова, Гурминҷ Завқибеков, Соро Турсунова, Абдусалом Раҳимов, Маҳкам Ҳоҷиқулов, Маҳмудҷон Воҳидов, Шамсӣ Қиёмов ва дигар ҳунармандони маъруф дар

радиотеатрҳо иштирок намудаанд. Вале, дар ин миён ҳиссаи М. Воҳидов дар баробари шаклан ва мазмунан нав пешниҳод кардани гуфторҳои адабӣ, инчунин барои боз ҳам пурнуфуз гардидани гуфторҳои драмавӣ-радиотеатрҳои тоҷик низ басо калон аст. Аз тарафи дигар, нақши радио ва телевизиони тоҷик низ, дар ташаккули ҳунари театрӣ ва сухангустарии М. Воҳидов хеле назаррас аст, ки баъдан яке аз сабабҳои инкишофи театри як ҳунарманди асил гардид. Огоҳии комил аз ҳусну қубҳи асарҳои драмавии драматургони дохилӣ ва ҷаҳонӣ имкон додааст, ки М. Воҳидов дар беҳтарин асарҳои саҳнавӣ иштирок кунад ва ба он асар бо ҳунари асилаш қабои тоҷикӣ пӯшонад. Ин боис шуд, ки дар як қатор асарҳои драматургони тоҷикиву ҷаҳонӣ нақши асосиро хуб иҷро кунад.

М. Воҳидов дар радиотеатрҳо ва радоинсенеровкаҳо як қатор нақшҳоро иҷро кардааст. Ӯ симои қаҳрамонҳои асосии повестҳои инсинировкашудаи «Ҷамила»[3] ва «Чашми шутур» [4] -и Чингиз Айматов, нақши Маҷнун [5] дар «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, нақши Ромин дар «Вис ва Ромин»-и Фахриддини Гургонӣ, нақши Бежан [6] дар «Бежан ва Манижа»-и А. Фирдавсӣ, нақши Кочерин [7]дар «Бэлла»-и Ю. Лерментов, нақши Шопир дар «Нисо» [8] -и П. Лукнитский, нақши Котиби райком [9] дар «Дарё маҷрои нав меҷӯяд»-и М. Наҷмиддинов, нақши Командир [10] аз «Вафо» -и Ф. Ниёзиро офаридааст.

Мувофиқи ҳисоби мо ҳоло дар хазинаи тиллоии радиои Тоҷикистон дар бахши театр дар назди микрофон ва радиотеатрҳо М. Воҳидов маҷмуан дар 35 намоишномаҳо нақш бозидааст, ки ҳамаи он дар хазина маҳфуз аст. Аз ин шумора 12 ҳолат дар саҳнаи театри Лоҳутӣ ва зиёда аз он бевосита дар студияҳои радио нақш бозидааст. Ҳунарпеша ҳангоми офаридани ин ё он нақш дар радиоспектакл ё радиоинсенировка чун ба нақши ба намоиши театр иҷрокардааш муносибат кардааст. Муҳаққиқи театри тоҷик Н. Нурҷонов дар таҳияи радиотеатр андеша дорад, ки «кори актёр дар радио хусусиятҳои хосе дорад. Ӯ дар театр, кино, телевизион, эстрада нишонаҳои зоҳирии худро истифода бурда метавонад. Аслиҳаи ӯ чашм, имову ишора, ҳаракати дасту по аст. Ба ӯ инчунин мизантсенаҳои эҷодкардаи худаш ё режиссёр, ороиш, рӯшноӣ кӯмак мерасонад. Дар радио бошад, аз ҳамаи ин маҳрум аст. Ягона василаи таъсир овоз мебошад»[11]. Барои гӯшрастар шудани радиотеатр истифодаи мусиқӣ ва эфектҳои овозӣ ва маҳорати ҳунармандон нақши муҳим мебозад. «Радио аз ҳунарпеша изҳори пурраи ҷаҳони ботинӣ, ифодаи баланди эҳсос, истифодаи баланди қувваро талаб менамояд. Дар назди микрофон, ки диққати асосӣ ба фикр ва ғояҳое равона мешавад, ки онҳоро ҳамроҳи муаллифи асар ба шунаванда расондан лозим аст. Бинобар ин, овози хуш, лаҳни шево, эҳсос, ҳаяҷону самимият ва маҳорати баланди ҳунарпешаро ҳеҷ чиз иваз карда наметавонад» [12].

Бояд гуфт, ки то ҳанӯз вуҷуд надоштани феҳристи комили осори савтӣ барои нафароне, ки ба омӯзиши хазинаи радиои Тоҷикистон машғул мешаванд, мушкилӣ пеш меояд. Аз тарафи дигар, ҳангоми гуфторҳоро аз лента ба диск гузарондан саҳлангорӣ роҳ ёфта, номуназамиро барои ёфтани гуфторҳо ба вуҷуд овардааст. Ҳамчунин ҳолати нигаҳдории маводи хазина хуб нест. Хуллас, таҳқиқи мавзӯъ маълум намуд, ки аксари гуфторҳои «радиотеатр»-ҳо арзиши таърихӣ, сиёсӣ, илмиву фарҳангӣ дошта, барои тарбияи кадрҳои соҳа, шиносоии тамаддуни ҷаҳонӣ, барои ривоҷи завқи эстетикӣ ва ҷаҳонбинии шунавандагони тоҷик нақши муҳим бозидааст.

Номгӯйи нақшҳои М. Воҳидов дар хазинаи радио

1. Низом Нурҷонов. Маҳмудҷон Воҳидов / Низом Нурҷонов. -Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. -384 с.
2. Ҳамон ҷо.
3. **Хазинаи Радиои Тоҷикистон.** *Дафтари № 1. Шуъбаи адабӣ. Театр дар назди микрафон ва радиотеатр*
4. № 1333. «Нисо» радиотеатр аз романи Павел Лукнитский (3 гуфтор), коргардон Ҳ. Насибулина. Сабти соли 1973, вақт: 1 соату 23 дақиқа.
5. № 148. «Шоҳгавазн». Театр дар назди микрофон-дар нақши Дурандарте-М. Воҳидов. Намоишномаи хатмкунандагони ГИТС-и ш. Москва, аз рӯйи песаи Карло Госа ва тарҷумаи А. Деҳотӣ. Сабти соли 1961, вақт: 1 соату 22 дақиқа.
6. № 155. «Камбағалӣ айб нест». Театр дар назди микрофон-дар нақши Митя. Намоишномаи хатмкунандагони ГИТС-и ш.Москва, аз рӯйи песаи Н. Островкий дар тарҷумаи А. Деҳотӣ. Сабти соли 1962, вақт: 1 соату 29 дақиқа.
7. № 161. «Ҷамила». Радиотеатр аз рӯйи асари Чингиз Айтматов, тарҷумаи Ф. Муҳаммадиев, коргардон Ҳ. Насибулина. Сабти соли 1962, вақт: 57 дақиқа.

8. № 198. «Духтари оташ» аз 3 қисм (№ 209-2қ. № 216-3қ) аз рӯйи асари Ҷ. Икромӣ, коргардон Ҳ. Насибулина. Сабти соли 1963, вақт 3 соату 43 дақиқа.

9. № 213. «Ман гунаҳгорам». Радиотеатр аз рӯйи асари Ҷ. Икромӣ, коргардон Шамсӣ Қиёмов. Сабти соли 1963, вақт: 1 соату 04 дақиқаю 42 сония.

10. № 226. «Иродаи зан». Театр дар назди микрофон аз театри Лоҳутӣ аз рӯйи песаи Аъзам Сидқӣ, муаллиф Ҳоҷиқул Раҳматуллоев. Сабти соли 1963, вақт 1 соату 23 дақиқа.

11. № 237. «Чашми шутур». Радиотеатр аз рӯйи повести Ч. Айтматов ва тарҷумаи Аҳрорӣ, коргардон Ҳ. Насибулина. Сабти соли 1963, вақт: 49 дақиқаю 12 сония.

12. № 290. «Бэла». Радиотеатр аз рӯйи романи Ю. Лерментов («Қаҳрамони давраи мо») нақши Печорин-М. Воҳидов, коргардон Ҳ. Насибулина. Сабти 1964, вақт: 1 соату 1дақиқаю 30 сония.

13. № 312. «Аз роҳи раъди ғуррон». Радиотеатр аз рӯйи романи Питер Абраҳамс, корагардон-Ҳ. Насибулина. Сабти соли 1964,вақт: 1 соату 26 дақиқаю.

14. № 325. «Катерина». Радиотеатр аз рӯйи асари Т. Г. Шевченко, тарҷумаи М. Қаноат, коргардон-Ҳ. Насибулина, баранда М. Воҳидов. Сабти соли 1964, вақт: 46 дақиқа.

15. № 403. «Лайлӣ ва Маҷнун». Радиотеатр аз рӯйи асари А. Ҷомӣ, муаллиф-А. Афсаҳзод, коргардон Ҳ. Насибулина, нақши Маҷнун-М. Воҳидов. Сабти соли 1964, вақт: 1соату 21дақиқа 05 сония.

16. № 455. «Гунаҳгорони бегуноҳ». Театр дар назди микрофон аз т.Лоҳутӣ, аз рӯйи песаи А.Е. Островский. Сабти соли 1965, вақт: 1соату 52 дақиқаю 30 сония.

17. № 612. «Ҳуррият». Театр дар назди микрофон аз т. Лоҳутӣ аз рӯйи песаи Ғанӣ Абдулло, муаллиф-Ф.О. Александрин. Сабти соли 1966, вақт: 2 соату 03 дақиқа.

18. № 709. «Вис ва Ромин». Радиотеатр аз рӯйи достони Ф. Гургонӣ (2 қисм) муаллиф-А. Девонақулов. Коргардон Ҳ. Насибулина. Сабти соли 1967, вақт: 1 соату 17 дақиқаю 15 сония.

19. № 818. «Сели баҳорон». Радиотетр аз рӯйи асари Иван Сергеевич Тургенев, муаллиф ва коргардон Ҳ. Насибулина. Сабти соли 1968, вақт: 1 соату 29 дақиқа.

20. № 875. «Дилҳои сӯзон». Театр дар назди микрофон аз т Лоҳутӣ аз рӯйи песаи Ҷ. Икромӣ дар асоси романи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро», баранда-М. Воҳидов. Сабти соли 1968, вақт: 1 соату 30 дақиқа.

21. № 884. «Дарё маҷрои нав меҷӯяд». Радиотеатр аз рӯйи повести Мутеъулло Наҷмидинов, коргардон Ҳ. Насибулина. Сабти соли 1966, вақт: 1 соату 24 дакиқаю.

22. № 904. «Ҳукми модар». Театр дар назди микрофон аз т. Лоҳутӣ аз драмаи Ф. Ансорӣ, баранда-М. Воҳидов. Сабти соли 1962, вақт: 1 соату 55 дақиқа.

23. № 910. «Роҳи каҳкашон». Радиотеатр аз рӯйи асари Ч. Айтматов, муаллиф И. Рустамова, коргардон-Ҳ. Насибулина. Сабти 1969, вақт: 1 соату 41 дақиқа.

24. № 993. «Бежан ва Манижа». Радиотеатр аз достони А. Фирдавсӣ, муаллиф-А. Девонақулов, коргардон Ҳ. Насибулина. Сабти соли 1966, вақт: 1 соат.

25. № 998. «Замини корамшуда». Радиотеатр аз романи Михаил Шолохов, муаллиф И. Рустамова, коргардон-Ҳ. Насибулина. Сабти соли 1969, вақт: 1соату 25 дақиқа.

26. № 1071. «Рустам ва Сӯҳроб». Театр дар назди микрофон аз т. Лоҳутӣ аз рӯйи песаи Ғанӣ Абдулло, баранда-М.Воҳидов. Сабти соли 1970, вақт: 2 соат.

27. № 2201. «Вафо» радиотеатр (2 қисм) аз романи Ф. Ниёзӣ, коргардон Ҳ. Насибулина. Сабти соли 1970, вақт: 3 соат.

28. № 1099. «Як гулу сад харидор» радиотеатри Кришан Чандр, муаллиф-Уктам Холиқов, коргардон Ҳ. Насибулина. Сабти соли 1970, вақт: 1 соату 57 дақиқа.

29. № 1178. «Орзу». Театр дар назди микрофон аз т. Лоҳутӣ аз песаи М. Назаров, коргардон-Ҳ.Насибулина. Сабти соли 1971, вақт: 1 соату 44 дақиқа.

30. № 1240. «Ҷанги тан ба тан». Театр дар назди микрофон аз т.Лоҳутӣ, аз драмаи кирғиз-Байчиев Мар, коргардон Ҳ. Насибулина. Сабти соли 1972, вақт: 1 соату 21 дақиқа.

31. № 1263. «Бунафша». Театр дар назди микрофон аз т. Лоҳутӣ аз мазҳакаи драматурги Озорбойҷон-Мирзо Иброҳимов, муаллиф- Х. Майбалиев, коргардон Ҳ. Насибулина. Сабти соли 1972, вақт: 1 соату 46 дақиқа.

32. № 1333. «Нисо». Радиотеатр аз романи Павел Лукнитский (3 гуфтор), коргардон Ҳ. Насибулина. Сабти соли 1973, вақт: 1 соату 23 дақиқа.

33. № 1372. «Дили албастӣ». Радиотеатр аз песаи Иосиф Прут, тарҷумаи Адаш Истад, коргардон Ҳ. Насибулина, сабти соли 1973, вақт: 1. 43 д.

34. № 1412. «Тахти вожгун». Радиотеатр аз романи Ч. Икромӣ «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро», коргардон Ҳ. Насибулина, сабти соли 1974, вақт: 1 соату 26 дақиқа.

35. № 1457. «Қуллаи Фудзияма».Театр дар назди микрофон аз т. Лоҳутӣ аз Ч. Айматов, коргардон Ҳ. Насибулина, сабти соли 1974, вақт: 1с.45д.

36. № 1575. «Манораи ёдгорӣ». Радиотеатр аз повести В.Бков, тарҷумаи А. Истад, коргардон-Ҳ. Насибулина. Сабти соли 1975, вақт: 1 соату 1 дақиқа.

37. № 1614. «Машварат». Театр дар назди микрофон аз песаи Александр Гелман, тарҷумаи Иброҳим Раҳматов. Сабти соли 1974, вақт: 1соату 28 дақиқа.

38. №. 1799. «Имзои шахсӣ», (2 қ.) радиотеатр аз повести А. Шукӯҳӣ ва Ҳ. Аскар, муаллиф Акбар Ҷӯраев, коргардон-Ҳ. Насибулина. Сабти соли 1977, вақт: 3 соат.

39. № 2585. «Ҳикоя дар бораи Ленин». Радиотеатр аз Евгений Габрилович, коргардон Ҳ. Насибулина. Сабти соли 1963, вақт: 1 соату 20 дақиқа.

А Д А Б И Ё Т

1. Бойгонии Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахши радио-хазинаи адабӣ: Дафтари №1. Шуъбаи адабӣ. Театр дар назди микрофон ва радиотеатр. Дафтари №2. Шуъбаи адабӣ. Театр дар назди микрофон ва радиотеатр.
2. Нурҷонов Н. Маҳмудҷон Воҳидов / Н. Нурҷонов. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. - 384 с.
3. Ошёни булбулон: Маҷмӯаи мақолаҳо роҷеъ ба 60-солагии радиои Тоҷикистон: - Душанбе: Ирфон, 1990. - 72 с.

РОЛЬ М. ВАХИДОВА В РАЗВИТИИ ЖАНРА РАДИОТЕАТРА НА ТАДЖИКСКОМ РАДИО

В статье автором рассматривается роль жанра радиотетара в формировании эстетического мышления и мировоззрения радиослушателей на примере деятельности великого таджикского актера Махмуджона Вахидова.

Ключевые слова: радио, радиотеатр, М.Вахидов, роль, театр, артист.

THE ROLE OF M VAHIDOV IN THE DEVELOPMENT OF THE GENRE OF THE RADIO STATION IN TAJIK RADIO

In the article the author examines the role of the genre of radiometer in the formation of aesthetic thinking and attitudes of listeners on the example of the great Taiik actor Mahmudjon Vahidov.

Key words: radio, radio station, M. Vahidov, role, theatre, artist.

Сведения об авторе: ***О. Матхолов*** – соискатель Таджикского национального университета

НИГОҲЕ БА МАВЗӮИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР ШЕЪРИ ИҶТИМОИИ БОЗОР СОБИР

А. Қутбиддинов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шеъри иҷтимоӣ ва шоири иҷтимоъсаро аз замони тулӯи сухани мавзун вуҷуд дошт. Адиб ба атроф менигарист ва дар асоси ин дидаҳо дар таровиши чашмаи илҳомаш хатҳои нав падид меомаданд. Таъиноти маълум аст, ки шеър каломи мухайялу мафтункунанда аст ва беҳтарин шеър–хаёлангезтарин шеър аст. Аммо сарчашмаи хаёлро ҳам воқеияте оғоз мебахшад, ки он зиндагист ва бидуни алоқа ба олами воқеият адиб наметавонад, ки дар ҷодаи эҷод қадам гузорад. Адабиётшиноси шинохта Соҳиб Табаров хеле дуруст дар мавриди «…дахолаткунанда ва мушоҳидачӣ…» [3, 206] будани адибон дар фаъолияти эҷодиашон қайд менамояд, ки ин худ дараҷаи алоқаву муносибати адиб бо замонро нишон медиҳад. Пас, олами воқеият ин дар навбати аввал фазои рӯзро дида тавонистани адиб ва алоқаи ӯ ба замону рӯзгори фарогир мебошад. Шоир девонҳо меофарад, ғазали орифонаву ошиқона мегӯяд, достонҳои ишқии пуртароват менависад. Аз ин эҷодаш хонанда образҳои гуногуни навинро шинохта мегирад ва дар бораи воқеаи набудаву ҳодисаи ғайритасаввур андеша меронад. Оромиши хотири хонанда баланд мегардад ва ҳамчун сарчашмаи тарбияву умед аз ҳар як сатр баҳра мебарад, ки мо инро дар адабиёт тарбияи завқи эстетикӣ меномем. Аммо бо ин ҳама бардошт хонанда ҳанӯз муаллифи ашъорро намешиносад. Адиб чӣ рӯзгоре чӣ қисса дорад ва барояш ин ҷомеа чӣ қадру манзалат дорад, ба ӯ равшан нест. Ӯ намедонад, ки адиб дар кадом сангар қарор дорад. Замоне ки адиб ба иҷтимоъ сару кор мегирад, шинохти хонанда низ дар ин самт шурӯъ мегардад. Ин шинохт–шинохти иҷтимоии муаллиф аст, ки ӯ

дар домани насру назм сатрҳову достонҳо меофарад ва он як «ҳикмати канорӣ»-ест, ки хонанда мавқеи адибро суроғ мекунад.

Бозор Собир шоири иҷтимоист. Дар адабиёти муосири тоҷик шоирони иҷтимоъсаро кам нестанд ва дар ин ҷода Бозор Собир роҳу самти хоси худро дорад. Ӯ шоири навовари замонбин аст, ки ашъораш хусусиятҳои сифатии мутафовут доранд. Дар шеъри ӯ садои замона танин дорад ва садои қалбаш бо он ҳамоҳанг мегардад. Лирика ва фалсафаи шеъри ӯ бо воқеият печидагии амиқ дорад. Ӯ шоирест, ки дар муқобили ҷараён шино кардан мехоҳад ва ин амал ба ӯ даст медиҳад. Махсусан, дар назми солҳои навадуми шоир воқеанигорӣ боло меравад. Дар пайроҳаи худшиносиву ватанпарастӣ шоҳроҳ мекушояд. Шоир ҳама завлонаҳоро барҳам мезанаду мешиканад ва мамнун аст, ки ӯ ва шеъри ӯ озод аст. Ин озодиҳо бошанд, фароҳамоваранда ва мусоидаткунанда барои каломи воқеъбинонаи ӯст. Ӯ ватандӯст аст ва муҳаббати ӯ ба ватан аз дигар муҳаббатҳо фарқ дорад:

Ба ғайр аз ғози мизони ватан нест,
Хати ман дар ҳавои шеъри озод.

Аз таърихи шеъри арабиву форсӣ маълум аст, ки ҳолатҳои мухталифи сиёсиву иҷтимоӣ ҳамеша дар оғӯши каломи мавзун мавқеъ дошта, барои дарёфти воқеияти замони муайян кӯмак ҳам менамояд. Ин тамоюл танҳо хоси ҳавзаи шеъри арабу форс намебошад ва махсусан дар аввалин шеърҳои памфлетмонанди асрҳои 12-13-и Аврупо ин ҷиҳат бошиддат ҷилва менамояд. Барои адабиёти мо ин ҷараён ҳанӯз дар эҷодиёти Рӯдакиву Фирдавсӣ сурати оғоз дошт. Чӣ гуна мункири ин андеша метавон буд, ки Рӯдакӣ ҳазор сол қабл замонро ва «забону пой дар банд будан»-ро кашф кардану шинохтан мехост:

Замона гуфт маро: «Хашми хеш дор нигоҳ,
Киро забон на ба банд аст, пой дар банд аст».

Яъне, ин раванд танҳо хоси асрҳои навин нест. Хусусиятҳо дар даврaҳои мухталиф монанду умумианд ва тафовут танҳо он аст, ки василаҳои дастрасии ин даврaҳо мухталиф буданд. Дар мисоли сирвенту шпрух ва фаблиоҳо (қолабҳои жанрӣ) муҳаққиқ В.Ученова ин раванди шиддатёбандаро дар адабиёти асрҳои 10-12-и Аврупо хеле хуб нишон додааст. Яъне, дар қолаби назм баён кардани ҳадаф ва ба таври фаврӣ ҷалб сохтани хонандагон анъанаи куҳан ба шумор меравад. Ба вуҷуд овардани ин ҷолибият дар пояи факту далел ва асноди муайяни таърихӣ сурат мегирад. Бозор Собир бо ин шева хеле муассиру сӯзонанда (памфлетмонанд) дарду ранҷи халқи ватанашро ифода намудан мехоҳад. Ҳам фард ва ҳам воқеа дар назми ӯ ҷолиб ба тасвир меоянд. Масалан, дар шеъри ӯ, дар замони охирин нафасҳои идеологияи шӯравӣ, қаҳрамони замон-«депутат» ва халқи ҷафодидаи тоҷик дар партави сиёсати нодурусти ҳукумати вақт чунин манзалат доранд:

Пахта «Шарқи сурх»-ро хӯрд,
Ту нашин дар гӯш пахта.
Халқ оби пахта нӯшид,
Шуд шикамҳо пахтахалта,
Фош бинмо ин фоҷиа, депутат.

Дар боло ибораи «Шарқи сурх» ишора ба садоқати адибони алоҳида мебошад, ки дар замони шӯравӣ дар партави он эҷод мекарданду мақом меёфтанд. Боиси надомати адиб аст, ки акнун пахта ҳама чизро фурӯ бурдааст, аммо вакили парлумон худро «кару нодида» мегирад. Шарҳ, воқеа, огаҳӣ ва хулосаву хитоб дар ин чанд мисра омезиши аҷиб ёфтааст. Даъвати шоир барои фош сохтани ин фоҷиаи халқ мансуб ба тамоми давру замонҳост, ки намояндаи мардум дар сатҳи маҷолис бояд нисбат ба даҳшатҳои ҳаёти халқу ватан бетафовут набошад. Дар акси ҳол, бо ҷасорати хос шоир аз таҳдид ва огаҳӣ ҳазор наменамояд:

Обро анбор кардем,
Хобро анбор кардем,
Як пагоҳи дар дами хоб,
Мекунад анбори ин об.
Мебарад дар хоб обат,
Депутат!

Бозор Собир шоирест, ки дар баробари пеш овардани ҳақиқати таърихӣ ноаён хонандаро ба қуллаи мақсаду ҳадафе роҳнамоӣ менамояд. Рисолати аёну ошкор низ дар публитсистика он аст, ки муаллифон ҳатман бо шеваи муътақидсозӣ ва бовар кунонидан хонандаро ҳамандешаи худ намудан ва онҳоро ба ҳаракат водор кардан мехоҳанд. Албатта, ин чиз марбут ба фазову вақт аст, ки тирагиву монеаҳои сонеъ дар кадом сатҳ қарор доранд. Масалан, ба муқобили ҳизби коммунистӣ ва

идеологияи шӯравии ҳанӯз «боқӣ» ҳарф гуфтан як қаҳрамонии нодир ба ҳисоб мерафт. Барои Бозор бошад фазои як андоза озоди баёни андеша дар шеър, ифодаву гуфтори таъсирбахшро ҳадя менамояд. Ӯ побанд ва асири воқеияти рӯз аст. Ӯ «самимонаву солим» бештару пештар аз дигарон мебинад, ки дар ватанаш ноҷӯриҳову ногувориҳои замон давр меронад. Бозор Собир ҷафоҳои ҳизби ҳукмрони коммунистиро ошкор баён менамояд ва барои хонанда ҳеҷ ҷои номафҳум боқӣ намемонад, ки муҷиби асорати ватанаш ғосибони маснаднишини ҳоким ба ҳисоб мераванд. Шеъри боло «Солномаи 1990» ном дошта, моҳияти таърихиро дар худ нигоҳ медорад, ки дар он шоир ба ҳоли ватану халқаш мегиряд. Барҳақ, шеъри иҷтимоӣ ин забони асил, забони устувор ва «забони сурх»- и адиби ҳақиқатгӯ мебошад:

Имсол…
Соли сурх… соли хун
Мол қимат шуду хун арзон.
Боз ҳам ғавғои бозсозии шӯрост,
Аммо ба ғайри гӯрҳои нав,
Барои шаҳидони нав,
Чизе насохтем.
Имсол,
Дар интихоботи намояндагон,
Ба ҷойи халқ,
Тир дод овоз,
Ки ҳизби коммунист,
Ба курсии хунии худ нишинад боз.

Бозор Собир империясозии русиро ҷонибдор намебошад. Артиши русро муҷиби бадбахтии тамоми халқҳо медонад ва ба ҳаммилатони худ гуфтан мехоҳад, ки нангу номуси миллӣ болотар аз ҳама чиз аст. Барои ба хулосаи амиқ овардани хонанда, шоир аз қиёсҳои аҷибе кор мегирад, ки нохун ба тори нангу номусҳо мезанад:

Зани чеченӣ нохун мекунад сурх,
Ба хуни аскари номарди русӣ,
Ту мехоҳӣ, ки пояшро бибӯсӣ.
Тамои халқ медонад, ки ин хун,
Намеарзад, намеарзад ба нохун.
Тани шаҳмарди чеченӣ ба тобут,
Бағал пур аз гули захму ҷароҳат.
Чу гулбозе, чу гулчине ба тобут,
Арӯсаш дар кафан дасташ ҳиноӣ.
Ба дасташ баста дар рӯзи арусӣ,
Ҳинои хуни аскарҳои русӣ.

Ин шеъри шоир дар рӯзҳое эҷод шудаанд, ки як гурӯҳ шаҳрвандони мо, аниқтараш гурӯҳи духтарони тоҷик сарбозони русро дар оғози солҳои навадум дар Душанбешаҳр гулборон мекунанд. Ин рафтор ба шоир писанд нест ва парда аз рӯйи ҳақиқати комил бардоштан мехоҳад. Каломи воқеъгароёнаву иҷтимоӣ чи дар наср ва чи дар назм содаписандиро мепарастад. Бозор Собир печидагӯйӣ надорад ва назми баландмақоми ӯ дар мазрааи афкору андешаи хос «хандақпеч» нест. Хонанда бо истифода аз рахнаҳои ин мазрааи андеша осон вориди олами афкору хостаҳои муаллиф мегардад. Ин «рахнаҳо» тасодуфӣ нестанд ва онро худи шоир махсус ба вуҷуд овардааст, ки ин маҳорати комили адиби замонбин аст. Мисол, ҳеҷ ҷойи тардид нест он воқеиятро, ки зани чечен чун марди чечен дар муқобили артиши русӣ истодагарӣ менамояд. Ҳамин аст, ки шоири ватандӯст нанги миллиро бедор намудан мехоҳад. Ӯ ҳайф мегӯяд, ки ҳатто марди тоҷик баробари бонуи чечен, ки ба хуни аскари сурх нохун ранг мекунад, нанг надорад.

Барои шоир ватан қимати баланд дорад ва ин қимату арзиш воқеияти ҳар як ҳарфи эҷодашро таъмин намудааст. Мафҳуми ватан-модарро дар адабиёти муосир беш аз ӯ адиби дигаре ба таври комил кашф накардааст. Боз ҳам бо далелу ҳақиқати таърихӣ даҳшату иллати рӯзро бо меҳру садоқати худ таззод месозад:

Барои хоки ӯ дар ҷанги Олмон,
Ман андар батни модар тир хӯрдам.
Маро бо тири Олмон зод модар,
Намемирад Ватан чун ман намурдам.

Адиб ватандӯстиро пеш аз ҳама дар худшиносии миллат мебинад. Аз солҳои сиюми асри гузашта ин мавзӯъ дар эҷоди шоирону нависандагон мақоми шоистаи

худро дорад. Албатта, барои ҳамаи адибон ин мавзӯъ хосса нест, ҳарчанд дар пояи воқеият «дастоварду комёбиҳо»-и зиёд дар домани достонҳову асарҳо суруда шудаанд. Бештари адибони замони муосири мо, вобаста ба талаби замон, аз як равзанаи ягона ба саҳнаҳои рӯз менигаристанд. Ин омилро мункир наметавон гашт ва онро ҳанӯз дар замони шӯравӣ муҳаққиқон «…вобастагии эҷодии адибон…» [5, 219] меномиданд, ки барои имрӯзу фардоҳои дигар низ истисно буда наметавонад. Аммо, дидгоҳи Бозор Собир дигар аст ва ӯ аз адибони нисбат ба тақдири халқу миллату ватан бетафовутбуда, ба ҳисоб намеравад. Ишораи мо ба «методи реализми сотсиалистӣ» мебошад, ки аксари қаламкашони мо дар замони шӯравӣ бештар мутеи мавқеъсозӣ ва манофеи шахсӣ буданд. Алалхусус, дарди «кареризм» онҳоро ғуломи ҳалқабаргӯш сохта буд, ки вобаста ба ин дарди ҳама давру замонҳо адиби шинохта Ҷалол Икромӣ дар китоби «Он чӣ аз сар гузашт» хеле густурда андеша меронад. Шояд онҳо низ дар дил гуфтание доштанд, аммо ба қавле «…азонро дар кӯза мегуфтанд». Аммо Бозор Собир муқобили ҳама тангдилону нобиноён сухан мегуфт. Каломи ванздори ӯ як каломи равону содаю фасеҳ буд, ки тамоми хонандагон бо ҳамандешагӣ ба он ҳамоҳанг мегаштанд. Муаррихон, адибону ва санъатшиносон, сароянда гону ҳунармандон мақолаҳову асарҳо ва сурудаҳои худро баҳри худшиносӣ пешниҳоди омма мегардониданд. Бештари онҳо як навои такрору умумӣ буданд. Аммо, таъсири чанд сатри Бозор Собир ба умқи умқҳо мерафт, ки ва ба кӯрдилону мункирон мегуфт,ки бори пурғановати маънавиёту маърифати ин миллатро ҳеҷ хасме бардошта наметавонаду он миёншикан аст. Дар ин ҳолатҳои ҳақталошӣ Бозор Собир ба ҷаҳонбиниву донишҳои фалсафӣ ва пеш овардани заминаҳои таърихӣ муроҷиат мекунад. Гузаштаро бо ҳама ғановату фасоҳаташ сипари миллати куҳанбунёд меҳисобад. Ӯ мегӯяд, ки фарзандони содиқу вафодор, ки бештарашон аҳли сухану фарҳанг буданд, сарфи назар аз тамоми таҳдиду ҷафоҳо ҳамчун мерос «шиносномаи миллат»-ро, ки он фарҳангу забону сухан буд, ҳифз мекарданд ва то ба мо оварда расонидаанд:

Ину оне ҳар куҷо даъвои Сино мекунад,
То ба боми шуҳрати олам гузорад нардбон.
Лек Сино он қадар ин бомро бардоштааст,
Ину он кай метавонад нардбон монад ба он?!
Аз сари сад минбар афтоданд нозирҳои ӯ,
То наяфтанд аз забони хештан.
Дар сари сад дор ҷон доданд шоирҳои ӯ,
То наяфтад бар замин қадри сухан.

Дар домани сухани латиф ғунҷонидани каломи воқеъгароёна кори осон нест. Барои ин маҳорату истеъдоди худододӣ лозим аст. Андешае ҳаст, ки ҳар як зарбулмасалу мақол ин мазмуни як достону як роман аст. Ҳақиқат доштани ин гумонро мо дар шеъри Бозор Собир дармеёбем. Як ҳақиқати таърихӣ, ки садҳо китобро ташкил медиҳад, дар чанд мисраи ин шоир ливоафшон ҷои худро меёбад. Дар ҳамин маврид, муҳаққиқон аз «…мадади ҳофизаи таърихӣ ва ҷустуҷӯйи ҳуввияти гумшуда» [6,76] дар ашъори Бозор Собир, таъкид менамоянд, ки бешубҳа самти доманадори эҷоди ин адибро ташкил медиҳанд. Ин махсусият ба шоир иқтидор мебахшад. Касе марзу буми ҳазорсолаи тоҷиконро дар ҳамаи тарҳҳову харитаҳо болотару бештар аз ӯ дақиқ сохта натавонистааст:

Дар ҳадду сарҳадшиносии ҷаҳон,
Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.
То забон дорад, ватандор аст ӯ,
То забон дорад, бисёр аст ӯ.

Донишҳои таърихӣ ба адиб имкон медиҳанд, ки дар офариниши симоҳо низ муваффақ бошад. Дуруст аст, ки «Портрет дар баробари характер ва олами ботинии қаҳрамонро ифода намудан, рисолати бозгӯйии мавқеъ ва муносибатҳои иҷтимоиро низ ба дӯш дорад…» [1, 64]. Исмоили Сомонӣ барои ӯ ва ҳамватанонаш чун девори бузурги марзи миллат боқӣ мемонад. Нарму некандеш будани гузаштагони миллати худро медонад ва фарзандони алоҳидаи миллати худро то ҳол пуштибони ин миллат меҳисобад. Хавфу тарс доштани ин мардуми покнияташро қоил аст. Аммо, боиси надомату афсӯси шоир аст, ки иддае «бепуштҳо» бо истифода аз ин малеҳӣ аз аъмоли манфии худ даст намекашанд:

Пуштгардон монда бар саҳроиён то ҳол,
Ҳамчунон Исмоили Сомониён то ҳол,
Монда аз мушти кулӯхаш муштҳо то ҳол,
Гӯиё метарсад аз бепуштҳо то ҳол.

Шоир дар оина ҳама чизро мебинад ва дар ҷойи дигар гӯё дар муқобили «лаби хомӯши халқ» тан медиҳад. Симоҳои бузурги миллат дар гузашта барои ин миллат қаҳрамониҳои нодир карда буданд, вале имрӯз адиб аз хомӯшиҳо хиҷолат дорад. Гӯё шоир ба чизе тан медиҳад, аммо ин тан додан оҳанги манфӣ дорад ва муаллиф гӯиё интизори рӯзи мусаффое мебошад:

Бо ситоиш мебарам каф
Лаҳзае бар дӯши девори Бухоро
Чун бар дӯши халқ.
Мениҳам лаб бар лаби тарқиши девори Бухоро
Чун бар лаби хомӯши халқ.

Одатан, тараннуми оҳангҳои ватандӯстӣ дар шеъри иҷтимоӣ дар ду шева тавлид мешаванд. Аввалан, ин шеваи таърифу таҳсину шиорпартоӣ мебошад, ки он дар назми муосири мо шиддати хеле баланд дорад. Онро ба таври дигар шеъри фармоишӣ низ мегӯянд, ки дар замони шӯравӣ беадад буд. Дувум, тараннуми ин оҳангҳо дар пояи танқиду шиква сурат мегиранд, ки бештар ба муқобили ҳокимиятҳои замона равона мебошанд. Табиист, ки ин навъи назм кам мебошад ва Бозор Собир дар адабиёти муосир шояд аз ин гуна қаламкашони камшумор бошад. Дар роҳи шинохти шеъри иҷтимоии Бозор Собир чанд фикре, ки дар боло оварда шуд, ҳанӯз танҳо қадамест. Нисбат ба ӯ ва эҷоди ӯ муносибату гумонҳои мухталиф вуҷуд доранд. Бояд як чизро доиман таъкид намуд, ки мо дар симои ин шоир дар навбати аввал нафари қаламкашеро мебинем, ки бо ҳама «дида тавонистанҳояш» танҳо барои чанд рӯзу чанд сол шеър намегӯяду нагуфтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Имомов М. Маънавият ва нақши зоҳир / М.Имомов. – Душанбе, 2000. – 186 с.
2. Саъдуллоев А. Хосияти адабиёт: (бунёди пайванди каломи бадеъ бо иҷтимоъ) / А.Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 2000. – 256 с.
3. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм / С.Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 224 с.
4. Усмонов И.К. Назарияи публитсистика / И.К Усмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 1999. – 99 с.
5. Ученова В.В. Публицистика и политика / В.В. Ученова. – М. : Политиздат, 1973. – 231 с.
6. Шеърдӯст А. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик / А.Шеърдӯст. – Душанбе: Адиб, 1997. – 272 с.

ПАТРИОТИЗМ ПОЭЗИИ БОЗОРА СОБИРА

В творчестве Бозора Собира приоритетным направлением является социальный аспект его поэзии, связанный с осмыслением проблем общественной жизни Таджикистана, в которой актуальное значение приобрели вопросы самопознания таджикского народа, необходимость глубокого изучения своей национальной истории и культуры. Автор статьи на основе анализа некоторых стихов из произведений поэта старается определить общественные и политические взгляды Бозора Собира, его отношение к историческим традициям, проблемам отстаивания таджиками своей независимости, их надеждам на будущее позитивное развитие своей страны.

Ключевые слова: мысль, размышление, действительность, общество, отношение, Родина, патриотизм, культура.

PATRIOTISM IN BOZOR SOBIR'S POETRY

The present article devotes to Patriotism in Bozor Sobir's poetry, its particular features, comprehension problems of social life in Tajikistan, in which applicable matters have acquired self-knowledge of the Tajik people, the necessity of learning their national history and culture. The author of the article on the basis of an investigation of some Bozor Sobir's poetries, found that the poet attempts to classify Bozor Sobir's social and political views, its relationship to the historical traditions, challenges assertion Tajik independence, their hopes for the future development of their country.

Key words: thought, meditation, comprehension, genuineness, society, the attitude, the motherland, patriotism, culture, reflection.

Сведения об авторе:***А. Кутбиддинов*** - доцент кафедры международной журналистики ТНУ.
Телефон: **935-32-60-22**

ШАРҲИ ҲАҶВӢ ЖАНРИ НАВИ ГАЗЕТАҲОИ ТОҶИК

М. Муқимов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шарҳи ҳаҷвӣ як намуди жанрҳои ҳаҷвии публитсистӣ-бадеӣ буда, ба табсира ва фелетон пайвандӣ дорад. Он шарҳи гуногунмавзӯъ аст, ки аз факт бармеояд ва характери акси садоро дорад [1]. Дар ҳамин ҳол шарҳи ҳаҷвӣ иртиботашро бо факт нигоҳ медорад ва он асари мустақил аст. Вай ақидаи эҳсосӣ ва ҷузъӣ аст, ки эффекти муоширатро ба вуҷуд меорад. Шарҳи ҳаҷвӣ ин муҳокимаи камҳарфу мӯъҷази

журналист ба ягон сухан ва рафтори сиёсатмадор ё мансабдор ва умуман чеҳраи шинохтаи ҷомеа аст. Агар шахси ҳаҷвшаванда чеҳраи шинос ба аудиторияи расона набошад, он ҳадафрас намешавад ва хонандагон ба он камтар таваҷҷуҳ мекунанд.

Матни мазкур падидаи навест дар матбуоти муосири тоҷик, агарчи матнҳои ба ин монанд, ки дар қолаби ҳаҷв эҷод мешуданд, дар матбуоти давраи шӯравӣ низ ба табъ мерасиданд. Вале он вақт матнҳои мазкур ҳамчун жанри алоҳида ташаккул наёфта буданд. Матнҳои мазкур дар қолаби луқма ё фелетон чоп мешуданд. Шарҳи ҳаҷвӣ аз табсира бо он фарқ мекунад, ки дар он ҳадафи муаллиф барои тамасхури ягон ҳолати шахс, ки таваҷҷуҳи ӯро ҷалб кардааст, ба таври барҷаста муайян аст. Муаллиф барои ифшои чеҳраи қаҳрамонаш аз санъатҳои бадеӣ аз қабили тамасхур, киноя, муболиға ва иғроқ истифода мекунад.

Муҳаққиқи рус А. А. Тертичний дар китоби худ «Жанрҳои матбуоти даврӣ» (2000) асосгузори ин гуна шарҳи ҳаҷвиро ҳафтаномаи «Аргументы и факты»-и Россия меномад. Аввалин шуда нашрияи мазкур таҳти рубрикаи «Зистпазирии афроди сиёсӣ» [2] гуфтаҳои сиёсатмадорон, вакилони Думаи давлатӣ, президент, вазирон ва ашхоси маъруфро мавриди ҳаҷв қарор дод. Шарҳи ҳаҷвӣ ба суханони ашхоси шинохта бо як схемаи муайян сурат мегирад: аввал сухани қаҳрамон ва акси ӯ оварда мешавад ва сипас ба он муаллиф матни худро менависад. Масалан, газетаи «Аргументы и факты» (2000.-№4) менависад:

Г. Явлинский: « Дума рӯйи хирсона дорад».

Аз он ки шумо осемасар аз ҳамон Дума гурехтед, бемории хирсона доред.

С. Говорухин: «Моро дар ҷаласаи Дума қариб ки таҷовуз карда буданд. Мо базӯр гурехтем».

Шумо гурехтед, Явлинский гурехт, Кириенко гурехт, Примаков гурехт... Кӣ кор мекунад? Путин?

Шарҳи ҳаҷвӣ ҳоло низ дар нашрияи «Аргументы и факты» ба табъ мерасад. Масалан, дар шумораи 49-уми соли 2013 нашрия мазкур шарҳи ҳаҷвӣ бо унвони «Канӣ валенкаҳои хориҷӣ?» чоп шудааст:

В. Мединский, вазири фарҳанг: «Ҷамъ кардани асарҳои санъат (ин ҷо сухан дар бораи таъсиси осорхонаи Фаберже меравад) хуб аст бештар аз ҷамъоварии футболистони хориҷӣ».

Бале, ин дуруст аст! Ҷанобон олигархон, тухми тиллоӣ доштан аз пои тиллоӣ доштан беҳтар аст!

Дар ҳафтаномаи «Аргументы и факты» муаллифони шарҳи ҳаҷвӣ номбар мешаванд. Масалан, муаллифи ин шарҳҳо С. Репов ва А Фуфарин мебошанд. Вале дар нашрияҳои Тоҷикистон шояд аз нигоҳи амниятӣ бошад, номи воқеии муаллифон ё номи мустаори онҳо оварда намешавад. Вале маълум аст, ки шарҳи ҳаҷвиро худи сармуҳаррир ё ягон нафари масъули редаксия менависад.

Рушди ВАО ва оммавӣ гардидани суханронии сиёсатмадорону мансабдорон ба ташаккули шарҳи ҳаҷвӣ мусоидат намуд. Пайдоиши шарҳи ҳаҷвӣ ба гуфтаҳои ашхоси шинохта сараввал дар матбуоти муосири рус пайдо шуд ва аз он ба матбуоти хусусии Тоҷикистон кӯчид.

